Маҷаллаи илмӣ-омӯзишии
муҳаққиқони ҷавон

МУҲАҚҚИҚ

МУАССИС:

Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ

№ 2 (47)

Душанбе – 2020

Сармуҳаррир:
Мирбобоев А.

Котиби масъул:
Ҷоматов С.

Мусаҳҳеҳ:
Валиев Ҷ.

Муҳаррири техникӣ:
Мардонов С.

ҲАЙАТИ МУШОВИРОН:

Ғаффорӣ Н.У. - ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
Мирзораҳимов А.Р.- муовини ректор оид ба илм, доктори илмҳои биология, профессор
Нуъмонов М. - доктори илмҳои педагогӣ, профессор
Бандаев С. - доктори илмҳои химия, профессор
Пирумшоев Ҳ. - доктори илмҳои таърих, профессор
Раҳматуллозода С. - доктори илмҳои филология, профессор

ҲАЙАТИ ТАҲРИР:

Маҷидова Б. - доктори илмҳои педагогӣ, профессор
Солиев Л. - доктори илмҳои химия, профессор
Назариев Р. - доктори илмҳои фалсафа, профессор
Сатторов Т. - доктори илмҳои биология, профессор
Муҳаббатов Х. - доктори илмҳои география, профессор
Азизов М. - доктори илмҳои физика-математика, профессор
Худойдодов А. - доктори илмҳои филология, профессор
Умаров У. С. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 феврали соли 2020 таҳти шумораи 145/МҶ-97 сабти ном гардидааст.

Дастхату аксҳои ба идораи маҷалла воридшуда баргардонида намешаванд. Саҳеҳияти далелҳо ва маълумоти илмӣ бар уҳдаи роҳбарони илмӣ ва кафедраҳои марбута вогузор мегардад.

Ф Е Ҳ Р И С Т

ҶАҲОНИ ЗАБОН

1. ***Каримов А.***
Ташаккули муарработ дар забони тоҷикӣ 6
2. ***Саломова Т.***
Пешвандҳо ва шаклҳои грамматикии феъл дар «Кобуснома»- и Унсурулмаолии Кайковус 8
3. ***Абдуллоев Х.***
Пешоянд ва таснифоти он дар забони англисӣ ва тоҷикӣ 11
4. ***Холиқдодов М.***
Тавзеҳи баъзе номҳои мансуб ба пайғомбарон (аз матни “Тарҷумаи тафсири Табарӣ”)..... 14
5. ***Валиев Ҷ. А., Тоирзода А.Р., Ҳафизова Ш. М.***
Хусусиятҳои луғавию грамматикии ҳиссаҳои нутқ дар «Девон»-и Рӯдакӣ (ахтарони адаб. саҳ.51-77) 17
6. ***Сафарова Р.***
Забон ва услуби бадеӣ дар асарҳои Франсуа Рене 24
7. ***Қурбонов Э.***
Даврахои рушди назарияҳо оид ба истилоҳшиносӣ 26
8. ***Ашӯрова М.***
Тафовутҳои грамматикии байни забони англисии Амрико ва Британиёи Кабир..... 31
9. ***Шукуров О.***
Хусусиятҳои тарҷумаи ВАО-и муосири онлайн..... 35
10. ***Шукуров О.***
Вазифаҳои асосии услуби журналистии ВАО-и чопӣ ва онлайн..... 38

ГУЛШАНИ АДАБ

11. ***Солеҳов Ҳ.***
Ақидаҳои ахлоқии Саноӣ дар «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат» 41
12. ***Каримов Ш.***
Андешаҳо пиромуни як саҳифаи Бедилшиносии тоҷик..... 47
13. ***Сафарова Р.***
Адабиёти бачагонаи фаронсавӣ..... 51
14. ***Икромова Д.***
Влияние персидско-таджикской классической литературы на творчество Л.Н. Толстого 54

ТАЪРИХ, ФАЛСАФА, СИЁСАТ ВА ҲУҚУҚ

15. ***Алимардонова З.***
Ба сари ҳукумат омадани сулолаи Аштархониён..... 57
16. ***Шарифов Ф.***
Саҳми Аббос Алиев дар рушди маорифи Тоҷикистони Шӯравӣ..... 60
17. ***Қурбонов Ш.***
Лашкаркашии ибни Қутайба ба Бухоро ва Хоразм..... 65
18. ***Неъматов С.***
Муборизаҳои дохилиҳизбии болшевикӣ баъди вафоти В.И.Ленин..... 68
19. ***Абиров М.***
Неругоҳи барқи обии Роғун – заминаи асосӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ 71
20. ***Ҳикматов Р.***
Ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи об ва нақши он дар ҳалли мушкилоти обӣ дар ҷаҳон 73
21. ***Файзуллоев Х.***
Баррасии таърифҳои «Ҳамбастагии иҷтимоӣ» 77
22. ***Ғаниев Ҳ.***
Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иттилоот дар фаъолияти соҳибкорӣ 82

23. ***Хоҷаев Д.***
Нақши ҳукумати электронӣ дар раванди идоракунии давлатӣ ва таъмини шаффофияти он..... 87
24. ***Муҳаммадфариди Ҷ.***
Масоили оила ва никоҳ дар ислом..... 91
25. ***Саъдоншоева А.***
Рушди падидаҳои конституцсионӣ-ҳуқуқӣ ва таърихи тараққиёти конституцсияи давраи Шӯравӣ..... 94
26. ***Валиев Ҷ. А., Ҳафизова Ш. М., Ҳалимзода Ш. А.***
Соли сайёҳӣ ва рушди деҳот – омили пешрафти зиндагии шоистаи мардум..... 97

ИЛМ ВА ФАНОВАРӢ

27. ***Холиқов Х.***
Тағйирёбии таркиби химиявии ҳавои ҷои кор аз таъсири омилҳои беруна..... 101
28. ***Салимова С., Холиқов Х.***
Тағйирёбии таркиби химиявии ҳавои муҳити зист аз таъсири фаъолияти инсон..... 105
29. ***Солиев З.***
Таҳаввулоти мошинаҳои электронии ҳисоббарор..... 110
30. ***Тоштемуров Н.***
Истифодаи пакети программаҳои амалӣ барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ..... 112
31. ***Фозилов Ш.***
Ҳисобкуниҳои оморӣ тавассути ҷадвали электронӣ..... 115
32. ***Раҳмонов Ҷ.***
Усулҳои тармими пулҳои баранда..... 120
33. ***Абидов Р.***
Мафҳумҳо ва муҳтавои асосии СО UNIX..... 124
34. ***Исоқов Ф***
Амнияти иттилоотӣ ва усулҳои ҳифзи иттилоот..... 127
35. ***Қурбонов Ф.***
Сохтани пойгоҳи додаҳо дар забони барномасозӣ С++..... 130
36. ***Аҳмадӣ Ғ.***
Маърифии сахтафзорҳо дар шабака..... 134

ТАБИАТ ВА МУҲИТ

37. ***Саломова С.***
Современная ситуация по гельминтозам в Таджикистане..... 137
38. ***Азимов У.***
Хусусиёти биологӣ ва зараррасонии куяи картошка..... 141
39. ***Насурддинов Н.***
Ақидаҳои муосир оид ба механизми пайдоиши АССИТ ва маслиҳатҳои амалӣ оиди пешгирии он..... 144
40. ***Шодиев М.***
Чатргулони (*UMBELLIFERAE*) ноҳияи Панҷакент тавсифи номгӯй..... 148
41. ***Сатторзода А.***
Нақши экологии экосистемаи ҳавзаи дарёи Варзоб дар таъмини низоми гидрологии захирашавии об дар дарёи Варзоб..... 151
42. ***Эшмирзоева Ш.***
Таснифи ботаникӣ ва таркиби химиявии топинамбур..... 155
43. ***Ашӯрзода Б.***
Баъзе омилҳои рушди кишоварзӣ ва туризм дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ва дурнамои онҳо 157
44. ***Ҷонов И.***
Хусусиятҳои иқтисодӣ-географӣ ва рушди соҳаҳои нақлиёт ва алоқаҳои иқтисодии берунаи Тоҷикистони шимолӣ (вилояти Суғд)..... 160

ИҚТИСОД ВА РУШД

45. ***Имомов Б.***
Сарчашмаҳои ахбории фаъолияти хоҷагидорӣ..... 163
46. ***Исоев Б.***
Нақши қарзи бонкӣ дар пешрафти соҳибкории хурду миёна дар шаҳрак ва деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон..... 166

47. ***Маъдии Ҳ.***
Нақши маркетинг ва роҳҳои асосноккунии он дар корхона 169
48. ***Қодиров И.***
Идоракунии молиявӣ ва мақоми он дар иқтисоди бозорӣ 172
49. ***Соимов Ҳ.***
Принсипҳои асосии нархгузорӣ ва шарҳи онҳо 179

ОМӮЗИШ ВА ПАРВАРИШ

50. ***Одилов А.***
Омӯзиши хусусият ва назарияҳои гуногуни психологӣ дар интихоби ҳамсар 181
51. ***Нажмуддинов Ҳ.***
Маҳфили хониши ифоданок ва нақли бадеӣ дар муассисаи таҳсилоти умумӣ..... 183
52. ***Якубов Н.***
Бозиҳои серҳаракат ва аҳамияти он дар тарбияи насли наврас..... 185
53. ***Салимов Д.***
Нравственный потенциал современной общеобразовательной школы 188
54. ***Шарипов Қ.***
Вазъи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ 190

РАВИШИ ТАДРИС

55. ***Асламов З.***
Методҳои проексиякунонӣ 192
56. ***Бедалов Ҷ.***
Нақши алоқаи байнифаннӣ дар инкишофи маҳорат ва малакаҳои умумитаълимии хонандагон дар таълими биология 195
57. ***Сайфҳусейнов Ш.***
Тарбияи хонандагон дар гурӯҳҳои таълимӣ-истеҳсолӣ..... 199
58. ***Маҳлоили Ҷ.***
Таҳлили мафҳуми «Усули таълим» 202

Каримов Абдукарим,
магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷик

ТАШАККУЛИ МУАРРАБОТ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Забон воситаи муҳим ва зарурии алоқаи мардумони гуногуни олам ба шумор меравад. Мардуми гуногуни олам тавассути забон ба якдигар муколама намуда, аз мақсаду маромі якдигар огоҳ мегарданд. Мардуми тоҷик дар дарозои таърих бо халқияту миллатҳои гуногуни олам равобити дӯстиву тиҷорат, фарҳангиву сиёсӣ доштааст. Албатта, дар натиҷаи ин ҳамкориҳо муколама мебояд. Ҳангоми муколама калимаву таъбирҳо ва ҷумлаҳои алоҳида ба забони якдигар интиқол мешаванд. Яке аз миллатҳое, ки бо миллати форс дар тӯли таърих робитаи зичи ҳамкорӣ ва алоқаи наздик дошт, миллати араб буд. Арабҳо қабилаҳои парокандае буданд, ки бо ҳама миллатҳои ҳамсояи худ алоқаи зич доштанд. Суютӣ ин ҳодисаро дар китоби худ “ал-Мазҳар” чунин дарҷ кардааст: “Лахму Ҷизом ҳамсоягони мардуми Мисру Қибт буданд. Қазоа ва Ғассому Иёд бо оромиён ва иброниён омехта шуданд. Тағлиб ва Яман дар Ҷазират-ул-Араб бо Юнону Бакр бо Ҳинд ва ҳабаша ҳамсоягӣ ёфтанд. Абдуқайс ва Азиди Уммон дар Арабистон ва Ироқ бо набатиён ва эрониён ва ба ҳамин равиш қабилаҳои дигар бо миллатҳои бегонаи дигар даромехтанд” [1, 9]. Пас, ин табиӣ аст, дар чунин ҳолат калимаҳои гуногунсоҳаи забонҳои дар боло ёдшуда ба таркиби луғавии ин забон ворид шудаанд. Забони арабӣ то дарачае таркиби луғавии худро аз ҳисоби он забонҳо бой кардааст ва “забоне, ки дар ин миён гӯйи сабқат бурд ва забони арабӣ вожаҳои бисёре аз он вом гирифт, забони форсӣ буд” [1, 10].

Забони форсӣ-тоҷикӣ дар давоми таърихи дуру дароз ба ғайр аз он ки аз дигар забонҳо иқтибосот қабул кардааст, инчунин дар давоми мавҷудияти худ ба забонҳои гуногуни олам калима додааст. Калимаҳои гузаштаи забони форсӣ-тоҷикӣ таърихи дуру дароз доранд, яъне гузариши онҳо ба забонҳои дигар ҳанӯз аз замонҳои хеле қадим шуруъ шудааст. Забонҳои оромӣ, юнонӣ ва забонҳои қадимаи минтақаи Қафқоз аз забони форсӣ ба таври бевосита калимаҳои зиёде гирифтаанд. Калимаҳои иқтибосшуда дар муҳити нави забонӣ ҳамчун воҳидҳои комилҳуқуқи луғавӣ ба меъёрҳои истеъмолии он тобеъ мегардад.

Мавҷудияти муарработ хоси забони арабӣ аст, бинобар ин мо рӯ меорем ба калимаҳои арабишудае, ки дар забони тоҷикӣ мавҷуданд. Дар бораи муарработ чандин олимони соҳаи забоншиносӣ кор карда, китобу мақолоти худро рӯи чоп овардаанд ва мо низ мехоҳем, ки дар мақола худ нисбати ин мавзӯъ чизе гуфта бошем.

Таркиби луғавии забони тоҷикӣ аз ҳисоби калимаҳои иқтибосии забонҳои гуногун боюғанӣ гардидааст. Дар ин радиф саҳми забони арабӣ нисбати дигар забонҳо намоёнтар мебошад. Маҷмӯи калимаҳои забонҳои гуноун, ки ба забони арабӣ иқтибос шуда, тавассути он ба забони тоҷикӣ гузаштаанд, муарработ ном доранд. Яъне муарработ калимаҳои арабишудаанд. Калимаҳои муарраб натанҳо этимологияи лотинӣ, ҳиндӣ, оромӣ ва монанди онҳоро доранд, онҳо инчунин аз ҳисоби вожаҳои форсӣ-тоҷикӣ низ рушду такомул ёфтаанд. Калимаҳои ба забони арабӣ гузашта хусусиятҳои савтӣ ва луғавии ҳамин забонро қабул кардаанд. Баъзан аз онҳо калимаҳои дорои маъноҳои тамоман нав ба вуҷуд омадааст. Чуночи, калимаҳои фил (аз пил), фирӯз (аз пирӯз), Қундуз (аз кӯҳандиж), ҷавз (аз гавз), ҷувол (аз гувол) ва ғ. падид омадаанд, ки дар ин маврид ҳамсадоҳои аслии забони тоҷикӣ: г, п, ч, ж ба к, ч, ш, ф иваз шудаанд. Гарчанде ки қиёфаи овозӣ дагар шудааст, дар маъно халал нарасидааст.

Дар гурӯҳи дигари калимаҳои арабишуда натанҳо чеҳраи овозии калима тағйир ёфтааст, инчунин дар маънои он низ тағйироти ҷиддӣ ба назар мерасад. Чунин калимаҳо аз маъноҳои аслии худ хеле дур рафта, ба худ маъноҳои нав касб мекунанд. Мисол,““ҷавҳар”, ки аз гавҳар пайдо шудааст, “ҳандаса” ва муштақи он муҳандис, ки тагйирёфтаи “андоза”-и форсӣ- точикӣ мебошад, аз ҳамин қабиланд. Ҳамин гуна муносибатро дар байни муарраби “тарҷумон” ва асли тоҷикии он “тарзубон”, “нозук” ва “назокат”, “кафш” ва “каффош”, “кулла” ва “калла”, “ҷулоб”ва “гулоб”мушоҳида мекунем” [2, 107].

Истифодабарандагони забони арабӣ барои мувофиқату мутобиқати вожаҳои воридшуда ба онҳо як қатор тағйироту иловаҳоро ворид менамоянд, ки ин тағйироту иловаҳоро доктор Ас-Саид ад-Дишер дар китоби худ “Алфоз-ул-форсият-ил-муарраба” (тарҷумаи форсии доктор Саид Ҳамид Табибиёнӣ “Вожаҳои форсии арабишуда ”) чунин қайд намудааст:

1. Ҳуруфе аз оғоз ё миён ё поёни сохтмони вожаи бегона меандозанд. Барои намуна “бемористон”-ро “мористон”...

2. Ҳуруфе ба сохтмони вожаи бегона меафзоянд... “роҳ”-ро “турраҳот”...

3. Ҳуруфе вожаи бегонаро ба ҳуруфи дигар табдил медиҳанд ва барои муаррабсозии вожаҳои бегона бештар ҳамин равишро ба кор мебаранд. Барои намуна “н” ва “р”-ро ба “л”; “г”-ро ба “ҷ”; “х”-ро ба “ҳ”; “п”-ро ба “ф” ё ба “б”; “к”-ро ба “қ”; “ч”-ро ба “с” (сод) ё ”ш”; “с”-ро ба ”с” (сод); ”т”-ро ба ”т” (итқӣ); ”а ” (алиф)-ро ба ”ъ” (айн) ё ба “ҳ”; ”ш”-ро ба ”з”; “з”-ро ба “з” (зол) бадал мекунанд ва дар ин роҳ аз ҳеҷ қоидае пайравӣ наменамоянд.

4. Дар поёни вожаҳои муарраб “ҷ” ва “қ” меафзоянд ва ин равишро бештар дар вожаҳои бегонаи махтум ба “ҳ” (ҳавваз) ба кор мебаранд. Барои намуна ба ҷои “гӯзина” “ҷавзайнаҷ” ва “ҷавзайнақ” ва ба ҷои “курба” “қурбаҷ” ва “қурбақ” гӯянд.

5. Гоҳе як вожаи бегонаро ба сохторҳои ҷуроҷур муарраб мекунанд ва ба гунае, ки он вожаҳои муарраб бо сохтмони аслии вожаи бегона андаке ё бисёре наздикӣ дорад. Барои намуна “заванкал”-ро “зункал”,“заватрак”, “заваннак”, “заввок”, “заввана” ва “завн” ... гӯянд.

6. Натанҳо афъолро аз вожаҳои муарраб муштақ мекунанд, балки гоҳе афъолро айнан аз вожаҳои бегона ба ория мегиранд ё ба забони дигар афъолро аз вожаҳои муаррабношуда муштақ месозанд. Барои намуна аз вожаҳои форсии ”ҷандара” ”юҷандиру” ва аз ”зиҳор” занҳара” “юзанҳиру”... муштақ сохтаанд [1, 10-11].

Вожагони арабишудаи форсӣ дар радифи соири калимаҳои иқтибосии арабӣвориди таркиби луғавии забони тоҷикӣ шуда, дубора дар ин забон дар шакли дигаргуна ба истеъмол даромаданд. Ин калимаҳо ҳамон шаклҳои вожагони форсӣ буданд, ки асли онҳо ҳанӯз ҳам дар ин забон ба кор мераванд. Гурӯҳе аз чунин муарработ ҳамзамон бо шакли аслиашон истифода мегарданд, аммо гурӯҳи дигар шаклҳои аслӣ ва қадимии калимоти тоҷикиро аз доираи истеъмол хориҷ крда, худ ҷойгузини онҳо шуданд. Вожагони гурӯҳи аввал - канз-ганҷ, гавҳар – ҷавҳар, ... агар дар ду шакл дар забон мустаъмал бошанд, вожагони гурӯҳи дувум- тарҷумон-тарзубон, гулоб-ҷулоб,... шакли аслиро аз истеъмол берун кардаанд.

Адабиёт:

1. Ас-Саид Ад-Дишер. Вожаҳои форсии арабишуда. – Теҳрон, 1389 ҳ. – 290 с.
2. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик.Ҷ1. Луғатшиносӣ. – Душанбе: ДМТ, 2007. – 242 с.
3. Рауфов Ҳ. Муарработ дар забони тоҷикӣ. – Мактаби советӣ №5.-с 18-21: №8.-с23-25.-1977.

Калидвожаҳо: *забон, калима, таркиб, ҷумла, араб, иқтибос, таркиби луғавӣ, забони форсӣ-тоҷикӣ, муҳити нави забонӣ, , меъёрҳои истеъмолӣ, муарработ, этимология, хусусияти савтӣ, луғавӣ, қиёфаи овозӣ, маъно.*

Аннотация

ФОРМИРОВАНИЕ АРАБИЗИРОВАННОЙ ЛЕКСИКИ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

К арабизированной лексике относятся заимствованные из различных языков слова в арабском языке, которые прошли стадию фонетической и лексико-грамматической адаптации и в далнейшем были заимствованные в другми языками.

С момента начала исторического арабско-персидского контакта таджикским языком были заимствованы многочисленные слова арабского языка, среди которых были и арабизированные слова. В статье на базе богатого фактического материала рассматривается процесс фонетического, лексического и грамматического развития структуры арабизированной лексики в таджикском языке.

Ключевые слова: *язык, слово, сочетание, предложение, арабы, заимствование, словарный состав, персидско-таджикский язык, новая языковая среда, нормы употребления, арабизированные слова, этимология, фонетические и лексические особенности, фонетический облик, значение.*

Annotation

THE FORMING OF ARABIC LEXIS IN TAJIK LANGUAGE

The arabic lexis includes words borrowed from various languages in Arabic that have passed the stage of phonetic and lexic-grammatical adaptation and were later borrowed from othe languages. uhich were shidied the stage of phonetic and lexical-grammar adaptation and then were taken over the ofher languages.

Since the beginning of the historical Arabic-Persian contact the Arabic language has been borrowed a numerous words of the Arabic language among which there were also Arabic words.

Key word: *language, word, combination, sentence, arabs, borrow, the word structure, the persian-tajik language, new language sphere, the norm of use, arabic words, etimology, the sponetic and lexical feantures, sponetic from, meaning.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Каримов Абдукарим Кишварович, магистранти соли аввали факултети филологияи тоҷик, кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Тел: 989 01 10 94

Роҳбари илмӣ: дотсент Мирбобоев А.

Сведения об авторе: Каримов Абдукарим Кишварович, магистрант первого курса факультета таджикской филологии ТГПУ им. С. Айни

About the author: Karimov Abdukarim. the second year master student of the faculty of Tajik language, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Саломова Тамирис-Бону,
магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷик

ПЕШВАНДҲО ВА ШАКЛҲОИ ГРАММАТИКИИ ФЕЪЛ ДАР «КОБУСНОМА»-И УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС

Ҳазор сол мешавад, ки асари Унсурмаолии Кайковус “Қобуснома” чун асари ахлоқиву тарбиявӣ маълуму машҳур аст. Чунон ки медонем ин асари оламшумулро Унсурулмаолии Кайковус бо мақсади тарбияи фарзандаш дар синни 63- солагӣ навишта, насиҳатномаи худро барои адои шарти падарӣ, бо мақсади тарбияи фарзандаш таълиф кардааст.

Ин китоб дастури ахлоқиву тарбиявӣ ба ҳисоб рафта, дар адабиёти мо чун асари дорои афкори панду андарзӣ шинохта шудааст.

Бояд гуфт, ки забон ва тарзи баён, ҷумлабандӣ, воситаҳои тасвир дар «Қобуснома» ба мавзӯъи китоб, ки панду андарзист мувофиқ мебошад. Дар “Қобуснома” асосан калимаву таркибҳои сода барои баёни маънӣ истифода шудаанд.

Корбурди феъл дар “Қобуснома” ва шеваҳои эҷоди ҳунармандии муаллиф бо феъл ва пешвандҳои шаклсоз таваҷҷуҳи моро ба хеш кашид, зимни омӯзиши ин мавзӯъ мушоҳида шуд, ки Унсурулмаолии Кайковус дар “Қобуснома”-и хеш бо пешвандҳо шаклҳои гунгуни феъліро эҷод намудааст, ки барои баёни мӯҳтаво хидмат кардаанд.

Бояд гуфт, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷик як гурӯҳи пешвандҳо бо феъл омада, шаклҳои граматикӣ месозанд ва бо воситаи онҳо тобишҳои нави граматикӣ ва услубии феъліро ҳамчун инкор, замон, оҳанги сухан ва ғайра ифода меёбад [2, 255].

Аз он сабаб, ки ин пешвандҳо маънии аслии феъліро тағйир намедиҳанд, дар забоншиносии муосир «пешвандҳои шаклсоз» унвон шудаанд, ки: би-, бар-, ме-, ма-, на- мебошанд.

Муҳсин Абулқосимӣ низ зимни пажӯҳиши масоили модаи феъліро дар забони форсӣ-дарӣ қайд кардааст, ки «дар Эрони бостон пешвандҳои феъліӣ гоҳе як навъи тағйир дар маънии феъл медиҳанд ва гоҳе чанд навъ ва гоҳе ҳам ҳеч навъ тағйире дар маънии феъл намедиҳанд» [1, 20].

Пешванди “ме –“ – Ин пешванд ба асосҳои феъліӣ ҳамроҳ шуда, шаклҳои замонии феъліро месозад.

а) Пешванди **ме** - ба асоси замони ҳозира ҳамроҳ шуда, замони ҳозира-оянда месозад, ба мисли “меравам”, “медиҳад”, “медошт”, “мегӯям” ва амсоли ин.

Ва ҳар вақт аз ҳадисе ба ҳадисе меравам, бисёр ***мегӯям(5)****.// Бар ин ҳадис аз бомдод то намози пешин шумор карданд ва тоҷир садо* ***медод*** *ва бонг ҳамедошт(5).*

б) Пешванде “ме-“ ва “ҳаме” бо асоси феъли замони гузашта омада, шакли гузаштаи ҳикоягӣ месозад, ки давомнокии иҷрои амалро мефаҳмонад(2, 256): *Шунидам, ки вақте ду сӯфӣ ба ҳам* ***ҳамерафтанд****(5).// Қавме шогирдон бо вай* ***ҳамерафтанд*** *ва зорӣ* ***ҳамекарданд****, чунон ки расм бошад(5).*

Гуфтанист, ки дар адабиёти классикӣ ба ҷои пешавнди “ме-” пешванде “ҳаме-” истифода мешуданд, бинобар ин дар “Қобуснома” низ истифодаи пешванди “ҳаме-” нисбат ба пешванд “ме-” афзалият дорад, гарчанде ки ҳарду як вазифаро иҷро намоянд ҳам ба пешванди “ме-” камтар таваҷҷӯҳ шудааст. Ин шеваи баён ва шаклсозии феъліҳои “Қобуснома”-ро бо мушаххасоти забонии замони таълифи асар метавон нисбат дод. Аз он сабаб ки ин пешвандҳо “пешвандҳои шаклсоз”-анд ва ба оҳанги гуфтор таъсир мерасонанд, муаллиф бештар аз пешванди “ҳаме-” истифода кардааст. Чунончӣ: *Ва шубон он мардро насиҳат ҳамекард ва панд ҳамедод ки: чунин макун ва бо мусулмонон хиёнат макун ва раво мадор, ки оқибати мардуми хоин номаҳмуд бувад(5).*

Омӯзиши мо нишон медиҳад, ки дар “Қобуснома” бо пешванди “ҳаме-” ва “ме-” омадани шаклии амрии феъл (шахси дуюми танҳо) зиёд дида мешавад: *Дӯсти нав* ***ҳаметалаб*** *ва дӯсти куҳанро барҷой* ***ҳамедор****, то ҳамеша бисёрдӯст бошӣ, ки гуфтаанд: Дӯсти нек ганҷи бузург аст(5).*

Пешванди «би-» ба асоси замони ҳозира ва гузашта ҳамроҳ мешавад. Доир ба истеъмоли пешванди «**би-**» дар забоншиносии тоҷик фикру мулоҳизаҳои мухталиф мавҷуданд. Пешванди «**би**-» бо феъліҳо омада, ба онҳо тобишҳои модалӣ мебахшанд.

Л.П.Смирнова қайд мекунад, ки пешванди «**би -**» бо феъліҳои таркибии номӣ низ меояд, ӯ ба хулосае мерасад, ки умуман дар баъзе ҳолатҳо пешванди «**би** -» ҳамчун шаклсоз маънои модалиро ифода намекунад(7,67). Агар феъл бо ҳамсадои «б» оғоз шавад дар забони тоҷикӣ пешванди «би-» ба шакли «бу-» омада, бо он мувофиқат мекунад. Чунончи ин шева дар «Қобуснома» зиёд ба назар мерасад: *Ин мӯҳри ман* ***бубар*** *ва дарахтро гӯй, ки: Ин мӯҳри қозӣ аст, ҳамегӯяд: Биё ва гувоҳе, ки ба бари туст бидеҳ андар ин боб (5).//Ва бо мардуми тангбизоат васияи муомалат накунад, пас агар кунад, тамаъ аз суд* ***бубарад****, то дӯстӣ табоҳ нашавад, ки бисёр дӯстӣ ба сабаби андак мояи суду зиён табоҳ шуда бошад(5).*

Дар «Қобуснома» пешванди «**би-**» мавқеи калони истеъмолӣ дорад, вале доираи истеъмоли шакли мазкур, ки дар ибтидо нисбат ба шакли «**хонд**» васеътар буд, дар инкишофи тадриҷии забони тоҷикӣ танг шудааст. Аз ин ҷост, ки мо онро дар насри ҳозира хеле кам дучор меоем.

Дар «Қобуснома» ин пешванд бо феълҳо серистеъмол аст. Пешванди «**би-**» ба асоси замони ҳозира омада, то андозае бо феъл оҳанги қатъӣ мебахшад.

*Ва **бидон**, эй писар, ки чунин суханҳо, ки дар муқаддима гуфтам, бипардохтам, аз ҳар навъе фасле бигӯям ба мӯҷиби тоқати хеш. Дигар дабиреро **бихонед**, то **бихонад**(5).*

Бештар сиғаи амрӣ дар «Қобуснома» пешванди шаклсози "би" ва "бу" қабул карда, маънои хоҳишу илтимос бо оҳанги нарм ифода мешавад ва ба шакли ҷамъу таноҳои сиғаи амрӣ пайванд шуда омадааст, ки "бидон", "биситон", "бингар", "бидон", "бихон", "бишнав", "бипурс", "бигӯй", "бихар", "бигурез", "бикӯш", "бигузор", "биёмӯз", "бипарвар", "бисоз", "бифурӯшед", "бигузаронед", "биншонед", "бигӯед", "бубин", "бубар" ва ғайраҳо аз ин қабиланд.

Ин пешвандҳои шаклсоз маънии аслии феълро тағйир намедиҳад, балки фақат ба оҳанги гуфтор таъсир мерасонад. Аз ин ҷиҳат сиғаи амрии бо пешванди "би" сохташуда, як андоза оҳанги фармон ва хоҳишро нармтар месозад, ки ин шева ба баёни андешаҳои андарзӣ хос аст, бинобарин Унсурулмаолии Кайковус дар "Кобусномаи"-и хеш аз ин шеваи ифода зиёд истифода кардааст. Сиғаи амрии "бидон", ки хеле зиёд ба кор рафтааст, аз ҳамингуна вежагии оҳангӣ бархурдор аст: *Чун ин сухан дуруст гардад, бидон, ки моя ҷавонмардӣ чист(,).*

Пешванди "бар-" ба маънои боло, забар, фароз, муқобили фуруд, рӯй ба кор меравад. Ин пешванд дар форсии миёна бо гурӯҳе аз феълҳо омада, равиши амал ва ё ҳаракатро ба фароз ва боло, ҳамчунин наздик шудан ба чизе ё ба ҷое ифода мекунад [7, 86].

*Ва то аҷамӣ ёбӣ, порсигӯ магар, ки аҷамро ба хӯи худ **бартавонӣ овардан(5,).**// Ва номи чизе баҳси зоҳир набарад, магар ба номе, ки ҷамъ хонанд ва пеши ҷамъ сухани бисёр нагӯяд ва агар хирқа биниҳанд, мувофиқат кунад ва ба **бардоштан** ҳамчунин ва то битавонад, хирқаи касро пора накунад ва тафриқаи таом накунад, ки дар ин ду кор шартҳост, ки ҳар кас ба ҷой натавонад овардан(5).*

Пешванди андар- (дар-) бо феълҳои гуногун омада, маънои "равон шудан" "ба дохил", "андаруни чизе ва ё маконе"-ро дорад. Пешванди андар-/дар- дар осори назму насри форсии дарӣ дар ҳар ду шакл истифода шудааст.

Дар "Қобуснома" бо пешванди "дар-" ва ""андар- " феълҳои зиёд сохта шудаанд, ки "андаромадан", "даромадан", "даровехтан", "дарояд", "дарраста" аз он ҷумланд. Рустам Шодиев қайд мекунад, ки "ин пешванди феълӣ ҳанӯз дар забони форсии миёна аз зарфи макон а ба пешоянд табдил гардида, баъдан дар худи забони форсии миёна ҳамчун пешванди феълӣ бо чанде аз афъоли сода бо ҳифзи маънои бунёдӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Ташаккули пешванди мазкур дар сохтани феълҳои пешвандӣ дар форсии нав мисли дигар пешвандҳо бар асоси меъёри форсии миёна идома ёфтааст(7,79). Шакли "дар-" бошад бинобар пажӯҳишҳо ва мушоҳидаҳои муҳаққиқони осори давраи аввали форсии дарӣ пас аз замони Сомониён дар манобеи хаттӣ ба мушоҳида мерасад. Ҳар ду пешванд дар "Қобуснома" вобаста ба оҳанги гуфтор ва таъкиди сухан истифода шудаанд: *Ва аспи чап бад бувад ва хато бисёр кунад ва аломаташ он аст, ки чун ӯро ба даҳлез **андаркашӣ**, нахуст дасти чап андар ниҳад(5).// Халқ **андаромаданд** ва хидмат карданд ва бозгаштанд(5). Аммо агар касе гуноҳе кунад, ки муставҷиби уқубат бувад, ҳадди гуноҳи ӯ бингар ва **андархури** гуноҳи ӯуқубат фармой..(5).*

*Офаридгор ин ҷамъро ба бандҳо қоим кард, ки эшонро ба якдигар бубаст, чунон ки дар ин ҷаҳони бузург ҳамебинӣ дар банди афлок ва табоеъ, ки табиат панҷум аст, аз якдигар **даровехтаанд**, гарчи ба ҷавҳар мухталифанд, чун оташу об, ки ҳама зидди якдигаранд ва хоку ҳаво зидди якдигаранд().// Чун замоне буд, мушрифи даргоҳ **даромад(5).***

Пешванди «боз-» ба маънои во пас, бори дигар «дар забони форсии нав дар қолаби вожасозии феъл мисли забони форсии миёна равиши амал ва самти ҳаракати амалро ба ақиб, ҳамчунин такрори амалро вобаста ба маънои феъл ифода мекунад. Ин пешванд дар осори забони форсии нав бо феълҳои роиҷ ва ё маъмул омада, маънои феълро дақиқ менамояд» [6, 95].

Ин пешванд дар «Қобуснома» бо касрати истифода дар шаклсозии феъл имтиёз дорад. Унсурулмаолии Кайковус ба василаи ин пешванд баёни матлабро ҷолиб ва таъкиди мӯҳтаворо амиқ сохтааст, ки «бознагардӣ», «бознагуфтан», «бозгӯй», «боздиҳӣ», «бознамегашт», «бознаистад», «бознеҳ», «боздон», «бозгашта», «бозмагир», «бознакушод», «бозомад», «бознаёмад», «бозовар», «бозоям», «бозмонам», «бозгирифтӣ», «бозхоҳӣ», «боздод», «бознамуд», «бозхоҳем», «бознатавонам дод», «боздоданд», «бозгаштанд», «бозгирифт», «бозхарад», «боздиҳад» аз ҷумлаи ин навъи феълҳо мебошанд. Намунаҳо:

*Пас ҳар чӣ битавонӣ омӯхтан биёмӯз, ки манофеъи он ба ту бозгардад.// Пас мард ҳамвора бедӯст бувад ва эдун гӯянд, ки: Дӯст дасти **боздорандаи хеш бувад**(5) .*

*Суқрот табассум карду гуфт: Агар чунон бошад, ки маро **бозёбед**, ҳар кучо, ки шуморо бояд, дафн кунед, яъне ки он на (ман) бошам, чи қолиби ман бошад(5).// Ва агар бинад, сӯфиён хирқа ниҳоданд, вай низ биниҳад ва агар чунон ки он хирқа аз сари ишрат ниҳода шавад ба даъвате ё ба таоме **бозхарад** ва ардорад ва як-якро бибӯсад ва ба худованд **боздиҳад**(5).*

Ҷолиб он аст, ки муаллифи асар бештари маврид пешавнди «боз-» ва «ҳаме-»-ро якҷоя истифода карда, шаклҳои феълӣ месозад, ки ба ин гунаанд: «Боз»+»ҳаме»+«феъл»: «бозҳамедиҳад», «бозҳамекашад», «бозҳамеганавад».

Акнун чаҳор моҳ баромад, на зари ман бозҳамедиҳад ва на канизак ***ҳамефурӯшад(5)****.*

Пешвандҳои «на-» ва «ма-» бо феъл ҳамроҳ шуда, шакли инкор месозанд ва нашудани кору ҳолатро мефаҳмонанд [2, 255]. Такрори префикси инкории «**на-»** вобаста ба матн баъзан тобиши таъкидиро ифода мекунад. Дар феълҳое, ки бо пешванди «бар-», «боз-», «дар-» сохта мешаванд пешванди инкор дар аксар маврид дар аввал меояд, ба мисли : *Ва агар ҳоҷатмандеро ба ту ҳоҷат афтад, аз мумкинот, ки динро дар он зиёне* ***набувад*** *ва дар муҳиммоти дунёӣ аз бешӣ халале* ***набувад****, аз баҳри каммоя дунё или он ниёзманд* ***бозмазан*** *ва он касро бе қазоӣ (ҳоҷат)* ***бозмагардон*** *ва занни он ҳоҷатманд дар хештан дурӯг* ***макун****, ки он мард то дар ту гумони некӯ набарад, аз ту ҳоҷат нахоҳад (5).*

Ҳамин тариқ метавон гуфт, ки дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус «пешвандҳои шаклсоз» дар шаклсозии феъл ҳунармандона истифода шуда, барои муассирии баёни амалу ҳолат хидмат кардаанд ва нармии гуфтори гӯянда, таъкиди матлабро таъмин кардаанд.

Адабиёт:

1. Абулқоқимӣ Мӯҳисн. Модаҳои феълҳои форсӣ- дарӣ. – Теҳрон: Қақнус, 1373.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. – Душанбе: Маориф, 1982. – 562 с.
3. Камолиддинов Б. Ҳусни баён. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 120 с.
4. Сиёев Б. Очерк доир ба таърихи феъли забони адабии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1986. – 165 с.
5. Смирнова Л.П. Таърихи Систан («История Систана»). – Москва: Наука, 1975. – 575 с.
6. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2015. – 258 с.
7. Шодиев Рустам. Феъл дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ (маъно ва сохтор). – Душанбе, 2012. – 152 с.

Калидвожаҳо: *феъл, сига, Унсурулмаолии Кайковус, Кобуснома, морфология*

Аннотатция

ПРЕФИКСЫ И ГРАММАТИЧЕСКИЕ ФОРМЫ ГЛАГОЛА В ПРОИЗВЕДЕНИИ УНСУРУЛМАОЛИ КАЙКОВУСА «КАБУСНАМЕ»

В настоящей статье расмотрены морфологические особенности глагола в «Кобуснома». Подвергается рассмотрению особенности применения приставок в произведении Унсурумаолии Кайковуса, особенно при оформлении наклонения. Статья конкретно детализирует стиль и степени применения изъявительного наклонения, условно-желаемое наклонения, повелительного наклонения и наклонения вероятности в произведения Унсурмаоли Кайковуса.

Ключевые слова: *глагол, наклонение, произведение «Кобуснома», Унсурмаолии Кайковус, морфология.*

Annotation

THE VERB MORPHOLOGICAL CHARACTERS OF THE CREATIVE PRODUCT “KABUSNAME” OF UNSURMAALII (SEMANTIC ELEMENT) KAYKOVUS

This article discusses the morphological characters of the verb in “Kabusname”.The article examines the peculiarities of using prefixes in a work of Unsurmaalii (semantic element) Kaykovus, especially in designing of inclination. The article specifically details the style and degree of use of the indicative mood, conditionally desired mood of the imperative and mood of probability in the product

Keywords: *Verb, inclination, Unsurmaalii (semantic element) Kaykovus, creative product “Kobusnoma”, morphology.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Саломова Тамирис - Бону, магистранти соли дуюми кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: дотсент Мирбобоев А.

Сведения об авторе: Саломова Тамирис-Бону, магистрантка второго курса кафедры теории и практики языкознания Таджикского государственного педагогического Университета имени С. Айни.

About the author: Salomova Tamiris - Bonu, second year master student of the Theory and Practice of linguistics Department, Tajik State Pedagogical University named after Sadridddin Ayni.

Абдуллоев Холмирзо,
магистранти соли дуюми факултети забони англисӣ

ПЕШОЯНД ВА ТАСНИФОТИ ОН ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Пешояндҳо калимаҳои ёридиҳанда мебошанд, онҳо бо исм, ҷонишин ва дигар ҳиссаҳои исмшудаи нутқ омада, муносибатҳои синтаксисии онҳоро бо дигар калимаҳо нишон медиҳанд. Пешоянд дар ҷумла ва ибора муносибати масоҳат, замон, сабаб, мақсад, восита, тарзи амал, монандӣ ва ғайраро ифода менамоянд. Пешоянд барои робитаи аъзоҳои ҷумла, инчунин барои аниқ намудани вазифаҳои синтаксисии феъл ва ҳиссаҳои номии нутқ хизмат мерасонад [1, 206].

Пешоянд дар забони тоҷикӣ аз нуқтаи назари пайдоиш ба ду гуруҳ тақсим мешавад: ба гуруҳи аввал пешояндҳои аслӣ дохил мешаванд, ки пайдоиши онҳо ба давраи кадими инкишофи забонамон тааллуқ дорад; ба гуруҳи дуюм пешояндҳои номӣ тааллуқ дорад, ки дертар ба вуҷуд омада, дар марҳилаи миёнаи тараққиёти забон такомул ёфтаанд ва дар айни ҳол васеъ паҳн шудаанд.

Пешоянд чуноне, ки забоншиносии ҳозира тасдиқ менамояд, дар ибтидо аз калимаҳои мустақил ба вуҷуд омадаанд, ки бо мурури замон ба гуруҳи калимаҳои ёрирасон дохил шудаанд. Қисме аз онҳо моҳияти луғавиашонро тадричан гум карда истода, ҳамчун калимаи ёвар танҳо барои алоқамандии калима истифода мешаванд. Қисми дигар маънои луғавиашро қисман нигоҳ дошта, дар айни замон ҳамчун калимаҳои ёрирасон дар истеъмоланд.

Пайдоиши пешояндҳои аслии забони тоҷикӣ таърихан ба пешояндҳои марҳилаи кадимаи забонамон (забони кадимаи форсию тоҷикӣ) мерасад. Чунончӣ баромади пешоянди ҳозираи тоҷик аз ба ҳаҷаи забони форсию тоҷикии кадим, пешоянди ба бо патий, пешоянди бар бо упарий, пешоянди дар бо антар, пешоянди бо бо абаг ва пешоянди то бо йата алоқа дорад.

Аз рӯи сохти грамматики забони форсии қадим (ё тоҷикии қадим) забони флективӣ ҳисоб мешуд, яъне системаи ҳиссаҳои номии он дорои шаклҳои гуногун буда, ҳамаи онҳо ба категорияҳои ҷинсият, шумора, ҳолат ва сохти асосҳои феълӣ алоқамандӣ дошт. Пешоянд дар марҳилаи қадимии забони форсию тоҷикии қадим якҷоя бо шакли ҳолатии ҳиссаҳои номии нутқ истифода мешуд, ва зоҳиран, калимаи мустақилмаънои ба зарф монандро хотиррасон мекард, моҳияту вазифаи онҳо дар он вақт баъзан бо маҳфуми моҳияти ҳолат мувофиқат менамояд, вале дар мавриди дигар танҳо ҳамин моҳияти шаклҳои ҳолатро аниқ мекарду бас. Ин ё он пешоянд бо ҳамаи шаклҳои ҳолатии ҳиссаҳои номӣ баробар истифода мешуд. Минбаъд инкишофи тадричии забон ба гуруҳи пешоянду пасоянд гузаштани як силсила зарфҳо, ки дар гузашта бо шаклҳои мухталифи ҳолатҳо кор фармуда мешуданд, ба васеъ шудани маънои грамматикии қисми аз онҳо шароити мусоид ба амал овард [1, 209].

Хусусияти давраи миёнаи инкишофи забони тоҷикиро бо он маънидод кардан мумкин аст, ки дар ин марҳила системаи ҳолатию флективӣ ва категорияи ҷинсият, ки барои давраи қадим хост буданд, аз байн меравад. Шакли флективӣ тадричан бо шаклу тарзи аналитикӣ иваз мешавад. Чунин равиш Зимнан ба пуркувват гардидани функсияи грамматикии пешоянд оварда мерасонад. Маҳз дар ҳамон давраи миёнаи тараққиёти забон, яъне аз асри 3-и давраи мо сар карда, то асри 9, системаи пешоянҳои аслии забони тоҷикӣ барқарор мешавад, ки он дар забони давраи адабиёти классики (забони форсию тоҷикии нав) боз ҳам инкишоф ёфта, дар забони имрузаи тоҷик ҳам боқӣ мондааст.

Низоми пешояндҳои забони англисии муосир бинобар афзалиятҳои забони англисии даврони қадим нигоҳ дошта шудааст. На истилои фаронсавиҳову нормандиҳо, на иқтибоси калимаҳо аз забонҳои қитъаи Аврупо, ки тариқи муҳоҷирон, савдогарон ба забон ворид мегаштанд, ба низоми пешояндҳои забони англисӣ таъсири хосае расонида натавонистанд. Воқеан ҳам 28 адад пешояндҳое, ки ба тағйиротҳои фонетики дучор гардида буданд, аллакай дар адабиёти солҳои 700-1000 вомехурданд, аз ҷумла пешояндҳои *about, after, at, before, between, but, by, for, from, in, into, near, of on, out of, over, through, till, to, towards, under, with, without* Боқимонда 12 пешоянди дигарро аз қабили *above, against, behind, beyond, next, throughout, until, up, within* метавон дар ёддоштҳои адабии солҳои 1000-1200 вохурд. Луғати забон дар ҳаракат аст, он ҳамеша бо тағйиротҳои пайваста ва васеъ дучор мегардад. Баъзе калимаҳо аз истифода берун шуда мемиранд, қисми дигаре луғати забонро боз ҳам бой мегардонанд. Пешояндҳо низ ба ин ҷараёни навгониҳо шомил мебошанд. Пешояндҳо калимаҳое мебошанд, ки муносибатҳои муҳимтарини грамматикиро инъикос намуда, дар давоми якчанд давра хусусияти худро нигоҳ доштаанд [3].

Дар забони англисӣ пешояндҳо ду нақшро мебозанд: аввалан, ин ки онҳо маънои семантикӣ доранд. Дар мавриди зайл онҳо ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам англисӣ монанд тарҷума мешаванд: *Put the bags on the table, please!- Марҳамат карда, ҷузъдонҳоро болои миз гузоред!*

Дуюм ин, ки дар нақши муайянкунандаи ҳолатӣ баромад мекунад, ки хоси ҳарду забон мебошад. Shakespeare is famous for his immortal literary works.- Шекспир бо асарҳои ҷовидонаи худ машҳур аст [1, 19].

Пешоянд ҳиссаи хизматрасони нутқ мебошад, ки мутобиқати грамматикии исмро аз дигар калимаҳо нишон дода, муносибати гуногун доштани онҳоро дар ҷумла ифода менамояд.

He lives quite near (зарф);

He lives near the Institute. (пешоянд)

Дар ҷумла пешоянд одатан муносибати исм ва ё ҷонишинҳои исмшударо ба герундий ва ё шаклҳои феълии асоси исмдоштае, ки хусусияти исмиашонро нигоҳ доштаанд, ифода менамояд. Пешояндро метавон ба ҷумлаи пайрав (номӣ) нисбат дод:

He did agree, more or less, with what Harry was saying- У каму беш ба гуфтаҳои Гари розӣ шуд.

Пешояндҳо таъғйирнаёбанда мебошанд. Аз руи этимологияи худ онҳо ба се гуруҳи асосӣ ҷудо мешаванд:

1. Пешояндҳои аслӣ дар навбати худ чунин тасниф мешаванд:

а) Сода, ки танҳо аз як реша иборат мебошанд: *in, on, at, by, to* ва ғайра.

б) Мураккаб, ки аз якчанд реша иборат мебошад: within (with + in), into (in + to), onto (on + to), throughout (through + out).

Моҳияти пешояндҳои дараҷаи зерин барои забон якранг нест.

2. Сохта, ки аз сифатҳои феълии дар таркиби худ суффикс ва префикс дошта сохта шудааанд: *considering, during, regarding, respecting, concerning, past ва гайра.*

3. Таркибӣ, ки аз якчанд калимаҳо иборат мебошанд: *according to- мувофқи, as for- дар он хусус;*

Пешояндҳои аслӣ дар муқоиса бо пешояндҳои сохта ва ибораҳои пешояндор маънои боз ҳам васеътар доранд. Онҳо сершумор нестанд, аммо доираи васеи маънохоро ифода менамоянд, ба монанди макон, сабаб, мақсад ва гайра.

Дар натиҷаи ин аксарияти пешояндҳои содда сермаъно мебошанд, гарчанде ***ҳамон*** *як пешоянд метавонад пурра маъноҳои мухталифро ифода намояд:* to sit by the window - маънои маконӣ (дар наздикӣ будан); to sit by the river - ҳамчунин.; to come by 6 o'clock - маънои замонӣ; to go by air- восита, тариқа; a picture by Repin - ходим.

Пешояндро (бо забони лотинӣ praeposition аз решаҳои ргае-, пеш ва positus-гузошташуда, гирифта шудааст, аз ин ру дар забонҳои фаронсавӣ чун калимаи preposition англисӣ preposition ва олмонӣ Praposition истифода мешавад.) метавон ҳамчун калимаи ёридиҳанда таъриф намуд, ки пеш аз исм ва ё ивазкунандаи синтаксисии он омада, онро бо чор ҳиссаи мустакили нутқ феъл, исм, сифат ва ё зарф алоқаманд месозад.

Пешояндҳои забони ҳозираи тоҷик аз руи таркиби морфологӣ ба гуруҳҳои зерин тақсим мешаванд:

1) *пешояндҳои аслии содда: аз,* ба, бар, бо, дар, ҷуз, бе, то;

2) пешояндҳои аслии таркибӣ: *то ба, ҷуз аз, ба ҷуз.*

Ба ҷумлаи пешояндҳои аслии соддаи забони ҳозираи тоҷик пешоянди *барои* низ дохил мешавад, ки он таърихан ба назар ҳамчун ихтисоршудаи таркиби пешоянди *ба* ва пасоянди *-ро* мерасад. Ин пешоянд ба мисли пешояндҳои изофӣ ба худ бандакҷонишинҳо ва баъзе суффиксҳоро қабул карда метавонанд, Чунончӣ: бароят, пешат, пешакат ва ғ. Вале бар хилофи пешояндҳои номӣ *барои* ҳамчун пешояндҳои аслии содда аз мафҳуми лексикӣ тамоман озод буда, мустақилона кор фармуда намешавад;

3) *пешояндҳои соддаи номӣ ва ё изофӣ* (пеши..., назди..., руи..., паси..., баъди...);

4) *пешояндҳои номии изофии таркибӣ* (ба пеши..., аз руи..., дар назди..., дар бораи..., аз паси...);

5) пешояндҳои номии изофии такрор (*пеш-пеши..таг-таги.*

6) пешояндҳои таркибии ғайриизофӣ, ки аз ҷузҳои номӣ ва пешояндҳои аслӣ сурат ёфтаанд: *пеш аз, баъд аз, пас аз, нисбат ба, доир ба, оид ба.*

Адабиёт:
1. Аксененко Б.Н. Предлоги английского языка. – М, 1956.
2. Андреева К.А. Функционально-семантические типы текста. – Тюмень, 1989.
3. Апресян Ю.Д. Лексическая семантика. Синонимические средства языка. – М., 1974.
4. Барҳударов Л.С., Штелинг Д.А. Очерки по морфологии современного английского языка. – М., 1975.
5. Барҳударов Л.С, Штелинг Д.А. Грамматика английского языка. – М., 1973.
6. Барышникова Т.В., Беленкина Л.Б., Бусурина Т.Г. Английский язык: Второй этап обучения. – М.: ИМО, 1974.

Калидвожаҳо: *пешоянд, ҳисссаи нутқ, забоншиносӣ, грамматика, исм, флектевӣ, забони форсӣ.*

Аннотация
ПРЕДЛОГИ И ИХ КЛАССИФИКАЦИИ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Статья посвящена изучению классификации английских предлогов. Проанализировав современные английские предлоги и таджикские послелоги, их семантику и функции, автор приходит к следующему выводу: и англиские предлоги, и таджикские послелоги широко используются и служат для уточнения представлений о времени, пространстве и многих других абстрактных концепциях, либо могут порождать новое значение, не предусмотренное системой склонения. Ключевые слова и фразы: предлог; послелог; бесплатно; таджикский язык; фиксированный; после словно-именного слова.

Ключевые слова: *префикс, часть речи, языкознание, грамматика, существительное, словоизменение, персидский язык.*

Annotation
PREPOSITION AND THEIR CLASSIFICATIONS IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

The article is devoted to studying of the classification of English prepositions. Having analyzed modern English prepositions and Tajik postpositions, their semantics and functions the author comes to the following conclusion: both English prepositions and Tajik postpositions are widely used and serve to specify the conceptions of time, space and many other abstract conceptions, or they can generate new meaning not provided by declension system. Key words and phrases: preposition; postposition; free; the Tajik language; fixed; postpositional-nominal words.

Keywords: *prefix, part of speech, linguistics, grammar, noun, inflection, Persian.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдуллоев Холмирзо, магистранти кафедраи забони англисӣ ДДОТ ба номи С. Айнӣ, телефон: +992 918304519.

Роҳбари илмӣ: дотсент Аҳроров Фурқат

Сведения об авторе: Абдуллоев Холмирзо, магистрант кафедры Английского языка имени С. Айни, тел: ++992 918304519,

About the author: Abdulloev Kholmirzo, master student of the English languages Department, TSPU named after S. Aini, tel: +992 918304519,

Холиқдодов Муҳаммадрачаб,
магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷик

ТАВЗЕҲИ БАЪЗЕ НОМҲОИ МАНСУБ БА ПАЙҒАМБАРОН (АЗ МАТНИ “ТАРҶУМАИ ТАФСИРИ ТАБАРӢ”)

Дар қиссаҳои “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” симои рӯҳони Одам, Шис, Нӯҳ, Мӯсо, Сулаймон, Довуд, Исо, Муҳаммади Мустафо ва чанде дигар ҳамчун пайғамбар, инсони бузург ва намояндаи Худованд ва намунаи инсони комил ба қаламдод шудаанд. Роҷеъ ба 25 нафар аз паёмбарон дар оятҳои Қуръон бо зикри номашон сухан меравад, ки воқеан аз бузургӣ ва манзалати онҳо назди Худованд гувоҳӣ медиҳад.

Номи Довуд пайғамбар дар чанд ҷумлае чунин зикр шудааст:

Ва бигӯ, ки андар он саҳифа, ки Ҷибрил сӯи **Довуд** пайғомбар овард ва бо он саҳифа як ангуштарӣ буд, ки мурғу моҳӣ ва деву парӣ ҳама ӯро фармонбардор гаштанд ва Ҷибрил он саҳифа ба ӯ дод ва гуфт: “Мар фарзандони хешро гирд кун ва ҳар он фарзанде аз они ту, ин масъалаҳо, ки бад-ин саҳифа андар навиштааст, ҷавоби он бигӯяд, ин ангуштарӣ мар ӯро деҳ” (1, 570). Он **Довуд** (а) буд, ки оҳан ба дасти эшон нарм гашта буд, то аз он зиреҳ ҳамекард ...сабаби он саҳифа ва овардани он ба наздики **Довуд** (а) он буд, ки **Довудро** 12 писар буд ва он зан, ки зани Уриё буд, пеш аз он, ки зани **Довуд** буд, аҳд карда буд бо **Довуд**, ки ман бад-он шарт зани ту бошам, ки агар туро аз ман писаре ояд, ӯро халифати хеш кунӣ Пас, фарзандони **Довуд** ҳар касе чашм медоштанд, ки **Довуд** эшонро халифати хеш кунад андар замин (2, 112).

Довуд номи ибрист, маъноаш маҳбуб аст. Довуд дар таърихи қавми яҳуд подшоҳ ва пайғамбар аст. Довуд (а) дар ҳазораи яки то мелод (1040-970) ба сар бурдааст. Ӯ аз аввалин паёмбаронест, ки дорои китоби осмонӣ бо номи “Забур” аст. Ӯ аз зуррийяти Исҳоқ, фарзанди Иброҳим (а) ва ҳамаср бо Ишмуили пайғамбар аст, ки забони паррандаҳоро медонистааст.

Исми Сулаймон пайғамбар чунин омадааст:

Ва бигӯ, ки гӯри **Сулаймон** кучо аст ва он ду тан, ки сӯи ӯ рафтанд ба талаби ангуштарӣ, кӣ буданд ва чӣ расид бад-эшон? (3, 128). Аммо ин рӯйи равон **Сулаймонро** буд (а) ва девон ӯро аз он шористоне карданд рӯйин (4, 356). Пас Ҷибрил бифармуд мар Довудро, то он ангуштарӣ мар **Сулаймонро** дод ва **Сулаймонро** халифати хеш кард Ва чун Довуд (а) аз ин ҷаҳон берун шуд худой азза ва ҷалла мар **Сулаймонро** пайғомбарӣ дод ва бодро ва девонро ва париёнро ва мурғонро ҷумла фармонбардори ӯ гардонид (5, 447).

Сулаймон номи ибрист ва маъноаш оштӣ, ӯ аз фарзандони Довуд (а) аст. Сулаймон дар ислом ва дар таърихи қавми яҳуд подшоҳ ва пайғамбар аст. Сулаймон (а) дар ҳазораи яки то мелод (990-931) дар Ховари Миёна умр ба сар бурдааст. Ӯ аз зуррийяти Исҳоқ, фарзанди Иброҳим пайғамбар (а) аст, ки забони хазандаҳо, чарандаҳо ва парандаҳоро медонистааст. Сулаймон (а) дорои ҳикмат, сарват ва қудрати бисёр буд.

Дар “Тафсири Табарӣ” дар бораи паёмбарон сухан ронда, аз забони паёмбар Муҳаммад (с) Одамро аввалин паёмбар ва Муҳаммадро охирин паёмбар дар рӯи замин зикр кардааст:

Аввали эшон **Одам** буд ва охири эшон манам, ки **Муҳаммадам**

Одам бар пояи китобҳои муқаддаси адёни иброҳимӣ (ислом, насронӣ, яҳудӣ) нахустин инсонест, ки офарида шудааст ва асли он аз хок будааст. Калимаи “одам” дар забони ибрӣ ба маъноии “хок, замин” аст. Ба эътиқоди баъзе аз муҳаққиқон ин калима шакли тағйирёфтаи “отомо”-и санскритӣ ба маъноии “инсон” аст. Бархе низ онро баргирифта аз вожаи “атам”-и ҳиндуаврупоӣ медонанд. Одам мувофиқи бархе ривоёт (пас аз ҳубут) ҳазор сол умр дидааст.

Иброҳим пайғамбарест, ки Каъбаро бино кард ва Худо тавассути Ҷибрил аҳкоми ҳаҷро ба ӯ омӯхт ва ин суннат то ба имрӯ побарҷост:

Он ҷойгоҳ, ки имрӯз хонаи Каъба аст, ҷойгоҳи Байтулмаъмур буд ва холӣ монда буд то рӯзгори **Иброҳими Халил, салавот-ул-Лоҳи алайҳи** (6, 128). Пас, Худои таоло Ҷабраилро бифиристод, то биёмад ва тавоф кардан ва эҳром гирифтан ва аз эҳром берун омадан ва мӯй сутурдан ва ҳарчи ба ҳаҷ андар ба кор боист – ҷумла **Иброҳимро** биёмӯхт (7, 566).

Иброҳим номи ибрист дар “Аҳди атиқ” дар шакли Ибром (маъноаш падари олӣ) ва Иброҳим (маъноаш падари қавм) омадааст. Иброҳим ёздаҳум насли Нӯҳ (а) аст. Дар таърих ҳодисаи қурбонӣ кардани мол ба исми ӯ пайванди ногусастанӣ дорад. Иброҳим (а) дар ҳазораи яки то мелод дар Ховари Миёна умр ба сар бурдааст. Иброҳим яке аз паёмбарони муҳиммест, ки дар Қуръон борҳо аз ӯ зикр шудааст ва яке аз сураҳо (сураи Иброҳим) ба номи ӯст. Иброҳим дар миёни мусалмонон бо лақаби “Халил-ул-Лоҳ”, яъне “дӯсти Худо” ва “бутшикан” маъруф аст.

Шис фарзанди Одам (а) ва дувумин пайғамбар дар рӯи замин аст, ки мардумро ба яктопарастӣ мехонд:

Ва ин **Шис** халифати Одам буд ва **Шисро** низ хутбае буд, ки ҳамехондӣ пайваста (8, 683с).

Шис бар асоси Таврот пас аз Ҳобил ва Қобил севумин фарзанди Одам ва Ҳавво аст. Шис пас аз қатли Ҳобил мутаваллид гашт, аз ин ҷиҳат, Ҳавво ӯро ҷонишини Ҳобил меҳисобид, ин замон Одам 130 сол дошт. Калимаи "Шис" сурёнӣ буда, маъноях "бахшиш, ҳадя" мебошад. Шис аввалин касест, ки пас аз Одам ба таълими ҳикмат ва заруриёти шариъат пардохт. Қабри ӯ дар шаҳри Набӣ Шиси минтақаи Баълабаки Лубнон аст.

Яъқуби набӣ писари Исҳоқ, наваи Иброҳим (а) мебошад, ки Қуръон низ борҳо аз ӯ ёдоварӣ мешавад:

Эй фарзандони **Яъқуб**, ёд кунед неъмати ман – он ки миннат ниҳодам бар шумо, вафо кунед паймони ман, то вафо кунам паймони шумо ва аз ман битарсед (9, 242).

Яъқуби пайғамбар дар Канъон зистааст. Номи дигари ӯ Исроил аст. Номи "Яъқуб" маънои "таъқибкунанда"-ро дорад. Калимаи "Исроил" аз ду калима "исро" – "абд, банда" ва "Ил" – "номи Худо" таркиб ёфтааст ва ба маънои "бандаи Худо, Абдуллоҳ" мебошад.

Мӯсо яке аз паёмбарон аст, ки дар Қуръон номи ӯ зиёд ёд шудааст, аммо аз бародараш Ҳорун камтар ёд мешавад:

Эй **Мусо**, нагаравем туро, то набинем Худойро ошкоро, бигиирифт шуморо марг ва шумо менигаред (10, 1562). **Мусо** он перони моро бибурд ва ҷое ҳалок гардонид, ки сӣ рӯз ваъда карда буд ва сӣ рӯз гузашт ва ҳеҷ боз наёмаданд, акнун чӣ бояд кардан? Ва мар **Ҳорунро** – бародари хеш халифат кард бар эшон, то миёни эшон ҳукм кунад ва ростишон нигоҳ дорад

Мӯсо ва бародари ӯ Ҳорун писарони Имрон мебошанд, аз паёмбаронеанд, ки се ҳазор сол қабл аз м0елод дар Миср ба сар бурдаанд. Ҳорун сухангӯ ва ёвари Мӯсо (а) будааст.

Ҳуд яке аз паёмбарони Илоҳӣ аз насли Нӯҳ (а) аст, ки қавми Одро ба яктопарастӣ фаро хонд, вале аксари эшон ба даъвати ӯ лаббайк нагуфтанд:

Ва бад-он рӯзгор, ки Худой азза ва ҷалла қавми Одиёнро ҳалок кард, ин Уҷ бо гурӯҳе ба ҷои дигар буданд ва **Ҳуд** пайғомбарро худ надида буданд

Паёмбар Юшаъ ибни Нун ҳамзамони Мӯсо (а) буда, аз наваҳои Юсуф (а) аст. "Юшаъ" калимаи ибрӣ мебошад, ки маънои "яҳваи растагорӣ" мебошад. Номи ӯ дар аҳодиси набӣ ва тафосир омадааст:

Ва чун чиҳил сол тамом шуд, Худой азза ва ҷалла **Юшаъ ибни Нунро** пайғомбарӣ дод бар Бани Исроил.

Зулкифл яке аз паёмбарони бани Исроил аст, номи ӯ ба забонҳои сомӣ алоқаманд буда, маъноях "соҳиби ҳисор" мебошад. Ӯ 4830 сол пас аз ҳубути Одам ба дунё омадааст:

Ва **Зулкифл** пайғомбари он замон буд ва як рӯз ба наздики он чаҳордевор бигузашт

Дар "Тафсири Табарӣ" аз Ишмуил ном пайғамбаре исроилӣ ёд карда мешавад, ки ҳамзамони Довуд (а) аст:

Ва андар он вақт пайғомбар **Ишмуил** буд ва Ҷолут бо сипоҳи бисёр омада буд ва тохтан бар Бани Исроил овардӣ.

Ишмуил ё Ишмавил калимае ибрӣ аст, ки дар таъриб Самуил шудааст ва дар баъзе таърихномаҳо Ишмовил низ омадааст.

Аз номи паёмбари охируззамон Муҳаммад низ дар "Таърихи Табарӣ" борҳо ёдоварӣ ва тавсиф мешавад, тахминан серистеъмолтарин номи пайғамбар дар ин китоб **Муҳаммад** аст:

Ин **Муҳаммади Мустафо** аст – расули охирзамон, пайғомбари Худой азза ва ҷалла.

Абулқосим **Муҳаммад** ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб (22-юми апрели соли 571 дар Макка мутаваллид ва 8-уми июни соли 632 дар Мадина мутаваффо) — бунёдгузор ва паёмбари ислом ба эътиқоди мусулмонон охирин паёмбар дар силсилаи паёмбарони илоҳӣ таҳвилдиҳандаи сухани Худо - китоби Қуръон, таҷдидкунандаи ойини аслӣ ва таҳрифнашудаи яктопарастӣ. Ӯ ҳамчунин ба унвони сиёсатмадор, раиси давлат, бозаргон, файласуф, хатиб, қонунгузор, ислоҳгар, фармондеҳи ҷангӣ ва барои мусулмонон ва пайравони бархе мазоҳиб маъмури таълими фармонҳои Худо ба шумор меравад. Муҳаммад калимаи арабӣ аст, маънои луғавии он "сутуда, ситоишшуда" мебошад.

Пайғамбарон шахсиятҳои шинохта дар олами башар мебошанд, ки дар роҳнамоии мардум ба амали хайр бештарин василаи таъсиррасониро доранд ва ҳар кадоме дар замони худ маъруфтарин ва олимтарин инсони замони худ будаанд, бинобар ин, шинохти забонии номи онҳо аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Ҷиҳати ҷолиб дар намунаҳои таҳлилшудаи номҳои паёмбарон он аст, ки асли номҳои эшон ҳамагӣ маъноҳои мусбӣ дорад ва далолат ба хайр мекунад. Аз ин ҷиҳат метавон хулоса кард ва талқин намуд, ки номи хуб рӯи шахсияти инсон низ таъсир хоҳад гузошт.

Адабиёт:

1. Баҳор М. Сабкшиносӣ (талхиси Сайидабутолиб Миробиддинӣ) – Душанбе: Бухоро, 2012. – 570 с.
2. Белгородский Н. А. Современная персидская лексика – Москва: Изд. АН СССР, 1936. – 112 с.
3. Бердиева Т. Назарияи иқтибос – Душанбе, 1991. – 128 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1 / Ҳ. Каримов, А. Маниёзов, А. Мирзоев и др. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 356 с.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. Қисми 1 / Б. Ниёзмухаммадов, С. Дж. Арзуманов, Х. Рауфов, В. А. Капранов и др. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 447 с.
6. Камолиддинов Б. Хусусиятҳои услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ – Душанбе: Маориф, 1992. – 128 с.
7. Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 1Х-Х). Ҷилди 1 – Душанбе, 2012. – 566 с.
8. Лингвистический энциклопедический словарь / В.Н. Ярцева. – Москва: Советская энциклопедия, 1990. – 683 с.
9. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. Луғатшиносӣ – Душанбе: Деваштич, 2007. – 242 с.
10. Сулаймонӣ С. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 1562 с.

Калидвожаҳо: *ном, калима, реша, маъно, пайғамбар, расул, банда, растагори, офарида, соҳиб, ҳикоя.*

Аннотатция

ТОЛКОВАНИЕ НЕКОТОРЫХ ИМЕН, КАСАЮЩИХСЯ ПРОРОКАМ (ИЗ ТЕКСТА ПЕРЕВОДА «ТАФСИРИ ТАБАРИ»)

В статье подчеркивается, что имена пророков, которые являются знаменитыми личностями и самыми влиятельными людьми в истории независимо от их лингвистического происхождения имеют положительное значения. Таким образом, хорошее обозначение имени положительно влияет на характера человека.

Ключевые слова: *имя, слова, корень, значение, пророк, посланник, слуга, избавление, гиворивши, хозияин,сиказка.*

Annotation

WORD AND TERMS REGARDING GOD (IN TRANSLATION "TAFSIRI TABARI")

In article is noted that 99 names of the prophet with their own Arabic importance reflected in Koran, each of which on Persian-Tajik language have their own variant. But Persian variants today by comparison Arabic model is little used.

Keywords: *word, root, importance, prophet, envoy, servant, deliverance, create, bos, story.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Холиқдодов Муҳаммадраҷаб, магистранти соли дуюми кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Роҳбари илмӣ: муаллими калон Б. Раҳмонов

Сведения об авторе: Холикдодов Мухаммадраджаб, магистрант второго курса кафедры теории и практики языкознания Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни

About the author: Kholiqdodov Muhammadrajab, second year master student of Tajik Philology Department, Tajik State Pedagogical University named after Sadridddin Aini

Валиев Ҷамшед Абдурасулович,
ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ
Тоирзода Абдусаломи Раҳим,
докторанти PhD-и кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ
Ҳафизова Шукрона Маҳмадхоновна,
омӯзгори Муассисаи таҳсилоти миллии умумии №100, н.Шоҳмансур, ш. Душанбе

ХУСУСИЯТҲОИ ЛУҒАВИЮ ГРАММАТИКИИ ҲИССАҲОИ НУТҚ ДАР «ДЕВОН»-И РӮДАКӢ (АХТАРОНИ АДАБ. САҲ.51-77)

Ҳоло вақти он расидааст, ки ҳодисаҳои забон аз заминаи илми имрӯза маънидод ва аз онҳо хулосаҳои умумӣ ва назариявӣ бароварда шаванд. Ин талабот ба таҳқиқгарони грамматикаи забони тоҷикӣ бештар дахл дорад, чунки онҳо ба масъалаҳои назариявии ҳиссаҳои нутқ камтар эътибор додаанд. Меъёрҳои асосии таснифоти ҳиссаҳои нутқ, вазифаҳои асосӣ ва иловагии шаклҳои грамматикии исм, усул ва қолабҳои калимасозӣ, таҳлили хелҳои калимасозӣ аз ҳамин қабил масъалаҳои назариявӣ мебошанд, ки таҳқиқи илмии онҳо ба омӯзиши дигар соҳаҳои грамматика низ ёрӣ мерасонад.

Забоншиносони тоҷик ҳоло ба таълифи грамматикаи илмии забони тоҷикӣ камар бастанд, ки он таҳқиқи алоҳида ва махсуси категорияҳои грамматикӣ, аз ҷумла таҳқиқи алоҳида ва илмии дар як ҳиссаи нутқро ба миён гузошт. Аз ин нуқтаи назар дар забони адабии ҳозираи тоҷик танҳо як ҳиссаи нутқ – феъл алоҳида мавриди муҳокима қарор гирифта буд, дигар ҳиссаҳои нутқ асосан дар ҳаҷми грамматикаи мактабӣ таҳлил шудаанд, ҳол он ки дар грамматикаҳои мактабӣ таҳлили чуқури илмӣ кам дида мешавад [3, 187].

Исм ҳиссаи калонтарини нутқ ба шумор меравад. Доир ба масъалаҳои ҷудогона ва умумии исм дар забони тоҷикӣ ҳарчанд мақолаҳо навишта шуда бошад ҳам, исм ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ алоҳида мавриди таҳқиқ карор нагирифта буд ва дар ин бора ҳанӯз асари монографӣ таълиф нашудааст.

Дар таҳқиқу таҳлили ҳиссаҳои нутқ олимони тоҷик хизмати босазое кардаанд. Аз ҷумла доир ба исм, ки таҳқиқи он ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ масъалаи басо нозук ва мубоҳисавии соҳаи морфология – таснифоти ҳиссаҳои нутқро ба миён мегузорад. Таҳқиқи ин масъала нишон медиҳад, ки меъёри лексикиву грамматикии таснифоти ҳиссаҳои нутқ асосан дуруст аст. Ҳангоми таснифот маънои луғавии калима, хусусиятҳои морфологӣ, калимасозӣ, инчунин вазифаи синтаксисии он ба ҳисоб гирифта мешавад. Калимаҳои таркибан якхелаи забони тоҷикӣ ҳангоми ба ҳисоб гирифтани ин ҷиҳатҳо ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ мансуб шуда меманад.

Калима воситаи асосии бойшавии таркиби луғавии забон мебошад. Бисёри калимаҳои нав, ки дар натиҷаи дигаргуниҳои иҷтимоӣ, хоҷагӣ, техникӣ, инкишофи илму маданият ва ғайра пайдо шудаанд, бо роҳи калимасозӣ ба амал омадаанд.

Таҳлилу таҳқиқи калимасозии исм дар омӯзиши таркиби луғавии забон, ибораҳои рехтаву озод ва таснифоти онҳо низ аҳамияти калон дорад [5, 4].

Мавзӯе, ки мо барои баррасии он кӯшиш намудем, чунин унвон гирифтааст: «Хусусиятҳои луғавию грамматикии ҳиссаҳои нутқ дар «Девон»-и Рӯдакӣ (Саҳ.51-77)».

Исм. Исм ҳиссаи нутқест, ки ашё ва мафҳумҳои ашёро ифода менамояд. Маънои ашёии исм ба воситаи категорияҳои муайяниву номуайянӣ ва шумора ифода мешавад. Исм ҳамчун ҳиссаи нутқ номи чизҳои моддӣ (санг, об, замин, дарахт), шахс (падар, модар, бародар, мард), ҷонварон (гург, гӯсфанд, моҳӣ), ҳодисаву воқеа (борон, барф), инчунин номҳои амалу аломат ва мафҳумҳои маънӣ (хониш, нағзӣ, дониш, заковат)-ро мефаҳмонад [2, 90].

Таҳлили таркиби морфологии калима аз вазифаҳои асосии морфология ба шумор меравад. Калима ҳамчун унсури маънидор ва дорои мафҳуми муайян аз воҳидҳои мураккаби нутқ ба шумор меравад. Калима дар баробари маънои луғавӣ доштанаш, як ё якчанд маънои грамматикиро таҷассум карда метавонад. Аз ин рӯ исмҳои зиёде ҳастанд, ки ба морфемаҳои гуногун тақсим мешаванд ва ҳар як морфемаҳои он маъно ва вазифаи муайян дорад [2, 106].

Дар усули морфологии калимасозии исм пасвандҳо мавқеи асоссиро ишғол мекунанд. Вазифаи асосии ҳар як пасванд ба он муайян карда мешавад, ки вай ба калимаи сохтааш чӣ гуна маъно мебахшад. Пасвандҳо дар ҳамин замина тасниф карда мешаванд [2, 110].

Исмҳои моддӣ гурӯҳи махсусро ташкил мекунанд. Исмҳое, ки инсон ва ашёҳои олами ҳастиро ифода менамоянд, исмҳои моддӣ меноманд: *санг, дил, оҳан, барг, абр* ва мисли инҳо.

Мисол:

Қасам бар он <u>дил</u>и <u>оҳан</u> хурум, ки аз сахтӣ,
Ҳазр тарҳ ниҳод-ст <u>санг</u>и хороро [1, 51-77].

Гирифт хоҳам зулфайни анбарини туро,
Ба бӯса нақш кунам <u>барг</u>и ёсамини туро [1, 51-77].

Чархи бузургвор яке лашкаре бикард,
Лашкар-ш <u>абр</u>и тираву боди сабо нақиб [1, 51-77].

Исмҳои моддӣ шумурдашаванда буда, миқдори онҳо низ ба адад таъйин карда мешавад: *ду лола, як раҳ* ва амсоли инҳо.

Ба ҳиҷоб андарун шавед хуршед,
Гар ту бардорӣ аз ду лола ҳиҷеб [1, 51-77].

Ҳар он замин, ки ту як раҳ бар ӯ қадам биниҳӣ,
Ҳазор саҷда барам хоки он замини туро [1, 51-77].

Исмҳои моддӣ вобаста ба узви инсон: *даст, забон, чашм, дил, хун, пой, дандон, муй* ва ғ.

Мисол:

Ҳарчанд навбаҳор ҷаҳон аст ба чашм хуб,
Дидори хоҷа хубтар он - меҳтари ҳасиб [1, 51-77].

Шояд, ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,
Гетӣ ба дил ёфт шабоб аз пайи машиб [1, 51-77].

Исо ба раҳе дид яке кушта фитода,
Ҳайрон шуду бигрифт ба дандон сари ангушт [1, 51-77].

Исмҳои моддӣ вобаста ба ҷирмҳои осмонӣ: *ситора, кайвон, барф, борон* ва ғ.

Мисол:

Сапеду симрада буду дурру марҷон буд,
Ситораи саҳарӣ буду қатраборон буд [1, 51-77].

Яке намонд кунун з-он ҳама бисуду бирехт,
Чи наҳс буд? - Ҳамоно, ки наҳси Кайвон буд [1, 51-77].

Борони мушкбӯй биборид нав ба нав,
В-аз барф баркашид яке ҳуллаи қасиб [1, 51-77].

Исмҳои маънӣ бештар аз сифат, исм, феъл ва сифати феълӣ ба воситаи пасванди **–ӣ** *шодӣ, сахтӣ, фасонаворӣ, ҳиндӣ, некӣ,* ғуломӣ, *бандагӣ, ҳисорӣ* ва ғ. Сохта мешаванд.

Мисол:

Некии ӯ ба ҷойгоҳи бад аст,
Шодии ӯ ба ҷойи темор аст [1, 51-77].

Неки ӯро фасонаворӣ шав,
Бади ӯро камтар-т сахт битанҷ [1, 51-77].

Ту Рӯдакӣ ба ғуломӣ қабул агар бикунӣ,
Ба бандагӣ написандад ҳазор Дороро [1, 51-77].

Дар забони адабии тоҷик миқдори исмҳои соддаи маънӣ кам нестанд: *зеб, оро, мушк, соро, қасам, мурувват, тамаъ, суд, ҷон, равон, ҳақ, сипо, хоҷа, қасиб, нагма, лаҳнак, насиб, ҳабиб* ва ғ.

Мисол:

Зиҳӣ, фузуда ҷамоли ту зебу ороро,
Шикаста сунбули зулфи ту мушки сороро [1, 51-77].

Қасам бар он дили оҳан хурум, ки аз сахтӣ,
Ҳазр тарҳ ниҳод-ст санги хороро [1, 51-77].

Биё, инак нигаҳ кун Рӯдакиро,
Агар бе ҷон равон хоҳӣ танеро [1, 51-77].

Пасванди –гор дар забони ҳозираи тоҷик каммаҳсул мебошад. Дар девони устод Рӯдакӣ низ (аз саҳ.51-77) ҳамагӣ истифодаи як калима *рӯзгор*, ки аз исму пасванди **гор** сохта шудааст, ду маротиба ба назар мерасад, дар девон ба таври зайл истифода шудааст:

Мисол:

Якчанд рӯзгор ҷаҳон дардманд буд,
Беҳ шуд, ки ёфт буйи суманбодро табиб [1, 51-77].

На наҳси Кайвон буду на рӯзгори дароз,
Чи буд? – ман-т бигӯям: Қазои Яздон буд [1, 51-77].

Пасванди –ор бемаҳсул аст. Вай аз асоси замони ҳозираи феъл бо пасванди **-ор** сохта мешавад. Мисол: *дид**ор**, хубдид**ор**, гирифт**ор*** ва ғ.

Мисол:

Набиди рӯшану дидори хубу руйи латиф,
Агар гарон буд, зӣ ман ҳамеша арзон буд [1, 51-77].

Дониши ӯ на хубу чеҳра-ш хуб,
Зиштқирдору хубдидор аст [1, 51-77].

Пасванди –а ҳарчанд, ки дар забони адабии ҳозира сермаҳсул ба назар расад ҳам, аммо дар девони Рӯдакӣ бо ин роҳ калимасозӣ кам ба чашм мерасад. Мисол: климаи *замон**а**, ранҷ**а*** ду маротиба ва калимаи *ном**а*** як маротиба мушоҳида мешавад.

Мисол:

Замона панде озодвор дод маро,
Замонаро чу накӯ бингарӣ, ҳама панд аст [1, 51-77].

Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас,
То кас накунад ранҷа ба дар кӯфтанат мӯшт [1, 51-77].

Дилам хизонаи пурганҷ буду ганҷ сухан,
Нишони номаи мо муҳру шеър унвон буд [1, 51-77].

Пасванди –ак сермаҳсул буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм месозад. Дар девон ба воситаи пасванди **-ак** (аз саҳ.51-77) ҳамагӣ шаш калима сохта шудааст. Мисол: *пӯп**ак**, бонг**ак**, чодар**ак**, лаҳн**ак**, тор**ак**, канис**ак*** ва амсоли инҳо.

Пӯпак дидам ба ҳаволйӣ Сарахс,
Бонгак барбурда бар абр-андаро [1, 51-77].

Чодараке дилам рангин бар ӯ,
Ранг басе гуна бар он чодаре [1, 51-77].

Сулсул ба сарвбун - бар бо нагмаи куҳан,
Булбул ба шохи гул - бар бо лаҳнаки гариб [1, 51-77].

Пасванди –дон сермаҳсул буда, аз исмҳои моддӣ исми зарфият месозад. Аммо бо ин пасванд (**-дон)** дар девони Рӯдаки (аз саҳ 51-77) ҳамагӣ се калима сохта шудааст. Мисол: *сангд**он**, занаҳд**он**, сухан**дон.***

Мисол:

Басо дило, ки ба сони ҳарир карда ба шеър,
Аз он сипас, ки ба кирдори сангу сангдон буд [1, 51-77].

В-он занаҳдон ба себ монад рост,
Агар аз мушк хол дорад себ [1, 51-77].

Ҳамеша чашмам зӣ зулфакони чобук буд,
Ҳамеша гӯшам зӣ мардуми сухандон буд [1, 51-77].

Пасванди –гоҳ сермаҳсул буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм месозад, вале дар девони шоир (аз саҳ.51-77) бо ин пасванд ҳамагӣ як калма сохта шудааст: *ҷойг**оҳ***

Некии ӯ ба ҷойгоҳи бад аст,
Шодии ӯ ба ҷойи темор аст [1, 51-77].

Пасванди –сор каммаҳсул буда, вай танҳо бо чанд исми моддӣ омада, макон ва фаровонии онҳоро мефаҳмонад. Бо ин пасванд дар девон (аз саҳ.51-77) танҳо як калима сохта шудааст: *шоҳ**сор.***

Мисол:

Булбул ҳаме бихонад дар шоҳсори бед,
Сор аз дарахти сарв мар ӯро шуда муҷиб [1, 51-77].

Пасванди –ӣ дар исмзозӣ сермаҳсул мебошад:

1) аз сифатҳои аслӣ исми аломат месозад: *хуб**ӣ**, нек**ӣ**, бад**ӣ**, шод**ӣ**, сахт**ӣ*** ва ғ.

Мисол:

Чунон ки хубии меҳмону дӯст буд азиз,
Бишуд, ки боз наёмад, азиз меҳмон буд [1, 51-77].

Некии ӯ ба ҷойгоҳи бад аст,
Шодии ӯ ба ҷойи темор аст [1, 51-77].

Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,
Наздики Худованд бадӣ нест фаромушт [1, 51-77].

2) **аз исм исм месозад:** *ошиқ**ӣ**, дӯст**ӣ**, гет**ӣ**, ҳисор**ӣ**, одам**ӣ**, пирӯз**ӣ*** ва амсоли инҳо. Дар ин девон (аз саҳ.51-77) калимаи *дӯстӣ* ва *шодӣ* ду маротиба истифода шудаанд. Ҳамагӣ бо пасванди **-ӣ** 11 калима сохта шудааст.

Мисол:

Бо ошиқон нашину ҳаме ошиқӣ гузин,
Бо ҳар кӣ нест ошиқ, кам кун қариниё [1, 51-77].

Гар ман ин дӯстии ту бибарам то лаби гӯр,
Бизанам наъра, валекин зи ту бинам ҳунаро... [1, 51-77]

Шояд, ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,
Гетӣ бадил ёфт шабоб аз пайи машиб [1, 51-77].

Пасванди –иш серистеъмол, вале каммаҳсул аст. Вай аз асоси замони ҳорзираи феъл исми амал месозад: *гард**иш**, дон**иш**, оро**иш**, нез**иш*** ва ғ. Бо пасванди **-иш** ҳамагӣ 4 калима сохта шудааст. **Мисол:**

Ба як гардиш ба шаҳоншоҳӣ орад,
Диҳад дайҳиму тоҷу гӯшворо [1, 51-77].

Дониши ӯ на хубу чеҳра-ш хуб,
Зишткирдору хубдидор аст [1, 51-77].

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯйи тиб,
Бо сад ҳазор нузҳату ороиши аҷиб [1, 51-77].

Пасванди –ор бемаҳсул буда, аз асоси замони гузаштаи феъл исми амал месозад. Дар девони шоир бо пасванди **-ор** ҳамагӣ ду калима сохта шудааст: *дид**ор**, хубдид**ор**.*

Мисол:

Ҳарчанд навбаҳор ҷаҳон аст ба чашм хуб,
Дидори хоҷа хубтар он - меҳтари ҳасиб [1, 51-77].

Дониши ӯ на хубу чеҳра-ш хуб,
Зишткирдору хубдидор аст [1, 51-77].

Исмҳои мураккаби тобеъ. Дар забони адаби тоҷик тарзи тобеъ сермаҳсултарин қолиби калимасозии исм ба шумор меравад. Дар исмҳои мураккаби тобеъ яке аз ҷузъҳои калима асосӣ буда, дигаре ба он тобеъ аст ва дар онҳо муносибати гуногуни ҷузъҳо: муайянкунандагӣ, пуркунандагӣ, субъектӣ ва ҳолӣ мушоҳида мешавад.

а) **Қолиби исму исм.** Ин қолиб дар забони адабии тоҷик сермаҳсул ба ҳисоб меравад: *ситамкор, лоларух, саркор.*

Мисол:

Ин теғ на аз баҳри ситамкорон карданд,
Ангур на аз баҳри набиз аст ба чархушт [1, 51-77].

Май ҳасту дирам ҳасту бути лоларухон ҳаст,
Ғам нест в-агар ҳаст, насиби дили аъдост! [1, 51-77].

Чу пусти рӯбаҳ бинӣ ба хони вотгарон,
Бидон, ки туҳмати ӯ дунбаи ба саркор (?) аст! [1, 51-77].

б) **Қолиби сифату исм** – ин таври калимсозии исмҳои мураккаби тобеъ, ки ҷузъи асосӣ исм ва ҷузъи тобеъ сифат мебошад, сермаҳсул ва серистеъмол аст: *навбаҳор, хирасар, хубдидор* ва ғ.

Мисол:

Ҳарчанд навбаҳор ҷаҳон аст ба чашм хуб,
Дидори хоҷа хубтар он - меҳтари ҳасиб [1, 51-77].

Ба хирасар шумарад серхурда гурснаро,
Чунон ки дарди касон бар дигар касе хор аст [1, 51-77].

в) **Қолиби шумораву исм** – ин қолиби калимасозӣ кммаҳсул аст. Калимаҳое, ки бо ин роҳ сохта мешаванд зиёд ба назар намерасанд. Дар девони шоир бо ин усул ҳамагӣ як калима: *садбарг* сохта шудааст.

Мисол:

Гулу садбаргу мушку анбару себ,
Ёсамини сапеду мӯрди базеб [1, 51-77].

г) **Қолиби сифати феъливу исм** – ин қолиби калимасозӣ дар исм бемаҳсул ба назар мерасад. Дар девони шоир бо ин қолиб ҳамагӣ як калима: *шикастабиёбон* мушоҳида мешавад.

Мисол:

Басо шикастабиёбон, ки боғи хуррам буд,
Ва боғи хуррам гашт, он кӯҷо биёбон буд [1, 51-77].

Усули омехтаи калимасозӣ. Дар забони тоҷикӣ исмҳое ҳастанд, ки аз калимаҳои сода, сохта ва мураккаб, ки дар фаслҳои гузашта дидем таркибан фарқ мекунанд. Ин гурӯҳ ба ду ва ё зиёда асос ё ва вандҳои калимасоз тақсим мешаванд. Дар калимасозии омехта пасванди **-ӣ** сермаҳсул ва серистеъмол мебошад. Дар девони Рӯдакӣ мо кӯшиш намудем то ҷое барои пайдо намудани калимаҳое, ки бо роҳи омехта сохта шуда бошанд мисол оварем, аммо атиҷаи таҳқиқ нишон дод, ки дар девон як калима: ***шаҳаншоҳӣ***, истифода гардидааст, ки дар ин ҷо калимаи *шаҳаншоҳӣ* ду зинаи калимасозиро тай кардааст. Дар зинаи аввал *шаҳаншоҳ,* дар зинаи дуюм бошад тавасути пасвади **-ӣ** *шаҳаншоҳӣ* шудааст.

Мисол:

Ба як гардиш ба шаҳаншоҳӣ орад,
Диҳад дайҳиму тоҷу гӯшворо [1, 51-77].

Сифат. Сифат ҳиссаи мустақили нутқ буда, аломату хусусияти ашёро ифода мекунад. Дар забони тоҷикӣ ба воситаи пешвандҳо сохта шудани сифат низ воситаи сермаҳсули калимасозии ин ҳиссаи нутқ ба ҳисоб меравад.

Пешванди ба- ин пешванд сермаҳсул буда, аз исм сифати аслӣ месозад, ки мазмунан ба ягон хосият ё аломат соҳиб будани ашёро мефаҳмонад, аммо дар девони Рӯдакӣ бо ин қолиб ҳамагӣ як калима: ***ба**зеб* сохта шудааст.

Мисол:

Гулу садбаргу мушку анбару себ,
Ёсамини сапеду мӯрди базеб [1, 51-77].

Сифатҳои мураккаб. Бо роҳи васлшавии калимаҳо сохта шудани сифатҳо аз сермаҳсултарин усулҳои сифатсозист. Воситаи асосии ташкили сифатҳои мураккаб бо ин роҳ ба ҳам васл шудани ду ва ё зиёда калимаҳо мебошад. [2, 145].

Сифатҳои мураккаби тобеъ аз исму исм, сифату исм ва исму асоси замони ҳозираи феъл сохта мешаванд.

Исму исм –*мушкбӯй, қатраборон, мушкинмӯй, норпистон* ва ғ.

Мисол:

Борони мушкбӯй биборид нав ба нав,
В-аз барф баркашид яке ҳуллаи қасиб [1, 51-77].

Сапеду симрада буду дурру марҷон буд,
Ситораи саҳарӣ буду қатраборон буд [1, 51-77].

Ҳаме чи донӣ, ай моҳрӯйи мушкинмӯй, [1, 51-77].
Ки ҳоли банда аз ин пеш бар чӣ сомон буд?! [1, 51-77]

Сифату исм –*пурганҷ, зишткирдор*, *хубдидор* ва ғ.

Мисол:

Дилам хизонаи пурганҷ буду ганҷ сухан,
Нишони номаи мо муҳру шеър унвон буд [1, 51-77].

Дониши ӯ на хубу чеҳра-ш хуб,
Зишткирдору хубдидор аст [1, 51-77].

Исму асоси замони ҳозираи феъл – оини *гирдгардон,* мардуми *сухандон,* бути *мулукфиреб* ва ғ.

Мисол:

Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест гирду гардон аст,
Ҳамеша, то бувад ойин-ш, гирдгардон буд [1, 51-77].

Ҳамеша чашмам зӣ зулфакони чобук буд,
Ҳамеша гӯшам зӣ мардуми сухандон буд [1, 51-77].

Ин ҳма яксара тамом шудаст,
Назди ту, ай бути мулукфиреб [1, 51-77].

Сифатҳои умумиҷузъ. Дар забони тоҷикӣ хели дигари сифатҳои таркибӣ дида мешавад, ки онҳоро сифатҳои мураккаби умумиҷузъ мегӯянд: *пурнақшу нигор,* дар девони шоир бо ин қолиби калимасозӣ танҳо як калима сохта шудааст, ки он дар назм ба таври зайл истифода шудааст.

Мисол:

Акнун зи баҳори монавитабъ
Пурнақшу нигор ҳамчу "Жанг" аст [1, 51-77].

Феъл. Феъл чунин ҳиссаи мустақили нутқ мебошад, ки амал ва ҳолату вазъиятро ҳамчун амал мефаҳмонад ва дорои категорияҳои хоси худ мебошад. Масалан, чунин феълҳо амал, кору ҳаракатро ифода мекунанд: *шикаста, хӯрдан, ҷустан, шунид, даромад, нолид* ва амсоли инҳо.

Мисол:

Зиҳӣ, фузуда ҷамоли ту зебу ororo,
Шикаста сунбули зулфи ту мушки сороро [1, 51-77].

Ба Ҳақ нолам зи ҳаҷри дӯст зоро,
Саҳаргоҳон чу бар гулбун ҳазоро [1, 51-77].

Ин позер бояд туро, на сутун,
На девори хишту на з-оҳан даро! [1, 51-77].

Пешвандҳои шаклсози феъл. Як гурӯҳи пешвандҳои феъли забони тоҷикӣ бо феъл омада, шаклҳои грамматикӣ месозанд ва ба воситаи онҳо тобишҳои нави грамматикӣ ва услубии феълҳо – ҳамчун инкор, замон, оҳангнокии сухан ва ғайра ифода меёбад, ин гуна пешвандҳо маънои аслии (лексикии) феълро тағйир дода метавонанд ва бинобар ин пешвандҳои шаклсоз номида мешаванд: ***на, би, ме.*** [2, 186].

Бо пешванди на- ба феъл ҳамроҳ шуда, шакли инкор (манфӣ) месозад ва нашудани кору ҳолатеро мефаҳмонад: *нашин, наёмад, надид, набуд, намонд, надонист* ва ғ.

Мисол:

Бо ошиқон нашину ҳаме ошиқӣ гузин,
Бо ҳар кӣ нест ошиқ, кам кун қариниё [1, 51-77].

Чунон ки хубии меҳмону дӯст буд азиз,
Бишуд, ки боз наёмад, азиз меҳмон буд [1, 51-77].

Худ хуру худ деҳ, кучо набуд пушаймон,
Ҳар кӣ бидоду бихурд, аз он чи биялфахт?! [1, 51-77].

Бо пешванди би- дар забони адабиёти класикӣ (дар назму наср) ҳамчун қоидаи умумӣ серистеъмол буд ва бо бисёр шаклҳои замонӣ ва сиғавии феъл меояд. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик меъёри истеъмоли ин пешванд тағйир ёфта, дар назм бештар ва дар наср хеле кам мушоҳида мешавад. ***би**кушад, **би**яфсурд*, ***би**гдохт, **би**суд, **би**рехт* ва ғ.

Мисол:

Гуфто, ки киро кушт, то кушта шуди зор,
То боз кӣ ӯро бикушад, он ки туро кушт?! [1, 51-77]

Ҳар ду як гавҳврвнд, лке ба табъ,
Ин бияфсурду он дигар бигдохт [1, 51-77].

Яке намонд кунун з-он ҳама бисуду бирехт,
Чи наҳс буд? - Ҳамоно, ки наҳси Кайвон буд [1, 51-77].

Бо пешванди бар- ***бар**афурӯзӣ, **бар**кашид, **бар**дамад, **бар**дошт, **бар**озурданист* ва ғ.

Мисол:

Чу ораз барфурӯзӣ, мебисӯзад,
Чу ман парвона бар гирдат ҳазоро [1, 51-77].

Борони мушкбӯй биборид нав ба нав,
В-аз барф баркашид яке ҳуллаи қасиб [1, 51-77].

Тундар миёни дашт ҳаме бод бардамад,
Барқ аз миёни абр ҳаме бар кашад қазиб [1, 51-77].

Шумора. Шумора ҳиссаи номии нутқ буда, миқдор ва тартиби ашёҳоро ифода мекунад. Шумора ба саволҳои чӣ қадар, чандум ҷавоб мешавад: *ҳазор, як, сад, ду* ва мисли инҳо.

Дар девони Рӯдакӣ шумораҳо он қадар зиёд истифода нашудаанд, танҳо шумораи *ҳазор* – 9 маротиба, *як* – 3 маротиба, шумораҳои *сад* ва *ду* як маротиба истифода шудаанд, ки аз ҷиҳати сохт сода ба назар мерасанд.

Мисол:

Ҳар он замин, ки ту як раҳ бар ӯ қадам биниҳӣ,
Ҳазор саҷда барам хоки он замини туро [1, 51-77].

Ҳазор бӯса диҳам бар сиҳои нома ту,
Агар бубинам бар муҳри ӯ нигини туро [1, 51-77].

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯйи тиб,
Бо сад ҳазор нузҳату ороиши аҷиб [1, 51-77].

Зарф. Зарф ҳиссаи мустақили нутқ буда, аломати амал, ашё ва аломати амалро мефаҳмонад. Зарф аз рӯи маъно ба хелҳои зерин ҷудо мешавад: тарзи амал, миқдору дараҷа, замон, макон, сабаб ва мақсад.

Зарфҳо низ ба мисли шумораҳо дар девон зиёд мушоҳида намешаванд, танҳо зарфи тарзи амал: *яксара* ва зарфи замон *саҳаргоҳон* ва *имрӯз* 2-маротиба истифода шудааст.

Мисол:

Ин ҳма яксара тамом шудаст,
Назди ту, ай бути мулукфиреб [1, 51-77].

Ба Ҳақ нолам зи ҳаҷри дӯст зоро,
Саҳаргоҳон чу бар гулбун ҳазоро [1, 51-77].

Имрӯз, ба ҳар ҳоле Бағдод Бухорост,
Кучо мири Хуросон аст, пирӯзӣ он ҷост [1, 51-77].

Хулоса, адиб бо маҳорати хоса аз чунин бахши калимаҳо хуб ва пурмаҳсул истифода намудааст. Шоир бо корбурди хусусиятҳои луғавию грамматикии ҳиссаҳои нутқ тавонистаанд, то ҷое забони осорашонро гуногунранг ва дилчаспу ҷолиби диққат намоянд.

Адабиёт:

1. Ахтарони адаб. Ҷилди 1. – Душанбе, 2012.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Фонетика, морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
3. Исмоилов И. Зарф дар забони адабии ҳозираи тохик. – Душанбе, 1971.
4. Муҳаммадиев М. Принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ. Масъалаҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1967. – 134 с.
5. Ниёзӣ Ш. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ. Очеркҳо оид ба грамматикаи забони тоҷикӣ. Ҷ. 7. –

Сталинобод, 1954.
6. Ниёзӣ Ш. Оид ба ҳиссаҳои номии нутқ дар забони тоҷикӣ. – Сталинобод: «Известия АН Тадж. ССР». 1954, № 5.
7. Рустамов Ш. Исм категорияҳои грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи исм дар системаи ҳиссаҳои нутқ. – Душанбе: Дониш, 1981. – 219 с.
8. Рустамов Ш. Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм. – Душанбе, 1972.
9. Хоркашев С. Истилоҳоти калимасозӣ. – Душанбе, 2012.
10. Хоркашев С. Ташаккули таркиби луғавӣ ва калимасозӣ. – Душанбе, 2014. – 106 с.

Калидвожаҳо: *калимасозӣ, калимаҳои мураккаб, таркиби калима, унсури калимасозӣ, факки изофат, васлшавии калимаҳо, қолибҳои калимасозӣ, муносибати атрибутивӣ.*

Аннотация

ЛЕКСИКО-ГРАММАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ЧАСТЕЙ РЕЧИ В «ДЕВАНЕ» РУДАКИ (АХТАРОНИ АДАБ. С. 51-77)

Словообразование является важнейшим способом обогащения словарного состава языка. С развитием структурного состава имен существительных постоянно совершенствуются и развиваются пути и модели словообразования этой части речи. Изменения словообразовательной структуры имен существительных осуществляюются в рамке грамматического строя и внутренних закономерностей языка. Важным источником выявления особенностей словообразования современного таджикского литературного языка являются произведения современных таджикских писателей, поэтому материалом для исследования структуры слов детерминативного типа в настоящей статьи послужили тексты прозаических произведений Абуабдуллох Рудаки.

Ключевые слова: *словообразование, сложные слова, структура слов, элементы словообразования, сокращение изафета, соединение слов, модели словообразования, атрибутивное отношение.*

Annotation

LEXICO-GRAMMATIC FEATURES OF PARTS OF SPEECH IN THE "DEVAN" OF RUDAKI (AKHTARONI ADAB. Pp. 51-77)

Word-building is the most significant way of enriching Tajik language's lexis. Connected to compound nouns, form and methods of word-building regularly evolves and develops. Change and improvement of word-building appears according to regularity of development of language. And studying the works of writers one of the essential matters. With understanding this significance, in the article is studied the main forms of building words of determinative type.

Key words: *word-building, compound words, structure of word, element of word-building, connecting words, forms of word-building, attribute of relation*

Маълумот дар бораи муаллифон: Валиев Ҷамшед Абдурасулович, ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ, муовини декан оид ба корҳои тарбиявии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Телефон: 907048591

Тоирзода Абдусаломи Раҳим, докторанти PhD-и кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

Ҳафизова Шукрона Маҳмадхоновна, омӯзгори Муассисаи таҳсилоти минаи умумии №100, н.Шоҳмансур, ш. Душанбе

Сведение об авторах: Валиев Джамшед Абдурасулович, ассистенти кафедра теория и практики лингвистика, заместитель декана по учебной работе ТГПУ им. Садриддина Айни. Телефон: 907048591

Тоирзода Абдусаломи Рахим, докторант PhD кафедра теория и практики языкознания ТГПУ им. С.Айни.

Хафизова Шукрона Махмадхоновна, преподаватель ГОУ №100, Шохмансурского района, г. Душанбе.

About the authors: Valiev Jamshed Abdurasulovich, assistant of the Department of Theory and practice of linguistics, Deputy Dean for Educational Affairs of Sadriddin Aini Tajik State University. Phone number: 907048591

Toirzoda Abdusalomi Rahim, first year doctoral PhD in the Chair of Theory and Practice of Linguistics of the Tajik State Pedagogical University by named Sadriddin Ayni.

Hafizova Shukrona Mahmadhkonovna, Teacher of General Mine Educational Institution №100, Shohmansur district, Dushanbe city.

Сафарова Рафоат,
магистранти соли дуюми факултети забонҳои романӣ- германӣ

ЗАБОН ВА УСЛУБИ БАДЕӢ ДАР АСАРҲОИ ФРАНСУА РЕНЕ

Забон дар асари бадеӣ воситаи асосии тасвири воқеият ба шумор меравад. Забони ҳар як нависанда, забони ҳар асар қисми ҷудонашавандаи забони умумихалқӣ ва адабии миллат мебошад. Забони маданият ва ҳаёти сиёсиву иқтисодии халқро дар бар мегирад.

Ислоҳоту терминҳои сиёсиву давлатӣ, таъбир ва мафҳумҳои маданию иқтисодӣ ҳамагӣ фонди луғавии забони умумихалқӣ ва адабии ҳар миллат аст. Аммо нависанда дар асари худ ҳамаи ин калимаву ибораҳоро кор намефармояд. Чунон, ки расом барои офаридани расму сурат рангҳои ба худ заруриро интихоб мекунад, нависанда ҳам барои тасвири бадеӣ ва инъикос намудани воқеаҳои зиндагӣ адабии ҳар миллат боигарии луғатҳои соҳаҳои гуногуни илму ва хислатҳои инсонӣ аз забони умумии адабӣ калимаву ибораҳои ба худ даркориро интихоб карда мегирад.

Пас, яке аз хусусиятҳои аввалини забони нависанда ва асари бадеӣ дар он аст, ки нависанда аз фонди умумии забони адабӣ калимаву таъбирҳои ба худ заруриро интихоб мекунад. Чунончи шоир барои таъсирбахш ва хушоҳанг баромадани шеър калимаҳои ҳамқофия, ҳамвазн, хушсадо ва форамро интихоб мекунад. Нависанда барои бархоставу мучассам нишон додани каҳрамонони асараш барои равшантар намудани хислату характери онҳо забони онҳоро аз ҳам фарқ мекунад, яъне хислату характери шахсҳо на танҳо дар тасвири сурати зоҳирии онҳо, балки дар забони гуфтугуиашон низ намудор мегардад.

Дар байни нависандагони фаронсавӣ Франсуа Рене Огюст Шатобриан бо забон ва услуби хоси худ аз дигар адибон фарқ мекунад. Мавқеи ин адиб дар ташаккули романтизм дар адабиёти Фаронса хело назаррас аст. “Франсуа Рене давоми умри бобаракати худ мероси гаронбаҳоеро барои дӯстдорони адабиёт боқӣ гузошт. Асарҳои вай “Омӯзиши инқилобҳо”, “ Рӯҳи дини исавӣ”, “Атала”, “Рене” ҳанӯз ҳангоми зиндагиаш шуҳрати ин адиби нуктасанҷро ба авҷи аъло бурданд”[3, 267]. Дар асарҳои Франсуа Рене моҳирона кор фармудани боигариҳои забони зинда барои пурра ва образнок баён намудани идеяи асоси воситҳои тасвири бадеӣ роли муҳим бозидааст. Таҳлили забон ва услуби нависандагии Франсуа Рене вобаста ба мазмуну мундариҷаи идеявии асарҳояш гуногун аст. Зеро дар осори ӯ ҳар як калима, таркиб, ибора ва ҷумла дақиқназарона бо ифодаи хос бо табиҳои маъноии худ предмети ҳаёт,мароми зиндагӣ ва ғояю идеали шахс, халқу миллатро нишон медиҳад. “Забон дар асарҳои Франсуа Рене на танҳо воситаи тасвир, балки яке аз воситаҳои ба вуҷуд овардани тип ва характерҳои адабӣ низ мебошад.Забони асари бадеӣ дар муайян намудани услуби нависанда низ аҳмияти калон дорад. Ба услуб ҳам ғояҳои асосии эҷодиёти нависанда ҳам тарзи нигоришу таълиф ҳам воситаҳои тасвири бадеӣ ба хусусиятҳои забони асарҳои бадеӣ инчунин ҷаҳонбинии худи нависанда дохил мешавад” [3, 268].

Аз ин ҷиҳат услуб бо методи эҷодӣ равияи умумии адабиётро муайян мекунад. Услуб дар таҷрибаи эҷодии ҳар як нависанда ё мактабу ҷараёни адабӣ зоҳир шудани ҳамаи методи эҷодӣ мебошад. Услубро ба маънои маҳдуд ва тангтар низ кор мефармоянд. Ва дар ин маъни услуб бештар ба забон ва воситаҳои бадеии тасвир вобаста мешавад. Дар ин маъни услубро гоҳо сабк ҳам мегӯянд.Чунончи, «Сабки Бедил», сабки асарҳои насрии С.Айнӣ ва ғайра. Дар асарҳои бадеӣ калимае нест, ки вай бе ягон мақсад истеъмол карда шавад. Ба ифодаи адабиётшиносон гӯем, «Дар асари бадеӣ ҳар як калима воситаи муҳими тасвирӣ» дорад. Онҳо дар як ҷо қиммати муайяни эстетикӣдошта бошанд, дар ҷои дигар ҳамчун воситаи муҳими ифодаи фикр хизмат мекунанд: калимаҳо баъзан бо ҳамдигар алоқаманд гардида, ҳарчанд ба таври бадеӣ ҳакиқатро тасвир накунанд ҳам, дар дили хонандагон таассуроте бедор намуда, як навъ мафҳуми муайянеро ифода мекунанд, ки ин бо вазифаи услубиашон алоқаманд аст. Предметҳои ҷудогона ва ҳодисаю вокеаҳо, ки дар асарҳои бадеӣ тасвир меёбанд, на дар вақти ба таври умумӣ, балки дар вақти айнан, ба таври конкретӣ ифода намудани онҳо тасаввур карда мешаанд. Аз ин ҷост, ки Франсуа Рене Огюст Шатобриан дар тасвири ҳодисаю воқеаҳо ҳама вақт калимаю ибораҳои мувофиқро моҳирона ҷо ба ҷо гузоштааст ва он завқи бадеии хонандаро нисбат ба асар дучанд менамояд.Завқи бадеии хонандагон нисбат ба асар дар он вақт зиёд мешавад, ки «нависанда бо тамоми нозукиҳо имкониятҳои бепоёни забони адабӣ ҳарон чӣ хубӣ ва зебоиро, ки дар табиат ва ҳаёти инсонӣ ҳаст, барҷаста нишон диҳад» [6, 138].

Дар асарҳои Франсуа Рене Огюст Шатобриан калимаҳо дар алоҳидагӣ ифоданок ва бадеӣ баромадаанд, ки ба онҳо ҳиссаҳои гуногуни морфологӣ буда, бо ифодаи махсус баён карда шудааст.

Нависанда дар асарҳояш тарзи гуфтугӯи гурӯҳҳои ҷудогонаи ҷамъият ва ҷиҳатҳои махсуси онҳоро,ки хоси ин ё он гурӯҳ мебошад нозукбинона истифода бурдааст. Франсуа Рене ҳангоми нишон додани хислатҳои ин ё он гурӯҳи сосиалии ҷамъият бештар ба забон ва тарзи гуфтори онҳо аҳмият медиҳад. Нависанда бо забон ва услуби ҳар як персонажи асари бадеӣ хусусиятҳои барҷастаи ба аҳли ин ё он миллат умумигардидаи як табақа, гурӯҳ ё сифатҳои ҷамъиятро тавсир мекунад, ки он персонаж то охири асар бо хислатҳои хоси худ намунаи он гурӯҳи ҷамъияти шуда мебарояд. Маҳз аз ҳамин ҷихатҳо, типикунонидани образҳо,фардӣ амал намудани персонажҳо ва мувофиқати хусусияти образҳо сар мезанад. Ба воситаи забон ва услуби ҳар як персонаж, ки вай намояндаи ягон гурӯҳ, табақа ва ё синф ҳисоб меёбад, хислатхои манфӣ ё мусбати гурӯҳҳои алоҳидаи як ҷамьият ифода карда мешавад. Нависанда ба воситаи онҳо дар бораи предмети тасвир тасаввуроти муайян пайдо мекунонад: вазьиятҳои амалу ҳолатро конкрет мегардонад, тезу тунд мекунад ва ғайра. Франсуа Рене кӯшиш ба харҷ додааст,ки ҳар як воқеа ва хусусиятҳои он маҳз аз он ҷиҳат нишон дода шавад, ки ба худ як хислати хоси ибратбахш дошта бошад.

Барои исботи гуфтаҳои боло ба забон ва услуби бадеии асарҳои ин адиби неруманди фаронсавӣ порчаи насриеро аз осори ӯ дида мебароем: Sans parents, sans amis, pour ainsi dire, sur la terre n' ayant point encore aimé, j ' étais accablé d'une surabondance de vie. Queluefois je rougissais subitement, et je sentais couler dans mon coeur comme des ruisseaux d'une lave ardente, quelquefois je poussais des cris involentaires, et la nuit était également troublée de mes songes et de mes veilles…[6, 192].

Аз ҷумлаҳои боло маълум мегардад, ки Франсуа Рене барои барҷаста баромадани забони асарҳояш аз фонди луғавии забони франсавӣ калима ва ибораҳоеро интихоб кардааст, ки дар алоҳидагӣ ифоданок ва бадеӣ баромадаанд. Ибораҳои «sans parents- бепадар», « sans amis – бедуст», «une surabondance de vie- фаровонии зиндагӣ», «des ruisseaux d' une lave ardent- ҷуйи сели сузон», «des cris involentaires-фарёдҳои тасодуфӣ», «des songes et des veilles – хобҳо ва шабҳои бехобӣ» барои нишон додани мақсади асосии нависанда истифода шудаанд.

Адабиёт:

1. Шокир Мухтор. Савтҳои Ховар. Маҷмӯа. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 240 с.
2. Шокир Мухтор. Замон ва тарҷумон. – Душанбе: Адиб, 1989. – 206 с.
3. Шокир Мухтор. Шамсиддин Ҳақназар. Баргузидаи насри Фаронса. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 560 с.
4. Штейн М.Н. Чернович. История французской литературы. – М.: Просвещение, 1988. – 228 с.
5. Anthologie de la literature franancaise. – Л., Просвещение, 1974. – 221 с.
6. Histoire illustr*é*e de la literature francaise. Didier. – Paris, 1942. – 871 p.

Калидвожаҳо: *нависанда, забон, мазмун, мундарича, асари бадеӣ, ислоҳот, калима, ибора, барҷаста, персонаж, адабиётшинос*

Аннотация

ЯЗЫК И ХУДОЖЕСТВЕННЫЙ СТИЛЬ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ ФРАНСУА РЕНЕ

В этой статье мы постарались кратко рассказать о языкЕ и художественной стиле в произведение Франсуа Рабле Огюст Шатобриан. В произведение Франсуа Рабле Огюст Шатобриан каждое слово, структура, выражение и фраза показывает точное характерное выражение, смысловые символы, предмет жизни, образ жизни и идеал личности. Франсуа Рене старалось, чтобы показать каждое событие и эта особенность является уникальной характеристикой его произведений.

Ключевые слово: *писатель, язык, содержание, оглавление, художественное произведение, реформы, слово, выражение, выдающаяся, персонаж, литературовед*

Annotation

LANGUAGE AND ARTISTIC STYLE IN THE WORK OF FRANCOIS RENAIS

In this article, we strive to describe the language and artistic style in the work of Francois Rabelais Augusta Chateaubriand. In the work of Francois is spoken with an exact characteristic expression, semantic symbol,the object of life, the lifestyle and the ideal of personality. François Rabelais tried to show each event and this features are an unique characteristic of his works.

Keywords: *writer, language, content, fly-sheet, polyptych, reform, word, phrasing, personage, persona, philological*

Маълумот дар бораи муаллиф: Сафарова Рафоат, магистранти соли дуюми факултети забонҳои романӣ-германии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Роҳбари илмӣ: Султонзода С.

Сведения об авторе: Сафарова Рафоат, магистрантка второго курса романно-германского факультета ТГПУ имени Садриддин Айни

About author: Safarova Rafoat, second year master student of the Department of Roman – Germanic of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini

Қурбонов Эраҷ Мулокаримович,
магистранти соли дуюми Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода

ДАВРАҲОИ РУШДИ НАЗАРИЯҲО ОИД БА ИСТИЛОҲШИНОСӢ

Забони тоҷикӣ дар раванди ташаккул ва инкишофи худ роҳҳои хеле душвору пурпечутобро тай карда, аз санҷишу имтиҳонҳои сахту сангини таърих гузаштааст ва имрӯз, яъне дар замони соҳибистиқлолӣ ва бунёди давлати миллӣ низ вазифаи худро ба сифати яке аз пояҳои асосии давлатдорӣ ва омили ҷомеасозу ваҳдатгузин идома дода истодааст. Дар даврони соҳибистиқлоӣ забони миллии тоҷикӣ мақому манзалати хосро соҳиб гашт ва дар арсаи ҷаҳон шинохта шуд, маҳз ҳамин рушду нумуъ ва тараққиёти забон буд, ки 5-уми октябри соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул гардид ва бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, пешвои миллат, президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин санна расман Рӯзи забони давлатӣ эълон гардид ва ба фехристи ҷашнҳои давлатӣ ва миллӣ ворид карда шуд.

Истилоҳсози фаолияти огоҳонаи инсон аст , яъне инсон метавонад бевосита ба он мудохила кунад. Ҳадафи он ҳарчи расотар, дақиқтар ва равшантар барои аҳли соҳа ва дигар мафҳум марбут ба ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ бошад, барои доираи васеътари ҷомеа, баён кардани мафҳуми нав аст. Ҳангоме, ки дар ҷомеа чунин мафҳумҳо пайдо мешаванд ва инсонҳо ба он бар мехуранд, дар навбати аввал сайъ мекунанд дар забони ҷории худ вожа ва ё таркиботе пайдо кунанд, ки аз ҷиҳати маъно наздики ва шабоҳат доранд ва барои аҳли фанн ё бештари мардум ошно буда, метавонад маънои мафҳуми навро инъикос намояд. Агар дар забон калимаи муносибе барои ифодаи чунин мафҳумҳо пайдо нагардид, онгоҳ фаъолияти калимасозии забон ба кор медарояд. Барои ин кор забон аз захираҳо ва имконоти дохилӣ инчунин васоили гуногуни дастури хеш, аз қабили калимасозӣ, мутобиқи суннатҳои ананавӣ , аз пешванду пасванд, нимвандҳо ва ғайраро истифода мебарад.

Дар забоншиносии тоҷик доир ба истилоҳ , истилоҳгузинӣ ва паҳлуҳои гуногуни илми истилоҳшиносӣ донишмандони забоншиносону муҳаққиқони барҷастаи зер таҳқиқоту пажуҳишҳои илмӣ гузарониданд ва дар ин самт асару рисолаҳои мухталифи арзишманде офаридаанд: Назарзода С.(Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гароиш ва дурнамо, 2013), Назарзода С (Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсии забони тоҷикӣ дар қарни ХХ, 2004), Назарзода С (Забон ва истилоҳот (Андешаҳо дар атрофи забони тоҷикӣ ва ташаккули истилоҳот), 2003), Нуров П.(Истилоҳ ва истилоҳсозӣ дар забони илмии тоҷикӣ, 2006), М. Шукуров (Назаре ба таҳаввули принсипҳои асосии истилоҳсозии тоҷикӣ , 1991), Калонтаров Я.И (Луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русии терминҳои забоншиносӣ, 1974), Калонтаров Я.И (Принсипҳои асосии терминалогияи забони тоҷикӣ, 1971), Мирзо Ҳасани Султон (Истилоҳоти илмии “Китоб-ут-тафҳим”-и Абурайҳони Берунӣ, 2003), Мирзо Ҳасани Султон (Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ, 2008), Л.Ш. Рачабов (Основные принципы химической терминологии на таджикском языке, 1967), А.И. Юсупов (Медицинские термины “Ҳидоят-ул-мутааллимин фи-т-тиб” Ахвайни Бухороӣ, 2005), Д.А.Ҳайдарова (Особенности медицинской терминологии в таджикском и английском языках, 2007), Х.А. Саидов (Система дипломатических терминов в таджикском и английском языках, 2013), Г.Саъдиева (Структурно- семантический анализ сельскохозяйственной терминологии в таджикском и английском языках, 2007), Т.К. Ҷураев (Отраслевая техническая терминология таджикского язчка, 2009).

Дар даврахои гузашта, вақте ки истилоҳот ва соҳаҳои корбурди онҳо кам буд, ҷудо кардани истилоҳот аз таркиби вожагони умумӣ мушкил буд, Вале дар асрҳои 18-19 пешрафтҳо ва кашфиётҳои бузурги илмӣ-техникӣ чеҳраи ҷаҳонро дигаргунм сохт, риштаҳои гуногуни илму фан ва соҳаҳои мухталифи фаъолияти инсон падид омад, ки ҳар кадом вожагони хоси худро талаб мекард. Дар натиыа соҳаи истилоҳоти забон густариш пайдо кард ва олимону донишмандон дар фикри ҷудо кардани онҳо аз вожагони умумӣ шуданд.

Азбаски инсонҳо барои фарқи падидаҳои модиву маънавии атрофи хеш ҳамеша дар фикри таҳлилу таҳқиқ буда, мехоҳанд барои онҳо қолабҳо сохта , меъёру таърифҳо муқаррар намоянд, аз ин рӯ истилоҳот низ аз ин “қонуни умумиӣ” барканор намонд. Донишмандон ба барраси он пардохта, ҳудуду марзҳо ва осори мушаххасоти онро муайян карданд. Дар натиҷа дар илми

забон риштаи алоҳидае ба вуҷуд омад ба номи истилоҳшиносӣ, ки омӯзиш ва танзими асосҳои назарӣ ва методологии истилоҳгузини ро ҳадафи асосии кори худ қарор дод.

Бояд гуфт, ки истилоҳшиносӣ ба таври куллӣ дар забоншиносии ҷаҳонӣ шохаи нисбатан ҷавон аст ва дар Иттиҳоди Шӯравӣ дар охири солҳои 20-уми асри гузашта пеш аз ҳама дар забони русӣ пайдо ва ташаккул ёфт. Зеро бахши истилоҳгузинии ин забон ҳампои таҳаввулоти иҷтимоиву сиёсӣ ва илмиву фарҳангии кишварҳои пешрафтаи аврупоӣ ва дастовардҳои илми забоншиносии нав инкишоф ёфт аягона забоне буд дар байни дигар забонҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, ки метавонист тамоми истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва илмӣ-техникии замони навро баён кунад.

Масъалаи истилоҳу истилоҳшиносӣ айни замон аз масъалаҳои муҳимтарини забоншиносии умумӣ аст. Ҳар чизе, ки ба таъйину таҳқиқи мафҳуми истилоҳ, таҳаввулу такомули он дар забон алоқаманд аст, илми забоншиносиро ба соҳаҳои дигари илму маърифат, ба таърихи модиву маънавии инсоният пайванд медиҳад.

Агар ба таъйини фалсафии мафҳуми истилоҳ назар афканем, мебинем , ки аз ин нуқтаи назар мафҳуми истилоҳ ду ҷиҳат дорад:

Якум , асосои таъйини фалсафии мафҳуми истилоҳро аломати моддияти он ташкил медиҳад, яъне ба воситаи истилоҳ дар шакли моддӣ натиҷаи тафаккур ифода меёбад.

Дувум, истилоҳ ҳамзамон бо дигар воситаҳои ифодаву баён дар дарёфти донишҳои нави умумибашарӣ мусоидат мекунад.

Бо таъйини фалсафии мафҳуми истилоҳ, таъйини мантиқии мафҳуми истилоҳ низ алоқаманд аст, зеро истилоҳ бо мафҳум робитаи мустақими ногусастани дорад, яне ҳар кадом мафҳум тавассути истилоҳ ифода карда мешавад.

Нахустин назарияҳои истилоҳшиносӣ дар илми забоншиносӣ дар ибтидои асри 20 пайдо шуданд. Донишманди забоншиноси рус А.Д Хютин қайд мекунад, ки Гриноф ва Китрил истилоҳотро бо формулаи риёзӣ, Э.Жилбер бо формулаи риёзиву кимёвӣ қиёс мекунад, яъне чун истилоҳот танҳо барои ифодаи мафҳумҳои мушаххас истифода мешаванд, онҳоро набояд ба таркиби луғавии забон дохил кард [1, 11-19].

Истилоҳ ҳамчун калима ё иборае дар ҳавзаи амалкарди илми муайян маънои хосе дорад ва мафҳуми мушаххасеро ба таври дақиқ ифода мекунад. Исилоҳи як соҳа метавонад дар соҳаи дигар маънои истилоҳии худро гум кунад ва ба сифати калимаи одӣ ва маъмул истифода шавад.

Нахустин роҳбарони фаъолияти истилоҳгузинӣ ва бунёдгузорони ин илм дар Иттиҳоди Шӯравӣ академк Д.С Лотте ва С.А Чаплинг буданд, ки дар ибтидои солҳои 30-юми асри 20 асосҳои назарӣ ва метадологии онро муайян намуданд. Дертар бо инкишофу пешрафти ин бахш, чуноне ки хоҳем дид пажуҳишҳои амиқу густурдае дар ин замина сурат гирифт,ки дар онҳо забоншиносон ва муҳаққиони забардасти истилоҳгузинии умумӣ ва забони русӣ роҷеъ ба паҳлӯҳои гуногуни назарӣ ва амалии ин масъала изҳори ақида кардаанд.

Бино ба ақидаи муҳаққиқони истилоҳшисносӣ, омӯзиши истилоҳгузинӣ ва назарияи он дар замони шӯравӣ аз мақолаи академик Д.С Лотте “Вазифаҳои навбатии истилоҳгузинии техникӣ” (1931) оғоз гардидааст. Осори чопшудаи ӯ дар солҳои 1937-1948 ба таври куллӣ асосҳои назарӣ ва метадалогияи истилоҳгузинии муосирро муқаррар намуданд, ки то кунун арзишу аҳамияти илмии худро гум накардаанд.Дар ин робита солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри 20 дар ҷумҳуриҳои миллӣ низ чунин кӯшишҳо аз тарафи забоншиносон ва аҳли маориф сурат гирифтааст. Масалан дар Озарбойҷон О.Б. Чупонзода, Ф. Оғозода, дар Ӯзбекистон- У. Турсунов талош варзидаанд, ки баъзе масъалаҳои умумии истилоҳгузинии забонҳои худро ҳаллу фасл намоянд.

Аммо барои бунёди дурусти пояҳои ин илми ҷавон – истилоҳшиносӣ бояд пеш аз ҳама таърифи илмии ин мафҳум ва соҳаи омӯзиши он, яъне истилоҳсозӣ мушаххас ва муайян карда мешуд. Ин масъала аз оғози пайдоиши чунин калимаҳо диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб карда буд ва посух металабид, ки инҳо чигуна луғатанд, чаро мехоҳанд худро маҳдуд кунанд, чаро дар фикри ишғоли мавқеи махсус дар таркиби луғавии забонанд, чӣ вижагӣ ва тафовут аз калимаҳои дигар доранд ва амсоли он?

Ҷолиб он аст, ки ба ин суолҳо аввалин бор фарҳангнависон ҷавоб гуфтанд ва барои «истилоҳ» таъриф сохтанд. Чунон ки пажӯҳишгарон менависанд, таърифи ин вожа дар забони русӣ танҳо дар охири асри XIX дар «Фарҳанги энсиклопедӣ»-и Ф. А. Бракгауз ва И. А. Ефрон мушоҳида мешавад. Дар он калимаи «истилоҳ» (дар русӣ «термин») чунин тариф шудааст:

“Истилоҳ (terminus)- дар назди римиёни қадим худованди сарҳадот, ки сангҳо ва нишонҳои сарҳадӣ дар ҳимояи он қарор доранд ва муқаддас ҳисоб мешаванд.” Сипас дар шарҳи он фарҳангшиносони маъруф идома медиҳанд: “Истилоҳ” -калимаест, ки мафҳуми муайян ва ё алоҳида ва ё дар таркиби фикр ва ё хулосабарори ба он мутобиқат мекунад...Истилоҳоти илмӣ калимаҳое ҳастанд, ки дар соҳаи илми мазкур дорои аҳамияти махсус буда, сахт муайян мебошанд [2, 473-474].

Сипас дар шарҳу тафсили он навиштаанд: «Истилоҳ (термин) (аз лотинии terminus-марз, ҳудуд) вожа ва ё таркиби вожагоне, ки ба як навъ маънои хоси илмӣ истеъмол мешавад. Системаи истилоҳотро (термин¬ҳоро) маъмулан истилоҳшиносӣ (терминология) меноманд. Дар мантиқи муосир вожаи истилоҳ (термин) бисёр вақт ҳамчун номи умумии «исмҳо» ба кор бурда мешавад, муҳосибаи мантиқӣ-риёзӣ (яъне номи термҳо), ки ҳангоми тафсир унсурҳои соҳаҳои моддиро баён мекунанд.»

Бино ба тақозои қонунҳои сохтмони фарҳангҳои тафсирӣ дар онҳо таърифи мафҳумҳо ва шарҳу эзоҳи маънои онҳо бояд ҷомеъ ва муфассалтар дода шавад. Масалан, дар «Фарҳанги тафсирии забони русӣ» зери таҳрири Д.Н. Ушаков «истилоҳ» чунин таъриф шудааст: «Истилоҳ» (термин), лот. terminus – ҳудуд, марз. 1. Дар мантиқи зоҳирӣ – мафҳуми тавассути вожа баёншуда. 2. Вожае, ки номи аниқи мафҳуми муайян аст. Истилоҳоти фалсафӣ. Истилоҳоти махсус (баёнгари мафҳумҳои махсуси соҳаҳои алоҳидаи илм, санъат, техника, истеҳсолот ва ғ.). Вожагон ва ибораҳое, ки барои ифодаи ягон чиз дар ин ва ё он муҳит, касбу кор қабул шудаанд» [6, 689] .

Аммо дар «Фарҳанги забони адабии русии советӣ» дар 17 ҷилд луғати «истилоҳ» бисёр фишурда таъриф шудааст: «Вожагон ва ё (таркиби вожагон), ки мафҳуми муайяни фалсафӣ, илмӣ, техникӣ ва ғ-ро аниқ баён мекунад» [5, 331].

Аз муқоисаи таърифҳои боло, ки аз тарафи вожашиносон ва фарҳангсозони маъруфи даврахои гуногун дода шудааст, мебинем ки тақрибан дар тӯли беш аз сад соли фосилаи ин фарҳангҳо дар мазмуни таърифҳо ва шарҳу тафсири ин вожа дигаргунии ҷиддӣ рӯй надодааст. Фарҳангсозони баъдӣ назариёти пешқадамони худ ва ё ҳамдигарро дар ин замина ихтисор, такмил ва ё матолиберо, ки ҳамкасбонашон ба ишорат гуфтанд, пурратар ташреҳ ва тафсир кардаанд.

Истилоҳшинос ва забоншиноси маъруфи рус А. А. Реформатский дар ин маврид чунин менависад: «Истилоҳ (термин) – ин вожагоне мебошанд махсус ва назар ба вазоифи хоси худ маҳдуд; вожагоне, ки кӯшиш доранд ҳамчун ифодаи дақиқи мафҳумҳо ва номи ашё якмаъно бошанд. Ин дар илм, техника, сиёсат ва дипломатия зарур мебошад» [4, 542].

Шояд аз рӯи анъанае, ки дар мавриди забони русӣ гуфтем, бошад, ки нахустин таърифҳои нисбатан мукаммал ва илмии вожаи «истилоҳ»-ро дар забони тоҷикӣ низ фарҳангсозон додаанд. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (дар ду ҷилд, 1969) мураттибони он таърифи «истилоҳ»-ро мутобиқи талаботи фарҳангҳои тафсилӣ чунин муайян карданд:

«Истилоҳ» арабӣ 1. ба ҳам сулҳ кардан, оштӣ кардан; 2. калима ё иборае, ки хоси як гурӯҳи мардум (мас. аҳли як касб) аст ё дар байни онҳо маънои махсусе пайдо кардааст; калимае, ки дар соҳаи илму фан барои ифодаи маънои махсуси ғайри аслӣ қабул шудааст, термин.

Баъди 10 сол дар «Энсиклопедияи Советии Тоҷик» чунин мехонем: «Истилоҳ (арабӣ – сулҳ кардан, оштӣ кардан), термин, калима ё ибора, ки предмет, мафҳуму ҷараёнҳои илм, санъат, техника ва ғ-ро ба таври аниқ ифода мекунад. Истилоҳ аз калимаҳои маъмулӣ бо мафҳуми махсус, якмаъноӣ ва муайянии ҳудуди маъноии худ фарқ мекунад» [7, 141].

Вожаи «исти-лоҳ»- дар тоҷикӣ ва форсӣ аз забони арабӣ гирифта шудааст, ва онро ба маънои нав ба кор мебаранд, ҳол он ки вай дар гузашта, чунон ки пештар дидем маънои «ба ҳам сохтан, созиш, сулҳ ва оштӣ кардан» доштааст. Аммо имрӯз ин калима ба он маъно дар забони арабӣ дигар истифода намешавад, ки ин яке аз вижагиҳо ва аломатҳои истилоҳсозии муосир мебошад ва ғ.

Тавре ки гуфтем, роҷеъ ба масъалаи истилоҳсозӣ ва ё проблемаҳои назарии истилоҳшиносӣ дар забони тоҷикӣ то ҳол китоби илмии эътирофшуда ба нашр нарасидааст. Вале баъзе маълумот доир ба ин мавзӯъ аз китоби таълимии «Лексикаи забони адабии тоҷик» (1997) пайдо кардан мумкин аст. Дар он таърифи мафҳуми «истилоҳ» чунин омада аст: «Истилоҳ (термин аз лотинии terminus – ҳад, ҳудуд) калима ё ибораест, ки мафҳуми ба илм, истеҳсолот, санъат ва соҳаҳои дигари ҳаёт мансуб бударо бо маънои ягона ифода менамояд» [3, 125].

Дар таъйину таҳқиқи мафҳуми истилоҳ забоншиносону истилоҳшиносони Шӯравӣ , муалифони аввали ин назарияҳо- Гринф, Китрич, Логан Смит, Ф.Бруно, А.Ширмер, А.Д.Хютин,

В.В.Винокур, баъдан, Д.С.Лотте, Э.Жилбер Н.П.Кузин, П.В.Даниленко, А.Н.Кожин, К.Ю.Диброва, инчунин Г. В. Степанов, В. В. Котелова, И. Ф. Протченко, А. А. Пумпянский, А. В. Суперанская, М. М. Глушко, Т. Г. Соколова ва дигарон кӯшиш ба харҷ додааанд. Пас аз таҳлилу таҳқиқи андешаҳои онон ба чунин натиҷа мерасад:

"Хулоса таърифу таъйини истилоҳ ба андешаи мо чунин хоҳад буд: истилоҳ калима ё ибораест, ки дар ҳавзаи амалкарди як илм мафҳуми комилан мушаххасеро ифода мекунад ва ҳамзамон ба воҳидҳои дигари забонӣ, ки бо онҳо дар робита аст, як системаи муназзаму томи истилоҳотро ташкил медиҳад."

Истилоҳҳо бо роҳҳои гуногун ба вуҷуд меоянд. Истилоҳҳо аз калимаҳои умумиистеъмоли гирифта мешаванд. Роҳи дуюм аз забонҳои дигар қабул кардани истилоҳ аст.

Одатан аксари истилоҳҳо аз забони юнонӣ ва лотинӣ гирифта мешаванд. Ин халқҳо дар қадим хеле инкишоф ёфта буданд ва маданияти тараққикардаю бое доштанд, аз ҳамин лиҳоз ба халқҳои дигар таъсири калони илмю мадани расонидааанд. Аз ин рӯ аксари истилоҳҳо чун анана аз ин халқҳо гирифта мешаванд.

Чанд мисол аз забони Юнонӣ: философия, математика, граматика, логика, геометрия, демократия, монархия...

Чан мисол аз забони Лотинӣ: ректор, доктор, доцент, документ, конституция, нация, адвокат, республика, революция, пленум, диктатура...

Фарқи истилоҳ аз калима. Истилоҳ бо якчанд аломати худ аз калимаҳои оддӣ-муқаррарӣ фарқ мекунад:

1. Истилоҳҳо аксар вақт якмаъно мешаванд.
2. Истилоҳҳо оммафаҳм нестанд, зеро онҳо соҳагианд, яне махсуси ягон соҳаанд.
3. Истилоҳҳо ба маънои маҷозӣ намеоянд.
4. Истилоҳҳо синониму антоним надоранд.
5. Истилоҳҳо ба мисли калимаҳои оддӣ ба забонҳои дигар ба осонӣ-озод тарҷума карда намешаванд.
6. Истилоҳҳо ҳадди м уайяани маънои доранд.
7. Истилоҳҳо бо мафҳум тобеияти ногусастанӣ доранд, аммо на ҳар калима ба мафҳум алоқаманд аст.

Хусусиятҳои хоси итсилоҳ:

1. Истилоҳ пеш аз ҳама вожаест, ки дар сохтори истилоҳии як соҳаи муайян ба таври даққиқ ва мушаххас як мафҳумро ифода мекунад.
2. Истилоҳ дар доираи соҳаи муайян бо ифодаи маъноии мушаххаси худ ба ҳамин соҳаҳои муайян ва соҳаҳои вобастаи он бо якмаъноийвобастаи зич дорад.
3. Истилоҳ дар баробари вижагии хос доштан дар такиби сохтори забонӣ мутобиқ бо қоидаҳои дастури амал намуда, дар калимасози ҳамчун воҳиди истилоҳӣ иштирок менамояд.
4. Истилоҳ ё воҳиди истилоҳӣ берун аз соҳаи муайян , маънои истилоҳии худро аз даст дода, ба сифати калимаи маъмул ва одии забон истифода мешавад.
5. Истилоҳ бештар аз як калимаи одӣ, сохта, мураккаб сохта шуда, ибораҳои истилоҳӣ ҳанӯз хусусияти томи як истилоҳро надорад.

Албатта хусусиятҳои дигари истилоҳотро низ шарҳ додан мумкин аст, вале ба таври умум ҳамин хусусиятҳоро бештар ба истилоҳоти ҳамаи соҳаҳо иртиботи умумӣ доранд.

Аммо бо вуҷуди чунин намунаҳои хуб, вале мутаас-сифона андак бояд гуфт, ки риштаи истилоҳсозӣ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносии тоҷик то кунун мавқеи сазовори худро ишғол накарда, ҳанӯз дар ҳоли ташаккулу такмил аст. Аз ин сабаб на танҳо масъалаҳои назарӣ, балки даҳҳо мавзӯъҳои мубрами дигари он дар интизори муҳаққиқони хешанд. Ҳар қадар ки зудтар забоншиносон ва олимони риштаҳои гуногун ба ин кор бештару зудтар ҷалб гарданд ва коршиносони ҷавон дар ин соҳа тарбия шаванд, ҳамон қадар ба суди забон хоҳад буд, зеро истиқлолияти забонӣ дар ҷаҳони кунунӣ бидуни ҳалли проблемаҳои истилоҳшиносӣ хаёли хом аст.

Адабиёт:
1. Большая Советская Энциклопедия. – Москва: 1973, изд. 3. т. 25, с. 473-474.
2. Муҳаммадиев М., Талбакова Ҳ., Нурмуҳаммадов Ю. Лексикаи забони адабии тоҷик. – Душанбе, 1997.
3. Реформатский А. А. Введение в языкознание // Изд. IV-е. – Москва: 1967, – 542 с.
4. Словарь советского русского литературного языка. – Москва, 1950-1965, в 17 томах, т. 15, с. 331.
5. Толковый словарь русского языка. Под. ред. Д.Н. Ушакова. – Москва: 1964, т. 4, – 689 с.
6. Хаютин А.Д. Термин, терминология, номенклатура (Учеб. пособие). – Самарканд: 1972, с. 11-19.
7. Энсиклопедияи Советии Тоҷик, дар ҳашт ҷилд, ҷ. 3. – Душанбе: 1981, – 666 с.

Калидвожаҳо: *истилоҳ, истилоҳшиносӣ, забоншиносӣ, забоншинос, муҳаққиқ, таъриф, назария ва калима.*

Аннотация
ПЕРИОД РАЗВИТИЯ ТЕОРИИ В ТЕРМИНОЛОГИИ

В своей статье автор рассматривает период развития, историю первой теории генезиса, определение, разные исследования ученых, лингвистов связанным с термином, терминологии также особенности характера терминов и разницу между ними.

Ключевые слова: *термин, терминология, лингвист, ученый, определения, теория и слова.*

Annotation
THE PERIOD OF DEVELOPMENT OF THEORY IN TERMINOLOGY

In this article the author discusses the growing period, the history of the first theory of genesis, definition, different works of researchers and linguists about terms and terminology, also special characters of terms and difference between them.

Key words: *term, terminology, linguist, researcher, definition, theory and word.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Қурбонов Эраҷ Мулокаримович, магистранти кафедари забони англисии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикисистон ба номи Сотим Улуғзода, 734019, ш. Душанбе, кучаи Муҳаммадиев 17/6. Тел: (+992) 908788180.

Роҳбари илмӣ: Мусаямов Зубайдулло

Сведение об автора: Курбонов Эрадж Мулокаримович, магистрант кафедрой английской филологии Таджикского государственного института языков имени Сотим Улугзода 734019, г Душанбе, 17/6, ул. Мухаммадиев, тел. (+992) 908788180

Научный руководитель: Мусаямов Зубайдулло

About the author: Qurbonov Eraj Mulokarimovich, master student of English Philology Department of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str, phone: (+992) 930010695.

Ашӯрова Мунира Абдураҳмоновна,
магистранти соли дуюми факултети забони англисӣ

ТАФОВУТҲОИ ГРАММАТИКИИ БАЙНИ ЗАБОНИ АНГЛИСИИ АМРИКО ВА БРИТОНИЁИ КАБИР

Грамматика илмест, ки калима ибора ва ҷумларо меоӯзад. Грамматика ба ду қисм-морфология ва синтаксис ҷудо мешавад. Морфология як бахши илми забон мебошад, ки дар он калимаҳо ҳамчун ҳиссаҳои нутқ омӯхта мешаванд. Синтаксис бошад дар бораи сохти ибора ва ҷумла баҳс мекунад.

Дар ин мақола мо фарқияти байни забони англисии амрикоӣ ва британиёиро дар сатҳи сохторҳои морфологӣ ва категорияи калима, аъзои ҷумла ва худи ҷумла дида мебароем. «намуди лингвистӣ яке аз нусхаҳои расман муқарраршудаи забони плюрицентрикӣ мебошад, ки одатан дар ҳолате ба миён меояд, ки агар як забон аз ҷониби халқҳои гуногун, ки дар пайдарпаии хронологӣ дар асоси як манбаи этномаданӣ ба вуҷуд омадаанд, истифода шавад. Гунаҳои забон ба омӯзиш ва эволютсияи забонҳои калонтарин, аз ҷиҳати ҷуғрофӣ васеъ паҳншудаи ҷаҳон таъсири назаррас доранд, зеро онҳо аксар вақт ватани якчанд халқҳои як қатор давлатҳо мебошанд».

Масъалаи интихоби гуна аз ҷониби бисёр олимони машҳур баррасӣ шудааст ва мавриди баррасӣ қарор мегирад. Аҳамияти ин мавзӯъ дар он аст, ки меъёрҳои возеҳе, ки бо интихоби онҳо бояд гузаронида шавад, ҳанӯз муайян нашудаанд. Албатта, фарқиятҳо бояд дар ҳама сатҳҳои забон зоҳир шаванд: фарқиятҳои фонетикӣ, лексикӣ, грамматикӣ. Тафовутҳои грамматикӣ дар забони англисии амрикоӣ ва британиёӣ бештар ба назар мерасанд, зеро грамматика "поя" -и забон - зерсистемаи забон аст, ки камтар тағйирот дорад [4, 18].

Ҳамин тавр, мо бо забони англисии амрикоӣ (AE-англисии амрикоӣ) нусхаи забони англисии дар Иёлоти Муттаҳида қабулшударо дар назар дорем ва бо забони англисии британиёӣ (BE-англисии британиёи)-меъёрҳои забони англисии расман дар Британиё қабулшуда.

Воҳидҳои муқоиса дар сатҳи сохтори морфологии калима аффиксҳои грамматикӣ мебошанд. Чор қисмати муҳими нутқро баррасӣ мекунем: феъл, исм, сифат ва зарф. Ақидае мавҷуд аст, ки мувофиқи он гунаи амрикоӣ бо мавҷудияти суффикси -en дар шакли феълҳо тавсиф карда мешавад, масалан: got-gotten (гирифтан-гирифтаанд), struck–stricken (зарба задан-зарба заданд), proved–proven (исбот кардан-исбот шудааст) ва ғ. Маълум аст, ки сухан дар бораи ҳузури ҳар як гунаи амрикоӣ ё британиёӣ нест пас морфемаҳои махсус. Дар ҳақиқат, аз он бармеояд, ки морфема як синфи алломорфҳои аз ҷиҳати маъноӣ монанд нисбат ба тақсимоти иловагӣ аст, пас бояд қайд кард, ки дар ҳарду маврид парадигмаи феълӣ бо як морфемаҳои флектикӣ тавсиф карда мешавад [1, 101].

Гузашта аз ин, ҳеҷ асосе барои гуфтугӯ дар бораи тафовут дар феҳристи алломорфҳо вуҷуд надорад. Агар ба мисолҳои боло нигарем, боварӣ ҳосил кардан осон аст, ки алломорфҳои морфемаҳо дар ин ҷо бо ҳам муқобиланд, ки дар ҳарду гуна мавҷуданд ва унсури фарққунандаи AE ё BE нестанд. Худ аз худ маҷмӯи ин алломорфҳо, инчунин ҳамаи дигарон, ки парадигмаҳои феълӣ ва исмиро тавсиф мекунанд, ҳангоми муқоисаи AE ва BE ягон тағйирот нишон намедиҳанд. Инро ҳадди аққал аз мисолҳои зерини истифодаи алломорфҳои дар ҳарду маврид нишондодашуда осон аст: swollen-варам, fed-лалмӣ, wrote-навиштан, led-роҳбарӣ кардан, mended-таъмир кардан.

Аз ин ҷо бармеояд, ки мо мавҷудияти фарқияти инвентаризатсияи байни AE ва BE дар сатҳи морфологиро баён карда метавонем. Тафовутҳои AE ва BE дар соҳаи морфология хусусияти зерсистемавӣ доранд ва ҳамаи воҳидҳои системаи морфологӣ ба як ядрои умумӣ дохил карда шудаанд.

Дар грамматика тақсимоти аз ҷиҳати фонологӣ ва морфологӣ муайяншудаи алломорфҳо фарқ карда мешавад. Дар ҳолати аввал, сухан дар бораи маҷмӯи муҳити фонематикӣ меравад, ки дар он ин ё он алломорф рух медиҳад. Ин намунаҳои тақсимот / -d, -t, -id / -po дар бар мегирад. Маълум аст, ки ин қолибҳо ҳам барои адабиёти англисии амрикоӣ ва англисии британиёӣ яксонанд.

Сифатҳои slow ва real дар забони англисии Амрико ҳамчун зарф истифода мешаванд [1, 37]. Дар мавриди калимасозӣ бошад, дар забони амрикоӣ, роҳи самарабахштарин, ба гуфтаи

Г.Б. Антрушина, ихтисоркунӣ мебошад. "Дар Амрико ихтисорахои зерин ташаккул ёфтанд, гарчанде ки онҳо дар нусхаи британиёӣ низ аксар вақт истифода мешаванд: movies, talkies, auto, perm, gym, dorm ва ғайра" [2, 262].

Дар забони англисии амрикоӣ, тавре ки дар Британиёӣ, В.Д. Аракин пасвандҳои зерини истеҳсолиро муайян мекунад: ба исмҳо пасвандҳои -er, -ment, -ity хосанд; барои феълҳо- суффикси -ize, барои сифатҳо - суффикси -an, ки нисбат ба суффикси -ic бештар истифода мешавад. Ғайр аз он, табдилдиҳӣ дар ҳарду забон маъмул аст. Ҳамин тариқ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар сатҳи сохтори морфологии калима дар пасвандҳои грамматикии феълҳо фарқият вуҷуд дорад. Дар намуди амрикоӣ пасванди -en, ки хоси давраи англисии миёна аст, бокӣ мондааст. Баъзе сифатҳоро ба сифати зарф бе илова кардани суффикси –ly истифода кардан мумкин аст. Дар сатҳи фонемаҳо ва алломорфҳо байни гунаҳои амрикоӣ ва британиёӣ фарқе нест.

Бо назардошти фарқиятҳо дар сатҳи категорияҳои калимаҳо дар феълҳо, фарқияти истифодаи шаклҳои замони ҳозира Present Perfect ва Past Indefinite дида мешавад, ки онро бисёр муҳаққиқон қайд кардаанд (масалан, Г.Б. Антрушина). Таҳлили муқоисавии истифодаи феълҳои Present Perfect ва Past Indefinite дар забони англисии Британиё ва Амрико нишон медиҳад, ки таносуби басомади ин шаклҳо дар BE ва AE гуногун аст. Ба ҳисоби миёна, Present Perfect: Past Indefinite таносуби 1: 2 дар BE ва 1: 3.5 дар AE мебошад [5, 77]. Илова бар ин, М.А. Голденков иваз кардани шакли комилро бо нокомил қайд мекунад, ки ба гунаи амрикоӣ хос аст .

Ихтилофоти истифода бо шаклҳои синтетикӣ (содда) ва таҳлилии конъюнктива ошкор карда мешаванд. Шакли синтетикӣ бо морфемаи сифри он дар нусхаи амрикоӣ бештар истифода мешавад - асосан дар таркиби бандҳои иловагӣ пас аз феълҳо ба монанди suggest, demand, insist, инчунин дар ҷумлаҳои предметӣ, атрибутивӣ, шартӣ ва предикативӣ. Тафовут дар истифодаи шаклҳо, чун қоида, бо фарқиятҳои муайяни услубӣ алоқаманд аст. Масалан, дар AE шакли синтетикӣ аз ҷиҳати услубӣ бетараф аст ва шакли should китобӣ мебошад. Аз тарафи дигар, тавре ки И.В. Арнольд, дар BE шакли бештар маъмули should-ро аз ҷиҳати услубӣ бетараф мешуморад, дар ҳоле ки шакли синтетикӣ ба услуби расмию коргузори мувофиқ аст.

Муқовиматҳои нисбӣ, яъне мухолифатҳо, ки на бо будан ё набудани шакли мушаххас, балки бо пайдоиш ё истифодаи он алоқаманданд, дар соҳаи грамматика як падидаи хеле характернок мебошанд. Дар ин робита, бояд ба истифодаи феълҳои ёридиҳандаи will ва shall ва инчунин would ва should дар шаклҳои англисии Future ва Future in Past диққати махсус дода шавад. Адабиёти илмӣ аллакай истифодаи феълҳои will ва would дар AE-ро ҳамчун феълҳои ёридиҳандаи универсалии Future ва Future in the Past қайд кардаанд [2, 265]

Дар мавриди нусхаи амрикоӣ бошад, мо метавонем дар ин ҷо ба андешаи забоншинос Тваделл муроҷиат кунем, ки менависад: «Барои баъзеҳо [амрикоиҳо] ивазшавии shall ва will дар маънои пешгӯӣ аз рӯи навиштахои анъанавӣ дар робита бо грамматика муайян карда мешавад. Аксари онҳо асосан ё танҳо дар саволҳое истифода мешаванд, ки гӯянда дар бораи рафтори ояндаи худ роҳнамо металабад, дар сурате ки саволҳо пешгӯиҳои оддиро талаб мекунанд. "Ба тариқи дигар, сухан дар бораи мавчудияте, ки дар AE ду модели замони оянда ва «оянда дар гузашта» меравад. Дар аввал, модели маъмултарин, феълҳои ёрирасони will ва would ҳамчун нишондиҳандаи универсалӣ хизмат хоҳанд кард. Дар ин ҳолат феълхои модалии shall ва should (бояд) танҳо ҳамчун феълҳои модалӣ истифода мешаванд. Дар модели дуввум феълҳои shall ва will (ва инчунин should ва would) нисбат ба таксимоти иловагӣ мебошанд.

Дар айни замон дар нутқи гуфтугӯии амрикоиҳо калимаи Shall ниҳоят кам аст. Shall дар забони англисии амрикоӣ ҳуҷҷатҳои хаттӣ, махсусан дар байни амрикоиҳои солхӯрдаи таҳсилкарда, ки пештар таҳсил кардаанд ва дар зери таъсири грамматикаи мактаби кӯҳна, ки меъёри Британиёро риоя кардааст дарс хондаанд, маъмул аст [6, 7] .

Дар бораи категорияи муайян ва номуайянӣ сухан ронда, фарқиятҳои истифодаи артиклҳоро қайд кардан лозим аст, масалан: "to / in the hospital" - гунаи амрикоӣ, дар ҳоле ки дар британиёӣ "to / in hospital" бидуни артикл истифода мешавад [5, 77].

Аксар вақт дар ҳамон ибора, ба ҷои як пешванди дигар, масалан: "on the weekend /on weekend" ба ҷои "at the weekend / at weekend" дар нусхаи британиёӣ истифода мешавад; "on a street" ба ҷои "in a street" [10, 69] истифода бурда мешавад.

Бисёр ибораҳои маъмул дар забони амрикоӣ тағйир дода мешаванд. Масалан, як амрикоӣ ба ҷои "take a shower/a bath", "have a shower/a bath" мегӯяд. Ба ҷои "needn't", шакли мураккаби "don't need" истифода мебарад [5, 88].

Дар асоси гуфтаҳои боло, мо метавонем хулоса барорем, ки дар сатҳи сохтори категорияи калима фарқият дар гунаҳо мавҷуд аст: барои феъл - дар категорияи замон, намуд, сига; барои исм - дар категорияи муайян (номуайянӣ), ҷинс, дар якҷоягӣ бо пешвандҳо. Аммо, аксари хусусиятҳои грамматикии забони англисии амрикоӣ дар забони англисии муосир мақоми меъёрӣ надоранд.

Мавзӯи муқоиса дар сатҳи синтаксисӣ моделҳои грамматикии ибораҳо ва ҷумлаҳо мебошанд. Дар ин сатҳ танҳо фарқиятҳои тақсимотӣ фарқ карда мешаванд. Дар баъзе ибораҳои феълӣ ихтилофӣ назар бо имкон ё имконнопазирии истифодаи ибораи исмии пешванд бо феъли додашуда мавҷуд аст. Дар намуди британиёӣ, пешванди with ё against бояд дар ибораҳое бо феъли to battle истифода шавад, дар ҳоле ки дар намуди амрикоӣ ин феъл пасвандро бо худ намегирад. Чунин тафовутҳо дар ибораҳо бо феъли to protest, ки дар нусхаи Британиё пешвандҳои against ё over талаб карда мешавад ва дар намуди амрикоӣ он бе пешванд истифода мешавад. Фарқияти тақсимот танҳо дар сурате пайдо мешавад, ки ин феъл ба маънои "Protest" истифода шавад. Ҳамзамон, вақте ки маънои "қатъиян тасдиқ кардан" (to protest one's innocence-эътироз ба бегуноҳии шахс) -ро ифода кунад, дар харду гуна сохтор бе пешоянд истифода бурда мешаванд [10, 51].

Дар ихтилофоти вобаста ба мутобиқати феълҳои алоҳида бо пешвандҳо, ба гуфтаи М.А. Голденков, ягон намуна мушоҳида намешавад.

Тарҳе, ки дар он як изофаи ғайри мустақим аз як мустақим пайравӣ мекунад монанди ин ки show them you, дар нусхаи Амрикоӣ истифода намешавад. Дар забони англисии амрикоӣ, ба гуфтаи Р.Куерк, чунин тартиби ҷузъҳои ибораи феълӣ-объектӣ комилан табиӣ ҳисобида мешавад, гарчанде ки он нисбат ба он чизе, ки дар сохторҳои show you them, ки дар ҳарду маврид истифода мешаванд, каме камтар рух медиҳад. Чунин тахмин кардан мумкин аст, ки истифодаи нисбатан камтари show you them, аз ҷумла ба маҳдудиятҳои сохтории маъмул вобаста аст, ки доираи истифодаи онҳоро танг мекунанд. Гап дар сари он аст, ки тартиби калимаи зикршуда танҳо дар он ҳолатҳое имконпазир аст, ки мавзӯи мустақим тавассути ҷонишин баён шавад.

Ҳамчун намунаи иловагии ихтилофи марбут ба тартиби ҷузъҳои сохти синтаксисӣ, метавон ба таркиби калимаҳое ишора кард, ки танҳо дар забони англисии амрикоӣ ба амал меоянд, ки дар он артикли номуайяни бо шумора меояд half (a half hour, a half dollar, a half dozen -ва ғ.). Дар баробари ин, дар забони англисии амрикоӣ дар заминаҳои сохторҳои монанд ба мисли Half an hour истифода мешаванд, ки ягона намуди дуруст дар забони англисии британиёӣ мебошанд, истифода мешаванд. Ҳарду намуди ин сохтор дар забони англисии амрикоӣ ва британиёӣ мавҷуданд. Масалан, сохтори намуди “a dozen eggs, a hundred times”-ро муқоиса кунем, ҳеҷ ихтилофе байни намуди англисии амрикоӣ ва британиёӣ дида намешавад. Фарқиятҳо дар коре, ки мо дида мебароем, воқеан аз номувофиқатии қисман дар таркиби луғавии ин сохторҳо ба вуҷуд омадаанд "

Маводи луғавӣ инчунин тағйиротҳои ҷузъиро муайян мекунад, ки дар ҳарду маврид дар робита бо истифодаи функционалии ду сохти ҷумлаҳои пурсишшаванда бо феъли ёридиҳандаи do ва бидуни он мушоҳида карда мешаванд. Тавре ки медонем, ҳарду сохт ҳам дар забони англисии амрикоӣ ва ҳам дар забони англисии британиёӣ истифода мешаванд. Дар ин ҳолат, тартиби калима баръакс ва бидуни феъли ёридиҳандаи Do ҷумлаҳоро бо феълҳои модалӣ, яъне феълҳои to be ва have фаро сохта мешаванд. Дар нусхаи амрикоӣ, ҳеҷ маҳдудияти контекстие вуҷуд надорад, ки мувофиқати кор ва доштани онро муайян кунад. Дар забони англисии британиёӣ феъли ёридиҳандаи do танҳо бо have якҷоя карда мешавад, вақте ки контекст нишон медиҳад, ки амали бо феъл нишон додашуда такрор ё мунтазам аст. Агар дар намуди амрикоӣ сохтори do бидуни маҳдудият истифода шуда бошад, пас доираи истифодаи сохтори феъли ёридиҳандаи do нисбатан танг аст. Сохтор бидуни феъли ёридиҳандаи do ҳангоми истифодаи предмет ҳамчун объект «аз ҷиҳати грамматикӣ нодуруст» (аломатгузорӣ нашуда) ҳисобида мешавад. Ғайр аз он, маҳдудиятҳои морфологӣ мавҷудаст, ки имконияти истифодаи ин сохторро боз ҳам тангтар мекунанд. Алалхусус, сохтори пурсишшаванда бо феъли have дар замони гузашта барои намуди амрикоӣ ғайриоддӣ ба назар мерасад. Агар ҷумлаҳо ба монанди "have you the money?" нисбатан мунтазам мебошанд, пас ҷумлаҳо ба монанди "had you the money?" нодир мебошанд [7, 63].

Тавре ки дидем, фарқиятҳои грамматикии байни гунаҳои забони англисии амрикоӣ ва британиёии забони англисӣ ба назар намоёнанд, ки ба олимон имкон медиҳад, ки англисҳои

амрикоиро ба нусхаи алоҳидаи забон фарқ кунанд. Баъзе олимони амрикоӣ ҳатто чунин мешуморанд, ки агар мо меъёри шумораи одамоне, ки бо забони англисӣ ҳарф мезананд, ба назар гирем, пас гунаи амрикоӣ сазовори мақоми забони алоҳида аст.

Адабиёт:

1. Александрова О.В. Современный английский язык для филологов: морфология и синтак-сис: Учеб. пособие. – М.: Дрофа, 1998. – 224 с.
2. Антрушина Г.Б., Афанасьева О.В., Морозова И.Н. Лексикология английского языка. – М.: Дрофа, 2000. – 288 с.
3. Аракин В.Д. История английского языка. – М.: Просвещение, 1985. – 256 с.
4. Блох М.Я. Теоретические основы грамматики. – М.: Высш. шк., 2004. – 239 с.
5. Заботкина В.И. Новая лексика современного английского языка: Учеб. пособие. – М.: Высш. шк., 1989. – 124 с.
6. Голденков М.А. Осторожно: Hot dog. Современный активный английский. – М.: ЧеРо, 1999. – 272 с.
7. Кристалл Д. Английский язык как глобальный. – М.: Весь мир, 2001. – 190 с.
8. Нестерчук Г.В. США и американцы. – М.: Высш. шк., 1997. – 238 с.
9. Швейцер А.Д. Очерк современного английского языка в США. – М.: Высш. шк., 1963. – 215 с.
10. Эпштейн Г.А. Предлоги. Союзы. Словообразование. – СПб.: КАРО, 2001. – 240 с.
11. www.wikipedia.org

Калидвожаҳо: *забони англисӣ, забони британиёӣ, фарқият, монанди, тафовут, грамматика, гуна, морфология, синтаксис, калима, ибора, ҷумла.*

Аннотация

ГРАММАТИЧЕСКИЕ РАЗЛИЧИЯ МЕЖДУ БРИТАНСКИМ И АМЕРИКАНСКИМ ВАРИАНТАМИ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

Приводится краткий обзор основных грамматических различий между британским и американским вариантами английского языка. Рассматривается проблема выделения варианта английского языка.

Ключевые слова: *английский язык, британский язык, разница, сходства, различия, грамматика,вариант, морфология, синтаксис, слово, выражение, предложение.*

Annotation

THE GRAMMATICAL DIFFERENCES BETWEEN BRITISH AND AMERICAN ENGLISH OPTIONS

This article covers a brief of the main grammar differences between British and American variant of English and the problem of variant differentiating.

Key words: *English language, British language, difference, similarity, differ, grammar, variant, morphology, syntax, word, expression, sentence.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ашӯрова Мунира, магистранти соли дуюми факултети забони англисии ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: Қосимов О.

Сведения об авторе: Ашурова Мунира, магистрантка второго курса факультета английского языка ТГПУ имени С. Айни.

Научный руководитель: Косимов О.

Abaut the author: Ashurova Munira, second year master of the Department of English language of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni.

Scientific director: Qosimov O.

Шукуров Олим,
магистранти соли дуюми факултети забони англисӣ

ХУСУСИЯТҲОИ ТАРҶУМАИ ВАО-И МУОСИРИ ОНЛАЙН

Васоити ахбори омма дар асри XXI: монандӣ ва фарқияти нашрияҳои чопӣ ва интернетӣ Имрӯз, ки кадом формати васоити ахбори омма бештар хонда мешавад, муҳим аст. Бо пайдоиши технологияҳои нав, одамон бештар тавассути сайтҳои хабарӣ, аз ҷумла нусхаҳои онлайни рӯзномаву маҷаллаҳо, на тавассути рӯзномаҳо ё маҷаллаҳои чопӣ мегиранд. Бо шарофати технологияҳои муосир, бисёр воситаҳои ахбори омма доираи васеи аудиторияро ҷалб намуда, бо ин мавқеи худро дар формати анъанавӣ таҳвият медиҳанд, аммо истеъмолкунандагони воқеии «васоити ахбори нав» асосан корбарони фаъоли Интернет мебошанд (шунавандагони то 30-40 сола) [7, 1].

Таърифи дақиқи "васоити ахбори нав" вуҷуд надорад. Дар асл, ин ҳама технологияҳои муосири рақамӣ, компютерӣ, иттилоотӣ ва шабакавии муосир мебошанд, ки қобилияти фавран интиқоли ҳама гуна иттилоотро доранд [7, 1]. Яъне, хусусиятҳои асосии онҳо инҳоянд: иҷтимоӣ, маҳаллӣ ва мобилӣ (иҷтимоӣ, маҳаллӣ, мобилӣ), ки метавонанд барои тавсеаи имкониятҳои ВАО-и муосир истифода шаванд.

Худи мафҳуми "медиаи нав" акнун нав нест, ин технологияҳо тақрибан 20 сола мебошанд. Аз ин рӯ, ҳангоми эҷоди як дастгоҳ (телефон, планшет) барои хондани васоити ахбори интернетӣ, шумо бояд фаҳмед, ки насли ҳозира, яъне оянда ё аудиторияи воқеии пардохткунанда, на танҳо корбари фаъоли рақамӣ аст, балки ин навъи интерактивии иртиботро манбаи асосӣ мешуморад маълумот [3, 1]. Бо рушди Интернет, бисёр нашрияҳои интернетӣ пайдо шуданд, ки муҳаққиқони гуногун вобаста ба он ки «пешгузаштагони» анъанавӣ доранд, тасниф мешаванд. Баъзе олимон тақсимоти танҳо ВАО-и шабакавӣ ва намояндагии ВАО-и анъанавиро дар Интернет риоя мекунанд (А. А Беляев, Ю. В. Костыгова), дигарон версияҳои шабакавии ВАО-и анъанавиро ба "клонҳо" ва "гибридҳо" тақсим мекунанд (М. М. Лукина), бо ин муқобилат кардан ба нусхаҳои электронӣ, нусхабардории мундариҷаи волидайн, нашрияҳои интернетӣ, дар аввал "клонҳо", ки мундариҷаро тавсеа дода, сиёсати иттилоотии худро пеш гирифтаанд, аз аналоги ғайримуқаррарӣ. Саволе ба миён меояд, ки оё нусхаи электронии шумораи чопшуда 100% нусхаи он аст ё дар он тағироте ҳаст? Васоити ахбори омма иттилоотро ба тарзи дигар ба хонанда пешкаш мекунанд, зеро нусхаҳои электронии рӯзномаҳо имкониятҳои тамоман нави иртиботӣ ва техникӣ доранд. Ҳангоми интиқоли нашрияҳо аз офлайн ба онлайн, ду баст ба амал меояд: технологӣ ва типологӣ [3, 222].

Якум, ба қабулкунанда таҷҳизоти махсус барои хондани нусхаи электронӣ, инчунин малака ва малакаи истифодаи захираҳои шабакавӣ ва кор бо онҳо лозим аст. Дуввум, нашри нав ба шунавандагон пешкаш карда мешавад - ин рӯзнома нест, зеро одатан пешниҳод карда мешавад, балки нашри электронӣ бо маҷмӯи навигация ва имконоти иртиботӣ: алоқаи хонанда, арзёбии маводи нашрия, мубоҳисаҳо дар форумҳо ва блогҳо, пайвандҳо, дастрасии содда ба бойгонӣ ... Сутунҳои матне, ки бо клик мекушоянд, пурра намоён нестанд, инчунин баннерҳои таблиғотӣ барои "клик" пешниҳод мекунанд. Дар асоси ин, мо метавонем хулоса барорем, ки васоити ахбори онлайн аз ВАО фарқ мекунанд: 1) самаранокии технологӣ 2) гиперматнийат.

Агентиҳои иттилоотии интернетро метавон ҳамчун сарчашмаи муассиртарини иттилоот тавсиф кард. Ҳангоми рух додани ҳолати фавқулодда, шунавандагон ба шабака - ба навори ахбор ва танҳо пас ба паёмҳои каналҳои анъанавӣ рӯ меоранд. Аз ин рӯ, як бартарии дигари васоити ахбори онлайн саривақтии иттилооти пешниҳодшуда мебошад. Ҳамин тариқ, ҳангоми эҷоди аналоги шабакавӣ, он версияест, ки дар натиҷа таваллуд мешавад, на нусха. Нусха ҳамон муҳитро дар назар дорад. Версия – мисол дар бораи он, ки мундариҷаи шумораи чопӣ метавонад чӣ гуна бошад, аммо ин танҳо яке аз вариантҳост ва шумораи онҳо зиёданд. Ҳангоми рафтан ба шабака, версияи натиҷа аз версияи стандартӣ фарқ мекунад бо: навъи нашр, навъи нашр ва хосиятҳои иҷтимоӣ ва коммуникативӣ.

Фарқиятҳои асосии байни нусхаҳои шабакавӣ ва нусхаи чопшуда инчунин инҳоро дар бар мегиранд: миқдори зиёди иттилоот аз ҳисоби имкониятҳои интерактивии Интернет, тағирёбии дастгоҳи нашрия, кам шудани миқдори иттилоот (дар нусхаи чопӣ мо матнро дар маҷмӯи дигар маводҳо дарк мекунем - мо системаи пайвандҳои нашрияҳои контекстӣ месозем, дар мониторҳои компютерӣ мо дарк мекунем чунин хабар), инчунин пайвастани матнҳои

хондашуда бо воҳиди таблиғотӣ [3, 223]. Хусусиятҳои иҷтимоӣ ва коммуникатсионии нусхаи шабака чунинанд:

- пешбарӣ ба қабатҳои нави аудитория;
- тағир додани робита бо хонанда: инкишофи фаъолияти иҷтимоии шунавандагон тавассути каналҳои бозпас (форумҳо, рейтингҳои намоишҳо);
- алгоритми инфиродии истеъмоли иттилоот (ҳатто техникӣ).Тавре ки дар сархати қаблӣ ишора шуда буд, дар ҷаҳони муосир манбаи ВАО одатан сайти ахбори худро дорад, ки дар он нашрияҳои охирин ва назаррасро ҷой медиҳад. Аз як тараф, васоити ахбори онлайн пайваста рушд ва такмил меёбанд, аз тарафи дигар онҳо анъанаҳои беҳтарини нашрияҳои чопии рӯзномаро ҳифз мекунанд.

Дар боби аввал мо кӯшиш кардем, ки тамоюли рушди васоити ахбори оммаи муосирро, ки дар раванди оммавигардонии нусхаи электронии манбаъҳои ахбор ба миён меоянд, пайгирӣ намоем. Аз мо мушкилоти навбатӣ мувофиқ кардани "ВАО-и нав" бо чопи он буд

Услуби рӯзномаҳо аз он ҷиҳат мавқеи махсусро ишғол мекунад, ки воситаҳои чоп инъикоси вазъи кунунии забон мебошанд. Ин системаи унсурҳои ба ҳам алоқаманд, вобастагӣ ва вобастагии забонӣ мебошад, ки ба иҷрои як ҳадафи мушаххас - расонидани иттилоот дар шакли дастрастарин ба хонанда равона карда шудааст. Вобастагии мутақобила ва вобастагии унсурҳои услуби рӯзномаро дар мисоли ҳар як матни рӯзнома пайгирӣ кардан мумкин аст. Масалан, хоҳиши ба зудӣ навиштан ва маҳдудияти андозаи мақолаи рӯзнома боиси соддагардонии сохти синтаксисӣ, тарки баъзе унсурҳо ва фишурдани дастгоҳҳои услубӣ мегардад. Мо метавонем дар бораи ВАО-и муосири интернетӣ ҳамин чизро гӯем, дастрасии иттилоот барои аудиторияи хондашаванда омили муҳими тартиб додани маводи ахбор мебошад ва аз ин рӯ лексика ва грамматикаи матн низ тағир меёбад ва ҳамзамон як функсияро нигоҳ медорад.

Ҳадафи асосии матнҳои публитсистӣ, мисли матнҳои иттилоотӣ, расонидани иттилоот ба хонанда мебошад [4]. Аммо, ҳадафи ин матнҳо на он қадар зиёд аст, ки интиқоли иттилоот, балки таслим кардани ҳукмҳо дар бораи ин маълумот, дар ҳоле ки ба хонанда таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, ВАО-и чопӣ ва онлайн, чун қоида, услуб, идеология ва диққати муштарак доранд. Дар ҷаҳони муосир, ҳатто варақаҳои таблиғотӣ амалан аз мавзӯи умумӣ фарқ намекунанд (агар он нашрияи мавзӯӣ бошад). Маҳз аз он сабаб, ки матни жанри публитсистӣ ҷузъи рӯзнома ё нусхаи электронии ВАО мебошад, ки услуб ва идеологияи хоси худро дорад, ба он диққат додан лозим аст, ки манбаи иттилоот чист.

Адабиёт:

1. Ахманова О.С. Луғати истилоҳоти забоншиносӣ. – М.: Энсиклопедияи Шӯравӣ, 1968. – 607 с.
2. Белка Ю.В. Неологизмҳои забони англисӣ [Захираи электронӣ]. Наука. – Растудент: маҷаллаи илмии электронӣ. - 2014. - Ҳолати дастрасӣ: http: //nauka-rastudent.ru/5/1453/.
3. Белова Н.М. Тавсияҳои методӣ барои кор дар тарҷумаи маводи иттилоотии рӯзнома. – М.: 1995. – 304 с.
4. Беляева Л.М. Мушкилот дар тарҷума аз англисӣ ба тоҷикӣ / L.M. Беляева, Т.А. Зражевская. – М.: Муносибатҳои байналмилалӣ, 1972. – 114 с.
5. Бранг Р. Олимони шӯравӣ оид ба масъалаҳои тарҷума Мақола аз китоби Г.Шторинг «Проблемаҳои тарҷума». – Москва: 1978. – С. 202-208.
6. Будагов Р.А. Рушд ва такмили забон чист. – Москва: Наука, 1977. – 264 с.
7. Brandes, М.Р. Стилистикаи матн. Курси назариявӣ. – М.: Пешрафт-Анъана, 2004. – 416 с.

Калидвожаҳо: *сомона, ахборот, маҷалла, иттилоот, рӯзнома, электронӣ, ВВС*

Аннотация

ОСОБЕННОСТИ СОВРЕМЕННОГО ОНЛАЙН-ПЕРЕВОДА СМИ

В современной реальности СМИ оказывают огромное влияние на различные области человеческой деятельности. У перевода медиатекстов онлайн есть свои проблемы. В первую очередь, эти трудности, как и прежде, связаны с реалиями конкретной культуры, отраженными в медиатекстах, и с языковыми проблемами: фонетическими, лексическими и грамматическими. Целью данной работы является определение особенностей перевода статей из современных британских и американских интернет-изданий на таджикский язык.

Для создания теоретической части декларации были использованы работы А.С. Микоян, Т.А. Зражевская, Л.М. Беляева, Г.Д. Томахин, С. Влахов, С. Флорин, В. Виноградова, А.В.

Федорова, К. Райс, Эльза Табарниг, Франсиско Айяла, Питер Бранг, Н.М. Белова, А.В. Клименко, Ю.И. Рецера, а также научные статьи, диссертационные работы, форумы. В процессе написания практической части использовались статьи с англоязычных новостных сайтов, таких как BBC, The Financial Times, The Moscow Times, и их переводы, опубликованные на русском сайте BBC и на сайте InoSmi.

Ключевые слова: *сайт, новости, журнал, информация, газета, е, BBC*

Annotation

THE FEATURES OF MODERN ONLINE MEDIA TRANSLATION

In modern reality, the media has a profound effect on various areas of human activity. Translating online media texts has its problems. First of all, these difficulties, as before, are related to the realities of the specific culture reflected in the media texts, and to the language problems: phonetic, lexical and grammatical. The purpose of this work is to determine the features of the translation of articles from modern British and American online publications into Tajik.

To create the theoretical part of the declaration, the works of A.S. Mikoyan, T.A. Zrazhevskaya and L.M. Belyaeva, GD Tomakhin, S. Vlakhov and S. Florin, V.S. Виноградова, A.B. Fedorova, K. Rice, Elsa Tabarnig, Francisco Ayala, Peter Brang, NM Belova, A.V. Klimenko, YI Retsera, as well as scientific articles, dissertation theses, forums. In the process of writing the practical part, articles from English-language news sites such as the BBC, The Financial Times, The Moscow Times and their translations, published on the BBC Russian website and on the InoSmi website, were used.

Keywords: *website, news, magazine, information, newspaper, e, BBC*

Маълумот дар бораи муаллиф: Шукуров Олим, магистранти кафедраи забони англисии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, телефон: +992 555555257, почтаи электронӣ: Shukurov235@gmail.com

Роҳбари илмӣ: дотсент, декани факултети забони англисӣ Баротзода Файзиддин

Сведения об авторе: Шукуров Олим, магистрант кафедры Английского языка имени С. Айни, тел: +992 555555257, почтаи электронӣ: Shukurov235@gmail.com

About the author: Shukurov Olim, the master student of the Department of English language, TSPU named after S. Aini, tel: +992 555555257, email address: Shukurov235@gmail.com

Supervisor: Assistant professor, the dean of the faculty of English language Barotzoda Faiziddin

Шукуров Олим,
магистранти соли дуюми факултети забони англисӣ

ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ УСЛУБИ ЖУРНАЛИСТИИ ВАО-И ЧОПӢ ВА ОНЛАЙН

Тавре ки дар сархати қаблӣ ишора шуда буд, дар ҷаҳони муосир манбаи ВАО одатан сайти ахбори худро дорад, ки дар он нашрияҳои охирин ва назаррасро ҷой медиҳад. Аз як тараф, васоити ахбори онлайн пайваста рушд ва такмил меёбанд, аз тарафи дигар онҳо анъанаҳои беҳтарини нашрияҳои чопии рӯзномаро ҳифз мекунанд.

Имрӯз, саволи аслӣ ин аст, ки кадом формати ВАО бештар назаррас аст. Бо пайдоиши технологияҳои нав, одамон бештар тавассути сайтҳои хабарӣ, аз ҷумла нусхаҳои онлайни рӯзномаву маҷаллаҳо, на тавассути рӯзномаҳо ё маҷаллаҳои чопӣ мегиранд. Бо шарофати технологияҳои муосир, бисёр воситаҳои ахбори омма доираи васеи аудиторияро ҷалб намуда, бо ин мавқеи худро дар формати анъанавӣ таҳвият медиҳанд, аммо истеъмолкунандагони воқеии «васоити ахбори нав» асосан корбарони фаъоли Интернет мебошанд (шунавандагони то 30-40 сола) Таърифи дақиқи "васоити ахбори нав" вуҷуд надорад. Дар асл, ин ҳама технологияҳои муосири рақамӣ, компютерӣ, иттилоотӣ ва шабакавии муосир мебошанд, ки қобилияти фавран интиқоли ҳама гуна иттилоотро доранд . Яъне, хусусиятҳои асосии онҳо инҳоянд: иҷтимоӣ, маҳаллӣ ва мобилӣ (иҷтимоӣ, маҳаллӣ, мобилӣ), ки метавонанд барои тавсеаи имкониятҳои ВАО-и муосир истифода шаванд. Худи мафҳуми "медиаи нав" акнун нав нест, ин технологияҳо тақрибан 20 сола мебошанд. Аз ин рӯ, ҳангоми эҷоди як дастгоҳ (телефон, планшет) барои хондани васоити ахбори интернетӣ, шумо бояд фаҳмед, ки насли ҳозира, яъне оянда ё аудиторияи воқеии пардохткунанда, на танҳо корбари фаъоли рақамӣ аст, балки ин навъи интерактивии иртиботро манбаи асосӣ мешуморад маълумот Бо рушди Интернет, бисёр нашрияҳои интернетӣ пайдо шуданд, ки муҳаққиқони гуногун вобаста ба он ки «пешгузаштагони» анъанавӣ доранд, тасниф мешаванд. Баъзе олимон тақсимоти танҳо ВАО-и шабакавӣ ва намояндагии ВАО-и анъанавиро дар Интернет риоя мекунанд (А. А Беляев, Ю. В. Костыгова), дигарон версияҳои шабакавии ВАО-и анъанавиро ба "клонҳо" ва "гибридҳо" тақсим мекунанд (М. М. Лукина), бо ин муқобилат кардан ба нусхаҳои электронӣ, нусхабардории мундариҷаи волидайн, нашрияҳои интернетӣ, дар аввал "клонҳо", ки мундариҷаро тавсеа дода, сиёсати иттилоотии худро пеш гирифтаанд, аз аналоги ғайримуқаррарӣ. Саволе ба миён меояд, ки оё нусхаи электронии шумораи чопшуда 100% нусхаи он аст ё дар он тағироте ҳаст? Васоити ахбори омма иттилоотро ба тарзи дигар ба хонанда пешкаш мекунанд, зеро нусхаҳои электронии рӯзномаҳо имкониятҳои тамоман нави иртиботӣ ва техникӣ доранд. Ҳангоми интиқоли нашрияҳо аз офлайн ба онлайн, ду баст ба амал меояд: технологӣ ва типологӣ].Якум, ба қабулкунанда таҷҳизоти махсус барои хондани нусхаи электронӣ, инчунин малака ва малакаи истифодаи захираҳои шабакавӣ ва кор бо онҳо лозим аст. Дуввум, нашри нав ба шунавандагон пешкаш карда мешавад - ин рӯзнома нест, зеро одатан пешниҳод карда мешавад, балки нашри электронӣ бо маҷмӯи навигация ва имконоти иртиботӣ: алоқаи хонанда, арзёбии маводи нашрия, мубоҳисаҳо дар форумҳо ва блогҳо, пайвандҳо, дастрасии содда ба бойгонӣ ... Сутунҳои матне, ки бо клик мекушоянд, пурра намоён нестанд, инчунин баннерҳои таблиғотӣ барои "клик" пешниҳод мекунанд. Дар асоси ин, мо метавонем хулоса барорем, ки васоити ахбори онлайн аз ВАО фарқ мекунанд: 1) самаранокии технологӣ 2) гиперматнийт.Агентиҳои иттилоотии интернетро метавон ҳамчун сарчашмаи муассиртарини иттилоот тавсиф кард. Ҳангоми рух додани ҳолати фавқулодда, шунавандагон ба шабака - ба навори ахбор ва танҳо пас ба паёмҳои каналҳои анъанавӣ рӯ меоранд. Аз ин рӯ, як бартарии дигари васоити ахбори онлайн саривақтии иттилооти пешниҳодшуда мебошад.Ҳамин тариқ, ҳангоми эҷоди аналоги шабакавӣ, он версияест, ки дар натиҷа таваллуд мешавад, на нусха. Нусха ҳамон муҳитро дар назар дорад. Версия – мисол дар бораи он, ки мундариҷаи шумораи чопӣ метавонад чӣ гуна бошад, аммо ин танҳо яке аз вариантҳост ва шумораи онҳо зиёданд. Ҳангоми рафтан ба шабака, версияи натиҷа аз версияи стандартӣ фарқ мекунад бо: навъи нашр, навъи нашр ва хосиятҳои иҷтимоӣ ва коммуникативӣ.Фарқиятҳои асосии байни нусхаҳои шабакавӣ ва нусхаи чопшуда инчунин инҳоро дар бар мегиранд: миқдори зиёди иттилоот аз ҳисоби имкониятҳои интерактивии Интернет, тағирёбии дастгоҳи нашрия, кам шудани миқдори иттилоот (дар нусхаи чопӣ мо

матнро дар маҷмӯи дигар маводҳо дарк мекунем - мо системаи пайвандҳои нашрияҳои контекстӣ месозем, дар мониторҳои компютерӣ мо чунин хабарҳоро дарк мекунем).

Услуби рӯзномаҳо аз он ҷиҳат мавқеи махсусро ишғол мекунад, ки воситаҳои чоп инъикоси вазъи кунунии забон мебошанд. Ин системаи унсурҳои ба ҳам алоқаманд, вобастагӣ ва вобастагии забонӣ мебошад, ки ба иҷрои як ҳадафи мушаххас - расонидани иттилоот дар шакли дастрастарин ба хонанда равона карда шудааст. Вобастагии мутақобила ва вобастагии унсурҳои услуби рӯзномаро дар мисоли ҳар як матни рӯзнома пайгирӣ кардан мумкин аст. Масалан, хоҳиши ба зудӣ навиштан ва маҳдудияти андозаи мақолаи рӯзнома боиси соддагардонии сохти синтаксисӣ, тарки баъзе унсурҳо ва фишурдани дастгоҳҳои услубӣ мегардад. Мо метавонем дар бораи ВАО-и муосири интернетӣ ҳамин чизро гӯем, дастрасии иттилоот барои аудиторияи хондашаванда омили муҳими тартиб додани маводи ахбор мебошад ва аз ин рӯ лексика ва грамматикаи матн низ тағир меёбад ва ҳамзамон як функсияро нигоҳ медорад.

Ҳадафи асосии матнҳои публитсистӣ, мисли матнҳои иттилоотӣ, расонидани иттилоот ба хонанда мебошад [4]. Аммо, ҳадафи ин матнҳо на он қадар зиёд аст, ки интиқоли иттилоот, балки таслим кардани ҳукмҳо дар бораи ин маълумот, дар ҳоле ки ба хонанда таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, ВАО-и чопӣ ва онлайн, чун қоида, услуб, идеология ва диққати муштарак доранд. Дар ҷаҳони муосир, ҳатто варақаҳои таблиғотӣ амалан аз мавзӯи умумӣ фарқ намекунанд (агар он нашрияи мавзӯӣ бошад). Маҳз аз он сабаб, ки матни жанри публитсистӣ ҷузъи рӯзнома ё нусхаи электронии ВАО мебошад, ки услуб ва идеологияи хоси худро дорад, ба он диққат додан лозим аст, ки манбаи иттилоот чист.

Н.М.Белова қайд мекунад, ки вазифаи асосии услуби иттилоотии рӯзнома ин расонидани маълумоти муайян аз мавқеъҳои муайян ба даст овардани таъсири дилхоҳ ба хонанда мебошад [3, 113]. Ҳам рӯзномаи чопӣ ва ҳам сайти хабарӣ ҳамчун як нусхаи рӯзнома ВАО ва боварибахш мебошанд. Онҳо барои тамошобинони омма пешбинӣ шудаанд, ки диққати онҳоро бояд нигоҳ дошт. Ба онҳо зарурати ташкили мавод тавре тавсиф мешавад, ки иттилоотро зуд, кӯтоҳ баён кунад, чизи асосиро, ҳатто агар ёддошт то охир хонда нашавад ва ба хонанда таъсири махсус расонад.

Маҳз ин ду вазифа - иттилоотӣ ва таъсирбахш - услубсозанд. Татбиқи онҳо дар услуб ва забон, синтаксис ва сохтори ҳуҷҷатҳои журналистӣ, таркиби жанрҳои журналистика ифодаи мушаххаси худро меёбад [11, 198]. Вазифаҳои васоити ахбори омма ба васоити интернетӣ вогузор шудаанд: интиқоли иттилоот ва таъсир ба хонанда. Қариб ҳар як матни медиавӣ маҷмӯи унсурҳои паём ва таъсир мебошад. Сабкҳои журналистӣ ва иттилоотӣ низ ба чунин вазифаҳо дучор меоянд, бинобар ин бисёриҳо услуби иттилоотиро як зергурӯҳи журналистика мешуморанд, ки бо онҳо розӣ набудан душвор аст.

Адабиёт:

1. Ахманова О.С. Луғати истилоҳоти забоншиносӣ. – М.: Энсиклопедияи Шӯравӣ, 1968. – 607 с.
2. Белка Ю.В. Неологизмҳои забони англисӣ [Захираи электронӣ]. – Растудент: маҷаллаи илмии электронӣ. – 2014. - Ҳолати дастрасӣ: http: //nauka-rastudent.ru/5/1453/.
3. Белова Н.М. Тавсияҳои методӣ барои кор дар тарҷумаи маводи иттилоотии рӯзнома. – М.: 1995. – 304 с.
4. Беляева Л.М. Мушкилот дар тарҷума аз англисӣ ба тоҷикӣ. – М.: Муносибатҳои байналмилалӣ, 1972. – 114 с.
5. Бранг Р. Олимони шӯравӣ оид ба масъалаҳои тарҷума. Мақола аз китоби Г.Шторинг «Проблемаҳои тарҷума». – Москва: 1978. С. 202-208.
6. Брандес М.Р. Стилистикаи матн. Курси назариявӣ. – М.: Пешрафт-Анъана, 2004. – 416 с.
7. Будагов Р.А. Рушд ва такмили забон чист. – Москва: Наука, 1977. – 264 с.
8. Бурмакина Н.А. Татбиқи ҷузъи меъёрӣ дар муҳити ВАО-и ҷавонон. Маҷаллаи байналмилалии илмии электронӣ. - 2015. - №2. - Ҳолати дастрасӣ: http://st-hum.ru/content/burmakina-na-bogdanova-ta-realizaciya- normativnogo-komponenta-v-molodyozhnoy-mediasrede
9. Ванников Ю.В. Намудҳои тарҷумаи илмӣ ва техникӣ: тавсифоти умумӣ, функсияҳо, талаботи асос. – М.: Мактаби олӣ, 1988. – 254 с.

Калидвожаҳо: *иттилоот, сомона, хабар, технология, интернет, рӯзнома, маҷала*

Аннотация

ОСНОВНЫЕ ЗАДАЧИ ЖУРНАЛИСТСКОГО СТИЛЯ ПЕЧАТНЫХ И ИНТЕРНЕТ-СМИ

В современной реальности СМИ оказывают огромное влияние на различные области человеческой деятельности. У перевода медиа текстов онлайн есть свои проблемы. В первую очередь, эти трудности, как и прежде, связаны с реалиями конкретной культуры, отраженными в медиа текстах, и с языковыми проблемами: фонетическими, лексическими и грамматическими. Во-вторых, интернет-публикации имеют особый формат и некоторые особенности организации и представления материала потребителю. Благодаря таджикским версиям новостных сайтов, таких как BBC или The Financial Times, мы видим, как те же события воспринимаются и преподносятся в других странах, поэтому мы можем объективно оценить достоверность полученной информации.

Ключевые слова: *информация, сайт, новости, технологии, интернет, газета, журнал.*

Annotation

THE MAIN TASKS OF THE JOURNALISTIC STYLE OF PRINT AND ONLINE MEDIA

In modern reality, the media has a profound effect on various areas of human activity. Translating online media texts has its problems. First of all, these difficulties, as before, are related to the realities of the specific culture reflected in the media texts, and to the language problems: phonetic, lexical and grammatical. Second, online publications have a special format and some features of organizing and presenting material to the consumer. Thanks to the Tajik versions of news sites, such as the BBC or The Financial Times, we see how the same events are perceived and presented in other countries, so we can objectively assess the reliability of the information received.

Keywords: *information, website, news, technology, internet, newspaper, magazine*

Маълумот дар бораи муаллиф: Шукуров Олим, магистранти кафедраи забони англисии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, телефон: +992 555555257, почтаи электронӣ: Shukurov235@gmail.com

Роҳбари илмӣ: дотсент, декани факултети забони англисӣ Баротзода Файзиддин

Сведения об авторе: Шукуров Олим, магистрант кафедры Английского языка имени С. Айни, тел: +992 555555257, почтаи электронӣ: Shukurov235@gmail.com

About the author: Shukurov Olim, the master student of the Department of the English language, TSPU named after S. Aini, tel: +992 555555257, email address: Shukurov235@gmail.com

Supervisor: Assistant professor, dean of the Faculty of English Barotzoda Faiziddin

Солеҳов Ҳабибулло,
магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷик

АҚИДАҲОИ АХЛОҚИИ САНОӢ ДАР «ҲАДИҚАТ-УЛ-ҲАҚИҚАТ»

Маълум аст, ки дар адабиёти форсии тоҷикӣ тавсифи сифатҳои ҳамидаи инсонӣ, ба мисли халқпарварӣ, ватандӯстӣ, накӯкорӣ, олиҳимматӣ, танқиди зулму ситам, макру фиреб, қатлу ғорат ва ғайра яке аз мавзӯъҳои муҳим буда, аз давраҳои қадим вуҷуд дорад. Адабиёти пешқадами гузаштаи мо ба воситаи панду насиҳатҳои муфид ва ҳакимонаи худ амиру амалдорони золиму торочгар ва маҳруру худписандро тарбия мекарданд (4, 59). Ин масъалаҳо дар «Ҳадиқа»-и Саноӣ низ яке аз масъалаҳои марказӣ ба шумор меравад ва шоир хостааст, ки ба воситаи панду насиҳатҳои худ ҳокимони замонро ба адолат даъват намояд. Саноӣ рӯирост ба Баҳромшоҳи Ғазнавӣ мегӯяд, ки ба шоирони маддоҳ, ки ҳар як кирдори шоҳро бо хушомадгӯӣ ҳаҷ баровардан мешаванд, бовар накунад, фирефтаи суханҳои хуби онҳо нашавад. Ӯ худро ҳамчун шахси холису беғараз нишон дода, ба шоҳ мурочиат мекунад:

Сухан гӯямат ба ҳаҷ бишнав,
Ҳира бар роҳи тангу тира марав.
Ҳар кас аз рӯи урфи худ оянд,
Мар туро солу моҳ бистоянд.
З-он суханҳои хуб гарра машав,
Ҳамчу тардоманон ба адл машав…
Алъамон, алъамон машав гарра,
Ки наярзанд дастаи тара…
Ман мадоҳин наям чу дигар кас,
Пеш наорам зи турраҳот ҳавас. (2, 543)

Шоир таъкид мекунад, ки шоҳ набояд фаромӯш кунад, ки дар рӯзи маҳшар ӯ на танҳо ба кирдорҳои худ ҷавоб медиҳад, балки гуноҳи шахсоне, ки шоҳ ба онҳо ҳокимият додаст, низ бар гардани ӯст. Бинобар ин, на мувофиқи маслиҳати маддоҳон, балки мувофиқи иродаи худ амал кунад:

Гар саге, золиме, баде, шуме,
Бирасонад баде ба мазлуме,
Ту шавӣ рӯзӣ ҳашр аз он маъҳуд
В-он замон ҳасратат надорад суд.
Ҳеҷ касро ту устувор мадор,
Кори худ куну касе ба ёд мадор. (2, 544)

Яке аз масъалаҳои асосии «Ҳадиқа», ки Саноӣ бештар ба он диққат додаст, ин масъалаи адлу адолат мебошад. Шоир ободии мулкро бе адлу инсофи ҳокимон тасаввур карда наметавонад ва адлу саховатро барои ҳукуматдорони замон чизи заруре мешуморад:

Адл вақте ки шамъ афрӯзад,
Гургро гӯсфанд омӯзад. (2, 515)

Саноӣ адлу адолати шоҳро дар саховату каромати ӯ мебинад, яъне ӯ хайру саховат, бахшишу инъомро барои адли шоҳ чизи зарурӣ ва аз ҳамдигар ҷудонашаванда мешуморад:

Адли шоҳ посбони мулкати ӯст,
Базли ӯ қаҳрамони давлати ӯст.
Адл бе базл шохи бесамар аст,
Базл бе адл пойро табар аст. (2, 515)

Шоир шоҳеро, ки аз адлу инсоф бехабар аст, ба қатори одам ҳисоб намекунад, балки ӯро ҳайвони даррандаи ваҳшӣ мешуморад, ки лоиқи идоракунии давлат нест:

Ҳар ки инсоф аз ӯ ҷудо бошад,
Дад бувад дад, на подшоҳ бошад.
Чун аз ӯ адлу бегамӣ набувад,
Ҳуд чӣ султон, ки одамӣ набувад. (2, 515)

Дар «Ҳадиқа» дар масъалаи адлу инсоф як ақидаи хеле ҷолиби диққати Саноӣ баён ёфтааст. Маълум аст, ки дар замони асримиёнагӣ забон ва маданияти араб дар мамлакатҳои Шарқ нуфузи калон дошт. Бинобар ин, баъзеҳо забони арабиро аз забони дигар халқҳо, аз ҷумла форсу тоҷик болотар гузошта, забони арабиро забони маорифу маданият мешумориданд (4, 82). Саноӣ чунин шахсонро гумроҳ ва аз маданият бехабар тасвир намуда, байни миллатҳо фарқ намегузорад:

Мулку адл аст, дину дил парвард,
Тозию порсӣ чӣ хоҳӣ кард.
Мардро чун ҳунар набошад кам,
Чӣ зи аҳли Араб, чӣ зи аҳли Аҷам…

Инчунин ҷилфу беадаб з-онӣ,
Ки ту тозӣ адаб ҳамехонӣ. (2, 402-403)

Дар масъалаи адл низ он касро ғолиб мешуморад, ки агар вай адлу инсофро касб карда бошад:

Турку эронию арабию курд,
Ҳар ки одилтар аст, ӯ бурд. (2, 574)

Адолат талаб мекунад, ки подшоҳ набояд фақат аз паси муваффақиятҳои шахсии худ давад, балки ҳамеша ғамхори зердастони худ бошад. Саноӣ дар ин масъала хеле нотарсона баромад мекунад:

Гурсина мардумону Кисро сер,
Саг бувад инчунин амир на шер. (2, 582)

Бояд тасаввур намуд, ки додани номи «саг» ба подшоҳи золим ва умуман ҳокими хунхор, илова бар ин дар китобе, ки ба шоҳ бахшида шудааст, дар замони зиндагии Саноӣ кори осон набуд. Аммо нотарсӣ ва ҳисси баланди адолатпарварии шоир ба ӯ ба гуфтани суханҳои ҳақ ҷуръат бахшидаанд.

Дар яке аз қисматҳои охирини «Ҳадиқа» Саноӣ ҳамчун шахси ҷасуру нотарс ба муқобили шоҳ ва сохти феодалии асримиёнагӣ, ки аксарияти мунавварфикронро нобуд карда буд, баромад мекунад. Ва таассуф мехурад, ки дар замони ӯ қимати инсонро на аз рӯи илму хирадаш, балки аз рӯи молу мулкаш, аз рӯи дороии моддияш муайян мекунанд. Шоир ба хулосае меояд, ки замонаи вай он касро мепарварад, ки ӯ золимтар аст:

Давлат акнун зи адлу амн ҷудост,
Ҳар ки золимтар аст, мулк варост. (2, 546)

Бинобар ин, Саноӣ дар чунин замонаи фиску фасод зиндагӣ кардан намехоҳад:

Ҳаст дар даври чархи гаммозаш,
Эй дарего, Саноӣ овозаш. (2, 738)

Ақидаи Саноӣ дар муносибати давлат бо аҳолӣ аз рӯи талаботи адолат ва маърифат асос ёфтааст. Ӯ дар ин шоҳасари худ мувофиқи фаҳму дониши замонаш бо сохти феодалӣ ва муносибатҳои истеҳсолии он муросо мекунад ва подшоҳпараст аст. Асоси таълимоти иҷтимоии ӯро адолатхоҳӣ ва халқпарварӣ, ки ғояи деҳқонист, ташкил медиҳад. Аммо Саноӣ низ мисли дигар мутафаккирони асримиёнагӣ дар фаҳмиши масъалаҳои ҷамъиятӣ пешқадам нест, бинобар ин, шоир дар ҳалли масъалаҳои зиддиятноки иҷтимоӣ тарафдори ақидаи шоҳи одил аст. Гӯё ободии мулк ва осоиштагии халқ дар вуҷуди шоҳи одил бошад. Аз хондани асар ба назар мерасад, ки Саноӣ мамлакатро бе шоҳ тасаввур карда наметавонад. Ӯ шоҳро сояи Худо, фиристодаи Худо дар замин мешуморад. Модом, ки шоҳ соҳиби чунин мартабаи баланд бошад, қайд мекунад шоир, пас ӯ набояд аз касе тарсад ва ҳамеша мувофиқи иродаи худ амал карда, ростқавлу росткор бошад:

Сояи Эзид аст шоҳи карим,
Рост бошу мадор аз кас бим. (2, 549)

Саноӣ мавҷудияти шоҳро берун аз омма тасаввур карда наметавонад ва ӯро як узви ҷудонашавандаи халқ мешуморад:

Масали шоҳ сару раият тан,
Ҳарду аз якдигар фузуд саман.
Тани бесар гизои занбӯр аст,
Сари бетан сарои танбӯр аст. (2, 574)

Ва дар ҷои дигар ин фикри худро қувват дода мегӯяд:

Халқ соя асту шоҳ бути поя,
Пояи каж каж афканад соя. (2, 549)

Саноӣ дар «Ҳадиқа» ба масъалаи расму русуми сиёсатдонӣ ва давлатдорӣ бештар аҳамият дода, ба Баҳромшоҳ бо панду насиҳатҳои ҳакимонаи худ тариқу равиши идоракунии мамлакатро ёд додаст. Ӯ сифатҳоеро, ки шоҳ бояд дорои он бошад, як-як номбар карда, ба ҳукмрони замон дар интихоби роҳи дурусти давлатдорӣ маслиҳатҳои муфид додаст. Дар «Ҳадиқа» қисмате ҷой дорад, ки он «Дар адли подшоҳ ва сифатҳои он» ном дорад. Дар он Саноӣ аз ҷумла мегӯяд:

Шоҳи пурдил ситезакор бувад,
Шоҳи баддил ҳамеша хор бувад.
Шоҳи одил миёни неку бад аст,
Тезу золим ҳалоки халқу худ аст.
Бар миёна бувад шаҳи одил,
На бувад шерхӯ, на уштурдил.
Мулкро шоҳи золим пурдил,
Беҳ зи султони оҷизу одил. (2, 555)

Тавре ки равшан гашт, Саноӣ тарафдори шоҳи одили сахтгир аст. Ӯ ҳатто шоҳи золими пурдилро аз одили буздил авлотар медонад. Дар хусуси шоҳи сахтгир сухан ронда, шоир ҷиҳатҳои мусбати ӯро низ нишон медиҳад. Ба фикри ӯ, дар мамлакат ба ғайр аз шоҳ ҳеҷ каси дигар

фармонфармоӣ ва зулм карда наметавонад. Яъне дар мамлакат ба ғайр аз шоҳ касе дар роҳбарӣ ҳуқуқи зиёд надорад:

…Лекин андар мамолики ин мард,
Зулм ҷуз вай касе наёвард кард.
Кас надорад ба мулки ӯ заҳра,
Ки фузунтар хурад вай аз баҳра. (2, 556)

Аммо шоир таъкид мекунад, ки шоҳ дар ойини давлатдорияш набояд ҳирсу шаҳватро касб кунад:

Мулки ду ҷаҳон ба зери пой орӣ,
Гар ҳаворо ба зери пой орӣ. (2, 557)

Баъд аз ин шоир мувофиқи ақидаи замонаш подшоҳонро ба «одил» ва «золим» ҷудо кардааст. «Одил»-ро ситоиш ва «золим»-ро танқиду нафрин хондааст:

Шоҳи одил ҷу кištии Нуҳ аст,
Ки аз ӯ амну роҳати рӯҳ аст.
Шоҳи ҷоир ҷу мавҷи тӯфон аст,
З-ӯ харобии хонаву ҷон аст.
Подшоҳи мусаллату магрур,
Аз Худою зи халқ бошад дур. (2, 556)

Дар ҷои дигар шоир ин ақидаи худро қувват дода, шоҳи одилро мадҳ ва золимро ба ҳайвони ваҳшӣ монанд кардааст:

Шоҳи гамхӯр – ноиби хирад аст,
Шоҳи хунхӯр шоҳ нест – дад аст. (2, 549)

Чунин суханони ҳақоратомез ба ҳокимони замон (албатта дар ин ҷо шоир Баҳромшоҳро низ аз назари эътибор берун нагузоштааст), ки усули давлатдориро намедонистанд ва дар хусуси аҳволи халқи худ ғамхорӣ зоҳир намекарданд, нигаронида шудааст. Шоир дар хусуси шоҳ ва сифатҳои он сухан ронда, хушёрии шоҳро таъкид мекунад. Ҳукмрон, ба ақидаи Саноӣ, бояд ҳамеша аз аҳволи мамлакати худ, аз зиндагии мардум огоҳ бошад, ба ғафлат ва бепарвоӣ дода нашавад, чунки ғафлати шоҳ мулкро ба парокандагию харобӣ меорад, ки дар ин бора гуфтааст:

Шоҳро хоби хуш набояд хуфт,
Фитна бедор шуд ҷу шоҳ бихуфт,
Шоҳро хоби ғафлаташ офат,
Ҳамчу бедорияш бувад рафъат.
Шоҳ ҷу гаввосу мулк чун дарёст,
Хуфтанаш дар даруни об хатост. (2, 574-575)

Чизи дигаре, ки Саноӣ шоҳро аз он боздоштанӣ мешавад, ин ба ҳазлу шӯхӣ, ба айшу ишрат дода нашудани шоҳ мебошад. Ӯ ба шоҳ муроҷиат намуда, таъкид мекунад, ки агар ҳукмрон айшу ишрат ва ҳазлу шӯхиро касб кунад, мамлакат аз адлу инсоф берун мемонад:

Шоҳ ҷу бинишаст бар даричаи ҳазл,
Мулк берун парад зи равзани адл.
Ҳазл бо шоҳ агар муқим шавад,
Хотираш дар ҳунар ақим шавад. (2, 578)

Тавре ки қаблан қайд карда будем, дар асрҳои Х1-Х11 дар натиҷаи ҷангҳои хонумонсӯзи Ғазнавиён ва Салҷуқиён аҳволи мамлакат, пеш аз ҳама аҳволи моддии табақаи поёнии он хеле бад шуда, зулму истибдод ривоҷ ёфта буд. Дар чунин шароит баромадҳои Саноӣ ба муқобили зулм, ба муқобили бедодӣ ва хунрезӣ дар бораи рӯҳияи зиддифеодалии халқ шаҳодат медиҳанд. Саноӣ дар «Ҳадиқа» зулм ва золимонро маҳкум намуда, аҳли ситамро аз оқибатҳои бади он тарсонданӣ мешавад. Шоир ободии мулкро аз ганҷи равон авлотар медонад ва агар молу мулк бошаду мамлакат обод набошад, Саноӣ чунин молу мулкро ҳеҷ медонад:

Мулк вайрону ганҷ ободон,
Набувад ҷуз тариқи бедодон.
Мулки обод беҳ зи ганҷи равон,
Шодии дил надорад эч тамом. (2, 573)

Шоир зулм ва зарари онро барои ободии мулк нишон дода, шоҳро аз он парҳез кунониданӣ шудааст:

Лаҳв чун марг ҷони мулк барад,
Зулм чун рег оби мулк хурад.
Хок бар бод кинавар бошад,
Рег бар об ташнатар бошад. (2, 578)

Ба аҳли ситам, пеш аз ҳама ба шоҳ муроҷиат карда мегӯяд, ки зулм кардан, бегуноҳро ранҷондан аз бузургтарин гуноҳҳо ба шумор меравад:

Ман надонам зи ҷумлаи ашрор,
Пургуноҳе ҷу бегуноҳозор. (2, 548)

Саної ба молу мулк ва сарвати тавонгарон ва золимон, ки аз ҳисоби меҳнати мазлумон ба даст меомад, ба нафрат нигоҳ мекунад ва ошкоро мегӯяд, ки матоъҳои пурқиммат ва зару зевари ҳокимон натиҷаи обилаи дасти дарвешон ва натиҷаи кулфати бечорагон аст:

Дили дарвеш ношикебо шуд,
То либоси ту ҳаззу дебо шуд. (2, 566)

Шоир панду насиҳати худро давом дода, ба ҳокими замон таъкид мекунад, ки дар усули давлатдорӣ зулмро пеша кардан хатост. Вай умуман шахсони золимро дар асл одамӣ намешуморад, балки онҳоро аз ҳайвони дарранда низ бадтар медонад:

Шугли давлат, ки аз ситам созӣ,
Чӣ бувад ҷуз, ки гургу бузбозӣ.
Ҳар ки андар ҷаҳон ситам ҷӯяд,
Даду девони одамиреванд. (2, 549)

Дар натиҷа шоир ба хулосае меояд, ки оқибати зулм пушаймонӣ меорад:

Ҳар ки ӯ бегуноҳ тарсонад,
Дон, ки дар ҷои тарс дармонад (2, 549)

Саної барои исботи фикраш якчанд ҳикоятҳои тамсилие меорад, ки дар онҳо дар хусуси он ки оқибати зулм пушаймонӣ аст, нақл карда мешавад. Махсусан ҳикояти калонҳаҷме дар бораи Султон Масъуд хеле аҷиб аст. Дар он ҳикоят нақл карда мешавад, ки Султон Масъуд бо ҳар баҳона нисбат ба вазири худ Абулҳасани Маймандӣ домангир мешавад. Ба вай ба миқдори хеле зиёд ҷарима меандозад. Дар охир ӯ ноҳақ кушта мешавад ва ин кор тафтиш нашуда мемонад. Марҳум модари хеле пиру оҷизае дошт, ки дуъои ӯ ҳамеша мустаҷоб буд. Ба шоҳ хабар мерасонанд, ки пиразан туро дуъои бад мекунад ва ту бояд ба назди ӯ рафта тасаллои дилаш шавӣ ва узр пурсӣ:

Шоҳ як шаб саҳаргаҳе бархост,
Бари зан рафту узр карда бихост.
Гуфт бад кардаму пушаймонам,
З-ин сабаб бад махоҳ бар ҷонам.
Рафтанӣ буду он қазо бишитофт,
Тири бигзашта чун тавон дарёфт.
Низ бар ман дуъои бад ту макун,
Буданӣ буд дар наварди сухун. (2, 554)

Дар ҷавоб пиразан мегӯяд, ки: «эй ҷаҳондор, аз ман барин шахс ту узр мапурс. Чӣ хел ман туро дуъои бад карда метавонам? Ба писари марҳумам ту аввал ин дунёро додӣ (яъне вазифаи вазириро), баъд боз дунёи дигарро низ ба ӯ ту додӣ. Мо аз ту ва авлоди ту миннатдорем. Ман гуноҳи туро бахшидам. Вақте ки шоҳ ин суханонро бишнид, пиразанро ба модарӣ қабул кард, аз кардаи худ пушаймон шуд ва дар чашмонаш ашк пайдо шуданд:

Шоҳи озод ин сухан бишнид,
Пиразанро ба модарӣ бигузид.
З-ин хиҷолат ба дил пушаймон шуд,
Чашмаш аз ҳол рафта гирён шуд». (2, 555)

Дар охири ҳикоя шоир хулоса карда мегӯяд, ки оқибати зулм пушаймонӣ аст ва ӯ ҳокимони замонро аз хуни ноҳақ рехтан боздоштанӣ мешавад:

Хуни ноҳақ зи корҳост батар,
Хуни ноҳақ кунадат зеру забар. (2, 555)

Саної амиронро, пеш аз ҳама шоҳро бовар кунониданӣ мешавад, ки адл халқу мамлакатро обод, зулм бошад, хароб мекунад, бинобар ин, бояд шоҳ дар хусуси ободии мулк фикр карда, ба зердастони худ раҳму шафқат кунад. Агар раият аз ҳукмрон қаноатбахш бошад, вақти душворӣ ба ӯ ҷонсипор шуда метавонад:

Раият аз ту чу бо ясор шавад,
Аз барои ту ҷонсипор шавад. (2, 577)

Дар ҷои дигар шоҳро тарсониданӣ шуда мегӯяд, ки агар аз ӯ раҳму шафқатро набинад, он гоҳ вай пароканда мешавад ва ба муқобили душмани шоҳ муборизa намебарад:

Чун наёбад ясор бигрезад,
Бо адӯи ту барнаёвезад. (2, 577)

Бинобар ин, дар усули давлатдорӣ роҳи зулмро касб кардан хатост, зеро зулм решаву пойдевори мамлакатро хоҳад канд:

Чун ситад шаҳ авомил аз деҳқон,
Деҳ аз ӯ рафту монд бар вай қон.
Гург чун хурад гӯсфанди ҳама,
Соли дигар мадор умеди рама.
Гар нахоҳӣ бараҳна аврати тан,
Дар гиребон мазан зи бун доман. (2, 574)

Аҳли зулм аз назари Саної саломат намемонанд, умри онҳо кӯтаҳ аст ва албатта ба ҷазои худ мерасанд:

Золим ар молу ҷони халқ бибурд,
На ҳам охир-ш мебибояд мурд. (2, 549)

Ё ин ки:

Умри ранҷур дертар монад,
Ранҷадоранда зуд дармонад. (2, 549)

Шоир золимро ба пашша ва мазлумро ба пил ташбеҳ дода, ба хулосае омадааст, ки умри хунхор кӯтоҳбақо аст ва бинобар ин, ба шоҳ таъкид мекунад, ки агар сарварони замон зулмро пеша кунанд, зуд ба ҳалокат хоҳанд расид:

Шоҳ бояд гуломи тан набувад,
То хатибаш дурӯги зан набувад.
Пашша аз пил кам зияд бисёр,
З-он ки кӯтоҳбақо бувад хунхор. (2, 543)

Ин воқеа, яъне ба ҷазои кирдори худ расидани золимон – ситамгарон дар таълимоти Саної асосан бо ду роҳ ба вуқӯъ меояд:

1. Роҳи якуми ба ҷазо расидани золимон ин оҳи мазлумон аст. Саної ҷазои аҳли ситамро фақат ба рӯзи қиёмат ҳавола накарда, онҳоро аз дуди дили халқ низ тарсонидані шудааст (5, 124). Шоир ба оҳи мазлумон – иродаи ситамдидагон, боварии куллӣ дорад ва онро ҳамчун як қувваи бузург тасвир мекунад.

Оҳи мазлумон, дуъои пиразанону бепадарон, - қайд мекунад шоир, - аз тиру найзаҳои ситамгарон қавитар аст. Бинобар ин, ӯ ба ҳокимони замон таъкид мекунад, ки аз оҳи мазлумон ҳазар бояд кард, дар акси ҳол зулмкунанда дар натиҷаи оҳи мазлумон албатта ҷон ба саломат нахоҳад бурд:

Эй басо тоҷу тахти марҳумон,
Лахт-лахт аз дуъои мазлумон.
Эй басо рояти адушиканон,
Сарнагун аз дуъои пиразанон.
Эй басо тирҳои ганҷурон,
Шох-шох аз дуъои ранҷурон.
Эй басо найзаҳои ҷабборон,
Пор-пор аз дуъои гамхорон.
Эй басо рафта мулки пурҳунарон,
Зор-зор аз дуъои бепадарон. (2, 557)

Шоир ба аҳли ситам қавӣ будани оҳи мазлумон ва дуъои пиразанонро бори дигар хотирнишон карда, навиштааст:

Он чи як пиразан кунад ба саҳар,
Накунад сад ҳазор тиру табар. (2, 557)

2. Роҳи дуюми ба ҷазои худ расидани золимонро Саної аз ақидаи «мукофоти амал» ҷустуҷӯ кардааст. Мувофиқи ақидаи асримиёнагӣ гӯё ҳар шахс барои кирдорҳое, ки дар ин дунё содир мекунад, дар он дунё албатта ҷавоб медиҳад, яъне ҳар кас, ки бадӣ кунад, бадӣ мебинад, некӣ кунад – некӣ.

Дар «Ҳадиқа» ҳикояти дигари тамсилие оварда шудааст, ки дар он ақидаи иҷтимоии Саної ба андешаҳои хаёлии донишмандони аврупої, ки ҷамъияти озодро танҳо тасаввур мекарданд, монанд аст. Дар ин ҳикоят нақл карда мешавад, ки яке аз пайравони Муҳаммад пайғамбар – ҳазрати Умар аз кӯчае гузашта истода бо як гурӯҳ одамон вомехурад. Вай мехоҳад бо онҳо шинос шуда, аз мақсади онҳо огоҳ шавад. Онҳо мегӯянд барои он ҷамъ омадем, ки мехоҳем ҳамеша якҷоя бошем ва бародарона зиндагӣ кунем. Баъд, Умар ба онҳо маслиҳат дода мегӯяд, ки агар хоҳед, ки шумо бародарона зиндагӣ кунед, барои ин пеш аз ҳама шумо ҳама бояд баробарҳуқуқ бошед. Яъне байни шумо дорою нодор набошад. Албатта ин ҳикояти Саної ба ҳақиқат рост намеояд, вале шоир бо овардани ин ҳикоя дар бораи чунин сохти иҷтимоие орзу кардааст, ки дар он ҳама баробар бошанд ва шоҳи одил ҳукмрони онҳо бошад:

Ҳеҷ н-ояд тагайюре пайдо,
Набувад гам ҷудою киса ҷудо.
На якеро бувад зи мол афвоҷ,
В-он дигар кас ба ҳаббае муҳтоҷ.
Ҳама яксон тавонгару дарвеш,
Ба зару сим нашуда каму беш. (2, 682)

Гуфтаҳои боло шаҳодати онанд, ки Саної дар муборизаи зидди зулму ситами гузашта хеле фаъол будааст. Шоир барои он ки ҳокимони замонро аз оқибати зулм ва золимӣ тарсонад, ҳамаи қувваи қалам ва тавоноии фикри худро ба кор бурда, аз ҳамаи воситаҳои сухан, масалҳо, далел овардани воқеаҳои таърихӣ ва ҳатто аз ақидаҳои динӣ истифода бурдааст.

Муҳаққиқ

Дуруст аст, ки ӯ сарчашмаи асосии пайдоиши зулмро пай бурда натавонистааст. Вале муҳим он аст, ки ӯ ин масъаларо дарк кардааст ва ҳатто барои пешгирӣ кардани он кӯшиш низ кардааст. Шоир агар аз як тараф дар баробари муҷассам карда нишон додани оҳи мазлум ва пиразанон ба қувваи халқ боварии калон доштани худро ифода карда бошад, аз тарафи дигар, ҳамон навъе ки дидем, ба аҳли ситам муроҷиат карда, аз зулм даст нигоҳ доштан ва дар акси ҳол ба ҷазои сахт расидани онҳоро таъкид мекунад.

Албатта, аксарияти ақидаҳои иҷтимоии Саноӣ, масалан ғояи шоҳи одил фақат як орзуе буданду халос, чунки дар замони зиндагии ӯ, ки сохти он ба нобаробарӣ асос ёфта буд, амалӣ гардидани ин ғояҳо номумкин буд, вале бо вуҷуди ин таълимоти иҷтимоии шоир нисбат ба замонаш хеле пешқадам буд.

Адабиёт:

1. Абулмаҷди Саноӣ. Девони ашъор. Бо саъй ва эҳтимоми Мударриси Разавӣ. – Теҳрон, 1322. – 680 с.
2. Абулмаҷди Саноӣ. Ҳадиқат-ул-ҳақиқат. Бо саъй ва эҳтимоми Мударриси Разавӣ. – Теҳрон, 1332. – 540 с.
3. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Бо корвони ҳулла. Маҷмӯаи нақди адабӣ. Таҳияи Ш.Шокирзода ва Р.Соҳибназар. – Душанбе: Пайванд, 2004. – 332 с.
4. Баҳоваддинов А. Очерки по истории таджикской философии. – Душанбе, 1965. – 286 с.
5. Бертельс Е.Э. История персидско-таджикской литературы. – Москва, 1960. – 530 с.
6. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. – Теҳрон, 1337. – 490 с.
7. Макотиби Саноӣ. Бо кӯшиши Назир Аҳмад. – Алигарҳ, 1962. – 223 с.
8. Маснавиҳои Ҳаким Саноӣ. Тасҳеҳ ва муқаддима аз Мударриси Разавӣ. – Теҳрон, 1348. – 463 с.
9. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. Таҳияи Х.Шарифов ва У.Тоиров. – Душанбе, 1982. – 162 с.

Калидвожаҳо: *маснавӣ, Саноии Ғазнавӣ, шоири бузург, эҷодиёт, адабиёти форсии тоҷикӣ, ирфон, дунёшиносӣ, ахлоқӣ, Баҳромшоҳи Ғазнавӣ, зебописандӣ.*

Аннотация

ЭТИЧЕСКИЕ ВЗГЛЯДЫ САНОИ В ПОЭМЕ «ХАДИКАТ-УЛ-ХАКИКАТ»

Статья посвящена всестороннему исследовании одним из направлении творчества Санои Газнави – этические взгляды в поэме «Хадикат-ул-хакикат». «Хадикат-ул-хакикат» занимает достойное место в творчестве Санои Газнави, в персидско-таджикской и мировой литературе. «Хадикат-ул-хакикат» является одним из первых мистических и этических поэм, где очень высоко отражено литературные, мировоззренческие и эстетические взгляды Санои Газнави.

Ключевые слова: *поэма, Санои Ғазнави, великий поэт, творчество, персидско-таджикская литература, мистика, мировоззрение, этический, Бахромшох Газнави, эстетический.*

Annotation

ETHICAL VIEWS OF SANOI IN THE POEM «HADIKAT-UL-HAKIKAT»

The article is devoted to the comprehensive study of the work of Sanoi Ghaznavi-ethical views in the poem «Hadikat-ul-hakikat». «Hadikat-ul-hakikat» occupies a worthy place in the works of Sanoi Ghaznavi, in the Persian-Tajik and world literature. «Hadikat-ul-hakikat» is one of the first mystical and ethical poems, where it very highly reflects the literary, ideological and aesthetic views of Sanoi Ghaznavi.

Key words: *poem Sanoi Ghaznavi, the great poet, creativity, Persian-Tajik literature, mysticism, worldview, ethical Bahromshoh Ghaznavi, aesthetic.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Солиев Ҳабибулло, магистранти соли дуюми кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филалогияи тоҷик, ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Суроғa: ноҳияи Шаҳринав, 988.79.78.37

Роҳбари илмӣ: д.и.ф., профессор Элбоев Вафо

Сведения об автор: Солиев Хабибулло, магистрант второго курса кафедра теория история литературы факультет таджикиской филологии ТГПУ имени Садриддин Айни. Адрес: район Шахринав, 987.79.78.37

About the author: Soliev Khabibullo, the second year master student of the faculty of Philology, the Department of theory of history of literature, TSPU named after S. Aini. Address: district Shahrinav, Tel 987.79.78.37

Каримов Шердил,
магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷик

АНДЕШАҲО ПИРОМУНИ ЯК САҲИФАИ БЕДИЛШИНОСИИ ТОҶИК

Ба ҳамагон маълум аст, ки роҷеъ ба фаъолияти адабиётшиносии устод Садриддин Айнӣ асарҳои хурду калони зиёде таълиф ёфтаанд, ки муҳимтаринашон инҳоянд: Р. Ҳодизода "Тадқиқоти илмии С. Айнӣ оид ба таърихи адабиёти тоҷик", "Оид ба аҳамияти таърихии "Намунаи адабиёти тоҷик", Х. Мирзозода "Садриддин Айнӣ – аввалин адабиётшиноси тоҷик", М. Шукуров "Фаъолияти илмии устод Айнӣ ва худогоҳии миллии меҳнаткашони тоҷик", "Равшангари бузург" ва А. Маҳмадаминов "Намунаи адабиёти тоҷик" ва ҷараёни адабии солҳои 20 – ум" ва ғайра, аз ҳамин ҷумлааанд.

Дар асарҳои зикршуда, ҷанбаъҳои гуногуни фаъолияти илмии устод С.Айнӣ тадқиқ шуда, оид ба аҳамияти илмӣ ва таҳқиқотии онҳо андешаҳои муфиду судманд баён ёфтааст.

Рисолаҳои илмии устод С.Айнӣ дар як замонаи бисёр ҳассоси таърихӣ ба вуҷуд омада, барои дифоъи миллати тоҷик ва дорои адабиёти зиёда аз ҳазорсолаи бою ғанӣ будани моро собит менамуд. Пуштибонӣ аз адабиёти ҳазорсолаи миллат устодро водор кард, ки сарчашмаҳои зиёдеро варақгардон намуда, намунаҳои осори адибони гузаштаи форсу тоҷикро дар китоби "Намунаи адабиёти тоҷик" (1926) ба табъ расонад. Бо ин қаноат накарда устод С.Айнӣ тақрибан аз соли 1934 ба таълифи рисолаҳои алоҳидаи илмӣ: "Дар бораи Фирдавсӣ ва "Шоҳнома"-и ӯ (1934), "Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино" (1939), "Устод Рӯдакӣ" (1940), "Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ" (1942), "Алишер Навоӣ" (1948), "Мирзо Абдулқодири Бедил" (1946-1957) ва як силсила мақолаҳои ӯ роҷеъ ба муҳимтарин масъалаҳои адабиёти тоҷик бо далелу бурҳони радношавандаи илмӣ рӯи чоп овард. Ҳадафи устод аз ин заҳмати шабонарӯзӣ, пеш аз ҳама дифои забону фарҳанги мо тоҷикон дар масири таърих буд. Ба ақидаи устод Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ: "Бояд таъкид намуд, ки чун таҳқиқоти илмии Айнӣ миллатро ба худаш ва ба диагарон мешиносонид, метавон гуфт, хусусияти равшангарӣ дошт ва аз ин рӯ онро идомаи фаъолияти маорифпарварии ӯ бояд донист. Аз ин ҷиҳат фаъолияти илмии Айнӣ ҳамон равшангариест, ки аз Аҳмади Дониш оғоз ёфта буд" (1, 23).

Ҳадафи мо аз ин мақола, пеш аз ҳама муайян намудани арзиши илмии монографияи "Мирзо Абдулқодири Бедил" –и устод С.Айнӣ қарор дорад, чунки доир ба таърихи таълифи ин асари комилан бузурги устод Айнӣ муаммоҳои зиёде ба миён омада буд.

Устод Айнӣ ба фаъолияти илмӣ якбора напардохта, аввал бо шеър ба адабиёт ворид мешавад ва пеш аз Инқилоби Октябр дар миёни донишмандони замонаш ҳамчун шоири тавоно ва пуркудрат эътироф гардида буд. Дар ин айём тазкиранигорони тоинқилобӣ ба ашъори устод Айнӣ баҳои баланд дода, "мазомини бикр ва баланди сухани ӯро" махсус қайд мекарданд. Устод С.Айнӣ дорои истеъдоди комил буду ба тангдастиҳо ва мушкилоти рӯзгор нигоҳ накарда, кулли донишҳои замонаашро фаро гирифт ва чун донишманди фозил шинохта гардид. Ӯ дар ҷавонӣ ба омӯхтани эҷодиёти Бедил шавқ пайдо намуда, ба таври ҷиддӣ машғул мешавад ва барои пайдо намудани ганҷинаҳои маънӣ дар он кӯшиш ба харҷ медиҳад. Дар ин айём устод Айнӣ рӯзгоре ба сар мебурд, ки пур аз талош ва шиддат буд, ки фоҷиаҳои зиёд дошт. Талошу заҳмати ӯ дар ин миён бенатиҷа намонд ва дар як муддати кӯтоҳ бисёр уқдаҳои шеъри Бедилро кушода, шӯҳрати бедилшиносии ӯ аз доираи маҳфили Бухоро берун рафт.

Устод Айнӣ аз ҳамон даврони тифлӣ, ки дар мактабҳои кӯҳнаи он замон баъд аз ашъори Ҳофиз осори Бедилро аз мударрисони бесавод кӯркӯрона таълим мегирифт, шавқи беандоза барои фаҳмидани маънии баёни Бедил дар вуҷудаш ҷой гирифта буд. Аз он хотир, ки падараш Саидмуродхоҷа чанд гоҳе дар мадраса хонда дорои хату савод буд, аз ашъори шоирони бузурги классик огаҳӣ дошта, девони баъзе аз онҳоро дар даст дошт. Ҳангоми фориғ аз кор барои писараш Садриддини хушзеҳн ва кунҷков аз девони Бедил, Соиб, Ҳофиз барин бузургон шеърҳо мехонд ва маънидод мекард. Аз ҳамон вақт ашъори ин шоирони ширинсухан дар қалби Садриддини хӯрдсол ҷой гирифта буд.

Доир ба аввалин таълифоти устод Айнӣ дар ҳаққи Мирзо Бедил, ки ҷавобан ба як мактуби шарикдарси бухороияш Олимҷон Идрисӣ ном нависандаи тотор, ки соли 1912 дар маҷаллаи "Шӯро" дар Уфа ба табъ расидааст аз аҳамият холӣ нест. Зеро устод Муҳаммадҷон Шакурӣ ва Ҷӯрахон Бақозода, ки пас аз ҷустуҷӯҳои зиёд ин мақоларо ба даст овардаанд ва доир ба он чунин мегӯянд, ки "Ҳарчанд ин мақола ҳаҷман хӯрд буда, чун посух ба суолҳои Идрисӣ нигошта шудааст, аҳамияти калони таърихиро дорост" (1, 22-23).

Вақте навиштаҳои устодро дар бораи Бедил мехонем боз дучанд аз эҳсоси ватандӯстӣ доштани устод Айнӣ дарак медиҳад ва он моро ба роҳи худшиносӣ равона месозад. Аслан дар ин мақолаи

хурд тарҷумаи ҳоли Бедил зикр ёфта, ӯро ҳамчун яке аз табори Бухоро зикр кардааст. Ӯ менависад:

“Ҳамин қадараш ҳаст, ки бино ба баъзе маълумот, қабилаи Барлос бо аскари амир Темур ба Ҳиндустон рафтанд. Аммо таваттуни асли эшон Шаҳрисабз (Кеш) ва атрофи он мебошад, ки аз тавобеи Бухорост” (1, 23).

Оре, ин ҷо мо аввалин қадамҳои устодро роҷеъ ба бедилшиносӣ дидем ва метавон гуфт, ки ҳамингуна мақолаҳои хурд сабаби дар майдони адабиёт ба вуҷуд омадани китоби “Мирзо Абдулқодири Бедил” барин як асари комили илмӣ гардид, ки назирашро то ин вақт касе наофарид. Ба ақидаи Е.Э.Бертелс адабиётшиноси маъруфи рус, ки ба ин китод муқаддима навиштааст, чунин мегӯяд, ки: “Ин китоб пеш аз ҳама якумин очерки муфассали ҳаёти Бедил аст, ки дар асоси маъхазҳои гуногуни таърихӣ, аз як тараф ва бештар дар асоси гуфтаҳои худи шоир, аз тарафи дигар, тартиб дода шудааст”(2, 6).

Агар ҳамин тавр аст, пас чаро то ин вақт нафаре ба истиснои устод С.Айнӣ, ки ҳатто дар он замон шоирони зиёд ба қавле кӯр кӯрона пайравӣ ба эҷодиёти Бедил мекарданд, касе миёни эшон ҷуръати ҷамъоварӣ намудани осори ӯро намекард? Ба ин савол дар муқаддимаи ин китоб Е.Э.Бертелс чунин посух медиҳад: “...барои ҷудо карда гирифтани он маълумотҳо (ишора ба дастхатҳои кӯҳна) садҳо саҳифа матни душворфаҳми дастнавис ё чопи сангии хираю серғалатро хонда баромадан лозим меомад. Аз ӯҳдаи ин кор хеле кам касон баромада метавонанд ва мафҳум аст, ки танҳо устоди забардасте ҳамчун С. Айнӣ, ки адабиёти гузаштаи халқи худ, забони он ва ҳамаи адабиёти дар ин забон навишташударо хуб медонад, ин корро бо муваффақият анҷом дода метавонист”(2, 6).

Воқеан ҳам устод С.Айнӣ дар ин роҳ муваффақ шуда тавонистанд, ки бо далелҳои тамоман эътимоднок асари илмии заминавӣ барои муҳаққиқони минбаъдаи осори Бедил бунёд намоянд. Ин асар ҷамъбасти дониши андӯхтаи солиёни зиёд доир ба осори Бедил буда, ба қавли донишманди бузурги эронзамин устод саид Нафисӣ унвони “Кашф-ул- Бедили” – ро шоиста мебошад.

Маврид ба ёдоварист, ки дар муқоиса бо дастхати муаллифи китоби “Мирзо Абдулқодири Бедил”, (нусхаи дастхати асли муаллиф, ки имрӯз дар бойгонии Осорхонаи адабии устод Садриддин Айнӣ дар ш. Душанбе нигоҳдорӣ карда мешавад), ки пас аз чандин соли таълиф шуданаш ба таъқиботи зиёд гирифтор шуда, аввалин маротиба соли 1954 чоп шуда дар он боби “Ватани Бедил” бо чанд муаммо партофта шуд. Дар ин маҷмӯа бобҳои зерин рӯйи чоп омад: “Замони зиндагӣ”, “Тачумаи ҳол ва баёни мухтасари эҷодиёти Бедил”.

Ин ҷо мехоҳем барои дӯстдорон ва алоқамандони китоби “Мирзо Абдулқодири Бедил” сабабҳои нашр нашудани боби “Ватани Бедил” –ро бароятон мазмунан гуфта гузарем.

“БА АСОБАҒАЛ ОДАТ НАКУНЕД”

“Монографияи машҳури устод Айнӣ “Мирзо Абдулқодири Бедил” нахустин бор соли 1946-1947 дар чандин шумораи маҷаллаи “Шарқи сурх” чоп шуда буд. Хонандагон ин асарро чунон пешвоз гирифтанд, ки ҳар шумораи маҷалла чанд гоҳ даст ба даст мегашт ва гӯё ҳама пиру ҷавон “бедилхон” шуданд. Лекин аз байн чанд сол гузашту ин асар дар шакли китоб пайдо нашуд.

Ниҳоят, тахминан баҳори соли 1952 ба мо, кормандони Институти забон ва адабиёт эълон карданд, ки он рисолаи Айнӣ муҳокима хоҳад шуд, матни онро аз “Шарқи сурх” ёфта хонем ва ба муҳокима тайёр шавем. Ҳарчанд хостем бифаҳмем, ки сабаби муҳокима чист, касе ба мо чизе намегуфт.

Чанде пеш аз ин дар бахши адабиёт, (устод калимаи секторро истифода бурдаан), ки мо чанд нафар бо сарварии Ш. Ҳусейнзода кор мекардем, корманди наве омад”.

Ин нафар ҳамон Муллоҷонов буд, ки ба ин китоб баҳои манфӣ дода, мегуфт, ки ин “асари устод Айнӣ баъзе норасоиҳо дорад, баъзе фикрҳои ӯ аз марксизм-ленинизм дур аст ва ҳоказо”.

Ҳамин айбҷӯйиҳои корманди нав сабаб шуду, менависад устод Муҳаммадҷон Шукуров “..кам-кам камина ҳам аз рисолаи устод “норасоӣ” ёфтан гирифтам. Ҳар дафъа ки дар институт байни мо аз китоби устод гап сар мешуд, камина баъзеи ин “норасоиҳо”-ро мегуфтам. Гапҳои ман ба он корманди нав маъқул меомаданд ва ӯ маро таъриф мекард. Боре ба камина гуфт: “Шумо як ҷавони навкор ҳастеду аз китоби домулло Айнӣ ҳамин қадар камбудӣ ёфтаед, офарин! Рӯзи маҷлиси муҳокима ин камбудиҳоро гуфтанатон даркор, то ки ҳама дониад, ки мо чӣ гуна ҷавонҳо дорем”. Ин маслиҳат, албатта, ба ман маъқул шуд ва ман барои дар муҳокимаи асари устод баромад намудан тайёрӣ сар кардам.

Ниҳоят, рӯзи муҳокима фаро расид. Агар хато накунам, аввал А.Деҳотӣ дар бораи рисолаи устод ва аҳамияти он дар адабиётшиносии мо муфассалан сухан ронд. Худи устод Айнӣ ба ин маҷлис наомад. Устод он рӯзҳо дар Сталинобод, вале нотоб будааст. А.Деҳотӣ узри ӯро ба ҳозирон расонид. Баъд музокира сар шуд. Дар музокира камина ҳам гап задам ва бо иддаои зиёде чанд эрод гирифтам.

Як эроди ман ин буд, ки: Боби якуми рисолаи устод “Ватани Бедил” ном дошт ва ин боб бо чунин ҷумлаҳо сар шудааст: “Ватани Мирзо Абдулқодири Бедил мамлакати Ҳиндустон буда, ин

сарзамин ба афсонаҳои динии аҷибу ғариб соҳиб мебошад. Агар мамлакатҳои дигари Шарқ гаҳвораи афсонаҳо бошанд, Ҳиндустон модари он афсонаҳо ба шумор меравад”. Эроди ман ҳамин, ки гуфтам, “Ҳиндустон имрӯз аз юғи мустамликадорон озод шуда зиндагии нав месозад, аммо домулло аз он ҷо ҳанӯз фақат афсона, ҳатто “афсонаи динӣ” меҷӯянд.

Дар охири маҷлис боз А.Деҳотӣ ба сухан даромада, аз ҷумла ба эродҳои ман ҷавоб гуфт ва баъзе ҷавобҳояш сахт буданд.

Қарори маҷлис ин шуд, ки рисолаи С.Айнӣ сазовори чоп аст ва муаллиф баъзе норасоиҳои онро ислоҳ кунад.

Пас аз чанде фаҳмидам, ки муаллифи ҳамон такризи манфӣ ҳамон корманди нави мо будааст, ба сабабҳои такризи ӯ китоби С. Айнӣ чандгоҳ аз чоп монда, охируламр ин муҳокимаро ташкил карданд.

Аз ин кори худ сахт пушаймон шудам ва ғам мехӯрдам, ки акнун дили устод аз ман монд.

Аз миён тахминан як моҳ гузашту рӯзе фарзанди арҷманди устод Холидахон ба камина гуфт, ки домулло шуморо дидан мехоҳанд. Вақтро муайян кардем. Ҳангоми ба хона назди устод мерафтам дар андеша будам, ки бо кадом рӯй ба назди устод меравам.

Ҳамон рӯз устод дар хона танҳо буд. Вақте маро дид сар бардошта, нимхез шуда, ба болишт такя кард ва гуфт, ки ҳанӯз бомор аст ва духтурон ба хестану гаштан иҷозат намедиҳанд. Аҷобат дар ин буд, ки каминаро монанди дафъаҳои пеш бо чеҳраи кушод ва гармпурсиҳо пешвоз гирифт ва дар рӯяш асаре аз ранҷиш надидам. Фақат дар охир, гуфт, ки дар кори илмӣ ба мавзӯъҳои майда бисёр овора нашуда, мавзӯъҳои калонтар гирифтан даркор аст. Ниҳоят, ба ман муваффақият хост ва ба ҳамон оҳанги хайрхоҳӣ гуфт:

-Лекин ба кадом мавзӯъ, ки даст занед, ба чӣ кор ки машғул шавед, **ба асобағал** одат накунед. Дар ҳар сурат то ҳадди имкон бе асобағал гаштанро ёд гиред. Донистам, ки “итобу хитобаш” ҳамин аст.

Дар охир устод М. Шукуров менависанд, ки “...суханронии айбҷӯёнае ҷуръат кардаи маро аз куҷое фаҳмидааст ва акнун насиҳати падарона мекунад, ки дар зиндагӣ ба ақли худ амал кардан даркор аст, на ба гапи мардум”.

Бо ҳамин сабаб бояд гуфт, ки устод дар рисола ҳамон боби аввал, ки “Ватани Бедил” ном дошт аз китоб баровардааст.

Дар ин бора устод Камолиддин Айнӣ менависанд, ки “рӯзе дар роҳ бо Алав Маҳмудович марди зарифу хушгуфтор бархӯрдам ва ӯ маро ба утоқи кориаш даъват карда гуфт:

-Додарам Камолиддин, ман ба шумо як санад нишон медиҳам, ки агар он беҷавоб монад, китоби “Мирзо Абдулқодири Бедил”-и қиблагоҳро (устод Камоллиддин падарашон устод Айниро қиблагон муроҷиат мекарданд) пора - пора мекунанд ва ё месӯзонанд”.

Он замон саломатии устод Айнӣ он қадар хуб набуд. Ба ҳамин хотир ӯ маслиҳат медиҳад, ки дар ягон мавриди хуб будани вазъи саломатии устод дар ин мавзӯъ ҳалимона сӯҳбат оғоз кунад.

Ӯ мегуяд “...вақте ба хона расидам, дар ҳузури домулло як мавриди муносиби сӯҳбатро пайдо карда мулоқотамро бо Алав Маҳмудович, ки доир ба китоби “Бедил”-и шумо ва “Чор дарвеш”, ки нависанда Ҷалол Икромӣ ба чоп тайёр кардааст, он вақт бо муқаддимаи разилонае бо унвони “Китоби зарарнок ” – ро газетаи “Тоҷикистони сурх” (5 апрели с.1952) чоп кард, бо ин сабаб китоб аз нашр монд гапро оғоз намудам”.

Дои ба ин устод Айнӣ гуфтанд, ки:

-“Бачем, онҳое, ки ба китобҳои классикон ҳуҷум мекунанд, намехоҳанд, ки мардум бо гузаштааш бештар ошноӣ пайдо кунанд, зеро худашон аҳли савод нестанд.

-Ин тавр бошад, “Бедил” ба осонӣ чоп намешудагист” гуфтанд.

Баъдан такризи навиштаи Муллоҷоновро ба даст гирифта хеле дар ғазаб шуда, гуфтанд:

-Аҷаб мардумони содда, ҳатто намефаҳманд, ки Бедил ва Восифи (ҳамон вақт китоби дигари устод доир ба “Восифӣ ва хулосаи “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и ӯ” солиёни зиёд дар дасти чоб буд, ки баъди чанд соли вафоти ӯ рӯи чоп омад.), барин бузургони мо барои замони нав хидмат карда метавонанд. Агар гузаштаро, бузургони худро кас надонад чӣ навъ одами нав шуда метавониста бошад”.

Сипас устод Айнӣ ба такризи Муллоҷонов ва иштибоҳоти вай дар ҳаққи китоби “Мирзо Абдулқодири Бедил” таҳти чунин ном “Мулоҳизаҳои муаллифи китоби “Мирзо Абдулқодири Бедил” дар бораи “ретсензия”-е, ки ба китоб аз ҷониби рафиқ Муллоҷонов дода шудааст. (С.Айнӣ, Самарқанд, 13.10.1952)” ҷавоб навиштанд.

Дар ҳамин вақт менависад устод Камолиддин Айнӣ:

“Хушбахтона китоби “Мирзо Абдулқодири Бедил” якуним моҳ пеш аз вафоти муаллиф чоп шуда дастрасашон гардид. Дар ин бора устод Камолиддин Айнӣ менависанд, ки “Вақте ман чанд нусхаи аввали онро ба дасти қиблагоҳ расонидам, нусхаи якумро бо соядасташон ба ман ба ёдгор эҳдо карданд. Дар вараҚи якуми китоб бо хатти арабӣ навишта шудааст: “Нуричашмӣ, Камол! Ба ту

бо хайрхоҳӣ ва меҳри падарӣ ёдгорӣ – С. Айнӣ, 31.04.54. Исталинобод (имрӯза шаҳри Душанбе)”.

Барои мо боиси ифтихор аст, ки имрӯзҳо дар баробари дигар навиштаҷоти пуарзиши устод Айнӣ дастхати ин китоб ва навиштаи фавқ дар бойгонии Осорхонаи адабии устод Садриддин Айнӣ нигоҳдорӣ карда мешавад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки аксари рисолаҳои илмии устод С.Айнӣ ба забон ва услуби ба оммаи васеи хонанда дастрас ва фаҳмо иншо шудааст. Онҳо имрӯз ҳам аҳамияти илмии худро гум накардаанд. Олимон дар бораи китоби “Мирзо Абдулқодири Бедил” сухан ронда таъкид кардаанд, ки назири чунин таҳқиқот то имрӯз дар адабиётшиносии муосири мо ба вуҷуд наомадааст. Зеро устод С.Айнӣ дар он муҳимтарин уқдаҳои забон ва фарҳанги моро кушадааст.

Ба андешаи камина монографияи “Мирзо Абдулқодири Бедил” аз беҳтарин китоби илмӣ ба шумор рафта, барои муҳаққиқони минбаъдаи осори Бедил хизмати арзишманд мекунад.

Адабиёт:

1. Камолиддин Садриддинзода Айнӣ. Бист гуфтор аз маънавият. – Душанбе: Адиб, 2004. – 240 с.
2. Муҳаммадҷон Шукуров ва Ҷура Бақозода. Аввалин фикру мулоҳизаҳои устод Айнӣ дар бораи Бедил, Ҷашнномаи Айнӣ ҷ. 3. – Душанбе: Дониш, 1966. с. 151-158.
3. Муҳаммадҷон Шакуров. Мактаби одамият. – Душанбе: Адиб, 1991. – 268 с.
4. Расул Ҳодизода. Тадқиқоти илмии С.Айнӣ оид ба таърихи адабиёти тоҷик. Шарқи сурх, 1950, № 8.
5. Садриддин Айнӣ. Мирзо Абдулқодири Бедил. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1954. – 339 с.
6. Садриддин Айнӣ. Мунтахаби асарҳои илмӣ. – Душанбе: Дониш, 2008. – 312 с.
7. Садриддин Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 11. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 505 с.
8. Холиқ Мирзозода. Садриддин Айнӣ – аввалин адабиётшиноси советии тоҷик. Шарқи сурх, 1959, №8.
9. Хуршеда Отахонова. Чеҳраҳои шинохта. – Душанбе: Деваштич, 2004. – 173 с.

Калидвожаҳо: *бедилшиносӣ, таърихи адабиёт, Мирзо Абдуқодири Бедил, Айнӣ, тақриз, дастхат, нусхашиносӣ, таҳқиқот, монография.*

Аннотации

МНЕНИЯ НА СТРАНИЦУ ТАДЖИКСКОГО АТЕИЗМ

Статья под названием «Мнения на страницу таджикского атеизма» состоит из 7 страниц и посвящена очень важному вопросу атеизма. Автор статьи начинает с работ таджикских ученых: Камолиддина Садриддинзода Айни - «Двадцать слов духовного», Расула Ходизода - «Научные исследования С. Айни по истории таджикской литературы», Холика Мирзозода - «Садриддин Айни - первый советский таджикский литературовед» Шукуров и Джура Бакозода - «Первые мысли Устад Айни о Бедиле» и впервые подробно рассказали о препятствиях и трудностях первого издания книги «Мирзо Абдукодир Бедил». Даже в статье для любителей и единомышленников книги «Мирзо Абдулкадир Бедил» указаны причины не опубликования главы «Ватани Бедил», имеющей важное научное и историческое значение.

Ключевые слова: *антропология, история литературы, Мирзо Абдукодир Бедил, Айни, рецензия, рукопись, копирование, исследование, монография.*

Annotation

OPINIONS ON THE PAGE OF TAJIK ATHEISM

The article entitled “Opinions on the Page of Tajik Atheism” consists of 7 pages and is devoted to the very important issue of atheism. The author of the article begins with the works of Tajik scholars: Kamoliddin Sadriddinzoda Aini - "Twenty Words of the Spiritual", Rasul Khodizoda - "Scientific Research of S. Aini on the History of Tajik Literature", Holik Mirzozoda - "Sadriddin Aini - the first Soviet Tajik literary critic" Shukurov and Dzhura Bakozoda - “The first thoughts of Ustad Aini about Bedil” and for the first time spoke in detail about the obstacles and difficulties of the first edition of the book “Mirzo Abdukodir Bedil”. Even in an article for amateurs and like-minded people of the book "Mirzo Abdulkadir Bedil", the reasons for not publishing the chapter "Vatani Bedil", which is of great scientific and historical significance, are indicated.

Key words: *anthropology, history of literature, Mirzo Abdukodir Bedil, Aini, review, manuscript, copying, research, monograph.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Каримов Шердил, магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷик, кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Тел: 933805475

Роҳбари илмӣ: Саидов С.

Сведения об автора: Каримов Шердил, магистрант второго курса факультета филологии таджикского языка ТГПУ им. С. Айни, Тел: 933805475

Научный руководитель: Саидов С.

About the author: Karimov Sherdil, master student of the Department of Tajik language, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Tel: 933805475

Scientific director: Saidov S.

Сафарова Рафоат,
магистранти соли дуюми факултети забонҳои романӣ- германӣ

АДАБИЁТИ БАЧАГОНАИ ФАРОНСАВӢ

«Адабиёти бачагон, адабиёти атфол, адабиёти кӯдак - асарҳои илмӣ, бадеӣ, илми оммавӣ, илмӣ тахайюлӣ (фантастикӣ) ва моҷароӣ, ки махсус барои бачагон навишта шудаанд. Одатан зери ин мафҳум асарҳои сершумори халқӣ, осори пандомези классикони адабиёти бачагона «Робинзон Крузо»-и Д. Дефо, «Саргузашти Гулливер»-и Ҷ. Свифт, «Саргузашти Чипполино»-и Ч. Родарӣ, «Саргузашти Мюнҳаузен»-и Р. Э. Распе, Л. Кэролл, «Алиса дар ҷазираи мӯъҷизаҳо», М. Твен «Саргузашти Том Сойер», романҳои Жул Верн «Фарзандони капитан Грант», «Дар ҷӯстӯҷуи капитан Грант», «Ҷазираҳои пурасрор», "Қобуснома"-и Унсурмаолии Кайковус ва ғайраро низ асарҳо барои кӯдакон номидан мумкин аст" [3, 135].

Адабиёти бачагонаи франсавӣ дар асри 19 ташаккул ёфта, дар асри 20 инкишоф меёбад. Дар Фаронса нахустин бор 16-уми июли соли 1949 қарор дар бораи нашри адабиёти бачагона аз ҷониби ҳукмати ин кишвар қабул гардид, аммо нишонаҳои адабиёти бачагонаи франсавӣ ҳанӯз дар адабиёти асримиёнагии фаронсавӣ дида мешавад. Нахустин навиштаҳоро барои кӯдакону наврасон дар адабиёти фаронсавӣ мо дар осори Шарл Перро мебинем. Асарҳои барои кӯдакон иншо намудаи ин адиби неруманди фаронсавӣ ганҷинаи адабиёти бачагони фаронсавиро ғанитару пурсарваттар гардонда, дар қувват гирифтани ҷанбаи ҳаётию реалистӣ ва ташаккули сабки хоси ин шохаи адабиёт нақши бузург гузошт.

Аввалин китобе, ки маҳз барои хонандагони хурдсол навишта шуда буд ин китоби "Les Aventures de Telemaque "(1699), (Саргузаштҳои Телемак) – и Фенулон мебошад. Жана- Мари Лурианс бошад нахустин ҳикояҳоро барои наврасон эҷод кард. Дар ҳамин давр шавқу завқи наврасон ба асарҳои Гуливер, Дон Кихот ва Робинзон Крузо бениҳоят меафзояд. Дар асри 17 инчунин нахустин рӯзномаю маҷаллаҳои кӯдакона пайдо мешавад. Соли 1843 Жюл Этзел маҷаллаи махсусеро барои кӯдакону наврасон таъсис медиҳад. "Соли 1865 китоби « Alice au pays des merveilles» (Алиса дар кишвари мӯъҷизаҳо)-и Левис Карол чоп мешавад. Дар ҳамин вақт асарҳои Гектар Мало " Sans famille» (Бепарастор), Эркман- Катриан "L'Ami Fritz» (Дӯст Фритс),Франсе Одгсон Бруне " Le Petit Lord Fauntleroy " (Лорди хурдакак Фонтлуруа) руи чоп омад" [6;35]. Дар давраи ду ҷанги ҷаҳонӣ дар Фаронса асарҳои зиёде барои хонандагони наврас рӯи чоп омад. Падар Кастор (Père Castor) –и Пол Фоше, ҳикояҳои "Гурбаи пинакрафта" (Les Contes du chat perché) –и Марсел Эмма, "Шоҳзодаи хурдакак"(Le Petit Prince) – и Сан Экзюперӣ ва якчанд асарҳои барои кӯдакон навиштаи Жак Превер ба ин мисол шуда метавонанд [5, 87].

Яке аз манбаҳои асосии пайдоиш ва инкишофи адабиёти кӯдаконаи франсавӣ ин тарҷумаи асарҳои зиёди кӯдакона аз забонҳои машҳури дунё ба забони франсавӣ мебошад. Нақшу нуфузи тарҷумаи асарҳо барои кӯдакону наврасон аз адабиёти пешқадами олам дар такмил ва инкишофу равнақи адабиёти бачагони франсавӣ басо бузург аст. Хусусан асарҳои барои кӯдакон иншо намудаи адибони англис, олмон ва дигар адибони ҷаҳон ганҷинаи адабиёти бачагони франсавиро ғанитару пурсарваттар гардонда, дар қувват гирифтани ҷанбаи ҳаётию реалистӣ ва ташаккули сабки хоси ин адабиёт нақши бузург гузоштаанд. Махсусан асарҳои «Робинзон Крузо»-и Д. Дефо, «Саргузашти Гулливер»-и Ҷ. Свифт, «Саргузашти Чипполино»-и Ч. Родари, «Саргузашти Мюнҳаузен»-и Р. Э. Распе, Л. Кэролл «Алиса дар ҷазираи мӯъҷизаҳо», М. Твен «Саргузашти Том Сойер» ба инкишофи адабиёти бачагонаи франсавӣ таъсири мусбат расониданд [3, 137].

Дар айни замон, беҳтарин намунаҳои осори адибони франсавӣ ба забони тоҷикӣ ва забонҳои халқҳои олам тарҷума ва нашр шуда, ба хазинаи маънавии халқҳои ҷаҳон ворид гардида ба комёбиҳои назаррас ноил гаштанд.Манбаи дигари пайдоиш ва инкишофи адабиёти кӯдаконаи франсавӣ дар баробари қиссаву афсона ва достонҳо ин суруди аллаи модар мебошад. Алла як ҷузъе аз фарҳанги қадимаи франсавиён буд, ҳаст ва хоҳад монд, ки роҳи тулонии таърихро тай карда,бо чандин дигаргуниҳо то ба имрӯз омада расидааст. Алла ҳамеша ҳамроҳи ҳодисоти давру замон ва таҷассумгари зиндагии одамон будааст. Донишмандон исбот карданд, ки суруди алла дар фарҳанги мардуми франсавизабон таърихи ниҳоят қадима дорад. Барои исботи ин гуфтаҳо суруди машҳури лолоии франсавии « Au clair de la lune "- ро ном бурда метавонем, ки дар байни франсавиён маҳбубияти хоса касб кардааст:

Au clair de la lune
Дар равшании моҳтоб)
«Au clair de la lune,
Mon ami Pierrot,
Prête-moi ta plume
Pour écrire un mot.
Ma chandelle est morte,
Je n'ai plus de feu,
Ouvre-moi ta porte,
Pour l'amour de Dieu….» [6, 459].

Дар ин аллаи зебои франсавӣ модар аз даргоҳи худованд барои фарзандаш равшани хоҳон аст, то роҳи фарзанд дар зиндагӣ равшану ҳамвор бошад ва фарзанд бе ягон монеа ба қуллаҳои мурод рафта расад. Алла натанҳо тифлро ором ва зеҳнашро рушд мебахшад, балки асаби худи инсонро низ, ором мекунад. Ҳар қадар, ки модар алларо бо меҳру муҳаббат ва навозиш мегӯяд, тифл ҳамон қадар меҳрубону ором калон мешавад. Тарзу сабку навишти адабиёти бачагон аз адабиёти калонсолон фарқ мекунад . Барои бачагон асар бояд тарзе нигошта шавад, ки ба дараҷаи дарку фаҳмиш, табъу завқу салиқа, авзои рӯҳию равонӣ ва синну соли онҳо мувофиқ бошад.

Адабиёти бачагон саршор аз ҷӯшу хурӯши зиндагӣ, шавқу шодӣ, ҳаракату амалиёт буда, бо забони равону сода, оҳанги муассири шоирона ва пур аз самимияту дилгармӣ навишта мешавад, то ки бачагон ҳангоми мутолиа ба шавқ омада, дилашон ба зиндагӣ гармтар гардад. Адабиёти бачагон дар тарбияи инсонсозии насли наврас нақши комил дорад адабиёти бачагон ҳам мисли тамоми адабиёти калонсолон муҳимтарин масъалаҳои давр - ҷангу сулҳ, муборизa барои тантанаи адлу инсофу ростӣ, озодию истиқлолияти миллӣ ва адолати иҷтимоӣ дар рӯи замин, ҷоннисорӣ дар роҳи саодати халқу ватани азиз, далерию мардонагӣ, муҳаббат ба арзишҳову муқаддасоти миллию аҷдодӣ, арҷ гузоштан ба анъанаҳои бузурги гузаштагон, ба одобу ахлоқи ҳамида, одамият, таълиму тарбия, ҳусни инсон ва ғайраро дар рӯҳи башардӯстии олӣ таҷлилу барраси ва тадқиқ менамояд. Адабиёти бачагона метавонад ба дониши зеҳниву маънавӣ, малакаву маҳорати кӯдакону наврасон таъсир расонида, сайқалгари ақлу заковат ва роҳнамои боэътимоди онҳо дар зиндагӣ бошад.

Хулоса, адабиёти бачагона дар ҳама давру замон бахши муҳим дар тарбияи насли наврас ба шумор мерафт. Дар адабиёти Фаронса адибони номдор «Дубелле (Du Bellay), Ронсар (Ronsard), Лафонтен (La Fontaine), Ламартин (Lamartine), Гюго (Hugo), Марселин Валмор (Marceline Valmore), Нервал (Nerval), Рембо (Rimbaud), Верлен (Verlaine), Алфонс Доде дар ташвиқ ва густариши адабиёти бачагонаи франсавӣ хизмати арзандаро анҷом доданд» [6, 462].Дар адабиёти имрӯзаи франсавӣ адибону донишмандони зиёд аз қабили Пол Фор (Paul Fort), Морис

Карем (Maurice Carême), Гийевик (Guillevic), Руссуло (Rousselot), Беримон (Bérimont), Ренар (Renard), Боске (Bosquet), Жанин Мулан) Jeanine Moulin, Антуан Сан Экзепури асарҳои ҷолиб ва тадқиқотҳои арзишмандеро анҷом доданд.Дар баробари он, ки олимону адибони зиёд рӯ ба омӯзиши ин мавзӯъ овардаанду итилооти саҳеҳу аниқро дастраси мо гардонидаанд, аммо то кунун маъсалаҳои адабиёти бачагона ва муқоисаи адабиёти бачагонаи тоҷик бо адабиёти бачагонаи кишварҳои дигар мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Адабиёт:

1. Шокир Мухтор. Савтҳои Ховар. Маҷмӯа. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 240 с.
2. Шокир Мухтор. Замон ва тарҷумон. – Душанбе: Адиб, 1989. – 206 с.
3. Шокир Мухтор. Шамсиддин Ҳақназар. Баргузидаи насри Фаронса. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 560 с.
4. Штейн М.Н. Чернович. История французской литературы. – М.: Просвещение, 1988. – 228 с.
5. Anthologie de la literature franancaise. – Л., Просвещение, 1974. – 221 с.
6. Histoire illustr*é*e de la literature francaise. Didier. – Paris, 1942. – 871 p.

Калидвожаҳо: *кӯдак, нашр, асар, ҳикоя, манбаъ, тарҷума, инкишоф, алла, фарҳанг, қадима, ҳодиса, исбот, маҳбубият, масъала, муҳаббат, тарбия*

Аннотация
ФРАНЦУЗСКАЯ ДЕТСКАЯ ЛИТЕРАТУРА

В этой статье мы постарались кратко рассказать о французская детская литература. Французская детская литература есть один из знаменитый мировой литература. Французские детские писателей написали многие произведение для детей эти произведение наполен казна французская детская литература. Эти произведение в становление детей, воспитание человеколюбивые и патриотизм играет важную роль.

Ключевые слова: *ребёнок, издание, произведение, рассказ, источник, перевод, прогресс, колыбельная, культура, старый, событие, доказательство, проблема, любовь, воспитание.*

Annotation
FRENCH CHILDREN'S LITERATURE

In this article, we strive to briefly describe the French children's literature. French children's writers have written many works for children. These works are filled with treasury. French children's literature in the formation of children plays an important role.

Keywords: *child, edition, making, short novel, spring, translation, progress, lull to sleep, culture, old, event, proof, problem, love, education.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Сафарова Рафоат, магистранти соли дуюми факултети забонҳои романӣ- германии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Роҳбари илмӣ: Султонзода С.

Сведения об авторе: Сафарова Рафоат, магистрантка второго курса романно – германского факультета ТГПУ имени Садриддин Айни

About ourher: Safarova Rafoat, master student of the second year, the Department of Roman – Germanic, the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini

Икромова Дилрабо,
магистрантка второго курса факультета русского языка и литературы

ВЛИЯНИЕ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ КЛАССИЧЕСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ НА ТВОРЧЕСТВО Л.Н. ТОЛСТОГО

Персидско-таджикская литература – это огромное духовное богатство, которое было по достоинству оценено классиками западно - европейской и русской литературы. В 1844 году юный Толстой поступил в Казанский университет на отделение восточных языков философского факультета (затем он перевёлся на юридический факультет, где проучился неполных два года). Пусть недолго, но здесь Толстой учил арабский и тюркские языки под руководством крупного учёного Мирзо-Казимбека (1802-1870 гг.) – одного из основателей российского востоковедения. Известно, что литературу на этих занятиях представляли образцы произведений Фирдоуси, Руми, Саади, Хафиза, Джами и других представителей персидско-таджикской поэзии. Лев Толстой – ученик профессора – не мог не знать такие значительные труды Мирзо-Казимбека, как «Персидская литература», «Иранский эпос» и «Мифология персов по Фирдоуси». Он был очарован Саади, читал не только по Казимбеку, но и по переводам С. Назарянца (1857) и Ламброса (1862), знал и «Шахнаме» Фирдоуси. Еще со времён восстания 1848-1852 годов в Иране Толстой проявил живой интерес к мусульманству и персидско-таджикской литературе и культуре. Создавая «Азбуку», Яснополянский педагогический журнал и хрестоматии, он цитировал древнеперсидские памятники, перерабатывал их для своего «Круга чтения», «Русских книг для чтения» в 4-х частях и др. [6, 69].

Высоко ценил Толстой творения Саади, Хафиза, Фирдоуси, Руми и, высоко почитая «Гулистан» Саади постоянно вспоминал мудрые слова и изречения из этого произведения. Толстой включил в «Круг чтения» афоризмы Саади из «Гулистана», давно уже ставшие народными поговорками, и более развернутые его изречения, имеющие форму притч или наставлений. При составлении «Азбуки» и «Русских книг для чтения» в 70-х годах X1X века переработал для них один из эпизодов III главы «Гулистана», превратив его в самостоятельную сказку. Жемчужины слов Саади ещё ярче заблестели под пером писателя, и через сборник обрели новую жизнь и звучание, проповедовавших мир, добро и гуманизм. В России «Гулистан» предоставляется в конце XVII века с немецкого языка, и образец было издано в 1794 и 1796 в журнале «Приятное и полезное препровождение времени».

До второй половины XIX века в разных издательствах России были выпущены творения Саади в основном с французского языка. В 1825-1826 годах впервые с персидского языка на русском переводились творчество Саади и опубликовались в журналах «Азиатский вестник» и «Вестник Европы». Как известно, поэма «Шахнаме» Фирдоуси славится своим богатым и поучительным содержанием. Первым исследованием «Шахнаме» на русском языке была небольшая работа С. Назарянца, которая ставила перед собой задачу дать русскому читателю общее представление о персидско-таджикской литературе X-XV вв. и на этом фоне показать значение поэмы Фирдоуси. Л. Толстой обращаясь к текстам Саади и Фирдоуси, стремился сохранить суть изречений, поэтику и изящество текста. Он передал их лаконично и талантливо, подтверждая знаменитую цитату А. Чехова о том, что «краткость – сестра таланта».

Идеи Фирдоуси и Толстого служат «делу морального и эстетического воспитания людей и в наш век», когда проблема нравственного и духовного развития человека приобретает особое значение [5, 8]. М.Л. Рейснер, анализируя материалы, относящие к персидской литературе, отмечает, что в основном восточная мудрость активно распространялась в XIX веке в русской культуре через европейскую литературу. Кроме вышеназванных работ, на протяжении почти всей творческой жизни Толстого появляются произведения, связанные со сказками и легендами русского и восточных народов.

В свою очередь, считаем необходимым отметить об отношении Льва Толстого к Мухаммеду, книгам «Тысяча и одна ночь», «Калила и Димна», лирике Хафиза, Фирдоуси и маснави Руми, народному творчеству и мифологии Востока. Кроме того, Толстой изучал «Хрестоматию персидской литературы» в 3-х томах Пургшталя Хаммара, монографию И.Н.Холмогорова «Шейх Саади Ширазский и его место в истории персидской литературы» (Казань, 1867 г.). По обращению к источникам персидско-таджикской литературы, очевидно, что писателя больше привлекают в текстах размышления о жизни, нравственная сторона сюжетов или выводы по ним. С современными ему поэтами и писателями Ирана у Толстого

было мало контактов. Причиной этого, вероятно, была слабость русско-иранских литературных связей того времени. Писатель тепло относился к литераторам и деятелям Ирана, которые обращались к нему с письмами. Среди них был иранский поэт и дипломат Мирза Риза-хан. Кроме переписки, о жизни иранцев писатель узнавал из газет, а также из писем и рассказов русских людей, живших в Иране. В последний раз Толстой беседовал об Иране за несколько месяцев до смерти – в мае 1910 года – с посетившим его русским дипломатом В. Н. Матвеевым, незадолго до этого вернувшимся из Персии.

Он внимательно изучал литературное наследие стран Востока и использовал в своих книгах мотивы персидско-таджикской классической литературы, целые сюжеты, внеся тем самым бесценный вклад в развитие западно- восточных литературно-эстетических связей. Лев Толстой был тем русским писателем, который своей связью с ираноязычными деятелями литературы стал могучим мостом, соединившим литературу и культуру Запада и Востока. Как писатель и ценитель персидско- таджикской литературы, он пропагандировал и распространял ее лучшие образцы в России и русской среде, открыв русским читателям новый Восток. В четвертом разделе второй главы «Влияние творчества Толстого на таджикскую литературу» подробно рассматривается воздействие Толстого как педагога и назидателя, который своеобразно больше знакомо в таджикской дидактике. Как писатель он смог открывать новейшие методы для изображения сущности человека и концепции человеколюбия. Поэтому факту влияния критического реализма можно увидеть в произведениях С.Айни, Дж. Икрами, С. Улугзаде и других выдающихся писателей Таджикистана. Влияние России на культуру и литературу таджикского народа, несомненно, является одним из актуальных вопросов духовной истории Таджикистана. Правильное ее освещение имеет большое политическое и научное значение не только для понимания истории таджикского народа, но и для выявления истоков исторически сложившейся дружбы и сотрудничества таджикского и русского народов. Общение с лучшими представителями русского народа, знакомство с его литературой и общественно-политической жизнью поднимало сознание таджикского народа, выдвинувшего своих идейных защитников в лице просветителей.

Первые прозаические произведения критического реализма с конкретными образами и характерами были написаны Ахмадом Донишем. Самое значительное из них - «Наводир-ул-вакоеъ». Между тем, как об этом писал устод Садриддин Айни в «Образцах таджикской литературы» (1926), Ахмад Махдум Дониш, по свидетельству источников, «был главой научной, литературной, социальной и политической революции в Бухаре», трижды побывавший в России. Как приложение к «Туркестанским ведомостям» в 1870 году по указанию генерал-губернатора Кауфмана была основана первая газета на местном языке – «Туркистон вилоятининг газети» («Туркестанская туземная газета»). Несмотря на свою реакционную направленность, газета сыграла важную роль в пропаганде передовой русской культуры, литературы и искусства. Издание знакомило своих читателей с жизнью и творчеством великих русских писателей и поэтов. С появлением газет начался выпуск учебников на таджикском языке. Таджикский просветитель Абдукадыр Шакури в книгу «Джомеъ-ул-хикоет» («Сборник рассказов»), изданную в 1909 и 1911 годах в качестве учебного пособия для второй ступени обучения, включил ряд басен И. Крылова и рассказы Л. Толстого, о чем вспоминает Рахим Хошим – ученик А. Шакури. По свидетельству Рахима Хошима, Абдукадыр Шакури с помощью таджикского просветителя Аджзи, который знал русский язык, переводил рассказы Толстого.

В том числе были переведены рассказы «Два товарища» и «Старый дед и внучек» Толстого, которые написаны под воздействием или по мотивам рассказов Саади. С возникновением новейшей школы в Бухаре Шакури, Мунзим и С. Айни составили книгу для чтения детей. Особое место в системе народного образования в Средней Азии заняли русско-туземные школы. С. Айни, как и Толстой, искал новые методы и формы обучения детей. Поэтому в 1909 году он составил учебное пособие - «Тахзиб-ус-сибён» («Воспитание детей»), которое отражало новшества в просветительских работах Айни. В ней писатель составляет русский календарь, в котором можно найти сходство по содержанию и структуре с «Азбукой» Толстого. Толстой старается рассказать детям о домашних животных, разных приключениях, природных явлениях. Айни тоже ярко изображает окружающий детей мир. Первое, на что писатель обращает внимание, - это деятельность учителя.

Литература:

1. Баранникова Л.О. Просторечие как особый компонент языка - В кн.: "Язык и общество". – Саратов, 1974, вып. 3.
2. Бельчиков Ю.А. Литературное просторечие и норма - В кн.: "Литературная норма в лексике и фразеологии". – М., 1983.
3. Борисова-Лукашанец Е.Г. О лексике современного молодежного жаргона (англоязычные заимствования в студенческом сленге 60-70-х г.г.). - В кн.: "Литературная норма в лексике и фразеологии". – М., 1983.
4. Долинина Н. По страницам «Войны и мира». – Л., 1978. – 272 с.
5. Зайденшнур Э. Е. Война и мир Л. Н. Толстого. Создание великой книги. – М., 1966. – 404 с.
6. Зелинский В.А. Критические разборки романа Л. Н. Толстого «Война и мир». Изд. В. Зелинского. Ч.1−2. – М., тип. Вильде, 1907.
7. Опульская Л.Д. Роман-эпопея Л.Н. Толстого «Война и мир». – М., 1987. – 269 с.
8. Султанова, Ш.У. У истоков культурных связей с Россией / Ш.У. Султанова // Звезда Востока. – Душанбе, 1986. - №3. - с. 56.

Ключевые слова: *Толстой, писатель, автор, перевод, показать, произведение, влияние, русский, общество, лексика*

Аннотатсия

ТАЪСИРИ АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ФОРСУ ТОҶИК БА ОСОРИ Л.ТОЛСТОЙ

Дар ин мақола муаллиф дар бораи эҷодиёти Л.Толстой ва таъсири адабиёти классикии форсу тоҷик ба он изҳори андеша мекунад. Муаллиф нишон додааст, ки ба эҷодиёти ин адиб адабиёти классикии тоҷик таъсир расондааст.

Калидвожаҳо: *Толстой, нависанда, муаллиф, тарҷума, нишондод, асар, таъсир, русӣ, ҷомеа, лугат*

Annotation

THE INFLUENCE OF THE PERSIAN-TAJIK CLASSICAL LITERATURE ON THE WORKS OF L. TOLSTOY

In this article, the author explores the works of Leo Tolstoy and his influence on the Persian-Tajik classical literature. The author was able to show the influence of Tajik literature on the work of the Russian writer.

Keywords: *Tolstoy, writer, author, translation, show, work, influence, Russian, society, vocabulary.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Икромова Дилрабо, магистранти соли дуюми факултети забон ва адабиёти руси ДДОТ ба номи С.Айнӣ

Роҳбари илмӣ: д.и.ф. Рустамова Г.Р.

Сведения об авторе: Икромова Дилрабо, магистрантка второго курса факультета русского языка и литературы ТГПУ им. С.Айни

Научный руководитель: д.ф.н. Рустамова Г.Р.

About the author: Ikromova Dilrabo, the master student of the second year, of the faculty of Russian language and literature, TSPU named after S. Aini

Алимардонова Зулайхо,
магистранти соли дуюми факултети таърих

БА САРИ ҲУКУМАТ ОМАДАНИ СУЛОЛАИ АШТАРХОНИЁН

Шарҳи ҳаёти сиёсӣ. Соли 1597 Таваккалхони қазоқ ба Тошкант ҳуҷум овард ва лашкари Абдуллохони II дар мавзеи байни Тошканду Самарқанд аз қазоққо шикаст хӯрд. Хамаи ин носозгориҳо боиси сар задани бемории Абдуллохон гардид. Ва ӯ дар Самарқанд соли 1006 (1597 - 1598) аз олам дардгузашт.

Тобути ӯро ба Бухоро оварда, дар наздикии мазори ҳазрати Баҳоуддини Нақшбанд, воқеъ дар мавзеи Шайхони Ҷӯйбори Бухоро ба хок супориданд.

Вориси ягонаи тахт Абдулмӯъмин - писари Абдуллохони II буд, Бо даъвати Муҳаммадбоқии атолик Абдулмӯъмин аз Балх ба Самарқанд омад. Умарой Шайбонӣ ӯро подшоҳ эълон карданд.

Абдулмӯъминхон табиатан шахси хунхор ва берахм буд. Аввал коре, ки ҳамоно пас аз тахти хонии нишасатан анҷом дод, Қулбобои Кукалтошро, ки дӯсти наздики Абдуллохон буд, бо писаронаш бикушт. Сипас ӯ ба қатли хешовандонаш пардохт бародарзодаҳои худ, ки минбаъд метавонистанд даъвогари тахти хонӣ шаванд: Ҳазори султон ва Дӯстим султонро бо тамоми писаронаш кушт. Бо ин ҳама куштор қонеъ нашуда, хост умарои падари худро низ мавҳ созад. Вале онҳо аз нияти хони тоза огаҳӣ ёфта, сӯи Абдулмӯъмин сӯиқасд ташкил намуданд. Соли 1598 пас аз шаш моҳи подшоҳӣ Абдулмӯъминхон дар роҳи Зомин аз дасти сӯиқасдчиён кушта шуд [1, 587].

Пас аз ҳалокати Абдулмӯъминхон писари Абдуллохони II дар соли 1006 (1598 - 1599) умарои ӯзбек яке аз хешовандони Абдуллохон Пирмуҳаммадхонро подшоҳ эълон карданд. Пирмуҳаммадхон намояндаи охири сулолаи Шайбонихон дар мавзеъи Боғи Шимоли Самарқанд дар соли 1009 (1601) аз Боқӣ Муҳаммади Аштархонӣ шикаст хӯрд ва ба шаҳодат расид.

Пас аз марги Пирмуҳаммадхон дар Бухоро аз авлоди Абдуллохон касе намонда буд, ки ба тахти хонӣ шинонанд. Амирон хостанд, ки Ҷонибек шавхари хоҳари Абдуллохони II хонӣ ӯзбек эълон намоянд.

Ҷонибеки дар шаҳри Аштархон (ҳоло шаҳри Астрахан) умр ба сар мебурд. Ӯзбекони Аштархон як шохаи наздики ӯзбекони Дашти Қипчоқ буда, соли 1469 пас аз вафоти Абдулхайрхон ӯзбекони Дашти Қипчоқ эшон ин ҷойҳои муқими хешро тарк намуда рафта ба тобеи хонҳои Аштархонӣ шомил гаштанд.

Соли 1556 вақте давлати Руссия бо сарварии шоҳ Иван Грозный (Ивани IV) Аштархонро забт карда, хонигари ӯзбекҳои он ҷоро парканда намуда, тоифаи ӯзбекони Аштархон ба Мовароуннаҳр сокин гашта,дар симои Аштархони II омии сиёсии хешро пайдо намуданд.Ҷонибек султон бо нияти наздик шудан ба дарбори Абдуллохони II хоҳари ӯро ба занӣ гирифт [1, 587].

Ҷонибек султон пешниҳоди умарои ӯзбекро рад намуда,ишора кард, ки мансаби хонӣ писараш Динмуҳаммад лоиқ аст. Динммуҳамад султон писари Ҷонибеку хоҳари Абдуллохони II буд. Амирон Динмуҳаммад султонро, ки дар он вақт дар Хуросон буд, хони калон эълон намауданд.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки хони аввалин расман дар хонадони нав-Аштархониён ё ба таври дигар -Ҷониён маҳз Динмуҳаммад султон буд. Динмуҳамад ҳангоми бозгашт ба Бухоро дар роҳ дар соли 1008 (1599) кушта шуд. Дар ҳамон соли ба ҷои Динмуҳаммад султон бародараш Боқимуҳаммад султон (1599-1605) ба тахти хонӣ нишаст [2, 587].

Вале дар айни замон ба Бухоро, Самарқанд, Тошканд ва шаҳрҳои дигар бо номи Ҷонибек султон сиккаҳо зарб мешуданд. Вақте соли 1601 шаҳри Балхро Боқимуҳаммад ишғол намуд, хутба бо номи Ҷонибек султон хонда шуд. Аз ин чунин хулоса бармеояд, ки хони Аштархой расман Боқимуҳаммад бошад, ҳам аммо амалан ё исман хони аввал худи Ҷонибек султон буд.

Боқимуҳаммад нияти дошт, музофотҳои қаблан тобеи Шайбониён бударо ба тасарруфи худ даровaрад.Бо ин мақсад дар соли дуюми ба тахт нишастанаш ба суи Балх лашкар кашид ва онро ба даст дароварда, ба ҷониби Ҳисори Шодмон равон гашт.

Боқимуҳаммад дар Чағониён монда ҷангро давом дод. Бародараш Валимуҳаммадро ба сӯи Балх фиристод. Азбаски кули амирону саркардаҳои Муҳаммад Иброҳимхон ҷонибдори сулолаи нав буданд, бо омад - омади Валимуҳаммад сари Муҳаммад Иброҳимро бурида, ба

зери пои аспи Валимуҳаммад партофтанд ва Балхро бе ҷанг ба Боқимуҳаммад, ки ин дам ба Балх расида буд, таслим карданд.

Ҳамин тавр дар моҳи ноябр соли 1601 дар Балх хутба ба номи пари Боқимуҳаммадхон Ҷонимуҳаммадхон, амалан хони Аштархонӣ буд, хонда шуд. Пас аз волии Балх Валимуҳаммад таъин шуд. Боқимуҳаммад дар бозгашт аз Балх ЧаҒониён ва Тирмизро ба даст даровард [3, 553].

Дар солҳои 1598-1599 давраи бе ҳукуматӣ ва низоҳои дарборӣ буд, шаҳрҳои Зомин Уротеппа, Тошканд ва Андиҷон аз тобеияти Бухоро баромаданд. Вале Боқимуҳаммадхон вилоятҳои номбурдаро дубора ба тобеии худ даровард. Дар замони хонии Имомқулихон соли (1611 - 1642) шаҳрҳои Уротеппа ва Хуҷандро Суюнчибий ном аштархонӣ идора менамуд. Дар ибтидои асри XVII дар идораи маъмурии вилоятҳои номбурда қабилаи «юз» мақоми асосиро ишғол намуд. Юзҳо яке аз 92 тоифаи авлоди Қипчоқӣ буданд. Бино ба навиштани муаллифи «Туҳфаи ал-хони» авлоди юзҳо ва утарчӣ дар Хуҷанд, Нов, Уротеппа, Ҳисор ва дар Ургут сокин гаштанд. Ба ҳайати тоифаи юз ҳамчунин авлодҳои шодӣ ва марқа низ шомил буданд.

Дар соли 1605 Боқимуҳаммадхон вафот карда, ба ҷои ӯ бародараш Валимуҳаммад соли (1605-1611) ҳукумрон гардид. Чун ӯ ба маишат дода шуда буд, аз ӯҳдаи идораи мамлакат чандон баромада натавонист. Аъёну ашроф аз Валимуҳаммад ру гардониданд ва рузе ҳангоми дар дашти Қаршӣ машғули шикор буданаш тахти хониро ба писари Динмуҳаммадхон Имомқулихон муносиб диданд.

Вақте, ки Валимуҳаммадхон аз воқеа хабар гардид, аз Мовароуннаҳр фирор карда, ба назди почоҳи сафавӣ паноҳ бурд. Шоҳ Аббос ӯро хуш пазируфта, бо қувваи зиёде дубора ба Мовароуннаҳр равона намуд. Аммо дар муҳориба лашкари Эрон шикаст хурда, худи Валимуҳаммадхон асир афтод ва бо фатвои уламо кушта шуд.

Бояд гуфт, ки аз охирҳои асри XVI ва ибтидои асри XVII Хуросон аз доираи тасарруфи ҳокимони Моваруннаҳр дур монд. Чи навъе, ки аз манобеи таърихӣ маълӯм аст, давлати Сафавия дар давраи шоҳ Аббоси I нисбат ба намояндаги гузаштаи ин хонадон иқтидору ривоҷ пайдо карда, марказият ёфт.

Хуросон дар ин вақт аз тарафи шоҳ Аббос забт гардид ва ба давлати Сафавия ҳамроҳ карда шуд. Шоҳ Аббос соли 1598 баробари тасарруф намудани Хуросон ба шаҳру вилоятҳои он ҳокимону бекларбегиҳои худро таъйин намуд.

Чунончи, Ҳирот тамоми навҳоии он, ки сокинонаш мутлақо тоҷик буданд, ба яке аз саркардаҳои худ - Ҳусенқулихон Шомул (1599-1618), ки дар забткориҳои Хуросон фаъол иштирок дошт биспорданд. Пас аз ихтилофи мазҳаби шиъаю суннӣ дар соли 1512 гуруҳи калони аҳлу илму адаби Ҳирот, ки дар ҳайати онҳо Восифӣ низ буд вориди Мовароуннаҳр шуданд. Пас аз ин фоҷиа робитаи иқтисодию фарҳангии байну Мовароуннаҳру Эрон як муддат қатъ гардид, тоҷикони Мовароуннаҳр аз тоҷикон - ҳамнаҷотони деринаи хуросонии худ дурр афтод ва эшон ва қобили сершумори туркнажотон рӯ ба рӯи ҳам монданд. Пас аз чун селоби кӯҳӣ вориди Мовароуннаҳр гашатани ӯзбекони Дашти Қипчоқ ва дертар узбакони Аштархонӣ, деворҳои воҳавӣ, ки имруз бо номи «Кампир девор» маъруфанд аз миён рафтанд. Ин деворҳо ҳанӯз дар замонҳои қадим дар атрофии деворҳои Хоразму Суғду Фарғонаю Ҳафтруду Тахористон бино шуда, ба қавли Абурайҳони Берунӣ онҳо «атрофии кишвари хешро аз вуҷуди туркон пок мекарданд».

Пас аз хароб гаштани ин деворҳо тоифаи ӯзбеку қазоқу қалмиқ ва дигарҳо бе ягон мамониат ба хоки Мовароуннаҳр сар дароварданд ва ба бесару сомониҳои бардавом ибтидо гузоштанд. Пас аз ба сари кор омадани Аштархониён вазъияти сиёси иқтиисоди Мовароунаҳр аз замони пеш дида боз ҳам пас рафт аз рузи маълумоти Малеҳои Самрқанди «нотавонон ва бечорагон, раоё ва бароёро поймол ва малҳуф гардонида, раҳна ва халал дар интизоми он мамлакат андохтанд ва селоби фитнаву фасод баландӣ гирифт ва маъмураи он вилоят рӯ ба харобӣ овард» [4, 587-588].

Дар замони салтанати Имомқулихон (1611-1642) ҳудуди давлати Аштархонӣ васеътар гардид. Имомқулихон бар зидди қазоқҳо лашкар кашида, Тошканд, Сайрам бо води Талос ва шаҳри Туркманистон бо зур тасарруф намуд. Вилояти Фарғона то шаҳри Ӯзганд аштархониён тобеъ буд,вале Дарвоз, музофотҳои назди Помир ва худи он аз ҳукуми аштархониён бурун монда буд. Ба Имомқулихон муяссар гардид,ки низоҳои байни ӯзбекиро як қадар ором намуда, ормию осоиши мамлакатро таъмин намояд.

Адабиёт:
1. Бобоҷон Ғ. Тоҷикон. Қисми 1-4. – Душанбе, 2008.
2. Бобоҷон Г. История Таджикиского народа. Том IV. – Душанбе: Дониш, 2010.
3. Турсунов Н.О. Таърихи тоҷикон. – Хуҷанд, 2001.
4. Пирумшоев Ҳ., Мирбобоев А.К. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2008.

Калидвожаҳо: *Аштархониён, таърих, Шарқ, арабҳо, Қуръон, санг, Носир, Бухоро*

Аннотатция
ПРИХОД К ВЛАСТИ ДИНАСТИИ АШТАРХАНИДОВ

Автор в своей статье рассматривает приход к власти династии Аштарханидов их формирование и становление. Автор на основе достоверных материалов и ценных архивов изучает данную тему и в ходе своего исследования выявляет, что единственным наследником этой династии был Абдулмуъмин-сын Абдуллахана II-го.

Ключевые слова: *Аштарханиды, история, Восток, арабский, Коран, каменный, Насир, Бухара*

Annotation
RISING TO POWER OF ASHTARKHANIDS

The author in his article describes about the rising to power of Ashtarkhanids dynasty and their formation and becoming. Author on a base of reliable materials and valuable sources learns the given theme and during her research reveals that about the history of this dynasty there the only heir of this dynasty was Abdulmumin the son of Abdullakhan II.

Keywords: *Ashtarkhanids, history, East, Arabians, Koran, Stone, Nasir, Bukhara.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Алимардонова Зулайхо, магистранти соли дуюми факултети таърихи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: профессор Пирумшоев Ҳ.

Сведения об авторе: Алимардонова Зулайхо, магистранка второго курса исторического факультета ТГПУ имени С. Айни.

About the author: Alimardonova Zulaykho, the master student of the second year, the Faculty of the history, the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Шарифов Фарҳод Каримович,
магистранти соли дуюми факултетит таърих

САҲМИ АББОС АЛИЕВ ДАР РУШДИ МАОРИФИ ТОҶИКИСТОНИ ШӮРАВӢ

Соҳаи маориф, яке аз соҳаҳои калидӣ дар ҷамеаи имрӯза ба шумор меравад, ки ҳамеша дар мадди назари давлату ҳукуматҳо қарор дорад. Мактабу маориф дар ҳамаи давраҳои таърихӣ омили пешбарандаи ҷомеаи инсонӣ будааст. Агар мо ба таърих назар афканем дар меёбем, ки халқи тоҷик аз замонҳои қадим рӯ ба омӯзишу парвариш ниҳода, новобаста аз ивазшавии сулолаҳо, забти ғоратгаронаи аҷнабиён ва тохтутозҳои байни қабилавӣ, обутоб ёфта, рисолати худро дар назди наслҳои инсонӣ бо парвариши чеҳраҳои намоёни илмӣ, рушди илму фарҳанг ба хубӣ анҷом додааст. Мисоли ин гуфтаҳо китоби “Авесто” шуда метавонад, ки он пеш аз ислому масеҳият ва оини буддоию конфутсигарӣ омӯзишу парваришро вазифаи муқаддас шуморида, ҳамагонро ба таълиму тарбия даъват кардааст.

Ҳамин аст, ки халқи тоҷик аз замонҳои қадим муассисаҳои омӯзишию парвариши ба монанди дабистону дабиристон, академияву таълимгоҳҳои бо низом ва мадрасаҳои давраи исломиро бунёд кардааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар нахустин суханрониҳои худ қайд карда буданд, ки “ман дар сиёсати пешгирифтаи худ маорифро дар ҷойи аввал мегузорам” [16, 11]. Ҳатто дар чандин суханрониҳои хеш муҳтарам Пешвои миллат рушди маорифи кишварро зина ба зина таъкид намуда, онро дар меҳвари сиёсати худ қарор додааст.

Аз рӯзҳои аввали барқароршавии Ҳокимияти Шӯроҳо ба соҳаи маорифи халқ аҳамияти аввалиндараҷа зоҳир карда шуд. Ин аст, ки дар солҳои мавҷудияти Ҳукумати Шӯравӣ Тоҷикистон дар соҳаи маорифи халқ ба комёбиҳои беназир ноил гардид. Гарчанде пеш аз Инқилоби Октябр дар ҳудуди Тоҷикистон якчанд мактабу мадрасаҳо кору фаъолият мекарданд, вале онҳо фарзандони оммаи меҳнаткашро аз илму маърифат баҳраманд карда наметавонистанд. Аз рӯйи маълумотҳои мавҷуда пеш аз Инқилоб дар Тоҷикистон ба ҳар 200–нафар аҳолӣ як шахси хонда ё навишта метавонистагӣ рост меомад, ки онҳо низ намояндагони табақаҳои доро буданд. Мактабҳои русӣ –маҳаллии дар Туркистон ташкилкардаи Ҳукумати Подшоҳӣ низ мақсади саводнок намудани мардуми маҳаллиро надошт [10, 3-4]. Дар мақолаи худ С. Аҳмадов қайд мекунад, ки пеш аз ташкил ёфтани Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳудуди ноҳияҳои ҳозираи марказӣ ва ҷанубӣ, инчунин шимолии Тоҷикистон (ғайр аз шаҳри Хуҷанд ва уезди Хуҷанд) 34 –мактаб мавҷуд буд, ки дар онҳо 1504 нафар хонанда доштанд. Дар ҳамаи ин мактабҳо, ғайр аз мактабҳои Помири Шимолӣ, дарс асосан ба забони ӯзбекӣ мегузашт [3, 57-62].

Дар чунин як давраи ҳасос ва бениҳоят вазнин, махсусан, дар солҳои аввали таъсисёбии Ҳукумати Шӯравӣ ташкилу ба фаъолият оғоз намудани мактабҳои сохти нав-шӯравӣ ба мушкилиҳои зиёд дучор мегардид. Пеш аз ҳама, мактабҳо ба биноҳои муносиб ва кадрҳои таҷрибанок ниёз доштанд. Китобҳои дарсӣ, асбобҳои айёнӣ ва дастурҳои методӣ намерасиданд. Ҳукумати Шӯравӣ ҳамаи он навгоние, ки барои беҳбудии соҳаи маорифи халқ ба вуҷуд меовард, душманони синфӣ ба он муқобилият нишон дода, муборизаи сахт мебурданд. Онҳо бо ҳар роҳ ба фаъолияти мактабҳои нав-шӯравӣ халал мерасониданд. Дастаҳои роҳзанони босмачиён мактабҳои шӯравиро оташ зада, хонандагон ва падару модари онҳоро таъқиб мекарданд, нону хони омӯзгоронро ҳаром дониста, онҳоро ваҳшиёна ба қатл мерасониданд. Ғайр аз ин, ҷойи дигаре қайд мекунад С. Аҳмадов “Ба догмаҳои шариат эътиқод доштани деҳқонон, зиёд будани мактабҳои кӯҳнаи динӣ ба кори мактабҳои советӣ халал мерасониданд” [3, 57-62]. Мушкилии ниҳоят мураккаби дигари ташкили низоми нави идории маориф ва сохтмони мактабҳои нав нарасидани мутахассисони касбии соҳаи маориф, ба вижа омӯзгорон буд. Махсусан, нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ барои мактабҳои миллӣ ҳам дар Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Туркистон ва ҳам дар Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро сохтмони мактабҳои навро мушкилтар мегардонид [15, 17-25].

Дар натиҷаи тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ дар Осиёи Марказӣ, 14 –уми октябри соли 1924 Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶМШСТ) дар ҳайати ҶШС Ӯбекистон таъсис ёфт ва 26 –уми ноябри ҳамон сол Нусратулло Махсум раиси Кумитаи инқилобии ҶМШС

Тоҷикистон таъин гардид. Дар нахустин муроҷиати Кумитаи Инқилобӣ[1] ба мардум таъкид гардид, ки вазифаи аввалиндараҷаи он ташкил ва ба роҳ мондани низоми муназзами маориф мебошад. Фарзандони мардум дар муассисаҳои таълимӣ комилан ройгон таҳсил намуда, метавонанд ба забони модарии худ маълумоти ибтидоӣ, миёна ва ҳатто олӣ гиранд [7, 452].

Баъди як ҳафта (14 –уми декабри соли1924) бо қарори кумитаи мазкур Аббос Алиеви биступанҷсола аввалин нозир (вазир)–и Нозироти халқии маориф, Муҳаммад Ҳасанов муовини Комиссари халқии маориф ва Абулқосим Лоҳутӣ роҳбари Шӯрои илмии давлатӣ (илмӣ-методӣ), мудирони шӯъбаҳо ва инструкторони Комиссариати маорифи халқ Миртолиб Саидзода, Қоим Дайламӣ, Пинхас Абромов, Рофеъ Амонов ва дигарон таъин шуданд ва аз сабаби набудани кадрҳои пуртаҷрибаи боихтисос вазифаи муаллимиро ҳам ба ҷо меоварданд [4, 46]. Сохтори Комиссариати маориф аз шӯъбаҳои Ташкилӣ, Тарбияи иҷтимоӣ, Саридораи маълумоти сиёсӣ, Идораи корҳо ва Шӯрои давлатии илмӣ иборат буд. Дар он давра дар 4 вилояти мавҷуда (Ғарм, Ҳисор, Кӯлоб ва Қурғонтеппа) ҳамагӣ 7 мактаб (3 мактаби ибтидоӣ дар Сарои Камар (Панҷ), Муъминобод ва Ховалинг, 4 интернат дар Душанбе, Кӯлоб, Ғарм, Қаратоғ) мавҷуд буд ва дар онҳо ба 152 нафар хонанда, 26 нафар омӯзгорон дарс мегуфтанд [11, 120]. Дар минтақаи шимолии ҷумҳурӣ бошад, мактабҳо зиёдтар буданд. Масалан, дар Уротеппа то соли 1924 8 мактаб (аз онҳо 1 мактаби русӣ, 1 мактаб барои духтарони тоҷик) амал мекард, ки онҳо 366 хонанда ва 18 омӯзгор доштанд. Дар волостҳои вилояти Уротеппа бошад, 8 мактаб бо 207 хонанда ва 11 омӯзгор, дар вилояти Панҷакент 5 мактаб бо 704 хонанда ва 6 муаллим, дар Помир 3 мактаб бо 75 хонанда ва 4 омӯзгор мавҷуд буд. Уездҳои Хуҷанд, Исфараю Конибодом ва Нов (ҳоло Спитамен) он солҳо ҳанӯз ба ҶМШС Тоҷикистон дохил набуданд.

Дар давоми солҳои 1924 – 1927 фаъолияти Аббос Алиев бо кушодани нахустин мактабҳои шуравӣ ва тарбияи аввалин муаллимони ин мактабҳо оғоз ёфт ва дар ин давра барои ба вуҷуд овардани низоми нави таҳсилот – низоми маорифи Шӯравӣ дар Тоҷикистон қадамҳои ҷиддӣ гузошта шуд. Барҳақ, Аббос Алиев яке аз муассисони маорифи шӯравӣ – дунявии тоҷик ба ҳисоб меравад. Ӯ худ пеш аз ҳама омӯзгори касбӣ буд ва 30 соли умри мубораки хешро сарфи пешаи омӯзгорӣ кардааст [9, 77-79].

Чи тавре дар боло зикр кардам то таъсиси ҶМШС Тоҷикистон дар бештари мактабҳои навтаъсиси шӯравӣ таълим бо забони ӯзбекӣ буд. Инро ба инобат гирифта аввалин нозири Нозироти халқии маориф – Аббос Алиев 11 – уми феврали соли 1925 фармон дар бораи ба забони тоҷикӣ гардонидани мактабҳои шӯравиро баровард. Дар фармони мазкур чунин омадааст: «Дар ҳамаи муассисаҳо ва мактабҳои шӯъбаи маорифи халқи Бухорои Шарқӣ, ки ба ихтиёри Нозироти маорифи халқи ҶМШС Тоҷикистон гузаштанд, таълим ба забони тоҷикӣ ҷараён мегирад» [14]. Ин фармон аҳамияти бузурги таърихию сиёсӣ дошт, зеро ба меҳнаткашони тоҷик имкон дод, ки манфиатҳои миллиашонро дар амал татбиқ намоянд, на танҳо мактабҳои шӯравӣ, балки дигар соҳаҳои маданияти худро бо забони тоҷикӣ инкишоф диҳанд. Истиқлоли забони тоҷикӣ ба майлҳои шовинистӣ, ки ба манфиатҳои тоҷикон зарари калон оварда буд, зарбаи шадиде буд [5, 105-109]. Бо пешниҳоди профессор Аббос Алиев дар назди Нозироти халқии маориф “Комиссияи фавқуллода оид ба маҳви бесаводӣ” ташкил шуд ва дар сар то сари ҷумҳурӣ ҷамъиятҳои ихтиёрӣ бо шиор-даъвати «Босавод, биомӯз бесаводро!» ба фаъолият пардохтанд. 25 –уми июни соли 1925, мутобиқи қарори ҶМШС Тоҷикистон аз 15-уми август то 1-уми сентябри соли 1925 «духафтаинаи маориф» ва аз 1-уми август то 1-уми сентябри соли 1926 «якмоҳаи маориф» баргузор гардид. Дар ин чорабиниҳо аҳолӣ дар ҷамъоварии маблағу воситаҳо барои эҳтиёҷи мактабҳо, таъмин ва сохтмони биноҳои нави мактабҳо, биноҳо барои хонаҳои кӯдакону интернатҳо фаъолона иштирок мекард. Дар солҳои фаъолияти нозирии Аббос Алиев, дар қаламрави ҶМШС Тоҷикистон, махсусан, дар солҳои 1925 – 1926 бо усули ҳашар дар Ҳисор, Файзобод, Ғарм, Қалъаи Хумб, Ҷиргатол, Ҷилликӯл, Сарои Камар, Қаратоғ, Фақиробод, Ҳоит, Обигарм, Қурғонтеппа ва Конибодом чандин мактаб, дар Кулоб бинои интернат, дар шаҳри Душанбе интернати мусиқӣ, мактаби партиявӣ ва хонаи кӯдакон сохта ба истифода дода шуда буданд [13, 123-124]. Аз рӯи маърӯзаи нозири Нозироти халқии маорифи ҶМШС Тоҷикистон – Аббос Алиев дар Съезди якуми муассисони Советҳои умумии ҶМШС Тоҷикистон, ки дар санаи 8 –уми декабри соли 1926 баргузор гардида буд, “дар бораи вазъияти маорифи халқ ва кори маданӣ – равшаннамоӣ дар ҷумҳурӣ” маълум гардид, ки маъракаи якмоҳа оид ба ривоҷ додани кори маориф ба натиҷаҳои хуб ноил гардидааст. Гарчанде

[1] Ҳукумати ҶМШС Тоҷикистон дар солҳои 1924 – 1926, яъне то ташкили Шӯроҳо.

аз рӯи ҳисоботи ӯ маълум мегардад, ки вазъи бунёди аввалин пояҳои ҳаёти маданӣ – маърифатӣ дар шароити оғози ҳаёти нав дар кишвар басо душвор аст.

Аббос Алиев дар бартараф намудани душвориҳо дар аввал муборизa бар зидди ҳаракатҳои босмачиён, маҳви бесаводӣ, ташкили мактабҳои нави шӯравӣ ва таъмини мактабҳо бо ашёҳои хониш, тайёр кардани омӯзгорон, ташкили матбуоти маҳаллӣ, таъмин кардани мактабҳо бо китобҳои дарсӣ, хонаҳои бачагон, қироатхонаҳо, чойхонаҳои сурх ва ғайраро ба миён мегузошт. Хушбахтона, дар вилоятҳои Ҳисор, Кулоб, Ғарм, Қурғонтеппа бо қувваи худи аҳолӣ 92 бинои мактаб(ки дар ин биноҳо 57 мактаби ибтидоӣ, 8 хонаи кӯдакон, 63 мактаби маҳви бесаводӣ ва як мактаби ҳизбӣ – шӯравӣ ҷойгир карда буданд) сохта шуд, ки ин дар шароити онвақтаи Тоҷикистон комёбии бузург ба ҳисоб мерафт.

Инчунин, дар маърӯзаи худ Аббос Алиев қайд намуд, ки “ба туфайли тадбирҳои андешидашуда дар вақти ҳозира дар вилояти Ҳисор 33 мактаб, дар вилояти Қурғонтеппа 24 мактаб, дар вилояти Ғарм 21 мактаб, дар Ӯротеппа 28 мактаб, дар Панҷакент 11 мактаб, дар Помир 9 мактаб мавҷуд аст. Ин муваффақияти хеле калон аст” [8, 55-57].

12-уми декабри соли 1926 дар Анҷумани якуми Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон маҳз бо ташаббуси Аббос Алиев яке аз нахустин ҳуҷҷатҳои муҳими давлатӣ дар соҳаи маориф «Эъломия дар бораи ҷорӣ намудани таҳсилоти ҳамагонии меҳнаткашон дар ҶМШС Тоҷикистон» қабул гардид. Мувофиқи ин ҳуҷҷати таърихӣ бори аввал дар таърихи Тоҷикистон барои тамоми табақаҳои ҷомеа таълими бепул ҷорӣ гардид [12, 3]. Дар ин анҷуман масъала гузошта шуд, ки ба саводнок кардани занон диққати махсус дода шуда, мактабҳои духтарона кушода шавад. Соли 1927 дар 165 мактаби тоҷикӣ, 59 мактаби ӯзбекӣ, 3 мактаби русӣ ва 2 мактаби қазоқӣ кӯдакон таҳсил менамуданд. Ин қарор ба мардуми меҳнаткаш имконият медод, ки ба ҷои мактабҳои кӯҳнаи динӣ фарзандонашонро дар мактабҳои нави шӯравӣ, ки таҳсилаш бепул буд, хононанд.

Аз дастовардҳои назарраси соҳаи маориф, дар солҳои роҳбарии Абббос Алиев,рақамҳои зерини оморӣ шаҳодат медиҳанд: дар соли хониши 1926 – 1927 33 мактаб дар вилояти Ҳисор, 24 мактаб дар вилояти Қурғонтеппа, 21 мактаб дар вилояти Ғарм, 9 мактаб дар Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ, 28 мактаб дар Ӯротеппа, 11 мактаб дар Панҷакент фаъолият доштанд. Дар ин давра ба масъалаи тайёр намудани зиёиёни тоҷик, аз ҷумла, муаллимон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мешуд.

Бо ташаббуси бевоситаи Аббос Алиев соли 1924 дар шаҳри Тошканд Дорулмуаллимини тоҷикон барои тоҷикони дар ҳудуди Узбекистон буда ва инчунин барои тоҷиконе, ки бевосита шаҳрванди ҶМШС Тоҷикстон буданд, таъсис дода шуд. Ин Дорулмуаллимин ягона донишкадаи базавие буд, ки барои тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгории кишвар саҳми босазое гузоштааст. Курсҳои муаллимтайёркунӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Душанбе, Кӯлоб, Самарқанд ва соли таҳсили 1925 – 1926 техникуми омӯзгорӣ ва мактаби ҳизбӣ – шӯравӣ дар шаҳри Душанбе ба фаъолият оғоз намуданд, ки дар он 58 нафар талабагон таҳсил мекарданд. Бо ташаббуси Аббос Алиев ва дастгирии моддии Ҳукумати ҶМШС Тоҷикистон ҳамасола ҷавонони зиёд дар муассисаҳои таълимии касбии кишварҳои дигари қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ таҳсил мекарданд. Танҳо соли 1925 140 нафар ҷавонони тоҷик барои таҳсил ба муассисаҳои таълимии шаҳрҳои Москва, Ленинград, Тошканд ва Самарқанд фиристода шуда буданд [7, 458].

Дар зарфи ду сол бо роҳбарии Аббос Алиев дар ҷумҳурӣ 161 мактаб, 10 хонаи бачагона ва якчанд клубҳо, чойхонаҳои сурх ва ғайраҳо ташкил карда шуд. Соли 1926 дар мактабҳои ҷумҳурӣ зиёда аз 6 ҳазор фарзандони заҳматкаш таҳсил мекарданд [2].

Бояд гуфт, ки ин рақамҳо нисбати дигар ҷумҳуриҳои аъзои Иттиҳоди Шӯравӣ ниҳоят кам буданд. Мувофиқи барӯйхатгирии соли 1926 Тоҷикистон дар ҷои охирин буд. Мардуми саводноки синнашон аз 9 боло дар Озарбойҷон 28,2 фоиз, Қазоқистон 25,5 фоиз, Қирғизистон 16,5 фоиз Туркманистон 14,5 фоиз, Ӯзбекистон 11,6 фоиз ва Тоҷикистон 3,8 фоизро ташкил медод [6, с.18]. Аз ин лиҳоз дар Тоҷикистон бояд ба баланд бардоштани саводнокии мардум диққати ҷиддӣ дода мешуд. Баланд бардоштани маорифи халқ, сол аз сол маблағи бештареро тақозо мекард. Агар соли хониши 1925 – 1926 ба соҳаи маорифи халқ, 400 000 сӯм маблағ ҷудо карда шуда бошад, пас дар соли 1926 – 1927 ин рақам то 754 000 сӯм зиёд карда шуд [2]. Аҳсан ба чунин афроди фидокору бонанге ба мисли Аббос Алиев, ки дар он солҳои бениҳоят вазнину басо пуртаҳлука тавонист ба пешравии маорифи халқ хизмати шоистаеро анҷом диҳад. Албатта, профессор Аббос Алиев дар ташкили нахустин мактабҳо, муассисаҳои таълимию

тарбиявӣ ва маданию маърифатӣ, нашриёт ва нашри китобҳои дарсӣ, курсҳои кӯттоҳмуддати муаллимтайёркунӣ саҳми калон гузоштааст.

Вазифаи дигари ҳалталаби солҳои аввали мавҷудияти ҶМШС Тоҷикистон маҳви бесаводӣ дар байни калонсолон буд. Бо пешниҳоди нозири маориф Аббос Алиев дар назди Нозироти халқии маориф "Комиссияи фавқуллода оид ба маҳви бесаводӣ" ташкил шуд. Дар натиҷаи фаъолияти Нозироти маориф таҳти роҳбарии профессор Аббос Алиев соли таҳсили 1925–1926 63 мактаби маҳви бесаводӣ бо шумораи 1450 хонанда ва баъди қабули эъломияи номбурда боз 271 мактаб таъсис дода шуд, ки дар онҳо дар соли таҳсили 1927 – 1928 7400 нафар деҳқонон ва мардикорон хатту савод омӯхтанд. «Нест бод бесаводӣ!», «Босавод, биомӯз бесаводро!», чунин буданд шиори муборизон зидди бесаводӣ ва камсаводӣ.

Саҳми Аббос Алиев дар тайёр намудани омӯзгорони аввалини кишвар басо бузург аст. Аз сабаби он, ки шумораи омӯзишгоҳу донишгоҳҳо дар мамлакат кам буданд 90% - омӯзгорон дар курсҳои кутоҳмуддати омӯзгорӣ тайёр карда мешуданд. Нозироти маориф аз ибтидои фаъолияташ ба таъсиси курсҳои махсуси муаллимтайёркунӣ, дар солҳои 1926 – 1927 техникумҳои омӯзгорӣ барои мардон ва занон дар алоҳидагӣ, фиристодани ҷавонон ба донишгоҳи аввалини Осиёи Миёнагӣ, донишкадаи омӯзгории шаҳри Тошканд ва мактабҳои олии шаҳрҳои Москва ва Ленинград саҳми арзанда гузоштааст. Бо мақсади таъмин кардани мактабҳо бо омӯзгорон бо дархости роҳбарияти ҷумҳурӣ ва нозири маориф – Аббос Алиев аз шаҳрҳои Тошканду Самарқанд ва Бухоро гурӯҳи калони муаллимон фиристонида шуданд. Инчунин, аз сабаби набудани мактабҳои олӣ соли 1928 Комиссариати маорифи халқи ҷумҳурӣ 67 нафарро барои хондан ба мактабҳои олии Ӯзбекистон ва Иттифоқ фиристод, ки 60 нафарашро тоҷикон тоҷикон ташкил медоданд.

Дар таъмини мактабҳои нави шӯравӣ бо китобҳои дарсӣ таъсиси нашриёти давлатии Тоҷикистон аҳамияти калон дошт. Нашриёти давлатии Тоҷикистон 7 –уми октябри соли 1925 таъсис ёфта, дар навбати аввал китоби алифбои "Баҳори дониш", хрестоматияи "Калиди дониш", китобҳои грамматика ва арифметикаро мунташир кард. Барои курсҳои маҳви бесаводӣ хрестоматияи Раҳим Ҳошим "Ҷаҳони нав", ҳамчунин силсилаи китобҳои дарсии тарҷумашуда аз русӣ аз фанҳои ботаника, география ва таърих чоп шуданд. Албатта, ин ҳама ибтикорот ва ташаббусҳои созанда бо пешниҳод ва дастгирии Нозироти халқии маорифи ҷумҳурӣ сурат мегирифт, ки дар раъси он фарди ҷавону бедордиле чун Аббос Алиев қарор дошт [9, 37-50]. 14 – уми июли соли 1926 Анҷумани нахустини муаллимони Тоҷикистон баргузор гардида буд, ки бешак, бо ному фаъолияти нахустин нозири маорифи кишвар профессор Аббос Алиев иртиботи ногусастанӣ дорад.

Баъди фаъолияти нозири Нозироти маорифи халқ дар ҶМШС Тоҷикистон, яъне аз соли 1927 Аббос Алиев ба сифати муовини нозири Нозироти маорифи халқ дар ҶШС Ӯзбекистон ба фаъолият пардохт. Ҳангоми фаъолияти нозирӣ Аббос Алиев ба навиштани як қатор мақолаю асраҳои бузурги илмӣ низ машғул буд. Дар баробари навиштани мақолаҳои илмӣ – тадқиқотӣ як қатор китобҳои нодири таърихиро таълиф намудааст, ки теъдоди онҳо ба 29 адад мерасад ва аз ҷумлаи бузургтарини онҳо "Таърихи Шарқи қадим" (соли таълиф 1933) "Таърихи халқҳои Осиёи Миёна" (соли 1936), "Октябри аъзам ва бедории шуури инқилобии халқҳои Бухоро" (соли 1958) ва ғайра мебошанд, ки аз рӯи асарҳои эҷодкардаи дар макотиби олии ОМ дарс мегӯфтанд.

Ба боварии комил метавон гуфт, ки ҳаёт ва фаъолияти ибратомӯзи нозири аввалини маорифи Тоҷикистон, нахустин профессор ва доктори илми тоҷик, Аббос Алиев – яке аз поягузорони маорифи муосири тоҷик абадӣ дар саҳифаҳои таърихи миллат боқӣ хоҳад монд. Аз тарафи дигар, фаъолияти пурмаҳсул, талошу ҷонбозиҳои Аббос Алиев барои маърифатнок кардани ҷомеаи тоҷик, намунаи ибрат аст барои маорифчиёни кишвар.

Адабиёт:

1. АМД ҶШС Тоҷикистон, ф.12, оп.1, д.3, в.36
2. Аҳмадов С. Ташкил ва инкишофи маорифи халқ дар Тоҷикистон//Коммунисти Тоҷикистон, 1973. -№2. С.57 – 62.
3. Ғуломов С. Аз таърихи ташаккулёбии кадрҳои педагогии тоҷик// Мактаби Советӣ, 1966. -№10. –С.46.
4. Зарифов Н. Саҳми Аббос Алиев дар рушди низоми маорифи халқи Тоҷикистон//Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2015. -№1(62/2). –С.105 – 109.
5. Исмоилова Б. И. Фидоиёни ҳаёти нав ва поягузорони маърифат дар Тоҷикистони Шӯравӣ. –Хуҷанд, 2013. – 172 с.

6. История таджикского народа. Том 5. Новейшая история (1917 -1941 гг.). –Душанбе, 2004. – 752 с.
7. Нурбахши Ҷаҳонгир. Имрӯзи моро онҳо сохтаанд//Маорифи Тоҷикистон, 2009. -№6. С.77 – 79.
8. Обидов И. Аз таърихи таррақиёти маорифи халқ дар РРС Тоҷикистон// Мактаби советӣ, 1967. -№8. С. 3-4.
9. Рачабов С., Алифбеков З. Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Субҳи дониш, 2004. – 572 с.
10. Салоҳ С. Номбардори равшандил// Маориф ва Маданият. –1975. – 18 январ. С.3.
11. Солеҳбоев Ҳ. Замон ва одамон. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 232 с.
12. ЦГА РТ, Ф.9, оп.1, д.1, л.92. (Первый приказ Наркомпроса ТААСР от 11.02.1925 г.)
13. Убайдуллоев Н. Таҳаввулоти сиёсии солҳои 1917-1924 ва дигаргуниҳо дар соҳаи маориф//Фарҳанг. – 2010. -№3-4. –С. 17 – 25.
14. Халифаева Н. Таъсири раванди ҷаҳонишавӣ ба вазъи таълим. //Омӯзгори ҷавон, 2020. -№1. –С.11.
15. Ҳуҷҷатҳо оид ба таърихи маорифи халқи РСС Тоҷикистон//Мактаби советӣ, 1967. -№11. –С.55 – 57.
16. Шокирзода Ш. Нахустин нозири маорифи Тоҷикистон// Маърифати омӯзгор, 2019. -№4. –С.37 – 50.

Калидвожаҳо: *Маориф, комисариат, Тоҷикистони Шӯравӣ, фарҳанг, илм, Аббос Алиев, Конибодом, Кӯлоб, Душанбе, Самарқанд, Авесто, Бухоро, Помир.*

Аннотатция

ВКЛАД АББОСА АЛИЕВА В РАЗИВИТИЕ ОБРАЗОВАНИЕ СОВЕТСКОГО ТАДЖИКИСТАНА

В статье автор рассматривает роль Аббаса Алиева в развитие образование Таджикской ССР и его вклада в сферу образования что является не менее важным. В 1924-1927 гг. деятельность Аббаса Алиева начался с открытием первых советских школ и обучением первых учителей этих школ и были предприняты важные шаги для создание новой системы обучения. Аббас Алиев сам был учителем и провел 30 лет своей жизни преподавательской деятельностью. В годы деятельности Аббаса Алиева в Таджикской АССР, особенно, в 1925-1926 в Гиссаре, Файзабаде, Гарме, Джиргатале, Каратоге, Обигарм, Кургантюбе и в городе Канибадам, Куляб и Душанбе были построены музыкальные школы, партийные школы и детские дома.

Ключевые слова: *Образование, комисариат, Советский Таджикистан,просвещение, культура, наука, Аббос Алиев, Канибадам, Куляб, Душанбе, Самарканд, Авеста, Бухара, Памир.*

THE ROLE OF ABBAS ALIEV IN IMPROVING OF EDUCATION OF SOVIET TAJIKISTAN

The article describes about the role of Abbas Aliev for improving education in Soviet Tajikistan and his contribution in the sphere of education which is very important. In 1924-1927 the professional activity of Abbas Aliev started with the opening of first soviet schools and training the first teachers of these schools and there were taken important steps for the creating the new education system. Abbas Aliev was a teacher and he spent 30 years of his life teaching. During the years of activity of Abbas Aliev in Tajik ASSR, especially, in 1925-1926 in Hissar, Fayzabad, Garm, Girgatal, Qaratog, Obigarm, Kurgantyube, and in Kanibadam, Kulob and Dushanbe were built musical schools and orphanages.

Keywords: *Education, Comissariat, Soviet Tajikistan, development, culture, science, Abbos Aliev, Konibodom, Kulob, Dushanbe, Samarqand, Avesta, Bukhara, Pamir.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Шарифов Фарҳод Каримович, магистранти соли дуюми факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: 904019906. Sharifov –f96@mail.ru

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои таърих, дотсент, Муродзода А.

Сведения об автор: Шарифов Фарход Каримович, магистрант второго курса исторического факультета ТГПУ имени С. Айни. Телефон: 904019906. Sharifov –f96@mail.ru

Научный руководитель: кондидант исторический наук, дотсент, Муродзода А.

About the author: Sharifov Farhod Karimovich, 2nd year master student of the Faculty of History of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. Phone number: 904019906. Sharifov –f96@mail.ru

Scientific director: Murodzoda A.

Қурбонов Шоҳзамон,
магистранти соли дуюми факултаи таърих

ЛАШКАРКАШИИ ИБНИ ҚУТАЙБА БА БУХОРО ВА ХОРАЗМ

Агар ба сарчашмҳои таърихаи назар андозем мебинем ки,тақрибан дар соли 705 ҳокими Хуросон - Қутайба ибни Муслим ба амалиёти ҷангие, ки ниҳоят ба забт гардидани Мовароуннаҳр оварда расонд, иқдом намуд. Ӯ аз парокандагии мамлакат ва ихтилофи дохилии ашрофи деҳқони маҳаллӣ истифода бурда, тавонист қадам ба қадам мавқеи хилофатро дар Осиёи Миёна мустаҳкам намояд. Қутайба дар соли 705 бо қувваи зиёде ба тарафи Балх ҳаракат намуда, он маҳалҳоеро, ки арабҳоро шикаст дода буданд, ба аз нав худ итоат кунонид. Қутайба ибни Муслим соли 708 бо қувваи нав боз ба тарафи Мовароуннаҳр ҳаракат кард. Бо вуҷуди муқовимати шадиди аҳолии Суғд ба ӯ муяссар гардид, ки худро ба мулки Бухоро расонида, Рометанро ишғол намояд. Лекин ҷангҳои сахте, ки барои гирифтани Бухоро кард, натиҷае набахшид. Қутайба талафоти зиёде дод [4, 177].

Қутайба соли 709 аз нав бо Қушуни бешумор аз дарёи Аму гузашта, худро ба Бухоро расонид. Аҳолии Бухоро, мисли собиқ туркҳо суғдиёнро ба ёрдами худ даъват намуданд, ҷанги хунине рӯй дод.

Қутайба эълон кард, ки ҳар кас, агар сари душманеро биёрад, сад дирҳам ба тариқи ҷоиза хоҳад гирифт. Дар қароргоҳи арабҳо аз сари ҷанговарони Мовароуннаҳр манораи бузурге ба вуҷуд омад. Аммо ин ҳам муқовимати дифоъкунандагони Бухороро шикаста натавонист. Онҳо ба арабҳо зарбаҳои ҳалокатовар мезаданд. Он гоҳ Қутайба аз маглубият тарсида, боз ҳамон усули пештараи худ – макру хиёнатро ба кор бурд. Чи навъе ки Наршахӣ нақл мекунад, ӯ ба назди подшоҳи Суғд - Тархун ҷосуси худро фиристод. Ҷосус Тархунро огоҳ кард, ки арабҳо пас аз чанде ин ҷойҳоро тарк мекунанд, туркон ин фурсатро ғанимат дониста, барои ишғол кардани Суғд, ки мулки пурсарвату зебост, нияти бар зидди Тархун нияти лашкар кашидан доранд. Подшоҳи Суғд, ки аз ин гапҳои дуруғ сахт ба тарсу ҳарос афтода буд, маслиҳат пурсид. Ба ӯ чунин маслиҳати пур аз макру ҳиял доданд: бояд бо Қутайба сулҳ кард ва ба туркон хабар расонд, ки ба ёрии арабҳо қувваҳои сершумори иловагӣ омада истодаанд, он гоҳ туркон пас хоҳанд гашт.

Тархун ин маслиҳатро қабул кард. Иттифоқи зидди арабҳо барҳам хурд ва қушуни араб Бухороро ишғол намуд. Қутайба бо мақсади устувор намудани мавқеи худ бо ҳокими Суғд Тархун қарордод баст ва чанд нафарро аз ақрабои подшоҳ ба гарав гирифт ва барои ҳар сол ҷизя муқаррар намуд.

Ҳокимони баъзе вилоятҳои Тахористон, аз ҷумла ҳокими Шумон аз андармонӣ ва нобарориҳои арабҳо дар Бухоро истифода бурда, аз итоати Қутайба сар кашидани худро эълон карданд.

Қутайба соли 710 қувваҳои тоза ҷамъ намуда, ба Шумон лашкар кашид. Аҳолии Шумон талабҳои таҳдидомези арабҳоро рад карда, ба муқобили қувваҳои бартари доштаи онҳо ҷасурона ва мардонавор ҷангиданд. Дар яке аз муҳорибаҳои шадид подшоҳи Шумон кушта шуд. Қутайба шаҳрро тамоман ғорат карда, ба тарафи Насаф (дар наздикии Қаршии имреза) ва Кеш (Шаҳрисабзи кунунӣ) равон шуд ва он ҷойҳоро ба тобеияти худ даровард [1, 87].

Соли 710 ба тахти подшоҳии Суғд Урак нишаст. Ин мард, аз рӯи баҳои донишманди воқеаҳои давраи истилои араб А. Р. Гибб, «ватанпараст ва рахули давлат буд» [5, 34-35].

Дар ин вақт ҷараёни ҳодисот ба қарори зайл сурат мегирифт. Дар Хоразм таҳти роҳнамоии Хурзод ном бародари Хоразмшоҳ неҳзати халқӣ сар зад. Қутайба аз ин муборизаи дохилии давлати Хоразм истифода намуда, бо баҳонаи кумак расондан ба Хоразмшоҳ бо қушуни худ ба он ҷо ҳаракат кард. Дар солҳои 710–712 Хоразмшоҳ бо Қутайба муоҳидаи сулҳ баста, ба ивази он ки шӯришиёнро ба хун оғушта намуд, ба тариқи подош 10 ҳазор сар чорво дод. Ин амалан маънии ба арабҳо сари итоат фуруд овардани Хоразмшоҳро дошт.

Қутайба ба осонӣ таслим нашудани суғдиёни ҷангҷӯро дар назар гирифта, барои дар ғафлат гузоштани онҳо овозае паҳн кард, ки гуё бо ғаниматҳои аз ғорат бадастовардаи худ ба Марв хоҳад рафт, лекин дар амал бо лашкари Хоразмшоҳ ва бухорхудот ба Самарқанд ҳуҷум овард.

Ҷиҳати хоси вазъияти онвақтаи муборизаи зидди истилогарон на фақат набудани фронти ягона ба муқобили арабҳо, балки бадтар аз ин, хиёнати ҳокимони Бухоро ва Хоразм мебошад. Дастаҳои сарбозони хоразмӣ ва бухороӣ дар тарафи арабҳо қарор гирифта, дар сурате, ки

Самарқандиҳо яккаву танҳо бо азобу машаққат ватани худро мудофиа мекарданд, ҳамроҳи қӯшуни душман бар зидди Самарқанд бо тамоми қувват ҷангиданд.

Ғайр аз Балх вилояти Чағониён (ки дар ин вақт ҳокими он Тиш ба тарафи арабҳо гузашта, онҳоро барои ҳуҷум ба мулкҳои ҳамсоя ташвиқ мекард), Шумон ва ғ. ба итоати ӯ даромаданд. Дар соли 706 ӯ ба хоки Мовароуннаҳр Қадам ниҳод. Чунон ки Табарӣ менависад, Қутайба аз дарёи Аму гузашта, ба Пайканд равон шуд. Дар дохили қушуни ӯ деҳонони Балх ва Чағонхудоти хоин ҳам буданд, ки аз роҳи тамаъ истилогаронро тарафдорӣ мекарданд.

Пайканд дар он замон аз ободтарин шаҳрҳои Мовароуннаҳр ба шумор мерафт. Вайро шаҳри бозургонон («мадинату-т-туххор) меномиданд ва аз баски қалъаи мустаҳкаме дошт, «шористони руин» низ мегуфтанд. Қӯшуни Қутайба аввалин дафъа дар ҳамин ҷо ба муҚовимати сахти аҳолӣ дучор гардид. Дар мудофиаи шаҳр на фаҚат сокинони Пайканд, балки суғдиёни дигар ҳам, ки пайкандиҳо барои кумак ба онҳо муроҷиат карда буданд, ширкат доштанд. Аввалҳо дасти онҳо боло шуда, арабҳо ба вазъияти сахте афтоданд. Суғдиҳо муддати дуру дароз Қушуни арабро ба муҳосира гирифта, роҳҳои алоқаи онҳоро буриданд. Вале маҳз ноиттифоқии байни ҳокимони маҳаллӣ арабҳоро аз ин вазъият раҳо дод. Баъзе аз ҳокимон оҳиста-оҳиста дастаҳои худро ба канор кашиданд. Сафи мудофиачиёни Пайканд торафт кам шудан гирифт. Қутайба аз ин ҳолат истифода бурда, шаҳрро гирифт, ғорат кард ва пас ба Бухоро ру овард. Муҳосираи Пайканд, ба як ривоят, 50 руз ва, ба ривояти дигар, 10 моҳ давом кардааст [2, 103].

Ҳануз Қутайба 5 фарсах (яъне тақрибан 30 км) ҳам дуртар нарафта, аҳли Пайканд шуриш карданд ва арабҳои дар он ҷо истодаро ба қатл расониданд. Қутайба Пайкандро дубора ишғол карда, онро тамоман ба харобазор мубаддал гардонд, ҳамаи мардонро кушта, занону кудаконро ба ғуломӣ дод. Арабҳо дар ин ҷо ҳамон қадар сарват ба даст даровардaнд, ки то ин вақт дар ҳеч ҷо ин андоза ғанимат насиби онҳо нагардида буд.

Аз эҳтимол дур нест, ки муҳимтарин қисмати ин ғаниматро анбори бузурги пур аз аслиҳаву лавозимоти ҷангӣ ташкил мекард. Сифати ин ҳама маснуот ба дараҷаи олӣ буд, ки то ҳол дар назми араб калимаи «суғдӣ» ҳамчун ташбеҳи ҳунармандии беҳамто истифода мешавад. Аз руи баъзе маълумот, то забти Пайканд қушуни Қутайба ҳамагӣ 350 адад либосу аслиҳаи ҷангӣ дошт. Бинобар ин, Қутайба аз ғанимати тақсимшаванда берун гузоштани лавозимоти ҷангиро исрор карда, пас тамоми сарбозони худро силоҳи нав дод ва иқтидори ҷангии Қешуни арабро хеле афзунтар гардонид.

Хулоса Фоҷеаи Пайканд ба аҳолии Мовароуннаҳр нишон дод, ки онҳо бо чӣ гуна душмани бераҳм сарукор доранд. ҳокимони ҷудогонаи Суғд туркҳоро ба кумак даъват намуда, дар атрофи Рометан (дар наздикии Бухоро) Қувваҳои муттаҳидаи зиёде ҷамъ карданд, то ки ба арабҳо зарба расонанд. ҷанги шадиде ба амал омад. Қешуни арабҳо ба муҳосира афтод. Дар ин ҷо Қутайба роҳи фиребро пеш гирифт. ҳамон сол маҷбур шуд ба Хуросон ақиб нишинад [3, 187].

Адабиёт:

1. Абдусатторов А. Таърихи адабиёти араб. – Душанбе: Дониш, 2008.
2. Бартольд В.В. К истории арабских завоеваний в Средней Азии. – Соч., т. II, ч. 2. М., 1964.
3. Беляев Е.А. Арабы, ислам арабский халифат в раннее средневековье. – М., 1965.
4. Большаков О.Г. Арабские надписи на поливной керамике Средней Азии IX–XII вв. - ЭВ, XII, 1958; XV, 1963; XVII, 1966.
5. Ғафуров Б. Тоҷикон. – Душанбе: Дониш, 2008.

Калидвожаҳо: *Пайканд, Суғд, Хоразмшоҳ, Балх, Марв, Хоразм, Бухоро, Қутайба, Хуросон, Кешун, Самарқанд*

Аннотация

ПОХОД ИБН КУТАЙБЫ В БУХАРУ И ХОРЕЗМ

В статье рассматривается проблема походов Ибн Кутайбы в Бухару и Хорезм в 705-ом году, которые привели к завоеванию Мавереннахра. Кутайба в 705-ом году с огромным количеством воинов направился в Балх и снова взял в свои владения территории, которые были разгромлены арабами. Одним из наиболее важных городов Мавереннахра считался Пайканд, который имел очень крепкий дворец. И это был тот город, в котором местное население встретили Кутайбу с жестким сопротивлением.

Ключевые слова: *Пайканд, Согдийцы, Хорезмшах, Балх, Мерв, Хорезм, Бухара, Кутайба, Хорасан, Кешун, Самарканд*

Annotation
THE CAMPAIGNS OF IBN QUTAIBA TO BUKHARA AND KHOREZM

The article considers the problem of campaign of Ibn Qutaiba to Bukhara and Khorezm in 705th which led to the conquest Maverennahr. 705th Qutaiba in the year with a huge number of soldiers, heading for Balkh and again took possession of the territory which was destroyed by the Arabs. One of the most important cities of Maverennahr was considered Picand which had a very strong Palace. And it was that city in which the local population met Qutaiba with tough resistance.

Keywords: *Peikang, the Sogdians, the Horesmshakh, Balkh, Merv, Khorezm, Bukhara, Qutaiba, Khorasan, Keshun, Samarkand*

Маълумот дар бораи муаллиф: Қурбонов Шоҳзамон, магистранти соли дуюми факултети таърихи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Роҳбари илмӣ: Пирумшоев Ҳ.

Сведения об авторе: Курбонов Шохзамон, магистрант второго года обучения, факультета истории ТГПУ имени С. Айни

About the author: Qurbonov Shohzamon, second year master student of the Faculty of the History of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Неъматов Субоҳонҷон Амриддинович,
магистранти соли дуюми факултети таърих

МУБОРИЗАҲОИ ДОХИЛИҲИЗБИИ БОЛШЕВИКӢ БАЪДИ ВАФОТИ В.И.ЛЕНИН

Ҳанӯз дар охири ҳаёти доҳии болшевикон дар дохили дастгоҳи марказии Иттиҳоди Шӯравӣ муборизаи ғоявии дохилиҳизбию барои ба даст даровардани ҳокимияти сиёсӣ миёни шахсиятҳои намоён сар шуда буд. Ин масъала В. И. Ленинро низ ба изтироб оварда буд. Васиятномае, ки доҳии болшевикон В. И. Ленин тартиб дода, баъди як сол вафот карда буд, дар он мазкур ба масъалаҳои стратегӣ таваҷҷуҳ намуда, дар баробари ин ба роҳбарияти ҳизб характеристикаи шахсӣ дод, ки дар муайян кардани «вориси» ӯ таъсир расонд.

Аз мазмуни васиятнома бар меояд, ки В. И. Ленин ба хулосае омадааст, ки натиҷаи инқилоб на ҳукмронии пролетариат, балки як низоми бюрократии табақаи болонишини болшевикӣ гардид. Ин масъала доҳиро азият медод. Дар ибтидо ӯ мақсад дошт бюрократизми зуҳурёфтаи болшевикиро бо ёрии коммунстони матинирода торумор намояд. Дар ин самт тибқи ақидаи ӯ, бояд коммунистон дар муасиссаҳои худ ташаббускори мубориза бо бюрократизм мешуданд [3]. Вале ба зудӣ аён гашт, ки маҳз худи коммунистон такондиҳандаи дастгоҳи бюрократӣ ба ҳисоб мераванд. В. И. Ленин эҳсос кард, ки идоракунии мамлакат аз дасти доҳиёни инқилоб тадриҷан лағжида истодааст. Пешвоёне, ки аз рӯи ғояҳои ҳизб зиндагиро идома дода, оид ба некуаҳволии шахсии худ фикр намекарданд, на чандон зиёд монда буданд.

Баъди он ки бо сабаби беморӣ В. И. Ленин маҷбур шуд аз идоракунӣ канорагирӣ намояд, ҳокимияти воқеӣ ба дасти роҳбарияти коллективии аъзоёни Бюрои сиёсӣ Лев Тротский, Лев Каменев, Григорий Зиновев, Иосиф Сталин, Николай Бухарин, Александр Рико ва дигарон гузашт. Ин одамонро худи В. И. Ленин ба мансабҳои баланд шахсан пешниҳод карда буд, ҳар кадоми онҳо самти кории худро доштанд. Вақте ки моҳи марти соли 1922 Аҷумани XI ҳизб ба мансаби котиби Генералии КМ И. В. Сталинро интихоб намуд, ӯро ба таври ошкоро раиси Шӯрои меҳнат ва мудофиа Лев Каменев, роҳбари коминтерн Григорий Зиновев дастгирӣ мекарданд. Дар ибтидо аз бемории В. И. Ленин истифода карда, «триумвират» – дар ҳайати И. В. Сталин, Л. Каменев ва Г. Зиновев тадриҷан ҳокимиятро дар дасти худ мутамарказ намуд. Вале идоракунии онҳо раиси Шӯрои инқилобии ҳарбӣ Л. Д. Тротскийро қаноатманд намесохт. 4 январи соли 1923 В. И. Ленин ба Анҷумани XII ҳизб мактуб навишт. Дар он доҳӣ ба якчанд аъзоёни Бюрои сиёсӣ тавсифнома дод. Дар мактуб ҳар кадом ҳамсафони доҳӣ барои худ як чизи аламоварро дарёфтанд, вале зарбаи асосӣ ба котиби генералии КМ И. В. Сталин рост омад. Доҳӣ навишта буд, ки ӯ «Котиби генералӣ шуда, дар дасти худ ҳокимияти беандоза калонро нигоҳ доштааст ва ман дилпур нестам, ки ӯ ин ҳокимиятро эҳтиёткорона нигоҳ дошта метавонад ё не» [3].

Дар мактуб В. И. Ленин таклиф менамояд, ки И. В. Сталин аз ин мансаб озод карда шавад. Маҳз дар ҳамин анҷуман ӯро аз ҷиҳати сиёсӣ нобуд сохтанӣ буд. И. В. Сталин аз ин мактуб ба воситаи «ҷосусони махфӣ» - и худ огоҳӣ пайдо кард, зеро ӯ барои табобати В. И. Ленин ҷавобгӯ буд ва ҳайати хизматрасонии доҳиро интихоб мекард, ки онҳо дар навбати худ ба фоидаи ӯ ахборот ҷамъ мекарданд. Аммо бозгашти дубораи В. И. Ленин ба ҳаёти сиёсӣ дар моҳи апрели соли 1923 марги сиёсии И. В. Сталинро боз дошт.

Коллективи сарварони сиёсии ҳизб низ он вақт чандон муҳити ором надошт. Сарварони ҳизбӣ якдигарро нағз намедиданд, коллективи онҳоро В. И. Ленин интихоб мекард ва дар набудани ӯ онон ба якдигар дармеафтоданд. Хусусан ихтилофҳои Л. Д. Тротский ва И. В. Сталин ниҳоят шадид буданд. Саволе ба миён меояд, ки агар И. В. Сталин аз манасаб озод карда мешуд, пас В. И. Ленин Л. Д. Тротскийро ба сифати вориси худ медид? Л. Д. Тротский маҳз чунин мешумурд ва дар ёддоштҳояш инро тасдиқ мекард: мақсади бебаҳси васъият, сабук кардани «кори роҳбарии ман мебошад», навиштааст ӯ [3, 217]. Вале мазмуни матни «Мактуб» инро инкор мекунад. Дар он В. И. Ленин Л. Д. Тротскийро дар ҳақиқат «одами аз ҳама қобилиятнок дар ҳизб» ҳисобида, ҳамзамон ӯро дар «мубориза ба муқобили КМ» айбдор меҳисобад, ғайри ин тибқи навишати доҳӣ ӯ шахси ниҳоят худбовар буда, танҳо ба ҷиҳатҳои маъмурии тарафҳои кор диққат медиҳад. В. И. Ленин дар мактубаш, инчунин хотиррасон мекард, ки Л. Д. Тротский танҳо ба наздики болшевик шудааст. Дуруст аст, ки ӯро бо ин айбдор кардан мумкин набуд, зеро дар вақташ Г. Зиновев ва Л. Каменев низ зидди шӯриши яроқноки октябри соли 1917 баромад мекарданд. В. И. Ленин ба андеша меравад, ки оё ба ҳизб

одамоне роҳбарӣ карда метавонанд, ки ба чунин хатогӣ роҳ дода бошанд? Шахсияти дигари ҳизбӣ Н. Бухарин назариётчии бузург ва дӯстдоштаи ҳизб, вале тибқи мазмуни васъиятнома В. И. Ленин «ақидаҳои назариявии ӯро шубҳанок дониста», онро пурра марксистӣ гуфта номумкин буд, назариётчии бузург, вале на марксист, қайд менамояд доҳӣ [2, 217].

Аз ин мебарояд, ки дар роҳбарият назариётчиёни пурқуввати «пурра марксистӣ» , ташкилотчӣ, ки ба онҳо чи аз ҷиҳати сиёсӣ ё инсонӣ такя намудан лозим бошад, вуҷуд надорад. Мумкин доҳӣ оид ба роҳбарии коллективӣ дар ҳизб орзӯ мекард ва ба ҳамсафонаш дӯст доштани якдигарро васъият карда буд.

Баъд аз хурӯҷи навбатии бемории В. И. Ленин ӯ дар кори Анҷумани XII ҲК (б) Россия иштирок карда натавонист, лозим буд, ки нисбати мактуби ӯ ягон қарор қабул карда шавад. Ҳангоми муҳокимаи масъала дар Бюрои сиёсӣ оид ба интишори мактуб Л. Д. Тротский ҳамчун «ҷонибдор» баромад менамуд, вале дудилагӣ нишон дод, зеро дар мактуб хатогию камбудии ӯ низ баён ёфта буданд. Вале В. И. Ленин дастур надода буд, ки мактуби ӯ нашр карда шавад. Мактуб ба Л. Д. Тротский нисбати дигарон пештар дода шуда буд ва ӯ бо хоҳиши В. И. Ленин онро ба рафиқон нишон дода буд. Матни он ба И. В. Сталин як рӯз қабл аз кушодани анҷуман маълум гашта буд. Нусхаи аслии онро котибаи В. И. Ленин А. Фотиева пешниҳод намуда буд. Ҳамон вақт И. В. Сталин фаҳмид, ки Л. Д. Тротский дар даст назари хаттии В. И. Ленинро оид ба муқобили ӯ нигоҳ медорад. И. В. Сталин хавф бурд, ки Л. Д. Тротский ба анҷуман «далелҳо» пешниҳод менамояд. Баъзе аз онҳо ба вакилон эҳтимол аз ҷониби Л. Д. Тротский маълум гашта буданд. Он гоҳ И. В. Сталин Л. Д. Тротскийро ба он айбдор мекард, ки ҳуҷҷатҳои муҳимро аз ҳизб пинҳон нигоҳ медорад.

Мактуб баъд аз марги В. И. Ленин, дар анҷумани XIII ҳизб, на дар ҷаласаи пленарӣ, балки ба вакилон хонда шуда, онро ба дасти ҳеҷ кас надоданд. Л. Каменев ва Г. Зиновев И. В. Сталинро ҳимоя мекарданд. Л. Д. Тротский, ки то ин вақт аз ҷиҳати сиёсӣ ба шикаст дучор гашта буд, ҷуръат накард муқобил барояд. И. В. Сталин аз анҷуман узр пурсида, изҳор кард, ки ислоҳ мешавад.

Таҳлилгарон хулоса менамоянд, ки соли 1923 И. В. Сталин яке аз лаҳзаҳои хавфнокро дар карераи сиёсии худ аз сар гузаронд ва ин хавф то зинда будани В. И. Ленин ҳам боқӣ монда буд.

Ба стратегияи В. И. Ленин, котиби генералӣ И. В. Сталин халал мерасонд, вале Л. Д. Тротский ҷуръат намекард дар танҳоӣ амал кунад. И. В. Сталин кӯшиш мекард, ки ҳар чи зудтар таъсири Л. Д. Тротский суст гардонда шавад. Ҳамин тариқ, истодагарӣ ва муборизаи ғоявӣ миёни И. В. Сталин ва Тротский ба сатҳи аввал баромад [4]. Муҳаққиқ Н. Валентинов қайд мекунад, ки «дар мамлакате, ки аз қадим ба сарварии шоҳ одат карда буданд ва онро акнун пас аз инқилоби Октябр В. И. Ленин идора мекард, табиист, ки саволе ба миён омад, ки чи гуна шахсият доҳиро иваз мекунад» [1, 32]. Ва на танҳо дар мамлакат, дар ҳизб низ сарвар лозим буд. Аллакай ин масъаларо хеле барвақт дар ҲК Россия дарк мекарданд. Акнун, ки В. И. Ленин бо сабаби беморӣ аз идоракунӣ канор гирифта шуд, байни ҳизбиён дар анҷуману пленуми ҳизбӣ масъалае ба миён омад, ки ба тарафдории кӣ овоз медода бошанд, то ин ки хато накунад? Барои ҳизбиён ин масъала муҳим буд, зеро аз интихоби онҳо тақдири шахсиашон ҳал мешуд. «Правда» ва дигар нашрияҳо садо медоданд – Л. Д. Тротский. Оммаи мансабталошон низ қарор доданд, ки ӯ вориси ягона мебошад, ҳамсафонаи куҳнаи В. И. Ленин бо рашк ба муваффақиятҳои «аз сафи меншевникон» омада, муддати кӯтоҳ, яъне баъди инқилоб, бо суръат ба пеш рафтани Л. Д. Тротский менигаристанд. Дар анҷумани XII ҳизб Л. Д. Тротский метавонист дилхоҳ масъаларо пешбарӣ ва ҳал намояд. Ба нуфуз ва эътибори В. И. Ленин такя карда, И. В. Сталинро иваз намояд, дастгоҳи ҳизбиро ба яке аз одамони худ тобеъ намояд. Вале ӯ аз ин имкониятҳо истифода накард, ягон тағйироти қатъиро ҳам ба миён нагузошт, ҷонибдори гузаронидани тағйирот нашуд, ки онҳоро В. И. Ленин пешниҳод намуда буд, вакилонро аз паси худ набурд, ӯ мувофиқакунонии мафкураи аъзоёни дастгоҳро афзалтар донист.

Танҳо дар ҳамин лаҳза Л. Д. Тротский имконияти ғалабаро дар муборизаи барои ҳокимият дошт. Вале Сиёсати нави иқтисодӣ (НЭП) ҳанӯз нисбатан бомуваффақият инкишоф меёфт, ихтилофҳо бо тартиби корию маслиҳат аз байн бардошта мешуданд, ҳамчун шахсият дар муқоиса ба И. В. Сталин Л. Д. Тротский ба ихтилофҳо таҳамулпазиртар буд, вале дар вазъи буҳронӣ бераҳм ва даҳал мегардид [5].

Оқибат, баъди вафоти В. И. Ленин пешвоёни болшевикӣ пурра ба тарафҳои муқобили сангар ҷудо шуданд, ки дар таърихи ИҶШС бо номи муборизаи дохилиҳизбӣ машҳур буда, пирӯзи насиби И. В. Сталин ва тарафдоронаш гардид.

Адабиёт:
1. Валентинов Н. В. Наследники Ленина. – М., 1991.
2. Коэн С. Бухарин. Политическая биография 1888-1938. – М., 1988.
3. КПСС в резолюциях и решениях съездов, конференций и пленумов ЦК. – М., 1984.
4. Назаров О. Г. Сталин и борьба за лидерство в большевистской партии в условиях НЭПа. – М., 2000.
5. Прибытков В. Аппарат. – СПб., 1995.

Калидвожаҳо: *В.И.Ленин, Иттиҳоди Шӯравӣ, мерос, муборизаи ҳизбӣ, ҳизби болшевикӣ, гоя, ҳокимият, дастгоҳ*

Аннотация

БОЛЬШЕВИСТСКАЯ ВНУТРИПАРИЙНАЯ БОРЬБА ПОСЛЕ СМЕРТИ В. И. ЛЕНИНА

В сататье рассматривается внутрипартийная борьба большевиков за наследие В. И. Ленина. Автор отмечает, что после того как Ленин по причине болезны вынужден был отойти от дел, реальная власть перешла к коллективному руководству членов Политбюро – Льву Троцкому, Льву Каменеву, Григорию Зиновьеву, Иосифу Сталину, Николаю Бухарину и другим. В итоги внутриполитической борьбы, который развел большевистских вождей по разные стороны баррикад, И.В.Сталин со своим стороником вышел из него победителем.

Ключевые слова: *В.И.Ленин, Советский союз, наследие, партийная борьба, большевистская партия, идея, власть, аппарат*

Annotation

STRUGGLE ROUND V.I.LENIN'S HERITAGE IN BOLSHEVIST PARTY

The article is considered inner-party struggle of Bolsheviks for V.I.Lenin's heritage. The author notices that after Lenin has been compelled to depart from affairs, the real power has passed to oligarchical collective leadership of members of the Political bureau - to the Leo Trotsky, Leo Kamenev, Grigor Zinovev, Joseph Stalin, Nikolay Buharin, Alexander Rykov and others. In results of this internal political battle which I. V.Stalin with his supporters threw up Bolshevist leaders on the different parts of barricades and with his followers come out as the winner.

Keywords: *V.I.Lenin, the Soviet Union, party struggle, Bolshevist party, idea, the power, the device*

Маълумот дар бораи муаллиф: Неъматов Субхонҷон Амриддинович, магистранти кафедраи таърихи умумии, факултети таърих, ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Роҳбари илмӣ: Пирумшоев Ҳ.

Сведения об авторе: Неъматов Субхонджон Амриддинович, магистрант кафедры всеобщей истории таджикского народа факультета истории ТГПУ имени С. Айни

About the author: Nematov Subhonjon Amriddinovich, the masters student of the faculty of the History, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini

Абиров Манучеҳр,
магистранти соли дуюми кафедраи сиёсатшиносӣ

НЕРУГОҲИ БАРҚИ ОБИИ РОҒУН – ЗАМИНАИ АСОСӢ БАРОИ ҲИФЗИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ

Тоҷикистон бо мақеъи ҷойгиршавии географии худ дар минтақае қарор гирифтааст, ки сарчашмаи ташаккули захираҳои обии минтақа мебошад. Истифода аз ин захираҳо омил ва шарти асосии таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии давлат ва баланд гардидани мавқеъи сиёсии он ҳам дар сатҳи минтақа ва ҳам дар арсаи байналмилалӣ мегардад.

Аммо барои истифодаи ҳамаҷониба аз ин захираҳо инфрасохтори зарурие лозим аст, ки ба воситаи он мо тавонем ин захираҳоро ба манфиати худ идора карда бошем. Дар замони муосир идора ва истифода карда тавонистани захираҳои табиӣ, махсусан захираҳои обӣ шарти асосӣ дар роҳи рушди устувор мебошад.

Бо назардошти ин, ҷиҳати идора ва оқилона истифода намудани захираҳои обӣ барои Тоҷикистон сохтани ифрасохтори гидроэнеркетикӣ омили муҳимтарин мебошад, ки НБО «Роғун» муҳимтарине аз онҳо маҳсуб меёбад.

НБО «Роғун» иншооти аҳамияти минтақавӣ дошта мебошад, ки ба воситаи он мо имкони идора намудани захираҳои обии худро пайдо менамоем, ки маҳз ба ҳамин восита мо метавонем, манфиатҳои обӣ-миллии худро ҳифз созем.

Тибқи маълумотҳои мавҷуда зиёда аз 54,6%-и захираҳои обии Осиёи Марказӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ташаккул меёбанд. Амммо Тоҷикистон аз он ҳамагӣ аз ҳисоби Сирдарё 7% ва аз ҳисоби Амударё 15,2%-ро истифода менамояд.

Аммо давлатҳои дигари Осиёи Марказӣ дар самти истифода ва истеъмоли захираҳои обии дар Тоҷикистон ташаккулёбанда мавқеъи асосиро ишғол менамоянд. Масалан саҳми давлатҳои минтақа дар ташаккулёбии захираҳои обии баҳри Арал чуни наст: Қирғизистон - 25,3%, Узбекистон 7,6%, Қазоқистон 3,9%, Чин ва Покистон дар якҷоягӣ 5,4%. [1]

Аммо истифода ва истеъмоли захираҳои обии минтақа тамоман нишондоди дигар аст. Дар асоси меъёрҳои муқараргардидаи даврони Шӯравӣ аз захираҳои обии Сирдаё Узбекистон 50,5%, Қазоқистон 42% ва Қирғизистон 0,5%-ро истифода ва истеъмол менамоянд.

Аз захираҳои обии Амударё бошад Узбекистон 42,2%, Туркменистон 42,3% ва Қирғизистон 0,3%-ро истифода менамоянд [2].

Яъне захираҳои обии Осиёи Маркази дар ҳудуди Тоҷикистон ва Қирғизистон ташаккул меёбанд, аммо истифода барандагони асосии онҳо Узбекистон, Туркменистон ва Қазоқистон мебошанд, ки ин ба манфиатҳои миллии мо созгор нест.

Омили асосии ин нишондод аз он иборат аст, ки Тоҷикистон то ба пуррагӣ ба истифода додани НБО Роғун ва дигар иншоотҳои гидроэнергетикии худ имкони камтарро дар ихтиёр дошт, ки захираҳои обии худро ба манфиати миллӣ ва минтақавӣ истифода намояд.

НБО Роғун дар баробари аҳамияти баланди гидроэнергетикӣ доштан, инчунин дар рушди соҳаи кишоварзӣ ва обёрии минтақавӣ нақши созгор дорад.

Масалан, баъди ба пуррагӣ ба истифода додани ин иншоот зиёда аз 480 ҳазор гектар замин дар минтақа, аз ҷумла 140 ҳазор гектар дар Туркменистон ва 240 ҳазор гектар дар Узбекистон обёрӣ карда мешавад, ки ба нафъи давлатҳои минтақа мебошад.

Дар маҷмуъ манфиатҳои обӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз ду унсури асосӣ таркиб ёфтаанд. Якум манфиатҳои кишоварзӣ ва манфиатҳои гидроэнергетикӣ. Манфиатҳои кишоварзӣ ба давлатҳои Узбекистон, туркменистон ва Қазоқистон хосанд, ки онҳо бештар ҷонибдори истифодаи захираҳои обии минтақа бо мақсади обери заминҳои кишт ва соҳаи кишоварзӣ мебошанд.

Тоҷикистон ва Қирғизистон бошанд манфиатдори соҳаи гидроэнергетика мебошанд, ки асоси таъмини тараққиёти ҳамаҷонибаи ин давлатҳо ба рушди соҳаи гидроэнергетика вобаста аст.

Нозукии дигар дар он аст, ки Тоҷикистон ва Қирғизистон асосан давлатҳои **обистифодабаранда** мебошанд, яъне дар соҳаи гидроэнергетика ҳангоми истифодабарӣ миқдор ва сифати об тағйир намеёбад ва об дар ҳамон миқдор ва ҳаҷмаш баъди истеҳсоли қувваи барқ боқи мемонад.

Давлатҳои Узбекистон, Туркменистон ва Қазоқистон **обистеъмолкунанда** мебошанд. Яъне асоси сиёсати обии онҳо ба соҳаи кишоварзӣ нигаронида шудааст, ки дар ин соҳа об ё ба пуррагӣ нест мешавад ва ё ҳаҷми ками он боқӣ монда, сифаташ тағйир меёбад.

Яъне манфиатҳои обии Тоҷикистон ба манфиатҳои обии ҳеҷ як давлати дигари минтақа мухолифат намекунад ва Тоҷикистон сиёсати гидроэнергетикии худро дар асоси ҳифзи манфиатҳои минтақавӣ идома медиҳад, ки Рогун яке аз он инншооотҳо мебошад, ки бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳамгироии минтақавӣ бунёд гардида истодааст.

Адабиёт:

1. Барномаи ислоҳот дар соҳаи обиТоҷикистон.
2. Бояркина Оксана Александровна. Проблемы и перспективы урегулирования международных конфликтов в сфере водопользования в центрально азиатском регионе. Страница 20.
3. Зиганшина Д.Р. Роль водной дипломатии в обеспечении водной безопасности: обзор современной практики» (2013). Источник: www.cawater-info.net.
4. Конвенсияи АГ СММ аз 21 марти соли 1997 №51/229.
5. Стратегияи рушди энергетикии Тоҷикистон.
6. Рысбеков Ю.Х. Трансграничное сотрудничество на трансграничных реках: проблемы, опыт, уроки, прогнозы экспертов. – Ташкент: 2009. – 10 с.
7. Рысбеков Ю.Х. Трансграничное сотрудничество на международных реках: проблемы, опыт, уроки, прогнозы экспертов». – Ташкент: 2009. – 15 с.

Калидвожаҳо: *неругоҳ, об, давлат, барқӣ, иншоот, рушднамоӣ*

Аннотация

РОГУНСКАЯ ГЭС - ОСНОВА НАЦИОНАЛЬНЫХ ЦЕННОСТЕЙ

В своем статье автор проанализировал ход строителйства гидроэлектрической станции Рогун и его региональное значение. Автор также отметил, что после окончания Рогунской ГЭС улучшается жизнь соседних стран.

Ключевые слова: *вода, страна, электричество, здании, улучшение*

Annotation

ROGUN HPP – THE BASIS OF THE NATIONAL VALUES

In this article author analyzed the construction progress of the Hydro Electric Station Rogun and its regional importance. And the author also noted that, after the completion of the Rogun HPP, not only life of the Tajik people is improving, but also it helps to improve the life of neighbor countries.

Keywords: *gas, water, countries, electric, building, improving*

Маълумот дар бораи муаллиф: Абиров Манучеҳр Саидисломович, магистранти соли дуюми кафедраи сиёсатшиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Роҳбари илмӣ: Қосимова Рачабмо

Сведения об авторе*:* Абиров Манучехр Саидисломович, магистрант второго курса кафедры политологии ТГПУ им. Садриддина Айни

About the author: Abirov Manushehr Saidislomovish, second year master student of the Department of Political Sciences of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini

Ҳикматов Раҳматулло Изатуллоевич,
магистранти соли дуюми кафедраи сиёсатшиносӣ

ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ОБ ВА НАҚШИ ОН ДАР ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ОБӢ ДАР ҶАҲОН

Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дигаргуниҳои назаррасе ба вуҷуд омаданд ва дар вобастагӣ бо ин Тоҷикистони азизи мо рушду пешрафт намуд. Тоҷикистон ба бисёр масъалаҳои муҳими сатҳи ҷаҳонӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуд, ки яке аз масъалаҳои муҳим - ин масъалаи об аст, ки муҳимтарин сарчашмаи ҳаёт мебошад. Истифодаи оқилонаи об имкон медиҳад, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла саноат, иҷтимоиёт, соҳаҳои дигари иқтисодиёти миллӣ ва некуаҳволии мардуми кишвар инкишоф ёбанд. Дар шароити кунунӣ дар ҷаҳон кишварҳои олам дастаҷамъона барои ҳалли масъалаҳои дорои хусусияти умумибашарӣ ҳамкорӣ менамоянд. Созмони бонуфузи сатҳи ҷаҳонӣ, ки дар шароити кунунӣ ҳамкориҳои кишварҳои оламро ба роҳ мемонад, ин СММ мебошад. Давлатҳое, ки аъзогии худро ба ин созмони бонуфуз ба роҳ мондаанд, пайваста дар роҳи ҳалли масъалаҳои умумибашарӣ талош менамоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ саҳми босазое дар ҳалли масъалаҳои умдатарини сатҳи ҷаҳонӣ гузошта истодааст. Яке аз саҳми барҷастаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нишон додани ташаббусҳои пайваста дар ҷодаи дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаҳзаҳои аввали аъзои ин Созмон гардиданаш, яъне аз соли 1992 инҷониб таҳти сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чандин маротиба бо пешниҳодҳои судманд тавонист дар ҳалли масъалаҳои умдаи умумибашарӣ саҳми худро гузорад. Ҳамин ташаббусҳои судманд буданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар пеши назари оламиён чун яке аз кишварҳои ташаббускор намудор карданд. Бо ин иқдомҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари дорои таваҷуҳи хос дар ҷодаи ҷустуҷӯ ва ҳалли масъалаҳои умдаи умумибашарӣ шинохта шуд.

Соли байналмилалии оби тоза ба таҳкиму тавсеаи талошҳо оид ба нигаҳдорӣ ва истифодаи самараноки захираҳои оби ошомиданӣ кӯмак карда, ба дарки амиқи нақши об дар таъмини рушди устувор, инчунин барои омода сохтан ва интишор намудани аввалин гузориши фарогир дар бораи азхуд кардани захираҳои оби ҷаҳон зери унвони «Об барои одамон, об барои ҳаёт» мусоидат намуд.

Ба назари Тоҷикистон, нақши асосии Соли байналмилалӣ дар он ифода меёбад, ки барои тарҳи дуюми тӯлонитари дорои аҳамияти ҷаҳонии соҳаи захираҳои об – Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015» – асоси боэътимоду устувор гузошт.

Ҳадафи асосии Даҳсола аз расонидани мусоидат ба ҷаҳду талошҳо ба хотири иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи об ва захираҳои бо он алоқаманд то соли 2015, аз ҷумла дар самти ду баробар кам кардани қишри аҳолие, ки ба оби ошомидании безарар ва беҳдошти санитарӣ дастрасӣ надорад, иборат буд.

Дар Эъломияи Душанбе, ки дар асоси хулосаҳои тафсири соли 2010 қабул шуда буд, Тоҷикистон азми худро ҷиҳати амалисозии ӯҳдадориҳои қаблӣ дар соҳаи захираҳои об таъйид намуд.

Дар ин замина худи ҳамон сол бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон намудани соли 2013 қатъномаи нави Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул гардид.

Тоҷикистон якҷоя бо кишварҳои дигари ҳамшарики қатънома ба ин ташаббус роҳ кушода, дар назар дошт, ки Соли байналмилалӣ ба таҳкими муколама ва якдигарфаҳмӣ, рушду тавсеаи ҳамкориву шарикӣ дар асоси муносибатҳои бисёрзина ва маҷмӯӣ ба ҳалли масъалаҳои об мусоидат хоҳад кард.

Дар ин давра ба хотири муҳокима ва таҳияи роҳҳои беҳтарини шарикиву ҳамкорӣ дар соҳаи об, густариши донишу малакаҳо оид ба василаҳои дипломатияи об як силсила чорабиниҳои глобалӣ, минтақавӣ ва миллӣ гузаронида шуданд.

Имрӯз масъалаи асосие, ки дар пешорӯи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтааст, аз он иборат аст, ки ба чӣ тариқ ӯҳдадориҳои эълоншуда метавонанд ба амалиёт ва нақшаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи об пайваста, татбиқи комилу амалии худро ҷиҳати беҳбуди ҳаёти ҳар фард пайдо намоянд. Дар оғози фаъолияти муштараки мо дар чаҳорчӯбаи Даҳсолаи байналмилалии

амалиёти «Об барои ҳаёт», ки бо Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола иртиботи ногусастанӣ дорад, дар пешорӯи мо айнан чунин масъала меистод.

Тавре маълум аст, захираҳои об дар самти расидан ба ҳадафҳои рушд, ки дар Эъломияи Ҳазорсола дарҷ ёфтаанд, аҳамияти аввалиндараҷа касб кардаанд. Ҷаҳду талоши мо оид ба рафъи камбизоатӣ ва гуруснагӣ, таъмини баробарӣ ва васоили зиндагӣ, коҳиш додани осебпазирӣ ва ҳалли масъалаҳои тандурустӣ дар ҳоле, ки дар манотиқи зиёди сайёра нархи оби ошомиданӣ аз нархи сӯзишворӣ болотар рафтааст, ба рушду идораи оқилонаи захираҳои об вобастагии зич дорад.

Ин саъю кӯшишҳо ҳанӯз он самараи бузургеро, ки ҳамаи мо дар оғози ҳазорсола интизораш будем, надодаанд. Вале бо вуҷуди ин, пешрафти бадастомада возеҳу равшан аст.

Тавре ки дар ҳисоботи соли 2013 оид ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола зикр шудааст, тайи ду даҳсолаи охир зиёда аз 2,1 миллиард одамон бо об беҳтар таъмин гашта, шароити санитарии 1,9 миллиард сокинони Замин рӯ ба беҳбудӣ ниҳодааст.

Дар баробари ин, ҳоло ҳам 768 миллион нафар обро аз сарчашмаҳои хатарнок истеъмол намуда, тақрибан барои 2,5 миллиард сокинони сайёра шароити аввалияи санитарӣ дастнорас аст [3].

Зиёда аз ин, пешрафти бадастомада на танҳо дар байни минтақаҳо ва кишварҳо, балки байни аҳолии деҳот ва шаҳрҳои мамлакатҳо номутаносиб аст.

Масалан, имрӯз дар Тоҷикистон танҳо 58,5 фоизи аҳолии кишвар сарчашмаҳои хушсифати оби нӯшокӣ ва қариб 30 фоизи он шароити хуби санитарӣ дорад [4].

Дар панҷ соли охир Ҳукумати кишвар барои ҳаллу фасли мушкилоти марбут ба захираҳои об зиёда аз 15 стратегия ва барномаву нақшаҳои корӣ қабул кардааст, ки дар чаҳорчӯби онҳо барои лоиҳаҳои мушаххас зиёда аз 500 миллион доллари амрикоӣ масраф мешавад [1].

Аммо таҷриба гувоҳ аст, ки барои сари вақт пиёда сохтани ин ҳадафҳо тавсеаи маблағгузорӣ ва ҷалби сармояҳо аз тариқи истифодаи тамоми имконоти мавҷуда ҷиҳати таҳкими инфрасохтори обии кишвар комилан зарур аст [1].

Зуҳуроти ҷории буҳронҳои молиявию иқтисодӣ, озуқаворӣ ва энергетикӣ ва тағйироти иқлим пешрафти бе ин ҳам нопурра, ноустувор ва номутаносибро коҳиш медиҳад.

Вале аллакай имрӯз метавон гуфт, ки Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015» ҷузъи мантиқӣ ва зарурии раванди татбиқи амалии Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола гашта, барои пиёда сохтани онҳо мусоидат кардааст [6].

Тоҷикистон раванди пешбарии ғояро оид ба зарурати таҳияи Ҳадафи алоҳидаи рушди устувор дар соҳаи захираҳои об пуштибонӣ мекунад ва зарур медонад, ки ҳангоми таҳияи умумии ин ҳадафҳо унсурҳои мазкур ба ҳисоб гирифта шаванд:

- таъмини дастрасии комил ба оби безарари ошомиданӣ ва санитария;
- ҷорӣ намудани идораи воҳиду муттаҳидаи захираҳои об дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ;
- баланд бардоштани самаранокии истифодаи об ва истифодаи дуюмбораи он;
- маблағгузории кофӣ ва сармоягузории иншооти хоҷагии об ва инфрасохтор, ироа ва татбиқи технологияҳои навтарин;
- бунёди василаҳои мутақобилан қобили қабул оид ба ҷамъоварӣ ва табодули иттилооту маълумот [5].

Таҷриба гувоҳ аст, ки ҳадафҳо фақат дар сурати таҳияи василаҳои муассир ва нақшаҳои мушаххаси татбиқу тафсири онҳо амалишаванда мебошанд.

Ба инобат гирифтани омилҳои зерин, ки ҳангоми таҳияи диди нав оид ба масъалаҳои об чаҳорчӯба ва имконоти ҳамдастиву ҳамкориро муайян месозанд, онро тақвият хоҳанд дод.

Аввалан, тағйирёбии иқлим ба захираҳои об таъсири манфӣ дошта, ба саъю талошҳои мо дар самти расидан ба ҳадафҳои рушд осеб мерасонад.

Масалан, тӯли чанд даҳсолаи ахир пиряхҳои Тоҷикистон, ки аз муҳимтарин манбаъҳои оби минтақаанд, қариб 30 фоизи ҳаҷми худро гум кардаанд ва ин тамоюл пайваста идома дорад.

Дар ин муддат аз 14 ҳазор пиряхҳои мо ҳазортои онҳо ба куллӣ нобуд шуданд. Фақат пиряхи Федченко – бузургтарин пиряхи қитъаи хушкии Заамин – дар ин даврa қариб 1 километр кӯтоҳ шуда, масоҳаташ ба андозаи 11 километри мураббаъ ихтисор гаштааст ва ҳаҷман тақрибан 2 километри мукааби ях талаф ёфтааст.

Бо дарназардошти он, ки қариб 60 фоизи захираҳои оби ҳавзаи баҳри Арал дар қаламрави Тоҷикистон ташаккул меёбанд, чунин вазъ боиси нигаронии ҷиддист ва андешидани тадбирҳои фавриро доир ба мутобиқсозӣ ва эҷоди устуворӣ нисбат ба тағйироти иқлим тақозо дорад.

Дар иртибот ба таъсири тағйироти иқлим тайи солҳои ахир дар Тоҷикистон, ки 93 фисади қаламравашро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, афзоиши офатҳои табиии бо захираҳои об алоқаманд ба мушоҳида мерасад, ки боиси зиёни бузурги иқтисодиву маънавӣ мегарданд.

Офатҳои табиӣ илова бар он, ки дар шароити кӯҳсори мо ба ҳисороти ғайричашмдошт боис мегарданд, саъю талошҳои моро оид ба дастёбӣ ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола коҳиш дода, дар роҳи паст кардани сатҳи камбизоатӣ монеаву мушкилоти иловагӣ эҷод месозанд.

Аз ин лиҳоз, дар сатҳи глобалӣ мунтазам мавриди баҳсу муҳокима қарор додани масъалаи офатҳои табиии бо захираҳои об алоқаманд мувофиқи мақсад мебошад.

Дуюм ин, ки афзоиши аҳолӣ ва зиёд шудани эҳтиёҷ ба захираҳои об вазифаҳои наву фарогирро ба миён мегузоранд.

Масалан, дар минтақаи Осиёи Марказӣ масоҳати заминҳои обӣ аз 2,2 миллион гектари аввали асри XX то 9 миллион гектари ҳозира ва теъдоди аҳолӣ аз 20 миллион нафари соли 1956 то 63 миллион нафар дар соли 2010 афзоиш ёфтааст.

Дар олами муосир талабот ба захираҳои об босуръат афзун мегардад, ки ин, дар навбати худ, боиси шиддат гирифтани муносибатҳои байниҳамдигарии соҳаҳои мухталифи иқтисод мегардад.

Тезутунд шудани рақобат барои захираҳои об дар шароити афзоиши камбуди он қодир аст, ки ҳатто дар дохили як мамлакат ба пайомадҳои номатлуб боис гардад.

Сеюм, ба инобат гирифтани ҷанбаи гендерии масоили соҳаи об зарур аст. Моро лозим аст, ки занонро тавассути таҳкими нақши онҳо дар идораву ҳифзи захираҳои об ба раванди рушд фаъолона ҷалб намоем.

Дар чаҳорчӯбаи конфронс Ҳамоиши занон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об баргузор гардида, барои амалиёти минбаъда тавсияҳои худро таҳияву пешниҳод намуд.

Чаҳорум, нақшаҳо ва иқдомоти мо бояд ба воситаҳои кофии татбиқи онҳо, аз ҷумла ба захираҳои молиявӣ, сармояҳо ва технологияҳо, такя намоянд.

Дар ин росто шарикии глобалӣ ба хотири рушд бояд ҳамаҷониба таҳким дода шавад. Возеҳ аст, ки дар шароиту воқеияти нав ба навсозию беҳсозии шарикии глобалӣ ба хотири рушди устувор ниёз пайдо мешавад.

Ҳамкорӣ дар бахши таълими фарҳанг ва маданияти истифодаи устувори об метавонад самти муҳими саъю талошҳои муштарак бошад.

Дар ин самт шарикии давлативу бахши хусусӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои таъмини обу санитария имкониятҳои нав эҷод хоҳад кард.

Панҷум, унсури фаромарзии ҳамкориҳо дар соҳаи об дар таъмини сулҳу субот ва рушд нақши умда дорад. Имрӯз дар ҷаҳон зиёда аз 276 ҳавзаи дарёҳои байналмилалӣ мавҷуда аст, ки қаламрави 148 кишвар ва 40 фоизи аҳолии Заминро фаро мегиранд [4].

Ҳамкории пурсамар дар соҳаи об қодир аст, ки омили суръатбахши рушд гардад, набудани он бошад, баръакс, метавонад барои вазъи иқтисодиву иҷтимоии кишварҳои шомили ҳавзаҳои умумии об пайомадҳо ва хатарҳои ҷиддӣ эҷод созад. Дар бисёр минтақаҳои ҷаҳон таҳкими имкониятҳои ҳамкории фаромарзӣ дар соҳаи об ба рушди солиму муштараки ҳамаи кишварҳои наздисоҳилӣ мусоидат менамояд.

Боиси хушҳолӣ ва сарбаландии мардуми азизи Тоҷикистон аст, ки санаи 21-уми декабри соли 2016 зимни баргузории ҷаласаи Пленарии 71-уми Маҷмаи Умумии Созмони Миллали Муттаҳид Қатънома таҳти унвони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», барои солҳои 2018-2028, ки бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳаммуаллифии 177 кишвари аъзои СММ пешбарӣ шуда буд, бо райъи 193 давлати аъзои созмони мазкур, тасдиқ гардид [2]. Ба муносибати эълон гардидани Даҳсолаи навбати таҳти унвони «Об барои рушди устувор» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ санаи 22-юми декабри соли 2016 зикр намуданд, ки ин ташаббуси чоруми Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва махсусан Маҷмаи Умумии Созмони Миллали Муттаҳид ҳаматарафа ҷонибдорӣ меёбад.

Адабиёт:

1. Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри 2015, №791).
2. Баромади Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими кушодашавии Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд

оид ба оғози даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор» солҳои 2018–2028 20.06.2018 шаҳри Душанбе.
3. Баромади Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми ҷаҳонии об. Корея 13-04-2015.
4. Баромади Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конференсияи Душанбе оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об 20.08.2013.
5. Қаъдномаи АГ СММ аз 21.12.2016, №71/222, дар бораи эълони даҳсоли байналмилалии «Об барои рушди устувор» солҳои 2018–2028.
6. Маърӯзаи умумиҷаҳонии СММ дар бораи нақши захираҳои обӣ, 16 марти соли 2009, шаҳри Истамбул. маъхаз: «Компас» ИТАР-ТАСС. rodon.org.

Калидвожаҳо: *об, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президент, СММ, ташаббусҳои байналмиллалӣ, ҳамкорӣ, ҳадафҳо, рушди устувор, оби тоза, оби нӯшокӣ, захираҳои об, пиряхҳо*

Аннотация

МЕЖДУНАРОДНЫЕ ИНИЦИАТИВЫ ТАДЖИКИСТАНА В СФЕРЕ ВОДЫ И ИХ РОЛЬ В РЕШЕНИИ ВОДНОЙ ПРОБЛЕМЫ В МИРЕ

За годы независимости Таджикистан внес значительные изменения в достижения всего общества, которое является основным источником воды, важнейшим источником жизни в мире. Рациональное использование воды улучшает все сферы общественной жизни, включая промышленность, социальные и другие отрасли народного хозяйства и благосостояние страны. Республика Таджикистан с начала вхождения в состав Организации Объединенных Наций в 1992 года под руководством Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмана внес активный вклад в развитии мирового сообщества, по инициате которого объявлены Международный год сохранения водных ресурсов и водных ресурсов, а также Международное десятилетие действий «Вода для жизни».

Ключевые слова: *вода, Республика Таджикистан, Президент, СММ, международные инициативы, сотрудничество, цель, стабильное развитие, чистая вода, питьевая вода, водные ресурсы, ледники*

Annotation

TAJIKISTAN INTERNATIONAL INITIATIVES IN THE SECTOR OF WATER AND ITS ROLE IN SOLVING THE ISSUE OF WATER IN THE WORLD

Along with the independence, Tajikistan has made significant changes in the achievement of the whole society, which is the main source of water that is the most important source of life of the world community. The rational use of water improves all areas of public life, including industry, social and other sectors of the national economy and wellbeing of the country. The Republic of Tajikistan since the First Unity of the United Nations, since 1992, under the head of the President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon, his contribution to the world community today, the International Year of Water Conservation and Water Resources - the International Decade for Action «Water for Life» he left his stable.

Key words: *water, Republic of Tajikistan, President, UN, international initiatives, cooperation, aims, sustainable development fresh water, drink water, water resources, glaciers*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳикматов Раҳматулло Изатуллоевич, магистранти соли дуюми кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: Бедилов Ҳусайн Кабутович

Сведения об авторе: Хикматов Рахматулло Изатуллоевич, магистрант второго курса кафедра политологии Таджикского государственного педагогического книверситета им. С.Айни.

About the author: Hikmatov Rahmatullo Izatulloevich, the second year master student, the Department of Politics, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel: 905850303.

Файзуллоев Хайрулло,
магистранти соли дуюми кафедраи фалсафа

БАРРАСИИ ТАЪРИФҲОИ «ҲАМБАСТАГИИ ИҶТИМОӢ»

Ҳар як ҷомеа барои мавҷудияти хеш ҳамчун низоми том ниёз ба риштаҳои иртиботие дорад, ки аъзоёни онро ба ҳамдигар муттаҳид мекунанд. Ин торҳои равобитро дар давраҳои гуногун, дар сохтаҳои мухталифи зеҳнӣ ҳар хел номгузорӣ мекунанд. Яке аз номгузориҳои ин падида дар байни ҷомеашиносон ин «ҳамбастагии иҷтимоӣ» аст [9, 12-13].

Истилоҳи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» аз назари маъно бо бисёре аз мафҳумҳои дигар робитаи зич дорад, масалан бо: ваҳдати иҷтимоӣ, инсиҷоми иҷтимоӣ, назми иҷтимоӣ, вифоқи иҷтимоӣ, якпорчагии иҷтимоӣ, ҳамзистии иҷтимоӣ ва ғайра. Ин гуна мафҳумҳоро метавон мафҳумҳои ҳамхонавода номид, аммо дар айни ҳол аз назари доираи маъноӣ баъзеашон васеъ ва баъзеи дигарашон маҳдуд мебошанд.

Дар ин мақола саъй шудааст таърифҳои ҷомеашиносонаи донишмандон перомуни ҳамбастагии иҷтимоӣ ироа гардад. Зеро фаҳму дарки дурусти ҳар мавзӯе ва қудрати таҳлили он вобаста ба дидгоҳҳо ва назариёте дорад, ки дар бораи он баён шудаанд.

Таърифи «ҳамбастагии иҷтимоӣ». Истилоҳи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» ё худ social solidarity дар илми ҷомеашиносӣ як истилоҳи нисбатан шинохташудае аст, аммо бо ин ҳол таърифи дақиқе аз он ироа нашудаст [7, 904]. Муҳимтарин сабаби ин муаммо он аст, ки доираи маъноии «ҳамбастагии иҷтимоӣ» бисёр васеъ буда ва ҷанбаҳои мутааддидеро фаро мегирад. Баъзеҳо назарашон ин аст, ки истилоҳи мазкур дар кишварҳо ва манотиқи мухталиф, аз маъноии мутафовите бархурдор аст. Дар кишварҳои пешрафта, баҳсҳои марбут ба «ҳамбастагии иҷтимоӣ» барои давомнок гардондани коркардҳои ҷомеа бо мақсади муқовимат дар баробари хатарҳои хориҷӣ ва таъсирҳои манфии иқтисод, матраҳ мешавад ва ҳол он, ки дар кишварҳои дар ҳоли пешрафт, мафҳуми «ҳамбастагии иҷтимоӣ» бештар дар қолаби таҷдиду таҳаввули сохтори ниҳодӣ-иҷтимоӣ ба кор меравад [10, 94]. Яъне таъйин кардани дараҷаи матлуби ҳамбастагии иҷтимоӣ вобаста ба шароити фарҳангӣ ва иҷтимоии ҳар ҷомеа дорад. Сифату вижагиҳои иҷтимоии ваҳдату ҳамбастагӣ дар ҳама давру замон ва дар ҳар як ҷомеаи алоҳида якхела буда наметавонад [9, 30].

Дар идома, ба якчанд таърифи истилоҳии «ҳамбастагии иҷтимоӣ» таваҷҷуҳ кунед:

1- Ҳамбастагӣ, эҳсоси масъулияти огоҳонаи байниҳамдигарӣ ё байнигурӯҳӣ аст. Ҳасмбастагӣ метавонад шомили пайвандҳои инсонӣ-бародарӣ ва ё вобастагии дутурафаю чандтарафаи инсонҳо бар мабнои ҳаёти муштарак ва манфиатҳои онон бошад.

2- Ҳамбастагӣ, дорои маънои ахлоқӣ ва мусбӣ буда, дар худаш андешаи як вазифа ва ё илзоми байниҳамдигарӣ ва ё вобастагии чандтарафаи коркардҳо, аҷзоъ ва аъзоро дар бар дорад [1, 400].

3- Ҳамбастагии иҷтимоӣ падидаест, ки бар пояи он, аъзои як гурӯҳ ё як ҷомеа ба якдигар вобастаанд ва ба таври мутақобил ниёзманди якдигаранд [1, 400].

4- Ҳамбастагӣ бо баҳампайвастагии дарунии ҷомеа ё гурӯҳ дар иртибот аст ва ба маъноии он аст, ки гурӯҳ, ваҳдати худро ҳифз кунад ва бо унсурҳои ваҳдатбахш худашро мутобиқат гардонад [1, 400-401].

5- Ҳамбастагӣ ё баҳампайвастагии ҳар воҳиди иҷтимоӣ, яъне гурӯҳӣ ё шибҳи гурӯҳӣ ё ҷамъиятӣ, иборат аст аз муқовимат кардан дар баробари тақсим шудану ҷудо гардидан. Омилҳои он иборатанд аз: иттиҳод бо воҳиди бузургтар, ҳамоҳангии ҷомеъ, манофеи дуҷониба, вобастагии мутақобил ва равобити байниҳамдигарӣ [5, 184].

6- Ҳамбастагии иҷтимоӣ иборат аст аз пайванд миёни афроди ҷомеа бар мабнои фарҳанги муштарак ва эҳсосоти нашъатгирифта аз он фарҳанг.

7- Ҳамбастагии иҷтимоӣ иборат аст аз шаклгирии як навъ идеология, ё қоидаҳои рафтор, ё эҳсосу отифаҳои ғолибомада - монанди вафодорӣ ба раҳбар, ғурури миллӣ, шӯру ҳарорати динӣ – ё таркибе аз ҳамаи инҳо дар ҷомеа, ба шарте, ки афроди ҷомеа ин авомилро ҳақиқатан ва амиқан эҳсос кунанд ва дар миёни аксарияти аҳолии ҷомеа, аз ҷумла дар миёни зиёиёну афроди муҳим, ки пешрафти ҷомеа ба кори онҳо бастагӣ дорад, ба сурати худҷӯш ва асил дарояд [2, 193-194].

8- Ҳамбастагии иҷтимоӣ он ҳамон як замонати эҷоди фазои дарку тасаввури бо ҳамдигар наздики аъзои умумиятҳои иҷтимоӣ аст, ки ҷомеаҳоро дар мавриди доштани умумиятҳои муштаракашон бо якдигар, ба душ дорад [9, 30].

9- Ҳамбастагии иҷтимоӣ ду навъ аст: механикӣ ва органикӣ. Ҳамбастагии механикӣ дар

ҷомеаҳое ёфт мешавад, ки афроди он эҳсос мекунанд ба таври механикӣ ба якдигар вобастаанд. Ин гуна ҳамбастагӣ бештар дар ҷомеаҳои пеш аз санъатӣ ё ақибмонда вуҷуд дорад, ки дар он аъзою аҷзои ҷомеа ва коркарди онҳо ба ҳамдигар шабоҳат доранд ва ноҳамонандӣ (тамоюз) байни онҳо хеле кам аст. Аслу асоси ин навъ ҳамбастагӣ бар рӯи эҳсосоти ахлоқии муштарак ё худ виҷдони ҷамъӣ устувор аст, ки аъзои ҷомеаро ба якдигар пайванд мезанад.

Ҳамбастагии органикӣ бошад хосси ҷомеаҳои муосир аст, ки дорои тақсими кори пешрафта ҳастанд, ва афроди он ба хотири доштани тахассусҳои гуногун дар заминаҳои мухталиф, ҳар кадом кору фаъолияти ҷудогонае доранд ва ҳамин чиз сабаб мешавад, ки барои бартараф кардани ниёзҳои зиндагӣ, ба якдигар ҳам сахт вобаста бошанд ва ҳам ҳамбаста. Ҳамбастагии органикӣ ба ҷомеаҳои пешрафта ва саноатишуда марбут аст [8, 77 ва 117-119].

Таҳлили таърифҳо. Ба таври куллӣ, мафҳуми муштараке, ки метавон аз таърифҳои дар боло зикршуда ба даст овард, ин аст:

Ҳамбастагии иҷтимоӣ, ишора ба он навъ робитаҳои иҷтимоӣ дорад, ки афроди гуногуни як ҷомеаро ба сурати мунсаҷиме дар зери як чатри ягона гирдиҳам меоварад.

Бо ин ҳол, ҳар таърифе бозгӯкунандаи ҷанбаҳои хоссе аз ҳамбастагии иҷтимоӣ аст ва баъзе аз унсурҳои онро бештар мавриди таъкид қарор додааст. Масалан:

А) Дар таърифҳои рақами 1, 2, 3, 5 ва 9 рӯи «вобастагии дутурафаю чандтарафаи аъзои ҷомеа» таъкид шудааст. Бе шубҳа, вобастагии байниҳамдигарии аъзои ҷомеа, дар зиндагӣ нақши асосию меҳвариро бар ӯҳда дорад. Ҳар як инсон барои таъмин кардани ниёзҳои зиндагиаш ночор аст, ки бо дигарон таомулу табодулу таовун кунад, зеро ӯ мавҷуди иҷтимоӣ аст ва дар айни ҳол, дорои ниёзҳои гуногуне аст, ки бо кӯмаки иҷтимоъ ба онҳо мерасад. Аз назари равоншиносии иҷтимоӣ, робитаҳои асосёфта бар вобастагии дутурафаю чандтарафаи аъзои ҷомеа, ҳамбастагию якпорчагии иҷтимоиро тазмин мекунад [3, 190].

Робитаҳои асосёфта бар вобастагии байниҳамдигарии аъзои ҷомеа, ҳам бисёранд ҳам гуногун; аз робитаи дутурафаи зану шавҳар, фарзандону волидайн, омӯзгору донишомӯз, пизишку бемор, харидору фурӯшанда, коргару корфармо гирифта то робитаҳои чандтарафаю печидатари донишгоҳҳо, ширкатҳо, корхонаҳо, созмонҳо, ниҳодҳо ва давлатҳоро дарбар мегирад. Бинобар ин, «вобастагии байниҳамдигарӣ» дорои қисмҳои гуногунест, монанди вобастагии байниҳамдигарии хонаводагӣ, вобастагии байниҳамдигарии илмӣ-маърифатӣ, вобастагии байниҳамдигарии фарҳангӣ-миллӣ, вобастагии байниҳамдигарии сиёсӣ, иҷтисодӣ, низомӣ ва ғайра.

Б) Дар таърифҳои рақами 1 ва 2 рӯи унсури «эҳсоси вазифаю масъулияти баёниҳамдигарӣ» таъкид шудааст. Ин унсур дар бақияи таърифҳо ё зикр нашудааст ва ё бо ин сароҳат баён нагардидааст. Ин ҷо ёдовар мешавем, ки унсури мазкур, дар навиштори ҳозир ҳамчун яке аз омилҳои аслӣ ва бевосита барои тақвият додан ва давомнок гардондани ҳамбастагии иҷтимоӣ матраҳ шудааст.

В) Дар таърифҳои рақами 4 ва 5 бар рӯи «мутобиқат гардидан бо унсурҳои ваҳдатбахш» ва «иттиҳод бо воҳиди бузургтар ё ҳамоҳангии ҷомеъ» таъкид шудааст. «Мутобиқат гардидан бо ҷамъ» ё бо ибораи дигар: «ҳамнавоӣ бо гурӯҳ ё ҷомеа» яке аз ҷанбаҳои рафтори иҷтимоӣ аст. Инсонҳо хоста ё нохоста аз гурӯҳҳои мухталиф пайравӣ мекунанд ва арзишҳои онҳоро қабул менамоянд. Ин гурӯҳҳо метавонанд шомили гурӯҳи хонавода, ҳамсолон, варзишкорон, ҳунарпешаҳо ва ё ҳатто дастаи авбошҳо бошанд. Аз сӯи дигар, гурӯҳҳо низ саъй мекунанд афродро ҳамранги худ кунанд. Афроди даруни гурӯҳ, ба муқаррароту арзишҳои он гурӯҳ розӣ мешаванд ва ба расму одобу он тан медиҳанд. Бино бар ин, «ҳамнавоӣ бо гурӯҳ ё ҷомеа» фароянде аст, ки дар раванди он, шахс эҳсоси фишори хиёлӣ ё воқеӣ аз сӯи гурӯҳ ё ҷомеа нисбати худаш мекунад ва дар натиҷа, рафтори хешро тағйир медиҳад [1, 62].

Г) Дар миёни таърифҳои мазкур, таърифҳои рақами 1, 2, 6, 7 ва 8 қобили таваҷҷуҳанд, зеро бо қайд кардани унсурҳои огоҳӣ, андеша, дарк, тасаввур, ирода ва ҳиссу эҳсос, мавзӯи баҳсро ба ҷиҳати хоссе мекашанд. Махсусан дар таърифи Бертран Рассел (рақами 7) ҷумлаи «... афроди ҷомеа ин авомилро (авомили ҳамбастагиро) ҳақиқатан ва амиқан эҳсос кунанд ва дар миёни аксарияти аҳолии ҷомеа, ба сурати худҷӯш ва асил дарояд» дорои таъкиду сароҳати бештаре аст. Аҳамияти масъалаи огоҳӣ, андеша, дарк, ирода ва эҳсос ба ин хотир аст, ки:

Дар шароити кунунии ҷомеаҳои инсонӣ, муассиртарин ва инсонитарин василаи ба вуҷуд овардани ваҳдату ҳамбастагӣ, боло бурдани сатҳи огоҳии мардум аст, то ин ки аз тариқи он, худ ба арзишҳои воқеӣ пай бибаранд ва лозиму зарурӣ будани ваҳдатро ташхис диҳанд. Ҳатто агар як кишвар аз чандин қавму қабилаю гурӯҳ ташкил шуда бошад, метавон бо боло бурдани сатҳи огоҳӣ ва дарку шуури мардум, дар байни онҳо ҳамбастагӣ ва инсиҷом ба вуҷуд овард [6, 154-155].

Албатта Рассел ин қайдро ҳам изофа карда аст, ки ин дарку огоҳӣ дар миёни аксарияти аҳолии ҷомеа, аз ҷумла дар миёни зиёиёну афроди муҳим, ки пешрафти ҷомеа ба кори онҳо бастагӣ дорад бояд вуҷуд дошта бошад. Яъне пеш аз ҳама нухбаҳо, масъулон ва раҳбарони ҷомеа бояд ба омилҳои шаклдиҳандаи ҳамбастагӣ дарку эҳсоси ҳақиқӣ ва амиқтар дошта бошанд. Дар воқеъ, падидаи ҳамбастагии иҷтимоӣ комилан таҳаққуқ намеёбад магар ин ки ақалияти таъсиргузори ҷомеа ба аҳамияти он ҳақиқатан пай бурда бошанд ва барои ба самар расидани он, саъю кӯшиш намоянд.

Д) Дар таърифи рақами 2 ҳамбастагии иҷтимоӣ бо қайди «дорои маънои ахлоқӣ ва мусбӣ» тавзеҳ дода шудааст ва дар таърифи рақами 9 бошад бо қайди «эҳсосоти ахлоқии муштарак ё худ виҷдони ҷамъӣ». Таърифи рақами 9 аз они Эмил Дюркгейм мебошад, ки ӯро дар ҳавзаи ҷомеашиносӣ ҳамчун касе мешиносанд, ки ба масъалаи ахлоқ беш аз дигарон таваҷҷуҳу таъкид кардааст. Аз назари Дюркгейм:

Ахлоқ, заруритарин ва лозимтарин чиз барои зиндагии инсонҳо аст ва нони рӯзонае аст, ки ҷомеаҳо наметавонанд бидуни он ба ҳаёти худ идома диҳанд [8, 53].

Нуктаи асосӣ дар робита бо аҳамияти ахлоқ ин аст, ки дар ҳақиқат замоне инсон шоистаи номи инсон аст, ки ахлоқи инсонӣ дошта бошад, вагарна ҳайвони хатарноке аст, ки бо истифода аз ҳушу заковати инсонӣ, ба вайронии ҷомеаи худ даст мезанад ва барои расидан ба хоҳишҳои нафсонии худ ҷангу хунрезӣ барпо мекунад. Бе тардид, ҷомеаи инсонӣ агар холӣ аз қонунҳою арзишҳои ахлоқӣ бошад, ба боғи ҳайвоноти ваҳшӣ табдил хоҳад шуд, ки фақат қафасҳои оҳанин метавонанд монеъи фаъолияти вайронгаронаи сокинони он шаванд.

Е) Унсури дигаре, ки дар баъзе таърифҳо зикр шудааст вуҷуди шабоҳатҳо ва виҷдони ҷамъӣ (таърифи 9) ва муштаракот (таърифи 6, 7, 8 ва 9) ва шаклгирии як навъ идеологияи ғолибомада (таърифи 9) мебошад.

Ин матлаб равшан аст, ки ҳеҷ ҷомеае бар шабоҳату монандии комил ё тафовути мутлақ устувор нест, аммо вуҷуди ҳадди ақалли шабоҳатҳою монандиҳо ва вуҷуди падидаҳои муштарак барои барҳамнаҳӯрдани ҷомеа зарурӣ аст. Ҳар чи қадар шабоҳатҳою муштаракот дар миёни аъзои як ҷомеа ҳам аз назари теъдод ва ҳам аз назари сифат густариш ёбад, ҳамон қадар кафолати бештаре барои ҳифзу давомнокии ҳамбастагии иҷтимоӣ падид хоҳад омад:

«Дар ҳар ҷомеае, ки аъзои он аз назари фарҳангӣ дорои муштаракоти бисёре бошанд - масалан аз назари дину мазҳаб, забон, арзишҳои ахлоқӣ, расму одоб, урфу одат ва ғ. - ба эҳтимоли зиёд иттиҳоди умумиро ба расмият хоҳанд шинохт. Барои ин ки фарҳанги умумию муштарак вуҷуд дошта бошад, бояд муомилаю муошират байниҳамдигарӣ (ё худ *куниши мутақобил*) ба таври пайваста ва дар муддати тӯлонӣ вуҷуд дошта бошад ва ин гуна аст, ки ҳамбастагӣ ҳифз мешавад» [5, 184].

Мутобиқи матлаби боло, ҳамбастагии иҷтимоӣ бар асоси шиддати муомилаю муошират байниҳамдигарӣ таъриф мешавад, бо ин тавзеҳ, ки:

Таҷаммуъҳои инсонӣ шохаҳои равобити байни афродро ба вуҷуд меоваранд, ки ин равобит, афродро дар воҳидҳои иҷтимоии мунсаҷим, муттаҳид мекунад. Рӯбарӯшуданҳои ҳаррӯза ва рӯзмарраи афроди гурӯҳ, сабаб мегардад, ки аъзои ҷадид ҷомеапазир шаванд ва ҳимояи иҷтимоии давомнокро фароҳам намоянд. Аз тариқи мубодилаи иҷтимоӣ, вобастагии байниҳамдигарӣ эҷод мешавад ва ба ин сурат, афрод узви ҳамбастаи гурӯҳҳо мешаванд [4, 527].

Пас, мутобиқи баъзе таърифҳо, ҳамбастагии иҷтимоӣ бар асоси шабоҳатҳо, фарҳанги умумӣ ва арзишҳои муштарак таъриф мешавад. Албатта бояд қайд намуд, ки ҳамаи инҳо дар қолаби муомилаю муошират байниҳамдигарӣ шакл мегирад ва «муомилаю муошират байниҳамдигарӣ» низ дар навбати худ ниҳоятан ба падидаи «вобастагию ниёзмандии мардум ба якдигар барои бароварда кардани ниёзҳои хеш» бармегардад.

Таърифи пешниҳодӣ барои «ҳамбастагии иҷтимоӣ». Пеш аз ироаи таърифи пешниҳодӣ лозим аст ба ин нукта ишора шавад, ки мафҳуми «ҳамбастагии иҷтимоӣ» як мафҳуми мураккаб аст на басит, мафҳуми мураккабе, ки ба илмҳои иҷтимоӣ марбут мешавад, илмҳое, ки дорои макотиби гуногун ва назарияҳои мутааддиду мутазодд ҳастанд ва ҳар лаҳза таҳти таъсири тағйироти ҷомеа қарор доранд. Бинобар ин, хеле сахт аст ва ё ин ки аслан имкон надорад «ҳамбастагии иҷтимои»-ро чунон таърифи ҷомеъу монеъ кард, ки мавриди қабули ҳамагон бошад. Зеро таъриф кардани як мафҳум, ба маънои ҷудо кардани он аз дигар мафоҳим аст ва ин кор замоне мумкин аст, ки он мафҳум, марзи мушаххасе бо дигар мафоҳим дошта бошад. Агар як мафҳуми мураккаб, мисдоқҳои мушаххасе надошта бошад, наметавон барои он, марзи мушаххасе бо дигар мафоҳим таъйин кард ва дар натиҷа, намешавад таъриферо, ки мавриди қабули ҳамагон бошад, ироа дод. Хулоса ин ки агар як мафҳум дорои масодиқи мушаххасу мавриди қабули ҳамагон набуд ва масалан мисдоқҳои он бо мисдоқҳои дигар мафоҳим тадохул

дошт, мафҳуми он низ марзи мушаххасе бо соири мафоҳим наметавонад дошта бошад ва намешавад барои он, таърифи ҷомеъ ва монеъ ироа дод.

Таърифи пешниҳодие, ки дар ин ҷо барои «ҳамбастагии иҷтимоӣ» зикр мешавад бегумон чунин камбудиҳоро дорад, вале дар айни ҳол барои ҷамъбандии баҳси таърифҳо, ин кор зарурӣ аст.

Бо таваҷҷуҳ ба таҳлилу баррасиҳои анҷомшуда аз унсурҳои ташкилдиҳандаи таърифҳои «ҳамбастагии иҷтимоӣ», метавон барои ин мафҳум, таърифи зеринро, ки то ҳадде дарбардорандаи унснрҳои дигар таърифҳо аст, ироа дод:

Ҳамбастагии иҷтимоӣ иборат аст аз падидае, ки дарбардорандаи маънои ахлоқӣ ва мусбӣ аст, ки бар пояи он, дар сатҳи як гурӯҳ ё як ҷомеа хоҳ бо шабоҳатҳои аҷзои ҳамгун ва хоҳ бо тафовутҳои тамоюзёфта бар асари тақсими кори пешрафта, аъзои он байни якдигар равобите доранд, ки бар пояи вобастагии байниҳамдигарӣ, ҳамроҳ бо эҳсоси масъулият ва вазифаи байниҳамдигарии ҳақиқатан огоҳона ва иродаманд устувор шудааст ва бо пазириши унсурҳои ваҳдатбахш монанди забон, сарзамин, миллат, дину мазҳаб, манофеъи муштарак, аҳдофи муштарак ва ғ. ба якдигар пайванд хӯрда ва ҳамбаста гаштаанд.

Хулоса, ҳар як ҷомеа барои мавҷудияти хеш ниёз ба риштаҳои иртиботие дорад, ки аъзоёни онҳоро ба ҳамдигар муттаҳид кунанд. Яке аз номгузориҳои ин падида дар байни ҷомеашиносон «ҳамбастагии иҷтимоӣ» аст. Ин истилоҳ дар илми ҷомеашиносӣ як истилоҳи нисбатан шинохташудае аст, аммо бо ин ҳол таърифи дақиқе аз он ироа нашудааст, зеро таъйин кардани дараҷаи матлуби ҳамбастагии иҷтимоӣ вобаста ба шароити фарҳангӣ ва иҷтимоии ҳар ҷомеае ба таври алоҳида мебошад. Ҳар як таъриф ба гушае аз падидаи мазкур таъкид намудааст. Дар таърифҳо мо бо ин мақулаҳо рӯ ба рӯ мешавем: эҳсоси масъулияти огоҳонаи байниҳамдигарӣ, вобастагии инсонҳо бар мабнои ҳаёту фарҳангу умумиятҳои муштарак ва манфиатҳо, вуҷуди эҳсосоти ахлоқии муштарак ё худ виҷдони ҷамъӣ, вазифа ва ё илзоми байниҳамдигарӣ, ниёзмандии мутақобил, муқовимат кардан дар баробари тақсим шудану ҷудо гардидан, мутобиқат бо унсурҳои ваҳдатбахш монанди вафодорӣ ба раҳбар, ғурури миллӣ, шӯру ҳарорати динӣ ва ғ., вобастагӣ ба якдигар бар асари тақсими кори пешрафта.

Адабиёт:

1. Ален Бироу, Фарҳанги улуми иҷтимоӣ, тарҷумаи Боқири Сорухонӣ, чопи чаҳорум, Теҳрон, интишороти Кайҳон, 1380 ҳ.ш.
2. Бертран Рассел, Қудрат, тарҷумаи Начаф Дарёбандӣ, чопи панҷум, Теҳрон, интишороти Хоразмӣ, 1390 ҳ.ш.
3. Лок Бэдор ва дигарон, Равоншиносии иҷтимоӣ, тарҷумаи Ҳамзаи Ганҷӣ, чопи ҳафтум, Теҳрон, интишороти Соволон, 1389 ҳ.ш.
4. Люис Козер ва Бернард Рузенбэрг, Назарияҳои бунёдии ҷомеашинохтӣ, тарҷумаи Фарҳанги Иршод, чопи чаҳорум, Теҳрон, интишороти Най, 1393 ҳ.ш.
5. Перси Саул Коэн, Назарияи иҷтимоии навин, тарҷумаи Юсуфи Нароқӣ, чопи дуюм, Теҳрон, интишороти Ширкати саҳомии интишор, 1392 ҳ.ш.
6. Фаромарзи Рафиъпур, Анатоамияи ҷомеа, чопи нуҳум, Теҳрон, интишороти Ширкати саҳомии интишор, 1395 ҳ.ш.
7. Ҷулиус Голд ва Вилиам Л. Колб, Фарҳанги улуми иҷтимоӣ, тарҷумаи Боқири Парҳом, чопи чаҳорум, Теҳрон, интишороти Мозиёр, 1376 ҳ.ш.
8. Эмил Дюркгейм, Дар бораи тақсими кори иҷтимоӣ, тарҷумаи Боқири Парҳом, чопи аввал, вироиши дуюм, Теҳрон, интишороти Нашри марказ, 1381 ҳ.ш.
9. Эмомалӣ Раҳмон ва ҳайати муаллифон, Раванди ваҳдат ва назарияи он. – Душанбе: Илм, 2013. ҷилди 19.
10. Easterly, W. (2006). Social Cohesion, Institution and Growth. Center of Global Development Working.

Калидвожаҳо: *ҳамбастагии иҷтимоӣ, таъриф, ҷомеа, вобастагии мутақобил, равобити байниҳамдигарӣ, манофеъи муштарак, тақсими кор, эҳсоси масъулият ва вазифа, унсурҳои ваҳдатбахш.*

Аннотация

ОПРЕДЕЛЕНИЕ СОЦИАЛЬНОЙ СОЛИДАРНОСТИ

Каждое общество требует для своего существования и объединение своих членов серии коммуникационных дисциплин. Одним из названий этого феномена среди социологов является «социальная солидарность». Этот термин в социологии является известным термином но тем не менее, нет для него четкого и окончательного определения потому что определение желаемой степени социальной солидарности зависит от культурных и социальных условий каждой общины в отдельности. Каждое описание подчеркивает только часть особенность этого феномена. В определениях мы сталкиваемся с этими терминами: чувство взаимной ответственности, зависимость человека от общей жизни, культуры и интересов, существование общих морально-этически их чувств или кколлективная совесть, взаимные ообязанность и требования, сопротивление против разделения и устойчивость к распределению, адаптация с элементами объединения и единства, такие как верность лидеру, национальная гордость, религиозная страсть и так далее.

Ключевые слова: *социальная солидарность, определение, общество, взаимозависимость, общие интересы, разделение труда, чувство ответственности, элементы объединения и единства*

Annotation

THE DEFINITION OF SOCIAL SOLIDARITY

Each society requires for its existence and unification of its members a series of communication disciplines. One of the names of this phenomenon among sociologists is “social solidarity”. This term is a well-known term in sociology, but nevertheless there is no clear and definitive definition for it because the definition of the desired degree of social solidarity depends on the cultural and social conditions of each community individually. Each description emphasizes only part of the feature of this phenomenon. In the definitions we are confronted with these terms: sense of mutual responsibility, man’s dependence on common life, culture and interests, existence common moral or ethical feelings or collective conscience, mutual duty and requirement, resistance against separation and resistance to distribution, adaptation with elements of unity and unity such as loyalty to the leader, national pride, religious passion and so on, interdependence due to the spread of advanced work.

Key words: *Social solidarity, definition, society, interdependence, common interests, division of labor, sense of responsibility, elements of unity and convergence*

Маълумот дар бораи муаллиф: Файзуллоев Хайрулло, магистранти соли дуюми кафедраи фалсафаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: Бердиев Ш.

Сведения об авторе: Файзуллоев Хайрулло, магистрант второго курса кафедры философии ТГПУ имени Садриддина Айни.

About the author: Fayzulloev Khayrullo, the second year of master student of the Department of Philosophy of TSPU named after Sadriddin Aini.

Ғаниев Ҳофиз Саъдиевич,
магистранти соли дуюми Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИ ТАЪМИНИ ИТТИЛООТ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

Ҳангоме ки иттилоот тайёр мешавад, имкониятҳои зиёди паҳн кардани он вуҷуд дорад. Яке аз чунин имкониятҳо интернет мебошад, ки он нисбати дигар воситаҳои паҳнкунандаи иттилоот аз лиҳози нарх ва фаврият бисёр мавридҳо афзалият дорад. Дар ин қисмат якчанд имкониятҳои паҳн намудани иттилоотро мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ки бевосита бо интернет алоқамандӣ доранд.

Ҳангоми истифодаи почтаи электронӣ, бояд дар назар дошт, ки якчанд масъалаҳои ҳуқуқӣ метавонад ба вуҷуд ояд:

- махфияти мукотибот;
- назорати мукотибот;
- доми фиреб;
- истифодаи маводҳои хизматӣ дар мукотибот;
-паҳн нанамудани маълумотҳои манъбуда дар мукотибот.

Тибқи моддаи 23 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як нафар ҳуқуқ ба маҳрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахсӣ дорад. Дар ҳоле ки Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда буд, дар Тоҷикистон почтаи электронӣ вуҷуд надошт. Аммо мазмуни меъёри номбаршуда ҳангоми маънидод кардан, мукотиботи электрониро низ дар бар мегирад. Айни ҳол дар Тоҷикистон истифодабарандагони почтаи электронӣ аз як миллион зиёд мебошанд.

Одатан почтаи электронӣ бо ду мақсад истифода мешавад: мақсадҳои шахсӣ ва хизматӣ. Почтаи электронӣ агар шахсӣ бошад, пас суроғ ва умуман тамоми маълумоти дар он мавҷудбуда бо тариқи истисно ба худи шахс дахл дорад. Махфияти мукотибот ва истифода бурдани чунин мукотибот аз ҷониби дигар шахсон бо талаботи қонунгузории иттилоотӣ ва муаллифӣ ҳифз карда мешавад. Яъне дар мактубҳо, ки иттилооти махфии шахс ифода шуда бошанд, тибқи талаботи қонунгузории иттилоотӣ (моддаи 20 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот») касе ҳуқуқ надоранд чунин маълумотро бе розигии шахс дастрас намоянд.

Ҳамзамон истифодаи мактубҳо аз ҷониби шахсони дигар бо қонунгузории муаллифӣ низ маҳдуд карда шудааст.

Доир ба ҳамин масъала мисоли дигарро қайд менамоем. Муаллиф ба редаксия нома менависад, ва номаро дар варақе, ки он аз дафтари иншо канда шуда буд ва маълумот дар бораи шоире дар он дарҷ шуда буд, печонида равон мекунад. Нома ба сармуҳаррир маъқул мешавад ва ӯ ба котиб супориш медиҳад, ки нома дар шумораи навбатӣ чоп карда шавад. Нома дар шумораи оянда чоп мешавад, аммо таачубовар ин буд ки дар давоми нома иншо низ тасодуфан чоп шуд (яъне котиб, фикр кардааст, ки ҳамаи варақҳое, ки ба ӯ барои чоп додаанд яклухт ба нома дахл дорад). Кормандони редаксия аз ҳодиса сари вақт огоҳӣ ёфта, тамоми шумораҳои ҳафтаномаҳоро бозхонд мекунанд ва ҳамин тариқ ҳуқуқи муаллиф ба нома ҳифз шуд. Яъне вайронкунии ҳуқуқ ба дахлнопазирӣ номаро (ҳамчун асар) пешгирӣ намуданд, гарчанде ба редаксия зарари молӣ расонида шуд.

Чунин ҳодисаҳо ҳангоми истифодаи номаҳои электронӣ низ пайдо шуданашаон мумкин аст, чунки онҳо аз номаҳои маъмулӣ танҳо бо технологияи ифода ва ирсолу воридот фарқ мекунанд.

Тибқи моддаи 146 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои вайрон намудани мукотибот ҷавобгарии ҷинояти (ҷарима ва аз озодӣ маҳрум кардан) пешбинӣ шудааст.

Тавассути интернет мукотибот, суҳбатҳои телефонӣ ва дидорбинӣ (онлайн) сурат гирифта метавонад. Мақомоти давлатӣ метавонад, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин алоқаҳоро таҳти назорат қарор диҳанд. Тибқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯй» «гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва дигар гуфтушунидҳо танҳо нисбати он шахсоне раво дида мешавад, ки барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин гумонбар ё айбдор шудаанд, ҳамчунин, нисбати шахсоне, ки дар бораи ҷиноятҳои мазкур метавонанд маълумот дошта бошанд. Фонограммаҳое, ки дар натиҷаи гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва ё дигар гуфтушунидҳо ба даст оварда шудаанд, дар намуди мӯҳрнокшуда, дар шароите, ки имконияти аз ҷониби шахсони бегона гӯш кардан ва нусхабардории онҳоро истисно мекунад, нигоҳ дошта мешаванд».

Гузаронидани чунин чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки ҳуқуқҳои конституцсионии шаҳрвандонро, шаҳрвандони хориҷиро ва шахсони бетабааро ба махфияти мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, ахбороти почта, телеграф ё дигар ахбороте, ки бо воситаи шабакаҳои электрикӣ ва алоқаи почта дода мешаванд, маҳдуд мекунанд, дар асоси иҷозати прокурор ва ё қарори суд сурат мегирад.

Яъне танҳо ба мақомоти давлатӣ иҷозат дода шудааст, ки дар мавридҳои бо қонун пешбинишуда ба маълумотҳои шахсии почтаҳо ё алоқаҳои почта дастрасӣ дошта бошад. Ин бо мақсади нигоҳдории амният ва тартибот амалӣ карда мешавад. Дар ин радиф ҳам почтаи электронии шахсӣ ва ҳам хизматӣ метавонад мавриди назорат қарор гирад.

Ҳолати дигаре, ки бо почтаи электронӣ алоқаманд аст, ин вазифаи хизматӣ ва почтаи хизматӣ аст. Агар шахс дар ҷойи кор таҷҳизоти корфарморо истифода барад ва дар он почати электронии хизматӣ дошта бошад, пас эҳтимол аст, ки корфармо ҳар лаҳза почтаро назорат кунад. Аслан ин ҷо бархӯрди ду масъала ба вуҷуд меояд.

Ҳуқукҳои конституцсионии шахс ба махфияти мукотибот ва ҳолати хизматии коргар. Азбаски корфармо вақти кориро пардохт менамояд, таҷҳизот ва интернетро дастрас мекунад, пас мантиқан ин арзишҳо бояд ба манфиати хизматӣ истифода шаванд, на шахсӣ. Корфармо метавонад назорат кунад, ки коргари ӯ ба чӣ кор машғул аст. Мақсади корфаро аз шиносшавӣ бо маълумотҳои почтаи хизматӣ шояд аз иҷрои дахлдори вазифаҳои кормандонащ бошад. Аммо тасодуфан баъзан ба корфармо маълумотҳои шахсии кормандаш ки дар почтаи хизматӣ навиштааст маълум мегардад. Дар ин ҳолат корфармо ӯҳдадор аст, ин сирри шахсии кормандашро нигоҳ дорад. Аммо ҳуқуқ дорад, ки барои бо мақсадҳои шахсӣ истифода шудани арзишҳои хизматӣ чораҳои интизомӣ барои корманд андешад.

Ба хотири рӯшан будани масъала барои ҳам корфармо ва ҳам корманд, тавсия медиҳем, ки оид ба ин масъала ё дар шартномаи меҳнатӣ, ё дар шартномаи коллективӣ ё дар дастурамал дар бораи тартиботи дохилии ташкилот, ё дар дастурамали хизматии корманд, ӯҳдадории корманд доир ба истифода набурдани таҷҳизоти техникӣ ба манфиати шахсӣ қайд шавад ва корманд аз он огоҳ бошад.

Тибқи талаботи қонунгузории граждани ҳамеша ҳадди амали ҳуқуқҳои граждани бояд ба инобат гирифта шавад. Амалӣ намудани ҳуқуқҳои граждани набояд ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи субъектҳои дигарро вайрон намояд ва ба онҳо зарар расонад. Шахсон ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқҳои ба онҳо тааллуқдошта бояд оқилона ва одилона ва боинсофона талаботи дар қонунгузорӣ дарҷёфтаро, принсипҳои ахлоқи ҷомеаро, соҳибкорон бошанд, қоидаҳои одоби касбиро риоя намоянд (моддаи 10 Кодеки граждании ҶТ). Чунин ӯҳдадорӣ дар фазои интернет низ татбиқшаванда аст.

Ҳангоми паҳн намудани иттилоот дар торномаҳо дар баробари талаботҳои дигар қонунҳо пеш аз ҳама талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, реклама, итилоот, ВАО риоя гардад.

Дар ҳолате, ки дар торнома дигар шахсон имкони изҳори ақида кардан доранд, пас ду ҳолатро барои бехатарии иттилоотӣ ба инобат гирифтан даркор аст: 1. Кӯшиш кардан даркор аст, ки дар торнома имкони техникии мушаххас кардани нафаре, ки ба торнома ворид шуда, ақидаи худро менависад вуҷуд дошта бошад. 2. Трномаро ҳатман модератор ё редактор назорат кунад, то ин ки итилоъи ғайриқонунӣ дар он паҳн нагардад. Ин усули кор (варианти) беҳтар мебошад. Нисбат ба мушаххас кардани паҳнкунандаи иттилоот мавҷуд будани модераторе, ки иттилоотро назоарт кунад, хубтар аст.

Азбаски дар торнома қисми зиёди маводҳо асарҳои муаллифӣ мебошад, пас татбиқ ва риояи ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқукҳои вобаста ба он ногузир аст (дар бораи ҳуқуқҳои муаллифӣ дар бахши алоҳида муфассал қайд хоҳем кард).

Дар торномаҳо рекламаҳои (ҷорномаҳо) зиёд ҷилва медиҳанд. Гарчанде дар қонунгузории рекламаи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаи интеренет қайде ҳам набошад, ин маънои онро надорад, ки реклама дар интернет аз танзим берун мондааст. Ҳангоми реклама дар интернет талаботҳои умумии ҳатмии қонунгузории реклама бояд риоя гардад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи реклама талаботҳои зиёд вуҷуд доранд. Аз ҷумла паҳн кардани рекламаҳои зерин манъ шудааст: рекламаи бевиҷдонона, нодуруст, беодобона, ошкоро бардурӯғ, пинҳонӣ ё дигар рекламае, ки дар он ба вайронкунии талаботи қонун нисбати мазмун, вақт, маҳал ва тарзи паҳнкунӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ дода шудааст.

Ҳамзамон рекламаи молҳое, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолу истифодаи онҳо манъ карда шудааст ва инчунин ба рекламаи маҳсулот, кору хизматрасонӣ, ки

бояд ҳатман дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сертификатсия карда шаванд, вале сертификати мутобиқат надоранд, роҳ дода намешавад.

Реклама набояд дар шаҳрвандон ҳисси зӯроварӣ, таҷовуз, воҳима барангезад, инчунин набояд ба амалҳои хатарноке даъват намояд, ки метавонанд ба саломатии шахсони воқеӣ зарар расонанд ё ба бехатарии онҳо таҳдид намоянд ва ба идроки инсон беихтиёр таъсир расонад, ба амалҳое, ки қонунгузории ҳифзи табиатро вайрон мекунанд, оварда расонад.

Муносибатҳои шартномавӣ ҳангоми истифода аз иттилоот. Ҳангоми истифода аз интернет муносибатҳои гуногуни шартномавӣ ба вуҷуд меояд. Истифодаи ин ё он намуди шартнома вобастагӣ дорад аз муносибати воқеӣ. Агар мақсад аз шартнома пайвастшавӣ ба интернет бошад пас шартнома дар бораи хизматрасонӣ оид ба дастрасӣ ба интернет баста мешавад, агар муаллиф иҷозат диҳад ки асари ӯ дар интернет гузошта шавад, пас шартномаи муаллифӣ, агар барои дар торнома эҷод ва ҷойгир намудани асаре зарурат бошад, пас шартномаи супориши муаллифӣ баста мешавад. Яъне шартномаҳои гуногун истифода мешаванд. Дар боари баъзе аз онҳо маълумоти мухтасар медиҳем.

Дар моддаи 40 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки моликияти зеҳнӣ дар ҳимояи қонун аст. Натиҷаи фаъолияти эҷодии журналист ё дигар шахсони эҷодкор моликияти зеҳнӣ маҳсуб мегардад. Муаллиф офарандаи моликияти зеҳнӣ аст. Ин моликият ба муаллиф вақте фоидаи моддӣ меорад, ки дар муомилот қарор дошта бошад.

Моликияти зеҳнӣ дорои арзиши моддӣ мебошад. Меъёри ягонаи арзиши моддии моликияти зеҳниро дар шароити иқтисоди бозорӣ наметавон муқаррар кард. Яъне айнан мисли дигар молҳои истеҳсолшаванда, арзиши онро бозор муайян мекунад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ барои пешрафти илм ва натиҷаҳои илмро дар амал татбиқ намудан соҳибкороне лозиманд, ки дастовардҳои илмиро аз нуқтаи назари иқтисодӣ идора карда тавонанд. Барои ин гуна шахсон на танҳо донистани соҳаи муайяни илм, балки маърифати иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва ҳуқуқӣ зарур аст.

Муаллиф ҳамчун офарандаи моликияти зеҳнӣ, натиҷаи фаъолияти худро ба сифати асар ба харидор метавонад пешниҳод кунад. Агар муаллиф китоби нашршударо ба қиммати 10 сомонӣ фурӯшад, ин маънои онро дорад, ки муаллиф моликияти моддии худро фурӯхтааст. Яъне китоб, ҳамчун ашёест, ки асари муаллиф дар он сабт шудааст. Ҳуқуқҳои амволии муаллиф ба ин асар ба соҳибҳуқуқ боқӣ мемонад ва ба харидори китоб намегузарад. Яъне харидори китоб онро аз мағоза харида, ҳуқуқи тарҷума ва дигар навъи истифодае, ки барои он иҷозати соҳиби ҳуқуқҳои амволии муаллиф зарур аст, пайдо намекунад. Ҳангоме ки муаллиф ҳуқуқҳои амволии муаллифии худро ба каси дигар таҳвил медиҳад, ин раванд бо шартнома расмӣ карда мешавад. Ҳамин тариқ вақте ки асар дар дар интернет ҷойгир мешавад ва мо онро аз торномаҳо дастрас менамоем, ба мо касе ҳуқуқ надодааст, ки онро нусхабардорӣ намуда, паҳн кунем, ё тарҷума намоем ва ғ. Барои амалҳои номбаршуда розигии муаллиф зарур аст, ки он дар асоси шартнома сурат мегирад.

Шартнома бо розигии тарафҳо баста мешавад. Шартнома аз шартҳои муайян иборат аст. Розӣ будани тарафҳо ба шартҳои шартнома муҳим аст. Шартномае, ки бо роҳи фиреб, таҳдид, зӯрӣ баста мешавад, беэътибор дониста мешавад. Шартномаи муаллифӣ чунин шартномаест, ки тавассути он муаллиф ҳуқуқҳои амволии худро ба шахсони дигар таҳвил медиҳад. Яъне тавассути шартномаи муаллифӣ танҳо ҳуқуқҳои амволии муаллиф таҳвил дода мешаванд.

Муаллиф наметавонад дар асоси шартномаи муаллифӣ асари эҷодкардаашро бо номи каси дигар муаррифӣ намояд. Масалан, шахс асарро навишта, тавассути шартномаи муаллифӣ метавонад нашри онро ба ташкилоте иҷозат диҳад ва барои ин ҳаққи қалам гирад, аммо дар асар номи муаллиф зикр мешавад (агар муаллиф хоҳад). Яъне ҳуқуқи ном бо шартномаи муаллифӣ ба каси дигар намегузарад.

Муаллиф метавонад тавассути шартномаи муаллифӣ ба шахсони дигар иҷрои амалҳои зеринро мутобиқи қонун иҷозат диҳад:

1) таҷдиди асар (ҳуқуқи таҷдид);

2) паҳн кардани нусхаҳои асар бо ҳар тарз: фурӯхтан, ба кироя додан ва ғ. (ҳуқуқи паҳнкунӣ);

3) ворид кардани нусхаҳои асар бо мақсади паҳнкунӣ, аз ҷумла нусхаҳое, ки бо иҷозати соҳиби ҳуқуқи комил таҳия шудаанд (ҳуқуқи воридот);

4) намоиши оммавии асар (ҳуқуқи намоиши оммавӣ);

5) иҷрои оммавии асар (ҳуқуқи иҷрои оммавӣ);

6) ба омма дастрас кардани асар (аз ҷумла намоиш додан, иҷро ё ба эфир додан) ба воситаи пахши эфирӣ ва (ё) пахши минбаъдаи эфирӣ (ҳуқуқи пахши эфирӣ);

7) ба омма дастрас кардани асар (аз ҷумла намоиш додан, иҷро ё ба эфир додан) ба воситаи кабел ё тавассути дастгоҳҳои дигари ба он монанд (ҳуқуқи пахши кабелӣ);

8) тарҷумаи асар (ҳуқуқи тарҷума);

9) таҷдиди коркард, аранжировка ва ё навъи дигари коркард (ҳуқуқи коркард);

10) ба маълумоти умум расонидани асар барои истифодаи интерактивӣ (ҳуқуқи ба маълумоти умум расонидан).

Ҳар як шартнома аз шартҳое иборат аст, ки онҳо дар маҷмӯъ мазмуни шартномаро ташкил медиҳанд. Шартҳои муҳими шартномаи муаллифӣ дар моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» пешбинӣ шудаанд, ки тарафҳо бояд ҳангоми бастани шартномаи муаллифӣ онҳоро ба назар гиранд.

Дар шартномаи муаллифӣ оид ба шартҳои зерин бояд созиш ба даст ояд:

• Тарзу усулҳои истифода аз асар (ҳуқуқҳои мушаххас, ки тавассути шартнома таҳвил дода мешаванд). Дар шартномаи муаллифӣ бояд саҳеҳ қайд шуда бошад, ки кадом ҳуқуқҳои амволии муаллиф ба истифодабаранда таҳвил дода мешаванд. Мӯҳлате, ки ҳуқуқҳо таҳвил дода мешаванд.

Дар шартномаи муаллифӣ бояд мӯҳлати таҳвили ҳуқуқи амволии муаллиф аниқ зикр карда шавад. Яъне муаллиф ба истифодабаранда ба мӯҳлати муайян иҷозати истифодаи асарашро вогузор менамояд.

• Ҳудуде, ки ҳуқуқҳои муаллифӣ таҳвил дода мешаванд. Муаллиф ҳуқуқ дорад иҷозат диҳад, ки асари ӯро истифодабаранда дар ҳудуди муайян мувофиқи ҳуқуқҳои амволии муаллифии таҳвилшаванда истифода намояд.

Масъалаи дигаре, ки дар шартнома муайян кардани он муҳим аст, тахвил додан ё надодани ҳуқуқҳои комили амволии муаллиф ба истифодабаранда мебошад.

Дар моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» чунин муқарар шудааст:

Таҳвили ҳуқуқҳои амволӣ метавонад комил ё ғайрикомил бошад (иҷозатномаи комил ва ғайрикомил).

Шартномаи муаллифӣ доир ба таҳвили ҳуқуқҳои комил истифодаи асарро аз рӯйи тарзу усулҳои муайян ва дар ҳудуди бо шартнома муқарраргардида танҳо ба шахсе иҷозат медиҳад, ки ин ҳуқуқҳо ба ӯ таҳвил дода мешаванд ва чунин шахс ҳақ дорад, ки бо ҳамин усул истифодаи асарро аз тарафи шахсони дигар манъ кунад (иҷозатномаи комил).

Ҳуқуқи манъи истифодаи асарро аз тарафи шахсони дигар муаллифи асар низ метавонад амалӣ созад, ба шарте ки шахсе, ки ба ӯ ҳуқуқҳои комил дода шудааст, ин ҳуқукро ҳимоя накунад.

Шартномаи муаллифӣ роҷеъ ба таҳвили ҳуқуқи ғайрикомил истифодаи асарро дар баробари соҳиби ҳуқуқҳои комил ба истифодабаранда ва (ё) шахсони дигар, ки бо ҳамин тарз дар бораи истифодаи асар иҷозат гирифтаанд, иҷозат медиҳад (иҷозатномаи ғайрикомил).

Ҳуқуқе, ки аз рӯйи шартномаи муаллифӣ таҳвил дода мешавад, ғайрикомил ба ҳисоб меравад, ба шарте ки дар шартнома мустақиман чизи дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

Дар моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ду шакли бастани шартномаи муаллифӣ пешбинӣ шудааст: – хаттӣ ва шифоҳӣ. Дар моддаи номбурда чунин оварда шудааст: «Шартномаи муаллифӣ бояд дар шакли хаттӣ баста шавад. Шартномаи муаллифӣ барои истифодаи асар дар нашрияҳои даврӣ метавонад дар шакли шифоҳӣ низ баста шавад».

Адабиёт:

1. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2016.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002, №4, қ. 2, мод. 320; с. 2012, №7, мод. 698; «Дар бораи иттилоот».
3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №9, мод. 68).
4. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Калидвожаҳо: *ҳуқуқ, иттилоот, сохибкорӣ, фаъолият, реклама, мукотибот ва чавобгарӣ*

Аннотация
ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ ИНФОРМАЦИИ В ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛНОСТИ

В настоящей статье рассматривается ситкация, когда правообладатель решил отключить информацию в бизнесе. В то же время развитие предпринимательской деятельности без права на информацию не предусмотрено.

Ключевые слова: *закон, информация, предпринимательство, бизнес, реклама, переписка и подотчетность*

Annotation
LEGAL ISSUES OF INFORMATION IN BUSINESS

This article discusses the sitcation when the copyright holder decided to disable information in the business. At the same time the development of entrepreneurial activity without the right to information is not provided.

Keywords: *law, information, entrepreneurship, business, advertising, correspondence and accountability*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ганиев Х.С., магистранти соли дуюми ихтисоси амнияти иттилоотӣ Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Email: khushruz.ganiev@gmail.com

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои ҳуқуқ Меликов У. А

Сведения об авторе: Ганиев Х.С., магистрант второго курса специальности информационной безопасности Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, электронная почта: khushruz.ganiev@gmail.com

About author: Ganiev H.S. the second year master student of the Institute of Information Security of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, e-mail: khushruz.ganiev@gmail.com

Хоҷаев Дороб Шоҳхоҷаевич,
магистранти соли дуюми Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

НАҚШИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР РАВАНДИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ВА ТАЪМИНИ ШАФФОФИЯТИ ОН

Нақши ҳукумати электронӣ дар демократикунонии идоракунии давлатӣ ва таъмини шаффофияти он дар он аст, ки ҳам шахси ҳуқуқӣ ва ҳам шахси воқеӣ ба воситаи Интернет метавонад дархости худро ба муассисаҳои давлатӣ расонад ва иттилои зарӯриро барои иҷроиши масъалаи ҳуқуқии худ дарёфт намояд. Бо чунин нақшаи ҳамкории «шаҳрванд-давлат» мо метавонем боварӣ бар он намоем, ки сатҳи идоракунии давлатӣ баланд шуда коррупсияро аз байн мебарад. Идоракунии электронӣ ин усули дигаргун намудани табиати ҳокимият, буда онро шаффоф ва ба хизмати ҷамъият равона меунад. Идоракуни электронӣ иштироки воқеии шаҳрвандонро дар равандҳои сиёсӣ ва қисман дар қонунгузорӣ таъмин мекунад. Консепсияи идоракунии электронӣ аз ду лоиҳаи (зерконсепсия) ба якдигар алоқаманд (ва дар ҳамон замон мустақил) иборат мебошад. Ин инфраструктураи иттилоотии дохилии ҳокимият (ба шабакаи корпоративӣ монанд) ва инфраструктураи иттилоотии беруна, ки бо шаҳрвандон ва муассисаҳо ҳамкорӣ мекунад. Кор дар реҷаи идоракунии электронӣ атмосфераи ҳамкории мансабдорон ва халқро дигаргун месозад.

Идоракунии электронӣ – ин автоматикунонии кор бо ҳуҷҷатҳо, бо аризаҳои шаҳрвандон, маълумотномаҳо, лицензияҳо, ва дигар санадҳои расмӣ, ки фаъолияти шаҳрвандонро ба амал медароранд. Ин чунин ба шаҳрванд имконияти назорат кардани раванди иҷроиши дархост, шикоят, пешниҳод, хоҳиши худро медиҳад.

Ҳукумати электронӣ пеш аз ҳама шаффофияти кори дастгоҳи давлатиро таъмин мекунад, муҳтоҷ будани шаҳрвандро ё ин ки ташкилотро аз эҳтимолияти мансабдор паст мекунад, ё ин ки пурра аз байн мебарад, аз ин мебарояд, ки коррупсия аз байн меравад.

Ташкил додани шабакаи инфраструктураи иттилоотии давлатӣ ба шаклдарории мувофикро дар асоси санадҳои нормативии-ҳуқуқӣ ва маблағгузории буҷа талаб мекунад. Бояд дарк намуд, ки ворид намудани ҳукумати электронӣ – ин лоиҳаи калон ва муҳлатнок мебошад. На ҳамаи кор хуб ба амал медарояд. Ташкил додани шабакаи инфраструктуравии иттилоотии давлатӣ ва ҳамаи системаи равандҳои идоракунӣ, ки дар худ стереотипҳои фарҳангӣ бюрократӣ доранд бояд табаддулотро аз сар гузаронанд. Ин табаддулоти душвор аст. Бо чунин табаддулот – ба идоракунии давлатӣ тағйиротҳои куллии навро ворид карданаш мумкин аст. Идоракунии электронӣ, ки дар нигоҳи аввал ҳамчун ҳамбастагии механикии технологияҳои иттилоотӣ дар давлат аст, вале дар ҳақиқат барои ташаккули фалсафаи нави идоракунии давлатӣ шароитро фароҳам меорад, барои ҳамин ҳам дар амал истифодабарии ин ғоя коркарди захираҳои нави қонунгузорӣ зарур аст. Пеш аз ҳама, гап дар бораи мақоми қонунӣ гирифтани ҳуҷҷатҳои электронӣ ва имзои электронӣ, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло ба роҳ монда истодаанд. Ҳамаи суханони дар боло зикр шударо умумӣ намуда, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки маҳаки ҳукумати электронӣ ба таъминот, дар навбати аввал, ба шаҳрвандон шаффофият, сифатнокии фаъолият ва кушода будани мақомоти ҳокимият бе бюрократияи зиёдатӣ мебошад. Ҳамаи пешбиниҳои ҳукумати электронӣ асосан ба фаъолиятҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, технологӣ ва кадрҳо равона карда шудааст. Ба пешбиниҳо равоншиносиро дохил кардан мумкин аст, ин аспект – ҳамчун фаҳмиши шаҳрвандон ва инчунин барои мансабдорон зарурияти ворид намудани идоракунии электронӣ мебошад.

Натиҷаҳои ворид намудани идоракунии электронӣ, идоракунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ кушода ва шаффоф мешавад; сарфаи вақт ва захираҳои моддӣ; сифати хизматрасонии маъмурӣ баланд мегарад. Барои ноил гаштан ба ин ва дигар мақсадҳо, барои бомуваффақият ба амал даровардани ғояи идоракунии электронӣ зарур он аст, ки масъалаҳои дар боло зикр шударо пайидарҳам иҷро намудан мебошад. Барои ҳамин ҳам тамоми қувваро барои ноил гаштан ба мақсад сарф намоем чункӣ истифодаи идоракунии электронӣ барои Тоҷикистон ҷузъи асосии демократизатсиякунонии ҷамъият ба ҳисоб меравад.

Идоракунии электронӣ дар кору фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва зиндагии ҳаррӯзаи ҷамъият бартариҳои зиёде дорад:

- Дастрас будани хизматрасониҳои ниёзи мардум ба воситаи Интернет ҳамарӯза;
- Иттилоотро сари вақт ва ба ҳамаи шаҳрвандон ба воситаи омӯзонидани компютерҳо ба кӯҳансолон ва ҷавонон;
- Ба мардум шароити тамоми умр донишомӯхтанро фароҳам овардан ба воситаи барномаҳои копютерӣ ва Интернет;
- Дигаргун сохтани ҳамкориҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо шаҳрвандон бо истифодаи ТИК ва расонидани хизматрасониҳои инфиродӣ, ки боз ҳам боварии халқро ба мақомоти давлатӣ зич мегардонад;

• Пеш бурдани иқтисодиёт ба воситаи дастгирии муассисаҳои давлатӣ ба корхонаҳои хусусӣ ва онҳоро ба Интернет ворид намуда молҳои онҳоро ба бозорҳои ҷаҳонӣ пешниҳод намудан;

• «*Идоракунии электронӣ» дар ояндаи мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди пурра ворид шуданаш чунин кафолатҳоро пешбинӣ мекунад:*

• Ба шаҳрвандон - ба воситаи Интернет дастрас намудани хизматрасониҳои муассисаҳои давлатӣ; донишомӯзӣ кардан дар тӯли зиндагӣ ва иштирок кардан дар идоракунӣ;

• ба корхонаҳои хусусӣ - ба воситаи Интернет алоқа доштан бо муассисаҳои давлатӣ; ҳамкорӣ намудан бо давлат, бо мақсади рушди иқтисодиёт ва иштирок дар системаи тақсимот таҳия ва паҳн кардани сабади истеъмолӣ;

• ба хизматчиёни давлатӣ ва шахсони алоҳида – баланд бардоштани фоидаоварии худ; алоқаи худро бо мизоҷон ва шаҳрвандон дигар намуда ҳамаи онҳоро ба мубоҳиссаи сиёсӣ даъват намудан, роҳи стратегиро пешаи худ ва онҳо намудан.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро барои беҳбуд бахшидани кори шуъбаҳои худ истифода барад. Масалан, барои паҳн кардани иттилоот ба мардум ва барои расонидани хадамоти даркорӣ ба аҳолӣ муфид бошад. Давлат ҳамчунин бояд намуна ва муайянкунандаи иқтисоди иттилоотӣ бошад: технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсиониро барои баровардани ниёзҳои худ, барои ба роҳ мондани амалиёти самаранок ва барои ба вуҷуд овардани бозори маҳаллии таҷҳизот ва хизматрасониҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба кор барад. Ҳамкорӣ бо пудратчиёни давлатӣ ва механизмҳои амалисозӣ метавонад барои инкишофи шабака равона гардад. Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ метавонад фаъолияти давлатро барои шаҳрвандон ва дигар мушоҳидачиён шаффофтар гардонад.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои таъмини дастрасӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ» (аз 16 сентябри соли 1999 №1347) барои таъмини дастрасӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ ва татбиқи технологияҳои муосир дар сохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази иттилоотию техникӣ оид ба рушд вахизматрасонии системаи автономии таҳия кардани ҳуччатҳо дар дастгоҳи давлатӣ таъсис меёбад. Ин марказ муваззаф мешавад, ки барои органҳои идораи давлатӣ ба сифати дастраскунандаи Интернет, почтаи электронӣ (E- mail) ва ғайра хизмат кунад. Ин фармон ҳуҷҷати аввалини Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ворид шудани ҷумҳурӣ ба шабакаи байналмиллалии иттилоотӣ ба ҳисоб меравад.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили шабакаи ҷумҳуриявии ирсоли мавод ва чораҳои мураттаб сохтани дастрасӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ» (аз 8 августи соли2001 №389) барои иҷро гардидани Фармони Президент, ки дар боло шарҳ дода шуд, қабул гардида буд. Тавассути қарор дар асоси шабакаи Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушодаи «Тоҷиктелеком» шабакаи ҷумҳуриявии ирсоли иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат мекунад. Бо ин қарор Ҳукумат ҳамчунин қоидаҳои расонидани хизматрасонии интернетиро дар ҳудуди кишвар тасдиқ кард.

Соҳаи имрӯзаи инкишофи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар мамлакат имконият медиҳад , ки ба таҳияи сиёсати давлатии ба ташаккул ва рушди фазои ягонаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, яъне замина ва махзанҳои маълумот, технологияи пешбурд ва истифодаи онҳо, система ва шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионие, ки дар асоси принсипҳо ва қоидаҳои ягона амал карда, равобити мутақобилаи ташкилотҳову шаҳрвандонро таъмин менамоянд, инчунин аз қонеъ гардонидани талаботи иттилоотии онҳо иборат мебошад, шурӯъ кунем.

Имрӯз технологияи иттилоотӣ коммуникатсионӣ метавонанд ҳамчун воситаи коҳиши нобаробарӣ миёни сарватмандон ва фақирон, шаҳриён ва рустоиён, мардон ва занон хидмат намоянд. Онҳо на танҳо ба ҳар касе, ки ба шабакаи технологияи иттилоотӣ коммуникатсионӣ пайваст аст, балки ба шабакаҳои ҷумҳурӣва маҳаллии радиова телевизион дастрасиро ба иттилооти рангоранг, хабарҳо, муошират бо дӯстон, оилаҳо, намояндагони халқ, шарикони кунуни исоҳаи бизнес таъмин менамоянд.

Яке аз механизмҳои истифодаи иттилоот дар ҷараёни таҳсилот мебошад. Истифодаи компютерҳо дар мактабҳо, пайвастшавӣ ба интернет, барномаҳои омӯзишиву маърифатӣ дар радиову телевизион боиси болоравии сифати таҳсилот ва густариши як қатор фанҳои таълимӣ ва таҳияи барномаи таълимӣ мегардад, ки тамоми шогирдон дар саросари кишвар дараҷаи баланди донишро касб мекунанд. Технологияи иттилоотӣ коммуникатсионӣ дар муқоиса бо замонҳои пеш метавонанд дар ҷараёни таълим шумораи зиёди одамонро фаро гиранд.

Пешрафти илму техника раванди бетанаффусу мураккаб, вале барои пешрафти ҷомеаи муосир муҳимме бошад. Он ба истифода аз донишҳои нави илмӣ оид ба соҳаи техникаю технологияи самарабахш, кадрҳои баландихтисос ва истеҳсолоти пешқадам такя мекунад. Мадернизатсия истеҳсолот дар натиҷаи инқилоби илмию техникӣ ва ба иқтисодиёт ворид гардидани равандҳои

глаболизатсионӣ ва рушди тиҷорати ҷаҳонӣ ба миёномада, ҷавобгӯи ниёзҳои ҷомеаи муосир, аз он ҷумла зарурати пешрафти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва техникаю технологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ватани мо, ки узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонист, имрӯзҳо баҳри ташаккул ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар талошаст. Барои Тоҷикистон ин раванд имконияти узви комилҳуҳуқи ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ гардониданро фароҳам овардааст, ки пештар он имконнопазир буд. Барои ба ин мақсад ноилшудан Тоҷикистон бояд дорои ҷои худ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ бошад, ки он дар навбати худ рушди иқтидори содиротии кишварро талаб менамояд. Инчунин афзудани захираи асосии ин навъи иқтисодиёт – моликияти зеҳнии кишвар дар ин раванд, нақши муҳим мебозад.

Инноватсия худ ба модернизатсия ва модернизатсия ба пешрафти илмию техникӣ ҳаёти иқтисодии мамлакат ва дар ниҳояти кор ба некӯ аҳволии ҷомеа оварда мерасонад.

Дар шароити имрӯза истифодаи технологияҳои иттилоотонӣ – коммуникатсионӣ (ТИК) дар идоракунии давлатӣ тақозои замона аст. Самаранокии идоракунӣ аз сатҳ ва пурраги иҷорикунии ТИК вобаста аст. Мутаасифона, дар ҷумҳурӣ истифодаи ТИК дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷавобгӯи талабот нест. Барои рафъи онҳо, дар марҳилаи аввал аз воситаҳои автоматикунонии ҳуҷҷатҳо истифода карда, бояд баъд тадричан ба мубодилаи электронии ҳуҷҷатҳо гузашт[5].

Дар замони имрӯза аҳамияти ТИК торафт аён ва дақиқ эҳсос мегардад. Дар даҳ соли сипари шуда оид ба ТИК ва масоили марбут ба он як қатор санадҳои муҳими меъёрию ҳуқуқӣ аз қабили қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» (с.2001), қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи электрикӣ» (с.2002), қонуни Ҷумҳурии Тоҷикисстон «Дар бораи иттилоот» (с.2002), қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи иттилоот» (с.2002), қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои рақамӣ-электронӣ» (с.2007), қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот» (с. 2008) таҳия ва қабул шудааст.

Дар ин замина Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотонӣ– коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 1174 аз 05.11.2003с.), Барномаи давлатии «Рушд ва ҷорикунии технологияҳои иттилоотонӣ – коммуникатсоинӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 468 аз 03.12.2004) ва амсоли инҳо ба тасвиб расидаанд.

Дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (3 декабрисоли 2010) аҳамияти ТИК ва зарурати ҳарчи зудтар дар ҳамаи соҳаҳои идоракуни ҷорӣ кардани он бори дигар махсус қайд карда шуд ва «Нақшаи чорабиниҳои минбаъдаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи технологияҳои иттилоотонӣ – коммуникатсионӣ барои такмили идоракунии давлатӣ» қабул карда шуд.

Сиёсати давлатии иттилоотонӣ маҷмӯи чорабиниҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию маданӣ ва ташкилие, ки барои муқаррар намудани афзалиятҳои умуми давлатии рушди муҳити иттилоотонии ҷамъият ва сохтани имкониятҳо барои ба ҷамъияти иттилоотӣ дохил шудани Тоҷикистон равона шудааст.

Озодии иттилоотии шахс ҳуқуқи инсон буда, аз ташкилдиҳандаҳои зайл иборатаст:

- гирифтани иттилое, ки барои ҳаёт, фаъолияти касбӣ ва рушди ӯ зарураст;
- баён намудани нуқтаи назари худ оиди ин ё он ҳодисаҳои табии ва ҷамъиятӣ;
- додани иттилои ғайри махфӣ ба одамони дигар.

Хизматрасонии иттилоотӣ дар фазои телекаммуникатсионӣ ва соҳаи истифодаи анборҳои иттилоотӣ ва асоси хизматрасонӣ ба истифода барандагони онро ташкил медиҳад.

Истифодабарандагон (шаҳрвандон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳои шаклҳои гуногун ва созмонҳои ҷамъиятӣ) барои дастрас намудани анборҳои иттилоотӣ ҳуқуқҳои баробар доранд ва вазифадор нестанд, ки дар назди соҳиби чунин анборҳо гирифтани маълумоти заруриро асоснок намоянд.

Кафолат ва ҳуқуқи додани маълумот, дастрасии шаҳрвандон ва ташкилотҳо ба иттилоот, вазифа ва ӯҳдадориҳои соҳибони анборҳои иттилоотӣ, амниятӣ иттилоотӣ ва ҳуқуқи истифода барандагонро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад [5].

Ҳарчанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон технологияҳои иттилоотии муосир рушд ва тараққӣ кардаст, лекин дар корхонаву муассисаҳои давлатӣ асосан пурра аз он истифода намебаранд.

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ чандин санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ қабул гардиданд.

Вақти он расидааст, ки мубодилаи ҳуҷҷатҳо дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии давлатӣ дар фазои электронӣ ба роҳ монда шавад. Ин имконият медиҳад, ки суръати дастраскунии ҳуҷҷат тезонида кафолати бевосита ба ҷои зарурӣ расонидани ҳуҷҷат таъмин гардида ҳамзамон харочоти вобаста ба дастраскунии ҳуҷҷат ба андозаи назаррас коста мегардад.

Бояд махсус қайд кард, ки мубодилаи электронии ҳуҷҷатҳо ба хеҷ ваҷҳ мубодилаи «коғазии» онро пурра иваз наҳоҳад кард ва мақсад ҳам аз ҷорикунии чунин мубодила ин нест. Қисми ҳуҷҷатҳо, чӣ имрӯз, чӣ дар оянда, ҳатман дар шакли коғазӣ хоҳанд монд ва бояд монанд, яъне тайёр, имзо, ҳифз, нигоҳдорӣ, мубодила хоҳанд шуд.

Агар чунин ҳуҷҷатҳо дар шакли электронӣ ва бо воситаи электронӣ мубодила гарданд, дар ин ҳол, албатта дар бораи сарфаи назарраси коғаз, захира ва вақт сухан кардан мумкин аст. Бояд дар назар дошт, ки дар сурати зарурат мақомот метавонад ҳуҷҷати заруриро аз ин рӯйхат чоп кунад ва ба шакли коғазии он кор кунад.

Тибқи моддаи 11 Қонуни ҶумҳуриитТоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» (2002) «Ҳуҷҷати электронӣ дар ҳомили мошинӣ ба ҳуҷҷати ҳомили коғазӣ баробар карда мешавад ва ба он эътибори ягонаи ҳуқуқӣ дорад». Аммо маҳз бо сабаби амалӣ гаштани ин модда, яъне пазируфтани Ҳуҷҷати электронӣ дар баробари ҳуҷҷати коғазӣ дар мақомотҳои давлатӣ нахустин Ҳукуматҳои электронии маҳаллӣ дар Тоҷикистон ноком гардиданд [6, 54-61].

Адабиёт:

1. Барномаи давлатии «Рушд ва ҷорикунии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2004, № 468.
2. Бойматов Л. Роҷеъ ба таърих ва мудирияти хадамоти иртибот ва иттилоърасонии «Девони барид». // «Паёми Донишкадаи Такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе, 2011. № 2.
3. Барномаи таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2004, №290.
4. Информационные технологии и системы муниципального и государственного управления: учебное пособие. Под общей ред. А.Г.Остапенко. – Воронеж, 2001. – 313 с.
5. Паёми Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2010. № 4.
6. Технологияҳои иттилоотӣ ва идоракунии давлатии Тоҷикистон дар шароити муосир А.С.Ниёзов. Паёми ДТИХДҶТ. Маҷаллаи илмӣ – сиёсӣ. – Душанбе: Прогресс, 2010 №4. с.54-61.

Калидвожаҳо: *масъала, идоракунӣ, муассиса, шабака, ҳуҷҷат, фаъолият, фарҳанг, давлатӣ, ҳокомият, система*

Аннотация

РОЛЬ ЭЛЕКТРОННОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА В ПРОЦЕССЕ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ И ЕГО ПРОЗРАЧНОСТЬ

Легкость государственной электронной демократии в демократизации и обеспечении прозрачности заключается в том, что как юридические, так и физические лица могут получить доступ к заявлению государственных учреждений и получить информацию об их правовом статусе.

Ключевые слова: *проблема, управление, учреждение, сеть, документ, деятельность, культура, правительство, автономия, система.*

Annotation

THE ROLE OF E-GOVERNMENT IN THE PUBLIC ADMINISTRATION PROCESS AND ITS TRANSPARENCY

The ease of state e-democracy in democratization and transparency is that both legal entities and individuals can access the application of state institutions and receive information about their legal status.

Keywords: *problem, management, institution, network, document, activity, culture, government, autonomy, system*

Маълумот дар бораи муаллиф: Хоҷаев Д.Ш., магистранти соли дуюми ихтисоси амнияти компютерии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Email: dorobkhojaev1995@gmail.ru

Роҳбари илмӣ: Мавлоназаров С., н.и.п. мудири кафедраи амнияти иттилоотӣ ва илмҳои табиатшиносӣ

Сведения об авторе: Ходжаев Д.К., магистрант второго курса компьютерной безопасности в Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Электронная почта: dorobkhojaev1995@gmail.ru

About author: Khojaev D.K., the second year master student of Computer Security at the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Email: dorobkhojaev1995@gmail.ru

Муҳаммадфариди Ҷамшед,
магистранти соли дуюми факултети таърих

МАСОИЛИ ОИЛА ВА НИКОҲ ДАР ИСЛОМ

Бе оилаи солим мавҷудияти ҷомеаи солим ғайриимкон аст. Таърихи ташаккул ва рушди ҷомеаи башарӣ дар тӯли садсолаҳо ин ҳақиқати бебаҳсро исбот мекунад. Муносибатҳои никоҳию оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оила ва дигар санадҳои ҳукуқӣ ба танзим дароварда мешавад. Қонунгузории оилавӣ, қабл аз ҳама, бинобар зарурати таҳкими оила, ташкили муносибатҳои оилавӣ дар заминаи эҳсоси муҳаббати пок, эҳтиром ва гиромидошти мутақобилаи ҳамсарон, кӯмаки байниҳамдигарӣ ва масъулияти аъзои оила дар назди якдигар, роҳ надодан ба дахолати худсаронаи ашхоси беруна ба ҳаёти оилавӣ, таъмини бемамониати татбиқи ҳуқуқҳои аъзои оила ва билохира муҳофизати судии онҳо бунёд ёфтааст [1, 11]. Дар суханронии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 15-умин солгарди қабули Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин баён карданд: «Давлат дар доираи талаботи Конституцсия ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла ҳимояи оила, ҳифзи кӯдакони ятиму маъюб ва таҳсилу табобати шаҳрвандонро кафолат медиҳад» [5].

Ҳангоми издивоҷ ва дар муносибитҳои оилавӣ ҳама гуна шаклҳои маҳдуд кардани ҳуқуқи шаҳрвандон аз рӯи мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, забонӣ ё динӣ манъ аст. Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ақди никоҳҳое, ки то 19 декабри соли 1929 мувофиқи расму оини динӣ ба ҷо оварда шудаанд, ба ақди никоҳҳое, ки дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайд гирифта шудаанд, баробар мебошанд [1, 11]. Мақсад аз иншои мақолаи мазкур ин муайян намудани масоили оила ва никоҳ дар ислом мебошад.

Ойини ислом ҳамаи нишебу фарозҳои зиндагонии инсонро ҳам дар ҳаёти фардӣ ва ҳам дарҳаёти хонаводагӣ ва иҷтимоии ӯ зери пӯшиши аҳкоми худ қарор додааст. Бунёди хонаводаро бар асоси оромиш, муҳаббат ва раҳмат бино ниҳода ва ҳар чизе, ки ба ҳадафҳои олии бунёди хонавода багунае халал ворид намояд, аз он ҷилавгирӣ намудааст.

Мутаффакирони гузаштаи мо ба барпо намудани оила ҳамеша ташвиқ намуда, тарки издивоҷро бад медиданд. Ҳатто аз имом Шофеъӣ (рҳ) ривоят шуда, ки фармуд: «Танҳоӣ ва ғурбат дар ҳеҷ чизе аз амри ислом набуда ва касе ба тарки издивоҷ фаро хонад, воқеан ҳам, ба сӯи ғайри ислом даъват намудааст». Дар сурате, ки марду зан дар кори издивоҷ саҳлангорӣ намоянд, имкон дорад – Худо накунад – муртакиби амали қабеҳи зино шаванд ва меваи умри худро барбод диҳанд ва дигар пардаи иффат дарида хоҳад шуд.

«Яке аз нишонаҳои (қудрат ва ҳикмати) Худо он аст, ки барои шумо аз ҷинси худатон (занон) ё ҳамсароне офарида аст, то баҳам будани ба онҳо ором гиред ва дармиёни шумо муҳаббат ва раҳмат (дилсӯзи)-ро ниҳодааст. Оиди ин масъала дар оятҳои Қуръони карим низ ишораҳо мавҷуд мебошанд [4, 30].

Чунончи, паёмбари ислом (с) мефармояд:

«Издивоҷ намоед, то насли мусалмонон зиёд шавад, зеро рӯзи қиёмат ба бисёрии умматонам ифтихор хоҳам кард»:

Ҳикматҳои маънавӣ, равонӣ ва иҷтимоии никоҳ зиёд мебошанд.

Аз ҷумла никоҳ:

а) Заминаи бақо ва идомаи насли одамро фароҳам месозад.

б) Ниёзи фитрӣ ва майли табиии марду занро барои баровардан ва ишбоъ (сер намудан)-и ғаризаҳо ва майлҳои ҷисмии якдигар аз роҳи машрӯъ посух медиҳад.

в) Ҳамкорӣ ва шинохти масъулияти зану мардро барои нигаҳдорӣ ва тарбияи фарзандон ба вуҷуд меоварад.

г) Равобити миёни мардузан, бар асоси риоя иҳуқуқ ва анҷоми масъулият дар чаҳорчӯбаи се асли: «оромиш», «дӯстӣ» ва «дилсӯзӣ» ва ё ба таъбири Қуръон « сукунат, маваддат ва раҳмат» танзим мешаванд.

д) Дар инсон эҳсоси масъулият ва талошу пӯёӣ дар роҳи таъмини заминаҳои рафоҳияти зиндагӣ барои хонавода ба вуҷуд меоварад ва пояҳои шахсияти иҷтимоии ӯро таҳким мебахшад.

Дар барпо намудан ва ё бастани ақди никоҳ мушаххасот, шартҳо ва бастабандиҳое гузошта шудаанд, ки бе риояи онҳо ақд баста намегардад, ҳамчун сурати доду қабул, ҳузури ду шоҳид ва дар гӯшраси онҳо баргузор гардидани маросими доду қабул (ақд) ҳар сурати заношавҳарӣ ва робитаҳои пайванддиҳандае, ки берун аз ин муқаррарот анҷом бигирад, фосид ва бепоя мебошад.

Дар бораи маҳр низ ислом роҳи ҳарчи муносибтар ва фарогири ҳолатҳои фақру бенавоӣ ва дороию бениёзии табақаҳои гуногуни мардумро пешкаш намудааст. Барои дуруст гардидан ва ҷанбаи шаръӣ пайдо кардани ақди заношавҳарӣ камтарин миқдори маҳрро, ба ҳаҷми даҳ дирҳам, муайян намуда, барои ҳадди болои он марзе муайян на-кардааст.

Иқдом ба бинои хонавода бо чунин дасти тиҳӣ на танҳо мушкил-офарин аст, балки худ, нашнохтан ва сарфаҳм нарафтан ба моҳияти зиндагӣ ба шумор меравад.

Худованд дар ин бора мефармояд: «Онҳое, ки имконоти издивоҷро надоранд, бояд, то он замоне ки Худо онҳоро аз фазли худ бениёз гардонад, иффат ва покдоманӣнамоянд» [3, 24].

Ҳамин аст, ки бархе аз имомони фиқҳӣ ва донишварони исломӣ аввал сару сомон бахшидан ба вазъи зиндагӣ ва сипас бунёди хонаводаро тавсия намудаанд. Имом Абӯҳанифа (рҳ) дар зимни тавсияҳо ва насиҳатҳое, ки хитоб ба бузургтарин шогирд ва ёрихуд Абӯюсуф–Яъқуб ибни Иброҳим–фармудааст, мегӯяд:

«Пеш аз таъмини заруриёти зиндагӣ издивоҷ накун. Аввал, илм биомӯз, дуюм, худро аз назари молӣ таъмин намо ва он гоҳ издивоҷ кун» [7, 23].

Дини мубини ислом бо таваҷҷӯҳ ба ин ниёзи фитрии инсон ва ба манзури таъмини дигар ҳадафҳои олие, ки барои шахсияти инсон ва ҷомеа дар назар дорад, бо равишҳои гуногуне ба бинои хонавода ва барпо намудани оила тарғиб намудааст.

Қуръони карим мефармояд: «Мардони безан ва бевазанони худро ба никоҳ бароред ва ғуломон ва канизони солеҳи худро (низ) агар онҳо фақиру бенаво бошанд, Худо онҳоро аз фазли худ бениёз мегардонад ва Худо кушода фазлу доно аст» [3, 33].

Чӣ тавре мушоҳида мешавад, Худованд дар ин оят ба шахсе, ки ба бинои хонавода иқдом менамояд, ваъдаи бениёзӣ, ғино ва кушодани дарҳои фазли худро медиҳад ва ӯро аз фақр мераҳонад.

Аз Ибни Масъуд (р) ривоят шудааст, ки фармуд: «Дорои ва молу сарватро дар никоҳ биҷӯед» ва ояти каримаро тиловат намуд [6, 220]. Худованд дар ҷои дигар бо ёдоварӣ аз паёмбарони баргузидаи худ ба расули акрам (с) хабар медиҳад, ки барои онҳо низ ҳамсар ва фарзанд ато кардааст ва аз ин тариқ бандагони мӯъминро ба никоҳ ва бинои хонавода ташвиқ менамояд, он ҷо ки мефармояд:

«Ва дар ҳақиқат, пеш аз ту расулоне фиристодаем ва барои онҳо ҳамсарон ва зуррийя ато намудаем…»[2, 1082].

Аз ҳамон қадамҳои аввал барои ҳар чӣ муваффақтар сурат гирифтани интихоби ҳамрадиф ва ҳамроҳи ҳаёти хонаводагӣ ба як силсила меъёрҳое дучор меоем, ки инсон бо риояи онҳо метавонад худро

уммати ман нест». Барои бастани никоҳ кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор шартҳоеро пешбинӣ менамояд, ки дар дини ислом низ онҳоро мушоҳида намудан мумкин аст. Аз ҷумла расидан ба сини муайян, ҳузури шоҳидон яъне ҳарду тарафи никоҳшавандагон ва набудани монеа барои никоҳ.

Хулоса, хонавода барои парвариши ҷанбаҳои гуногуни шахсияти фард мактаби амалӣ ва сайқалдиҳандаи зарфиятҳои фитрии ӯ мебошад.

Адабиёт:

1. Қуръони Карим. 24. – 354 с.
2. Қуръони Карим. 30. – 405 с.
3. Маҳмудов Маҳкам, Худоёров Бахтиёр. Тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: ЭРграф, 2010. – 11 с.
4. Сунани Тирмизӣ. 1082.
5. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 15-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, 5 ноябри соли 2009 // «Садои мардум», 10 ноябрн соли 2009.
6. Тафсири табари ҷ.7. – 220 с.
7. Фариддун Сипарӣ. Пажӯҳише дар бораи имомони аҳли сунат. 2001. – 23 с.

Калидвожаҳо: *муносибатҳои оилавӣ, конституцсия, ислом, никоҳ, ҳуқуқ, мард, зан, ҳақиқат, бенаво, кодекс, расму ойн, фарзандон*

Аннотатция

ВОПРОСЫ СЕМЬИ И БРАКА В ИСЛАМЕ

Брачные отношения в Республике Таджикистан регулируются Конституцией Республики Таджикистан, Семейным кодексом и другими нормативно-правовыми актами. Семейное право, прежде всего, основано на необходимости укрепления семьи, установления семейных отношений, основанных на чувстве любви, уважении и уважении к супругам, взаимной поддержке и ответственности за членов семьи, реализация прав членов семьи и, в конечном итоге, установление их судебной защиты.

Ключевые слова: *семейные отношения, конституция, ислам, брак, право, мужчина, женщина, правда, бедность, прелюбодеяние, кодекс, традиция, дети*

Annotation

THE FAMILY AND MARRIAGE ISSUES IN ISLAM

Marital relations in the Republic of Tajikistan are governed by the Constitution of the Republic of Tajikistan, the Family Code and other regulatory acts. Family law is primarily based on the need to strengthen the family, establish family relations based on love, respect and respect for the spouses, mutual support and responsibility for family members, the realization of the rights of family members and, ultimately, their judicial protection.

Keywords: *family relations, constitution, Islam, marriage, right, man, woman, true, poverty, adultery, code, tradition, children*

Маълумот дар бораи муаллиф: Муҳаммадфариди Ҷамшед, магистранти соли дуюми факултети таърих, ихтисоси ҳуқуқшиноси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: Буризода Эмомалӣ

Сведения об авторе: Мухаммадфариди Джамшед, магистрант второго курса факультета истории ТГПУ им. С.Айни.

About the author: Muhammadfaridi Jamshed, the second year master student, the faculty of History, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Саъдоншоева Азима,
магистранти соли дуюми факултети таърих

РУШДИ ПАДИДАҲОИ КОНСТИТУТСИОНӢ-ҲУҚУҚӢ ВА ТАЪРИХИ ТАРАҚҚИЁТИ КОНСТИТУТСИЯИ ДАВРАИ ШӮРАВӢ

То соли 1917 тамоми кишварҳои Осиёи Миёна аз тарафи Руссияи подшоҳӣ идора карда мешуд, чун ки тамоми сарзамини Осиёи Миёна аз тарафи Русияи подшоҳи забт шуда буд. Вақте ки Руссияи подшоҳӣ минтақаи Осиёи Миёнаро ишғол менамояд, дар ин ҷо генерал-губернатории Туркистонро ташкил мекунад. Кауфман бошд, соли 1867 аз тарфи Александри 2, Губернатори Туркистон таъин мешавад ва тамоми Осиёи Миёнаро бо фармони Руссияи подшоҳи идора мекард. Дар 12 июни соли 1886 подшоҳи рус Низомнома дар бораи Идоракунии кишвари Туркистонро қабул кард, ки то инқилоби октябри соли 1917 идора карда мешуд. Табаддулоти феврали соли 1917 дар Руссия сохти подшоҳиро сарнагун кард, ки ин оҳиста-оҳиста сохти подшоҳии Осиёи Миёнаро ҳам низ барҳам зад. Баъди инқилоб дар Руссия ғалаба кардан, тамоми сохти идоракуни дигар шуд, яъне сохти кӯҳна аз байн рафт ва ба ҷои он сохти сотсиалистӣ ба вуҷуд омад. Дар ин вақт зарурати қабули Конституцсияи нав ба миён омад.

Съезди 2-уми Умумииттифоқии Советҳо, ки дар бораи ғалабаи нахустин дар таърихи ҷаҳон революцсияи Сотсиалистӣ хабар дод, ки «Ба коргарон, солдатҳо ва деҳқоно!» хитобнома, Декрет дар бораи сулҳ, Декрет дар бораи замин, Декрет дар бораи ташкили ҳукумати коргару деҳқонро қабул кард. Декретҳои съезди 2-уми Советҳо ташкил карда шудани Давлати Советӣ, мабдаъҳои асосии сохт ва сиёсати онро маъқул карда, дар марказ ва маҳалҳо ба дасти Советҳо гузаштани ҳокимиятро бо тантана эълон намуд. Ин ҳуҷҷатҳо ба меҳнаткашони Руссия дар муборизаи онҳо барои мустаҳкам кардани ҳокимияти нав, барои барҳам додани сохти буржуазӣ-помешикӣ ва аппарати кӯҳнаи давлатӣ таъсири бузурги сафарбаркунанда расонданд. Онҳо аҳамияти идоманок ва байналхалқӣ доштанд.

«Декларатсияи ҳуқуқҳои халқи меҳнаткаш ва истисморшаванда», ки онро съезди 3-уми Умумируссиягии Советҳо 25-уми январи соли 1918 тасдиқ кард, эҷодиёти бузургтарини заковати Ленин гардид. «Декларатсияи ҳуқуқҳо халқи меҳнаткаш ва истисморшаванда» ҳамчун асоси аввалин Конституцсияи Советӣ хизмат кард, сонитар бошад пурра ба матни Конституцсяи соли 1918 қабулгардидаи РСФСР дохил карда шуд.

Аввалин дар ҷаҳон Қонуни Асосии давлати сотсиалистӣ –Конституцсияи РСФСР-ро съезди 5-уми Умумироссиягии Советҳо 10 июли соли 1918 қабул карда буд. Он натиҷаҳои муборизаи оммаҳои халкро барои мустаҳкам намудани музаффариятҳои Октябри Кабир ҷамъбаст намуд, таҷрибаи Ҳокимияти Советиро инъикос ва ҷамъбаст кард. Тамоми кори оид ба тайёр кардани аввалин Конституцсияи Советӣ дар таҳти роҳбарии бевоситаи КМ партия ва иштироки шахсии В.И. Ленин мегузашт. Ӯ фаъолияти Конституцсияи Конституцсионии Комитети Иҷроияи Марказии Умумироссияро ба роҳ меандохт, худаш бевосита матни лоиҳаи Конституцсияро таҳрир менамуд, ба он як қатор илова ва ислоҳҳои принсипиалӣ дохил намуд.

Конституцсия соли 1918 –и РСФСР ба хусусиятҳои давраи дигаргунсозиҳои революсионии ҷамъиятӣ дар асоси сотсиализм мувофиқ меомад. Ин Конституцсия диктатураи пролетариатро ҳамчун пурраҳокимиятии меҳнаткашон бо сардории синфи коргар қонунӣ гардонд, прин, сипи олии он-иттифоқи синфи коргарро бо деҳқонони меҳнаткаш вазифаҳои ин диктатураро, ки аз барҳам додани ҳамагуна одамро истисмор кардани одам, пахш кардани истисморгарон бартарф намудани ба синфҳои муқобил тақсим шудани ҷамъият, барқарор кардани сохтори сотсиалистии ҷамъият иборат аст, муайян намуд. Конституцсияи якуми советӣ принсипи пурраҳокимиятии советҳоро ҳамчун ассосҳои тамоми ҳокимияти давлатӣ муқаррар кард фаъолияти қонунбарорӣ ва иҷроия-амрдиҳиро ба назорати меҳнаткашон вогузошта, ихтиёри онро ба дасти онҳо дод. Истисморгарон аз иштирок дар органҳои ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ дур карда шуда буданд.

Конституцсия воситаҳои асосии истеҳсолотро ҳамчун моликияти меҳнаткашон-хӯҷаинони комилҳуқуқи боигариҳои ҷамъиятӣ қонунӣ гардонда, бо ҳамин асоси иқтисодии ҳокимияти меҳнаткашон ва демократияи сотсиалистиро пойдор мегардонд.Конуни асосии Давлати ҷавони Советии сотсиалистӣ бо рӯҳи интернатсионализми собитқадамона фаро гирифта шуда буд; дар он баробарҳуқуқии комили гражданинҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва маданӣ сарфи назар аз мансубияти нажодӣ ва миллии онҳо эълон карда мешуд.

Конституцсия Республикаи Россияро ҳамчун федератсияи республикаҳои миллии советӣ, ҳамчун иттифоқи озодона ва ихтиёронаи миллатҳои озод муайян намуд.

Конституцсияи соли 1918-и РСФСР дар давоми як давраи томи таърихӣ асоси фаъолияти қонунӣ ва идоракунии давлат шуда хизмат кард. Он дар муборизa ба муқобили душманони дохилӣ ва берунӣ, барои мустаҳкам кардани Ҳокимияти Советӣ, барои азнавсозии хоҷагии халқ дар асосҳои сотсиалистӣ, барои афзоиши дараҷаи некӯаҳволии моддӣ ва мадании халқ, барои сохтмони сотсиализм байраки муборизаи меҳнаткашон буд. Аҳамияти фаромӯшнашаванда ва бврдавоми он ҳамчун нахустин дар ҷаҳон Конституцсияи типии сотсиалистӣ дар ҳамин буд.

Дар асоси Конституцсияи РСФСР соли 1918 дар сарзаминҳои Осиёи Миёна, ки сохти идоракуни дигар шуда буд конституцсияҳо қабул карда шуданд. Дар 1 феврали соли 1920 қисмҳои инқилобӣ ва аскарони сурх пойтахти хон шаҳри Хиваро муҳосира карданд. 2 феврал иштирокдорони митинги оммавӣ дар Хива хонро маҷбур сохтанд, ки аз тахт даст кашад. Ҳокимият ба дасти Кумитаи инқилобӣ (Ревком) гузашт. 4 апрели соли 1920 дар Хива Шӯрои нозирони халқ, иҷрокунандаи вазифаи ҳукумати марказӣ то даъватӣ мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ – Анҷумани якуми умумихивагии вакилони халқ Хоразмро ҷумҳурии халқии шӯравӣ эълон карда ва 30 апрели соли 1920 Конституцсияи Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Хоразмро қабул кард.

Ф.Т.Тоҳиров қайд мекунад, ки Шӯрои шаҳрӣ-уездии Хуҷанд дар солҳои 1918-1919 зиёда аз 100 санадҳои ҳуқуқиро дар бораи милликунонӣ, мусодира ва реквизитсияи ҳар гуна объектҳои аҳамияти хоҷагии халқ ва қард ва ин объектҳоро ба моликияти Ҷумҳурии Мухтории Тоҷикистон гузаронид.

Дар асоси конституцсияи дар боло зикр гардида моҳи сентябри соли 1920 Анҷумани 9-уми Шӯроҳои ҶМШС Туркистон Конституцсияи ҶМШС Туркистонро қабул кард, ки мазмуни он ба Конституцсияи ҶШСФ Русияи соли 1918 пурра мувофиқат мекард. Дар асоси Констиутсияи номбар шуда 23 сентябри соли 1921 Конституцсияи Бухоро қабул карда шуд. Ин ҳама гуфтаҳои боло то тақсимоти миллии ҳудудии соли 1924 буд.

Соли 1922 дар натиҷаи ҳаракати муттаҳидкунандаи республикаҳои советӣ Иттифоқи РСС ташкил карда шуда буд. Ин тантана комил идеяҳои ленинии интариатсионалшизми порлетарӣ, бародарӣ ва дӯстии халқҳои баробарҳуқуқ ва соҳибихтиёр буд, ки аз зулми сотсиалӣ ва миллӣ озод шуда, дар таҳти роҳбарии Партияи Коммунистӣ қатъиян ва ба таври ҷиддӣ роҳи сохтмони сотсиализм ва коммунизмро пеш гирифта буданд.

Моҳи июли соли 1923 Комитети Иҷроияи Марказии СССР Конституцсияи иттифоқиро қабул кард. 31 январи соли 1924 онро съезди Умумииттифоқии Советҳо тасдиқ намуд.

Конституцсияи СССР принсипҳои ленинии интернатсионализми пролетарӣ ва сетрализми демократиро ба асос гирифта, принсипҳои ихтиёрӣ ва баробарҳуқуқии дар давлати иттифоқӣ мутаҳид шудани республикаҳоро қонунӣ гардонд, стурктура ва ваколати органҳои олии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии Иттифоқи РСС-ро муқаррар намуд. Дар он дар бораи ҳуқуқҳои соҳибихтиёрии республикаҳои иттифоқӣ ва онҳоро муҳофизат намудани Иттифоқӣ РСС, дар бораи ҳуқуқи аз Иттифоқ озодона баромадани ҳар як республикаи иттифоқӣ, дар хусуси имконияти танҳо бо ризоияти иттифоқи тағйир дода шудани территорияи он, дар бораи гражданияти ягонаи иттифоқӣ бо нигоҳ дошта шудани табааи граждании республикаҳо нуқтаҳо буданд. Конституцсияи сохти дупалатагии Комитети Иҷроияи Марказии СССР-ро, ки дар ин маврид яке аз палатаҳо Совети Миллатҳо органи ифодакунандаи манфиатҳои махсуси миллатҳо мебошад, муқаррар кард.

Конституцсияии соли 1924-и СССР барои пойдор гардидани ягонагӣ, дӯстӣ ва ҳамкории тамоми миллат ва халқиятҳо дар системаи давлати ягонаи иттифоқӣ асоси қонунгузорӣ ба вуҷуд овард. Дар ҳамин аст аҳамияти бузурги байналхалқии он.

Қай кардан зарур аст, ки ташкилшавии Иттиҳоди Шӯравӣ ва қабули Конституцсияи соли 1924-и СССР заминаи тақсимоти миллии ҳудудии соли 1924 гаштааст. Дар вақти тақсимоти миллии ҳудуди гузаронидан дар Осиёи Миёна Тоҷикиситон бо сабабҳои гуногун ба ҳйати Узбекистон гузашт, ки ин аз ҳама фоҷиаи калон барои миллати тоҷик буд. Дар соли 1927 Конституцсияи ҶШС Узбекистон дар асоси Конституцсияи соли 1924-и СССР қабул карда шуд. Аз сабаби оне ки мо дар ҳайати Узбекистон будем ҳамин Конституцсияи ҶШС Узбекистонро итоат мекардем. Дар ҳайти Узбекистон мондани Тоҷикистонро дар 27 октябри соли 1924 иҷлосияи дуюми КИМи ИҶШС ташкилёбии Ҷумҳурии Мухтории Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистонро дар ҳайати ҶШС Узбекистон тасдиқ кард.

Оғози фаъолияти қонунгузорӣ ва мураттабсозӣ (кодификация) дар Тоҷикистон ба фикри баъзе олимон ба ҳамроҳ кардани он ба ҳайати давлати шӯравӣ алоқаманд аст. «Муқаррар кардани ҳокимияти шӯравӣ дар қаламрави Тоҷикистон дар солҳои 20-уми асри ХХ гузариш аз давлати теократии исломӣ бо низоми ҳуқуқи мусулмониро ба давлати дунявӣ бо анъанаҳои

қонунгузории русиягӣ ва қисман низоми ҳуқуқии романно-олмонӣ ифода мекунад» Вале бояд қайд кард, ки дар ноҳия ва шаҳрҳои шимолии Тоҷикистон, ҳоло вилояти Суғд, дар Помир ин раванд ҳанӯз чанде барвақт аз давраи дар асри Х1Х ба ҳайати Русия ҳамроҳ кардани онҳо оғоз ёфта буд.

Адабиёт:

1. Конституцсияи сотсиализми мутаррақӣ. – Душанбе: Ирфон, 1979. – С. 10-11; 111-112.
2. Конституцсияҳои Тоҷикистон: пайдоишӣ, Ҷамшедов Ҷ., Шарипов Т. – Душанбе, 2014. – С. 78. 93-95.
3. Нематов А.Р. Кодификация законодательства Республики Таджикистан. – М., 2008. – С. 9.

Калидвожаҳо: *Конституцсия, ҳуқуқ, ҳокимият, инқилоб, руссия подшоҳии, сохтор, синфҳо, сотсиализм.*

Аннотация

РАЗВИТИЕ КОНСТИТУЦИОННО-ПРАВОВЫХ ЯВЛЕНИЙ И ИСТОРИЯ КОНСТИТУЦИИ СОВЕТСКОЙ ЭПОХИ

До 1917 года все территории Средней Азии были управляемым со стороны Царской России потому, что вся Средняя Азия была заваевана этой страной. Когда Царская Россия охватила Среднию Азию был создан Туркестанский округ с его генерал-губернаторством.

Калючевые слова: *Конституция, права, власть, революция, российская империя, средная Азии, царь, структура, классы, социализм.*

Annotation

THE DEVELOPMENT OF CONSTITUTIONAL LEGAL PHENOMENA AND THE HISTORY OF THE CONSTITUTION OF THE SOVIET ERA

Since the entire Central Asian republics were conquered by the Tsarist Russia they were under Russia's control until 1917. When Tsarist Russia occupied Central Asia a Turkestan district with its governor-general was created.

Keywords: *Construction, law, authority, revolution, Russian empire, middle Asia, king, structure, classes, socialism.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Саъдоншоева Азима, магистранти соли якуми факултети таърихи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Роҳбари илмӣ: Буризода Э.

Сведения об авторе: Саъдоншоева Азима, магистрантка первого года исторического факультета ТГПУ имени С. Айни

About the author: Saqdonshoeva Azima, the the first year master student, the Faculty of History of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini

Валиев Ҷамшед Абдурасулович,
ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ
Ҳафизова Шукрона Маҳмадхоновна,
омӯзгори Муассисаи таҳсилоти миналі умумии №100, н.Шоҳмансур, ш. Душанбе
Ҳалимзода Шоҳрух Абдунаим,
донишҷӯи соли чоруми факултети филологияи тоҷик

СОЛИ САЙЁҲӢ ВА РУШДИ ДЕҲОТ – ОМИЛИ ПЕШРАФТИ ЗИНДАГИИ ШОИСТАИ МАРДУМ

Барои вусъат бахшидан ва бо дар назардошти зарурати инкишофёбии инфрасохтории деҳот, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Парлумони мамлакат солҳои 2019-2021-ро солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунаҳои мардумӣ эълон намуд [1, 4].

Чуноне ки сарвари давлат зикр намуданд, “Барои бунёд намудани инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ ва омода намудани даҳҳо ва садҳо ҳазор ҳунармандони соҳибкасб ва дорои ҳунарҳои мардумӣ як сол кифоя нест. Ба ҳамин хотир барои рушди инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар бояд тадбирҳои зарурию иловагӣ андешида шаванд” [1, 4].

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар омили муҳими мусоидаткунандаи рушди ҷомеа ва рӯйдоди сарнавиштсоз маҳсуб ёфта, дар назди қишрҳои ҷомеа вазифаи муҳимро мегузорад, ки иҷрои онҳо рушду тавсеаи кишвари моро дар соли ҷорӣ ва ояндаи наздик таъмин менамояд. Паёми навбатӣ инъикосгари воқеии пешрафту шукуфоии Тоҷикистони маҳбуб ва идомаи бунёдкориву созандагӣ ҷиҳати таъмини зиндагии шоистаи сокинони мамлакат ба ҳисоб меравад.

Тавассути Паёми Сарвари давлат саҳифаҳои кору пайкори миллати тоҷикро варақгардон намуда, роҳҳои таҳкими минбаъдаи рушди устувори сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакатро муайян намуданд. Аз ин рӯ дар кишвари азизамон корҳои ободониву созандагӣ, аз ҷумла марказҳои саломатӣ дар деҳот, мактабу кӯдакистонҳо, корхонаҳои нави саноатӣ, биноҳои нави маъмури маишӣ, шӯъбаҳои корҳои дохилӣ, амният, адлия, суд, нозироти андоз, роҳҳои мошингард, боғҳои фарҳангӣ, қасрҳои фарҳангӣ, зеристгоҳҳои барқӣ, майдончаҳои варзишӣ, таҷдиду азнавсозии нерӯгоҳи барқии обӣ идома ёфта истодааст. Дар аксари шаҳру ноҳияҳо майдони Парчам ва Рамзи давлатӣ бунёд ёфта, барои истироҳати сокинон боғу гулгаштҳо сохта шудаанд.

Дар роҳи инкишофи ҳунарҳои санъати дастӣ, муаммоҳои гуногун нуҳуфтаанд, ҳатто бархе аз онҳо дар ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон қариб аз байн рафтаанд. Бинобар ин, ҳоло зарурати ҳалли масъалаҳои марбут ба рушди ин намуди санъат ба миён омадааст. Пеш аз ҳама, санъати амалии халқӣ барои пайдо намудани ҳунармандони нав ва пешкаши мардум намудани ҳунари онҳо ба дастгирии ҳамаҷониба ниёз дорад.

Дар доираи татбиқи иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ то имрӯз даҳҳо мактаби ҳунармандон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриамон ташкил шуда, фаъолият намуда истодаанд. Дар ин мактабҳо аз рӯи усули анъанавии миллии «устод-шогирд» шогирдон тарбия меёбанд.

Дар ноҳияи Фархор низ дар доираи татбиқи иҷрои супоришҳо аз соли 2019 сар карда то имрӯз марказҳои касбомӯзи, ҳунармандӣ, дӯзандагӣ ва ба истифода додани якчанд иншооти вобаста ба соҳаи турризм сохта шуд, ки мо барои таҳлил ва баррасӣ яке аз деҳаҳои ин ноҳияро мисол оварда метавонем. Деҳаи Баҳористон, деҳае мебошад, ки баъди Паёми Сарвари давлат ба Маҷлиси Олии кишвар сокинони ин деҳа як қатор чорабиниҳоро дар сатҳи ноҳиявӣ ва вилоятӣ баргузор кардаанд, ки борҳо ба воситаи шабакаи фарҳангии телевизиони Сафина ба намоиш гузошта шуда буд. Сокинони ин минтақа фаъолияти намоён нишон дода дар деҳа бо сарпарастии фонди махсуси Созмони Милали Муттаҳид, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати кишоварзӣ ва хоҷагии халқ дар доираи нақша чорабиниҳо ташкил намудани маркази хурди дӯзандагӣ, маркази ҳунарҳои пухтанӣ, марказҳои бофандагию ресандагӣ ташкил ва барои касбомӯзии ҷавондухтарони деҳот ба роҳ монда шуда буд.

Дар деҳаи номдори Баҳористон тибқи фармони ҳукумати ноҳия дар таърихи 07.03.2020 як чорабинии сатҳи ноҳияви гузаронида шуд ки дар ин чорабини саҳми раиси бонувони деҳа омӯзгори собиқадор ва модари меҳрубон Акрамова Момаҷон хело назаррас аст. Бо дастгирии ин модари меҳрубон дар ин чорабинии фарҳангӣ бахшида ба солҳои “Рушди деҳот сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” тамоми модарону бонувон ин деҳа саҳм гузошта ва дар ин чорабини ба намоиш гузоштани таомҳои миллӣ аз қабили оши палав, шурбо, курутоб, фатиршурбо, лагман, гандумбирён, оши бурида, шакароб, суманаки дегӣ, суманаки алови, далда ва бо орди гандуми таёр кардани навъҳои гуногуни нон аз қабили кӯлча, чапотӣ ва ба намоиш гузоштани либосҳои миллӣ дар мисоли чакани арӯсӣ, куртаи қароғи, духтани чодари арӯси ва қароғи бо иловаи болишту болопушҳои арӯси ба намоиш гузошта шуд ва яке аз модарони ин деҳа Умарова Савзагул ба иҷрои суруди “Алла” бо нишастан дар сари гаҳвораи тифл ва

ичро кардану бо як овози баланди марғуладор ва меҳри модари замзама карда шуд, ки тамоми тамошобинону иштирокунандагонро қадре ба ёди овони тифлию домони модар ва хоби ноз дар гавҳораи малакутӣ бурд. Ин модари ҳунарманд дар ин чорабинӣ аз тарафи ҳукумати ноҳия бинобар сабаби иштироки фаъолона доштанаш бо ифтихорнома сарфароз ва қадрдони карда шуд. Дар баробари занон, мардони деҳа низ саҳмгузор буда дар як тарафи намоиш ба бофтани намад ва тарошидани асбобҳои чӯбӣ ҳунарашонро нишон додаанд. Яке аз устоҳои моҳир ва чирадаст ин Қурбонов Усто Ҳугмат ва дигаре Саидмиров Мирзохон мебошад, ки яке ба синни 102 солагӣ ва дигаре ба синни 88 солагӣ раида бошанд, ҳам дар тарошидани асбобу олоти кории рӯзғор бо чуби одии маҳалӣ ҳамто надоранд. Асбобҳо ва олоти тарошидаи ин устоҳои моҳир аз қабили дутор, дастаҳои дос, бел, каланд ва дигар олоти кишоварзӣ буда дар тарошидан ва сохтани гавҳора ба қавли шоири муосири тоҷик Бозор Собир “Гавҳораи сабзи малакутӣ” маҳорати баланд доранд ва дар деҳа барои омӯзонидани ин касб ба ҷавонон бетараф набуда, як чанд шогирдро тарбия кардаанд, ки инҳо Исупов Файзулло ва Исупов Фаррух буда, ин шогирдон мисли устодони худ дар тарошидани табақи чубин, қошуқҳои чубин, чаққуб маҳорати баланди касбӣ пайдо кардаанд.

Ногуфта намонад, ки яке аз сокини ҳамин деҳа Набиева Тозагул ба ғайр аз оне ки модари меҳрубону кадбонуи хонадонаш мебошад барои касбомӯзии ҷавондухтарони деҳа саҳми арзанда гузошта дар коргоҳи хурди ташкилкардааш дар як вақт ба 17 ҷавондухтари деҳот касби дӯзандагиро меомӯзонад, ки дар ин коргоҳи хурд аз қабили куртаи миллии одии занона инчунин либосҳои атласу адрас, чакани арусонаву чодари арӯсона, куртаи қароғи ва духтани тоқии зардӯзи ва тоқии милии кулобӣ, поповӣ задани чодари арӯсӣ, поповӣ задани болиштҳо машғул буда модари меҳрубон дар якчанд озмунҳои сатҳи ноҳиявӣ ва вилоятӣ иштирок карда, соли 2020 аз тарафи ҳукумати вилоят бо гирифтани дипломи дараҷаи 2 қадрдони карда шуд.

Дар деҳа ба ғайр аз ин боз 11 хоҷагӣ барои сохтан ва обод кардани деҳа боғҳои мевадиҳанда бунёд кардаанд, ки ҳамасола аз ҳисоби меваҳои ин боғот ба бозори маҳаллӣ ва ноҳиявӣ пешкаш карда мешавад. Яке аз чунин хоҷагиҳои номдор ин хоҷагии Раҳмонова Латофат мебошад, ҳамроҳи фарзандонаш ба ташкил намудани 2 гектар боғи мевадиҳанда муваффақ шудаанд ва ҳамасола аз тарафи ин хоҷагӣ меваҳои тару хушк, коркарди шарбат ва меваҳои консервагардида ба бозори маҳаллӣ пешкаш карда мешавад инчунин аз ҳисоби фонди махсуси шуғли аҳолӣ ва захираи оилавиаш ин модар як коргоҳи хурди бофандагӣ дар хонаи истиқоматиаш ба роҳ мондааст, ки дар як вақт ба 17 ҷавондухтари деҳа аз ҳунари бофандагӣ омӯзонида мешавад, ки аз тарафи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ бо сертификати махсус соҳибкасб карда шудаанд. Дар соли ҷорӣ аз тарафи фонди махсуси Вазорати корҳои дохила ба 520 ҷавондухтари дигар марказҳои касбомӯзи кушода шуд, ки аз соли 2019 сар карда то ин замон ба 800 нафар занону духтарон касб омӯзонида шудааст.

Аз тарафи раиси бонувони деҳабо дастгирии бонувони таҷриба дида гурӯҳи кории “Хонуми хонумон” ташкил карда шудааст, ки кор ва барномаи ин гурӯҳ маслиҳат ба оилаҳои ҷавон, фаҳмонидани рӯзу рӯзгордорӣ ва аз тарафи шахсони саховатпеша ташкил кардани фонди махсус ва кӯмакпулӣ ба оилаҳои ҷавону камбизоат буда, то ҳол ба 20 оилаи ҷавон кӯмакпулӣ дар ҳаҷми 400 сомони кӯмак карда шудааст.

Санъати ороишӣ, ки робитаи хеле зич дорад бо зиндагии мо, тавассути офаридани ашёи гуногун ва ороиши меъмори амалӣ мешавад. Инкишофи ҳунарҳои меъмори, кулолгарӣ, мисгарӣ, заргарӣ, колинбофӣ ва кашидадузӣ ба рушди наққошӣ низ мусоидат кардааст.Ороиши либос бо зардузию кашидадузӣ, гулдузии куртаҳои чакани халқҳои Осиёи Миёна ҳар яке бо сабки хос инкишоф ёфтаанд, зеро дар тӯли асрҳо ороиши сару либос (бисёртар дар кӯҳистон), ҷиҳози хона ва ашёи рӯзгор, хуллас, аз бисоти тифл то ҷиҳози арусӣ, дар худи хонаводаҳо ба ичро расонида мешуд.

Ҳамин тавр, инъикоси анъанаҳои миллӣ дар офаридани осори ҳунарҳои мардумӣ ба инкишофи ҳисси худшиносӣ, ватандориву ифтихори миллӣ, инчунин такмили маҳорат мусоидат намуда дар иншоотҳои вобаста ба соҳаи сайёҳи бештар таҷассум мегарданд.

Барои иншооти сайёҳӣ ва гулгашту роҳои маҳаллӣ аз тарафи яке аз шахсиятҳои бонуфузи деҳа Абдуқодири Абдуққаҳор як “Маҷмааи фарҳангиву фароғатии Баҳористон” сохта шуд, ки дар як вақт барои 100 нафар мизоҷ хизмат карда метавонад. Девору сутунҳои ин иншоот пурра бо нақшу нигори миллӣ оро дода шудааст, ки диққати сайёҳонро ба худ ҷалб карда, то имрӯз ба ин маҷмаа ташриф овардани сайёҳон аз аврупо мушоҳида карда шуд. Инчунин ин маҷмаа иқтидори гузаронидани ҷашну маросимҳо рӯзҳои фарҳангӣ, иду маросимҳои миллиро низ дорад, дар ин маҷмаа 10 нафар сокинони деҳа ба ҷои кори доимӣ таъмин гардидаанд ва дар оянда аз тарафи ин шахсият ба нақша гирифтани 2 ҳавзи моҳипарварӣ, мунфарш ва чароғон кардани як километр роҳи маҳаллӣ ва сохтани як боғи фарҳангӣ инчунин сохтани як ҳавзи шиноварии кӯдакона ба нақша гирифта шудааст.

Аслан, таҷассуми ҳунарҳои миллӣ дар ороиши сару либос, ҷиҳози хона, муҳити зист ва ғайра мушоҳида мешавад. Масалан, барои омӯзиши таърихи либос асарҳои санъати тасвирӣ, меъморӣ, адабиёт, ҳуҷҷатҳои таърихие, ки зиндагии маишии мардум ва фарҳанги даврахои гузаштаро инъикос месозанд, сарчашмаҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд. Шакл ва хусусияти сару либос дар ҳама давру замон фарҳанги маънавии халқ, урфу одат ва муносибати мардумро ба ин ё он падидаву ҳодиса нишон медиҳад. Тағйири

шаклу намуди ҳамаи навъҳои либоси миллӣ ба хусусияти ин ё он минтақа вобаста аст. Аз ин рӯ, омӯзиши либоси миллӣ ва тағйири шаклҳои он робитаи либосро бо таърихи этникии миллӣ ошкор месозад. Дар замони мо як қатор амалҳое, ки пештар дастӣ иҷро мешуданд, тавассути компютерҳо тарҳрезӣ мешаванд. Бешубҳа, хуб аст, ки устоҳо аз дастовардҳои ҷаҳони муосир бархурдор мегарданд, аммо фаромӯш набояд кард, ки ҳунари анъанавии тоҷикон аз кучо сарчашма гирифтааст ва корҳои эҷодии ҳунармандон бо кадом технология офарида мешаванд. Гузашта аз ин, устоҳо ва касбомӯзон бояд аз анъанаҳои ҳунармандии халқи тоҷик огоҳ бошанд. Зарур аст, ҳангоми омӯзонидани ин касбҳо аз қабили кандакорӣ, гаҷкорӣ, нақкошӣ, кашидадӯзӣ, кундалрезӣ, армуғонсозӣ ва ғайра анъанаҳои миллии халқамон самаранок истифода шаванд. Масалан, табақтарошӣ яке аз ҳунарҳои суннатии тоҷикон аст, ки ба сохтани табақ, кафлесу қошуқ ва дигар зарфҳои чӯбӣ марбут мебошад. Дар замони мо тадқиқоти илмӣ дар соҳаи тарбияи ҷавонон бо назардошти таълими ҳунарҳои мардуми мавқеи назаррасро ишғол мекунад. Хадафи олимон баҳодихӣ ва таҳлили рушди ҳунарманди ва таъсири он, ба ҷавонон омузонидани ҳунарҳои аҷдодӣ, бо такя ба онҳо ташаккул додани ҳунарҳои наву муосир мебошад.

Маҳсади асосии баргузории чорабинӣ ин эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ ва таомҳои миллӣ, дарёфти пазандагон ва ҳунармандони мардумӣ буда, дар ҷараёни он тарғибу ташвиқ ва тарбияи насли наврас бо мақсади эҳтиром ва арҷгузорӣ ба урфу одат ва ҳунарҳои миллии ниёгон мебошад.

Дар ҷараёни чорабинӣ дастранҷи ҳунармандони мардумӣ ва таомҳои омоданамудаи ошпазон аз ҷониби ҳакамон баҳо дода шуда, ғолибон бо тӯҳфаҳои хотиравӣ ва сипосномаҳо сарфароз гардонида шуданд.

Бояд қайд кард, ки баргузории чунин намоишҳо ба рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ мусоидат намуда, он муаррифгари кишвар дар арсаи байналмилалӣ мегардад.

Лозим ба ёдоварист, ки чунин намоиш-озмунҳо дар доираи нақшаи чорабиниҳо бахшида ба солҳои “Рушди деҳот сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» минбаъд низ баргузор карда мешаванд. Истиқлолият дар баробари дигар музаффариятҳояш ба миллати мо дастовардҳоеро рӯйи кор овард, ки хурду калони мо то истиқлолият орзуи онҳоро дар дил мепарвариданд. Мо ҷавононро ҳам дар баробари дигар ашхоси ҷомеа ҳар пешравию комёбии кишварамон хурсанд мекунад ва агар вобаста ба мактабу маориф дастовардҳо ба даст биёянд, дучанд хурсанд мешавем. Аз калонсолоне, ки даврони шӯравӣ ҳаёт ба сар бурдаанд, бисёр шунидаем, ки мегӯянд: бештари китобхонаву дабистонҳои замони шӯравии кишвари мо, хусусан дар деҳот дар ҳолати тоқатфарсо қарор доштанд. Асбобу анҷоми ҳозиразамони китобмонӣ як сӯ истад, дар бисёр китобхонаҳо мизу курсии “сиҳат” камтар ба назар мерасид, ки ин албатта ба хониши хонандагон таъсири манфӣ мерасонд. Метавон аз норасоиҳои соҳаи фарҳангу маориф ва хусусан китобхонаҳои то истиқлолият зиёд ҳарф зад, вале насли имрӯзаи мо албатта шояд гумон бикунад, ки “то имрӯз ҳамин хел дастовардҳо мавҷуд буд”…

Мо хушбахтем, ки имрӯз дар толорҳои равшан ва барҳавои мактабу китобхонаҳо, коллеҷу дошишгоҳҳо, ки мизу курсии наву замонавӣ доранд, сари китобхонӣ ва машғулиятҳо менишинем, аз технологияи иттилоотии имрӯза бархӯрдор ҳастем. Албатта дастовардҳои замони истиқлолият хеле зиёданд.

Дар баробари дигар аъзоёни ҷомеа мо ҷавонон низ имрӯз нисбат ба дирӯз бояд масъулияти бештар эҳсос бикунем, зеро замони имрӯза аз 25-30 соли қаблӣ бо суръати кайҳонӣ пеш рафтани техника ва илм фарқ мекунад ва насли ояндасози мо ҳам набояд аз замона ақиб монад.

Дар Паёмашон Президенти мамлакат қайд намуданд, ки бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ дар кишвар эълон шудани солҳои 2019-2021 – “Солҳои рушди деҳот сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” хеле бамаврид аст. Зеро табиат ва иқлими Тоҷикистон барои ба роҳ мондани хизматрасонии муосири сайёҳӣ ва инкишофи намудҳои гуногуни он заминаи мусоид фароҳам овардааст. Танҳо зарур аст, ки дар мамлакат инфрасохтори муосир бунёд ва сифати хизматрасонӣ дар сатҳи байналмилалӣ ҷорӣ карда шавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақа воҳеан ҳам сарзамини биҳиштосо, осоишта ва афсонавӣ буда, эълон гардидани “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” бозгӯйи пешрафти муносибат дар ин самт, аз ҷумла бо ҷойҳои корӣ таъмин намудани аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, муаррифии таъриху фарҳанг ва анъанаҳои хоси миллиамон мебошад [2, 3].

Мо ҷавонон ҳам дар баробари омӯзиши пайваста ва азбар намудани илму технологияи муосир бояд масъулиятро дар заминаи самтҳои асосии сиёсати давлат дар соҳаи мактабу маориф ба роҳ монем ва шоистаи гузаштагони барӯманди миллати хеш бошем.

Соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба муқаддасоти миллӣ, таъриху маданият ва арзишҳои миллӣ муносибати навро тақозо мекунад. Тарбияву саводноккунонии ҳар шаҳрванди шоистаи Ватан мақсади асосии соҳаи маориф буда, тавассути ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, эҳтироми муқаддасот ва омӯзиши таърихи қадимаи халқ, истифодаи самараноки комёбиҳои илми муосир ба даст меояд. Мо устодон низ чун дигар аъзоёни ҷамъияти кишвари хеш пайравони Пешвои миллат ҳастем ва дар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар канор намонда, ҳамроҳи дигар кормандони соҳаҳои гуногун бояд ҳиссаи арзандаи хешро гузорем.

Адабиёт:

1. Бонувони Тоҷикистон. – Душанбе: 2019, январ с. 3-4.
2. Ганҷ. Ҳаким Каримов. – Душанбе: 2018, №10. – 120 с.
3. Исматдинов М. Паёми нусратҳои тоза. – Душанбе: Маорифи Тоҷикистон, №1, 2019. с. 14-17.
4. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, ба Маҷлиси Олӣ. – Душанбе, 26-уми декабри соли 2018, Кохи Сомон.
5. Садои шарқ. – Душанбе, №1, 2019. 1– май с. 3-29.
6. www.TBC. тj

Калидвожаҳо: *сайёҳӣ, рушди сайёҳӣ, деҳот, рушди деҳот, ҳунарҳои мардумӣ, зиндагии шоиста, мардум, деҳа, маҳал, ноҳия, шаҳр, Фархор, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳунарҳои миллӣ.*

Аннотатция

ГОД ТУРИЗМА И СЕЛЬСКОГО РАЗВИТИЯ - ФАКТОР РАЗВИТИЯ ДОПОЛНЕННОЙ ЖИЗНИ НАРОДОВ

В этой статье рассматриваются сильные стороны послания лидера нации. И с 2019 года по сегодняшний день считаются достижения в этой области. Из содержания статьи понятно, что для выполнения приказов и указаний и реализации мероприятий в этом направлении необходимо строительство ряда туристических объектов во всех уголках страны.

Ключевые слова: *туризм, развитие туризма, село, развитие села, народные промыслы, достойная жизнь, люди, село, местность, район, город, Пархар, Республика Таджикистан, народные промыслы.*

Annotation

THE YEAR OF TOURISM AND RURAL DEVELOPMENT AS THE FACTOR OF THE DEVELOPMENT OF SUPPLEMENTED LIFE OF PEOPLE

This article discusses the strong points of the message of the Leader of the nation. And from 2019 to date, achievements in this area are considered. From the content of the article it is clear that for the implementation of orders and instructions and the implementation of measures in this direction and the contruction of a number of tourist in all corners of the country are required to build..

Keywords: *tourism, tourism development, village, rural development, folk crafts, decent life, people, village, locality, district, city, Parkhar, Republic of Tajikistan, folk crafts.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Валиев Ҷамшед Абдурасулович, ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ, муовини декан оид ба корҳои тарбиявии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Телефон: 907048591

Ҳафизова Шукрона Маҳмадхоновна, омӯзгори Муассисаи таҳсилоти минаи умумии №100, н.Шоҳмансур, ш. Душанбе

Ҳалимзода Шоҳрух Абдунаим, донишҷӯи соли чоруми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: 550751575.

Сведения об авторах: Валиев Джамшед Абдурасулович, ассистенти кафедра теория и практики лингвистика, заместитель декана по учебной работе ТГПУ им. Садриддина Айни. Телефон: 907048591

Хафизова Шукрона Махмадхоновна, преподаватель ГОУ №100, Шохмансурского района, г. Душанбе.

Халимзода Шохрух Абдунаим, четвертом курсе факультета таджикской филологии ТГПУ па имени С. Айни. Телефон: 550751575.

About the authors: Valiev Jamshed Abdurasulovich, assistant of the Department of Theory and practice of linguistics, Deputy Dean for Educational Affairs of Sadriddin Aini Tajik State University. Phone number: 907048591

Hafizova Shukrona Mahmadhkonovna, Teacher of General Mine Educational Institution №100, Shohmansur district, Dushanbe city.

Halimzoda Shohrukh Abdunaim, is a fourth-year student of the Tajik Philology faculty, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. Phone number: 550751575.

Холиқов Хуршед,
магистранти соли дуюми факултети химия

ТАҒИЙРЁБИИ ТАРКИБИ ХИМИЯВИИ ҲАВОИ ҶОИ КОР АЗ ТАЪСИРИ ОМИЛҲОИ БЕРУНА

Тамоми фаъолияти ҳаётии организмҳои зинда, аз ҷумла инсон дар зери таъсири қабати поёнии ҳавои атмосфера мегузарад. Аз ин рӯ тағйирёбии таркиби химиявии ҳаво ба тағйирёбии хосиятҳои физикии он оварда расонида, ба организмҳои зинда, аз ҷумла инсон таъсири номатлуб мерасонад. Дар навбати худ дар замони муосир фаъолияти инсон низ боиси тағйирёбии таркиби химиявӣ ва хосиятҳои физикии ҳаво гашта ба яке аз масъалаҳои ҳалталаби экологӣ табдил ёфтааст. Табиист, ки аз нисф зиёди фаъолияти инсон дар муҳити истеҳсолӣва омилҳои раванди меҳнат, ки дар якҷояги шароити меҳнатро ташкил мекунанд, мегузарад. Ба саломатии инсон, аниқтараш фаъолияти ҳаётӣ ва меҳнатии он бештар омилҳои хатарнок ва зарарноки ҷои кор таъсир меасонад. Яке аз қисмҳои таркибӣ ва асосии омилҳои зарарноки истеҳсолӣ ин тағйирёбии таркиби химиявии ҳаво аст.

Тағйирёбии таркиби химиявии ҳавои ҷои кор таъсири бевоситаи манфӣ ба организми инсон расонида, боиси вайроншавии кори мӯътадили аъзову узвҳо, вайроншавии ҳолати мӯътадили бадан, пастшавии фаъолияти меҳнатӣ, ки ба сар задании садамаҳо, таркишҳо, оташ ва дигар ҳодисаҳои нохуш дар раванди меҳнат мегарданд, дохил мешаванд. Инсон метавонад, ки ба хатар дар вақти фаъолияти меҳнатиаш гирифтор шавад. Ин фаъолият дар фазое амалӣ мегардад, ки онро муҳити истеҳсолӣ меноманд [1, 3]. Дар муҳити истеҳсолӣ ба организми инсон асосан омилҳои техногенӣ - он омилҳое, ки ба техника вобастагӣ доранд таъсир мерасонанд. Ин омилҳоро ба омилҳои хатарнок ва зарарнок ҷудо мекунанд. Дар зери мавҳуми хатар одатан ҳодисаҳо, равандҳо, объектҳое дар назар дошта мешаванд, ки дар шароити муайян ба саломатии инсон бевосита ё бавосита таъсир расонида, боиси оқибатҳои нохуш мегарданд. Хатар- омил ё ҳолетест, ки дар як мавриди муайян метавонад, ки ба организми инсон зиён оварда, вазъи саломатиашро якбора бад гардонад, ба моликияташ ва муҳити истеҳсолӣ зарар расонад. (Системы управления профессиональной безопасности и здоровья OHSAS 18001: 1999).

Омилҳои истеҳсолии хатарнок он омилҳои истеҳсолие мебошанд, ки аз таъсири онҳо организми коргар ҷароҳати чисмонӣ гирифта муваққатан корношоям мегардад, ё вазъи саломатиаш якбора бад шуда то ба марг оварда мерасонад. Чароҳат – ин захмёбии бофтаҳои организм аз таъсироти беруна ва вайроншавии функсияҳои биологии онҳо мебошад.

Омилҳои зарарноки истеҳсолӣ омилҳое истеҳсолие мебошанд, ки аз таъсири он дар шароити муайян организми корманд бемор мешавад ё худ фаъолияти меҳнатиаш паст мегардад. Бемориҳое, ки аз таъсири омилҳои зарарноки истеҳсолӣ ба организми корманд сар мезананд, бемориҳои касбӣ ном доранд. Ба омилҳои зарарноки истеҳсолӣ омилҳои зерин мансубанд:

- шароитҳои номусоиди метеорологӣ дар минтакаи истеҳсолӣ; зиёдшавии чангу ғубор ва газҳои гуногун дар муҳити ҳавои ҷои кор; таъсири ғулғула, инфра- ва ултрасадоҳо, ларзиш ба организми коргарон; мавҷудияти майдони электромагнитӣ, манбаҳои ионофар, нурҳои лазерӣ ва рӯшноии аз меъёрҳои мукарраргардида зиёд ва ғайраҳо

Ҳамаи омилҳои хатарнок ва зарарноки истеҳсолӣ дар асоси талаботҳои СД (ГОСТ) 12.0.003-74 ба омилҳои физикӣ, химиявӣ, биологӣ ва психофизиологӣ ҷудо мешаванд.

Ба омилҳои физикӣ қувваи барқ, энергияи кинетики дастгоҳҳои ҳаракаткунанда ё қисмҳои он, зиёдшавии фишори буғҳо ё газҳо дар лӯлаҳо, ғулғула, ларзиш, инфра- ва ултрасадоҳо, рӯшноии табиӣ ва сунъӣ, майдони электромагнитӣ, манбаҳои ионофар дохил мешаванд.

Омилҳои химиявӣ моддаҳои химиявии барои организми инсон зараровар дар ҳолатҳои гуногун (газ, сахт, моеъ) мебошанд.

Омилҳои биологӣ – ин таъсири микроорганизмҳои гуногун, инчунин ҳайвонот ва растаниҳо ба организми инсон мебошад.

Омилҳои психофизиологӣ- ин зиёдшавии меҳнати ҷисмонӣ ва равонӣ, мондашавии ақлонӣ, якрангии меҳнат.

Меъёрҳои амалкунандаи бехатарӣ ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешавад: ҳадди ҷоизи имконпазир (ПДК), ки мавҷудияти миқдори безарари моддаҳои зарарноки химиявӣ ва микроорганизмҳоро дар ҳавои ҷои кор муайян менамояд; сатҳи ҷоизи имконпазир (ПДУ), ки таъсири омилҳои гуногуни зарарнок ва хатарноки физикиро (ғулғула, ларзиш, ултра- ва инфрасадоҳо, майдонҳои электромагнитӣ, нурҳои ионафкан ва ғайраҳо).

Ба омилҳои зарарноки истеҳсолии химиявӣ моддаҳои химиявӣ ва омехтаи онҳо дохил мешаванд, аз ҷумла якчанд моддаҳои табиати биологӣ дошта, ба монанди антибиотикҳо, витаминҳо, ҳормонҳо, ферментҳо, препаратҳои сафедагӣ, ки бо роҳи синтези химиявӣ ҳосил намуда, барои назораташон аз усулҳои химиявӣ ва физико-химиявии таҳлил истифода мебаранд. Аз рӯи дараҷаи таъсирашон ба организми инсон моддаҳои зарарноки таркиби ҳавои ҷои кор ба чор синфи хатарнок ҷудо мешаванд:

- махсусан хатарнок: ПДК < 0,1 мг/м 3 (симоб, сурб, арсен, кадмий, фосфотидҳо);
- хатарнокиашон баланд: ПДК аз 0,1 то 1,0 мг/м^3 (бензол, йод, манган);
- якхел хатарнок: ПДК аз 1,1 то 10,0 мг/м^3 (ацетон, спирти метил);
- хатарнокиашон кам: ПДК > 10,0 мг/м^3 (аммиак, скипидар, спирти этил) [5, 7].

Аз рӯи шакли таъсирашон моддаҳои зарарнок чунин тавсиф мешаванд:

- умумитоксикӣ – тамоми организмро заҳролуд менамоянд (СО – гази ғубор, бензол, симоб, сурб, сианидҳо, арсенидҳо, пайвастагиҳои арсен);
- барангезанда (хлор, аммиак, гази сулфид, атсетон);
- аллергенҳо (формалдегидҳо, ҳалкунандаҳо ва рангҳо дар асоси нитропайвастагиҳои органикӣ);
- кансерогенҳо – барангезандагони беморихои саратонӣ (никел, пайвастагиҳои хром, асбест, аминҳо ва ғайраҳо);
- мутагенҳо – таъсиррасонандагон ба функсияҳои репродуктивӣ (стирол, магний, симоб).

Моддаҳои зарарнок ба организми асосан бо се роҳ ворид мешаванд: системаи нафаскашӣ, ссистемаи ҳозима ва пӯст.

Мувафиқи қонунгузорӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъэктҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳти №28.06.2006 сол, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди «Низомномаи Хадамоти тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳти №184 аз 29.12. 2017 сол) органи ваколатдор оид ба амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ Хадамоти тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад [8, 9].

Барои дар амал муайянкунии таркиби химиявӣ ва хосиятҳои физикии ҳавои атмосфераи ҷои кор, инчунин муайян кардани омилҳои зарарнок ва хатарноки истеҳсолӣ мо дар якҷоягӣ бо мутахассисони бахши гигиенаи меҳнати Сарраёсати назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷойҳои кории яке аз иншоотҳои сохтмонии ҷумҳурӣ санҷишҳо гузаронидем. Дар вақти гузаронидани санҷишҳои лабораторӣ чунин таҷҳизотҳо истифода бурда шудааст: газоанализаторҳои тамғаи “ПГА-200” ва “«X-am 5600», барои муайянкардани таркиби химиявии ҳавои ҷои кор; аспиратори тамғаи ПВ-2 ва муайяянкунандаи консентратсияи чангу ғубори тамғаи “Casellae”; психрометр барои муайян намудани ҳарорати хушкӣ ва намӣ.

Натиҷаи ташхисҳои лаборатории ченкуниҳои омилҳои зарарноки химиявии ҳаво дар ҷойҳои кории қитъаи корҳои зеризаминӣ чунинанд:

Ҷадвали 1.

Натиҷаи ташхисҳои лаборатории ченкуниҳои омилҳои зарарноки истеҳсолӣ дар қитъаи корҳои зеризаминӣ

№	Ҷойҳои гирифтани намунаҳо	Игредиентҳо	Натиҷаи таҳлил	Аз ҲҶИ зиёд	ҲҶИ (ПДК)
1	Қитъаи корҳои зеризаминӣ	Оксиди карбон –(IV)	1) 0,20 мг/м^3 2) 0,38 мг/м^3 3) 0,27 мг/м^3	Зиёд нест	0,5 мг/м^3
2	-/-	Оксиди карбон –(II)	1) 34,40 мг/м^3	Зиёд аст	20,0 мг/м^3
			2) 36,50 мг/м^3	-	
			3) 36,50 мг/м^3	-	
3	-/-	Оксиди сулфур	1) 0,6 мг/м^3 2) 0,8 мг/м^3 3) 0,7 мг/м^3	Зиёд нест	3,5 мг/м^3
4	-/-	Оксиди нитроген –(IV)	1) 0,4 мг/м^3 2) 0,3 мг/м^3 3) 0,5 мг/м^3	Зиёд нест	2,5 мг/м^3

5	-/-	Оксиди нитроген –(II)	1) 3,5 мг/м³ 2) 0,5 мг/м³ 3) 1,7 мг/м³	Зиёд нест	5 мг/м³
6	-/-	Манган	1) 0,25мг/м³	Зиёд нест	0,3 мг/м³
			2) 0,25 мг/м³	-	
			3) 0,3 мг/м³	-	
7	-/-	Чангу ғубор	1) 4,15 мг/м³	-	6,0 мг/м³
			2) 5,35 мг/м³	-	
			3) 3,15 мг/м³	-	

Натиҷаи таҳлилҳои лаборатории намунаҳои омилҳои зарарноки химиявӣ чунин нишон медиҳад, ки миқдори дарёфтнамудаи оксиди карбон-(II) дар қитъаи корҳои зеризаминӣ аз 25,20 то 36,50 мг/м³ ташкил медиҳад, ки он аз миқдори ҳадди имконпазир зиёд мебошад. Миқдори манган то 3,10 мг/м³-ро ташкил менамояд, ки он аз миқдори ҳадди имконпазир зиёд нест. Миқдори дарёфтнамудаи чанги нақб дар намунаҳои гирифташуда ба 3,15-5,35 мг/м³ баробар аст, ки он аз миқдори ҳадди имконпазир зиёд нест. Барои кам кардани консентратсияи газҳое, ки аз миқдорашон аз ҳадди ҷоизи имконпазир зиёданд, аз тарафи мутахассисон нақшаи чорабиниҳо пешниҳод карда мешавад.

Адабиёт:

1. Акимов В.А. Безопасность жизнедеятельности. Безопасность в чрезвычайных ситуациях природного и техногенного характера: Учебное пособие / В.А.Акимов, Ю.Л. Воробьев, М.И. Фалеев и др. изд-е 2-е, переработ. М.: Высшая школа, 2007. – 592 с.
2. Андреев, С.В. Охрана труда от "А" до "Я": Практическое пособие. – М., 2003.
3. Безопасность жизнедеятельности [Текст]: учебник / под ред. проф. Э.А. Арустамова. – 10-е изд., перераб. и доп. – М.: Изд. дом "Дашков и Ко", 2006. 476 с.
4. Бурак И.И., Филонов В.П., Соколов С.М. Гигиена. Учеб.пособие. Мн.: Выш.шк., 2004. 256 с., с.173-220.
5. Глебова Е.В. "Производственная санитария и гигиена труда: Учеб. Пособие для вузов/ Е.В. Глебова. – М.: Высш. Шк., 2005-383.:ил.
6. ГОСТ 12.1.005-88 "Общие санитарно – гигиенические требования к воздуху рабочей зоны", утверждён и введён в действие Постановлением Государственного комитета СССР по стандартам от 29.09.88 № 3388 Переиздание (апрель 2001 г.) с Изменением № 1, принятым в июне 2000 г. (ИУС 9-2000)
7. ГОСТ 12.1.046-85 "Нормы освещения строительных площадок", утверждён и введён в действие Постановлением Государственного комитета СССР по делам строительства от 25 апреля 1985 г. № 58.
8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди «Низомномаи Хадамоти тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳти №184 аз 29.12. 2017.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъэктҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳти №1269 аз 25.12.2015 сол, 31 с.

Калидвожаҳо: *омилҳои истеҳсолӣ, омилҳои хатарнок, омилҳои зарарнок, ҳадди ҷоизи имконпазир, ингредиентҳо, аллергенҳо, мутагенҳо, консерегенҳо.*

Аннотация

ИЗМЕНЕНИЯ ХИМИЧЕСКОГО СОСТАВА ВОЗДУХА РАБОЧЕЙ ЗОНЫ ОТ ВОЗДЕЙСТВИЯ ВНЕШНИХ ФАКТОРОВ

В статье рассмотрены внешные производственные факторы, действия которых приводят к изменении химического состава воздуха рабочей зоны. Также приведены опасные и вредные факторы, негативно влияющие на здоровья человека. На примере одного из строительных объектов республики приведена результаты лабораторных измереный химического состава воздуха рабочей зоны.

Ключевые слова: *производственные факторы, опасные факторы, вредные факторы, предельно-допустимая концентрация, ингредиенты, аллергены, мутагены, консерегны*

Annotation

CHANGES IN THE CHEMICAL COMPOSITION OF THE AIR OF THE WORKING AREA FROM EXTERNAL FACTORS

The article discusses external production factors, the actions of which lead to a change in the chemical composition of the air in the working area. Dangerous and harmful factors that negatively affect human health are also given. On the example of one of the construction facilities of the republic, the results of laboratory measured chemical composition of the air of the working area are given.

Keywords: *production factors, hazardous factors, harmful factors, maximum permissible concentration, ingredients, allergens, mutagens, preserves*

Маълумот дар бораи муаллиф: Холиқов Хуршед, магистранти соли дуюми кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ, ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: Тошов А.Ф., -н.и.х. и.в. дотсенти кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикии ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

Сведения об авторе: Холиков Хуршед, магистрант второго курса кафедры общей и неорганической химии ТГПУ им. С.Айни.

About the author: Kholikov Khurshed, second year master student of the faculty of Chemistry, TSPU named after Sadriddin Aini.

Салимова Сабоҳат,
муаллимаи фаннҳои биология ва химияи МТМУ №66, шаҳри Ваҳдат
Холиқов Хуршед,
магистранти соли аввали факултети химия

ТАҒЙИРЁБИИ ТАРКИБИ ХИМИЯВИИ ҲАВОИ МУҲИТИ ЗИСТ АЗ ТАЪСИРИ ФАЪОЛИЯТИ ИНСОН

Инсон ва табиат аз ҳамдигар ҷудо нашаванда буда, ягонагии бузургро ташкил мекунанд. Барои инсон табиат ҳамчун муҳити зист ва ягона сарчашмаи қонеъ гардонандаи талабот ба ҳисоб меравад. Табиат ва сарватҳои он боигарии асосиест, ки инсон дар он умр ба сар мебарад ва ҷамъияти инсонӣ инкишоф меёбад. Ҳисоб карда шудааст, ки ҳар сол дар сайёраи Замин то 6 млрд тонна сӯзишвории шартӣ сӯзонида шуда, ба атмосфера то 20 млрд тонна газҳои карбонӣ (CO, CO_2) , 150 млн. т. гази сулфит (SO_2), бештар аз 40 млн. т. чанги хокистар ва аэрозолҳои дигар, тақрибан 600 млрд тонна пасмондаҳои саноатию маишӣ ҳамроҳ мешаванд. Дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ҳар сокин дар як сол аз 6 то 8 кг чангу ғуборро нафас мекашад. Тӯли асрҳои зиёд табиат ба таври мунтазам инкишоф ёфта, вале дар солҳои охир дар асоси таъсир расонии инсон ин инкишофёбӣ як қадар коста гардид, зеро халалдоршавӣ фаъолияти инсон, бесару сомонӣ ва муносибати ғайриоқилона вазъи экологиро шадид гардонд. Ҳаво – омехтаи газҳо буда, қабати болоии заминро иҳота кардааст. Ҳаво барои мавҷудияти ҳаёт дар сайёраи Замин зарур аст. Гази оксигене, ки дар таркиби ҳаво мавҷуд аст, дар раванди нафаскашӣ ба ҳуҷайраи организмҳои зинда ворид шуда, дар раванди оксидшавӣ (сӯзиш) иштирок менамояд, ки дар натиҷа миқдори зарурии энергия барои фаъолияти организм ҷудо мешавад (метоболизм). Дар саноат ва рӯзгор бошад бо мақсади иҷро намудани ягон миқдор кор аз ҳисоби энергияи гармӣ, оксигени ҳаворо барои сӯхтани сӯзишвориҳои гуногун истифада мебаранд. Дар натиҷаи ин раванд дар баробари гармӣ газҳои гуногун ба атмосфераи ҳаво партофта мешаванд.

Ҳанӯз дар соли 1754 олими англис Ҷозеф Блэк дар асоси таҷрибаҳо исбот намуд, ки ҳаво моддаи холиси сода набуда аз омехтаи газҳои гуногун иборат аст. Дар замони муосир бошад таркиби химиявии ҳаво боз дақиқтар муайян карда шудааст(ҷадвали 1) [1, 2].

Ҷадвали 1.

Таркиби химиявии ҳавои хушк

Модда	Аломати химиявӣ	Аз рӯи ҳаҷм(%)	Аз рӯи масса (%)
Нитроген	N_2	78,084	75,5
Оксиген	O_2	20,9476	23,15
Аргон	Ar	0,934	1,292
Гази карбонат	CO_2	0,0314	0,046
Неон	Ne	0,001818	0,0014
Криптон	Kr	0,000114	0,003
Метан	CH_4	0,0002	0,000084
Гелий	He	0,000524	0,000073
Гидроген	H_2	0,00005	0,00008
Ксенон	Xe	0,0000087	0,00004

Таркиби ҳаво начандон зиёд тағйирёфтанаш мумкин аст. Дар шаҳрҳои калони саноатӣ миқдори гази карбонат нисбат ба ҷангалзорҳову киштзорҳо зиёдтар аст. Дар баландкӯҳҳо миқдори гази оксиген нисбат ба водиҳо камтар аст. Ин ба он вобастааст, ки массаи моли гази оксиген нисбат ба нитроген вазнинтар аст, аз ин сабаб вай дар қисми поёнии ҳавои атмосфера консентратсияи нисбатан зиёдтарро дорад. Мавҷудияти буғҳои об ба тағйирёбии ҳавои атмосфера таъсири кули расониданаш мумкин аст. Консентратсияи буғҳои об аз ҳарорати ҳаво, фасли сол, иқлим вобастагӣ дорад. Дар ҳарорати 0^0C дар $1м^3$ ҳаво агар 5 г буғҳои об мавҷуд бошад, дар 100^0C он то ба 10 г мерасад.

Хосиятҳои физикии ҳаво дар ҷадвали 2 нишон дода шудаанд.

Ҷадвали 2.

Хосиятҳои физикавии ҳаво

Нишондодҳо	Қиммат
1. Массаи миёнаи молӣ	28,98 г/мол
2. Зичии ҳавои хушк дар фишори нормалии атмосфера: -25^{0}С 0^{0}С 20^{0}С	 1,424 кг/м^3 1,2929 кг/м^3 1,2047 кг/м^3
3. Гармиғунҷоиши миёнаи хос дар вақти доими будани фишор C_p	1,006кҶ/(кг·К)
4. Гармиғунҷоиши миёнаи хос дар вақти доими будани ҳаҷм C_v	0,717кҶ/(кг·К)
5. Нишондиҳандаи адиабатӣ	1,40
6. Суръати овоз дар ш.м.	331 м/сек.
7. Ҳалшавандагии ҳаво дар об	29,18 см^3/л
8. Ишондиҳандаи шикасти рӯшнои	1,0002926
9. Коэффисиенти часпакии динамики ҳаво	17,2 мкПа·с ,

Азбаски ҳаво асосан аз омехтаи газҳо иборат аст, исбот карда шудааст, ки хосиятҳои физикии ҳаво ба қонунҳои асосии газӣ мувофиқат мекунанд, яъне бо баландшавии ҳарорат фишор ва ҳаҷми он афзуда, бо пастшавии ҳарорат баръакс ин параметрҳо паст мешаванд.

Халалдор шудани муҳити табиӣ тавассути пасмондаҳои саноатӣ ва маишӣ, газҳои сӯхта, заҳрхимикатҳо ва нуриҳои химиявӣ сабаби ифлос шудани қабати атмосферӣ, нобуд шудани намудҳои зиёди набототу ҳайвонот мегардад. Элементҳои химиявӣ дар шакли моддаҳои химиявӣ бо воситаи ҳаво гардиш намуда, ба об ва хок ҳамроҳ шуда боиси ба амал омадани бемориҳои гуногун мегардад. Аз ин рӯ чорабиниҳои мушахасе андешида мешавад, то ки таркиби сарвати табиӣ ифлос нагардад ва аз тарафи инсон он ҳифз карда шавад. Дар моддаи 44 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст (1994) «Ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст». Ҳамчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба фазои атмосфера» аз 01.01.1994 сол қабул гардид, то ки муносибати инсонро ба қабати ҳавоӣ мӯътадилу оқилона созем [3, 5]. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли мушкилотҳои экологӣ фаъолона иштирок намуда, як қатор Конвенсияҳои байналмиллалии Созмони Миллалӣ Муттаҳидро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, алалхусус истифодаи оқилонаи ҳавои атмосферӣ ва ҳифзи онро тасдиқ намуд ва барои амалӣ намудани он барномаҳои миллӣ ва стратегияҳо таҳия карда аст. Атмосфера аз газҳои гуногун ва қабатҳои алоҳида иборат буда ҳар як қабат аҳамият ва вазифаи муҳими худро дорад. Масалан қабати аввалини атмосфера қабати тропосфера буда, танзимкунандаи иқлими сайёраи Замин ба ҳисоб меравад. Қабати стратосфера қабати муҳофизаткунанда аз ҷирмҳои кайҳонӣ ва фурӯбарандаи нурҳои ултробунафш аст. Қабати ионосфера қабатест, ки ионизатсияи молекулаи газҳои зиёд дошта тамоми мавҷудоти зиндаро аз таъсири радиатсияи кайҳонӣ муҳофизат мекунад.

Аҳамияти атмосфера барои табиат ва ҳаёти инсон басо калон аст. Атмосфера ҳамчун пардаи берунии замин аҳамияти химиявӣ дошта, метеоридҳои ба сатҳи замин ояндаро қудратӣ сӯзонидан дорад. Офтоб ба сӯи замин миқдори зиёди энергияро мефиристад, лекин аз ҳисоб таъсири атмосфера танҳо он миқдор энергия ба сатҳи замин мерасад, ки барои ҳаёти организмҳои зинда зарур аст. Боқимонда ё ҷаббида ё нест мешавад ва ё ба кайҳон бебозгашт бар гардонида мешавад. Агар атмосфера намебуд рӯзона ҳарорат бениҳоят гарм ва шабона бениҳоят сард мегашт. Нурҳои кӯтоҳмавҷи ултробунафш, ки барои ҳаёти организмҳо хавфноканд маҳз қабати атмосфера онро нигоҳ медорад, ки асосан ин раванд дар қабати азонӣ ба амал меояд ва мубодилаи доимиии замин ва атмосфераро таъин мекунад.

Қабати озонӣ дар болои қабати тропосфера ва поёнии стратосфера ҷойгир шуда организми зиндаро аз таъсири марговари нурҳои ултробунафши кӯтоҳмавҷи офтоб ҳифз менамояд. Ба ҳисоби миёна 19% - и нурҳои кӯтоҳмавҷи офтобро, ки ба сатҳи замин равона мешаванд, атмосфера фурӯ бурда, 30% ба кайҳон паҳн мешавад. Бақияи нурҳо 51% ба қабати сатҳи замин паҳн мегардад. Аз ин шумора тақрибан 21 % дар шакли мавҷҳои дароз ба кайҳон пас гардонида шуда, 30 % ба атмосфера дар шакли ҳарорат дода мешавад. Ба ғайр аз ин дар меъёри муайян нигоҳ доштани ҳарорат, атмосфера вазифдор аст, ки намии иқлимро низ танзим намояд. Ҷойгирии массаи ҳавои гарм ва сард, ҳамчунин абр ва маҷмӯи абрҳои сиёҳ , ҳарорати маҳал ва боришот - сарчашмаи ба амал оварандаи иқлими маҳал аст, ки бевосита нақши фишори атмосферӣ ва шамол калон аст.

Организмҳои зинда бенафас кашидан умр ба сар бурда наметавонанд, аз ин лиҳоз аҳамияти гази оксигени дар таркиби ҳаво буда, хеле нақши муҳимро мебозад. Ҳисоб карда шудааст, ки ба ҳисоби миёна инсон дар як шабонарӯз зиёда аз 500 л. гази оксигенро барои нафас кашидан истифода мебарад. Сарчашмаҳои ифлосшавии атмосфера газҳои гуногун, буғи ҳиссачаҳои гарду дуд ва маводҳои маҳлул шуда буда, барои организмҳои зинда таъсир манфӣ расонда сатҳи зисти онҳоро номӯътадил менамояд.

Сарчашмаҳои ифлосшавии атмосфераро ба ду гурӯҳ тасниф карда мешавад:

- сарчашмаи ифлосшавии табиӣ;
- сарчашмаи ифлосшавии сунъӣ.

Ифлосшавии табиӣ – ин ифлосшавиест, ки дар раванди табиӣ ба амал меояд ва ҳангоми аз ҳад зиёд ҳамроҳ гаштани чангу гардҳои табиӣ ба такриби атмосфера таркиби гази атмосфераро дигаргун мекунад. хама вақт дар такриби ҳаво чангу гарди табиӣ маҷуд аст, ки бо гуногун сарчашмаҳои табиӣ ҳамроҳ гардида аст.

Ифлосшавии табиӣ дар сурати мӯътадил буданашон ба таркиби гази атмосфера таѓийроти ҷиддӣ ба амал намеоваранд. Вале афзудани партовҳои гард, хокистар, газҳои вулкан, сӯхторҳои ҷангалу торф ба таркиби ҳавои атмосфера таѓийроти ҷиддӣ ба амал меоварад. Хусусан ба растаниҳои кишоварзӣ зарари зиёд меоваранд. Заррахои гард масомаҳои баргро маҳкам намуда, раванди физиологии онҳоро номӯътадил месозад.

Дар маҷмӯъ ифлосшавии табиии атмосфера асосан ба саломатии инсон ва мӯътадилии муҳит зараровр нест, чунки онҳо ба қонунҳои биологии танзимгари гардиши моддаҳо ва энергияи дар табиат буда мусоидат менамояд.

Ифлосшавии сунъӣ (антропогенӣ) ин таѓийрёбии таркиб ва сифати ҳавои атмосфера, ки асосан ба фаъолияти инсон вобаста аст. Сарчашмаҳои асосии ифлосшавии сунъии ҳавои атмосфера партовҳои саноатӣ, нақлиёт ва маишӣ мебошад. Аз ҷиҳати хосият ва тарзи таъсиррасонӣ ифлосшаии сунъиро ба ду гурӯҳ тасниф мекунанд:

- механикӣ;
- химиявӣ.

Ифлосшавии механикиро заррахои хурдтарини гарди корхонаҳои саноатӣ, дуди аз сӯхтани ангишт ба амал омада ташкил медиҳад.

Ба ифлосшавии химиявӣ партовҳои гардмонанду газмонанд, ки дар реаксияҳои химиявӣ қобилияти якҷоя амал карданро дорад дохил мешавад. Таркиби химиявии партовҳо ба намуди сӯзишворӣ , тарзи сӯзиш, тркиби ашёи истеҳсолӣ, технологияи истеҳсолот вобаста аст.

Аз маълумоти олимон бар меояд, ки аз ҷониби инсон ҳоло соле бештар аз 100 млрд.т. моддаҳои гуногун мавриди истифода қарор дорад. Агар бо чунин суръат истифодаи маводҳои ифлоскунанда идома ёбад, аз эҳтимол дур нест, ки то охири саддаи равон шумораи онҳо ба 300 млрд.т. мерасад. Ҳисоб карда шудааст, ки аз сӯхтани ангишт дар як сол ба атмосфера тақрибан 120 млн.т. хокистар партов мешавад. Мувофиқи маълумоти олим Д. Арманд, (1966) дар 100 соли охир ба таркиби атмосфера бештар аз 1,7 млн.т. арсен, 1,5 млн.т. никел, 1,6 млн.т. силитсий, 1,2 млн.т. гази карбон, 1млн.т. руҳ ва ҳамон қадар мис ворид гаштааст [5, 7].

Душанбе пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва калонтарин шаҳри он ба ҳисоб меравад. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ ҳудуди территориявии шаҳри Душанбе то ба имрӯз 131,4 км марббаъ буда аҳолии он 1 миллион нафарро ташкил медиҳад. Дарозии умумии роҳҳои нақлиётгарди шаҳр 705,6 км буда, масоҳати сабзазору дарахтзоронаш 74800 метри мураббаъ мебошанд. Дар айни замон дар пойтахт 230 корхонаи саноатӣ, 132 корхонаи сохтмонӣ, 38 корхонаи таробарӣ, 40 бонк, 12 меҳмонхона, 35 бемористон, 21 масҷид, 121 мактабҳои таҳсилоти умумӣ, 14 омӯзишгоҳ, 12 колеҷ, 21 донишгоҳ фаъолият менамоянд, ки ҳар кадоми онҳо барои ифлосшавии таркиби ҳавои ҳудуди фазои шаҳр як ҳиссаи муайяни партовҳоро ба атмосфера мепартоянд. Мо тасмим гирифтем муайян намоем, ки дар кадом минтақаи шаҳр ифлосшавии ҳаво аз таъсири фаъолияти ҳамарӯзаи инсон зиёд аст. Тараққиёти босуръати саноатӣ ва нақлиёт ба ифлосшавии ҳавои шаҳр бо моддаҳои захрнок таъсири худро мерасонад, ки ба он 68% нақлиёт гуннаҳкор аст. Дар ш. Душанбе ҳавои микрорайонҳои шимолӣ, комбинати гӯшт, фурудгоҳи тайёраҳо, вокзали роҳи оҳан, хиёбонҳои ба номи Ҷ. Расулов, Б.Ғафуров, нисбат ба дигар қисмҳои шаҳр ифлостар аст. Чунки дар ин ҷойҳо бештар ҳаракати нақлиёт ва ҷойгирии корхонаҳои саноатӣ ба назар мерасад. Аз корхонаҳои саноатӣ дар навбати аввал заводи семент, Марказҳои гармӣ ва барқтаъминкунии №№ 1, 2, иттиҳоди истеҳсолии масолеҳи хонасозӣ, заводи арматурбарорӣ, заводи хиштбарорӣ, заводҳои равған, гӯшт, чармистеҳсолкунӣ ҷамъ 130 корхона гунаҳкор аст. Аз ин сабаб ҳавои болои ш. Душанбе бо чангу ғубор, гази сулфур, оксиди нитроген, формалдегид, бензапирен, оксиди карбон ва ғайра якҷоя шуда пардаи ғализеро мемонад.

Бо мақсади муайян намудани дараҷаи ифлосшавии ҳавои шаҳр мо тасмим гирифтем, ки дар якчанд нуқтаҳо таркиби ҳавои онро санҷем. Барои муайянкунии таркиби газҳои ҳавои атмосфера мо аз газоанализаторҳои тамғаи «X-am 5600», истеҳсоли ширкати «Драгер»-и Олмон ва ПГА-200 истеҳсоли Федератсияи Россия истифода бурдем. Барои амиқтар шудани натиҷаҳои таҳлил мо санҷишҳоро дар ду давра- гармо ва сармо гузаронидем. Натичаҳои таҳлил дар ҷадвалҳои 3 ва 4 оварда шудаанд.

Ҷадвали 3.

Таркиби химиявии ҳавои шаҳри Душанбе дар мавсими сармо (санаи санҷиш 22.01.2019)

Газҳои таркиби ҳаво	Ҳадди ҷоиз (ПДК)	Кӯчаҳову маҳаллаҳои шаҳри Душанбе				
		Хамгашти кучаи Карамов	Заводи семент-бароре	Кӯчаи Ҷ. Расулов	40-солагии Тоҷикистон	Кӯчаи Б. Ғафуров
1	2	3	4	5	6	7
CO	то 5,0 мг/м³	8	10	9	12	10
CO_2	то 0,03 %	0,08	0,06	0,08	0,07	0,05
O_2	19,5-23,5 %	20,4	20,1	20,3	20,4	20,2
NO	то 0,4 мг/м³	0,8	0,8	0,8	0,5	0,6
NO_2	то 0,085 мг/м³	0,12	0,12	0,14	0,074	0,09
SO_2	то 0,5 мг/м³	0,72	0,44	0,80	0,70	0,55
H_2S	то 0,008 мг/м³	0,007	0,006	0,006	0,009	0,007
HCN	то 0,001 мг/м³	0,003	0,002	0,000	0,001	0,002
Чанг	то 0,5 мг/м³	0,754	0,838	0,265	0,612	0,490

Ҷадвали 4.

Таркиби химиявии ҳавои шаҳри Душанбе дар мавсими баҳор (санаи санҷиш 22.04.2019)

Газҳои таркиби ҳаво	Ҳадди ҷоиз (ПДК)	Кӯчаҳову маҳаллаҳои шаҳри Душанбе				
		Хамгашти кучаи Карамов	Заводи семент-бароре	Кӯчаи Ҷ. Расулов	40-солагии Тоҷикистон	Кӯчаи Б. Ғафуров
1	2	3	4	5	6	7
CO	то 5,0 мг/м³	4	8	6	10	6
CO_2	то 0,03 %	0,02	0,05	0,06	0,02	0,02
O_2	19,5-23,5 %	20,8	20,5	20,9	20,8	20,8
NO	то 0,4 мг/м³	0,3	0,6	0,4	0,2	0,3
NO_2	то 0,085 мг/м³	0,074	0,069	0,042	0,025	0,033
SO_2	то 0,5 мг/м³	0,30	0,40	0,20	0,20	0,15
H_2S	то 0,008 мг/м³	0,001	0,002	0,005	0,001	0,002
HCN	то 0,001 мг/м³	0,000	0,001	0,000	0,000	0,001
Чанг	то 0,5 мг/м³	0,326	0,922	0,421	0,398	0,632

Чӣ хеле, ки натиҷаи таҳлилҳо нишон медиҳанд, қариб дар ҳамаи нуқтаҳои санҷиш консенратсияи ин газҳо махсусан дар фасли зимистон зиёдаст. Ин ифлосии ҳаво ба тамоми организмҳои зинда, аз ҷумла ба инсон таъсири номатлуб мерасонанд. Дар организми инсон пеш аз ҳама ба пӯст, роҳҳои нафас, узви биноӣ таъсир расонда сабабгори беморихои гуногун гардида, боиси корношоямии инсон мегарданд. Дар ҳавои деҳот консентратсия моддаҳои зararноки таркиби ҳаво 10 маротиба аз дараҷаи фони табииаш кам бошад, аммо дар муҳити шарҳо ин меъёр метавонад 100 маротиба афзалият дошта бошад [8, 10].

Адабиёт:

1. Бурак И.И., Филонов В.П., Соколов С.М. Гигиена. Учеб.пособие. – М.: Выш.шк., 2004. – 256 с.
2. ГОСТ 12.1.005-88 "Общие санитарно – гигиенические требования к воздуху рабочей зоны", утверждён и введён в действие Постановлением Государственного комитета СССР по стандартам от 29.09.88 № 3388 Переиздание (апрель 2001 г.) с Изменением № 1, принятым в июне 2000 г. (ИУС 9-2000).
3. Другов Ю.С., Родин А.А. Мониторинг органических загрязнений природной среды. – М., «БИНОМ. Лаборатория знаний», 2009. – 893 с.
4. Другов Ю.С., Родин А.А. Газохромотографический анализ загрязненного воздуха. – М., «БИНОМ. Лаборатория знаний», 2006. – 528 с.

5. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017с. №1413;
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 02.08.2011с.,№760;
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба фазои атмосфера» аз 01.02.1996с., №228
8. Руководство по контролю загрязнения атмосферы. Под редакции проф. М.Е. Берлянд и акад. Г.И.Сидоренко. – Л. Гидрометеоиздат, 1979. – 448 с.
9. Фигуровский Н.А. Очерк общей истории химии. От деревнейших времен до начала XIX века. – М.: Наука, 1969. – 455 с.

Калидвожаҳо: *атмосфера, стратосфера, ионосфера, таркиби химиявӣ, хосиятҳои физикӣ, ифлоскунандаҳои табиӣ, ифлоскуандаҳои сунъӣ, ифлоскунандаҳои механикӣ ва химиявӣ.*

Аннотация

ИЗМЕНЕНИЕ ХИМИЧЕСКОГО СОСТАВА АТМОСФЕРНОГО ВОЗДУХА ОТ ВОЗДЕЙСТВИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

В статье рассматриваются основные источники загрязнения воздуха в современном мире. Отдельно указаны человеческие факторы, загрязняющие атмосферный воздух. Переведены результаты лабораторного анализа химического состава воздуха в некоторых населенных пунктах города Душанбе.

Ключевые слова: *атмосфера, стратосфера, ионосфера, химический состав, физические свойства, природные загрязнителы, искуственные загрязнителы, механические и химические загрязнителы.*

Annotation

THE CHANGES IN THE CHEMICAL COMPOSITION OF ATMOSPHERIC AIR FROM THE EFFECTS OF HUMAN ACTIVITY

The article considers the main sources of air pollution in the modern world. Separately indicated are human factors contaminating atmospheric air. The results of laboratory analysis of the chemical composition of air in some settlements of the city of Dushanbe are given.

Keywords: *atmosphere, stratosphere, ionosphere, chemical composition, physical properties, natural pollutants, artificial pollutants, mechanical and chemical pollutants*

Маълумот дар бораи муаллифон: Салимова Сабоҳат, муаллимаи фанҳои биология ва химияи МТМУ №66, ш.Ваҳдат.

Холиқов Хуршед, магистранти соли аввали кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ.

Роҳбари илмӣ: Тошов А.Ф., н.и.х. и.в. дотсенти кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикии ДДОТ ба номи С.Айни

Сведения об авторах: Салимова Сабохат, учительница биологии и химии средней общеобразовательной школы №66, г. Вахдат.

Холиков Хуршед, магистрант второго курса кафедры общей и неорганической химии ТГПУ им. С.Айни.

About the authors: Salimova Sabohat, teacher of biology and chemistry at secondary school No. 66, the city of Vahdat, tel: (992) 915480562

Kholikov Khurshed, the second year master student, of faculty of Chemistry, TSPU named after Sadriddin Aini, address Dushanbe city, Rudaki Avenue 12.

Солиев Зокир,
магистранти соли дуюми факултети математика

ТАҲАВВУЛОТИ МОШИНАҲОИ ЭЛЕКТРОНИИ ҲИСОББАРОР

МЭҲ – мошини электронии ҳисоббарор, аввалин маротиба солҳои 40-50-уми асри гузашта барои автоматикунонӣ ва баланд намудани суръати ҳисобкуниҳо пайдо шудааанд.

Дар солҳои 60-ум академик В.М. Глушков ба се равияи глобалии фаъолияти инсон ишора намудааст, ки дар онҳо талабот ба истифодабарии МЭҲ мавҷуд мебошад:

- автоматикунонии ҳисобкунӣ;
- автоматикунонии системаи идоракунӣ;
- масъалаҳои тафаккури сунъӣ.

Ҳоло МЭҲ дар идоракунӣ, маориф, тандурустӣ, экология ва ғ. истифода мешаванд. МЭҲ-и муосир маълумотҳои ададӣ, матнӣ, ҷадвалӣ, графикӣ, овозӣ ва видеомаълумотро коркард намуда метавонад.

МЭҲ – ин маҷмуи воситаҳои техникӣ ва барномавӣ мебошад, ки маълумотҳоро коркард намуда метавонад ва барои автоматикунонӣ ва ҳалли масъалаҳои истифодабарандагон пешбинӣ шудааст.

Истифодабаранда – ин шахс ё гурӯҳи шахсоне, ки мувофиқи дархости онҳо коркарди маълумотҳо дар МЭҲ гузаронида мешавад.

Структураи МЭҲ – ин маҷмӯи элементҳои техникӣ, барномавӣ, таҷҳизотӣ-барномавӣ ва алоқаи онҳо мебошад. Масалан, структураи техникӣ маҷмӯи таҷҳизотҳои техникиро мефаҳмонад, ки аз онҳо МЭҲ ва алоқаи байниҳамдигарии онҳо таркиб ёфтааст. Донистани структураи МЭҲ барои таҳлили кори ҷузъҳои алоҳидаи (модулҳо) таҷҳизотӣ ва ҳам барномавӣ зарур аст.

Архитектураи МЭҲ – ин иерархияи бисёрсатҳии воситаҳои таҷҳизотӣ-барномавӣ мебошад, ки аз онҳо МЭҲ таркиб меёбад. Дар ҳар як сатҳ ташкил ва татбиқоти гуногун имконпазир аст. Татбиқоти мушаххаси сатҳҳо хусусиятҳои таркиби структуравии МЭҲ-ро муайян менамояд. Дар архитектураи МЭҲ масъалаҳои асосии ташкили ҳисобкуниҳо ҳалли худро меёбанд. Масалан, аз тарафи Ҷон фон Нейман чунин архитектураи МЭҲ-ҳои аввала муайян гардидааст: МЭҲ аз се сатҳи асосӣ иборат аст – протсессор, таҷҳизоти хотираи фаврӣ (ТХФ, «ОЗУ»), таҷҳизоти дохилкунӣ ва хориҷкунӣ (ТДХ, «УВВ»)

Нақшаи мазкур дар муайян намудани архитектураи наслҳои ояндаи МЭҲ нақшаи принсипиалӣ мешавад. Бинобар ин, онро баъзан принсипи сохти МЭҲ аз рӯи Нейман меноманд. Таҷҳизоти техникӣ, ки амали протсессорро ба вуҷуд меорад, элементи базавии МЭҲ номида мешавад. Масалан, барои насли якуми МЭҲ вазифаи элементи базавиро лампаи электронӣ иҷро менамуд, барои насли дуюм – транзистор, барои насли сеюм – схемаи интегралӣ, барои насли чорум – схемаи интегралии калон ("БИС»).

Ба таҳлили архитектура ва структураи МЭҲ мутахассисони зерин машғул мебошанд:

1. Муҳандис-схемотехникҳо – нақшаи таҷҳизотҳои алоҳидаи техникиро тартиб медиҳанд ва тарзҳои ҳамҷоянамоии онҳоро коркард менамоянд.
2. Барномасозони системавӣ – барномаҳои идоракунии воситаҳои техникиро тартиб медиҳанд, ки алоқа ва таъсироти байниҳамдигарии сатҳҳо ва ташкили ҷараёни ҳисобкуниро таъмин менамоянд.
3. Барномасозони татбиққунанда – гурӯҳи (баста, «пакет») барномаҳоро тартиб медиҳанд, ки алоқаи байниҳамдигарии истифодабарандагонро ҳангоми ҳал намудани масъалаҳои онҳо бо МЭҲ таъмин менамоянд.

Истифодабарандагон тавассути нишондиҳандаҳои зерин бо архитектура ва структураи МЭҲ, дар сатҳи нисбатан баланд дучор мешаванд ва алоқа менамоянд:

1. Нишондиҳандаҳои техникӣ ва истифодабарии МЭҲ – суръати иҷроиши амалиётҳо, ҳосилнокӣ, дараҷаи коршоямӣ, аниқӣ ва саҳеҳӣ, ҳаҷми хотираи фаврӣ ва берунӣ, андозаҳои таҷҳизот, нархи воситаҳои таҷҳизотӣ ва барномавӣ, хусусиятҳои истифодабарӣ.
2. Хусусиятҳо ва таркиби модулҳои функсионалии МЭҲ – имконияти васеъ намудани таркиби воситаҳои техникӣ ва барномавӣ, имконияти тағйирдиҳии структура.
3. Таркиби таъминоти барномавии МЭҲ ва хизматрасонии техникӣ – системаи оператсионӣ ё муҳит, бастаи барномаҳои амалӣ, воситаҳои автоматикунонии барномасозӣ.

Суръатнокӣ – ададӣ фармонҳои намуди муайян, ки МЭҲ дар як сония иҷро менамояд.

Ҳосилнокӣ – ҳаҷми амалиётҳо (масалан, ададӣ барномаҳои стандартӣ), ки МЭҲ дар як воҳиди вақт иҷро менамояд.

Дар вақти ҳозира тарзу усулҳои ягонаи муайян намудани суръатнокӣ ва ҳосилнокии МЭҲ мавҷуд намебошад. Барои баҳодиҳӣ ба нишондиҳандаҳои мазкур чунин гурӯҳҳои яккачини фармонҳои тестӣ ва амалиётҳо мавҷуданд:

1. Гурӯҳи тестҳои ширкатҳои истеҳсолкунанда. Масалан, ширкати Intel барои баҳодиҳӣ ба микропротсессорҳои худ нишондиҳандаи i COMP-Intel Comparative Microprocessor Performances-ро дохил намудааст.

2. Тестҳои универсалии стандартӣ барои МЭҲ, ки барои ҳисобкуниҳои глобалӣ пешбинӣ шудаанд. Масалан, рӯйхати TOP 500 бурда мешавад, ки 500 аз ҳама ҳосилноктарин МЭҲ-и дунёро дар бар дорад.

3. Барои соҳаҳои мушаххаси истифодабарӣ тестҳои махсус истифода мешаванд. Масалан, барои компютерҳои фардии ба корҳои оддӣ пешбинишуда, тести Winstone 97 – Business, барои копютерҳои ба корҳои касбӣ пешбинишуда тести 3 Д Win Bench 97 – User Scene истифода мешуданд.

Ҳаҷми таҷҳизотҳои дар хотир нигоҳдоранда – миқдори иттилооте мебошад, ки дар як вақт ба хотир нигоҳ доштан мумкин аст. Чунин нишондиҳандаҳоро дониста, муайян намудан мумкин аст, ки кадом барномаҳо ба хотираи фаврӣ ва хотираи беруна ҷойгир шуда метавонанд. Масалан, барои ҷойгир намудани СО Windows 2000 аз ҳаҷми диски сахт зиёда аз 600 Мб ва аз ҳаҷми хотираи фаврӣ 64 Мб хотира талаб карда мешавад.

Коршоямӣ – имконияти дар шароитҳои муайян ичро намудани функсияҳои талабшуда дар муддати муайяни вақт. Талаботҳои мазкур дар стандарти ISO- 2382/14-78 муайян шудаанд, тавассути он кори ҳамаи таҷҳизотҳо санҷида ва назорат карда мешаванд.

Саҳеҳӣ – имконияти фарқ намудани қиматҳои қариб ба ҳам баробар. Талаботҳои мазкур дар стандарти ISO – 232/2-76 қайд шудаанд. Саҳеҳӣ бо разряднокӣ муайян карда мешавад.

Аниқӣ – қабули дурусти иттилоот ва натиҷаҳои саҳеҳ. Аниқӣ инчунин тавассути муқоисаи натиҷаҳои масъалаҳои конкретӣ дар дигар МЭҲ санҷида мешавад.

Адабиёт:

1. Гордеев А. В., Операционные системы: Учебник для вузов. - 2-е изд. – СПб.: Питер, 2016. – 416 с. - ISBN 978-5-94723-632-3.
2. Деннинг П. Дж., Браун Р. Л. Операционные системы // Современный компьютер. – М., 1986.
3. Иртегов Д. В. Введение в операционные системы. - 2-е изд. – СПб.: BHV-СПб, 2013. ISBN 978-5-94157-695-1.

Калидвожаҳо: *идоракунӣ, маориф, тандурустӣ, экология, мошин, электронӣ, ҳисоббарор, стандартӣ, глобалӣ,компютери фардӣ, ададӣ, матнӣ, ҷадвалӣ, графикӣ.*

Аннотация

ПРЕОБРАЗОВАНИЯ ЭЛЕКТРОННЫХ ВЫЧИСЛИТЕЛЬНЫХ МАШИН

Как нам известно, электронные вычислительные машины (ЭВМ) были созданы впервые в 40-50 гг. прошлого века с целью автоматизации и ускорения вычисления.

В настоявшие время ЭВМ используются в сферах управления, образования, здравоохранения экологии и т.д. Современные ЭВМ могут обрабатывать цифровые, текстовые, табличные графические, звуковые данные и видеоматериалы.

Ключевые слова: *управление, образование, здравоохранение, экология, машина, электронный, вычислительный, стандартный, глобальный, персональный, компьютер, цифровой, текстовой, табличный, графический.*

Annotation

TRANSFORMATIONS OF ELECTRONIC COMPUTERS

As we know, electronic computers (COMPUTERS) were created for the first time in 40-50 years. last century in order to automate and speed up calculations. At present, computers are used in management, education, public health, ecology, etc. Modern computers can process digital, text, tabular graphic, audio data and video materials.

Key words: *management, education, healthcare, ecology, machine, electronic, computing, standard, global, personal, computer, digital, textual, tabular, graphic*

Маълумот дар бораи муаллиф: Солиев Зокир, магистранти соли якуми факултети математикаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

Сведения об авторе: Солиев Зокир, магистрант первого курса математического факультета ТГПУ им. С.Айни.

About the author: Soliev Zokir, the first year master student of the faculty Mathematics of the Academy of Sciences of Tajikistan, the Republic of Tajikistan.

Тоштемуров Неъматулло Олимхонович,
магистранти соли дуюми факултети математика

ИСТИФОДАИ ПАКЕТИ ПРОГРАММАҲОИ АМАЛӢ БАРОИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ИҚТИСОДӢ

Дар замони муосир тамоми соҳаҳои фаъолияти инсониятро автоматикунонии идоракунӣ фаро гирифтааст, бинобар ин моделонии компютерии масъалаҳои иқтисодӣ актуалӣ ҳисобида мешавад.

Дар системаи иктисодиёт ва дигар соҳаҳо моделҳое истифода мешаванд, ки тадбиқи математикиро талаб мекунад. Бинобар ин модели математикӣ дар фаъолияти ҳар як мутахассис ва умуман ҳамаи соҳаи фаъолияти инсоният барои ҳалли масъалаҳои дар назди худ гузошта роли асосиро мебозад ва барои пешравии ҳамон соҳа ёрӣ мерасонад.

Даст кашидан аз усулҳои анъанавӣ ва гузаштан ба усулҳои навини коркарди иттилоот ва идоракунии соҳаҳои иқтисодиёт бо ёрии технологияи информатсионӣ коммуникатсионӣ (ТИК) дар соҳаҳои коркарди ашёи хом, барои истеҳсоли маҳсулотҳо, ба нақша гирифтани онҳо бо воситаи компютерҳо модели математикии онро талаб мекунад, чунки ҳалли масъалаҳо бо воситаи компютерҳо аз рӯи модели математикӣ амал мекунанд. Ин гуна талаботҳоро бо воситаи моделонии математикӣ тавзеҳ додан мумкин аст.

Яке аз равияҳои соддатарини моделонии математикӣ ин моделонии системаи муодилаҳои хаттӣ, ки татқиқи онҳо бо компютерҳо ба илми программасозии хаттӣ асос гузоштааст. Дар компютерҳо пакети прог-раммаҳои амалӣ кор карда баромада шудааст, ки бо воситаи онҳо масъалаҳои гузошташударо бо осонӣ ҳал намудан мумкин аст.

Масалан, масъалаи иқтисодӣ, ки мақсадаш ба минимум расонидани хароҷотҳои истеҳсолӣ аст, бо яке аз усулҳои программасозии хаттӣ ҳал карда мешавад. Ин масъала дар назар дорад, ки аз якчанд намудҳои махсулотҳои хом якчанд намуди маҳсулотҳоро тарзе истеҳсол намуд, ки фоидаи зиёдтарин ба даст оварда шавад. Масъалаҳои программасозии хаттӣ аз он ҷумла истифодаи ашёи хом барои истеҳсоли маҳсулот то ҳол дастӣ кор карда мешуд, ки ин раванди хеле мураккаб ва мушкилиҳои зиёди ҳисобкуниро талаб мекард, ба анҷом расонида мешуд.

Дар натиҷаи таҳлил карда баромадани мавзӯъи Программасозии хаттӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки чунин соҳаи илм дар равандҳои иқтисодӣ ва дар таҳлилҳои иқтисодӣ хеле муҳим мебошад. Барои ҳисобкунии хароҷоту фоидаи истеҳсолоти мол ва тарҳези кардани хароҷотҳои истеҳсолӣ, ки пеш аз истеҳсол кардани маҳсулот ба нақша гирифта мешавад, ин соҳаи илм хеле муҳим ва ҷолиб мебошад.

Баъд аз татбиқи ТИК масъалаҳои зикршуда ба осонӣ бо воситаи компютерҳо ҳал карда мешаванд. Масалан, дар бисёр ҳолатҳо масъалаҳои гузошташударо бо воситаи барномаи MS Excel ҳал кардан мумкин аст. Аз он ҷумла барномаи офисии MS Excel, пакети барномаҳои Matlab ва дигар барномаҳо барои ҳалли масъалаҳои гуногун истифода бурда мешаванд. Яке аз усулҳои универсиалӣ барои ҳалли масъалаҳои программасозии хаттӣ ин усули симплексӣ мебошад ки онро бо воситаи MS Excel ҳал кардан мумкин мебошад.

Аммо агар миқдори тайирёбандаҳо зиёд бошанд истифодаи усули симплексӣ низ душвориҳои зиёдеро ба пеш меорад.

Умуман программаи MS Excel дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ҳамчун асбоби ҳисоббарори пуриқтидор истифода нашавад ҳам, вале онро ҳангоми коркарди фаврии маълумотҳои ҳаҷман калон, ба таври васеъ истифода қарор медиҳанд. Ҷадвали эдектронии MS Excel,-ро барои ҳалли масъалаҳои оморӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, муҳандисӣ, таҳлили маълумотҳо, моделонии равандҳои гунгун, сохтани графику диаграммаҳо ва ғайра истифода мебаранд. Инчунин барои ҳисоббарориҳои ҷамъбастии моҳона, кварталӣ ва солонаи корхонаҳо низ программаи MS Excel бениҳоят қулай аст. Ин гуна ҳисоббарориҳо оид ба характеристикаҳои ададии нишондиҳандаҳо ва маълумотҳои додашуда ҳам маълумот медиҳанд. Масалан барои ба характеристикаҳои ададӣ баҳо додан аз суммаи элементҳои диапазони ячейкаҳо қимати миёнаи элементҳои онҳо, микдор ё ҳиссаи элементҳои диапазон, ки ягон шартро қаноат мекунанд, истифода мебаранд. Ҳангоми ҳалли ин гуна масъалаҳо программаи MS Excel ба таври автоматӣ аз функсияҳои стандартӣ истифода мебаранд.

Ҳангоми ҳалли масъалаҳо ба ғайр аз воситаҳои асосӣ аз воситаҳои иловагии MS Excel низ ба таври васеъ истифода мебаранд. Дар пакети барномаҳои MS Office 2003, 2007, 2010 ва 2013 барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ методҳои зиёде ҷой дорад.

Ба ғайр аз пакети барномаҳои MS Excel дигар пакети барномаҳои компютерӣ мавҷуданд, ки бо воситаи онҳо масъалаҳое, ки ҳисобкуниҳои зиёд ва мантиқан дигаргунсозии масъаларо дар равиши ҳал талаб мекунанд, бо воситаи пакети барномаҳои Matlab ва дигар барномаҳо иҷро кардан мумкин аст.

Matlab барои ҳалли масъалаҳои техникӣ иқтисодӣ ва дигар соҳаҳо истифода бурда мешавад. Ҳоло маълум аст, бештар аз як миллион муҳандисон ва олимон, онро дар ҳама соҳаи корҳои худ бо воситаи системаҳои оператсионӣ, аз ҷумла, Linux, OS Mac, Solaris истифода мебаранд.

Matlab ҳамчун забони барномасозӣ аз тарафи Клайв Moulerom (Eng. Cleve Moler) дар охири солҳои 1970-ум таҳия шуда буд, вақте ки ӯ декани факултаи илми компютер дар Донишгоҳи Ню-Мексико буд. Бо мақсади рушди илм ва мушкилоти фаҳмиши ҳалли масъалаҳо барои донишҷӯёни дар факултети иқтисодиёт таҳия намудааст. Ин дар китобхонаҳои Linpack ва EISPACK бо забони барномасозии Fortran ҳоло мавҷуд аст. Дере нагузашта, ин забони нав ба дигар донишгоҳҳо паҳн ва бо тавҷӯҳи бузург ба олимон кор дар соҳаи математика бурда қабул карда шуд. То имрӯз, аз Интернет метавонед версияи соли 1982, бо забони барномасозии Fortran навишта шудааст,шинос шавед.

Matlab аслан барои тарҳрезии системаҳои назорати (ихтисоси асосии Dzhona Littla) пешбинӣ шуда буд, вале ба зудӣ маъруфияти он дар дигар соҳаҳои илмӣ ва муҳандисӣ ба даст дароварда шуд. Он, ҳамчунин, ба таври васеъ дар соҳаи маориф, аз ҷумла, барои таълими алгебраи хаттӣ ва усулҳои ададӣ истифода бурда мешавад.Забони Matlab забони барномасозии сатҳи баланд тафсир, аз ҷумла matrices дар асоси сохтори маълумот, доираи васеи вазифаҳо, шароити рушди маҷмӯи хусусиятҳои-объект нигаронидашуда ва интерфейсҳои барномаҳо дар дигар забонҳои барномасозӣ низ татбиқ шудааст.Бинобарон барои кори босамари ҳар як корхона, ширкат ва ё муассисаи истеҳсолӣ ё хизматрасонӣ бояд пеш аз истеҳсоли молу хизматҳо ё маҳсулот умуман пеш аз фаолияташ бояд ҳамаи хароҷотҳои худро бо усулҳои дар боло овардашуда яъне усулҳои иктисодию риёзӣ таҳлил карда барояд ва он роҳҳое, ки нархи хароҷотҳои он камтарин мебошад интихоб кунад ва аз рӯи ҳамон нишондодҳо фаъоляти худро ба роҳ монад.

Аз нуқтаи назари мо ва он чи дар натиҷаи иҷроиши ин кор натиҷабарори кардем ба мақсаде омадан мумкмн аст, ки иқтисодчӣ ва ихтисосманди ин соҳа агар аз нозукиҳои илми усулҳои иқтисодӣ риёзӣ, моделонӣ, ва ёфтани ҳалли беҳтарини масъала огоҳ нашудааст е дар соҳаи иқтисодиёт: истеҳсолот, фаъолияти фирма, савдо ва ғайраҳо фаъоляти боса-мар карда натавониста барои пешравии кишвари азизамон на танҳо саҳм гузошта наметавонад.

Адабиёт:

1. Бирман И.Я. Оптимальное программирование. – М.: Экономика, 1986. – 232 с.
2. Гуревич Т.Ф., Лущук В.О. Сборник задач по математическому программированию. –М.; Колос 1977.–160 с.
3. Дастури таълимӣ доир ба дарси амалӣ аз курси программасозии хаттӣ. Тартибдиҳандагон: Умаров Ф., Қодиров А., Обидов И. – Душанбе: 1987. – 115 с.
4. Красс М.С., Чупринов Б.П. Основы математики и её приложения в экономическом образовании. – М.; дело, 2002. – 688 с.
5. Красс М.С. Математика для экономических специальностей. – М.: 2002. – 704 с.
6. Колихман И.Л. Линейная алгебра и программирование. – М.: Высшая школа, 1967. – 427 с.
7. Кузнецов Ю.Н., Кузубов В.И, Волощенко А.В Математическое программирование. – М.: Высшая школа, 1986. – 352 с.
8. Кузнецов В.Г. Основы линейной алгебры и линейного программирования. – Перм: 1972. – 129 с.
9. Обидов И., Одинаев Ф., Умаров Ф. Прогаммасозии математикӣ. Қисми I. (Элементҳои алгебраи хаттӣ). – Душанбе: 1987. – 77 с.
10. Полунин Н.Ф. Курс математического программирование. – Минск: 1970. – 358 с.

Калидвожаҳо: *информатсия, модел, моделсозӣ, пакети барномаҳо, забони барномасозӣ, метод, компютер, технологияи информатсионӣ, таълим, метод, ҳисоббарорӣ, инъикос, идоракунӣ, забони барномасозии Матлаб, интернет.*

Аннотация

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПАКЕТ ПРИКЛАДНЫХ ПРОГРАММ ДЛЯ РЕШЕНИЯ ПОСТАВЛЕННЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗАДАЧ

В настоящей статье изучено и исследовано применение математических моделей и использование пакет прикладных программ на Excel и Matlab для решения поставленных экономических задач.

Ключевые слова: *информация, модель, моделирование, пакет прикладных программ, язык программирования, метод, компьютер, информационная технология, обучение, метод, вычислительный, отображение, управление, язык программирования Матлаб*

Annotation

USE A PACKAGE OF APPLIED PROGRAMS TO SOLVE SET ECONOMIC PROBLEMS

In this article, we have studied and investigated the application of mathematical models and the use of a package of applied programs for Excel and Matlab to solve the set economic problems

Keywords: *information, model, modeling, application software package, programming language, method, computer, information technology, teaching, method, computational, mapping, management, programming language Matlab.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Тоштемуров Неъматулло, магистранти соли дуюми факултети математика ихтисоси информатика.

Роҳбари илмӣ: Каримзода Ҳ.

Сведения об авторе: Тоштемуров Неъматулло, магистрант второго курса специальности информатика математического факультета ТГПУ им. С.Айни.

About the author: Toshtemurov Nematullo, the second year master student of the faculty of Mathematics, TSPU named after Sadriddin Aini.

Фозилов Шӯҳрат Орифҷонович
магистранти соли дуюми факултети математика

ҲИСОБКУНИҲОИ ОМОРӢ ТАВАССУТИ ҶАДВАЛИ ЭЛЕКТРОНӢ

Пайдоиши мошинҳои ҳисоббарор аз асри XIX ибтидо мегирад. Дар баробари ин солҳои 80-уми ҳамин аср мошини ҳисоби Г.Холерит пайдо гардид ва бо ҳамин дар таърихи техникаи ҳисоббарор мавқеи махсусро ишғол намуд. Албатта ин барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки барои коркарди ҳаҷми зиёди информатсия (пеш аз ҳама дар соҳаи ҳисоб ва омор) алоқаманд буд.

Дар охири асри XIX барӯйхатгирии аҳолӣ, ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳими оморӣ гузаронида мешуд ва ҳар даҳ сол такрор меёфт, вале хисоби оморӣ вақти зиёдро мегирифт, албатта дар ин ҳолат танҳо миқдори одамон мардумро қаноат намекард. Дар ин ҳолат маълумот дар бораи миллат, забони модарӣ, синну сол, ҷинсият, тааллуқият ба дин зарур буд. Барои ин зарур буд, ки маълумоти ғуншударо тасниф намоянд ва ҳисобро аз рӯи нишонаҳои мухталиф иҷро намоянд. Акнун ҳаҷми кор чунон афзуд, ки иҷрои босифат ва саривақтии он дар арифмометрҳои механикӣ ва мошинҳои механикӣ ғайриимкон гардид ва зарурати сохтани мошинҳои ҳисоббарори синфи махсуси нав, ки бо номи хисобӣ-аналитикӣ ро гирифтанд, ва аз солҳои 1960 перфоратсиякунанда пайдо гардид.

Аввалин маротиба бо проблемаи коркарди менирондашудаи информатсияи оморӣ, навовари амрикоӣ Герман Холлерит шуғл варзидааст. Вай ба сифати элементи асосии навишти информатсияи дар рафти навишти байниҳамдигарӣ ва коркарди минбаъдаи он тавассути картаҳои сӯрохдор (перфокартаҳо) амалӣ гардондааст.

Муддати тӯлонӣ Г.Холлерит ба он нуқтаи назар буд, ки дар перфолента сабт намудани додаҳои оморӣ самараноктар мебошад ва дар фикри сохтани он сар кард. Вай наҳгораи махсусро фикр карда баромад, ки ба он перфолента печонида мешуд ва бо ҳисобкунакҳо сурохиҳо ҳисоб карда мешуд. Азбаски асбоби сохташуда ба ӯ маъқул нашуд, вай ба идеяи Ҷ. Билингс баргашт ва перфокартаи махсус фикр карда баромад, ки дар он дар шакли сӯрохҳо ҳама маълумоти дар бораи як одам навишташуда ҷой дода мешуд.

Идеяи пайдоиши перфокарҳо солҳои 30-юми ҳамон давра дар корҳои Ч.Бебиҷ ва дигарон пайдо гардида буд.

Маълумот ба перфокарта дастӣ –тавассути сурохкунак гузаронида мешуд ва он тавассути асбоби махсус (пантограф ё перфоратор) гузаронида мешуд. Дар охир сурохҳои ҳамаи перфокартаҳо будаи мошини асосӣ – табулятор ҳисоб карда мешуд ё онҳоро бо ҳамон тарз хел-хел менамуданд.

Баъдтар пайдошавии мошинҳои ҳисоббарорӣ наслҳои гуногун ба миён омад, ки чунин ҳисобкуниҳоро тамоман осон гардонд ва чунин ҳисобҳоро ба миқдори зиёда аз миллиард амал дар як сония ба иҷро мерасонад. Дар ин мошинҳо пакетҳои программаҳои татбиқи, офисӣ ва амсоли ин пайваст карда шудаанд, ки кори инсонро ба маротиб осон намудаанд.



Перфоратори Г. Холлерит, с1897.

Умуман, барои тадқиқотҳои иқтисодӣ асоси тадқиқотро ҷамъкунии маълумотҳо, тасвири маълумотҳо ва вобаста аз мақсади тадқиқот таҳлили маълумотҳо ташкил медиҳанд. Тадқиқотҳои иқтисодӣ ва таҳлили онҳо аз ҳисобкуниҳои аниқ вобастаанд, ки ин амалҳоро бо осонӣ гузаронидан мумкин аст. Барои ин кифоя аст, ки барномаҳои офисии компютерҳои фардӣ, бахусус MS EXCEL–ро тадқиқотчӣ донад ва онро моҳирона истифода бурда тавонад.

Ҳангоми кор бо натиҷаҳои оморӣ дар MS EXCEL ва умуман компютер инҳоро бояд донист:

1. ***Ҷамъоварии маълумот***.

2. ***Якрангкунии маълумот***-ба як шакли муайян даровардани маълумотҳои аз сарчашмаҳои гуногун воридшаванда.

3. ***Даббогӣ (филтркунӣ)-и маълумот***-аз тамоми маълумотҳо ҷудо карда мондани маълумотҳое, ки барои қабули қарор нолозиманд.

4. ***Ба навъҳо ҷудокунии маълумот***–ба тартиб даровардани маълумотҳо аз рӯи ягон нишона.

5. ***Гурӯҳбандии маълумотҳо***–муттаҳидсозии маълумотҳо аз рӯи нишонаи додашуда.

6. ***Бойгонӣ (архивкунӣ)***–и маълумотҳо –ташкили нигоҳдории маълумотҳо дар шакли фишурда ва зуддастрасшаванда.

7. ***Ҳимояи маълумот*** – маҷмӯъи чораҳо барои пешгирии талафшавӣ ва воридкунии тағйирот ба маълумот.

8. ***Интиқоли маълумот***–дастраскунӣ ва фиристодани маълумот байни шабакаҳои гуногуни раванди иттилоотӣ.

9. ***Тағйирдиҳии маълумот*** - Тағйирдиҳии маълумот аз як шакл ба шакли дигар.

Роли муҳимро дар таҳлили оморӣ интихоби дурусти сарчашмаи маълумот мегирад. Усулҳои асосии ҳосил намудани маълумот эксперимент, пурсиш мушоҳида мебошанд.

Рӯзномаҳо, радио, телевизиони муосир ва инчунин Интернет пур аз натиҷаҳои тадқиқоти сосиалӣ ё пурсишҳо мебошанд. Бо рушди технологияи иттилоотӣ чунин тадқиқотҳо меафзоянд, вале на ҳамаи онҳоро дуруст ва маънидор ҳисобидан мумкин аст.

Барои, ки натиҷаи тадқиқот ҳақиқӣ дониста шавад, бояд боэътимодии онҳо нуқтасанҷона тафтиш карда шаванд.

Маҷмӯаи объектҳо ё маҷмӯаи қиматҳои ягон нишонаи объектҳо маҷмӯаи генералӣ номида шуда, аз маҷмӯаи генералӣ маҷмӯаи интихобиро муайян менамоянд.

Фондҳои бо дараҷаи хатарнокии баландро ба тартиби зиёдшавии даромаднокии онҳо ҷойгир менамоем:

-6,1 -2,8 -1,2 -0,7 4,3 5,5 5,9 6,5 7,6 8,3 9,6 9,8 12,9 13,1 18,5

Ин маҷмӯаи интихобиро таҳлил намуда, чунин хулоса баровардан мумкин аст:

1. Фондҳои дутарафа дорои даромаднокии гуногунанд.
2. Даромаднокии фондҳои дутарафа бо дараҷаи хатарнокии баланд дар давоми панҷсол аз -6,1 то 18,5 тағйир меёбад.
3. Танҳо як фонди дутарафа дорои даромаднокии панҷсола 18,5% баланд аст, ки онро қимати экстремалӣ меҳисобем. Маслиҳатчӣ доир ба масъалаҳои молиявӣ бояд ба сабабҳои нишондиҳандаҳои баланди ғайриоддӣ мароқ ҳосил намояд.

Таҳлили маълумот дар EXCEL

Даромаднокии фондҳоеро, ки дорои хатари дараҷаи гуногун аст, муқоиса намудан ба мақсад мувофиқ меебошад. Дар ин маврид пеш аз ҳама **қимати миёна, вариатсия ва намудҳои тақсимотро муайян менамоем.**

<u>Медиана</u>– ин қимати миёнаи массиви мураттаби ададҳо мебошад. Агар массив дорои ададҳои такроршаванда набошад, он гоҳ нисфи элементҳои массив аз медиана хурд ва нисфи дигараш аз медиана калон аст ва агар маҷмӯаи интихобӣ дорои қимати экстремалӣ бошад, он гоҳ барои қимати миёна ба ивази қимати миёнаи арифметикӣ медианаро истифода кардан беҳтар мебошад. Агар маҷмӯъ интихобӣ бошад, онро ба тартиби афзуншавӣ навиштан беҳтар аст.

Медиана ин ададест, ки маҷмӯаи интихобиро ба ду қисм тақсим менамояд: 50% элементҳо хурд аз медиана ва 50% элементҳо калон аз медиана буда, ғайрияк қимата аст. Натиҷаи он аз ҷуфт ва тоқии миқдор вобаста аст. масалан барои тақсимоти болоӣ (n=13)медиана = 6,5 ва барои

1 2 3 4 5 6 7 8 9 10 11 12 13 14 15

Азбаски миқдори ададҳо тоқ n=15 тоқ, бинобар ин медианаро чунин муайян менамоянд:

$$\frac{n+1}{2}=\frac{15+1}{2}=8$$

Ҳамин тавр, медиана ба 6,5 баробар аст. Ин маънои онро дорад, ки даромаднокии нимаи якуми фонд бисёр калон аст ва он аз 6,5 калон нест ва нимаи дуюм аз 6,5 хурд нест. Медиана ба 6,5 баробар аст ва он аз қимати миёна 6,08 каме калон аст.

<u>Мода</u>

Мода – ин ададест, ки дар маҷӯаи интихобӣ зуд-зуд вомехӯрад. Қимати экстремалӣ аз қимати миёнаи арифметикӣ бо он фарқ мекунад, ки ба мода таъсир намерасонад. Модаро барои намуна истифода мебаранд, чунки он аз маҷмӯаи интихобии мушаххас нисбат аз баҳоҳои дигари қимати миёна вобастагии хеле зӯр дорад. Барои тақсимоти бефосилаи бузургиҳои тасодуфӣ мода умуман вуҷуд дошта наметавонад.

Маълумотҳои мисоли мушаххасро ба тартиби зиёдшавӣ ҷойгир менамоем:

-6,1 -2,8 -1,2 -0,7 4,3 5,5 5,9 6,5 7,6 8,3 9,6 9,8 12,9 13,1 18,5

Ин маҷмӯаи интихобӣ дорои мода нест, чунки ягон аз ин қиматҳо ду маротиба такрор намешаванд.

Мисоли дигарро дида мебароем:

Администратори системавие, ки кори шабакаи корпоративиро идора мекунад, миқдори нуқсонҳои серверро дар давоми рӯз ҳисоб менамояд. Маълумотҳои мушоҳида дар давоми ду ҳафта чунин аст:

1 3 0 3 26 2 7 4 0 2 3 3 6 3

Модаи ин маҷмӯаи интихобиро ҳисоб мекунем. Массивро ба тартиби зиёдшавӣ ҷойгир менамоем:

0 0 2 2 3 3 3 3 3 4 6 7 26

Квартилҳо

Квартилҳо – ин нишондиҳандаҳое мебошанд, ки онҳо одатан барои баҳодиҳии тақсимоти маълумот ҳангоми тасвири хосиятҳои маҷмӯаи интихобии ададии калон истифода бурда мешаванд.

Хосияти игари муҳими маълумотҳои ададӣ – ин вариатсияе мебошад, ки дараҷаи дисперсияи маълумотҳоро тавсиф медиҳад. Ду маҷмӯаи интихобии гуногун аз ҳамдигар ҳам бо қимати миёна ва ҳам вариатсия фарқ карда метавонад. Ду маҷмӯаи интихобӣ дорои вариатсияи якхела, лекин қиматҳои миёнаи гуногун ва ё дорои қиматҳои миёнаи якхела лекин бо вариатсия гуногун шуда метавонад.

Чанд баҳои вариатсияи маълумотҳо мавҷуданд? Масофаи байни маълумотҳои хурдтарин ва калонтарин (размах) масофаи байни маълумотҳои байниквартилӣ, дисперсия, фарқияти стандартӣ ва коэффитсиенти вариатсия.

Қимати миёнаи геометриро дар мисоли зерин дида мебароем:

Фарз мекунем, ки ҳаҷми воситаҳои гузошта шуда дар лаҳзаи вақти матлуб ба 100000 доллар баробар аст. Дар охири соли якум он то 50000 доллар паст мешавад, дар охири соли дуюм то 100000 долл. барқарор мешавад. Меъёри даромади ин сармоя дар давоми ду сол ба 0 баробар аст, чунки ҳаҷми воситаи ибтидоӣ ва финалӣ байни худ баробаранд. Қимати миёнаи арифметики меъёрии солонаи даромад ба

$$\bar{x} = \frac{-,50 + 1,00}{2} = 0,25 \text{ ё } 25\ \%$$

Азбаски меъёри даромад дар соли якум ба

$$R_1 = \frac{50000 - 100000}{100000} = -.50 \text{ ё } -50\ \%$$

дар соли дуюм ба

$$R_1 = \frac{100000 - 50000}{50000} = 1,00 \text{ ё } 100\ \%$$

Қимати миёнаи геометрии меъёри даромад дар ду сол ба

$$\overline{R}_{геом} = \sqrt{(1+R_1)\cdot(1+R_2)} - 1 = \sqrt{(1-0,5)(1+1)} - 1 = 0$$

Ҳамин тавр, қимати миёнаи геометрӣ аниқтар тағйирёбии инъикоси ҳаҷми сармоя дар давоми ду сол назар ба қимати миёнаи арифметикиро нишон медиҳад, яъне дар ин мисол тағйирёбӣ мавҷуд нест.

Масофаи байни маълумотҳо = $x_{\max} - x_{\min}$

Масофаи байни маълумотҳо имконият медиҳад, ки парокандашавии умумиро чен кунанд.

Масофаи байни маълумотҳои байни квартилӣ

Масофаи байни маълумотҳои байни квартилӣ ба фарқи байни квартили сеюм ва якӯми маҷмӯаи интихобӣ баробар аст.

Масофаи байни маълумотҳои байни квартилӣ = $Q_3 - Q_1$ (8)

Ин бузургӣ имконият медиҳад, ки 50% парокандашавии элементҳо баҳо дода шавад ва таъсири элементҳо экстемалиро ба эътибор гирифта нашавад.

Масофаи байни маълумотҳо дар мисоли мушаххасро чунин муайян мекунанд. Маҷмӯаи

интихобиро ба тартиби зиёдшавӣ ҷойгир мекунем:

-6,1 -2,8 -1,2 -0,7 4,3 5,5 5,9 6,5 7,6 8,3 9,6 9,8 12,9 13,1 18,5

Масофаи байни маълумотҳо чунин аст:

$$x_{\min} = -6{,}1 \; x_{\max} = 18{,}5$$

Пас,

$$x_{\max} - x_{\min} = 18{,}5 + 6{,}1 = 24{,}6$$

Ин маънои онро дорад, ки фарқият байни даромаднокии даромад байни даромади максималӣ ва минималӣ ба 24,6 % баробар аст.

Масофаи байни маълумотҳои байни квартилӣ ба

$$Q_3 - Q_1 = 9{,}8 - (-0{,}7) = 9{,}8 + 0{,}7 = 10{,}5$$

Ин масофаи байнӣ нисфи маълумотҳоро нишон медиҳад. Фосилае, ки бо ададҳои 9,8 ва -0,7 маҳдуд аст. Одатан қимати миёнаи нисфӣ меноманд.

Ин маънои онро дорад, ки даромаднокии асосии фондҳо аз қимати миёнааш на зиёда аз 6,62 % фарқ мекунад.

Коэффитсиенти вариатсия бо символи CV ишора карда шуда, паҳншавии маълумот нисбат ба қимати миёнаро чен менамояд.

Коэффитсиенти вариатсия ба фарқияти стандартие, ки ба қимати миёнаи арифметики тақсим шуда, ба 100% зарб шудааст, баробар аст:

Намуди тақсимот

Хосияти сеюми маҷмӯаи интихобӣ ин намуди тақсимот аст. Ин тақсимот симметрӣ ё ассимметрӣ шуда метавонад.

Барои тасвири намуди тақсимоти қимати миёна ва медианаро ҳисоб намудан зарур аст. Агар ин ду нишондиҳанда баробар бошанд,он гоҳ тағйирёбанда дорои тақсимоти симметрӣ аст. Агар қимати миёнаи тағйирёбанда аз медиана калон бошад, он гоҳ тақсимоти он дорои асимметрияи мусбат аст. Агар медиана аз қимати миёна калон бошад, он гоҳ тақсимоти тағйирёбанда дорои асимметрияи манфӣ аст.

Тавсифҳои асосӣ (қимати миёна, паҳншавӣ ва намуди тақсимот) имконият медиҳанд, ки хосиятҳои маълумотро тасвир намоед ва ба тадқиқотҳои чуқур гузаштан лозим аст. Одатан, барои таҳлили маълумот роҳеро истифода мебаранд, ки асоси он ба панҷ нишондиҳандаҳои базавӣ такъя менамояд.

Ҳисобкунии омори тасвиркунанда. Ба ғайр аз ин барномаи Excel хатогии стандартӣ, эксцесс ва асимметриро ҳисоб менамояд. **Хатогии стандартӣ** ба фарқияти стандартие, ки ба решаи квадратии ҳаҷми маҷмӯаи интихобӣ тақсим шудааст, баробар аст. **Асимметрия** фарқият аз тақсимоти симметриро тавсиф медиҳад ва функсия аз кубӣ фарқияти байни элементҳои маҷмӯаи интихобӣ ва қимати миёна мебошад. **Эксесс** ченаки ҷойгиршавии нисбии маълумот дар атрофии қимати миёнаро нисбат бо думҳои тақсимот муайян менамояд ва аз фарқияти байни элементҳои маҷмӯаи интихобӣ ва қимати миёнае, ки ба дараҷаи чорум бардошташуда баробар аст.

Барои ҳисоб намудани омори тасвиркунанда амалиёти (**Анализданных** ё **статистические фукции)**–и барномаи **Excel**–ро истифода **намудан мувофиқи мақсад мебошад.**

Мисоли 2. Интихоби стратегияи сармоягузорӣ ва даромаднокии солонаи миёнаи фондҳо дар панҷ солеро, ки дар мисолҳои параграфи дида баромадем, бо барномаи MS EXCEL оморҳои онро ҳисоб менамоем.

Фонд	1	2	3	4	5	6	7	8	9	10	11	12	13	14	15
Даро мади	-2,8	5,3	8,3	4,3	5,9	-0,7	6,5	9,8	7,6	9,6	-1,2	-6,1	18,5	13,1	12,9

Ҷамъулҷамъ 91,2 буда, нишондиҳандаҳои дигар чунинанд:

Миёна	6,08	Интервал	24,6
Хатогии стандартӣ	1,709084968	Минимум	-6,1
Медиана	6,5	Максимум	18,5
Мода	#Н/Д	Сумма	91,2
Моили станд.	6,619257619	миқдор	15
Дисперсияи интих	43,81457143	max	18,5
Эксесс	-0,224739779	min(1)	-6,1
Асиметрия	-0,148297869	Фарози боэътимодӣ(95,0%)	3,665622677

Адабиёт:

1. Крамер Г. Математические методы статистики. – Москва: Мир, 1975. – 292 с.
2. Левин, Стефан, Кребиль, Беренсон. Статистика для менеджеров с спользованием Microcoft Excel. Москва, 2005. – 320 с.
3. Макаровой Н.В. Информатика: Учебник / Под ред. проф. – М.: Финансы и статистика, 2006. – 768 с
4. Равшанов Ч., Ҳамидов Б. Информатика. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012. – 208 с.
5. Равшанов Ч., Ҳамидов Б. ва диг. Информатика. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 320 с.
6. Ҳамидов Б. ва диг. Практикуми лабораторӣ аз информатика. Васоити таълимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 164 с.

Калидвожаҳо: *омор, перфоратсия, перфокарта, пантограф, пакет, даббогӣ, бойгонӣ, экспремент, маҷмуаи менералӣ, экстременалӣ, вариатсия, медиана, модда, шабакаи коорпоративӣ, квартил, симметрӣ, ассиметрӣ.*

Аннотация

ЭЛЕКРОННАЯ ВЫЧИСЛИТЕЛЬНАЯ СТАТИСТИКА

В статье говорится о решении статистических задач, о появлении первой перфорационной машини Г. Холерита, а также приведена краткая сведения о вычислении параметров статистических вычислений. В результате исследований и применение офисной программы MS EXCEL найдено некоторые параметры статистической задачи.

Ключевые слова: *статистика, перфоратсия, менирование, перфокарта, пентограф, пакет, архивация, экспремент, экстремал, медиана, модда, корпоративная сеть, симетричность, ассиметиричность.*

Annotation

ELECTRONIC COMPUTING STATISTIC

In article it is said about statistics problem for the appearance of first counting machine and G.Kholerit´s performativity apparatus and short statistics information and information about statistics counting. Here we brought an example for the way of statistics counting information with the help of office program MS EXSEL electronic table.

Keywords: *Statistic, perforation, on the porch, pantograph, package, stingy, archives, experiment, expression, variation, media, article, a network of schemes, flat, symmetry, asymmetric.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Фозилов Шӯҳрат Орифҷонович, магистранти соли дуюми факултети математика, ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: Ҳомидов Б.

Сведения об автор: Фозилова Шухрата Орифджонович, магистрант второго курса факультета математикаТГПУ имени С.Айни.

Научный руководитель: Хомидов Б.

About the author: Fozilov Shuhrat Orifjonovich, the second year master student of the Department of Matematics of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Раҳмонов Ҷасур Ҳомидович,
магистранти соли дуюми факултети технология ва иқтисодиёт

УСУЛҲОИ ТАРМИМИ ПУЛҲОИ БАРАНДА

Картери пули барандаи ЗИЛ-130 бо роҳи кафшер намудани балкаҳои поёни ва болои аз пулоди 40 тайёр намуда мешавад, ки дараҷаи сахтияш НВ-187 – 229 баробар аст. Сафпаҳоро аз пулоди 40Х тайёр намуда, ки дараҷаи сахтии сапфаҳо баробар НВ 269-321 аст. Ҳалқаҳои ҷаъбаҳоро аз пулоди 45 тайёр менамояд, ки дараҷаи сахтии онҳо HRC56-63 баробар буда, сарпӯшаш аз пулоди 20 тайёр карда мешавад Пули барандаи автомобилҳои ГАЗ ва КАМАЗ аз се қисми кафшеркардашуда иборат мебошанд, ки он барои автомобилҳои ГАЗ аз пулоди 40 ва барои КамАЗ аз пулоди 17ТС тайёр карда шудааст. Пули барандаи автомобилҳои МАЗ аз пулоди 40Л рехтагари карда шуда, аз ҳардуи тарафашон рӯйпуши нимтираҳо аз пулоди 40Х тайёр шуда, дараҷаи сахтии он ба HRC 28-37 баробар аст.

Нуқсонҳои асосии картери пули баранда дар расми 1 нишон дода шудааст.



Расми 1. Нуқсонҳои асосии картери пули барандаи автомобили ЗИЛ-130.

1) вайроншавии чоки кафшер; 2) гардани хурдашудаи зери падшипники дохилӣ; 3) гардани хӯрдашудаи зери падшипники беруна; 4) хӯрдашудаи зери ҷабъа; 5) ҷойҳои захмишуда ё хӯрдашудаи рахпеч.

Каҷшавии картер ҳангоми кафидан дар ҷойҳое, ки ресор гузошта мешавад ин нишонаи саҳотнамои он мебошад. Дар ҳолате, ки он зиёда аз 1/3 ҳисаро дар буриши кундалангӣ фаро гирифта бошад.

Агар дарзҳои пайвасти кафшерӣ вайрон шуда бошад дар чунин ҳолат кафшерҳои кӯҳнаро аз танаи руйкаш тоза намуда, онро аз нав ба кафшери барқӣ-камонӣ бо ёрии электроди Ø5 мм ва қӯвва ҷараёни 210-240А кафшер намудан лозим аст.

Гарданаки хӯрдашудаи подшипники дохилиро то Ø камтар аз 84,88 ва гардани хурдашудаи подшипники берунаро то Ø камтар аз 74-90 мм барқарор карда имконпазир мебошад бо роҳи кафшер намудан дар зери қабати гудозвар ва бе хунукнамои.

Дар вақти занг задан ё хӯрдашавии гарданакҳо онҳоро дар андозаи на камтар аз 84 ё 74 мм тоза намуда, бо ёрии сими электродии пулодини 45 Ø 1,2 мм ва истифодаи гудозвории АН-348А, ки дорои донаҳои хурд мебошад кафшер менамоянд. Кафшерро бо ҷараёни доими дар шиддати 25-27 В, қувваи ҷараёни 120-140А, дараҷаи чархзании ҷузъ 1,7-1,8 мин$^{-1}$ ва суръати кафшер 23-26 м/соат мегузаронанд.

Ҷойҳои хурдашудаи ҳалқаи зери ҷабъаҳоро бартараф намуда, бо роҳи гузаштани ҳалқаи нав бо тафтиши пешакии андозаи ҷойи нишасти гардан, ки он бояд дар ҳадди $Ø\,93^{+0,085}_{+0,060}$ мм дар дарозии 20мм буда, ҳадди иҷозатдодашудаи ҳалқа бе тармим 141,70 мм бошад. Рахпечҳои захмишуда ё хӯрдашудаи андозаи М72Х2 бо роҳи кафшернамоӣ пас аз бурида гирифтани рахпечи кӯҳна ва баъдан тарошидан ва баровардани рахпечҳои нав аз рӯи андозаи нақшаи корӣ барқарор карда мешавад.

Барқарорнамоии картери пули баранда бояд, ки ба талабаотҳои зерини техникӣ ҷавобгӯй бошад: заниши радиалии сатҳи Л нисбати сатҳи И на зиёда аз 0,25 м:, заниши сатҳи ҳамвори К нисбати сатҳи И на зиёда за 0,15 мм: дар сатҳи Д на зиёда аз 0,10 мм: ҳангоми гузоштани лаҳзаи чархзании 2,5 кН.м ба ҳалқапайвасти сапфа ва пахшкунаки картер дар ҷойҳои пайвасти ресорҳо набояд, ки боқимондаи деформатсия бошад ва вайроншавии сифати чоки кафшерӣ ба вуҷуд наояд : шахшулии сатҳи И.Ж ва Г бояд, ки мувофиқ ояд ба шахшулии Ra = 1,25 мкм.

Картери редукторҳои пули баранда дар автомобилҳои ЗИЛ, ГАЗ ва КамАЗ аз чуяни

чакушхӯри КЧ 35-19 дар МАЗ аз КЧ 37-12 тайёр карда мешавад. Нуқсонҳои асосии картери редуктор дар расми 2 нишон дода шудаанд.



Расми 2. Нуқсонҳои асосии картери редуктори пули оқиби автомобили 130

1) шикастагӣ дар ҳалқапайваст ва кафидагиҳо; 2) сатҳҳои хӯрдашудаи сурохии подшипники шестернаи конусии баранда;3) сӯрохиҳои хурдашудаи зери лонаи подшипникҳои шестернаи силиндрии баранда; 4) фитшавии сӯрохии зери подшипники диференсиал; 5) ҷойҳои захмишуда ё хурдашудаи зери гайкаи подшипники диференсиал.

Дар раванди кушодани картер набояд, ки редукторро бо сарпӯш подшипникҳои деференсиал аз нав комплект номоянд, чунки онҳо якҷоя коркардкардашуда мебошанд. Шикастагии ҳалқапайвастро, ки аз нисф камтари сӯрохии болтро фаро гирифтааст бо роҳи кафшер намудан асосан онро барқарор намудан имконпазир мебошад.

Боқимонда дигар намудҳои шикастагиҳо ва кафидагиҳо дар ҳалқапайваст бавуҷудомада ин нишонаи сақотнамои онҳо мебошад.

Сӯрохии фитшудаи зери подшипники шестернаи конусии баранда, ки зиёда аз 140,08 мм мебошад бо роҳи кафшери камонӣ ва баъдан коркард карда барқарор карда мешавад мувофиқ бо андозаи нақшаи корӣ. Мувофиқ ба андозаи нақшаи корӣ, имконият дорад, ки инчунин дар он ҷузъиёти таъмири иловагӣ низ гузаронад. Барои ин картери редукторро дар таҷҳизоти дастгоҳои уфуқии тарошанда гузошта сӯрохиро то $\varnothing\ 148^{+0,4}$ мм дар чуқурии ($3\pm0,4$) мм барои буртики втулка метарошад. Дар сӯрохии тарошида втулкаро бо буртикаш мегузорад, ва пас аз он қисми ҳамвори онро метарошад дар баробари ин сӯрохиро низ дар асоси нишондоди андозаи нақшаи корӣ метарошанд.

Сӯрохии зери лонаи подшипники шестернаи слиндирии барандаи фитшуда то андозаи $\varnothing$ зиёда аз 135,08 мм барқарор карда мешавад бо роҳи кафшери камони ё гузоштани ҷузъиёти иловагии таъмири ва баъдан коркард намудан дар андозаи нақшаи кории ҷузъ.

Сӯрохии фитшудаи зери подшипники диференсиалро то $\varnothing$130,08 мм ё зиёда аз онро асосан бо технологияи зерин бартараф менамоянд: сӯрохиро то $\varnothing$137,0 мм метарошад, сапӯшро мегирад лонаи подшианикро дар картер ва сапӯш коркард менамояд (кафшерро на камтар аз ду қабат мегузаронанд бо ҷараёни доими, қувваи ҷараёни 200-240А бо электроди -ОЗЧ-1$\varnothing$ 5 мм) чоки кафшерро то ҳамвори ҷудошави дар 10-12 мм намерасонад. Баъдан ҳамвори ҷудошавиро дар картер ва сарпӯш бурида, сапӯшро дар ҷояш гузошта, сӯрохиро мувофиқ ба андозаи нақшаи корӣ аз нав мебарорад.

Рахпечҳои захмишуда ё хӯрдашудаи андозаи М135 Х 1,5 гайкаи подшипники диференсиалро бо роҳи кафшери барқикамонӣ барқарор намуда ва баъдан тарошида пас аз он рехпечҳои андозаи дар боло додашударо аз нав мебароранд. Инчунин тарошидани сӯрохӣ то андозаи $\varnothing\ 136,3^{-0,2}$ ва баровардани рехпечи таъмирии М138Х1,5мм низ иҷозат дода мешавад.

Пас аз барқарор намудани картери редуктор он бояд бо талаботҳои зерини пешниҳодшудаи техникӣ ҷавобгӯй бошад: ғайрипаралелии тири сӯрохи зери лонаи подшипнтки шестернаи борандаи силиндри нисбат ба тири сӯрохии подшипники диференсиал на зиёда аз 0,05 мм дар дарозии 100 мм бошад: нисбати торетси комапайваст бо стакани подшипники шестернаи конусии баранда на зиёда аз 0,06 м дар дарозии 100 мм: ғайриперпендикуляри тири сӯрохӣ зери лонаи подшипники шестернаи барандаи силиндри на зиёда аз 0,06 мм дар дарозии 100 мм; масофаи байни тири сӯрохии зери лонаи подшипники шестернаи барандаи силиндри ва тири сӯрохии зери подшипники деференсиал бояд, ки 190, 45…190,55 мм бошад.

Косачаи қутии диференсиал барои автомобилҳои ЗИЛ аз пӯлоди 45 бо сахтии НВ163-197 тайёр карда шуда, барои автомобилҳои тамғаҳои ГАЗ ва КамАЗ аз чӯяни чакушхӯри КЧ35-10

бо сахтии НВ 121-149 ва барои автомобилҳои МАЗ аз чуяни КЧ 37-12 тайёр карда мешавад.

Нуқсонҳои асосии косаи деференсиал дар расми 3 нишон дода шудааст.

Расми 3. Нуқсонҳои асосии қуттии диференсиали автомобили ЗИЛ130.

1) қадшудагӣ, фитшавии торетси зери шайбаи шестернаи нимтира; 2) фитшавии гардани зери шайбаи шестернаи нимтира; 3) фитшавии гардани зери подшипники роликӣ; 4) фитшавии сӯрохи зери болти кашанда; 5) пачақшудагӣ ё фитшавии сатҳи сферӣ; 6) фитшавии сӯрохии зери шини креставина.



Дар раванди кушодан косаҳои чап ва ростро набояд, ки комплектовка намоянд. Шикастагиҳо ва кафидагиҳо дар косачаҳо ин нишонаи сақатнамои онҳо мебошанд.

Пачақшудагиҳо фитшавии торетси зери шайбаи шестернаи нимтира ҳангоми андозаи *а* зиёда аз 49,3 мм будан бартараф карда мешаванд бо роҳи коркард намудани сатҳи торетси то андозаи таъмири бо компенсатсияи андозаи *а* аз ҳисоби гузаштани шайба андозаи таъмир ҳангоми ҷобаҷойнамои. Андозаи *а* аз рӯи нақшаи кори ба $49{,}0^{+0{,}2}$мм баробар аст , андозаи таъмири якум ба $49{,}4^{+0{,}2}$ мм андозаи таъмири дуюм ба $49{,}06^{+0{,}2}$ мм баробар буда, дар мувофиқа ба мувофиқ омадани ғафсии шайба: андозаи асоси 1,8-$_{0,1}$,якум 2,2-$_{0,1}$ мм: дуюм 2,4-$_{0,1}$ мм. Ҳангоме, ки андоза зиёда аз 49,9 будан онро сақат менамоянд. Косаи қутти диференсиали андозаи таъмири тамғагузори карда мешавад аз сатҳи болои Е бо индекси муҳри 1Т, 2Т.

Сӯрохии зери гардани шестернаи нимтираро, ки зиёда аз 75,20 мм фит шудаги бошад онро бо кафшери барқи камони ё инки гузаштани ҷузъиёти иловагӣ ва баъдан тарошидан то андозаи нақшаи корӣ асосан таъмир ва барқарор менамоянд.

Гардани фитшудаи зери подшипники сақоиро то Ø 75,01 мм ё камтар аз онро бо роҳи кафшери барқӣ-камонӣ ё гузаштани ҷузъиёти иловагии таъмирӣ барқарор менамоянд. Кафшери барқи камониро аз рӯи технологияи зерин мегузаронанд; касеро дар таҷҳизот мегузаронанд, гарданро то Ø 73.0 мм метарошад. Баъдан дар таҷҳизоти УАЖ-4 онро то Ø 78.0 мм кафшер менамояд дар реҷаи сими электродии Св-08 Ø 1,6 мм суръати додан 1,3 – 1,4 мм/дақиқа, дараҷаи чархзании ҷузъ 2,0 мин$^{-1}$,сарфи моеъи сарднамоянда 0,05 л/дақ. Пас аз кафшернамоӣ бо иловагузорӣ,15 мм онро тарошида ва баъдан гарданро то $Ø\,75{,}0^{+0{,}04}_{+0{,}02}$ мм сайқал медиҳад.

Ҳангоми фитшавии сӯрохии зери болти кашанда косаро дар кондуктори мизи дастгоҳи сӯрохнамои 1218 сахт намуда, дар он сӯрохии нав мебароранд. Масофаи байни сӯрохии кӯҳна $Ø\,14{,}0^{+0{,}26}_{+0{,}24}$ мм ва аз ду тараф онро бо гирдсуян коркард менамоянд.

Ҳангоми пачақшавӣ, бавуҷуд омадани хатҳо ё фитшавии сатҳи сферавии зери шайбаи сателлита онро бо қаламҳои тарошандаи муқарнас дар як ё ду андозаи таъмирӣ (радиуси сатҳи сфери 80,6±0,05 ё 808±0,05 мм) метарошанд бо андозаи эҳтиётии зиёди ҳангоми ҷой ба ҷойнамои шайбаи таъмирӣ бо ғафсии 2,2-0 ё 2,4-0,1 мм.

Андозаҳои ба сатҳи Е индекси 1С, 2С таъмириро тамғагузори намуда, хӯрдашавии сӯрохии зери комаи креставина то Ø зиёда 28,10 мм барқарор менамоянд бо роҳи сӯрох намудани сӯрохии нав, ки ҷойгиршудааст дар таҳти кунҷи 45° ба фитшуда ва баъдан васеъ намудан ба андозаи кори нақшавии то $Ø\,28{,}0^{+0{,}05}_{+0{,}02}$ мм .

Барқарорнамоии косаи қуттии дифереансиал бояд ба талаботҳои зерини техники ҷавобгуй бошад: ҳангоми гузоштан дар сатҳи сӯрохи шестернаи слиндирии пайрав ва такягоҳи торетс, ки ба шестернаи пайрави слиндри хоб меравад, заниши сатҳҳои сфери на зиёда аз 0,06

мм бошад. Заниши радиалии болои гардан зери подшипник ва сӯрохии зери гардан шестернаи нимтира на зиёда аз 0,05 мм: шахшулии сатҳи болои гардани зери подшипник на зиёда Ra + 1,25 мм: фарқияти андозаи *б* барои як ҷузъ на зиёда аз 0,08 мм-ро ташкил намояд.

Ҳангоми бо чунин талаботҳои пешниҳодшуда таъмир намудани пули барандаи автомобилҳои тамғаҳои гуногун ин имконият медиҳад, ки дарозумрӣ, коршоямӣ ва эътимодиятнокии автомобил баланд шуда аз ин ҳисоб сарфи сӯзишворӣ ва таъмирҳои ҷорӣ кам гашта сифати хизматрасони баланд ва арзиши аслии он кам карда шавад.

Адабиёт:

1. Каримов Н.К. Асосҳои тармими саройи мошину тракторҳо ва масолеҳшиносӣ. – Душанбе: ҶДММ «Ховарон», 2009. – 316 с.
2. Олимов Н.С., Каримов Н.К. ва дигарон. Тармими мошин. – Душанбе: Матбааи ДДОТ, 2018. – 65 с.
3. Румянцев С.И., Боднев А.Г., Бойко Н.Г. и.др. Ремонт автомобилей. – Москва: Транспорт, 1988. – 327 с.
4. Румянцев С.И, и.др. Техническое обслуживание и ремонт автомобилей. – Москва: Машиностроение, 1988. – 234 с.
5. Радичев В.А. Автомобили сабукрав. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 105 с.
6. Ульман И.Е. Ремонт машин. – Москва: Колос, 1976. – 447 с.

Калидвожаҳо: *пулҳои баранда, нуқсон, кафидагӣ, шикастагӣ, кафшери барқӣ-камонӣ, чуяни хокистарранг, сурохи, наварди баранда, пачақшавии картер, ҷаъба, рахпеч, барқарорнамои*

Аннотация

СПОСОБЫ РЕМОНТА ВЕДУЩИЕ МОСТЫ

Картер ведущего моста ЗИЛ-130 изготавливают путем сварки верней и нижней блок из стали 40, НВ 184-229; цапфы изготавливают из стали 40Х, НВ 269. 321 кольца сальников из стали 45, HRC 56…62крышки из стали 20.Ведущий мост автомобилей ГАЗ и КамАЗ сварен из тех же частей, которые изготовлены у ГАЗ- из стали 40, а у КамАЗ из стали 17ГС.

Основные дефекты картера погнутость картера в результате трещин в местах установки рессор и стремянок являются выбраковочными признаками, если они захватывают более ½ поперечного сечения балки. Нарушенные сварные швы после удаления старой наплавки заваривают вновь электродуговой сваркой электродами ∅5 мм силой тока 210…240 А при обратной полярности.

Ключевые слова: *ведущие мосты, дефект, трещина, обломы, электродуговая сварка, серый чугун, пробоина, ведущий вал, погнутость картера, сальник, резьбы, восстановленный*

Annotation

THE WAYS OF DRIVE AXLES REPAIR

Carter drive axle ZIL-130 is made by welding the upper and lower unit of steel 40, HB 184-229; grunions are made of steel 40X, HB 269. 321 gland rings are made of steel 45, HRC 56 ... 62caps are made of steel 20. The drive axle of GAZ and KAMAZ vehicles are welded from the same parts that are made of GAZ-40 steel 17GS.

The main defects of the crankcase as a result of cracks in the locations of the springs and stepladders are discarded signs if they capture more than ½ of the cross-section of the beam. After removal of the old weld deposition, the broken welds are re-welded by electric arc welding with electrodes ∅5 mm with a current of 210 ... 240 A with reverse polarity.

Keywords: *drive bridges, defect, cracks, breaks, electric arc welding, cast iron series, holes, drive shaft, crankcase, oil seal, threads, restored*

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳмонов Ҷасур Ҳомидович, магистранти соли дуюми факултети технология ва иқтисодиёти ДДОТ ба номи С.Айнӣ

Роҳбари илмӣ: Олимов Насриддин

Сведения об авторе: Рахмонов Джасур Хомидович, магистрант второго курса факултета технологии и экономики ТГПУ имени С.Айни

About the author: Rahmonov Jasur Homidovich, the second year master student of the Department of Technology and Economics, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini

Абидов Раҳим,
магистранти соли дуюми факултети математика

МАФҲУМҲО ВА МУҲТАВОИ АСОСИИ СО UNIX

Дар ин ҷо бо мафҳумҳои асосӣ, структураи умумии система ва имкониятҳои асосии СО UNIX шинос мешавем.Яке аз афзалиятҳои системаи оператсионии UNIX дар он аст, ки асоси системаи мазкурро мафҳумҳои оддӣ ва фаҳмо ташкил медиҳанд. Лекин, ба соддагии ин мафҳумҳо нигоҳ накарда, пеш аз ҳама, ба онҳо одат намудан лозим аст. Бе ин, фаҳмидани моҳияти UNIX ғайриимкон мегардад. Истифодабаранда аз ибтидои пайдоиши худ системаи оператсионии UNIX ҳамчун системаи интерактивӣ пешбинӣ мешавад. Яъне, UNIX барои муошираги бевосита бо истифодабаранда (кори терминалӣ) тартиб дода шудааст. Барои оғоз намудани кор, одам бояд тавассути дохил намудани номи қайдии худ (account name) ва мумкин аст, сирркалима (password) ба система «ворид» шавад. Одаме, ки бо чунин роҳ дар система ба қайд гирифта шудааст, истифодабарандаи қайдшудаи система номида мешавад. қайди истифодабарандагони навро одатан маъмури система иҷро менамояд. Истифодабаранда номи қайдии худро тағйир дода наметавонад, вале тағйирдиҳӣ ва ё муайян намудани сирркалима ба ӯ имконпазир аст. Сирркалимаҳо дар файли алоҳида ба намуди кодгузоришуда нигоҳ дошта мешаванд ҳар як истифодабарандаи СО UNIX бо ин ё он тарз файлҳоро истифода мебарад. Системаи файлии UNIX намуди шоханок дорад. Ба ҳар як истифодабарандаи қайдшуда як каталоги системаи файлӣ мувофиқ меояд ва онро каталоги «хонагии» (home) истифодабаранда меноманд. ҳангоми воридшавӣ ба система, истифодабаранда бо ҳамаи зеркаталогҳо ва файлҳои каталоги хонагии худ тамоми амалиётҳоро иҷро намуда метавонад. Умуман, агар истифодабаранда ваколатҳои кофӣ дошта бошад, ба ӯ ҳамаи файлҳои система дастрас шуда метавонанд.

Интерфейси истифодабаранда. Тарзи анъанавии муошираги истифодабаранда бо системаи UNIX тавассути забонҳои фармонӣ амалӣ мегардад (қайд менамоем, ки ҳоло интерфейсҳои графикӣ нисбатан бештар истифода шуда истодаанд). Баъд аз ба система ворид шудани истифодабаранда, барои ӯ яке аз интерпретаторҳои фармонӣ ба кор медарояд (вобаста ба параметрҳои дар файли /etc/passwd сабтшуда). Одатан, дар система якчанд интерпретаторҳо мавҷуданд, ки забони монанд, вале имкониятҳои гуногун доранд. Номи умумии дилхоҳ интерпретатори СО UNIX – shell (рӯкаш) мебошад, зеро ҳар як интерпретатор муҳити атрофии ядрои системаро намояндагӣ мекунад.Интерпретатор ҳар як фармони (ё фармонҳои) ба сатри фармонҳо дохилнамудаи истифодабарандаро иҷро менамояд. Барои анҷоми кори худ истифодабаранда фармони logout ё комбинатсияи тугмачаҳои Ctrl+d-ро пахш менамояд.Забонҳои фармонии СО UNIX то ҳадди имкон барои фаҳмидани истифодабарандаи нав оддӣ буда, бо баробари он, барои навиштани барномаҳои мураккаб низ имкониятҳои зиёдеро пешкаш менамоянд. Имконияти охирин аз ҳисоби механизми махсуси файлҳои фармонӣ (shell scripts) амалӣ мегардад, ки метавонанд пайдарпаии дилхоҳи сатрҳои фармониро дар бар дошта бошанд. ҳангоми ба файли фармонӣ ишора намудан, интерпретатори фармонҳо файлро сатр ба сатр хонда, фармонҳоро пайдарпай иҷро менамояд. Истифодабарандаи боваколат ядрои СО UNIX ҳар як истифодабарандаро мувофиқи идентификатори ӯ (UID - User Identifier) – қимати бутуни нотакрор, ки ба истифодабаранда ҳангоми дар система қайд шудани ӯ дода мешавад, мешиносад. ғайр аз ин, ҳар як истифодабаранда ба ягон гурӯҳи истифодабарандагон дохил мешавад, ки ба онҳо низ ягон қимати бутун (GID - Group IDentifier) мувофиқ гузошта шудааст. қиматҳои UID ва GID барои ҳар як истифодабарандаи қайдшуда дар файлҳои қайдии система сабт шуда, мувофиқи он ядрои система ваколатҳои амалиётҳои иҷрошудаистодаро назорат менамояд.

Албатта, маъмури система, ки худ низ истифодабарандаи қайдшудаи система мебошад, бояд нисбат ба истифодабарандагони оддӣ ваколатҳои зиёдтар дошта бошад. Дар СО UNIX ин масъала тавассути ҷудо намудани яке аз киматҳои (нулии) UID ҳалли худро ёфтааст. Истифодабарандае, ки чунин UID дорад, истифодабарандаи олӣ (superuser) ё root номида мешавад. Ӯ ба ҳамаи файлҳо ва барномаҳои система дастрас шуда метавонад. ғайр аз ин, чунин истифодабаранда имконияти пурра назорат намудани системаро дорад. Ӯ метавонад кори системаро қатъ намояд ва ҳатто онро пурра аз кор барорад.

Дар муҳити UNIX чунин меҳисобанд, ки шахси вазифаи истифодабарандаи олиро ишғол намуда, бояд амалиётҳои худро пурра дарк намояд. Истифодабарандаи олӣ бояд ба структураи кори СО UNIX хеле хуб сарфаҳм равад. Ӯ ба бехатарии система, кори саҳеҳи он, илованамоӣ ва

хоричнамоии истифодабарандагон, кори системаи файлӣ ва ғайра ҷавобгар аст.Боз як фарқияти истифодабарандаи олӣ аз истифодабарандаи оддии СО UNIX дар он аст, ки ба истифодабарандаи олӣ маҳдудиятҳои захираҳои истифодашаванда таъсир намерасонанд. Масалан, барои истифодабарандагони оддӣ андозаи максималии файл, қисми хотира, қисми диск ва ғ. маҳдуд карда мешаванд. Истифодабарандаи олӣ чунин маҳдудиятҳоро тағйир дода метавонад, вале онҳо барои худи ӯ таъсир намерасонанд.

Барномаҳо СО UNIX дар як вақт ҳам муҳити оператсионии истифодабарии барномаҳои амалӣ ва ҳам муҳити таҳияи барномаҳои нав мебошад. Барномаҳои навро дар забонҳои гуногуни барноманависӣ навиштан мумкин аст. Вале, забони стандартии барноманависӣ дар муҳити СО UNIX забони Си (ки ҳоло, бештар ба забони Си++ иваз шуда истодааст) мебошад. Сабаб дар он аст, ки худи системаи UNIX бо ин забон навишта шудааст ва инчунин, забони Си яке аз забонҳои босифати стандартишуда мебошад.

Фармонҳо: Дилхоҳ забони фармонии оилаи shell амалан аз се қисм иборат аст.

- сохторҳои хидматӣ, ки имконияти кор бо сатрҳои матнӣ ва тартибдиҳии фармонҳои мураккабро дар асоси фармонҳои оддӣ медиҳанд;
- фармонҳои хос, ки бевосита аз тарафи интерпретатори забони фармонӣ истифода мешаванд;
- фармонҳои файлҳои иҷрошавандаи алоҳида.

Масалан, матни зерини дар забони Си навишташуда барои тартиб додани фармоне, ки ба экран аргументи худ – сатри матниро мебарорад, истифода шуда метавонад:

```
#include <stdio.h>
main (argc, argv)
int argc;
char *argv[];
{
if (argc != 2)
{ printf("usage: %s matni shumo\n", argv[0]);
exit;
}
printf("%s\n", argv[1]);
}
```

Равандҳо (протсессҳо): -раванд дар СО UNIX – ин барномае мебошад, ки дар фазои виртуалии суроғавии худ иҷро мешавад. ҳангоми ба система ворид шудани истифодабаранда, ба таври автоматикӣ раванд тартиб дода мешавад, ки дар он барномаи интерпретатори фармонӣ иҷро мешавад. Умуман, барои ба вучуд омадани раванди нав ва ба кор даровардани барнома ду муроҷиати системави fork() ва exec (номи файли иҷрошаванда) истифода мешаванд.

Адабиёт:

1. Информатика: Практикум по технологии работы на компьютере. / Под ред. Н.В. Макаровой. – М.: Финансы и статистика, 2016.
2. Макаровой Н.В. Информатика: Учебник/под ред. – М.: Финансы и статистика, 2010. – 768 с.
3. Симоновича С.В. Информатика. Базовый курс. Учебник для Вузов/под ред. – СПб.: Питер, 2015.
4. Симонович С.В., Евсеев Г.А., Практическая информатика, Учебное пособие. – М.: АСТ пресс, 1999.
5. Симонович С.В., Евсеев Г.А., Алексеев А.Г. Специальная информатика, Учебное пособие. – М.: АСТ пресс, 1999.
6. Фигурнов В.Э. IBM PC для пользователя. – М.: Инфра-М, 2001.

Калидвожаҳо: *системаи оператсионии Unix, лоиҳа, тартибдиҳӣ, интерактивӣ, буд, барномасозон, илмӣ, техникӣ, мукаммалӣ, системаи файлӣ, компютер, ҳуҷҷатгузорӣ*

Аннотация

ОСНОВНОЕ ЗНАЧЕНИЕ И САДЕРЖАНИЕ СО UNIX

В этой статье проводитсия изучение оператционной системы UNIX . Одним из приоритетов операционной системы UNIX состоит в том, что база системы составлена из простых и разумных элементов. Однако, несмотря на простоту этих значений, необходимо приспособиться к простым формам этих терминов.

Ключевые слова: *Оператционная система UNIX, проект, создание, интерактивные, программисты, научный, технический, файловая, система,компьютер, документирование*

Annotation

THE MAIN MEANING AND THE CONTENT OF CO UNIX

This article examines the UNIX operating system, One of the advantages of the UNIX operating system is that the base of this system is composed of simple and reasonable elements. However, despite the simplicity of these meanings, it is necessary to adapt to the simplicity of these terms.

Keywords: *UNIX operation system, project, creation, interactive, programmers, file system, computer, documentation*

Маълумот дар бораи муаллиф: Абидов Раҳим, магистранти соли дуюми факултети математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Сведения об авторе: Абидов Рахимджон, магистрант второго курса математического факультета ТГПУ имени Садриддина Айни

About the author: Abidov Rahimjon, the second year master student of the faculty of Mathematics, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Исоқов Фирӯз Ғуломалиевич,
магистранти соли дуюми факултети математика

АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ ВА УСУЛҲОИ ҲИФЗИ ИТТИЛООТ

Мақсад ва вазифаҳои ҳифзи иттилоот. Дар тамоми давраҳои таърихи тамаддуни ҷаҳон иттилооти саҳеҳ, пурра ва эътимоднок ҳамеша қадр карда мешуд ва «моли» қиматбаҳо ба ҳисоб мерафт. Дар даврони мо, ки ҳаҷми иттилооти қабул ва коркардшаванда бемайлон ба боло рафта истодааст, қурби он боз ҳам зиёдтар афзудааст. Дар баробари ин, инсон доимо кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки иттилооти интиқолшаванда сари вақт, бе таҳриф, мувофиқи муқаррарот, ба макон ва соҳиби аслиаш рафта расад. Ҳалли ин масъала, ки ба мавзӯи ҳифзи иттилоот ё амнияти иттилоотӣ дохил мешавад, ҳамеша яке аз масъалаҳои рӯзмарра буд ва боқӣ мемонад. Рушди раванди иттилоотонии ҷомеа ва татбиқи пурраву комили компютер дар тамоми самтҳои фаъолияти инсон масъалаи амнияти иттилоотиро боз ҳам ба дараҷаҳои болотар бардоштааст. Акнун ҳалли ин масъаларо дар баҳисобгирии маҷмӯи омилҳои нави гардиши иттилоот, эҷод ва истифодаи захираҳои иттилоотӣ, ки онҳо дар якҷоягӣ муҳити иттилоотӣ ном гирифтаанд, ҷустан лозим аст. Муҳити иттилоотӣ маҷмӯи воситаҳо, омилҳо ва усулҳои дар асоси системаҳои компютерӣ фаъолияткунанда мебошад, ки барои эҷод ва истифодаи захираҳои иттилоотӣ равона шудааст. Маҷмӯи омилҳоеро, ки барои фаъолияти муътадили муҳити иттилоотӣ хавфноканд, таҳдиди иттилоотӣ мегӯянд. Натиҷаҳои мушаххаси таъсири ин таҳдидҳо – гумшавии иттилоот, тағйирёбии миқдор ва мазмуни иттилоот, дастрасии иттилоот ба шахсони номақбул ва ғайра шуда метавонанд. Таъсири ғайриқонунӣ ва зидди ҳуқуқӣ ба муҳити иттилоотӣ, метавонад ба манфиатҳои шахси алоҳида ва ҷамъият зарари ҷиддӣ оварад. Аз ин рӯ, амнияти муҳити иттилоотӣ ва тоза нигоҳ доштани он аз таҳдидҳои иттилоотӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи иттилоотонии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Амнияти иттилоотӣ маҷмӯи чорабиниҳои мушаххаси ҳифзи муҳити иттилоотии ҷомеа ва инсон аст. Мақсадҳои асосии амнияти иттилоотӣ инҳоянд:

• ҳифзи манфиатҳои миллӣ;

• таъминиҷомеа ва шахс бо иттилооти пурра ва эътимоднок;

• ҳифзи ҳуқуқҳои давлат, ҷомеа ва шахс дар қабул, истифодава паҳнкунии иттилоот.

• захираҳои иттилоотӣ;

• системаҳои эҷодкунӣ, паҳнкунӣ ва истифодаи захираҳои иттилоотӣ;

• зерсохторҳои иттилоотии ҷомеа – иртиботи иттилоотӣ, шабакаҳои робитавӣ, марказҳои таҳлилӣ ва коркарди додаҳо, системаҳо ва воситаҳои ҳифзи иттилоот;

• воситаҳои ахбори омма;

Таҳдиди иттилоотӣ. Манбаи таҳдиди иттилоотии шахс ва ҷомеаро ба омилҳои берунӣ ва дохилӣ ҷудо мекунанд. Манбаъҳои асосии таҳдидҳои берунӣ:

• сиёсати мамлакатҳое, ки дастрасии комёбиҳои ҷаҳониро дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ халалдор месозанд;

• «ҷанги иттилоотӣ», ки фаъолияти муҳити иттилоотиро дар мамлакат номуътадил мегардонад;

• фаъолияти ҷиноятӣ, ки бар зидди манфиатҳои миллӣ равона гардидааст.

Манбаъҳои асосии таҳдидҳои дохилӣ:

• қафомонӣ аз сатҳи иттилоотонии мамлакатҳои мутараққӣ;

• қафомонии технологӣ дар саноати электронии истеҳсоли техникаи иттилоотӣ ва иртиботӣ (коммуникатсионӣ);

• пастравии сатҳи маърифатии шаҳрвандон, ки монеаи рушди муҳити иттилоотӣ гардидааст.

Таҳдидҳои амнияти иттилоотиро дар навбати худ ба таҳдидҳои ғаразнок (мақсаднок, барқасд) ва тасодуфӣ тақсим мекунанд. Таҳдиди ғаразнокро таҳдиди дастрасии беиҷозат, ҳамла ё ҳуҷум мегӯянд. Ин намуди таҳдид бо амалҳои шахсоне алоқаманд аст, ки онҳо ба худсобиткунӣ ё худсанҷии дониш, малака ва имкониятҳои компютерӣ (haker – ҳакир) машғуланд. Ин нафарон бо ҳамин роҳ норозигии худро нисбат ба вазъи иҷтимоӣ намоиш додан мехоҳанд, манфиатҳои моддӣ меҷӯянд ё танҳо барои вақтхушӣ (craker – кракир) ба ин амали номатлуб даст мезананд. Номгӯи таҳдидҳои ғаразнок аз имконият ва сайри хаёлоти татбиқгарони ин ғояҳо вобаста буда, хеле рангоранг буда метавонад. Баъзе таҳдидҳои ғаразноки намунавии системаҳои компютерӣ:

• дуздии иттилоот – дастрасии беиҷозати

парвандаҳо дар шакли дидан ва нусхабардорӣ

кардан. Ғорати компютерҳо ва барандагони иттилоот, ҳазф ва барбоддиҳии иттилоот;

• паҳнкунии вирусҳои компютерӣ;

• таъсири ҷисмӣ ба сахтафзори электронӣ – вайронкунӣ, пайвастан ба каналҳои алоқа, шикастани барандагони иттилоот, ба воситаи майдони магнитӣ таъсири барқасдона расонидан.

Таҳдидҳои ғаразнок дар системаҳои компютерӣ метавонанд тавассути каналҳои дастрасӣ ба иттилоот – компютери фардӣ, ҷойи кории маъмури системаи компютерӣ, барандагони иттилоот (диск, фитта, коғаз) ва каналҳои алоқаи беруна амалӣ гардонида шаванд. Таҳдидҳои тасодуфӣ бештар дар равандҳои иттилоотӣ – ҳангоми дохилкунӣ, нигаҳдорӣ, коркард, хориҷкунӣ ва интиқоли иттилоот рӯй медиҳанд. Сабаби асосии рӯй додани таҳдидҳои тасодуфӣ омилҳои тасодуфӣ ба ҳисоб мераванд. Омилҳои тасодуфӣ ба ҳолатҳои фавқулодда (форс-мажор) ва антропогенӣ (инсонӣ: саҳву хато, хунукназарӣ, беаҳамиятӣ) тақсим мешаванд. Масалан, сабабгори асосии носозиҳо дар системаҳои компютерӣ метавонанд омилҳои тасодуфии зерин бошанд:

• хатогиҳои истифодабарандагони компютерҳо;

• хатогиҳои лоиҳакашони касбии системаҳои иттилоотӣ – алгоритмӣ, барномавӣ, сохторӣ;

• аз кор мондани сахтафзор ё пайдошавии нуқсон дар кори он – таҳрифи сигнали каналҳои алоқа, халалҳои иттилоотӣ;

• вазъи форс-мажорӣ – садама, сӯхтор, обхезӣ, заминҷунбӣ ва ғайра.

Ба усулҳои анъанавии ҳифзи иттилоот – гузоштани маҳдудият ба дастрасӣ ва рамзбандии иттилоот (криптография, назорати истифодаи сахтафзор ва тадбирҳои қонунгузорӣ) дохил мешаванд.

Маҳдудияти дастрасӣба иттилоот дар ду сатҳ гузаронида мешавад.Сатҳи якум – гузоштани монеаҳои сунъӣ дар муҳити зист: ба мутасаддиён додани иҷозатномаи махсус, гузоштани воситаҳои сигналдиҳии мудофиавӣ ва системаҳои видеоназоратӣ. Сатҳи дуюм – ҳифзи системаи компютерӣ: ба ҳиссаҳо тақсим кардани иттилооти дар система маҳфузбуда ва мувофиқи вазифаҳои функционалии мутасаддиён додани иҷозати дастрасӣ ба ҳиссаи ба онҳо тааллуқдошта. Ҳар як мутасаддӣ аз рамзи махфии дастрасӣ ба иттилоот истифода мебарад.

Рамзбандии иттилоот, ки онро криптография низ мегӯянд, бо ёрии алгоритмҳои махсус табдил додани калимаҳо, ҳиҷоҳо ва ҳарфҳои матнро дар назар дорад. Усули рамзбандӣ амнияти интиқоли иттилоотро тавассути шабакаҳо хеле афзун мегардонад. Пас аз қабули иттилооти рамзӣ, онро бо истифода аз усулҳои дигар аз нав кушодан мумкин аст. Назорати истифодаи сахтафзор аз гузоштани датчикҳои эҳтиётӣ иборат аст.Ҳангоми кушодани ягон қисми техникӣ онҳо бонги хатар медиҳанд. Чунин тадбирҳо асосан барои ба шахсони тасодуфӣ дастнорас гардонидани таҷҳизоти техникӣ, тағйир дода натавонистани реҷаҳои кори системаи компютерӣ, боркунии барномаҳои нолозим ё ба кори муъҳадили компютер халалворидкунанда пешбинӣ мешаванд. Тадбирҳои қонунгузорӣ барои иҷрои қонунҳо, қарорҳо ва дастурҳои давлатию ҳукуматӣ аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ва масъул гузаронида мешаванд. Онҳо аз нигоҳи қонун барои ихроҷи маълумот, ҳазф ё тағйирдиҳии иттилооти ба онҳо боваркардашуда ба ҷавобгарии ҷиноӣ ё маъмурӣ кашида мешаванд. Ҳангоми интихоби усулҳои ҳифзи иттилоот барои шабакаи мушаххаси компютерӣ, зарур аст, ки ҳамаи шаклҳои имконпазири дастрасии ғаразноки иттилоот мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор дода шавад. Барои ҳифзи иттилоот аз таҳдидҳои тасодуфии иттилоотӣ, дар системаҳои компютерӣ воситаҳои зерини тавсеаи эътимоднокии сахтафзор татбиқ карда мешаванд:

• беҳтар намудани эътимоднокии қисмҳо ва ҷузъҳои электронию механикӣ;

• тавсеаи сохторӣ – истифодаи дучанд ё сечанди ҷузъҳо, таҷҳизот ва зерсистемаҳо дар система;

• назорати функционалӣ бо ташхиси ноҷӯриҳо – дарёфти нуқсонҳо, қисмҳои вайрона ва хатогиҳои барномавӣ. Нишон додани мавқеи ҷузъҳои нуқсондор, ҳазфи онҳо, таъмин намудани ҷараёни қаноатбахши коркарди иттилоот.

Яке аз усулҳои муфиди ҳифзи иттилоот, ин дар санадҳои электронӣ истифода бурдани имзои электронии рақамӣ ба ҳисоб меравад. Имзои электронии рақамӣ (ИЭР) – воситаи барномавӣ-криптографӣ буда, маълумоти ҳатмии (реквизити) санади электронӣ, шиносномаи манбаъҳои иттилооти истифодашуда ва муҳофизи қонунии санад ба ҳисоб меравад. ИЭР санҷиши яклухтӣ (бутунӣ), нигаҳдории махфӣ ва муайянкунии шахси интиқолдеҳи санадро таъмин менамояд. Моҳияти имзои электронии рақамӣ аз он иборат аст, ки бо ёрии хэш-функсияи криптографӣ сатри рамзии нисбатан кӯтоҳ сохта мешавад. Ин сатр дар санҷиши баъдинаи аслияти санад (ҳуҷҷат) истифода бурда мешавад. Бо чунин хэш сохтани санади

дигаре, ки вай бо нусхаи асли ин санад якхела бошад, кори бениҳоят душвор аст. Сатри рамзӣ тавассути калиди пӯшидаи соҳиби санад рамзбандӣ гардида, ба он ҳамроҳ карда мешавад. Санҷишгар хулосаи худро оид ба асил ё ноасл будани санад, танҳо пас аз бо калиди кушода рамзкушоӣ намудани он, мебарорад. Санад асил ҳисобида мешавад, агар хэши аз рӯи он хондашуда, бо хэши рамзкушодаисанад айнан якхела бошад. Калиди кушодаро танҳо аз манбаъҳои боваринок гирифтанмумкин аст.

Адабиёт:

1. Комилов Ф.С., Шарапов Д.С. Информатикаи татбиқӣ. – Душанбе: Бахт LTD, 2009.
2. Комилов Ф.С., Додихудоев А.Р., Меҳмонов Н.Н. Асосҳои техникаи компютерӣ (Китоби дарсӣ барои синфи 11). – Душанбе: Студент, 2005.
3. Қосимов И., Одинаев Р., Мирзоев С. Асосҳои информатика ва технологияи компютерӣ. Васоити таълимӣ. – Душанбе, 2012. – 187 с.
4. Учебники по сетям, Intrnet, Web-дизайну. Библиотека; DVD -http://www.alexsoft.ru

Калидвожаҳо*: ҳифз, иттилоот. тамаддун, ҷаҳон, саҳеҳ, пурра ва эътимоднок, қиматбаҳо, интиқолшаванда, муқаррарот, амнияти иттилоотӣ, компютер, захираҳо, робитавӣ, таҳлилӣ, коркарди додаҳо*

Аннотация

ИНФОРМАЦИОННАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ И МЕТОДЫ ЗАЩИТЫ ИНФОРМАЦИИ

По результатам анализа планируется подробные меры защиты информации, его называют политикой безопасности. Политика безопасности это совокупность технических, программных и организационных мер, направлена для защиты и безопасности информации в компьютерных сетях.

Ключевые слова*: защита, информация, цивилизация, мир, точно, полный и надёжный, драгоценности, передаваемый, обычность, информационная безопасность, компьютер, ресурсы, связь, анализ, обработка данных*

Annotation

INFORMATION SECURITY AND THE METHODS OF METHODS INFORMATION PROTECTION

According to the results of the analysis, detailed information protection measures are planned; it is called a security policy. Security policy is a set of technical, software and organizational measures, aimed at protecting and protecting information in computer networks.

Keywords: *protection, information, civilization, peace, precisely, complete and reliable, jewels, transmitted, routine, information security, computer, resources, communication, analysis, data processing*

Маълумот дар бораи муаллиф: Исоқов Фирӯз, магистранти соли дуюми факултети математика, ихтисоси информатикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

Сведения об авторе: Исоков Фируз, магистрант второго курса специальности информатики математического факультета ТГПУ им. С.Айни.

About the author: Isokov Firuz the second year master student of the faculty of Mathematics, TSPU named after Sadriddin Aini.

Қурбонов Фазлиддин Ҷурабекович,
магистранти соли дуюми факултети математика

СОХТАНИ ПОЙГОҲИ ДОДАҲО ДАР ЗАБОНИ БАРНОМАСОЗИИ С++

Технологияҳои ҳозира замон имконият медиҳад, ки раванди нигаҳдорӣ ва коркарди иттилооти гуногунтабиат дар намуди электронӣ ташкил карда шавад. Пойгоҳи додаҳро дар компютер бо як чанд тарҳо сохтан мумкин аст. Якум бо ёрии забонҳои алгоритмии барномарезӣ ба монанди Basic, VisualBasic, Pascal, C++, C# ва ғайра.Тарзи маскур ҳангоми сохтани пойгоҳи додаҳои нодир мавриди истифода қарор дода мешавад ва аз он асосан барномасозони касбӣ ва соҳибтаҷриба истифода мебаранд. Дуюм бо ёрии муҳитҳои барномавии махсус, ки системаҳои идоракни пойгоҳи додаҳо (СИПД) номида мешавад. Тарзи корбарӣ бо чунин системаҳо малакаи кори дар компютер ва фаҳмиши асосҳои назарияи коркарди пойгоҳи додаҳоро талаб менамояд. Ин вариат мақбули аксар истифодабарандагон буда, воситаи нисбатан оддӣ ва дасраст барои сохтанӣ пойгоҳи додаҳо ба ҳисоб меравад. Яке аз намудҳои сохтани базаи додаҳо дар забони барномсозӣ С++ чунин тарз мебошад: Пеш аз ҳама як файли барномаи MSAccess–ро бо формати 2000-2003 сабт менамоем ва дар формаи барнома компонентҳои зарурие, ки барои пайвасткунӣ байни барнома ва база лозим аст, мегузаронем (DataSource, ADOTable1, DBGrid, DBNavigator).

1. Аз пункти DataAccess компаненти DataSource(Дар расми 1):



Расми 1

Ин компонент ҳамчун компоненти пайвасткни буда, дар байни дигар компонентҳо алоқаро таъмин менамояд.

2. Аз пункти ADO компоненҳои ADOConnection ва ADOTable1



Расами 2.

Компонентҳои ADOConnection ва ADOTable ҳамчун манба ба ҳисоб рафта, дар онҳо худи база нигоҳ дошта мешвад (Базаи, ки дар барнома пайваст карда мешавад).

3.Аз пункти DataControls компонентҳои DBGrid ва DBNavigator:



Расами 3

Ин компонентҳо асосан барои идора кардани база ба ҳисоб меравад. Компонентҳои DBGrid имконият медиҳад, ки базаро ба руи экран барорад ва компоненти DBNavigator бошад тасдиқи ворид ва хоричкуни маълумотҳо дар базаи додаҳо мебошад. Пас аз ин кор барнома такрибан чунин намудро мегирад.



Расами 4

Акнун компонентҳоро бо якдигар пайваст мекунем бо воситаи хосияти онҳо. Компоненти DataSource аз хосияти DataSet интихоб мекунем ADOTable1-ро. Компоненти ADOTable аз хосияти Connection ин тихоби ADOConnection1–ро пахш мекунем ва дар охир DBGrid аз хосияти DataSoure=DataSoure ва DBNavigator аз хосияти DataSoure = DataSoure1 Компоненти Connectionро ду маротиба пахш мекунем ва базаи додашударо интихоб мекунем.



Расами 5

Тугмаи Build ро пахш карда канали даркориро интихоб мекунем.Интихоби MicrosoftJet 4.0 OLEDBProvider ва аз пункти Соединение базаи додашударо интихоб мекунем.



Расами 6



Расами 7



Расами 8

Дар ин ҳолат дар онҳо ба якдигар пайваст шуда барои гузаронидани маълумот алоқа пайдо месозанд. Ба мо лозим меояд, ки базаро ба кор дарорем. ADOTable аз хосияти TableName **База1** ро интихоб мекнем ва хосияти Active ро True мекнем, ки ин барнома ба кор шурӯ менамояд.



Расами 9

Аз барномаи тайёр истифода бурда, мо метавонем малумотҳоро дар базаи додаҳо дохил кунем.

Ин яке аз усулҳои сохтани базаи додаҳо дар забонӣ барномасозӣ C++ мебошад.

Адабиёт:

1. Александреску А. Язык программирования D / А. – М.: Символ, 2013. – 536 с.
2. Александреску А. Язык программирования D / А. – СПб.: Символ-плюс, 2016. – 544 с.
3. Баженова И.Ю. Языки программирования: Учебник для студентов учреждений высшей. проф. Образования – М.: ИЦ Академия, 2012. – 368 с.

Калидвожаҳо: *гипперматнӣ, нишонагузорӣ, алоқа, нишондодҳо, браузер, муҳаррир, матнӣ, тегҳо, барнома, конвенторҳо, барномасозӣ, лоиҳа, тамоюлӣ, объектӣ, стандартикунонӣ, самаранокӣ, таъминот, сохторикунонӣ*

Аннотация

СОЗДАНИЕ БАЗЫ ДАННЫХ НА ЯЗЫКЕ ПРОГРАММИРОВАНИЯ C++

В статье речь идёт о методе перепланировки составления базы данных и их использования в одном из языков программировании - могущественном и известном всем как C++. База данных, представленная в объектной форме совокупность самостоятельных материалов, систематизированы таким образом, чтобы эти материалы могли быть найденны и обработаны с помощью электронной вычислительной машины.

Ключевые слова: *гиперссылка, коммуникация, браузеры, редакторы, тексты, приложения, конвергентык, продукт, расширенный, программирование, проект, ориентированный, объектный, стандартизация, эффективность, обеспечение, структурирование*

Annotation

CREATING A DATABASE IN THE PROGRAMMING LANGUAGE C++

In this article we are talking about the method of redevelopment compiling a database and their use in one of the programming languages powerful and known as C++. Database – presented in an objective from a set of independent materials (articles, calculations, regulations, court decisions and other similar materials), systematized so that their materials can be found and processed using an electronic computer.

Keywords: *web pages, hyperlinks, hyperlinks, communications, browsers, editors, text, text, applications, converges. language, product, advanced, programming, project, oriented, object, standardization, efficiency, software, structured*

Маълумот дар бораи муаллиф: Қурбонов Фазлиддин, магистранти соли дуюми ихтисоси информатикаи факултети математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

Сведения об авторе: Курбонов Фазлиддин, магистрант второго курса математического факультета по специальности информатики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

About the author: Qurbonov Fazliddin, the first year master student of the faculty of Mathematics, TSPU named after Sadriddin Aini..

Аҳмадӣ Гулом Сахӣ,
докторанти PhD-и соли дуюми Институти математикаи
ба номи А.Ҷӯраеви АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон

МАЪРИФИИ САХТАФЗОРҲО ДАР ШАБАКА

Дар авалин бахш ба баррасии сахтафзори шабака хоҳем пардохт. Ин баҳс маъмулан дар давраи (Network plus) мавриди баҳс қарор мегирад. Ин мақола барои ошно шудани афроди тозакор бо сахтафзори шабака муфид аст.

Таҷҳизоти сахтафзории шабака бисёр гуногун ҳастанд. Бо ин вуҷуд ба ҳангоми пайкарбандии сахтафзории шабакаҳои маҳаллии интернет ва шабакаҳои бидуни сим дар амал бо теъдоди маҳдуди сахтафзор сарукор хоҳед дошт. Ин таҷҳизот иборатанд аз: корти шабака, ҳоб ё свич, симҳои шабака, роутер вокс пойнт, дар ин бахш тавзеҳот дар мавриди ин сахтафзороҳо ироа шудааст.

Корти шабака. Корти шабака, яке аз муҳимтарин унсурҳои сахтафзоре дар замони пиёдасозии як шабакаи компютер аст. Корти шабака, иртибот байни компютер ва муҳити интиқол (симҳои мисӣ ва ё файбари нурӣ)-ро фароҳам менамояд. Бисёри бурдҳои ҷадиде, ки аз онон да компютерҳои шахсӣ истифода мегардад, дорои корти шабака (Onboard) мебошанд.

Корт шабака бо пурт- RJ45

Корт шабака бесим PCMCIA

Корт шабака бесим

Ба корти шабака, корти интерфейси шабака ва ё (NIC) мухаффафи (Network Interface Cards) низ гуфта мешавад. Вазифаи аслии корти шабака, иттисоли физикии як компютер ба шабака аст то имкони мубодилаи иттилоот барои вай фароҳам гардад. Ҳар корти шабака дорои як адреси физикӣ (MAC) аст. Адреси фавқ як адад шашбайтӣ буда, ки се байти аввали он мушаххаскунанда созандаи корти шабака ва се байти дувум, шумораи сериали корти шабака аст.

Корти шабакаи васл бо навъи муҳити интиқоли мутобиқат ва ба навъӣ бо он созгор бошад. Интернети (Token Ring Arc net). Намунаҳои аз стандардҳои мухталифи шабака мебошанд.

Шабакаи симӣ. Аз симҳои шабака таҳти унвони муҳити интиқол низ ёд мешавад. Аммо ба хотир дошта бошед, муҳити интиқол фақат сим нест. Амвоҷи мухталиф монанди амвоҷи радиоӣ (Infrared Microwave) низ муҳити интиқол маҳсуб мешавад. Дар шабакаҳои интернети пешрафта, аз симҳои бо ҳам печида ба (Twisted Pair) бо ҳашт риштаи сим истифода мешавад, ки бо як назми хос созмондиҳӣ мегарданд. Аз як Конктур РҶ – 45 дар ду сари сим истифода мегардад. Конктур РҶ- 45 назири конктурҳои истифодашуда дар хутути телефон аст бо ин тафовут, ки андозаи он бузургтар мебошад. Дар хутути телефон аз Конктурҳои РҶ – 11 истифода мешавад. Шакли зер як сими интернет ба ҳамроҳии як Конктур РҶ – 45 ро нишон медиҳад.

Интернети симӣ ба ҳамроҳи як Конктур RJ-45

Ҳоб ва свич. Бо истифода аз сим крос наметавон шабакае бо беш аз ду дастгоҳи компютерро эҷод намуд. Ҳоб як қитъаи сахтафзоре аст, ки дар шабакаҳои маҳаллӣ истифода мешавад ва ҳар як аз компютерҳои узви шабака бо иттисол (иртибот) ба ҳоб бо сарвари

шабакаи иртибот бар қарор мекунанд. Истифода аз ҳоб дар матни мубоҳиси шабакаи ситорӣ қарор дорад, ки қаблан тавзеҳ дода шуд.

Бештар ҳобҳои мавриди истифода дар шабакаҳои маҳаллии як ҷаъба ба ҳамроҳи теъдоде порти RJ-45 ҳастанд. Ҳар компютери мавҷуд дар шабака аз тариқи як сими интернет ба ҳоб муттасил мешавад. Шакли зер як намунаи ҳобро нишон медиҳад. Свичи навъи ҳоби пешрафта аст, ки акнун ҷоҳои қадимиро гирифтааст.

Як намунаи ҳоб

Вазифаи аслии ҳоб ироаи як нуқтаи марказӣ барои иттисоли тамомии компютерҳои мавҷуд дар шабака аст. Ҳар компютери мавҷуд дар шабака ба ҳоб муттасил мегардад. Дар сурати ниёз метавон чандин ҳобро ба якдигар муттасил бидиҳад, то битавон компютерҳои бештариро ба шабака муттасил намуд.

Дар сурати иттисоли беш аз ду дастгоҳ компютер ба ҳоб, чигуна ва бар асоси чӣ механизми дода ба мақсади мавриди назар хоҳад расид. Рамзи ин кор дар корти шабака аст.

Ҳар корти шабакаи интернет дар корхонаи тавлидкунанда барноманависӣ шуда ва як адрес (MAC)-и баргирифта (**Media Access Control**) мунҳаср ба фард дар он навишта мегардад замоне, ки як компютери мавҷуд дар як шабакаи интернет, ки шомили чандин дастгоҳи муттасил ба ҳоб аст, иқдом ба ирсол дода менамояд, дода барои ҳар як аз компютерҳо ирсол хоҳад шуд. Компютерҳои дарёфткунанда пас аз дарёфти дода, адрес мақсади онро бо адрес (MAC) худ муқоиса менамоянд ва дар сурати мутобиқати ду адрес (адрес ирсолии мавҷуд дар бастаи иттилоотӣ бо адреси компютери дарёфткунанда), мақсади дода мушахас хоҳад шуд ва дар сурате, ки ду адреси ишорашуда бо як дигар мутобиқат нанамоянд, компютери дарёфткунанда аз дода сарфи назар хоҳад кард.

Ҳамонгуна ки ишора гардид, дар маворидe, ки компютерҳои мавҷуд дар ҷк шабака аз тариқи ҳоб ба як дигар телфон мегарданд, ҳар бастаи иттилоотӣ барои ҳар як аз компютерҳои мавҷуд дар шабака ирсол хоҳад шуд. Яке аз нукоти қобили таъомул дар ин санорю, ирсоли фармон дода тавасути ҳар компютер аст (дар ҳар замони дилхоҳ имкони ирсоли дода вуҷуд хоҳад дошт). Ин вазъият мушобеҳи тарҳи суол ҳамзамон аз тарафи ду донишҷӯ дар як синф (аудитурия)-и дарс аст, ки қасди истифода аз як манбаи муштарак (муаллим)-ро доранд, вазъияте инчунин кор дар шабака иттифоқ меуфтад.

Замоне, ки як компютер қасди ирсол додаро дошта башад, дар ибдоъ баррасӣ менамояд, ки соири компютерҳо чунин қасдиро надошта бошанд ва дар сурати озод будани муҳит интиқол, иқдом ба ирсол дода мавриди назар менамоянд. Дар сурате, ки компютере дигар саъй дар мубодилаи иттилоот ва дар замони мушобеҳро дошта бошад, бастаҳое, ки иттилооти ҳавоидода дар тӯли шабака бо як дигар бархӯрд ва аз байн хоҳанд рафт. Ба ҳамин иллат аст, ки ба ин навъ шабакаҳо як (collision domain) низ гуфта мешавад. Дар сурати бурузи тасодум, ду компютер маҷбур хоҳанд буд, ки пас аз як муддати замони комилан тасодуфӣ талош намоянд, то додаи харобшударо ирсол намоянд.

Ба мавозоти афзоиши компютерҳои мавҷуд дар як (collision domain), эҳтимоли бурузи тасодум низ афзоиш хоҳад ёфт. Вазияти фавқ корҳои шабакаро ба шиддати зиёд хоҳад дод. Ба ҳамин иллат аст, ки свич дар шабакаи матраҳ ва ҷо ба ҷо ҳоб гардад.

Шакли зер як намунаи свичро нишон медиҳад.

Адабиёт:
1. Алексеев А.П. Учебник информатика. – Москва: Солон-р, 2002 г.
2. Крейг Хант. Персональные компьютеры в сетях TCP/IP. – BHV-Киев: 2014. – 384 с.
3. Лоу Д. Компьютерные сети для "чайников". – Диалектика, 256 стр., 1996 г.
4. Нанс Б. Компьютерные сети. – Бином, 400 с., 1996 г.
5. Стен Шатт. Мир компьютерных сетей. – BHV-Киев, 288 с., 2013 г.

Калидвожаҳо: *шабака, компютер, интернет, амвоҷ, муқоиса, мутобиқат, мушаххас, иттилоот, мушобеҳ, вежагӣ*

Аннотация
ИНФОРМАЦИЯ О БЕЗОПАСНОСТИ В СЕТИ

Б статье говорится о работе компьютерных сетей в Исламской Республики Афганистан: в нем с научном и предметном аспекте расморены идентичные точки зрения. Здесь приведены основные виды сетей, используемые в Исламской Республике Афганистани в целом. Приведены некоторые способы доступа к данной сети. Показаны некоторые нужные модели.

Ключевые слова: *сеть, компьютер, интернет, волны, сравнение, соответствие, указанный, информация, сходный, собственность*

Annotation
SAFETY INFORMATION IN THE NETWORK

The article talks about the operation of computer networks of the Islamic Republic of Afghanistan from a scientific and substantive aspect, identical points of view are considered, here are given the main types of networks used in the Islamic Republic of Afghanistan and in general some methods of access in this network are shown. Some necessary models are given.

Keywords: *network, computer, internet, waves, comparison, conformity, specified, information, similar, property.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Аҳмадӣ Ғулом Сахӣ, докторанти PhD-и соли дуюми Институти математикаи ба номи А.Ҷӯраеви Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Роҳбари илмӣ: профессор Илолов М.

Сведения об авторе: Ахмади Гулом Сахи, докторант PhD второго курса Института математики имени А.Джураевой Академия наука Республика Тоджикистон.

About the author: Ahmadi Ghulom Sakhi, the second year PhD student of the Institute of Mathematics named after A. Juraev, the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan.

Саломова Санавбар Махмаджоновна,
магистрант второго курса Института зоологии
и паразитологии им. Е.Н.Павловского АН Республики Таджикистан

СОВРЕМЕННАЯ СИТУАЦИЯ ПО ГЕЛЬМИНТОЗАМ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Гельминты являются широко распространенными заболеваниями, однако их распространенность колеблется в значительных пределах в зависимости от социально-экономических условий, климата и других факторов окружающей среды, таких как состояние водоснабжения, санитарии и соблюдения правил гигиены [5, 6]. По оценкам ВОЗ, в мировом масштабе от геогельминтозов страдают примерно 2 млрд человек, при этом наиболее высокая распространенность отмечается в тропических и субтропических регионах, а также на территориях с неудовлетворительными условиями водоснабжения, санитарии и соблюдения правил гигиены. Число детей школьного возраста, зараженных гельминтами, в Европейском регионе ВОЗ, по оценкам, превышает 4 млн, с максимальным распространением в странах Центральной Азии и Южного Кавказа [3].

Благодаря улучшению условий жизни и водоснабжения, санитарии и соблюдения правил гигиены эти болезни постепенно исчезают во многих регионах мира. Тем не менее, глистные инвазии остаются важной проблемой общественного здравоохранения, которой уделяется недостаточное внимание, особенно в странах со средним уровнем дохода.

В Республике Таджикистан в недалеком прошлом, в результате роста благосостояния и культурного уровня населения, благоустройства городов и сел, повышения культуры ведения сельского хозяйства, а также проведения целенаправленных мероприятий по оздоровлению население страны от гельминтозов с использованием эффективных методов диагностики и лечения, привело к значительному снижению как общего уровня пораженности населения гельминтами, так и отдельными нозологическими формами [6]. Однако начиная с 90-х годов прошлого столетия в связи с изменением общественно – политической и социально – экономической ситуации в республике, эпидемиологическая обстановка по паразитарным болезням, особенно гельминтозам, вновь стала ухудшаться и ежегодно наносит экономический ущерб нашей республике.

Вышеописанная ситуация ясно указывает на необходимость проведения научных исследований по изучению важнейших гельминтов и при этом разработать рекомендации по предупреждению и контролю гельминтозов в республике.

Гельминтологические исследования проводились в октябре-ноябре месяцы 2016 года в 6 районах республики (Дарваз, Пенджикент, Хамадони, Вахш, Шахринав и Рашт), отличающихся по климато-географическим условиям.

В исследованиях участвовали врачи-паразитологи, которые провели разъяснительную работу, оказали помощь в обследовании населения и в анализе полученных результатов.

Выбор целевой группы осуществлялся методом случайной выборки. Дети, принимавшие участие в исследовании, выбирались по методу трехступенчатого отбора. Во-первых, во всех районах были выбраны 5 школ, которые определялись с использованием метода произвольного выбора, пропорционального объему (путем выборочного исследования). Для проведения выборки использовался перечень всех школ и данных о контингенте учащихся, находившийся в данном районе. Школы были отобраны по случайному методу (с помощью лотереи). Во-вторых, в каждой из отобранных школ было выбрано до 75 учащихся начальных классов (7-12 лет) и до 30 детей проживающие вокруг школ в возрасте 4-7 лет. Выбор классов в каждой из школ осуществлялся тоже случайным методом.

В третьих, общее число обследованных детей в районе составило 500 человек (5 школ по 70-75 учащиеся в возрасте от 7-12 лет и 25-30 детей проживающие вокруг школ в возрасте 4-7 лет).

При гельминтологическом исследовании группа специалистов определила населенные пункты, подлежащие обследованию, информировала вышестоящих руководителей джамоатов, школ о проведении данного мероприятия и разработала маршруты по участкам. В одном из близлежащих медицинских учреждений развернули временную лабораторию для исследования кала на яйца гельминтов. Специалисты раздавали буклеты всем руководителям джамоатов, школ, родителям и детям школьного возраста, которые подлежали обследованию, раздавали на

руки контейнеры в целлофановых пакетиках и объясняли, как правильно брать фекалии для анализа.

На следующий день специалисты зарегистрировали каждого сдавшего образцы кала для исследования на яйца гельминтов, собрали контейнеры с материалом для исследования и взяли соскоб с перианальных складок ватным тампоном. В ходе регистрации на каждого жителя заполнили анкеты с вопросами и ответами о гигиенических навыках, доступе к санитарным условиям, наличии безопасной воды. Образцы фекалий и соскобы были отправлены в лабораторию для микроскопического анализа. Исследования кала проводились с применением двух методов выявления паразитов [1, 2]:

1. Соскоб с перианальных складок ватным тампоном (специальный метод для обнаружения яиц тениид и острич).
2. Метод Като-Катца (приемлемо для обнаружения остальных яиц гельминтов).

Республика Таджикистан, хотя и типичная горная страна, но располагает континентальным и благоприятным географическим условием для развития и распространения гельминтов.

Как выше упомянуто в связи с изменением экономической и политической ситуации в республике, эпидемиологическая обстановка по гельминтозным заболеваниям (биогельминтозами и геогельминтозами) начала ухудшаться с 1990 годов.

Основным фактором явилась ухудшение и ослабление деятельности паразитологической службы, массивного оттока квалифицированных кадров, ухудшение социально-экономического положения населения, сбоев в системе централизованного водоснабжения.

В последнее десятилетие резко снизился уровень обязательных массовых обследований населения, плановых лабораторных обследований организованных коллективов (детские ясли-сады, школы), директивных групп, профилактических медицинских осмотров, что в большой степени повлияло на выявление и санирование носителей гельминтозов.

Заболеваемость гельминтами, согласно официальных статистических отчетов в республике в 2018 году составило 40341 случаев (из них 30700 случаев (76%) составляет детей и подростков до 17 летного возраста). Из них 38,9% аскаридоза, 42,5% энтеробиоза, 17,3% гименолепидоз, 0,18% трихоцефалёз, 0,5% эхиноккокоз, 0,1% тениаринхоз и 0,06% другие гельминтозы (рис.1).

Реальная ситуация по гельминтозам в республике значительно серьёзнее, чем представленные цифры и оценивать ее, полагаясь на существующие данные не возможно.

Результаты исследования показали, что распространенность гельминтов, передаваемых через почву, среди обследованных лиц составляла в среднем 24,2% (табл. 1). Этот показатель почти в два раза меньше по сравнению с 2010 г., где зараженность детей различными гельминтами было равно 54,24% [4]. Из таблицы следует, что самым распространенным гельминтом как прежне является острица (*Enterobius vermicularis*): у 459 (15,1%) обследованных был обнаружен этот паразит.



	2014	2015	2016	2017	2018
Аскаридоз	15004	13577	13817	12286	15727
Энтеробиоз	14393	13220	14557	12811	17158
Гименолепидоз	6882	6051	5940	5683	7006
Трихоцефалёз	64	168	136	203	72
Эхинококоз	198	162	185	246	194
Тениаринхоз	205	124	176	142	158
Другие гель-тозы	150	133	140	419	26

Рис. 1. Число случаев гельминтозов в период 2012-2018 гг. в Республике Таджикистан

Инвазия карликовым цепнем (*Hymenolepis nana*) выявлена у 117 человек (4%) и аскаридами (*Ascaris lumbricoides*) - у 135 (4,4%), власоглав обнаружен у 27 (0,8%), и у 26 (0,8%) из обследованных лиц обнаружены другие черви (табл. 1).

Высокая пораженность гельминтами нами отмечены у обследованных лиц районов (Дарваз и Педжикент) предгорной и горной зоны. Подобные случаи были отмечены и в 2010 г. [4]. Пораженность гельминтами в этих районах составляла 40% и 32,2% соответственно. Этому способствует благоприятные условия, т.е. достаточная температура и хорошая защищенность почвы травянистой растительностью от солнечной радиации весной и летом. Однако, в Раштском районе, который относятся к этой зоны пораженность населения составила 16,6%.

Климатические условия в равнинной зоны (Вахш и Хамадони), неблагоприятные для развития и выживаемости яиц гельминтов в почве, поскольку летом бывает очень сухим, жарким и продолжительным.

Таблица 1.
Распространение гельминтозов по районам

Городов и районов	Всего обследовано	Обнаруженные виды гельминтов						
		острица	карликовый цепень	аскарида	власоглав	смешанные черви	Всего	% положительных результатов
Дарваз	516	108	-	77	23	21	208	40%
Пенджикент	490	77	36	45	-		158	32,2%
Рашт	512	67	17	1	-	-	85	16,6%
Вахш	499	81	34	5	-	-	120	24%
Хамадони	502	69	28	7	2	5	106	21%
Шахринав	525	57	2	-	2	-	61	11,6%
Всего	**3044**	**459**	**117**	**135**	**27**	**26**	**738**	**24,2%**
От общего числа обследованных		15,1	4	4,4	0,8	0,8	24,2	
от выявленных		60	15,3	17,6	3,5	3,5		

Однако создаются микроклиматические условия, благоприятные для развития гельминтов на отдельных участках, т.е. в усадьбах домохозяйств. Свидетельства этому служить полученные нами данные, где инвазированность населения гельминтозами составляло 24% и 21% соответственно. Наиболее низкий уровень пораженности (11,6%) отмечался у обследованных лиц Шахринавского района.

Результаты гельминтологических обследований 3044 лиц разных возрастов показали, что распространенность гельминтов, передаваемых через почву, составляет в среднем 24,2%. Этот показатель на более двух раза меньше чем 2010 г. (54,24%), что говорить об наиболее улучшение условий жизни и водоснабжения и санитарии, а также эффективности кампании по дегельмитизации в республике, которые в последние годы ежегодно проводиться среди детей от 5 до 14 лет. Наиболее высокая пораженность гельминтозами обнаружена у обследованных жителей районов Дарваз и Пенджикент (40% и 32,2% соответственно), низкая пораженность населения (11,6%) отмечалась в Шахринавском районе.

Литература:

1. Всемирная организация здравоохранения. Основные методы лабораторной диагностики паразитарных болезней. 1994.- Женева.- 131с.
2. Генис Д.Е. Медицинская паразитология. -1991. – М. – 490 с.
3. Давидянц В.А., Черникова Е., Лунгу В. Контроль и профилактика геогельминтозов в странах Европейского региона ВОЗ. 2017. -Копенгаген. – 186 с.
4. Каримов С.С., Шерхонов Т.А., Сайбурхонов Д.С. Оценка распространенности гельминтозов среди населения Республики Таджикистан // Медицинская паразитология и паразитарные болезни. 2012.-№ 1.-С.28-31.

5. Мирзоева Р.К. Эколого-социальные основы профилактики аскаридоза в Средней Азии (на примере Республики Таджикистан) // Автореф. докт. дисс. М., 2007. – 39 с.
6. Стратегический план контроля и профилактики геогельминтозов в Республике Таджикистан на 2018-2022 годы. Душанбе, 2017. – 89 с.

Ключевые слова: *гелминтозы, инвазия, пораженность, дегельминтизация, водоснабжения и санитария, эффективность, климатические условия, Таджикистан*

Аннотатсия

ВАЗЪИ КУНУНИИ ГЕЛМИНТОЗҲО ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар мақола оид ба вазъи кунунии гелминтозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва паҳншавии муҳимтарин гелминтҳо дар байни кӯдакон маълумот дарҷ гардидааст. Натиҷаи тадқиқот нишон дод, ки паҳншавии гелминтҳои тавассути хок интиқолёбанда дар байни ашхоси таҳқиқшуда 24,2%-ро ташкил медиҳад. Ин нишондод дар муқоиса ба соли 2010 ду маротиба камтар мебошад, яъне нишондоди сироятёбии кӯдакон аз намудҳои гуногуни гелминтҳо дар он ҳангом ба 54,24% баробар буд. Аз ҳама гелминти паҳншуда чун солҳои қабли мӯякгичча (*Enterobius vermicularis*) ба шумор меравад: дар 459 (15,1%) нафари таҳқиқшуда мавҷудияти ин паразит дарёфт карда шуд. Сатҳи баланди сироятёбӣ аз гелминтҳо дар байни ашхоси ба таҳқиқ фарогирифташудаи ноҳияҳои минтақҳои наздикуҳӣ ва кӯҳӣ (Дарвоз – 40% ва Панҷакент – 32,2%) ба қайд гирифта шуд. Сатҳи нисбатан пасти сироятёбӣ (11,6%) аз гелминтҳо дар байни ашхоси ба таҳқиқ фарогирифташудаи ноҳия Шаҳринав ба қайд гирифта шуд.

Калидвожаҳо. *гелминтоз, инвазия, сироятёбӣ, бекирмгардонӣ, таъминоти об ва санитария, самарабахшӣ, шароити иқлимӣ, Тоҷикистон*

Annotation

THE CURRENT SITUATION OF HELMINTHIASIS IN TAJIKISTAN

The article presents data on the current situation of helminthiasis in the Republic of Tajikistan and the dissemination of the main helminths among children. The results of the study showed that the prevalence of helminths transmitted through the soil among the surveyed persons was on average 24.2%. This number is almost two times less than in 2010, where the infection of children with various helminths was equal to 54.24%. The most common helminth as before is the pinworm (Enterobius vermicularis): from 459 (15.1%) of the examined, this parasite was detected. The high helminth lesions we were noted in the surveyed individuals of the areas (Darvaz – 40% and Penjikent – 32.2%) of the foothills and mountains zone. The lowest level of infestation (11.6 percent) was observed in the examined individuals of Shahrinav district.

Keyword. *helminthiasis, infestation, defeat, dehelmintization, water supply and sanitation, efficiency, climatic conditions, Tajikistan.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Саломова Санавбар Маҳмадҷоновна, магистранти соли дуюми шуъбаи паразитологияи Институти зоология ва паразитология ба номи Е.Н.Павловскийи АИ ҶТ.

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои биологӣ Қадамов Дилшод Сатторович

Сведения об авторе: Саломова Санавбар Маҳмаджоновна, магистрант второго года обучения отдела паразитологии Института зоологии и паразитологии им. Е.Н.Павловского АН РТ.

Научный руководитель: кандидат биологических наук Кадамов Дилшод Сатторович

About the author: Salomova Sanavbar Mahmadjonovna, the second year master student of the Department of Parasitology, Institute of zoology and parasitology named after E.N.Pavlovsky, the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan.

Азимов Убайдулло,
магистранти соли дуюми Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е.Н. Павловский

ХУСУСИЯТИ БИОЛОГӢ ВА ЗАРАРРАСОНИИ КУЯИ КАРТОШКА

Маълум аст, ки дар миқёси ҷаҳон ҳар сол аз ҳашароти зараррасон ҳосили картошка ба миқдори 6,5% талаф меёбад. Фақат дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттифоқ дар ин зироат 60 намуди зараррасон ба қайд гирифта шудааст.

Ватани ин зараррасон Амрикои Ҷанубӣ буда, аз соли 1980 инҷониб босуръат дар дигар мамлакатҳо паҳн мешавад. Соли 2014 дар Тоҷикистон ба мушоҳида расида паҳншавии зараррасон тайи 2 соли охир бештар гардид.

Куя ғайр аз картошка ба зироатҳои дигари оилаи авранҷиҳо – боимҷон, қаламфури булғорӣ ва картошка низ зарари калон мерасонад. Осеби зараррасон дар ҳамаи давраҳои рушду нумӯи зироат – аз сабзиши тухмӣ то пурра пухта расидани ҳосил мушоҳида мегардад. Зараррасон 40-70 дарсади ҳосилро ҳам дар гармхона ва ҳам дар замини кушод нобуд мекунад.

Шабпаракҳои зараррасон тарзи ҳаёти шомгард дошта, пас аз фурӯ рафтани офтоб ва пеш аз дамидани субҳ фаъол мегарданд. Онҳо рӯзона дар баргҳо пинҳон шуда, ҳангоми такондани ниҳол парвоз мекунанд. Ранги шабпарак хокистаранги нуқратоб, дар болои болҳояш доғҳои сиёҳ мавҷуд буда, андозаи танаш 5 – 7 мм ва дарозии болҳояш то 10 мм мебошад. Модинаи куяи картошка дар умри худ то 250 дона тухм мегузорад. Кирмак дар чор давра инкишоф меёбад ва даври инкишофёбии кирмакҳо ба ҳисоби миёна 9 – 12 рӯзро ташкил медиҳад. Кирмакҳои давраи якум бештар ба баргҳо, кирмакҳои давраҳои минбаъд ба бех, думчаи мева, меваи сабз ва пухтарасида осеб мерасонанд. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки як кирмак метавонад ба 5 – 7 барги растанӣ зарар расонад. Кирмакҳо дар растаниҳо ва хок ба зоча мубаддал мегарданд. Ба ҳисоби миёна баъд аз 14 – 16 рӯз шапалакҳои насли нав аз зоча мебароянд. Зараррасон зимистонро ҳамчун тухм, кирмак аз сар мегузаронад. Давраи инкишофи куяи картошка, вобаста аз ҳарорати боду ҳаво 26 – 40 рӯз давом мекунад. Дар давоми як сол, вобаста аз шароити муҳит, зараррасон метавонад то 10 – 12 маротиба насл диҳад. Чораҳои мубориза дар шароити саҳроӣ истифодаи пеститсидҳои (заҳрхимикатҳои) ҳозиразамон (Актеллик, Аваунт, Амплиго, Кораген ва Вертимек), энтомофагҳо (габробракон, трихограмма, тиллочашмак), домҳои феромонӣ (ширешӣ, чароғӣ) ва решакан кардану сӯзондани растаниҳои зарардида мебошанд. Дар шароити гармхонаҳо тадбирҳои кимиёви безарагардонӣ пеш аз кишт бо заҳрхимикатҳои Форс, Актеллик, Аваунт, Амплиго, Кораген ва Вертимек таъсирбахшанд. Ҷойҳои ҳаводароии гармхона бояд бо тӯрҳои полиэтиленӣ пӯшида шаванд. Гузоштани домҳои феромонӣ (ширешӣ, чароғӣ) истифодаи энтомофагҳо, решакан кардану сӯзондани растаниҳои зарардида баъд аз ҷамъоварии ҳосил низ ба нестсозии ин ҳашарот мусоидат менамоянд.

Усулҳои мубориза бар зидди зараррасонҳо- Дар айни ҳол ҳам ба натиҷаҳои хуби бисёри дар ин самт бадастовардашуда нигоҳ накарда, масъалаи мӯҳофизати картошка аз ин ҳашарот бисёр фаъол аст. То пайдошавии воситаҳои муҳофизати химиявӣ бар зиддӣ кирми картошка, домҳои шикориро истифода мебурданд. Яъне ки усулҳои механикии муборизаро истифода мебурданд. Вале кор бо ин усул бисёр мушкил аст, бо таъсирбахши зиёд ҷойи ин усулро усули химиявӣ иваз менамояд, дар шароити ҳозира дар заминҳо саноати усули механикӣ аз истифода баромадааст. Вале усули механикӣ дар участкаҳои наздиҳавлигӣ ва боғҳои колективӣ, ки истифодабарии заҳрхиикатҳо аз сабаби дар байни дарахтон корида шудани маҳсулотҳои сабзавотӣ ва бутагӣ манъ аст, аҳаияти калон дорад.

Заҳрхимикатҳои синтетикии таъсири калондошта, баъди истифода бурдан дар таҷрибаҳо таъсирбахшии қаноатбахшро таъмин намуданд. Вале мубориза бо зараррасонҳо бисёр вақт ба коркарди химиявии бисёркарата оварда расонад, ки ин боиси ифлосшавии маҳсулот ва муҳити атроф гардад. Дар табиат миқдори ҳашаротҳо аз якчанд намуд иборат аст: Гамбӯсаки виз-визаки дар хок маскун (Hagly, Allen 1988), тахинҳои дуқанотдор Subinprasert,(1987) ва ғайра (Ткачёв, 1986).

Дар нақшаи истифодаи таҷрибави санҷиши васеъи тухмхуракҳои навъи трихограмма гузаронида шуд, аммо ҳатто ҳангоми барориши 6-8 карата таъсирнокии биологӣ 13 – 61,7% ро ташкил дод (Дядечко ва дигарҳо 1985). Барои таъмини пастшавии кофии миқдори зараррасонҳо бо дигар тадбирҳои биологӣ барориши трихограммаро (Trichogramma jaxarticum Sor.) ба ҳисоб гирифтан лозим аст (Сорокина ва дигарҳо 1994).

Дар байни микроорганизмҳои патогенӣ таъсир ба кирми картошка дида мешавад, дар ҳама ҷо дар ҳудуди ареал, бактерияҳо навъи Bacillus, вируси гранулёзи равғани бадан, нематоди Steinemema feltiae Filipjev, занбуруғи сафеди мускардина, микроспоридия Nosema carpocapsae Paillot дида мешавад. (Канапацкая ва дигарҳо., 1995) мушоҳида мешавад. Як қатор Воситаҳои муборизa, ки дар асоси микроорганизмҳо таёр карда шудааст, дар солҳои охир дар таҷрибаи муҳофизати картошка аз кирми картошка васеъ ҷори карда шудааст.

Аз солҳои 50- ум сар карда, санҷиши биопрепаратҳо дар асоси бактерияҳои навъи Bacillus, натиҷаи мухталиф дод. Он дар тамоми минтақаҳои боғдории энтобактерин бетаъсир буд. (Приедитис, 1979). Заҳрхиикатҳои битоксибатсиллин, лепидотсид, гомелин, дендробатсиллин бошанд, ҳатто дар ҳолати истифодаи чанкарата (Лаппа ва дир., 1990) васеъ истифода бурда шуд. То ҳол сабабҳои техналоги ва ҳамчунин иқтисодӣ номаълум аст (Ткачёв ва дигарон., 1986).

Дар муборизa барзидди зараррасонҳо барои истифодабари нематоди энтомопатогении Steinemema feltiae F ояндадор мебошад. (Канапацкая ва дир., 1995). Дар асос онҳо препарати навъи “немабакт” тайёр карда шудаистодааст, ки таъсирнокиаш 68-74%- ро ташкил медиҳад. Дар солҳои охир маълум мешавад, ки дар қатори ҳолатҳои истифодабарии усулҳои микробиологӣ барои муборизa бар зидди ҳашаротҳои зараррасон на фақат мақсаднок аст, балки зарур аст, махсусан дар кучое, ки истифодабарии модаҳои химиявии заҳрдор номатлуб ё манъ аст.

Мушоҳидаҳои солҳои охир ботадриҷ гузаштан ба стратегияи нави муҳофизати растаниҳо (консепсияи фитосанитарии муносиб кардани агроэкосистема, ки дар анҷумани умумии Россия оид ба муҳофизати растаниҳо қабул карда шудааст ва кансепсияи идоракунии якҷояи ҳашаротҳои зараррасони аз ҷониби Конгресияи ИМА тасдиқ шуда), талаб менамояд, ки мукаммалсозии навъҳои химиявии роҳҳои муҳофизати растаниҳо давом дода шавад. (Буров, 1999). Дар айни ҳол истифодашудаи анъанавӣ аз гурӯҳи пайвастагиҳои фосфоорганикӣ, карбамат ва пиретроидҳо ботамом талаботҳои бавуҷудомадаи санитари-гигенӣ ва экологиро қонеъ наменамояд. Асос он аст, ки ҳамаи онҳо ба биоситҳо дохил шуда, селексияи кофиро намедиҳанд ва таъсири муҳимро ба фаунаи муфид ва микрофлораи агросеноз мерасонад ва механизмҳои табии худтанзимиро вайрон мекунанд. (Буров, 1999). Айни ҳол дигар ягон кас шубҳа надорад, ки яке аз омилҳои пешқадами бадтар шудани вазъияти экологӣ ин ба таври васеъ истифода бурдани заҳрхимикатҳои доираи таъсирашон калон ва пеш аз ҳама инсектоакарсидҳо мебошанд.

Таъсири манфии намудҳои охирон дар агросенози фаунаи муфид барои зуд барқарорсозии миқдори аввалаи зараррасонҳои асосӣ ва мустаҳкамсозии зиёдшавии намудҳои нав, пеш аз ҳама намудҳои дуюмдараҷа замина мегузорад (Танский, 1998).

Дар баробари гузаштан ба истифодабарии махсуси усули биологии роҳҳои муҳофизати растаниҳо, ҳамчунин ба сифати яке аз роҳҳои муҳимтарини ҳалли ин масъала ин ба препаратҳои баланди селективӣ, махсусан ба объектҳои зараррасон таъсиркунанда ва барои элементҳои агробиосеноз ва тамоми муҳити атроф камхатар, яъне бо мулоимии экологӣ фарқкунанда иваз кардани моддаҳои химиявии таъсирашон баланд ба шумор меравад.

Имкониятҳои воқеии ин хел ҷойивазкунӣ ба истифодаи “моддаҳои заҳрноки насли сеюм”- моддаҳои фаъоли биологӣ танзими сабзиш, инкишоф ва афзоиши ҳашарот дар асоси ингибаторҳои синтези хитин (модаҳои органикии нитрогендор), ювеноидҳо, антиэкдизонҳо ва феромонҳои ҳашаротҳо вобастааст (Новожилов ва дигарон., 1998; Буров, 1999).

Зинаи охирони ҷустуҷӯйи усулҳои муборизa бар зидди кирми картошка маҳз омӯхтани моддаҳои фаъоли биологӣ мебошад.

Тараққиёти бошиддати тадқиқоти дар соҳаи феромонҳои ҳашаротҳо, ки 30- сол пеш оғоз шуда буд, то имрӯз давом дорад. Муваффақиятҳои калон дар самти идентификатсия ва синтези ин моддаҳои фаъоли биологӣ барои дар амал истифода бурдани онҳо барои муҳофизати растаниҳо умед бахшид.

Ин усули безурриёткунӣ дараҷаи бенаслии кирми картошкаро то 70-75% таъмин менамояд ва он ҳачун усули переспективӣ ва аз ҳама арзон баҳо дода мешавад. Дар айни ҳол барои кам намудани миқдори кирми картошка истифодаи домҳои феромоние , ки ба сифати стерилианти инсегар – аналоги синтетики доранд, пешниҳод мешаванд. (Васильева и др., 1999). Инсегар – стерилианти - тозакунандаи босамар ба ҳисоб меравад, ки дарҳол равандҳои амаликунии потенсиали репредуктивии намудҳоро вайрон мекунад. Давомнокии таъсири безурриёткунӣ ҳангоми коркард дар заминҳо зиёда аз 25-рӯзро ташкил мекунад, ки дар ҳар як гектар ҷойгирунии 20 дом мувофиқ мебошад.

Адабиёт:
1. Арбобов Ҳ. Зарафшони кӯҳӣ. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 95 с.
2. Арбобов Ҳ. Муҳофизати табию гиогирафии Зарафшон. – Душанбе: 2004. – 168 с.
3. Грачаева Н.М., Щербакова Э.Г., Малышев Н.А., Бифилиз в комплексном лечении больных с острыми кишечными заболеваниями вирусно-бактериальной природы. //Российский нац. Конгресс ‘’Человек и лекарство.” – М.: 1997. – 192 с.
4. Кабут Вазиров, Мурод Саидов. Кӯҳистони Заравшон. – Душанбе: 2009. – 133 с.
5. Конев Ю.В., Дисбиоз в пожилом и старческом возрасте /Ю.В.Конев// Consilium Medicum. 2004. -№12. С.906-907.
6. Меньшикова В.В. Клиническая лабораторная аналитика в пяти томах общей радацией Том 4. – Москва: Агат-Мед, 2003.
7. Муҳитдинов С.М, Саидов Н.Ш. Усулҳои биологии ҳифзи растаниҳо аз зараррасонҳо. – Душанбе: 2007. – 223 – 226 с.
8. Ткаченко Е.И., Суворова А.Н., Дисбиоз кишечника. Руководство по диагностике и лечению. – /под ред. – СПб. Инфоррм Мед, — 276 с.2009. (для врачей разных специальностей),

Калидвожаҳо: *муфтхӯр, картошка, зараррасон, кӯя, насл, тухм, ҳашарот, хок, зироат, ҳосил*

Аннотация

БИОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ И ВРЕДОНОСНОСТЬ КАРТОФЕЛНОЙ МОЛИ

Известно, что в мире каждый год урожай картошки повреждаются на 6,5 % вредительным насекомым. И только в бывших республиках СССР было замечена 60 видов вредителя этой культуре.

Родиной этой вредителя является Южная Америка, и с 1980 годом быстро распространяется и в других странах. В 2014 моль картошки замечена и в Таджикистане и её распространение увеличилась последнее два года.

Это вредитель кроме картошки сильно повреждает и другие культуры семьи паслена – баклажана, болгарского перца и др. Вредоносность вредителя замечено во всех периодах развитии культуры – от развитии семьи до зрелости урожая.

Ключевые слова: *паразит, картошка, вредитель, моль, поколение, зерно, вредные насекомые, почва, культура, урожай*

Annotation

BIOLOGICAL CHARACTERISTIC AND INSALUBRITY OF POTATO’S MOTH

It is known that every year in the world the crop of potato is damaged till 6,5 % by harmful insects. And just at former republics of USSR were observed 60 kind of the pest of this culture.

The home of the potato’s moth is South America and since 1980 has being spreaded speedily in other countries. In 2014 the potato’s moth was observed in Tajikistan too and it’s extend has being increased last two years.

The pest damages other cultures beside potato as well as eggplant, Bulgarian pepper and etc. The damnification of the pest is observed in all periods of progress of the culture.

Keywords: *a parasite, a potato, a pest, a moth, generation, seed, insect, soil, culture, crop*

Маълумот дар бораи муалиф: Азимов Убайдулло, магистранти соли дуюми шуъбаи таснифоти ҳайвонҳои бесутунмуҳраи Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е.Н.Павловский

Роҳбари илмӣ: Назарова Шаҳодат

Сведения об авторе: Азимов Убайдулло, магистрант второго курса Отдела класификации безпозвоночных Института зоологии и паразитологии имени Е.Н.Павловский.

Научный руководитель: Назарова Шаходат

About the author Azimov Ubaydullo, the second year master student of the Department of invertebrates’ classification, Institute of zoology and parasitology after E.N.Pavlovsky.

Насурддинов Наврӯз,
магистранти соли дуюми факултети биология

АҚИДАҲОИ МУОСИР ОИД БА МЕХАНИЗМИ ПАЙДОИШИ АССИТ ВА МАСЛИҲАТҲОИ АМАЛӢ ОИДИ ПЕШГИРИИ ОН

Ассит - яке аз аломатҳои хос ва оризаи хатарноки серрози ҷигар ба ҳисоб меравад. Бинобарин прогнози беморон нисбати беморони серрози ҷигар бе ассит баъдтар мебошад. Ҳанӯз дар аввали солҳои 50-уми асри XX олимон оид ба марги беморони серрози ҷигар дар давоми шаш моҳ баъди ҳамроҳ гардидани ассит хабар доданд. Ин муҳлат ҳукми қонун дорад, агар ассит табиати рефрактерӣ дошта бошад. Бо ассит аксарияти оризаҳои вазнини серрози ҷигар пеш аз ҳама хуншорӣ аз варидҳои васеъгардидаи сурхрӯда, ки ба он фишори баланди дохили шикам мусоидат мекунад, алоқаманд мебошад.

Дар зери таъсири ассит фаъолияти пайвастагии қисми кардиалии меъда бо сурхрӯда вайрон гардида, сабаби ба сурхрӯда партофтани маҳсули туршӣ мегардад, ки ин омили иловагӣ барои фаро расидани хуншорӣ мегардад. Ҳақиқатан мо бо таври мутлақ тарафдори он ақида нестем, ки гӯё хунравӣ аз сурхрӯда дар беморони серрози ҷигар бе ассит ҳеҷ гоҳ ба амал намеояд. Пурра имконият дорад, ки ин гуна ақидаи муаллифон аз он сабаб ба амал омадааст, ки ин ориза дар беморони серрози ҷигар дар бисёри ҳолатҳо якҷоя ба амал меояд, дар зери таъсири ассит хунравӣ ва баъзан ассит баъди талафоти хуни зиёд дар натиҷаи дар зардоби хун кам гардидани миқдори сафедаҳо ва паст гардидани фишори осмотикии хун ба амал меояд.

Моеи асситикӣ вариди дарун ковокии поёниро ба диафрагма зер намуда, сарбории иловагиро ба системаи гардиши хуни дил ва гурда ба амал меорад, ки ҳамаи он ба пайдоиши синдромӣ гепатореналӣ мусоидат мекунад [1, 77-81; 2, 200]. Ассит бо перетонити ногаҳонии бактерияви мусоидат намуда, гардиши лимфаро халалдор месозад. Ҳангоми истифодаи усули лимфографӣ маълум гардид, ки дар ин гуна беморон бо таври боварибахш рагҳои лимфатикии қафаси сина васеъ гардидаанд. Дар натиҷа хатари вайрон гардидани фаъолияти полоиши бактериявии системаи лимфотикӣ ба амал меояд. Вобаста ба мавҷудияти алоқа байни ковокии қафаси сина ва ковокии шикам дар беморони серрози ҷигар бо моеи асситикӣ метавонанд, ки дар ковокии ҷафи плевра моеъ пайдо гардад ва ба инкишофи ателектазаҳо ва илтиҳоби шуш механизми гуногун дорад [3, 11-16].

Инкишофи осеби шуш ҳангоми серрози ҷигар инчунин ҳангоми илтиҳоби фаъоли ҷигар аз як тараф метавонанд, ки онҳо аз рӯи фаъолият ва сохтори ҷигар ва шуш бо инкишофи ателектази ҳалқашакл аз дигар тараф вайрон гардидани ҳаракати хун дар системаи рагҳои хунгарди гардиши хурди хун, ки табиати гуногун дорад аз он ҷумла дар натиҷаи инкишофи сутунҳои шараёну-варидӣ дар шуш, ки дар натиҷаи вайрон гардидани мубодилаи як қатор моддаҳои фаъоли биологӣ (серотонин), ки ба кушодашавии анастамози рагҳои порта-пулмоналӣ мусоидат мекунад. Дар якҷоягӣ бо он шакли махсусро ҷудо мекунанд, ки бо осеби иммунӣ дар зинаи интерстисияи шуш алвеолити фиброзӣ мушоҳида мегардад.

Асситро мумкин аст, ҳамчун вайроншавии таҳҷои байни амилҳое, ки ба хоричшавии моеъ аз рагҳо мусоидат намуда ва бо ҳамин восита ҳаҷми моеро дар рагҳо нигоҳ медоранд. Ҳанӯз Etarling (1896) нишон дода буд, ки берун баромадани моеъ бо байни мӯйрагҳо ва ҷафи бофтавиро баробарии фишори гидростатикӣ ва осмотикӣ дар ҳар ду монеа муайян мекунад.

Ҳангоми меъёр фишори баланди гидростатикӣ дар қисмати нӯгии шараёнии мӯйрагҳо ба гузоштани моеъ, ки аз сафедаҳо озоданд ба ҷафи пеш аз мӯйрагҳо ёрӣ мерасонанд. Дар охири мӯйрагҳои варидӣ, ки фишори гидростатикӣ пастар аз фишори осмотикӣ ва бофтаҳои беруни рагҳо аст, ки дар он ҷо реабсорбсия ба амал меояд. Аз ин бар меояд, ки беморе, ки дар зинаи асситикии серроз бо фишорбаландии порталӣ қарор дорад ҳама вақт дар дохили рагҳояшон фишори баланди гидростатикӣ (фишорбаландии порталӣ) ва паст будани фишори осмотикии рагҳо (паст будани миқдори албумин), ки ҳақиқатан ба талаф ёфтани моеъҳо дар холигии байни рагҳо ва дар ин ҳолат дар ковокии шикам ба амал меояд [4, 380]. Гарчанде таълимоти Старпинг муҳимтарин омилҳои ба амал омадани сабаби асситро ба ҳисоб мегирад вале мавҷудияти фишорбаландии порталӣ ва паст будани консентратсияи албуминҳо ҳанӯз нопурраанд, ки ҳамеша ассит ҳосил гардад. Дар беморони серрози ҷигар дар аксарияти ҳолатҳо паст будани миқдори албуминҳо вомехӯрад вале на ҳама вақт онро ассит ҳамроҳӣ мекунад. Ғайр аз он дар ин гуна беморон паралелизм байни бузургии фишори ҷигару-синусоидҳо ва ассит вуҷуд надорад. Бинобарин механизми ҳосилшавии ассит нисбатан муракабтар буда, онро танҳо дар заминаи фишорбаландии порталӣ ва паст будани фишори осмотикии плазма асоснок намудан

ғайри имкон мебошад. Мавҷудияти лимфостаз дар беморони серрози ҷигар, хусусан дар зинаи асситикии беморӣ аз як тараф кам гардидани он баъди гузоштани найча дар резишгоҳи лимфотикии қафаси сина аз дигар тараф шоҳиди нақши муҳими вайроншавии гардиши лимфа дар ин ҷараён мебошад. Аз рӯи босуръат кам гардидани ихроҷи натрий бо пешоб ва баланд гардидани тарашӯҳи алдостерон дар беморони дар зинаи асситикии серрози ҷигар қарор доранд нақши муҳими алдостерохизми дуюмин дар инкишофи ассит қайд мекунад. Нақши муайянро дар инкишофи ассит ҳормони зидди пешоб иҷро мекунад, ки миқдори ин ҳормон дар хуни варидии баъзе беморони серрози ҷигар бо ассит баланд мебошад. Нақши вазопресин дар он ҳолатҳои серроз новобаста аз кам будани миқдори натрий об дар организм нигоҳ дошта мешавад ниҳоят муҳим мебошад. Дар охир бояд қайд намуд, ки вайрон гардидани гузарониши қабати эндотелия ва маҳдуд будани ҷаббиши моеъҳо дар болои пардаи шикам низ нақши муайянро дар амал омадани моеи асситикӣ мебозанд [5, 357-358].

Принсипи асосии пешгири ва табобати консервативии ассит маҳдуд намудани намаки ошӣ мебошад. Агар миқдори муайяни намак барои нигоҳдоштани фишори осмотикии самаранок дар моеи байни ҳуҷайравӣ мавҷуд набошад об дар гурдаҳо нигоҳ дошта намешавад. Қабули хӯрок бо миқдори ками намак дар муқоиса бо он миқдоре, ки бо пешоб хориҷ мешавад, ба таносуби манфии натрий расонида, сабаби талафоти наздикии як литр об мегардад. Баробарии мусбии (140мг,в/т) натрий қариб як литр обро дар организм нигоҳ медорад.

Беморий серрози ҷигар дар онҳое, ки моеи асситикӣ ҷаъм мегардад ва онҳое, ки бе танзим намаки оширо истифода мебаранд, одатан бо пешоб камтар аз 10мг (0,2г) натрий дар як шабонарӯз хориҷ мекунанд. Истеъмоли онҳо то 0,75г натрий хлорид асситро нигоҳ медорад, ҳар 1,4г он то 200г моеъро нигоҳ медорад. Агар моеи асситикӣ ҷабида шавад миқдори натрий дар ғизои шабонарӯзӣ набояд аз 0,5 г зиёд бошад ва беҳтар мешуд, ки миқдори натрий камтар аз 10мг дар рӯз бошад. Ин қадар тез маҳдуд намудани натрийро муаллиф дар давоми 4 рӯз маслиҳат дода дар ин давра қабули маводҳои доругии пешобронро манъ намудааст.

Беморон ҳар рӯз вазни бадани худро баркашида электролитҳои асосиро дар зардоби хун ва агар имконият бошад, дар пешоби шабонарӯзӣ таҳлил намоянд. Муҳлати чор рӯза пурра баробар аст, ки каме организми беморони серрози ҷигарро бо калий таъмин кунем, чун ки ин намак намерасад ва на ҳама вақт дар нишондодҳои зардоби хун қайд мегардад (миқдори калий метавонад ба меъёр мувофиқ бошад). Барқарор намудани захираи калийро бо роҳи ба бемор гузаронидани 2г хлориди калий дар як шабонарӯз ба даст меояд, ки ба монанди дигар намакҳои калий хусусияти миёнаи пешобронӣ дорад. Дар он ҳолатҳое, ки вайроншавии фаъолияти гурда мушоҳида мегардад, бо эҳтиётона хлориди калийро гузаронидан зарур мебошад, сабаб он аст, ки ихроҷи маводҳои доругии калийдор суст мегардад. Баъзе беморон, хусусан беморони серрози ҷигар, ки табиати алкаголӣ доранд он қадар ҳиссиётнокиаш ба ин реҷа баланд аст, ки табобати самаранокро бе илова намудани маводҳои доругии пешоброн мегузоранд. Ҳангоми табобати ассит дар баробари маҳдуд намудани намакҳо миқдори моеъи менӯшидагиро кам мекунанд. Вале муҳим аст, ки тез маҳдуд намудани моеъ метавонад, ки сабаби бо суръат нигоҳдории пешоб гардида миқдори нитроген дар хун баланд гардида охир ба марг мерасонад. Зиёдтар маҳдуд намудани моеъҳо дар он вақт дуруст аст, ки агар дар организм нигоҳдории об ҷой дошта бошад. Дар ин ҳолат миқдори моеъе, ки бемор дар як шабонарӯз менӯшад аз як литр бояд зиёд набошад. Ҳангоми мавҷуд набудани гипонатриемия, қабули миқдори зиёди об ё нигоҳ доштани он, маҳдуд намудани қабули моеъ на он қадар дуруст мебошад [6].

Барои қатъиян риоя намудани реҷаи намак зарур аст, ки нони бенамак, равғани бенамак ё маргаринро истеъмол намудан зарур мебошад. Муҳим аст дарк кунем, шарбат, сабзавот, маводҳои хушбӯй кунандае, ки ба бемор маслиҳат медиҳем дар таркибашон намак надошта бошанд. Қатъиян маън аст, истеъмоли моҳии намакин, панир, марожний, ҳасиб ва маҳсулоти дудхурда, забон ва истеъмоли тухумро низ маҳдуд намуд. Миқдори шабонарӯзии шир набояд аз 0,5 л зиёд бошад.

Аксарияти маҳсулотҳое, ки аз сафедаҳо бой ба монанди гӯшт, тухм, маҳсулоти ширӣ дар таркибашон миқдори зиёди натрий доранд ва бинобарин ҳангоми тартиб додани реҷаи хӯрок ба беморони серрози ҷигар бо ассит онро ба назар гирем. Ҳангоми бой будани ғизо аз ин маҳсулотҳо миқдори натрие, ки ба организм дохил мегардад, агар якҷоя вояи зиёди маводҳои доругии пешобронро қабул намоянд натиҷаи дилхоҳ ба даст намеояд.

Яке аз олимони забардасти соҳаи гастроэнтерологияи асри ХХ-и Британияи Кабир Шерлок ба ин гурӯҳи беморон маслиҳат медиҳад, дар таркиби хӯрокашон 70г сафеда дар як шабонарӯз ҳангоми калонияи он 2000-2200 ккалория буда, дар таркиби он миқдори натрий аз 380-450 (18-20 meg) бошад. Аз рӯи ин меъёр ва талабот реҷаи ғизо ин тавр тартиб дода мешавад.

Наҳори: шӯълаи гандуми бо равғани маска ва қанд, меваҳои ҷӯшонида шуда 60г, нони бе намак, равғани бе шир, мармалод, асал як тухм ё 60г моҳӣ, як пиёлаи шир.

Хӯроки нисфирӯзӣ: шӯрбои бе намак, 60г гӯшти гов ё 90г моҳи, картошка, сабзавоти сабз ё хуриш, 60г нони бе намак, равғани маска.

Хӯроки бегоҳирӯзӣ: 60г гӯшти гов (ё мурғ), картошка, сабзавот ё хуриш, меваи тару тоза ё ҷӯшонидашуда, сметана, қаҳва ё чой. Шаб 250г шир[7].

Агар баъди чор рӯз дар бемороне, ки дар ғизои бенамак қарор доранд ва ҳар рӯз то 2,0г хлориди калий қабул мекунанд, миқдори моеъ то як литр камшавии вазн камтар аз 1кг табиб бояд оид ба нақшаи табобат бо маводҳои доругии пешоброн фикр кунад. Ҳангоми табобат бо маводҳои пешоброн барои бартараф намудани ассит бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки ин доруҳо интихобан ба найчаҳои нефрон осеб мерасонанд. Ҳангоми норасоии кори гурда маводҳои доругии пешоброн бо таъсири самаранокии фармакологии худ бемори серрози ҷигарро аз ассит пурра озод намекунанд. Дар раванди табобат бо маводҳои пешоброн ихроҷи пешоби зиёд на он қадар фоидаовар мебошад. Бо суръат паст гардидани вазн (то 2,5 кг дар як шабонарӯз) сабаби оризаҳои вазнин мегардад. Гап сари он меравад, ки баъзан захрнокии маводҳои доругӣ ба самараноки онҳо мутаносиб мебошанд. Бинобарин ҳангоми зиёд ҷудо шудани пешоб ва пайдо гардидани аломатҳои пеш аз кома, кам гардидани миқдори калий, зиёдшавии миқдори пайвастагиҳои нитрогендор ё инки муҳит ба тарафи ишқорӣ майл намудан муваққатан қатъ намудани қабули маводҳои доругӣ мебошад. Танаффус ҳангоми табобат бо маводҳои доругии пешоброн агар моеи максимоли бошад ҳам бениҳоят муҳим мебошад.

Аз маводҳои доругии пешоброн беҳтар мешуд, ки табобатро аз спиролактан (верашпирон, алдактон) шурӯ намуд чун, ки он таъсири интихоби ба қисмати дисталии нефрон таъсир расонида ихроҷи натрий зиёд гардида, ҷудошавии калий ва мочевина кам мегардад. Маводи доруги ҳамон қадар бартари дорад. Ҳангоми гипокалиемия, ки дигар маводҳои пешоброн ба амал меоранд самараи хуб нишон медиҳад. Ин маводи доругиро метавонем бо триаметерин иваз намуд, сабаб он аст, ки дору фаъолияти баланди пешоброни дошта: хусусияти нигоҳ доштани ионҳои калийро дорад [8].

Вояи оптималии аввалияи шабонарӯзии алдактон барои беморони серрози ҷигар бо ассит 0,1г мебошад. Якбора бояд вояи хлориди калийро то 1г дар як шабонарӯз кам намудан зарур мебошад. Спиронолактонро, ки бе дигар маводҳои пешоброн истифода барем дар вояи муқараргардида тахминан дар 20% беморони серрози ҷигар таъсири самаранок мерасонад.

Адабиёт:

1. Корнев Б.М., Лопаткина Т.Н., Апросина З.Г., Бочман.Н.Л., Неспецефическое легочные синдромы при болезни Шегрена и хроническом активном гепатите. – Тер.архив, 1979. с.77-81.
2. Мансуров Х.Х. Портальная гипертензия. – Душанбе, 1963.
3. Мансуров Х.Х. Состояние портального кровообращения в норме и понятие о тяжести портальной гипертензии при циррозе печент. - В.кн: Проблемы гастроэнтерит., вып.2. – Душанбе, 1972. с. 11-16.
4. Мясников А.Л. Болезни печени. – М., 1949.
5. Николавева О.С., Ичаджик Ф.С., Дик.Э.А., Реинфузия асцити-ческой жидкости как метод лечения больных декомпе-нсированным циррозом печени.-В кн.: Второй Всес. Съезд гастроэнтологов. – Москва-Ленинград, 1978. С. 357-358.
6. Тареев Е.М., Апросина З.Г., СеменковаЕ.Н., Ревматологические аспекты хронического активного гепатита. - Тер.архив, 1979. с.9-13.
7. Bloomstrand R., Dahlback O., Radner S/ Observation on the thoracic duct lymph in patients with cirrhosis of the liver. – Acta Hepatoaplen (Stuttgart), 1960, p. 1-7.
8. Conn H.O., lindenmuth W.W. Prophylactic portacaval anastomosis in cirrhoyic patients with esophageal varices and ascites. – Amer. J.Surg., 1969. 117, p. 656-661.

Калидвожаҳо*: ассит, серрози ҷигар, маводҳои пешоброн, намакҳо, фишорбаландии порталӣ, сафедаҳо, албумин, беморон, натрий, ҳормон*

Аннотация

СОВРЕМЕННЫЕ ВЗГЛЯДЫ НА МЕХАНИЗМ ПОЯВЛЕНИЯ АСЦИТА И ПРАКТИЧЕСКИХ СОВЕТОВ О ЕГО ПРЕДОТВРАЩЕНИЕ

По анализу существующих источников стало известно о накоплении жидкости в полости живота, которое известно как асцит. Это считается одним из тяжёлых болезней цирроза печени, который приводит больных к летальному исходу. О механизме появления асцита существуют различные точки зрения. Здесь главную роль играют расширение вен пищевода и повышения давления портала. При лечении жидкого ассита следует соблюдать режим питания, уменьшить употребления соли. Рекомендуется применять мочевыделяемые препараты.

Ключевые слова: *асцит, цирроз печени, мочевыделяемые средства, соли, портальная гипертония, белки, альбумин, больные, натрий, гармонь*

Annotation

MODERN VIEWS ON THE MECHANISM OF APPEARANCE OF ASCITES AND THE PRACTICAL ADVICE ABOUT ITS PREVENTION

Under the analysis of existing sources it became known about the liquid accumulation in a cavity of a stomach which is known as ascites. It is considered as one of the serious illnesses of a cirrhosis which leads patients to a fatal outcome. About the appearance mechanism of ascites there are various points of view. Here the leading role is played by expansion of veins of a gullet and the increase of pressure of a portal. At treatment liquid ascites is necessary to observe a diet, to reduce the salt uses. It is recommended to apply urination preparations.

Key words: *ascites, a cirrhosis, urination means, salts, a portal hypertension, fibers, albumen, patients, sodium, a hormone*

Маълумот дар бораи муалиф: Насурддинов Наврӯз Раҳмоналиевич, магистранти соли дуюми факултети биологияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: Шамсудинов Шаъбон Начмудинович

Сведения об авторе: Насурдинов Навруз Рахмоналиевич, магистрант второго курса факультета биологии ТГПУ имени Садриддина Айни.

About the author: Nasurddinov Navruz Rahmonalievich, the second year master student of the Department of Biology of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Шодиев Мӯминназар,
магистранти соли дуюми факултети биология

ЧАТРГУЛОНИ (*UMBELLIFERAE*) НОҲИЯИ ПАНҶАКЕНТ ТАВСИФИ НОМГӮЙ

Дар натиҷаи тадқиқоти саҳроии дусола ва омӯзиши гербарияҳои дастрас оид ба намояндагони чатргулони ноҳияи Панҷакент маълум гашт, ки дар ноҳияи омӯзишӣ 38 намуди чатргулон аз 28 авлод вомехӯрад, ки авлодҳои *Seseli* (5), *Ferula* (4), *Elwendia* (2), *Angelica* (2) нисбатан калонтарин ба шумор рафта, ба боқимонда авлодҳо якнамудӣ мансубанд. Минтақаи набототӣ-тадқиқотии ноҳияи Панҷакент дар байни ноҳияҳои табиии Тоҷикистони Шимолӣ ва Ҷанубу Ғарбӣ воқеъ гардида, нишебиҳои шимолии қаторкӯҳҳои Ҳисор, ҷануби шарқии қаторкӯҳҳои Зарафшонро дарбар мегирад. Сохти геологии он аз қабатҳои палеозой - граниту гранитоидҳо иборат аст. Қисмати пасткӯҳҳо, ҳамворӣ ва адирҳо аз хокҳои мулоими сиёҳу сафед иборат мебошад. Қисми миёнакӯҳҳо аз харсангҳо ва сангрезаҳо бо теғаҳои хорсангӣ пӯшида шудааст, иборатаанд. Баландии миёнаи кӯҳҳо 1500-2500 м, қуллаи баландтарини ноҳияи омӯзиш (3500 м) мебошад.

Яке аз минтақаҳои зебоманзари Тоҷикистон ноҳияи Панҷакент мебошад, ки ба водии Зарафшон дохил шуда, дар ин минтақа намудҳои гуногуни растаниҳои нафъовари оилаи соябонгулҳо паҳн шудааст.

Аз рӯи маълумотҳои мавҷудаи олимон дар ноҳияи Панҷакент тахминан 1150 намуди растаниҳои гулдор мавҷуд аст ва аз ин миқдор 28 авлод ва 38 намуди растаниҳои оилаи чатргулон мебошанд [3]. Чатргулон дар хоҷагии инсон аҳамияти калон дорад.

Олами набототи ноҳияи омӯзишро минтақаҳои биёбон, миёнакӯҳ ва баландкӯҳ ташкил медиҳад. Дар олами набототи ин минтақа бешаҳои арчазори кӯҳӣ ва ҷангали кӯҳӣ, нимсаванҳои калоналаф, растаниҳои кӯҳию даштӣ бештаранд. Наботот аз ҷангалзори сираки арча, растаниҳои кӯҳӣ, дашти, туғай ва нимбиёбонӣ иборат аст.

Метод ва маводҳо. Маълумоти додашуда дар асоси тадқиқотҳои саҳроии дусола, ки яке аз муаллифон (Шодиев М.) мебошад ҷамъоварӣ шуда, дар тамоми гирду атрофи ноҳияи Панҷакент (аз тарафи шарқ- Кошона то ғарб -Саразм, аз шимол- Ғарибак то ҷануб - Куктош) экспедитсия гузаронида шудааст. Дар соли 2018 бо ҳамроҳии роҳбари илмӣ Қурбонов А., тадқиқоти илмӣ тариқи сайрхат гузаронида шуда, паҳншавии чатргулонро дар қисмати ғарбии қаторкӯҳи Зарафшон, соҳили дарёи Моғиён ва Шинкро омӯхтем. Инчунин ҳамаи гербарияҳои мавҷудбудаи оилаи чатргулони ноҳияи Панҷакентро, ки дар Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (TAD) нигоҳ дошта мешавад, омӯхта шуданд.

Тавсифи номгӯи намудҳои чатргулони ноҳияи Панҷакент. Дар ин қисмат номгӯи растаниҳои оилаи чатргулон, ки дар ноҳияи Панҷакент вомехӯранд, бо тартиби алфавити лотинӣ оварда шудааст. Инчунин макони паҳншавӣ, баландӣ аз сатҳи баҳр, барои баъзе намудҳои чатргулон тағйиру ивази номи онҳо тавсиф шуда, ҷои сукунати чатргулони омӯхташудаи ноҳияи Панҷакент нишон додашудааст.

Aegopodium tadshikorum Schischk., in Шишкин, Fl. URSS 16: 600, 456. 1950.

Адабиёт: Коровин 1959: 356; Никитин 1959: 63; Пименов 1983: 242; Коровин ва диг. 1984: 113; Пименов и Клюйков 2002: 127.

Гербарияҳои омӯхташуда: Тоҷикистон, ҳавзаи дарёи Зарафшон, минтақаи Дараи Калон, Оби Борик. Моҳи июли соли 1927, Каримова, Девачкина ва Кинзикаева *530* (TAD).

Паҳншавӣ: Тоҷикистони Марказӣ, Тоҷикистони Шимолӣ (Қурама), қаторкӯҳҳои Зарафшон, Тоҷикистонӣ Ҷанубӣ, Ҳисору Дарвоз.

Angelica ternata Regel et Schmalh. 1878, Тр. СПб. бот. сада, 5, 2 : 590, nom. nud.;

Адабиёт: Коровин ва диг. 1984: 148; Курбонов А.Р. 2017: 131; Пименов и Клюйков, 2002: 172.

Гербарияҳои омӯхташуда: Туркистон, Оббурдон, қисмати болоии Кусавли, Афанасев; Дараи Оқ-Танги, Коннов; Шаҳристон, дарёчаи Лянглиф, Б. Комаров; Поляков; Кузнецов (TAD).

Паҳншавӣ: Қаторкӯҳи Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Шарқӣ, Помири Ғарбӣ.

Angelica komarovii (Schischk.) V.N. Tikhom., 1967, Научн. докл. высш. школы. Биол. науки, 1 (37) : 91;

Адабиёт: Коровин ва диг. 1984: 150; Pimenov & Kljuykov 2002: 71.

Гербарияҳои омӯхташуда: Қаторкӯҳи Зарафшон, гирду атрофи Искандаркӯл, 1893, В. Комаров (LE).

Паҳншавӣ: Дар тамоми ноҳияҳои геобатаникии Тоҷикистон ба ғайр аз қаторкӯҳҳои Қурама, Муғул ва соҳили Сирдарё васеъ паҳн шудааст.

Angelica brevicaulis (Rupr.) B. Fedtsch., 1909, в О. и Б. Федч. Переч. раст. Турк., 3: 99;

Адабиёт: Коровин ва диг. 1984: 151; Pimenov & Kljuykov 2002: 72.

Гербарияҳои омӯхташуда: Водии дарёи Шинк., Чугаева ва Сергеева; гирду атрофи кӯли Нофин., Овчинников ва Слободов; Ҳавзаи дарёи Оқ-су., Афанасев.

Паҳншавӣ: Туркистон, Заравшон, Тоҷикистони Шарқӣ, Помири Ғарбӣ.

Aphanopleura capillifolia (Regel & Schmalh.) Lipsky, Bull. Acad. Imp. Sci. Saint-Petersbourg (ser. 5) 4(4): 379. 1896.

Адабиёт: Коровин et al., 1984: 108; Пименов & Клюйков 2002: 122. Қурбонов А.Р. 2017: 114;

Гербарияҳои омӯхташуда: Ходжентский уезд., пос. Надеждинский, 08.05.1909. Юферев (TASH). Между кишлаками Учбог и Акташ, по дороге на с. Акташ, 290 м, 29.05.2014. А.Р. Курбонов (Худжанд);

Паҳншавӣ: Дар тамоми ноҳияҳои геобатаникии Тоҷикистон ба ғайр аз Қурама, Помири Ғарбӣ ва Помири Шарқӣ васеъ паҳн шудааст.

Aulacospermum dichotomum (Korov.) Kljuykov, M.Pimen. et V. Tichom. В Бюлл. МОИП, LXXXI, 5 (1976) 82.

Адабиёт: Коровин ва диг. 1984: 56.

Гербарияҳои омӯхташуда: Дараи Аргли, В. Запрягаева; Гирду атрофи қишлоқи Зебон, Гребенникова; гирду атрофи қишлоқи Шишкат, Стрижова (TAD).

Паҳншавӣ: Қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Шарқӣ, Помири Ғарбиву Шарқӣ.

Aulacospermum roseum Korov. 1869. Mem. Sci. Petersb. (Sci.Phvs. Math.). Ser. 7.14.4:49.

Адабиёт: Коровин ва диг. 1984: 58; Пименов и Клюйков 2002: 65.

Гербарияҳои омӯхташуда: Тоҷикистон, нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Зарафшон, баромад аз қишлоқи Навобод ба ағба, дар зери сангҳо, 3600 м, 18. 08.1960, № 602. Гребенникова, Стрижова ва Коровин.

Паҳншавӣ: Дар тамоми ноҳияҳои геобаотаникии Тоҷикистон ба ғайр аз қаторкӯҳи Муғул, соҳили Сирдарё ва Тоҷикистони Ҷанубӣ васеъ паҳн шудааст.

Berula erecta (Huds.) Coville, Contr. U. S. Natl. Herb. 4: 115. 1893.

Адабиёт: Коровин ва диг. 1984: 116; Қурбонов А.Р. 2017: 159; Пименов и Клюйков 2002: 130.

Гербарияҳои омӯхташуда: Гирду атрофи ноҳияи Панҷакент, Комаров (TAD) ; Қаторкӯҳи Қурама, соҳили чапи дарёчаи Понғоз, дар ҷӯйборҳои сустҷараён. 08.2014 А.Р. Курбонов (Худжанд);

Паҳншавӣ: Гирду атрофи соҳилҳои Сирдарё, водии Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ.

Seseli seravschanicum M.Pimen. et Sdobn. В Бот. журн. 60, 8 (1975) 1118.

Адабиёт: Коровин ва диг. 1984: 121;

Гербарияҳои омӯхташуда: Кӯҳи Ҳазрати Султон, Массагетов ва Массалский; болооби дарёи Моғиён, Кочкарева, Жоголева ва Абдусаломова; гирду атрофи кӯли Карокӯл, Комаров; Гирду атрофи Кӯли Калон, Липский, Бетгер, Кинзикаева, Абдусаломова ва Овчинников.

Паҳншавӣ: Зарафшон, Ҳисору Дарвоз.

Seseli lehmannianum (Bunge) Boiss., 1872, Fl. or., 2 : 967;

Адабиёт: Коровин ва диг. 1984: 130; Шишк., 1950, во Фл. СССР, 16: 506;

Гербарияҳои омӯхташуда: гирду атрофи қишлоқи Моғиён, Зикиров; дараи Шинк, Чугаева ва Сергаеева., Кочкарева, Жоголева ва Г. Овчинников; гирду атрофи Рошнаи Поён, Чукавина, Кинзикаева, Карамышева; қишлоқи Косатарош, Красовский;

Паҳншавӣ: Соҳилҳои Сирдарё, Туркистон, Зарафшон.

Seseli Korovinii Schischk., 1950, Бот. мат. (Ленинград), 13: 162.

Адабиёт: Определитель растений Средней Азии, 7: 256; Коровин и др., 1984, во Фл. Тадж. 7: 128.

Гербарияҳои омӯхташуда: дараи Шинк, Кочкарева, Жоголева ва Г. Очинников; Кӯли Маргузар, Каримова ва Девочкина.

Паҳншавӣ: Туркистон ва Зарафшон.

Bupleurum exaltatum M.Bieb., Beschr. Casp.: 156. 1798; Tab. Prov. Casp: 113; 1800.

Адабиёт: Коровин 1950a: 206; Попова 1959: 49; Коровин 1963: 300; Пименов 1983: 212; Коровин & al. 1984: 75; Пименов и Клюйков 2002a: 86.

Гербарияҳои омӯхташуда: Ҳавзаи дарёи Зарафшон, дараи дарёи Дараи Калон, қисми болоии қишлоқи Оби Борик, нишебии сангу шағалзор, 27.07.1973, №541, Каримова, Д. Вечкина, Кинзикаева (TAD); қаторкӯҳи Зарафшон, гирду атрофи қишлоқи Моғиён, воддии дарёи Оби-Борик, 1600 м, 17.09.1974. № 408, Коннов, Кинзикаева (TAD).; Зарафшони Ғарбӣ, ҳавзаи дарёи Моғиён, соҳили рости дарёи Дараи Калон, нишебии сангу шағалзор, №5874(209), 28.07.1967, Каримова, Овчинников, Кинзикаева (TAD); Тоҷикистони Шимолӣ, нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Зарафшон, соҳили рости дарёи Шинк, роҳ ба қишлоқи Маргзор, гирду атрофи 2-юм кӯл, 1700 м, № 1847, 28.07.1969, Чукавина, Кинзикаева ва Карамшоева (TAD); Зарафшони Ғарбӣ, ҳавзаи дарёи Моғиён, дараи дарёи Шинк, соҳили чапи дарёи Науфин, нишебии шимолуғарбӣ, 2210 м, № 5118, 26.07.1961, Кочкарева, Овчинников ва Кинзикаева (TAD).

Адабиёт:

1. Коровин Е.П. *Umbelliferae.* Флора Узбекистана. Т. 4. – Ташкент, 1959. С. 257- 270.
2. Коровин Е.П. *Umbelliferae.* Флора Казахстана. Т. 6. – Алма-Ата, 1963. – 258 с.
3. Коровин Е. П., Пименов М. Г., Кинзикаева Г.К. Флора Таджикской ССР // под ред. П.Н. Овчинникова. – Т. 7. Л.: Изд-во акад. наук СССР, 1984. – С. 3–214.

4. Курбонов А.Р. Диссер / Зонтичные Северного Таджикистана (Кураминский, Моголтау, долины Сырдарьи). Душанбе – 2017. 255 с.
5. Никитина Е.В. *Umbelliferae* // Флора Киргизской ССР, 1959. Т. 8. – Фрунзе, 1959. – С. 9-112.
6. Пименов М.Г. *Umbelliferae* // Определитель растений Средней Азии / критический конспект флоры. – Ташкент, 1983. 167-322 с.
7. Пименов М.Г., Клюйков Е.В. Зонтичные (*Umbelliferae*) Киргизии. – М.: КМК, 2002. 286 с.
8. Попова Л.И. *Schrenkia, Scaligeria, Bupleurum, Bunium //* Флора Киргизской ССР Т. 8. – Фрунзе, 1959. – С. 29-35, 46-50, 55-58.
9. Шишкин Б.К. *Umbelliferae* // Флора СССР. Т. 16. – М.: Л.: Изд-во АН СССР, 1950. – С. 36-40

Калидвожаҳо: *бузсуми тоҷикон, вешими себарга, вешими кӯтоҳпоя, вешими комаров, гунҷишпойи мӯйбарг, шияртухмаки душоха, шияртухмаки гулобӣ, сиеллаи қадрост, галсамаки леман, галсамаки коровин,бедгиёҳи қадбаланд, ноҳияи Панҷакент, паҳншавӣ, намунаҳои омӯхташуда*

Аннотация

ЗОНТИЧНЫЕ (UMBELLIFERAE) ПЕНДЖИКЕНТСКОГО РАЙОНА

Аннотированный список. I. *Aegopodium— Bupleurum*

Территория Пенджикентского района расположена среди геобатанических районов Северного Таджикистана и относится в Зерафшанской долине. По данным ученных, на территории Пенджикентского района известны 1150 высших растений. В результате двухлетних полевых исследований и изучения гербарного материала (TAD) по территории Пенджикентского района установлено, что в регионе встречается 38 видов *Umbelliferae,* относящихся к 28 родам. По статье приводятся ботанические свойства, распространенные и изученные образцы 12 видов семейства зонтичных Пенджикентского района.

Ключевые слова: *большая группа таджиков, варвары, небольшая группа, кома, шкатулка для драгоценностей, бегемот, розовый нож, розовый шелк, силиконовая сирень, лимонная паприка, перцовый баллончик, перец, Пенджикентский район, распространение, изученные образцы*

Annotation

THE UMBELLIFERAE OF PANJAKENT DISTRICT

Annotated checklist I. *Aegopodium— Bupleurum*

The territory of Penjikent district is located among geobatanic regions of North and South-West Tajikistan and belongs to the Zerafshan valley. According to scientists in the territory of Penjikent, 1150 higher plants are known. As a result of two years of field research and study of herbarium material (TAD) across the territory of the Penjikent district, it has been established that there are 38 species of Umbelliferae belonging to 28 genera in the region. According to the article, the botanical properties, distribution and studied samples of 12 species of the umbrella family of the Penjikent region are given.

Key words: *aegopodium tadshikorum, angelica ternata, angelica brevicaulis, angelica komarovii, aphanopleura capillifolia, aulacospermum dichotomum, aulacospermum roseum, berula erecta, seseli lehmannianum, seseli korovinii, bupleurum exaltatum, Panjakent district, distribution, studied samples.*

Маълумот дар бори муаллиф: Шодиев Мӯминназар, магистранти соли дуюми факултети биологияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: н.и.б., муаллими калон Қурбонов А.Р.

Сведения об авторе: Шодиев Муминназар, магистрант второго курса биологического факультета ТГПУ им. С.Айни.

About the author: Shodiev Muminnazar**,** second year master student in the Departument of Biology, TSPU by name S. Ainy.

Сатторзода Абдуғаффор,
магистранти соли дуюми факултети биология

НАҚШИ ЭКОЛОГИИ ЭКОСИСТЕМАИ ҲАВЗАИ ДАРЁИ ВАРЗОБ ДАР ТАЪМИНИ НИЗОМИ ГИДРОЛОГИИ ЗАХИРАШАВИИ ОБ ДАР ДАРЁИ ВАРЗОБ

Экосистемаҳои табиӣ ноҳияи Варзоб дар таъмини системаҳои экологӣ-гидрологии ҳавзаи дарёи Варзоб ва муҳити атроф ва рушди иқтисодиёти миллӣ, аҳамияти аввалиндараҷа дорад, ки дар экосистемаҳои табиӣ он, захираҳои зиёди сарватҳои табиат, асосан захираҳои зиёди об ва растаниҳои доруворӣ мушоҳида карда мешавад [1].

Экосистемаҳои табии ҳавзаи дарёи Варзоб, ки шароити табиии хоси захиракунии захираҳои обиро пайдо намудааст дар ҷараёни эволюсия дар як сол захирашавии об дар он аз 7,5 км^3 то 8,1км^3 мушоҳида карда мешавад.

Ҳавзаи дарёи Варзоб таърихи 5-6 миллион сол-ро дорад, ки дар ин минтақа дар давраи яхбандии табий пиряхҳои хурду бузург дар қаторкӯҳҳои Ҳисор ва Олой-Помир, ташакул ёфтанд ва ҳавзаи дарёи Варзобро ба вуҷуд овард. Дар ҳавзаи дарёи Варзоб захирашавии захираҳои об табиатан хос буда барои ба танзим даровардани реҷаи гидрологии об, ташаккул ёфтааст [2].

Ташаккулёбии манбаҳои обии ҳавзаи дарёи Варзоб бештар ба устувории экосистемаи ҷангалзори ҳавзаи минтақа мазкур, ки ин ба афзоиши гуногунии биологӣ ва таъмини устувории муҳити атрофи минтақа заминаи устувори худро гузошта метавонад.

Ташаккулёбии шароити мусоиди табиӣ ба равандҳои захирашавии об дар қисми болоби ҳавзаи дарёи Варзоб ва қисми поёнии ҳавза алоқамандии экологиро пайваста афзалиятҳои асосии мусоидаткунанда ба равандҳои таъмини нигоҳдории захираҳои обиро дар ҳавза таъмин карда истодааст.

Дар экосистемаи ҳавзаи дарёи Варзоб манбаъҳои ифлоскунандаи захираҳои об, асосан корхонаҳои саноатӣ ва воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ба ҳисоб мераванд ҶДММ «А.Каримов» ва Тоҷиксемент» ва корхонаҳои хизматрасони ба манбаъҳои обӣ таъсири бештар манфӣ расонидааст [3].

Дар ноҳияи Варзоб дар соли 2017-2018 аз фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва воситаҳои нақлиётӣ 29,2 ҳазор тонна моддаҳои ифлоскунанда ба ҳавои атмосфера партофта шудааст, ки 19,7 ҳазор тоннаи он дар натиҷаи фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва 9,5 ҳазор тоннаи боқимонда аз ҳисоби корхонаҳои хизматрасонӣ мебошад.

Агар динамикаи партовҳои саноатиро дар сатҳи ҷумҳурӣ муоина намоем, пас он чунин нишондиҳандаҳо дорад:

Намуди ингридиентҳои (моддаҳои химиявӣ) ба атмосфера партофташаванда, аз рӯи таркиб ва миқдор ба хусусияти истеҳсолот вобаста буда, дар корхонаҳои Тоҷикистон асосан аз: оксидҳои карбон, оксидҳои нитроген, фториди гидроген, аммиак, фториди алюминий, оксидҳои сулфур, чангу ғубори ғайриорганикӣ (ҷадвали 1) ва органикӣ, карбогидридҳо, хлор, ва ғайра иборат аст. Масалан, барои корхонаи саноатии истеҳсолии семент ҶДММ «А.Каримов» партови силитсийдор – 1,8 т/сол; мебошад.

Ҷадвали 1: Партовҳои моддаҳои заҳрноки корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№	Номгӯи корхонаҳо	Партовҳои моддаҳои заҳрнок, тонна/сол						
		NO_x	SO_2	CO	Моддаҳ ои сахт	Фторидҳ ои сахт	Дигар моддаҳо	**Ҳамагӣ, тон./сол**
1	КВД Тоҷиксемент	276,206	924,000	1629,8	-	-	2342,722	**5172,81**
2	КМ «Анзоб»	14,46	47,05	48,1	16,468	-	924,506	**1050,587**

Дар ноҳияи Варзоб дар солҳои 2016-2018 ҳаҷми партов аз ҳисоби корхонахои саноатӣ, коркарди оҳаксанг, семент, корҳои сохтмонӣ то 3,1 маротиба зиёд шуд.

Санҷишҳои таҳлилии лабораторияҳои Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Вазорати тандурустӣ ва лабораторияи ҶДММ «А.Каримов» шаҳодат медиҳанд, ки партовҳои заҳрнок дар ҳудуди корхонаи мазкур дар доираи меъёрҳои муқарраргардида қарор надоранд. Дар хатти санитарӣ-муҳофизатии корхона бошад, консентратсияи партовҳо аз меъёри муқарраршуда 1 - 2 маротиба зиёд

аст, ки он ба манбаҳои оби дарёи Варзоб омехта мегардад [1].

Ҳолати экологии корхонаи истеҳсолии семент «А.Каримов» ба талаботи экологӣ ҷавобгӯй нест ва дастгоҳҳои ҳавотозакунӣ бисёр вақт параметрҳои технологиро вайрон карда истодааст. Дар сехи истеҳсоли семент ё оҳак хати аспиратсионии конвейери L-114 кор намекунад (ҷадвали 2). Чангу ғубори кокс аз ҳаракати автомобилҳо дар тамоми сех паҳн мегардад.

Ҷадвали 2: Партовҳои заҳрноки корхонаи ҶДММ «А.Каримов» дар соли 2018 чунин буд:

Номгӯи партовҳо	**Партовҳо, т/сол**
Ғубори инертӣ	53,42
Ғубори семент	98,80
Ғубори оҳаксанг	96,77
Оксиди карбон	139,88
Оксиди нитроген	6,80
Ангидриди сульфур	36,80
Ҳамагӣ дар корхона:	**432,47**

Дар ноҳияи Варзоб ифлосшавии манбаҳои обӣ асосан аз ҳисоби корхонаҳои семент, марказҳои хизматрасони маишӣ ва истироҳатӣ, ки шуморашон ба 53 адад мерасад ба назар мерасад, ки дар як шабонарӯз ба ҳисоби миёна аз 56 то 60 тона партовҳои обӣ ба ҳавзаи дарёи Варзоб мепартоянд.

Ҳолати ҳавои атмосфера дар ноҳияи Варзоб аз рӯи маълумотҳои мавҷуда нисбатан дар моҳҳои апрел-июн мӯътадил буда, тибқи маълумотҳои мавҷуда ифлосии табиии (фонии) ҳавои атмосфера дар ин минтақа чунин ҳолат дорад: чангу ғубор- 0,45 мг/м^3; оксиди сулфур - 0,0065 мг/м^3; оксиди карбон - 0,03 мг/м^3; оксиди нитроген- 3,0 мг/м^3; [2].

Ифлосшавии ҳавои атмосфераи ноҳия бо моддаҳои заҳрнок асосан аз партовҳои корхонаҳои саноатӣ ва воситаҳои нақлиёт ба амал меояд. Мувофиқи маълумотҳои пешниҳод гашта, дар н. Варзоб, 39 корхона ва ташкилотҳо мавҷуданд, ки ҳолати экологии атмосфераи ноҳия аз фаъолияти онҳо вобаста мебошад [1].

Партовҳои моддаҳои заҳрнок асосан аз корхонаҳои зерин ба амал меояд: нуқтаҳои фӯруши маводи сӯхт (зиёда аз 20 адад); Заводи асфальтбарории ООО «Синохайдро»; Корхонаи воҳиди давлатии «Варзобгаз»; Корхонаҳои оҳак, гаҷ, истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ (сарватҳои маъмул, шағал, қум, санг), хеле ташвишовар аст. Аммо баъзе корхонаҳои ноҳия ба монанди корхонаи нақлиётии, коркарди кони ангишти (карьери) «Зиддӣ», корхонаи сохтмонии ДСК ва ғайра» лоиҳаҳои партовҳои ҳадди имконпазири партовҳо ба ҳавои атмосфера ва иҷозатнома оиди партовҳои моддаҳои заҳрнок ба ҳавзаи дарёи Варзоб бе такшонкунӣ ва безаракунӣ партофта истодаанд, ки аз таъсири партовҳои мазкур ҳолатҳои тирангии об дар ҳавзаи дарёи Варзоб мушоҳида карда мешавад.

Ҳар сол аз тарафи корхонаҳои саноатии истеҳсолии семент, оҳаксанг, ангишсанг, партовҳои сахт ба муҳити манбаҳои обӣ дарёи Варзоб моддаҳои SiO_2, PbO_2, $Ca(OH)_2$, Al_2O_3, Cr_2O_3 ва дигар пайвастагиҳои хлордор, фосфордору фтордор партофта мешавад.

Аз таъсири ғуборолуд ва ифлос гардидани ҳавои атмосфера, ҳолати камшавии об то 33-35% дар ҳавзаи дарёи «Варзоб» мушоҳида карда мешавад. Ҷоришавии об аз экосистемаи дарёи Варзоб ба 45,9 м^3/с, максимали бошад ба 61,3 м^3/с, ва минималӣ бошад, ба 31,5 м^3/с рост меояд, ки бо таъсири ифлосшавии захираҳои обӣ дарёи Варзоб ҳолати тағйирёбии ҷараёни ҷоришавӣ об дар дарё мушоҳида карда шуд.

Бо таъсири экологии захираҳои ҷангал ҳолатҳои минерализасияшавии об аз 100 то 260 мг/л. рост меояд.

Нақши ҷангал дар захира кардани об дар қабатҳои хок гуногун мебошад. Вобаста аз системаи решаи растанӣ, миқдори об дар ҳар як дарахт гуногун аст. Паҳншавии ҷангалзорҳо дар табиат ба афзоиши наботот ва зиёдшавии намӣ дар сатҳи хок, қабати хок бештар ба назар расида боиси ташаккулёбии миқдори захираҳои об дар экосистемаҳои табиӣ мегардад. Таъсири ҷангалзорҳо ба раванди ташаккулёбии захираҳои об, ниҳоят мусбӣ арзёбӣ карда мешавад ва ба ҳолатҳои захирашавӣ ва ҷоришавии об, мусоидат менамояд. Таъсири ҷангалзорҳо ба ташаккулёбии захираҳои об бештар мусоидат намуда ба фаъолгардии нигоҳдории об заминаи устувор мегузорад [4].

Тадқиқоти илмӣ муайян кард, ки ҳолатҳои буриши ҷангалзорҳо бошиддат дар ноҳияи Варзоб идома дорад. Аз сабаби буридани 70% ҷангалзорҳои экосистемаи дараи Варзоб, таъсири афзудани ҳодисаҳои гармсел ва шиддатнок гардидани бухоршавии об аз сатҳи замин ва хушкшавии зиёди чашмаҳо

аз 65-70% ба назар расида, ба паст шудани ташаккулёбии маҷрои оби дарёҳои Варзоб ба назар мерасад.

Тадқиқоти илмӣ муайян кард, ки вобаста аз системаи решаи намуди растаниҳои ҷангал ва суроби дарахт ё буттагиҳо, захирашавии об ва ҷоришавии об ба амал меояд. Дар натиҷа, захирашавии об ба намуди намӣ, барф, ях ташаккул ёфта, ба реҷаи гидрологии об, заминаи устувор мегузорад (расми 1).

Расми 1. Захирашавии намӣ ба намуди барф

Дар дохили қабати ғафси барф ҳарорат дигаргун намешавад, чунки микроиқлими махсус ҷой дорад. Ҳарорати дигаргуншавандаи берун ба дохили барф таъсир намекунад. Ҳангоми ғафсии қабати барф 15-50см будан фарқи ҳарорати қабати дохилии барф ва болои барф 15-20^{0}С мешавад.

Нақши инкишофёбии ҷангал дар қисмати экосистемаи ҷангал ва минтақаҳои ҷангалпӯш дар он аст, ки ба имкониятҳои гидрологии об ва мувозинати биологӣ-экологии об, мусоидат мекунад. Ба дарёи Варзоб шохобҳои дарёҳои Такоб, Оджук, Лучоб, Харангон, Гурке, Хоҷа-Оби –Гарм, ки аз манбаҳои захираҳои барф ва ях таъмин менамояд.

Солҳои охир аз таъсири буриши ҷангалзорҳо, ғайриоқилона истифодабарии заминҳои кишоварзӣ, аз меъёри экологӣ зиёд чаронидани чорво ва партофтани партовҳо ба экосистемаи дарёи Варзоб боиси ифлос –тирашавии об, кам захира шудани об, тағйир ёфтани сифати об, ба назар мерасад.

Ҳолати экологии оби дарёи Варзоб вобаста аз нишондиҳандаҳои биологӣ-микробиологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун оби тоза интихоб карда шудааст, ки ин вобастагии зиёд дорад аз системаи экологии ҳавзаи дарёи Варзоб. Инчунин, бо таъсири захираҳои ҷангали минтақаи болоб ва поёноби ҳавзаи дарёи Варзоб, ҳолатҳои танзимкунандаи системаи экологӣ, яъне нигоҳдории хок, реҷаи гидрологии об, мувозинати гуногунии биологӣ дар ҳавза мебошад. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ қаблан 100-150 сол муқадам масоҳати ҷангалзорҳои экосистемаи ҷангали 48700 га рост меомад ва ин нишондиҳанда ба 35% ҷангал хос буд. Аммо баъди зиёд шудани аҳолӣ аз 11230 нафар ба 37540 нафар боиси афзудани заминҳои кишоварзӣ аз он ҷумла чарогоҳ ба 163133 га боиси таназзулёбии системаи экологӣ дар ҳавзаи дарёи Варзоб ба амал омад. Ҷангалзорҳо, қобилияти захиракунии барф, борон, буғ, жоларо дар фарорасии мавсимҳои боришотӣ пайдо карда, реҷаи захирашавии обро зиёд ва устувор мегардонад [1].

Адабиёт:

1. Ахбори экологӣ. – Душанбе солҳои 2011, 2012, 2013, 2015. 60 с.
2. Маърӯзаи миллии Тоҷикистон оид ба ҳолати муҳити зист, солҳои 2010-2012. –Душанбе, 2013.–210 с.
3. Стратегияи миллӣ ва нақшаи амал барои нигоҳдорӣ ва истифодаи оқилонаи гуногунии биологии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
4. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҳифзу нигаҳдории гуногунии биологӣ». – Душанбе: 2003. – 100 с.
5. Ҳолати экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – 150 с.

Калидвожаҳо: *Варзоб, экосистема, ҳавза, дарё, табиӣ, об, партов, саноат, муҳит, корхона*

Аннотация

ЭКОЛОГИЧЕСКАЯ РОЛЬ ЭКОСИСТЕМЫ БАССЕЙНА РЕКИ ВАРЗОБ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ГИДРОЛОГИЧЕСКОЙ СИСТЕМЫ ЗАПАСЛИВОСТЬ ВОДЫ РЕКИ ВАРЗОБ

Природные условия Варзобского района по сравнению с условиями других районов более благоприятны для сохранение и восстановление водное ресурсов. На территории природной экосистемы бассейна реки Варзоб за период 2008-2018 годов увеличивалось прирост пользователям более 3-4 раза. Примерно 30-50 лет назад на территории нынешнего реки Варзоб состояние качества воды отвечало всей требованиям ГОСТ 17.1.1.01-77, ГОСТ 17.1.1.02-77. ГОСТ 17.1.1.03-86, ГОСТ 17.1.1.04-82, ГОСТ 17.1.3.11-84. За период более 10 лет из-за неправильного управления бассейна реки Варзоб началось деградация природного рессора бассейна реки Варзоб.

Ключевые слова: *Варзоб, экосистема, бассейн, река, природный, вода, отходы, промышленность, окружающая, организация*

Annotation

ECOLOGICAL ROLE OF ECOSYSTEM IN THE RIVER BASIN OF VARZOB IN MAINTENANCE HYDROLOGICAL SYSTEM THRIFTINESS OF WATER IN THE RIVER OF VARZOB

The natural condition of Varzob district in comparison with conditions of other areas is more favorable for preservation and restoration water resources. On the territories of the natural ecosystem of river Varzob during 2008 – 2018 years, 3-4 times increased to users. About 30-50 years ago in the territory of the river Varzob the condition of water quality answered all the requirement of GOST 17.1.1.01-77, GOST 17.1.1.02-77. GOST 17.1.1.03-86, GOST 17.1.1.04-82, GOST 17.1.3.11-84. During more than 10 years, basin, degradation of the natural spring of the Varzob river basin began.due to improper management of the Varzob basin, degradation of the natural spring of the Varzob river basin began.

Key words: *Varzob, ecosystem, pool, river, natural, water, waste, industry, inolustry, organization*

Маълумот дар бораи муаллиф: Сатторзода Абдуғаффор Абдулҳамид, магистранти соли дуюми факултети биология ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: Акрамов Убайдулло Хасирович

Сведения об авторе: Сатторзода Абдугаффор Абдулхамид, магистрант второго курса факультета биологии ТГПУ имени Садриддин Айни.

About the author: Sattorzoda Abdugaffor, second year master student of the faculty of Biology of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Эшмирзоева Шоҳида,
магистранти соли дуюми факултети биология

ТАСНИФИ БОТАНИКӢ ВА ТАРКИБИ ХИМИЯВИИ ТОПИНАМБУР

Аҷдодони мо ба умеди мадад ба набототи доругӣ, ки барояшон “дорухонаи табии”-и аввалин маҳсуб меёфт, муроҷиат мекарданд. Онҳо ашёи фоиданоки табиатан ҳосилшуда қисмҳои дарахту буттаҳо ва алафҳоро истифода менамуданд. Гузаштагони мо ба таври аниқ ва табии бофаросат будаанд. Дар раванди ассимилятсия растаниҳо ҳамзамон бо карбогидратҳо (қанд ва крахмал) ҷинсҳои бенитрогенро ҳам аз қабили гликозидҳо, ҷавҳари моз, селлюлоза, равғани эфир, танин ва ҳамчунин таркибҳои зиёди нитрогендор –аминокислотаҳо, амидҳо, аминҳо, пуринҳо, неклуозидҳо, алколоидҳо ва ғайраро синтез мекунад, ки аксарияташон аз нигоҳи фармакологӣ фаъол мебошанд [2, 149-151].

Ҳамзамон, ба омӯхтани моддаҳои фаъоли растаниҳо, нисбат ба таҳқиқи моддаҳои холиси кимиёвӣ вазифаи ниҳоят душвор аст ва ин танҳо ба шароите вобаста нест, ки дар он ҳар кадом растанӣ инкишоф меёбад, на танҳо табиат, реҷаи об, таркиби хок ва ғайра, балки ин иртибот ба ирсият ва биохазми растанӣ низ дорад.

Топинамбур ба оилаи мураккабгулон тааллуқ дорад. Муракабгулон яке аз калонтарин оилаҳо дар байни растаниҳои гулдор ба шумор мераванд. Ин оила зиёда аз 25 -ҳазор намудро дар бар мегирад. Растаниҳои ба оилаи мураккабгулҳо тааллуқдошта, аксаран, растаниҳои алафии бисёрсола буда, хелҳои растаниҳои яксола, нимбутта, бута ва дарахтиашон хеле кам вомехӯрад.

Барги онҳо содда, наздбарг надоранд канорҳои паҳнаки барг яклухт ё ҳиссашуда мебошад. Дар узвҳои нашвии бисёр намояндагони ин оила роҳҳои шарабарор ё зифтхориҷ хеле кам вомехӯранд

Яке аз аломатҳои хоси растаниҳои оилаи мураккабгулҳо дар онҳо мавҷуд будани хӯшагули (тӯдагули) сабадак мебошад. Одатан, гулҳои майдаи растаниҳои мураккабгулон дар сабадак сарҷамъ омадаанд. Инчунин, гулҳои хӯшагулро гулпечак, ки аз баргчаҳои сабзранг иборат аст, пӯшидааст. Аксар вақт хӯшагули мураккабгулҳоро сахван ҳамчун як гул мепиндоранд. Чунончи, сабадаки зарди қоқу ба назар гӯё як гули калони сергулбаргдор менамояд.

Гули мураккабгулҳоро гулпӯши дучанда дорад, лекин косача ё инкишоф наёфтааст, ё ин ки аз мӯякчаҳои дурушт иборат аст, ки онҳо тоҷпашмак (яъне тоҷмӯяк)-ро ба вуҷуд меоваранд. Тоҷгул аз 5- гулбарги найчамонанди ба ҳам пайвастшуда иборат аст. 5-гурдбарги тоҷгул бо гарддонҳояшон бо ҳам пайваст гардида, найчаи гардбаргро ба вуҷуд овардаанд, ки дар атрофи сутунча ҷой гирифтаанд. Гул дорои 1 тухмдон буда, аз ғӯраки он мева, донакча инкишоф меёбад. Дар як тарафи нӯги тухми бисёр растаниҳои мураккабгул пашмак (ё парашютча) ҳаст. Ин «парашютча» аз тоҷпашмакҳо инкишоф ёфта , хусусити мутобиқатӣ дорад. Ба туфайли он тухми растаниҳои мураккабгул тавассути шамол паҳн мешавад [3, 111-113].

Гулҳои сабадаки қоқу якхела буда, шакли забонакро гирифтанд, Гулбарги ҳар як гули қоқу аз поён ба ҳам пайвасту найчашакл буда, нӯгаш ба забончаи дароз монанд аст. Гули чунин сохтдоштаро забончагӯл меноманд. Дар нӯги гулбарги забончамонанд изи панҷ дандонамонанд ҳаст. Ин нишон медиҳад, ки дар давраҳои қадим гулбаргҳои 5- доначадори қоқу алоҳида-алоҳида буданд. Вале бо мурури замон онҳо ба ҳам пайваст шуда, гули забончамонанди 5-дандонадорро ба вуҷуд оварданд. Гардони 5- гардбарг низ ба ҳам пайваст шуда, найчаро ҳосил кардаанд, ки аз байни он сутунчаи гардгиракаш дупарра мегузарад. Аз ғӯраки тухмдон донаи хеле майда, ки як қабза пашмак ва думчаи дароз дорад, инкишоф меёбад.

Бисёр растаниҳои оилаи мураккабгулҳо растаниҳои зебою ди-лорои ороишианд ва онҳо ба ҳусни боғу гулгаштҳо ҳусн зам мекунанд.

Ба оилаи мураккабгулҳо бисёр растаниҳое, ки хосияти табобатӣ доранд , аз қабили бобуна, ҳамешабаҳор , алафи гармӣ ё хорисагак, соқала, косни (ширкаҳак) , сапали шутур ва ғайраҳо мансубанд.

Бобуна гиёҳи яксолаест, ки дорои бӯи баланду тез аст. Дар сабадакаш ду навъи гул ҷойгир аст. Дар мобайни сабадак найчагулҳои зарди тиллоранг ва дар атрофи он забонакгулҳои сафед ҷойгиранд. Мевааш донаи дарозрӯя аст.

Бобунаи доруиро дар ноҳияҳои кӯҳӣ парвариш мекунанд. Лекин вай бештар дар шакли худрӯй, дар заминҳои бекорхобида, партовҷойҳо, назди биноҳои истиқоматӣ ва чун алафи бегона дар байни зироатҳои кишоварзӣ меруяд. Хӯшагули сабадаки навраси бобуна бо

миқдори зиёд равғани эфир дорад ва ҳамчун ашёи хом барои ҳосил кардани дору истифода мешавад.

Топинамбур - (ноки заминӣ) Helintus tuberosus яке аз растаниҳои оилаи муракабгулон ба ҳисоб меравад. Ватани асосии топинабур Америка ба ҳисоб меравад. Ин растаниро ба Аврупо асри XVII оварда шуд. Ба Россия бошад дар асри Х1Х ворид шудааст. Ин растанӣ яке аз қадимтарин гиёҳҳои кишташаванда ба ҳисоб рафта, ҳосили фаровон дода бо мақсадҳои гуногун истифода гардида, дар фаъолияти хоҷагидории инсоният роли калон мебозад [4, 122-124].

Яке аз олимони рус Козловский В.И дар бораи топинамбур чунин гуфтааст «Ин ягона гиёҳест аз растаниҳои кишташавандаи бесарфи меҳнат ҳосили фаровон дода на аз сармо, хушксолӣ, борон на аз замини баъд ва камбағал, бе истифодаи пору, насли зиёд монда дар якҷой то 10 сол месабзад».

Топинамбур растании бисёрсолаи алафӣ буда, навдаҳои ҷойгир шуда, пурқуват мебошад. Дарозии пояш аз 40 см то 4 м қад мекашад. Дар навдаҳои топинамбур баргҳояш ҷойгиранд, шакли онҳо вобаста ба ҷояшон тағйир меёбанд. Баргҳои дар боло ҷойгиршуда тухмшакл буда бо навбат ҷойгиранд. Баргҳои дар поён буда, шакли дилро доранд, канорҳои барг дандоншакл мебошанд. Болои паҳнаки барг бо мӯякҳои дурушт пӯшида шуда, дарозии паҳнаки барг 10-20 см паҳнияш 2-5 см мебошад.

Гули топинамбур шакли зардро дошта, аз рӯи шаклашон ба офтобпарасти хурд монанд мебошанд. Гулҳо дар нӯги навда ҷойгир шуда, тӯдагули сабадакро ҳосил мекунанд, ки андозаашон аз 2 то 10см мебошад. Гулҳои мобайнӣ найчашакл буда дучинсаанд. Гулҳои дар канор ҷойгирбуда беҷинсанд. Дар мамлакатҳои Европа топинамбур дар охири тобистон ва авали тирамоҳ гул мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад ин растанӣ дар моҳҳои июн-июл гул мекунад. Тухми топинамбур танҳо дар мамлакатҳои ҷанубӣ пухта мерасад. Меваи топинамбур –мағзакмева мебошад.

Системаи решагии топинамбур хело пурқуват буда, ки ин барои ҳамаи растаниҳои авлоди офтобпараст хос мебошад. Аз нуқтаи назари ботаники лундаи топинамбур на бехмева балки навдаи шаклдигаркарда шуда мебошад. Лундаи топинамбур дар нӯги сталон ҳосил шуда шакли нокро мегирад. Бинобарин ин растаниро ноки замини меноманд. Лундаҳои топинамбур на он қадар чуқур ҷойгир шуда, андозаашон то 5см, рангашон вобаста ба навъи ин растанӣ сафед, сурх, зард ва гулобӣ мешаванд. Дар як растанӣ аз 30 то 40 лунда ҳосил шуда, ҳаҷми умумии онҳо аз 20 то 250г-ро ташкил медиҳад. Решаи топинамбурро ба хӯрок илова мекунанд. Аз ҷиҳати ғизонокӣ ва сифат топинамбур аз бисёр сабзавотҳо бартарӣ дорад. Дар охири тирамоҳ қисми болои заминии ин растанӣ мемурад. Лундаи топинамбурро метавонем тамоми тобистон канда истифода барем. Боқимондаи лундаҳо, ки дар замин мемонад дар фасли зимистон намурда баҳорон аз он навдаҳои нав месабзад. Бо ҳамин роҳ топинамбур афзоиш мекунад.

Топинамбур дар шакли худрӯй дар аксарияти мамлакатҳо инчунин Тоҷикистон вомехӯрад. Дар бисёр мамлакатҳо ин растаниро парвариш мекунанд. Гарчанде топинамбур нисбати хок, иқлим на он қадар нозук аст, мо бояд хокҳои вазнин ва намии зиёдро истифода набарем.

Кишти топинамбурро бо воситаи лунда ё тухмаш мегузаронем. Лундаро дар хоки охири тирамоҳ ё авали баҳор кишт мекунанд. Барои кишт беҳтар мешуд, ки лундаҳоро авали баҳор кандаро шинонем. Баъди шинондани лундаҳо ба болои он пору меандозем. Навниҳол барвақт нешзада барои беҳтар шудан гирди онро мулоим намуда ҷӯяк мекашем. Барои топинамбур растаниҳои худрӯй дар байни ҷӯякҳо буда, на онқадар хатарноканд. Ин растанӣ дар ҳавои гарм ва хушк сабзида ҳангоми кӯтоҳмудат дар зери об мондан барои он наонқадар хатарнок аст.

Барои кишти топинамбур қариб, ки ҳамаи заминҳо мувофиқ буда, танҳо хокҳои шӯр ва сернам на онқадар хубанд Агар фасли тобистон гарм ва хушк бошад, барои гирифтани ҳосили хуб топинамбурро тез-тез об медиҳанд. Дар як ҷои топинамбур аз 20 то 40 сол метавонад сабзад. Ҷои аввали лундаҳои топинамбурро тирамоҳ гузаорнид миқдори зиёди онро дар хок нигоҳ медоранд, чун, ки дар онҳо бештар шакли хурд нигоҳ медорад, ҳангоми фарорасии хунукиҳо навдаҳои болои заминии онро медараванд. Топинамбур хунуки минуси 40с-ро тоқат мекунад. Лундаи топинамбурро дар тагхона ё ин, ки дар яхдон нигоҳ медоранд.

Таркиби химиявии топинамбур**.** Барои табобат бо мақсади хуроки парҳезӣ лундаи топинамбурро истифода мебаранд, ки дар таркибаш то 80% инулин, клетчатка, намакҳои минералии гуногун ба монанди манган-44%, калсий-79мг%, магний 31,7мг%, калий-13,82 мг%, натрий -17,2 мг%, кремний 8мг% дорад. Дар таркиби лундаи топинамбур сафедаҳо, пектин, аминокислотаҳо, кислотаҳои органикӣ, кислотаҳои равған мавҷуд мебошад. Аз рӯи таркиби витаминҳояш В, В2, С лундаи топинамбур, нисбати картошка, сабзӣ ва лаблабу 3- маротиба

бештар мебошад . Фарқияти асосии топинамбур нисбати дигар сабзавотҳо дар он аст, ки дар таркиби он 8- аминокислотаи ивазнашаванда ба монанди аргинин, валин, гистидин, изолейсин, лейсин, лизин, метионил, триптофан ва фенилаланин мавҷуд мебошад [1, 51-52].

Адабиёт:

1. Кахана Б.М., Арасимович В.В. Биохимия топинамбура. – Кишинев, 1974. с.51-52.
2. Корсун В.Ф. и др. Лекарственные растения в гастроэнтерологии. – М., 2008. с.149-151.
3. Тезисы докладов участников третьей Всесоюзной научно-производственной конференции «Топинамбур и топинсолнечник – проблемы возделывания и использования». – Одесса: Маяк, 1991. с.111-113.
4. Ходжиматов М. Дикорастущие лекарственные растения Таджикистана. – Душанбе: Изд. Тадж.сов. Энциклопед, 1989. с.122-124.

Калидвожаҳо: *аминокислотаи ивазнашаванда, кислотаҳои органикӣ, сернам, гулҳо, узвҳои нашвӣ, витаминҳо, сабзавотҳо, табобат.*

Аннотация

БОТАНИЧЕСКАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА И ХИМИЧЕСКИЙ СОСТАВ ТОПИНАМБУРА

В этой статье приводится ботаническая характеристика топинамбура: особенности вегетативных и генеративных органов. Детально описаны эколого-биологические особенности цветка, листья, стебля и корни.

Также в статье даётся оптимальные сроки посева и агротехнические переработки почвы и растений. Кроме этого, из литературных источников приводится химический состав топинамбура.

Ключевые слова: *незаменимая аминокислота, органические кислоты, влажный, цветки, вегетативные органы, витамины, овощи, лечение*

Annotation

BOTANICAL CHARACTERISTICS AND CHEMICAL COMPOSITION OF TOPINAMBUR

This article provides a botanical characteristic of Jerusalem artichoke: features of vegetative and generative organs. Ecological and biological characteristics of the flower, leaves, stalks and roots are described in detail. The article also gives optimal time for sowing and agrotechnical processing of soil and plants. In addition, from literary sources the chemical composition of Jerusalem artichoke is given.

Keywords: *Non-granular amino acid, organic acids, wet, flowers, vegetative organs, vitamins, vegetables, treatment*

Маълумот дар бораи муаллиф: Эшмирзоева Шоҳида, магистранти соли дуюми факултети биологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: Ваҳобов А., дотсенти кафедраи анатомия ва физиология

Сведения об авторе: Эшмирзоева Шохида, магистрантка второго года обучения факультета биологии ТГПУ им. Садриддина Айни.

About the author: Eshmirzoeva Shohida, the second year master student of the faculty of Biology, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Ашӯрзода Баҳромҷони Алӣ,
магистранти соли дуюми факултети география

БАЪЗЕ ОМИЛҲОИ РУШДИ КИШОВАРЗӢ ВА ТУРИЗМ ДАР НОҲИЯИ ИҚТИСОДИИ ҲИСОР ВА ДУРНАМОИ ОНҲО

Дар дурнамо барои баланд бардоштани иқтисодиёти ноҳия рушд додани соҳаҳои кишоварзӣ ва туризм ба мақсад мувофиқ аст. Рушди кишоварзиро метавон бо роҳи зиёд намудани майдони заминҳои киштшаванда ва баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо таъмин намуд. Рушди соҳаи туризмро метавон бо роҳи ташкили инфрасохтори замонавӣ ва муаллифи намудани сарватҳои туристӣ таъмин намуд.

Дар алоқа ба маҳдудияти захираҳои заминҳои ҳосилхез ва зиёдшавии шумораи аҳолӣ талабот ба замин меафзояд ва аҳамияти иқтисодии он ҳам баланд мегардад. Зичии аҳолӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор бо суърат меафзояд ва дар оянда оқибатҳои иқтисодии маҳдудиятии ҳудудҳо барои зироаткорӣ, сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ зоҳир мегарданд. Фонди замини ноҳияи иқтисодии Ҳисор 1063 ҳазор га-ро ташкил медиҳад, ки 75,7% онро чарогоҳҳо ташкил медиҳанд [**1, 26].**

Ҳоло истеҳсолоти кишоварзӣ талаботи ба хурока доштаи аҳолии ноҳияро қонеъ карда наметавонад. Барои пурра конеъ гардони талаботи аҳолӣ бо хурока ҳосилнокии зироатҳоро баланд бардоштан лозим аст. Солҳои наздик аз ҳисоби заминҳои бекорхобида ва чарогоҳҳои каммаҳсул майдони заминҳои киштшавандаро зиёд гардонидан мумкин аст. Дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор як қатор **камбудиҳои** дигар низ ҷой доранд. Масалан, дар натиҷаи сари вақт нагузаронидани корҳои таъмир ва тозакунии системаҳои обёрӣ ҷараёни ботлоқзоршавӣ ва шуршавии заминҳо авҷ гирифта истодааст. Аз сабаби нагузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бисёре аз дарёҳо дар давраи обхезиҳо аз соҳилҳо мебароянд ва доимо маҷрои худро иваз менамоянд. Буридани дарахтҳое, ки бо мақсади муҳофизати эрозияи хок пешбини карда шуда буд боиси бодхурдашавии хок гардида истодааст

Рушди саноати сабук ва хурокворӣ бо рушди истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ зич алоқаманд аст. Хоҷагии қишлоқ ҳамчун як соҳаи хоҷагии **халқ** хусусиятҳои худро дорад, ки бо шароитҳои табиӣ алоқаманд аст. Барои ҷобаҷогузорӣ ва рушд додани саноати сабук ва хуроквории ноҳияи иқтисодии Ҳисор бояд дар оянда ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшудаи кишоварзӣ аз талаботи аҳолӣ зиёд карда шавад, агар нишондиҳандаи истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, нисбат ба талаботи аҳоли зиёд бошад дар он ҳолат ҷойгир намудан ва рушд додани саноати сабук ва хурокворӣ имконпазир мегардад.

Соҳаи ордкашӣ, равғанкашӣ, соҳаи меваю сабзавот, консерва, шаробпазӣ, соҳаи гушту шир ашёи хоми хоҷагии қишлоқ ва ашёи хоми минералиро коркад менамоянд.

Маълум аст, ки сохтори соҳавии саноати хӯрокворӣ аз бисёр ҷиҳат зери таъсири меъёрҳои илмии ғизохурӣ дар шароитҳои муайяни табиӣ ташаккул меёбад. Масалан, барои қонеъ гардонидани талаботи организм ба 3300 килокалория, истеъмоли 1,5 кг нони сафеди гандуми дар як шабонарӯз кифоя аст. Лекин барои ғизои муътадил таносуби муайян дар сохтори ғизонокии маҳсулотҳо сафедаҳо, равганҳо, карбргидратҳо дар таркиби онҳо мавҷуд будани витаминҳо зарур аст, теъдоди муайяни меваҳо гушт моҳӣ, маҳсулоти ширӣ, шакар тухм ва дигар маҳсулотҳоро истеъмол намоем.

Аз даст додани ҳар як га замини кишоварзӣ масъалаи таъмини аҳолиро бо хӯрока душвор мегардонад. Ҳисобкунии олимон собит намудааст, ки агар масканкунии аҳолӣ ба тариқи имрӯза давом кунад, пас барои тарақии сохтмонӣ манзил дар даҳсолаи наздик чор ҳиссаи заминҳои обии ҳоло дар ҷумҳурӣ буда истифода бурда мешаванд.

Тасаввур кардан душвор нест, ки агар оид ба самаранокона истифодабарии захираҳои заминӣ чорае дида нашавад, то соли 2025 мо ба чӣ аҳвол мерасем. Бо мақсади камкунии истифодаи заминҳо ба мақсади сохтмон ва нигоҳдории заминҳои дар кишоварзӣ коршоям релефи мураккабро дар сохтмонӣ истиқомати истифода бурдан мумкин аст. Баландбардории ошёнанокии манзилгоҳу биноҳои истеҳсолӣ низ яке аз воситаҳои ҳифзи заминҳои кишоварзӣ мебошад. Муассисаҳои муҳандисӣ-нақлиётӣ, савдоӣ, тамошоӣ, коммуналӣ-маишӣ ва ғайраҳоро дар чунин ҷойҳо сохтан ба мақсад мувофиқ аст.

Ноҳияи иқтисодии Ҳисор дорои захираи зиёди рекреатсионӣ буда, аз чиҳати захираи обҳои минералӣ дар байни ноҳияҳои мамлакат дар ҷои якум меистад. Дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор 8 чашмаи минералӣ: Оби-Гарм, Хоҷа-Обигарм, Явроз, Шоҳамбарӣ, Кофарниҳон, Сангхок, Шоҳамбарии Нав, Комсомол ёфт шудаанд. Дар оянда барои беҳтар намудани миқёси истифодаи обҳои минералӣ имкониятҳои бузург мавҷуданд. Алалхусус истифодаи васеъи обҳои минералии дар боло номбаршуда барои рушди соҳаи туризм аҳамияти бағоят бузург доранд.

Ноҳияи иқтисодии Ҳисор дорои боигариҳои бебаҳои камомухташудаи обҳои шифобахш, манзараю маконҳои қадимӣ ва варзишӣ-тандурустӣ низ мебошад. Захираи обҳои минералӣ лойқаҳои табобатии дар ноҳия буда, имконият медиҳанд, ки талаботи дохилӣ қонеъ гардонида шаванд, инчунин миқдори зиёди беморонро аз хорича қабул карда, бо ҳамин Тоҷикистонро дар миқёси ҷаҳон муаррифӣ намоем. Дебити чашмаҳои калони минералӣ имконияти ташкили 10 ҳазор ҷойи табобатӣ (дар як вақт) таъмин карда шавад.

Релефи кӯҳии ноҳияи иқтисодии Ҳисор (дараи Варзоб, Ромит) барои инкишофи кӯҳнавардӣ ва лижжаронии кӯҳӣ низ мусоид мебошад.. Ин имконият медиҳад, ки сайёҳони дохилӣ ва берунмарзӣ нафақат дар фасли тобистон, балки дар баҳор ва тирамоҳ низ гушаҳои зебоманзари ноҳияи иқтисодии

Ҳисорро тамошо кунанд. Сайёҳӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор таърихи тулонӣ надорад. Аввалин роҳи ҳаракати сайёҳӣ соли 1965 кушода шуда буд. Минбаъд барои ба сайёҳон хизмат расонидан базаи сайёҳии «Варзоб» ва бюрои сайёҳии Душанбе Турсунзода, Кофарниҳон (Ваҳдат), ташкил карда шуданд. Ҳоло дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор бештар аз 5 роҳҳатҳои сайёҳӣ вуҷуд дорад.

Роҳҳои мошингард ва нақбҳое, ки солҳои охир сохта шудаанд, барои минбаъда равнақ ёфтани сайёҳӣ мусоидат менамоянд ва он ба яке аз соҳаҳои муҳими хоҷагии халқ табдил меёбад. Хусусан дар шароити гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ мавҷуд будани миқдори зиёди бекорон дар мавзеъҳои кӯҳистон, водор менамояд, ки дар онҳо роҳҳатҳои нави сайёҳиро кушода муассисаҳои хизматрасонӣ бино намоем. Ба ин мақсад дар мавзеъҳои дараи Варзоб, Ромит ва ғайра роҳҳои нави сайёҳӣ кушода шуданд. Дар оянда чунин роҳҳо дар дигар мавзеъҳои ноҳия низ кушода мешаванд. Мутахассисон ҳисоб кардаанд, ки дар оянда талабот ба истироҳат аз 943 ҳазор то ба 1,5 млн. ҷой мерасад. Вобаста ба ин дар оянда барои тамоми намудҳои истироҳат на камтар аз 270 ҳазор км^2 майдони рекреатсиониро тайёр намудан лозим аст. Мувофиқи пешгӯиҳо дар оянда қисми зиёди аҳолии деҳот бояд ба корҳои ғайрикишоварзӣ шуғл варзанд. Вобаста ба ин тарақии рекреатсия дар ноҳияҳои деҳотӣ, ки проблемаи шуғл хело актуалӣ аст, боиси зиёдшавии шуғли аҳолии деҳот ва камшавии мигратсия ба дигар ноҳияҳо мегардад. Ҳамин тариқ, азхудкунии рекреатсионии регионҳои Тоҷикистонро дар оянда якҷоя ба масъалаи таъминоти илмии тарақиёти ин самт ҳал намудан лозим аст. Баҳо додан ба кору вазифаҳои дар пеш истода, муайян намудани устувории ландшафтҳо ба сарбории рекреатсионӣ, муайянкунии ҳаҷми рекреатсионии ҳар кадом қаламрав, васеъкунии нуқтаҳои мушоҳидаи компанентҳои алоҳидаи табиат дар минтақаҳои алоҳида, васеъкунии шабакаи мушоҳидакуниҳои статсионарӣ, гузаронидани тадқиқотҳои сотсиологӣ, тиббӣ-биологӣ ва ғайраҳо аз қабили ҳамин масъалаҳоянд [3].

Адабиёт:

1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017. – 216 с.
2. Артёмова Е.Н. Козлова В.А. Основые гомтеприимства и туризма. Tajikistan.orexa.com/rus/tourism-_tajikistan/shtml
3. Маълумотҳои омории саноат дар соли 1990. – Душанбе: 1991с.
4. Мухаббатов Х.М. Природно-ресурсный потенциал горных регионов Таджикистана. – Москва: 1999. – 335 с.
5. Минерально-сырьевы ресурсы Таджикистана. – Душанбе: 1983. – 278 с.
6. Султонов С. Ресурсно-экономический потенциаль регионов РТ. – Душанбе: 1994. – 262 с.
7. Таджикистан: Природа и природные **ресурсы.** – Душанбе: Дониш, 1982. – 291 с.
8. Масон М.Э. Из истории горной промышленности Таджикистана. – Москва: 1936. – 241 с.

Калидвожаҳо: *Рекреатсия, мигратсия, комплекс, урбанизатсия, туризм, консерва, минерал*

Аннотация

НЕКОТОРЫЕ ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА И ТУРИЗМА В ГИССАРСКОМ ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЙОНА И ИХ ПЕРСПЕКТИВЫ

В статье рассмотрены некоторые факторы, влияющие на развитие сельского хозяйство и туризма в Гиссарском экономическом районе и их перспективы. Приведены примеры по отраслям сельского хозяйства. Особе внимание уделено развития туризма в регионе, предложены некоторые концепции развития туризма, на перспективу.

Ключевые слова: *Рекреация, миграция, комплекс, урбанизация, туризм, консервы, минерал*

Annotation

SOME FACTORS OF AGRICULTURE DEVELOPMENT AND TOURISM AND ITS PERSPECTIVES AT GISSAR ECONOMIC REGION

This article shows the influence of several factors to agriculture and tourism of Gissar aeconomic region and its perspectives. Here are given some examples of agriculture sectors. Main focus is in involving of the tourism development and its conception in the region.

Keywords: *Recreation, migration, complex, urbanization, tourism, conserve, mineral*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ашурзода Бахромҷони Алӣ, магистранти соли дуюми факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Телефон: (+992) 882-22-69-22

Роҳбари илмӣ: профессор, Ҷӯраев Алишер Ҷӯраевич

Сведания об авторе: Ашурзода Бахромджони Али, магистрант второго курса факультет географии ТГПУ имени Садриддин Айни. Телефон: (+992) 882-22-69-22

About the author: Ashyrzoda Bahromjoni Ali, the second year master student of the faculty of Geography, Tajik State Pedagogical University named after Saddridin Aini. Tel: (+992) 882-22-69-22

Ҷонов Исфандиёр Амриддинович,
магистранти соли дуюми факултети география

ХУСУСИЯТҲОИ ИҚТИСОДӢ-ГЕОГРАФӢ ВА РУШДИ СОҲАҲОИ НАҚЛИЁТ ВА АЛОҚАҲОИ ИҚТИСОДИИ БЕРУНАИ ТОҶИКИСТОНИ ШИМОЛӢ (ВИЛОЯТИ СУҒД)

Нақлиёт соҳаи муҳимтарин ва калонтарини хоҷагии халқи вилоят ба шумор меравад. Дар соҳаи хизматрасонии нақлиёт ва алоқа ҳоло дигаргунии куллӣ ба амал омода истодааст. Сохтани парки автомобилҳо, таъмири пурраи автомоблҳо, давом кардани хатти троллейбусҳо, барқарор кардани роҳҳои ҳавоӣ бо мамлакатҳои ИДМ ва хориҷӣ, сохтани автовокзалҳои байналхалқӣ, сохтани меҳмонхонаҳо ва ғайра нишондиҳандаҳои муҳими тараққиёти нақлиёт мебошанд.

Маҷмуи тамоми роҳҳои алоқа, воситаҳои нақлиёт ва муассисаҳои нақлиёти қаламравӣ муайянро системаи нақлиётии ҳамон қаламрав меноманд. Аз ин лиҳоз, ба системаи нақлиётии ин минтақа дарозии роҳҳои алоқа, воситаҳои нақлиёт (автомобилҳо, локомотиву вагонҳо, ҳавопаймоҳҳо) ва муассисаҳои нақлиётӣ (хоҷагиҳои автомобиливу, истгоҳҳо, фурудгоҳҳо, паркҳои автомобиливу троллейбусӣ) дохил мешаванд. Бояд қайд кард, ки системаи нақлиётии вилоят номукаммал мебошад. Зеро дар он баъзе намудҳои нақлиёт суст инкишоф ёфта аст (нақлиётӣ қубурӣ, дарёӣ, роҳи оҳан) ва баъзеи онҳо умуман вуҷуд надоранд. Дар сохтори соҳавии нақлиёти вилоят ҷои аввалро нақлиёти автомобилӣ ишғол мекунад. Зеро қисми асосии мусофирон маҳз ба воситаи ин намуди нақлиёт кашонида мешавад[1]. Агарчи қариб ҳамаи маҳалҳои аҳолинишини вилоят ба воситаи роҳҳои автомобилгард пайваст карда шудааст, вале сифати роҳҳо ба талаботу дараҷаи тараққии имрузаро қонеъ кунонида наметавонад. **Дар қаламравӣ** вилоят дарозии роҳҳои автомобилгард 3,4 ҳазор **километрро** ташкил дода, аз он 3,2 **ҳазор** километ роҳҳо мумфарш ва руйпуши сахт доранд. Роҳҳои муҳими аҳамияти ҷумҳурӣ доштаи вилоят Хуҷанд- Панҷакент, Хуҷанд-Душанбе бо воситаи нақби Истиқлол ва Шаҳристон ба шумор мераванд. Аз Хуҷанд бо роҳи транзити Уш ба Хоруғ низ рафтан мумкин аст. Як затор роҳҳои автомобилгард ноҳияҳои гуногуни вилоятро бо давлатҳои ҳамсоя пайваст кардааст. Масалан, роҳи автомобилгарди Исфара-Қуқанд, Конибодом-Қуқанд, Шайдон-Бешарик, Шайдон- Қуқанд, Бустон-Бекобод, Пролетар-Исфара, Истаравшан-Зафаробод-Ховост, Спитамен-Бекобод ва Панчакент-Самарканд аз ҷумлаи онҳоянд. Бо воситаи нақлиёти роҳи оҳан ва автомобили аз хориҷи кишвар маҳсулотҳои гуногуни саноативу ниёзи мардум ворид карда **I** мешавад.

Роҳи ҳавоӣ дар вилоят аз солҳои 1930 ташкил шудааст. ҳоло аз маркази вилоят ғайр аз шаҳрҳои ҷумҳурӣ инчунин ба шаҳрҳои Москва, Санкт-Петербург, Деҳлӣ, Телавив, Лоҳур, Кобул, Шероз, Машҳад, Эр-Рияд, ва шаҳрҳои ДХХ сафар кардан мумкин аст. Дар шаҳрҳои Исфара, Истаравшан, Панҷакент фурудгоҳҳои маҳаллии аҳамияти ҷумҳури дошта амал мекунанд [2].

Нақлиёти обӣ хело суст тараққӣ кардааст. Танҳо бо киштиҳои миёнаҳаҷм аз обанбори Баҳри тоҷик то Конибодом ва аз обанбори Фарҳод рафтан мумкин аст. Вале, амалан, барои мусофиркашонӣ наклиёти дарёӣ истифода бурда намешавад. Аз ҳудуди вилоят қубури гази табиии Бухоро-Хуҷанд-Конибодоми водии Фарғона мегузарад. Дар авали гузариш ба иқтисодӣ бозоргонӣ соҳаҳои нақлиети вилоят ба бухрони иқтисодӣ ру ба ру шуданд. Агар соли 1990 дар як сол нақлиёти автомобили 25 млн тонн бор кашонида бошад, пас соли 2017 он ба 5,3 млн. тонн расид. Аз сабаби қиммат гаштани арзиши сузишворӣ ва чиптаҳо миқдори мусофирон низ кам гашт. Агар дар соли 1990 нақлиёти мусофиркашон ба 121 млн. кас хизмат карда бошад, пас дар соли 2017 ин миқдор ба 57,6 млн. нафар расидааст. Ҳоло миқдори нақлиётҳои иҷоравӣ аз ҳисоби нақлиёти корхонаю муассисаҳо зиёд гашта аст. Дар соҳаи нақлиёт низ хусусигардонӣ давом дорад. Дар шаҳри Хуҷанд соли 1970 хати троллейбус ташкил ёфт, ки ҳамагӣ 8 км дарозӣ дошт, ҳоло масофаи хати троллейбус ба 54,4 километр расидааст. Хати троллейбус то шаҳри Б. Бафуров кашида шудааст. Сохтани чунин нақлиёти арзон дар нақшаи ҳукумати шаҳри Панҷакент низ мавҷуд аст. Баробари барҳам хурдани Иттиҳоди Шуравӣ риштаҳои алоқаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии вилоят бо дигар вилоят ва ҷумҳуриҳо канда гашт. Солҳои 1960-1970 вилоят бо 116 мамлакатҳои ҷаҳон ва шаҳрҳои саноатии Федератсияи Россия доду гирифти ашё ва маҳсулоти дошт. Солҳои пеш дар Тоҷикистони Шимолӣи сузишворӣ, мошин ва хусусан мошинхои хоҷагии қишлоқ, нуриҳои маъданӣ, таҷҳизоти корхонаҳои саломатӣ, матоъҳо, сару либос, маводҳои хурокворӣ ва ғайраро аз беруни марзи ҷумҳурӣ мегирифт. Хатто қувваи

баркро аз системаи ягонаи барқии Осиёи Миёна мегирифт. Аввалин мутахассисони соҳаҳои ҷустуҷуи геологӣ, саноатӣ кӯҳӣ, саноати ангишт, мошинсозӣ, металлургия, нақлиёт, саноати сабук ва хурокворӣ намояндагони халқҳои русу украин, белорус ва дигар халқҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ буданд. Ба ивази он вилояти Суғд монанди дигар ноҳияҳои Тоҷикистон ба ҷумҳуриҳои Собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва давлатҳои хориҷӣ пахтаю қолин, меваи хушк, матоъҳои пахгагин, шоҳӣ, пашм ва пусти чорво, инчунин маъдан ва консентрати металлҳои ранга содирот мекард. Қариб тамоми маҳсулоти истеҳсол мекардаи саноатӣ куҳии маъдании вилоят ба Россия, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Қазокистон фиристода мешавад.

Солҳои охир вилоят бо давлатҳои Россия, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Хитой, Кореяи Ҷанубӣ, Италия, Канада, ИМА, Эрон, Олмон, Англия робитаҳои ҳамкорӣ оиди истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кӯҳӣ (тилло, симоб, рух, курғошим), маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайра дорад. Дар вилоят бо сармояи давлатҳои хориҷӣ корхонаҳои муштарак сохта шудааст. Аз вилоят инчунин маҳсулотҳои кишоварзӣ ва маҳсулотҳои саноатӣ сабуку хурокворӣ низ ба хориҷа содирот карда мешавад. Нахи пахта ба Швейтсария, Австрия, Венгрия, Литва, Латвия, Англия, Словакия, Россия содирот карда мешавад. Инчунин аз вилоят ба давлатҳои Россия, Белоруссия ва Украина тамоку содирот карда мешавад.

Вилоят матоъҳои пахтагин ва шоҳиро ба Россия, Кирғизистон, Италия, Казоқистон, қолинҳоро ба давлатҳои ИДМ, консерваи мевагию сабзавотиро ба Россия, қуми омехтаи кварсиро ба Қиргизистон содирот мекунад. Қисми зиёди ғалла ва ордро аз давлатҳои Қазоқистон ва Россия харидори мекунад**.** Гази моеъ, амиак ва маҳсулотҳои нефтиро аз Россия харидорӣ мекунад.

Ҳамин тавр, агар аз руи таркиби молҳои содироти ва воридоти мавқеи вилоятро дар тақсимоти географии байналхалқии меҳнат муайян намоем, пас чун давлатҳои ру ба инкишофи ҷаҳон вилояти Суғд қаламрави аграрӣ- ашёӣ ба шумор меравад. Зеро дар содирот он бартарии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ашёи хом дида шуда, баръакс, дар воридоти он махсулоти тайёри саноати, мошин, тачхизот, воситаи истеҳсолот, молҳои ниёзи мардум қисми асосиро ташкил медиҳад [3].

Адабиёт:

1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017. – Душанбе 2017. – 49с.
2. Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. Вазъи иҷтимоию - иқтисодии вилояти Суғд дар соли 2017. – Хуҷанд: 2017. – 16 с.
3. Нурназаров М.Н. Развития и размешения промышленности Северного Таджикистана. – Душанбе 1974. – 12 с.
4. Сомонаи интернетии www.sugd.tj
5. Ҷураев Қ.Ш. Аҳамияти иқтисодии обҳои Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 106 с.

Калидвожаҳо: *Иттиҳоди давлатҳои мустақил, системаи нақлиёт, сохтори соҳавии нақлиёт, робитаҳои ҳамкорӣ, содирот, воридот, консентрат*

Аннотация

ЭКОНОМИКО-ГЕОГРАФИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ ТРАНСПОРТА И ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКИЕ СВЯЗИ СЕВЕРНОГО ТАДЖИКИСТАНА (СОГДИЙСКАЯ ОБЛАСТЬ)

В статье рассмотрены особенности развития отраслей транспорта Северного Таджикистана (Согдийской области). Особое внимание уделено внешнеэкономическим связям Северного Таджикистана со странами ближнего и дальнего зарубежья.

Ключевые слова: *СНГ, транспортная система, структура транспортного сервиса, кооперация, импорт, экспорт, концентрат*

Annotation

THE ECONOMIC AND GEOGRAPHICAL FEATURES OF TRANSPORT BEVELOPMENT AND EXTERNAL ECONOMIC RELATIONS OF NORTHERN TAJIKISTAN

This article discusses the features of the development of transport sectors in Northern Tajikistan. Special attention is paid to foreign economic relations of Northern Tajikistan with the countries near and far abroad.

Keywords: *Union independent Republic, transport system, transport services system, collaboration, an export, import, conservation*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷонов Исфандиёр Амриддинович, магистранти соли дуюми факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: профессор Ҷураев Алишер

Сведения об авторе: Джонов Исфандиёр Амриддинович, магистрант второго курса географического факультета Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни.

About the author: Jonov Isfandiyor Amriddinovich, the second year master student of the faculty of Geography, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Имомов Беҳзод,
магистранти соли дуюми факултети иқтисодиёт ва идоракунии маориф

САРЧАШМАҲОИ АХБОРИИ ФАЪОЛИЯТИ ХОҶАГИДОРӢ

Сарчашмаҳои асосии ахбори таҳмоли ҳисоботи молиявии корхонаҳои хурд мебошад. Ҳисобот – маҷмӯи маълумотҳо оиди ҳолат ва ҳаракати амвол, ӯҳдадорӣ ва натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ – хоҷагии корхона мебошад. Дар асосӣ далелҳои ҳисобот роҳбарӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти шахс, чӣ истифодабарандаҳои дохили (роҳбар, саҷорат ва ғайра) ва чӣ беруни (муассисон, саҳҳамиён, мақомоти ҳукумати андоз, омор) амалӣ мегардад. Хусусияти хоси ҳисоботи гардиши нақди аз рӯи ҳисоби афзояндаи ҷамъбанди аз аввали сол то давраи ҳисобот ба шумор меравад ва барои омӯхтани талабот ба маҳсулот, кору, хизмат муҳайё менамояд, фоиданокии онро муайян ва равияҳои нави тараққиёти фаъолиятро кор карда мебаранд. Сармуҳосиб ва сардари корхонаи хурд дар назди муассисон солонаи ҳисобот медиҳад. Муассисон қарор оиди натиҷаи фаъолияти корхона мебароранд, масъалаҳои меҳсадноке, тақсимоти фоида андозаи хазина, захира ва ҳаққи саҳомро ҳал мекунад. Аслан муассисон кори корхона ва колективашро баҳо медиҳанд, дараҷаи ихтисоснокии роҳбар ва сармуҳосибро муҳокима менамояд.

Ҳисоботи солонаи муҳосибӣ (молиявӣ) аз шаклҳои зерин иборат мебошад:

Шаклҳои махсускардашуда дар асоси тартиботи баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мувофиқи ин фармон дар назар дошта шудааст, ки корхонаҳои хурде, ки мувофиқи талаботи қонунгузорӣ ҳуқуқ доранд, ки шаклҳое, ки ба ҳисоботи солонаи муҳосибӣ дохиланд, пешниҳод накунанд. Корхонаҳои хурде, ки ҳисоби даромаду сарфро мувофиқи қарорҳои комитети омори давлати намунаи № МП «Маълумот дар бораи нишондодҳои асосии фаъолияти Корхонаҳои хурд» пешниҳод мекунад. Дар он муқоисаи ҳамин давраи соли гузашта оиди шумора, маблағ, музди меҳнат, даромад аз фурӯши маҳсулот ва фоидаву зарарро нишон медиҳад.

Ҳисоботҳои солонаю даврагӣ аз якдигар фарқ мекунанд:

якум – моҳона ва солона;

дуюм – солона.

Ҳисоботи солонаитамоми корхонаҳо соли тақвими аз 1 январи то 31 декабр ба шумор меравад. Барои корхонаҳои навташкилшуда соли аввали ҳисоботи аз давраи ба қайдгирии давлатӣ то 31 декабр; барои корхонаҳое, ки баъди 1-уми октябр аз рӯи қайд то 31 декабри соли оянда донаста мешавад. Мӯҳлати пешниҳоди ҳисоботи муҳосиби ба таври зайл муайян карда шудааст:

Семоҳа дар давоми 30 рӯз,.

то охири семоҳа, солона дар давоми 90 рӯз то тамомшавии сол. Ҳисоботи пешниҳодшуда бо тартиби ҳуҷҷатҳои муқараршудаи муассис пур ва тасдиқ карда мешаванд.

Тамоми намудҳои ҳисоботро сардор ва сармуҳосиби корхона имзо мекунанд. Агар ҳисобот дар асоси қарордоди ташкилотҳои махсусь гардонидашуда ё мутахасис пешниҳод шавад, он гоҳ сардори ҳамин ташкилот ё коргаре, ки ҳисоботро меборад, имзо мекунад.

Пеш аз тартиб додани ҳисоботи солона барои аниқии делелҳои ҳисобу ҳисоботи муҳосибии ташкилот ҳатман гузаронидани инвентаризатсиони ҳисоботи амвол (ашёҳои асосӣ, захира, маблағ, қоғазҳои қимматнок) ва ӯҳдадориҳо лозим аст, то ки ҳолат, ҳуҷҷатгузории онҳо аниқ бошад. Тартиб ва мӯҳлати гузаронидани ҳисоботи амвол ророҳбари ташкилот муайян мекунад, ва ғайр аз лаҳзаҳое, ки гузаронидани он шарт аст:

- дар вақти ба иҷора додани амвол, харид, фурӯш ва дигар намудани корхона;
- дар вақти тартиб додани ҳисоботи солонаи муҳосибӣ;
- дар вақти иваз намудани шахси масъули маблағӣ;
- дар вақти рӯй додани далелҳои дуздӣ, аз мансаб суистеъмол кардан ва вайрон шудани амвол;
- дар вақтиофатҳои табии, сӯхтор ва дигар восиятҳои фавқулодда;
- дар вақти барҳам додан ё аз нав ташкил кардани корхона;
- ва дигар мавридҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Барои муайян намудани мавҷудияти амвол далелҳои инвантаризатсия ва ҳисоботи муҳосибӣ бо тартиби зерин муқоиса карда мешавад.

а) амволи зиёдатӣ ва маблағӣ ба ҳисоби корхона даромад карда мешавад;

б) камбудии амвол ва аз истифода баромадани он ба зиммаи шахсони гунаҳкор гузошта мешавад.

Агар шахсони гунаҳкор муайян набошад ва суд баргардонадани зарарҳо рад кунад, он гоҳ зарар аз камбудиҳои амвол ва вайроншавии он аз ҳисоби маблаги ташкилот бароварда мешавад.

3.2. Таҳлили натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхонаҳои хурд.

Натиҷаҳои молиявии корхона дар асоси шакли №2 ҳисоботи муҳосибӣ «Оиди натиҷаҳои фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона гузаронида мешавад».

Кашфиёт ва таркиби таҳлили ҳисобгирии варақаи бақияи гардиши солонаи корхонаи хурд дар мисоли моддаҳои даромад ва хароҷоти ғайрифурӯш ҷадвали №1 оварда шудааст. Дар мисоли мо гузориши даромаду хароҷоти ғайрифурӯш «Гардишҳо аз аввали сол» дар ҳисоби 33900 «Ҷамъи даромаду хароҷот» дар бузургиҳои зерин нишон дода шудааст (бо сомонӣ).

Ҷадвали I.

Моддаҳои таҳлили ҳисобгирии фоида ва зарар Дар Дебет (зарарҳо)

гр 1 Дар Дебет (фоида) гр 2

Дивидендҳои ҳосилшуда, ҷаримаҳо, пени ва пардохтани дивидендҳои ноустувор ва ҳосилшуда.

Аз ҳисооб баровардани қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ.

Фурӯхтани дороиҳои ғайримоддӣ ва дороиҳои дигар Х

Нишондодӣ номгӯи ва асосҳои гузаронидани таҳлили натиҷаи молиявии варақаи бақияи гардишӣ аз фурӯши маҳсулот, (кор, хизмат) воситаҳои асосӣ ва дороиҳои бадоштро дар намуди ҷадвалӣ №2 нишон дода мешавад.

Ҷадвали №2

Ҳисоб, намуд ва фурӯш объектҳо (барои гурӯҳ «А») Код Кодҳои ҳисоби муҳосибӣ.

Ҳисоб ф.2 (барои гурӯҳ «Е»1). Рӯз, рақам ва пункти нормативии ҳуҷҷатҳо (барои гӯр «Е» 4.)

А Б 1 2

Ҳисоби 44010 «Даромад аз фурӯши маҳсулот». Маҳсулоти саноатии тайёр ва нимфабрикатҳои истеҳсолӣ хусусӣ.

Аз худкунӣ аз тарафе, ки истеъмоли холӣ сохтмонӣ – васлкунӣ ва нақшаи кофтуковӣ.

Иҷрои кору хизматҳои саноати ва ғ/саноатӣ аз тарафи ташкилотҳо.

Бо мақсади пурзӯр намудани функсияи назорати ҳисобгирии муҳосибӣ аз болои хароҷоти мақсадноки воситаҳои инновасиони ташкилотҳое, ки фондҳои махсус доранд, ба таркиби ҳисоби «Фоида захиравии воситаҳои дар сармоягузорӣ» пешбини карда шудааст.

Ба мақсади истифодагирии ин воситаҳо барои харида гирифтани воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ ва барои татбиқ намудани сармоягузорӣ барои тараққиёти истеҳсолот яку якбора бо алоқамандии бо дебети ҳисоби 11000-11200 ва кредити ҳисоби 33000 ва дар дохили корхона ба дебети субҳисоби 33400 «Фонди захиравӣ» ва субҳисоби 33500 «Фонди захиравии воситаҳои ба сармоягузорӣ» бурда мешавад.

Дар субҳисоби 33400 хароҷоти вабаста ба ташкили амволи нав ба назар гирифта мешавад, аммо бо тартиби муайяншуда ва нархи аввалаи молу мулк ба ҳисоби Дебети «Сармоягузорӣ» аз Кредити ҳисобҳои ҳисоббаробаркуни воситаҳои пуллӣ ва ғайра дохил карда намешаванд.

Рӯйхати чунин хароҷот ва тақсимкунии онҳо дар ҳисобгирии хароҷот ба назар гирифташуда ва ба назар нагирифташуда сметаи умуми ҳисоббаробаркуниҳо нархи сохтмон дар п.3.1.7 оварда шудааст. Қоидаи ҳисобгирии муҳосибии дарозмуддати ин воситаҳо бо хатти Вазорати молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.93 сол, № 160 тасдиқ шудааст.

Ҳисоби таҳлимии фоидаҳои номбаршуда чунин ташкил карда мешавад, ки ташкил намудани ахбороти сохти истифодабарии воситаҳо таъмин карда бошад.

Маълумоти ҳисобгирии таҳлили бо субҳисобҳои номбаршуда нишондоди «Ҳисобот дар бораи ҳаракати сармоя» бо фармон №3 мувофиқат кунанд.

Тартиби дида баромадани амалиётҳои хоҷагӣ бо субҳисоби 1 ва 2 дар ҳисоби ҳисобгирии муҳосибӣ бо чунин мисол нишон додан мумкин аст.

Ташкилот дар соли 2017-ум даромади тавозунӣ 640 сомонӣ дошт, аз ин 624 сомонӣ истифода бурд. Аз пули тақсимнашудаи даромад ба муассисони бегона 3 сомонӣ ба коргарони худи 4 сомонӣ гузаронида шуд. Пули боқимонда 9 сомонӣ ба фоидаи тақсимнашудаи солҳои гузашта, ки 26 сомонӣ ташкил медод, якҷоя карда шуд.

Дар асоси қарори маҷлиси умумии коргарон натиҷаи чамъбасти фаъолияти ташкилот, корхона, ҳисоботи солона, пулли умумии тақсимнашудан даромади солҳои гузашта 35 (26-9) барои пурра намудани сармояи эҳтиёти 20%, ба маблағи фоидаи муассисони бегона 25%, коргарони худди 30, ба пурра намудани фонди захиравӣ ба сифати таъминоти молиявӣ пешравии истеҳсолотии корхона 25% ҷудо карда мешавад.

Адабиёт:

1. Адамс Р. Основы аудита – М.: Аудит ЮНИТИ, 1995. – 398 с.
2. Баҳисобгирии молиявӣ: Дастури таълимӣ. – Душанбе: Контраст, 2011. – 315 с.
3. Нидлз Б.И. и др. Принципы бухгалтерского учета – М.: Финансы истатистика, 1999. – 496 с.
4. Хендрексен Э., Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета. –М: Финансы и статистика, 1997. –283 с.
5. www.pipaa.tj – Институти бухгалтерон ва аудиторони касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Калидвожаҳо: *ҳисобдорӣ, қарздор, кам кардан, даромад, пардохт, гузоштан, сармоягузор, тавозун, иқтисодиёт, миллӣ, фаъолият*

Аннотация

ИНФОРМАЦИОННЫЕ ИСТОЧНИКИ ХОЗЯЙСТВЕННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

Развитие производственной инфраструктуры связано с долей ее основных фондов по сравнению с удельным весом и установки и оценки учета организации. для анализа применены взаимосвязи основного производства и производственной инфраструктуры при помощи приемов корреляционно-регрессионного метода, взяты ряды динамики таких показателей, как чистая продукция, созданной в отраслях основного производства. Исследование показывает, что экономический потенциал производственной инфраструктуры сельского хозяйства находится на низком уровне. Причиной этому, на наш взгляд, является недостаточное выделение и неравномерное распределение инвестиционных вложений.

Ключевые слова: *бухгалтер, дебитор, вычет, выручка, выплата, вложения, вкладчик, баланс, экономический потенциал, переработка продукции*

Annotasion

INFORMATION SOURCES OF ECONOMIC ACTIVITY

This article examines the economic potential of the agricultural production infrastructure of the Republic of Tajikistan. The components of the economic potential of the industrial infrastructure of agriculture have been studied. It is specified that the development of industrial infrastructure branches creates a greater number of new jobs for rural areas in conditions of high labor-redundancy and shortage of land. The expansion of the product-saving infrastructure has been analyzed for the terms of sale of the grown products in fresh and processed form at affordable prices, which will substantially increase the efficiency of the entire agricultural production of the republic.

Key words: *economic potential, production, infrastructure, processing products, affordable prices, efficiency, agricultural, production*

Маълумот дар бораи муаллиф: Имомов Беҳзод, магистранти соли дуюми факултети иқтисодиёт ва идоракунии маорифи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Роҳбари илмӣ: профессор Рауфӣ А.

Сведения об авторе: Имомов Беҳзод, магистрант второго курса факультета экономики и управления в сфере образования Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни

About the author: Imomov Behzod, the second year master student, of the faculty of Technology and economics, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini

Исоев Бахтиёр,
магистранти соли дуюми факултети иқтисодиёт ва идоракунии маориф

НАҚШИ ҚАРЗИ БОНКӢ ДАР ПЕШРАФТИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР ШАҲРАК ВА ДЕҲОТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар замони муосир пешрафти сохибкориро бе қарзи бонкӣ тассавур кардан номумкин аст, хусусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иктисодиётӣ он дар давраи гузариш қарор дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз солҳои 2002 бонкҳои давлатию тиҷоратӣ ҳамкориро бо соҳибкорони маҳалли ба таври васеъ оғоз намуданд, барои оғози ин кор ба онҳо Бонки аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР) ёрии калон расонида ва нақши калидиро барои оғози ҳамкориҳо байни соҳибкорони маҳаллӣ ва бонкҳои Тоҷикистон бозид.

БАТР соҳибкорони миёна ва хурдро дар маҳалҳо бороҳи ифтитоҳи хати кредитӣ тавассутӣ бонкҳои маҳаллии интихобкардаашон дастгирӣ намуд. Барномаи додани қарзҳои хурдро асосан ба мӯҳлати кӯтоҳ ба доираи васеи соҳибкорон, аз ҷумла дар соҳаҳои истеҳсолот, тиҷорат ва хизматрасонӣ пешбинӣ намуд. БАТР дар аввал бо ду бонки Тоҷикистон, ки иштирокчиёни нахустини ин баронома буданд, музокирот гузаронид ва дигар бонкҳоро ба он дар давоми мӯҳлати амали стратегияи мазкур ҷалб кард, ба шарте, ки онҳо ба талаботҳои муқаррараршуда ҷавобгӯ бошанд. Қарзҳо баробар бо расонидани кӯмаки ҳаматарафаи техникӣ ба бонкҳои иштирокчӣ сурат гирифт.

БАТР фаъолона ба интихоби лоиҳаҳои хурду миёнаи инвеститсионӣ бо иштироки соҳибкорони маҳаллӣ тавассути механизми инвеститсияҳоӣ мустақим машғул шуд. Ҳангоми интихоби онҳо БАТР таҷрибаи иҷрои лоиҳаҳои хусусии амалкунандаро ба назар гирифта, ҳатман ташхиси лоиҳаҳо, таҳлили талаботи бозор ва назорати лоиҳаро ба роҳ монд.

Мувофиқи маълумотҳои омори дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда 90000 ҳазор соҳибкорон ба қайд гирифта шудааст, ки 85%-и онҳо бо бонкҳои тиҷоратӣ ҳамкори доранд ва ҳамарӯза аз маҳсулотҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ истифода бурда истидодаанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти дастгирии занҳои соҳибкори маҳаллӣ низ тадбирҳои муассир меандешад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Асотсиатсияи миллии занҳои соҳибкори Тоҷикистон бо муваффқият амал карда истодааст.

Нақши ташкилотҳои хурди карзӣ низ дар самти дастгирии занҳои соҳибкори маҳаллӣ дар шаҳрак ва деҳотҳо хеле калон аст, хусусан ташкилоти қарзии «Имон интернейшнл», ки яке аз таъсисдиҳандаҳои Асотсиатсияи миллии занҳои соҳибкори Тоҷикистон мебошад. Аз тарафи ин ташкилот барои занҳои соҳибкори маҳаллӣ курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ташкил карда шуда ва баъдан ба онҳо барои оғоз намудан ва пеш бурдани фаъолияти соҳибкорӣ дар шаҳраку деҳот қарзҳои миёнамуддат ва дарозмуддат бо фоизи паст дода, онҳоро ба кори мустақилона раҳнамоӣ мекунанд.

Имрӯзҳо ҳамкории занҳои соҳибкори маҳаллии Тоҷикистон бо занҳои соҳибкори давалатҳои хориҷӣ, хусусан бо давлатҳои Афғонистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Россия, Чин ва ғайра дар сатҳи баланд қарор дорад.

Масалан дар моҳи майи соли 2013 аз тарфи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд барои дастгирии занҳои соҳибкор гранти раиси вилояти Суғд бо маблағӣ 200000 сомонӣ таъсис дода шуда буд, ки аз тарафи занҳои соҳибкори маҳаллӣ зиёда аз 30 лоиҳа пешниҳод шуда онҳо бо ин маблағҳо таъмин гардиданд.

Чи хеле, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паёмашон ба Маҷлиси Олии кишвар барои дастгирии соҳибкорон қайд намуданд «Бо дарназардошти нақши муҳими низоми бонкӣ дастгирии минбаъдаи он бо истифодаи фишангҳои иқтисодӣ бояд идома ёбад»

Бо мақсади таъмини рушди соҳибкории хурду миёна дар шаҳраку деҳот, воридоти технологияҳои муосир барои коркарди маҳсулоти маҳалли, афзун гардонидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат, ки ҷавобгӯи талаботи стандартҳои байналмиллалӣ бошад ва дар ин асос зиёд кардани ҷойҳои нави корӣ ва дар мачмуъ барои дастгирии сохибкорони махаллӣ бонкҳои тиҷоратиро зарур аст, ки сол то сол ҳаҷм ва теъдоди қарзҳоро зиёд намоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду соли охир (2012-2013) маблаги умумии қарзҳои пешниҳод шуда аз 2 миллиарду 300 миллион ба 4 миллиарду 800 миллион сомонӣ ва теъдоди қарзгирандагон аз 180 ҳазор ба 400 ҳазор нафар расид.

Қарзҳои аз ҷониби бонкҳо барои рушди соҳибкории хурду миёна додашуда соли 2012 ба 62 фоиз афзуда, ва рӯз то рӯз низ тамоюли зиёдшавӣ доранд.

Дастгирии соҳибкории хурду миёнаи маҳаллӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мо бояд дарк намоем, ки пешрафти соҳибкории хурду миёнаи маҳаллӣ ин зиёдшавии ҷойҳои корӣ дар шаҳрак ва деҳот ва умуман роҳи пурсамари ҳалли бисёр масъалаҳои иҷтимоии ин ё он шаҳрак ва деҳот мебошад. Имрӯз мо дар таҷриба мебинем, ки дар он минтақаҳо ва шаҳраку деҳоти ҷумҳурӣ, ки соҳибкорони маҳаллӣ зиёданд ва пайваста фаъолияти соҳибкории худро вусъат дода истодаанд, нақшаи буҷети солонаи ин шаҳру ноҳияҳои кишвар барзиёд иҷро шуда, сатҳи зиндагии аҳолӣ нисбати дигар минтақаҳо баланд аст, ба ин мисол шуда метавонад шаҳрҳои Душанбе, Истаравшан, Бохтар, Турсунзода, Хуҷанд, ва ғайра. Имрӯз қариб тамоми шаҳрак ва деҳоти кишвари мо имконияти гирифтани фоида аз манбаҳои худро доранд, вале ин манбаҳоро дар ҷойҳо онҳо самаранок истифода намебаранд. Масалан дар Ҷумҳурии мардумии Чин яке аз сабабҳои асосии пешрафти иқтисоди худашонро онҳо дар гузаронидани ислоҳоти иктисодӣ мебинанд. Хуб мешуд, ки агар мо низ дар мамлакати худ барои рушди соҳибкории маҳаллӣ ва шаҳраку деҳотҳо дар сатҳаи ҷумҳури ислоҳоти иқтисодӣ мегузаронидем. Албатта имрӯз бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории соҳибкорони мо бо соҳибкорони давлатҳои хориҷӣ хеле хуб ба роҳ монда шудааст ва борҳо анҷумани соҳибкорони Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷа гузаронида шуд. Гузаронидани ин гуна чорабиниҳо аз манфиъат холӣ набуда ба пешрафти иқтисодиёти шаҳрак ва деҳот мусоидат менамоянд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки низоми иҷозатномадиҳӣ ба соҳибкорон дар кишварамон ҳоло ҳам мураккаб аст. Принсипи «Равзанаи ягона» бояд барои соҳибкорон шароитҳои мусоид фароҳам оварад,

Аз соли 2005 барномаӣ додани карзҳои бонкӣ дар ноҳияҳои кӯҳистон амал мекунад ва то имрӯз ҳаҷми умумии қарзҳое, ки дар деҳот ба соҳибкорон дода шудааст зиёда аз 2 млрд сомониро ташкил мекунад.

Мувофиқи Барномаӣ рушд то соли 2015 нисбат ба соли 2011 шумораи соҳибкорон 83% зиёдшавад, муттаносибан бояд ҳаҷми қарзҳоӣ бонкӣ низ бояд зиёд шавад. Бинобар он, рушди соҳибкориро дар шаҳрак ва деҳот бе қарзи бонкӣ тасаввур кардан номумкин аст ва фишанги асосии пешрафти соҳибкорӣ ин қарзи бонкӣ мебошад.

Пешрафти соҳибкории маҳаллӣ ин пешрафти ҷомеа ва давлат буда, дар сурати рушд ёфтани соҳибкории маҳаллӣ бисёре он проблемаҳои, ки дар сатҳи шаҳрак ва деҳот вуҷуд доранд, ҳалли худро меёбанд ва дар натиҷа сатҳи зиндагии мардум баланд гардида, буҷети маҳаллӣ ва умумиҷумҳуриявӣ ғанӣ мегардад. Проблемаи дигар дар шаҳраку деҳот ин бекории занҳо мебошад. Дар сурати дар шаҳраку деҳот тавассути қарзҳои бонкӣ ташкил кардани корхонаҳои хурди коркарди пахта ва истеҳсоли маҳсулоти пахтагӣ, инчунин коркарди маҳсулоти меваю сабзавотро ба роҳ мондан проблемаҳои мазкурро ҳал намудан мумкин аст, ки ин боиси пешравии иқтисодии шаҳраку деҳот ва баланд гардидани сатҳи зиндагии мардум мегардад.

Адабиёт:

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, 2013.
2. Комилов С.Д., Зобиров Н.Х., Предпринимательство вопросы развития и государственного регулирования. – Душанбе: ЦСИ при Президенте Республики Таджикистан, 2004.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкори дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». №259 аз 12.05.2017
4. Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, апрели соли 2013.
5. Предпринимательство, учебник для вузов. – М.: Банки и биржи ЮНИТИ, 1999.

Калидвожаҳо: *идоракунӣ, асосҳо, графики нақшаикашаӣ, дахолаткунии алтернативӣ, маделҳои махсус, олтҳо, омилҳо, идоракунии бонкӣ, бозори иқтисодӣ, сохтори тиҷорати, амалиётҳои бонки*

Аннотация

НАҚШИ ҚАРЗИ БОНКӢ ДАР ПЕШРАФТИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР ШАҲРАК ВА ДЕҲОТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

РОЛЬ БАНКОВСКОГО КРЕДИТА В РАЗВИТИИ МАЛОГО И СРЕДНЕГО БИЗНЕСА В ПОСЕЛКАХ И СЕЛАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье подчеркивается, что банковское управление - это особая система управления, которого можно рассматривать только в контексте развития экономического рынка. При расширении банковских операций в той степени, в которой в развитых странах такие услуги

включают операции с ценными бумагами, кредитными картами, валютой, с помощью в приобретении акций других банков и коммерческих структур и оказании помощи потребителям в экономичном использовании их инвестиции, стоимости инвестирования в лизинге, лизинга, факторизацией и других услуг.

Ключевые слова: *управление, основа, график планирования, альтернативное вмешательство, специальные модели, инструменты, факторизация, банковское управление, экономический рынок, лизинг, коммерческие структуры, банковские операции.*

Annotation

THE ROLE OF BANK LOAN IN THE DEVELOPMENT OF SMALL AND MEDIUM-SIZED BUSINESS IN THE SETTLEMENTS AND VILLAGES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article emphasizes that the banking management is a special management system, only in the context of economic market development. While extending the banking transactions to the extent that in the developed countries, such services include transactions with securities, credit cards, currencies, assistance in the acquisition of the shares of other banks and commercial structures, and to assist consumers in economical use their investments, the cost of investing in leasing, leasing, factorization and other services.

Keywords: *banking, management, fundamentals, planning schedule, alternative intervention, special models, tools, market, structures, factorization, structures, economic.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Исоев Бахтиёр, магистранти соли дуюми факултети иқтисодиёт ва идоракунии маорифи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Роҳбари илмӣ: н.и.и., дотсент Оймаҳмадов Г.Н.

Сведения об авторе: Исоев Бахтиёр, магистрант второго курса факультета экономики и управления образования Таджикского государственного педагогического университета им. Айни

About author: Isoev Bakhtiyar, second year master student of the faculty of Economics and Management of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini

Маъдиш Ҳотамбек,
донишҷӯи соли панҷуми факултети технология ва соҳибкорӣ

НАҚШИ МАРКЕТИНГ ВА РОҲҲОИ АСОСНОККУНИИ ОН ДАР КОРХОНА

Маркетинг аз калимаи ангилисӣ гирифта шада маъноях ҳаракат ё худ фаъолият дар бозор мебошад.

Баъзе иштирокчиён то имрӯз фикр мекарданд, ки маркетинг бояд дар он мамлакатҳо истифода бурда шавад, ки дар онҷо истеҳсоли маҳсулот назар ба талабот зиёд аст. Албатта, ин ақида на он қадар дуруст аст, чунки омӯхтани ин фан дар он мамлакатҳое, ки пешниҳод аз талабот кам аст айни муддаост. Исботи кӯтоҳи ин ақида дар он аст, ки маркетинг (маркетологҳои корхона- фирма) бояд бозорро муфассал омӯхта фаъолияти корхонаро барои зиёд кардани пешниҳод, яъне таъминоти пурраи хоҳиши қаноатманди харидорон равона созанд. Аз ин ҷо маркетинг ин намуди фаъолияти инсонӣ буда ба воситаи мубодила (ивазкунӣ) барои қонеъ гардонидани мӯҳтоҷӣ ва талаботи мардум равона карда шудааст.

Ба ҳама маълум аст, ки дар бозорҳои мамлакатҳои тараққикардаи дунё рақобат тезу тунд аст. Дар ҳамин шароит корхона (фирма) бояд ҷои холигии бозорро ёфта фаъолияти худро оғоз кунад.

Барои дар ин гуна бозорҳо бомуваффақият фаъолият кардан, корхона (фирма) бояд принсипҳои асосии зеринро истифода барад:

1.Мақсаднокӣ барои ноилшавӣ ба натиҷаи охирини амалии фаъолияти истеҳсолию-тиҷоратии содиротӣ, яъне банд кардани қисми муайяни бозори берунӣ, мувофиқи мақсадҳои дуру дарозе, ки корхонаи содиротӣ дар назари худ гузоштааст.

2.Самти амал (нигаронидашавӣ), ин мақсади як дақиқина набуда, балки натиҷаи кори дуру дарози маркетингӣ аст. Ин барои тадқиқоти дурбинӣ диққати махсусро талаб мекунад, ки дар асоси натиҷаҳои мол ва бозори нав кор карда баромада мешавад, то ки онҳо даромаднокии баланди фаъолияти иқтисодии берунаро таъмин намоянд.

3.Истифодабарии якҷояи тактика ва стратегияи ба талаботи харидорони потенсиалӣ мутобиқшавӣ ва таъсири якбораи мақсаднок ба онҳо.

Идоракунии маркетинг – ин таҳлил, банақшагирӣ ва ҷорӣ кардани назорат дар ҳаёт оид ба чорабиниҳое, ки барои муқарраркунӣ, мустаҳакамкунӣ ва нигоҳдории мубодилаи фоиданок бо харидорони мақсаднок бо мақсади ба даст даровардани хоҳиши вазифаи муайяни ташкилотҳо (фирмаҳо) гузаронида мешавад. Дар давраи муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ системаи бозоргонии хоҷагидорӣ маркетинг ҳамчун консепсияи ташкил ва идоракунии фаъолияти истеҳсолу фурӯши маҳсулоти субъектҳои хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзишу таҳлили тараққиёти давраи ҳозираи муносибатҳои истеҳсолӣ дар сектори аграрии давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда нишон медиҳад, ки онҳо назария ва амалияи маркетингро ҳаматарафа дар фаъолияти корхонаҳо истифода мебаранд. Яъне ба пуррагӣ ва ба дараҷаи аниқ талаботи истеъмолкунандагон ва пешбинии дараҷаи талаботҳо муайян карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки корхонаҳои агросаноатӣ рақобатпазир шуда, дар бозорҳо фаъолияташонро идома диҳанд.

Назар ба маслиҳати яке аз маркетологҳои шинохтаи ҷаҳон Филипп Котлер корхонаҳо бояд ҳатман шӯъбаҳои маркетологӣ таъсис диҳанд, то ки ба муфлисшавӣ дучор нагардида, рушди истеҳсолотро таъмин намоянд. Дар давоми фаъолияти худ корхонаҳои комплекси агросаноатӣ бозори истеъмолиро таҳлил намуда, омӯзанд, то ки ба пуррагӣ маълумот оид ба талаботи маҳсулот, миқдор ва ҳаҷми он дар бозорҳои муайян дошта бошанд ва дар ин бозорҳо маҳсулотро пешниҳод карда тавонанд.

Беъэтиноӣ ба нақши маркетинг, бахусус дар давраи муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ ба касодии маҳсулот ҳам аз ҷиҳати миқдор ва сифат бевосита ба муфлисшавии корхонаҳо оварда мерасонад. Қайд намудан бамаврид аст, ки дар давраи ҳозира мақоми маркетинг ба фаъолияти корхонаҳо ва рушди ояндаи он бевосита таъсир мерасонад. Кормандони ҳадамоти маркетинги корхонаҳо вобаста ба фаъолияти истеҳсолкунандагон - коргарон таъсир мерасонанд, чунки дар асоси омӯзиши бозору истеъмолкунандагон ба сифат ва миқдори маҳсулоти истеъмолшаванда фармоиш дада, рушди иқтисодиёти ояндаи корхонаҳо аз фаъолияти онҳо вобастагии калон дорад.

Агар худи маҳсулотистеҳсолкунандагон аз усулҳои пешқадами маркетингӣ оид ба тарғибу ташвиқи маҳсулоти худ истифода набаранд, дар муборизаи рақобатнок ба нокомӣ мерасанд, ки ин сабаби муфлисшавӣ мегардад. Бинобар он дар чунин холатҳо роҳбари корхона ва ҳадамоти

маркетинги корхонаҳо пеш аз ҳама рақибони худро бояд омӯзанд, роҳҳои арзон дастрас намудани заҳираҳои ашёи хомро ҷустуҷӯ намоянд, ба ҳиссаҳои (сегменти) муайяни бозор маҳсулотро пешниҳод намоянд, талаботҳои истеъмолкунандагонро омӯхта, навъҳои муайяни маҳсулотро пешниҳод намоянд, яъне бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки дар фаъолияти хоҷагидорӣ ҳаҷму миқдори маҳсулот тез гардиш намояд. Ғайр аз ин ҳангоми омӯхтани талаботи истеъмолкунандагон нисбати маҳсулоти корхонаҳо бояд намуд, тарзи борпечӣ, хусусиятҳои хоси маҳалҳо хатман ба инобат гирифта шавад. Нисбати маҳсулоти корхона аз усулҳо ва намудҳои рекламадиҳӣ истифода бурдан лозим аст. Дар давраи муносибати иқтисоди бозорӣ ҳар як корхонаҳо дар фаъолияти худ бояд чунин элементҳои асосиро ба инобат гиранд: омӯзиши маҷмӯи комплекси бозор, банақшагирии номгӯи хелҳои маҳсулот, коркарди чорабиниҳо оид ба таъмини талаботи дар бозор вуҷуд дошта, муайян намудани дараҷаи талаботҳои қонеъгардида, банақшагирии азнавсозии истеҳсолот, истеҳсоли маҳсулот ва таъминоти он, ташкили бонизоми идоракунии истеҳсолот ва ғайраҳо. Маркетинг ҳоло характери комплексӣ пайдо намуда, фаъолияти ҳаматарафаи корхонаю ширкатҳоро дар бар мегирад. Ҳамин тавр маркетинг яке аз элементҳои асосии истеҳсолот ба ҳисоб рафта, дар фаъолияти корхонаҳо ҳаракати маҳсулот, ба истеъмолкунандагон муҳайё намудани шароит оид ба қонеъ гардонидани талаботи зиёдро нисбати маҳсулот дар бар мегирад. Барои фаъолияти маркетинги корхонаҳои комплекси агросаноатӣ бояд маблағҳои зиёд ҷудо карда шавад. Маркетинг ташкили истеҳсоли маҳсулот ва фурӯши он, идоракунии ҷараёни истеҳсолот ва танзими ҳаракати маҳсулот дар бозорҳои муайян, қонеъ намудани талаботи истеъмолкунандагон ин ҳама бо ҳам зиҷ алоқаманданд. Яъне бо ибораи дигар дар замони ҳозира маркетинг воситаи самараноки бозсозии ҷараёни мутахассисони соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва роҳбарони ҳоҷагӣ барои идоракунӣ, гузариш аз нигаронӣ ба рушди истеҳсолот оид ба таъмини устувори талабот, сарфакории иқтисодии истеҳсолоти кишоварзиро дар бар мегирад. Ҳоло миқдори зиёди маҳсулоти кишоварзӣ ба бозорҳои беруна содир карда мешаванд. Маҳсулоти кишоварзӣ аз қабили меваю сабзавотҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза дар бозорҳои Казоқистону Россия талаботи зиёд доранд. Аз ин рӯ, корхонаҳои комплекси агросаноатӣ бояд талаботу дархостҳои истеъмолкунандагони ноҳияву шаҳрҳои содиркунандаи маҳсулотро хуб омӯзанд, хусусиятҳои хоси талаботи онро муайян намоянд ва сипас маҳсулот ба фурӯш бароварда шавад. Он гоҳ хавфи ба рақобати шадид дучоршавӣ аз байн меравад. Бояд рекламанигорӣ ва шаклу усулҳои фурӯши маҳсулот ҳатман ба эътибор гирифта шавад. Ҳамин тавр баҳри баланд бардоштани самаранокии иқтисодии комплекси агросаноатӣ бояд консепсияҳои махсуси ба худ хос, мутобиқи шароити маҳалҳо дар истеҳсолоти кишоварзии вилояту Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ карда шавад.

Адабиёт:

1. Абрамова Г.П. Рыночная экономика. Маркетинг: сто вопросов и сто ответов. – М.: Прогресс, 1989.
2. Абромошвили Г.Т. Проблемы международного маркетинга. – М.: Международные отношения, 1984.
3. Андреева И.Н., Дубовик Л.И. Маркетинг – единая система разработки, производства и реализации продукции // Текстильная промышленность, 1989, №5.
4. Басовский Л.Е. Маркетинг (учебное пособие). – М.: ИНФРА – М, 2005. – 134 с.
5. Белокрылова О.С. Маркетинговая концепция управления АПК // «Достижение наук и техники АПК», 1991. №10.
6. Бойматов А. Маркетинг. – Худжанд: изд-во Рахим Джалил, 2005.
7. Бреверман А.А. Маркетинг и полный хозрасчет. – М., 1989.
8. Булавина Л.Н. Маркетинг в виноградарско-винодельческом подкомплексе //Пищевая промышленность, 1991. - №4.
9. Голубков Е.П. Маркетинг: стратегии, планы, структуры. – М.: Издательство «Дело», 1995. – 192 с.
10. Горячев А.А. Маркетинг: Генератор идей // Коммерческий вестник. 1989. – №8.

Калидвожаҳо: *маркетинг, олатҳои идоракунӣ, фундаменталӣ, ҷустуҷуйи алтернативӣ, моделҳои махсус, олот, фоида, банақшагирӣ, самаранокии идоракунӣ, соҳибкорӣ, стратегия, пардохти қарз, пул, парвариши зироатҳои кишоварзӣ, соҳаҳои комплекси агросаноатӣ, шаклҳои хоҷагидорӣ, истеҳсолоти кишоварзӣ.*

Аннотатция
РОЛЬ МАРКЕТИНГА В ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРЕДПРИЯТИЯ

В условиях рыночных отношений внедрение концепции маркетинга на предприятиях агропромышленного комплекса способствует конкурентоспособности предприятий. Применение новых концепций и методов маркетинга в организации, управлении производством продукции и её реализации на потребительских рынках повышает экономическую эффективность предприятий аграрного сектора, что коротко изложено в статье.

Ключевые слова: *маркетинг, управление, основа, график планирования, альтернативное вмешательство, специальные модели, инструменты, рентабельность, предприятия, эффективность, финансы, прибыль, экономика, субъекты, рыночное.*

Annotation
THE ROLE OF MARKETING IN ENTERPRISE ACTIVITIES

This article in the context of market relations, the introduction of the marketing concept in enterprises of the agro-industrial complex contributes to the competitiveness of enterprises. The use of new concepts and methods of marketing in the organization, production management and its implementation in consumer markets increases the economic efficiency of enterprises in the agricultural sector, which is summarized in the article.

Keywords: *marketing, management, fundamentals, planning schedule, alternative intervention, special models, tools, company, business, economy, economic downturn, tools, market, structures, factorization, structures, economic.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Маъдии Ҳотамбек, донишҷӯи соли панҷуми факултети технология ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Роҳбари илмӣ: ассистент Ибодов Н.Ҳ.

Сведения об авторе: Маъдии Хотамбек, студент пятого курса факультета технологии и экономики Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни

About author: Madia Hotambek, the fifth year student of the faculty of Technology and Economics of the Tajik State Pedagogical University named after S.Aini

Қодиров Иброҳим,
магистранти соли дуюми факултети иқтисодиёт ва идоракунии маориф

ИДОРАКУНИИ МОЛИЯВӢ ВА МАҚОМИ ОН ДАР ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

Идоракунӣ асосҳои илмии худро дар натиҷаи фаъолияти роҳбарии якчанд даврахои таърихии инсонӣ ба даст даровардааст. Аз очеркҳои таърихӣ маълум мегардад, ки тоҷикон асосҳои идоракунии давлатиро ҳанӯз зиёда аз 1100 сол пеш, дар замони Сомониён хеле ҳам хуб омӯхта, ба роҳ мондаанд.

Идоракунӣ ҳамчун мафҳуми илмию амалӣ дар илми иқтисодӣ ҳанӯз аз аввалҳои асри XX ба миён омадааст. Ин фаҳмиш аввалин дар ШМА ва баъдан ба дигар кишварҳо паҳн гаштааст.

Идоракунӣ – **ин маҷмӯи усул ва омилҳои мақсадноки ба объект равонакардашуда барои ба даст овардани натиҷаҳои муайян дилхоҳ мебошад.**

Идоракунӣ дар тамоми доираи фаъолияти инсон вуҷуд дорад ва барои беҳбудии кор равона карда мешавад, аз он ҷумла фаъолияти молиявиро низ дар бар мегирад. Ҳамчун фаъолияти мақсадноку бошууронаи одамон, идоракунӣ барои аз худ кардани қонуниятҳои объективии тараққиёти ҷамъиятӣ асоснок карда шудааст.

Соҳаи асосии фаъолияти идоракунӣ – идоракунии ҷамъият, иқтисодиёт ва аз он ҷумла идоракунии молиявӣ ба шумор меравад, ки он дорои объект ва субъект мебошад.

Объекти идоракунӣ гуфта, муносибатҳои молиявии гуногуншаклро дар иқтисодиёт меноманд.

Субъекти идоракунӣ бошад, сохторҳои иҷрои вазифаҳои гуногуни молияро меноманд, ки барои роҳбарӣ ҷорӣ карда шудаанд.

Дар идоракунии молиявӣ якчанд элементҳои амалкунанда ҷудо карда мешаванд: банақшагирӣ, идоракунии амалиётӣ (ҷорӣ), назоратӣ ва ғайраҳо.

Дар рафти банақшагирӣ, ҳар як субъекти хоҷагидорӣ ҳолати молиявии худро ба нақша дароварда, баҳо медиҳад ва роҳҳои зиёд намудани захираҳои молиявӣ, самтҳои оқилона истифода бурдани онро муайян менамояд.

Идоракунии амалиётӣ (ҷорӣ) - ин маҷмӯи чорабиниҳоест, ки он пеш аз ҳама ба дастории самараи мусбӣ бо хароҷоти камтарин бо ёрии азнавтақсимкунии захираҳои молиявӣ равона карда шудааст.

Назорат яке аз элементҳои идоракунӣ ба ҳисоб рафта, дар ҷараёни банақшагирӣ ва ҳам дар ҷараёни идоракунии амалиётҳо ҷои муайянро ишғол менамояд.

Мақсади асосии назорат - ин дуруст истифода бурдани захираҳои молиявӣ аз рӯи нақшаи тартибдодашуда ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии он мебошад.

Мувофиқи гурӯҳбандии муносибатҳои молиявӣ 3 гурӯҳи объектҳои идоракунии молиявиро фарқ кардан лозим аст: **молияи муассисаҳо, муносибатҳои суғуртавӣ ва молияи давлатӣ.**

Субъектҳои идоракунӣ ин гурӯҳи муносибатҳои молиявӣ аз шӯъбаҳои молиявии корхонаҳо, шӯъбаҳои суғуртавӣ ва шӯъбаҳои молиявию инспексияҳои андоз иборат мебошанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон молияи давлатиро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомотҳои зерин идора менамоянд:

- Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Бонки миллии Тоҷикистон;
- Мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ;

Идоракунии молиявиро пеш аз ҳама дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти болоии қонунбарор ба амал мебарорад, ки ин **Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** мебошад. Ин тарзи идоракунӣ ҳангоми дида баромадан ва тасдиққунии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи он оиди иҷроиш ҷой дода шудааст. Инчунин, қонунҳоро оиди андозҳо, боҷҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ муқаррар мекунад.

Мақомоти мӯҳимтарини ба вуҷудорандаи идоракунии молия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон** ва шӯъбаҳои он дар ҳукуматҳои маҳаллӣ мебошад.

Идоракунии молиявиро мақомоти ӯҳдадор дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба роҳ мемонанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** асосҳои ҳуқуқӣ, принсипҳои ташкилии идоракунии молияи давлатӣ, тартиб додани системаи буҷети гурӯҳбандии он, ташаккул, тақсим ва истифодаи фондҳои марказонидашудаи маблағҳои пулиро муайян намуда, муносибатҳои молиявию байни буҷетиро танзим менамоянд. Қонун ҳамчун нақши мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳокимияти маҳаллӣ, дигар иштирокчиёни рафти буҷетро бар бобати таҳия, баррасии лоиҳаи буҷет, тасдиқ ва аз болои рафти иҷрои онҳо назорат ва ҷавобгариро барои вайрон кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муқаррар менамояд. Қонуни мазкур аз тарафи **Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2-юми декабри соли 2002 таҳти №77** қабул шудааст, ки он ҳамчун қонун аз тарафи **Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** аз **17-уми апрели соли 2003 таҳти №648** қабул гардидааст.

Идоракунӣ аз вожаи англисии **«management»** гирифта шуда, маънои **идора, роҳбарӣ, қобилияти идора кардан ё худмудириятро** ифода мекунад.

Идора ҳамчун илм, ҷузҳои таркибии махсусгаштаи идора ва сатҳҳои гуногуни онро, ки ҳар яке аз онҳо дорои хусусиятҳои хос мебошанд, ифода менамояд.

Дар сатҳи аввал, молия ва идораи молиявӣ ҳамчун ҷузъи таркибии зербинои ҷамъият, фаъолияти роҳбарии молиявии давлат ва ташкилотҳои онро ифода мекунад.

Дар сатҳи дуввум, идораи молиявӣ ҳамчун сохтори дохилии ташкилотҳои молиявӣ, (аз звенаи ибтидоии хоҷагии халқ сар карда, то марказ) сурат мегирад.

Сатҳи саввум, ин роҳбарии шахси дониши иқтисодию молиявӣ доштаро нисбат ба коллективе, ки дар тобеияти он кор мекунад, дар бар мегирад.

Идоракунии молиявӣ дар асоси ҳамбастагии кулли мафҳумҳои иқтисодӣ; тақозою арза, мунтазамию муттаносибӣ, фоидаю даромаднокӣ, арзиши аслӣ, воситаҳои асосӣ ва гардон, қарз, фоиз, суғурта, рақобат, таваккалу баҳодиҳӣ, таҳлилу тафтиш, омори молияю тарҳрезӣ, дурбинию аудит нисбат ба фондҳои пули таъиноти хосдошта, ки дар мавриди тақсим ва аз нав тақсими маҳсулоти холиси миллӣ ва даромади миллӣ ба вуҷуд меояд, ташкил меёбад.

Менеҷменти молиявӣ танҳо бо хусусиятҳои шахс вобаста буда, фаъолияти хешро ба тариқи уфуқӣ (вертикалӣ) ва амудӣ (горизонталӣ) тасвир менамояд ва бевосита ба суръат ва дараҷаи истеҳсолот таъсир мерасонад.

Асоси менеҷмент молиявиро омили шахсӣ ва муносибатҳои ӯ нисбат ба натиҷабардорӣ ташкил медиҳад.

Фаъолияти менеҷменти молиявӣ дар миқёси мамлакат тибқи сохтори муайяни ташкилотҳои молиявӣ ва ба ҳам мутобиқсозии фаъолияти кори ин ташкилотҳо, ки тарз, услуб ва усулҳои гуногуни роҳбарии иқтисодиро дар тамоми звенаҳои хоҷагии халқ, новобаста аз шакли моликият, бо мақсади ба даст овардани натиҷаи эътимоднокии иқтисодӣ ба роҳ мемонанд, ташкил карда мешавад.

Идораи молиявӣ на танҳо доираи иқтисодиёти миллӣ, балки муносибатҳои иқтисодии байналхалқиро низ ифода мекунад.

Масъалаҳое, ки дар назди менеҷменти молиявии ҳар як давлат меистад, бояд инҳоро дар бар гиранд:

- Омӯзиши бозори дохилӣ ва имконияти қонеъгардонии талаботи он мувофиқи иқтидори иқтисодии хоҷагии халқ;
- Ҷустуҷӯи имкониятҳое, ки аз ҳисоби аз нав гурӯҳбандӣ карда тавонистани иқтидори мавҷуда ба даст меояд;
- Имконияти пуррагардонии иқтидори хоҷагии халқ аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилии ҳар як мамлакат;
- Муайян намудани сарчашмаҳои маблағ барои ташкили иқтидори иловагӣ ва сохтори нави хоҷагии халқ аз ҳисоби ҷалб намудани захираҳои дар мамлакат мавҷуд буда;
- Қарзи хоричӣ, ғайридавлатигардонӣ, ташкили бозори қоғазҳои қимматҳок, фурӯши боигариҳои табии мамлакат, сохтмоҳои муштарак, маблағгузорӣ ва самаранокии он, даромаднокии маблағҳои гузошташуда барои фаъолияти ҷорӣ ва дурнамои корхона;
- Баҳои таваккали молиявӣ ва бо маблаг таъмин будани сармоягузор;
- Идораи сармояи гардон, ҳаҷми оптималии он, қарзи дебиторӣ ва кредиторӣ сохти таркибии сармояи гардон;
- Таҳлили назорат ва тавсияи молиявӣ оид ба қобилияти ҳисоббаробарнамоӣ, бозоргирии корхона ва тавсияҳои молиявӣ, ки ба ӯҳдаи аудит гузошта мешавад;

- Омӯзиши бозори байналхалқӣ, банақшагирии молиявӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба менеҷменти молиявӣ ва дар асоси он ташкил ва аз нав тайёр кардани мутахассисҳо;
- Беқурбшавӣ ва механизмҳои идораи он ва ғайра.

Менеҷменти молиявӣ дар асоси чунин усулҳо (принсипҳо) ташкил карда мешавад:

- Ташкилу истифодаи самаранокона ва назорат оиди фондҳои пули таъиноти махсусдошта;
- Тақсими муттаносиби фондҳои пули таъиноти махсус ба мақсади таъмин кардани гирдгардиш ва гардиши сармоя;
- Ташкилу бароҳмонии фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси муайян намудани баҳои ширкатҳо, ки воситаи барқарор намудани алоқаҳои иқтисодӣ байни субъектҳои хоҷагӣ мебошад;
- Мувофиқсозии идораи маъмурию иқтисодӣ бо мақсади ба даст овардани натиҷаи дилхоҳи молиявӣ;
- Барқарор намудани фазои ягонаи психологӣ ва муносибати инфиродӣ дар коллектив бо мақсади истифодаи қобилияти зеҳнии онҳо;
- Баҳисобгирии сатҳи таваккали молиявӣ дар мавриди ворид, амал ва хориҷшавӣ аз бозори молиявӣ;

Барои мутахассисии соҳаи молия донистани асосҳои менеҷменти молиявӣ чунин зарурият дорад:

Якум, менеҷменти соҳаи молия намояндаи давлат, ташкилот ва корхонае мебошад, ки бо қонун, қарор, низомнома ва дастурамалҳои қабулшуда ҳуқуқдор карда мешавад, то ки он ҳавасмандии молиявии объектҳои молиявиро амалӣ гардонида тавонад.

Менеҷери молиявӣ бо сатҳҳои менеҷменти объектҳое, ки бо он сару кор дорад, баҳо дода тавонад. Мустақилона хулосаи мушаххаси иқтисодӣ - молиявӣ бароварда, вазъи молиявии объектҳои хоҷагии халкро, новобаста аз шакли моликият, ба эътидол оварад ва нисбат ба натиҷаи иқтисодию молиявӣ аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҷавобгар бошад;

Дуввум, он сохтор ташкил, тарз, услуб, методҳо, роҳҳои пешрафт ва мукаммали менеҷментро дар доираи ташкилотҳои молиявӣ ба роҳ монда, тарбияи мутахассисонро таъмин намояд;

Саввум, менеҷери молиявӣ бояд дорои чунин хусусиятҳо бошад: қобилияти ташкилотчигӣ, маъмурӣ (нормаҳои ҳуқуқӣ ва қоидаҳоро ба амал бароварда тавонад), роҳбарӣ, тарбиявӣ, ходими ҷамъиятӣ ва мутаххасиси варзида бошад. Қонунҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, вазъи сиёсию ичтимоиро беҳтар сарфаҳм равад ва аз маърифати роҳбарӣ бархурдор бошад.

Идоракунии молиявӣ ҷиҳатҳои ба худ хосеро дорост, ки он тибқи характери фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ муайян карда мешавад. Охиран, фаъолияти хешро дар асоси ҳисобу китоби ғайри нақдӣ ва қисми ночизи онро ба тариқи нақд ба амал мебароранд. Онҳо новобаста аз шакли ҳисоббаробаркунӣ, ҳамчун ташкилоти соҳибихтиёр дар асоси қонуниятҳои бозор фаъолият мекунанд.

Ташкилотҳои молиявӣ мустақим ё худ ғайри мустақим, дар тақсим ва аз нав тақсимкардани маҳсулоти холиси миллӣ ва даромади миллӣ иштирок карда, аз рӯи қонун ва қарорҳои мавҷудаи идора ва банизомдарории муносибатҳои молиявию иқтисодии байни субъектҳои моликият ва давлат амал менамоянд. Муносибатҳои мавҷуда бояд ба давлат ва субъектҳои хоҷагии халқ имконияти муътадили фаъолиятро таъмин намоянд. Аз тарафи дигар, ин муносибатҳо имконияти ташкили соҳибкорӣ ва маблағгузории соҳибкорон ва кафолати молиявию амнияти иқтисодии онро таъмин намоянд.

Бояд тазаккур дод, ки фаъолияти менеҷментӣ пас аз табдил ёфтани моликияти ин ё он субъектҳои иқтисодӣ сар мешавад.

Вай ҳамчун сарчашмаи ташаккули молиявӣ дар мавриди истифодаи муносибатҳои молиявӣ ба амал омада, дуруст ё нодуруст фаъолият намудани менеҷменти молиявиро нишон медиҳад.

Муносибатҳои молиявӣ дар асоси қонун ва дастурҳои қабулшуда муносибати байни субъектҳои иқтисодиро муайян менамояд. Дар ин ҳол давлат бояд воситаи таъмин намудани рақобатпазирии соҳибкорон бошад.

Фаъолияти менеҷменти молиявӣ дар моияи муносибатҳои шартномавӣ ва ба ӯҳда доштани ҷавобгариҳои иқтисодӣ ба роҳ монда мешавад.

Яке аз хусусиятҳои менеҷменти молиявӣ ин аст, ки вай қимати гузариш ба иқтисодиёти бозоргониро аз нигоҳи истиқлолияти иқтисодии ҷумҳурӣ муайян карда, сиёсати молиявиро

андешад, ҳифзу кафолат ва даромаднокии сохтори молиявиро дар ҳамаи сатҳҳои хоҷагии халқ таъмин карда тавонад.

Вобаста ба ин ташкилотҳои бозори молиявӣ (биржаҳо) қоғазҳои қимматнок, бонкҳо ва суғуртаи тиҷоратӣ ва даромаднокии муайянро бояд таъмин намоянд.

Бояд махсус қайд кард, ки менеҷменти молиявӣ фаъоляити субъектҳои моликиятро бо захираҳои молиявӣ таъмин намуда, нисбат ба истиқлолияти иқтисодӣ ҷавобгар мебошад.

Фаъолияти аудити молиявӣ (ҳамчун ташкилоти махсуси беғараз) яке аз хусусиятҳои менеҷменти молиявӣ буда, барои ҳаллу фасли вазифаи тадқиқи илмӣ ва таъмини фоидаи субъектҳои моликият ташкил карда мешавад.

Тамоюли менеҷменти молиявиро ба 2 гурӯҳи калон ҷудо кардан мумктн аст:

1. масъалаҳои ташкил ва идораи равандҳои иқтисодӣ;
2. ташкил ва идораи фаъолияти ташкилотҳо ва шӯъбаҳои молиявие, ки барои идора ва бароҳмонии менеҷмент банданд;

Дар навбати худ ин гурӯҳҳои фаъолият якчанд тамоюли дигар доранд, ки вобаста ба сатҳи амалиёташон табдилёбанда мебошанд.

Яке аз мӯҳимтарин ва масъултарин қисми идораи молиявӣ, вобаста ба талабот ва вазифаҳои дар назди хоҷагии халқ истода, ташкили банақшагирӣ мебошад. Пайваста ба он сиёсати молиявӣ нисбат ба амали молиявӣ ва ояндаи моликият соҳа ва корхона, ташкилот ва соҳибкорон андешида мешавад. Доираи фаъолияти менеҷментро дар инкишофи мамлакат соҳа, корхона, беҳбудии зисту зидангии халқ ташкил медиҳад.

Ҷавҳари менеҷменти молиявиро сиёсати андоз, қарз, фоиз, суғурта, маблағгузорӣ, рақобат, тобоварии мизоҷон, ҳимояи иҷтимоӣ, назорат, беқурбшавӣ ва ғайра ташкил медиҳад.

Тамоюли дигари менеҷменти молиявӣ, баҳодиҳӣ ба ҳолати молиявии мамлакат, соҳа, корхона ва ғайра мебошад.

Тайёр ва аз нав тайёр кардани мутахассисон дар ташкилотҳои молиявӣ аз зинаи ибтидоии хоҷагии халқ сар карда, то сатҳи олии идораи давлатро бар бар мегирад.

Таҳлил ва хулосабарорӣ нисбат ба бозори иқтисодӣ ва ҷузъиётҳои таркибии бозори молиявӣ низ аз ҷумлаи он тамоюлҳо дониста мешавад.

Идоракунӣ вожаи англисии **«management»** гирифта шуда, маънои роҳбарӣ, идора ва худмудириятро ифода мекунад.

Одатан 2 навъи идора: **маъмурӣ ва иқтисодӣ** аз ҳам фарқ карда мешавад.

Зери мафҳуми идораи маъмӯрӣ системаи роҳбарикунандаи ин ё он зинаи хоҷагии халқ, новобаста аз доираи шуғл фаҳмида мешавад.

Системаи мақсадноки ташкили сохтори муайяни роҳбарӣ дар доираи зинаҳои гуногуни иқтисодиёт **идораи маъмурӣ** ном дорад. Асосан роҳбарии маъмурӣ зинаҳои ба ҳам алоқаманди дохилистеҳсолию соҳавиро дар бар мегирад. Мисол, мудир, ноиб ва шӯъбаи муҳосиб, маркетинг, менеҷмент, шӯъбаҳои кор ва музд, банақшагирӣ ва ғайраҳо.

Идораи иқтисодӣ ҳамчун амалиёти бошууронаи инсон оид ба амалӣ намудани мақсади мушаххас сурат мегирад.

Идораи молиявӣ як қисми таркибии роҳбарии иқтисодӣ буда, бо мақсади ташкил, истифода ва идораи захираҳои молиявии таъиноти махсусдошта ва муносибатҳои иқтисодии дар он раванд ба вуҷудоянда истифода мешавад.

Вобаста ба талаботи раванди такрористеҳсол муайян намудани ҳаҷми зарурии захираҳои молиявию таносуби воситаҳои худию қарзӣ ва истифодаи самараноки он манбаҳо, мазмун ва мундаричаи сатҳу сифати идораи молиявиро ифода мекунад.

Вай ташкили захираҳои молиявӣ, зарурияти самаранок истифодабарии захираҳои моддию арзиши соҳибкориро ба миён мегузорад, ки вай низ яке аз шаклҳои татбиқи идораи молиявист.

Мувофиқи таъинот истифодабарии захираҳои молиявӣ талаб менамояд, ки он манбаҳо бо таносуби аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда тақсим карда шаванд, то ин ки раванди такрористеҳсол вобаста ба талаботи давраи силсилавии он мунтазам амал намояд. Вай ҳамчун қонуни иқтисодӣ баромад мекунад ва инкори вай раванди такрористеҳсолро халалдор ва сатҳу сифати идораи молиявиро паст мегардонад.

Ташкилу истифодаи захираҳои молиявӣ ҳамчун ифодаи муносибатҳои иқтисодии байни субъектҳои хоҷагӣ сурат мегирад. Дар айни ҳол муносибатҳои мавҷудаи менеҷери молиявӣ барои ташкили арзиши алтернативии хариду фурӯшшуда, яке аз шаклҳои идораи молиявиро инъикос менамоянд.

Заҳмати иқтисодӣ бо мақсади ташкили захираҳои молиявӣ, мақсаднок истифодабарии онҳо ва маҷмӯи муносибатҳои дар байни субъектҳои хоҷагӣ бавуҷудоянда моҳият, нақш ва мақоми идораи молиявиро ифода мекунад.

Ташкилу истифодаи захираҳои молиявӣ зери таъсири мустақим (ғайримустақим)-и давлат сурат мегирад. вай дар асоси қонунҳо (қонун дар бораи соҳибкорӣ, андоз, молия, қарз, бонкҳо ва ғайра), низомномаю дастурамалҳо таъсис ёфта, имконият медиҳад, ки меъёри андоз, имтиёз инҳисорот, нарх ва ғайра барои соҳибкорон муайян карда шавад ва он меъёрҳо механизми танзими вазъи молиявии субъектҳои хоҷагиро тавсиф менамоянд.

Ҳамин тавр, меъёрҳои аз тарафи давлат пешниҳодшаванда меъёрҳои баҳамваслкунандаи макроиқтисоду микроиқтисод гардида, воситаи татбиқу таъминкунандаи идораи молиявӣ мегарданд.

Давлат вобаста ба модели иқтисоди бозории интихобнамуда ва ӯҳдадориҳои ба зиммагирифтааш ба захираҳои молиявӣ эҳтиёҷ пайдо мекунад, ки он бо ёрии андозу пардохтҳо таъмин карда мешавад.

Молияи давлатӣ бо ёрии механизмҳои буҷети давлатӣ, қарзи давлатӣ, фондҳои мақсаднок, фондҳои ғайрибуҷетӣ, молияи корхонаву ташкилотҳо ва суғуртаву аудити давлатӣ ба роҳ монда мешавад.

Ташкилу истифодаи фондҳои пули таъиноти хосдошта дар сохтори молияи давлатӣ бо ёрии меъёрҳои ҳуқуқию иқтисодии барои ҳар як зинна алоҳида пешбинишуда ташкил мегардад, ки идораи молиявиро дар сатҳи макроиқтисод таъмин менамояд.

Тартибдодани нақшаю ҳисоботҳо дар системаи молиявӣ яке аз қисмҳои таркибии идораи молиявӣ мебошад.

Вай сохтори молиявии дар ҷамъият ҷойдошта захираҳои молиявӣ ва истифодабарии самараноки онро ба нақша гирифта, мувофиқи талаботи ҷамъият тақсиму аз нав тақсим намуда, мақсаднок истифодабарии онро назорат менамояд ва сарҷамъона маънои идораи молиявиро дар сохтори молиявӣ ифода менамояд.

Зинаи асосии молияи давлатиро буҷет ташкил медиҳад, ки воситаи беҳамтои роҳбарии иқтисодӣ аст.Тарзу усул ва механизмҳои ташкили даромади буҷет ва бо ёрии он таъмин намудани қурби пулу сатҳи зиндагӣ ва мушкилоти иҷтимоию иқтисодиёт низ унсурҳои асосии идораи молиявӣ мебошанд.

Яке аз шаклҳои шинохтаи идораи иқтисодӣ, ки бо ёрии молияи давлатӣ таъмин карда мешавад, вобаста ба сатҳу сифати кори шӯъбаю ташкилотҳои молиявии дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт амалкунанда додани баҳои менеҷменти он шӯъбаҳо мебошад.

Истифодаи навигариҳои илмӣ, тадқиқот ва истифодаи онҳо дар фаъолияти молия низ яке аз шаклҳои идораи он мебошад.

Идораи қарзи давлатӣ тамоми чорабиниҳои давлатро нисбат ба чопу ба муомилот баровардани қоғазҳои қимматнок, пардохти даромад ба харидорони он қоғазҳои қимматнок, аз муомилот хориҷ намудани вомбаргҳо, ба мӯҳлати дигар гузаронидану аз муомилот хориҷ намудани онҳо ва тағйирдиҳии шартҳои вомбаргҳои интишоршуда ва мушкилоти самаранок истифода намудани онҳоро дар бар гирифта, мазмуни идораи молиявии давлатиро пурзӯр мегардонад.

Ҳамин тавр, идораи молиявӣ ҳамчун қисми таркибии идораи иқтисодӣ бисёрпаҳлӯ буда, дар ҳар як сатҳи фаъолият аз механизмҳои алоҳидаи таъмини идоравӣ баҳра мебарад.

Менеҷменти молиявӣ ҳамчун қисми таркибии сиёсати молиявӣ дар асоси истифодаи стратегияю тактика, ки қисмҳои таркибии механизми молиявӣ мебошанд, ба роҳ монда мешавад. Истифодаи механизмҳои молиявӣ на танҳо воситаи идораи молиявианд, балки таъминкунандаи мавҷудият ва арзёбии вай дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад. Мавқеи асосиро дар механизмҳои молиявӣ қобилияти созмондиҳӣ доштани менеҷери молиявӣ ишғол менамояд. Ташкилотчигӣ воситаи мувофиқи қобилияти ақлонии мутаххасисону соҳибкорон, механизму фишанг ва технология истеҳсолӣ мебошад.

Идораи молиявии аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда дар асоси истифодаи механизмҳои молиявӣ (таҳлил, банақшагирӣ, баҳодиҳӣ, маблағгузорӣ, қарздиҳӣ, андозбандӣ, суғуртанамоӣ, ҳавасмандгардонӣ, муайян намудани таваккал, назорату шаклҳои ҳисоббаробарнамоӣ) ва истифодаи фишангҳои молиявӣ (меъёрҳо, фоида, истеҳлок, ҷаримабандӣ, вазифадорнамоӣ, нарх, дивидент, ҳиссагузорӣ, меъёри андозу фоиз, таҳлили берунаю дохилиистеҳсолӣ, имтиёзҳо ва ғайра) имконпазир аст.

Вобаста ба системаи молиявӣ дар иқтисодиёт сатҳу дараҷаи фарқияти идораи молиявӣ ба миён меояд.

Дар корхонаву ташкилотҳо зинаи ибтидоии менеҷменти молиявӣ вуҷуд дорад.

Барои таъмини идораи молиявӣ менеҷери молиявии **сатҳи ибтидоӣ** бояд нисбат ба иқтисодиёти корхона дониши хуби касбӣ дошта бошад.

Сатҳи дуюми идора ташкили менеҷменти молиявиро дар сохтори молиявӣ дар мегирад.

Сохтори молиявӣ фаъолияти шӯъбаи молия, суғурта, андоз, аудит, қарзи давлатӣ ва бозори молияро фаро мегирад.

Мутахассисе, ки дар ин бахши иқтисодиёт фаъолият менамояд, бояд дониши касбии ба зинаи ибтидоии соҳаҳои иқтисодиёт ва фаъолияти молия дошта бошад.

Мутахассиси дар ин бахш фаъолиятнамоянда бояд бо дониши худ тарзи дуруст бароҳмонии фаъолияти молиявиро дар ҳолати ҷой доштани камбудиву норасоӣ фаҳмонда нишон дода тавонад, яъне тавонад, ки фаъолияти менеҷменти зинаи ибтидоиро дуруст арзёбӣ намояд.

Сатҳи сеюми идораи молиявӣ фаъолияти менеҷерҳои молиявиеро дар бар мегирад, ки стратегияи инкишофи мамлакатро барои 10-20 сол муайян намуда, онро бо захираҳои молиявии лозимӣ таъмин менамоянд.

Вай дар сатҳи ҳукумат фаъолият намуда, на танҳо сатҳи дониши менеҷерони сатҳи якуму дуюмро, балки ба замми он бояд сиёсатмадор, дипломат, стратег ва лаёқати фавқулодаи ҳалли мушкилотро низ дошта бошад.

Бинобар ин, интихобу ҷобаҷогузории кадрҳои бахши молия хеле кори масъулиятнок мебошад. Новобаста аз сатҳу дараҷаи фарқият фаъолияти менеҷменти молиявӣ дар асоси истифодаи механизм ва фишангҳои дар боло зикршуда ба роҳ монда мешавад.

Менеҷменти молиявӣ новобаста аз сатҳи идора асосан бояд чунин масъалаҳои молиявиро ҳал намоянд:

- Банақшагирии фаъолияти молиявӣ вобаста ба давра ва мавқеи марҳилаи силсила, истиқрори иқтисодиёт ва қурби пул.
- Ташкилу истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ вобаста ба мақсад ва талаботи соҳибкорӣ.
- Мутобиқи тақозои бозор муайян намудани тамоюли бартарии инкишофи иқтисодиёт ва таъмини он бо манбаҳои молиявии худию қарзӣ.
- Тақсими мувофиқи (оптималии) манбаҳои молиявӣ ва истифодаи самаранокии онҳо.
- Пешниҳоди чорабиниҳое, ки хароҷоти истеҳсолиро кам намуда, вақти гардиши сармояро метезонад ва даромаднокию фоидагириро зиёд менамояд.
- Омӯзиши таҷрибаи менеҷменти байналхалқӣ ва истифодаи он бо мақсади такомули самаранокии идораи молиявӣ.

Менеҷменти молиявӣ онгоҳ натиҷаи дилхоҳи асоснокшуда медиҳад, ки агар бо назардошти чунин принсипҳо ба роҳ монда шуда бошад:

- Ташкилу истифодаи самарабахш ва назорат оид ба фондҳои пули таъиноти махсус;
- Тақсими мутаносиби фондҳои пули таъиноти махсус бо мақсади таъмин кардани раванди такрористеҳсол;
- Ташкилу бароҳмонии фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси муайян намудани баҳои ширкатҳо, ки воситаи барқарор намудани алоқаҳои иқтисодӣ байни субъектҳои хоҷагист;
- мутобиқсозии идораи маъмурию иқтисодӣ бо мақсади ба даст овардани натиҷаи дилхоҳи молиявӣ;
- барқарор намудани фазои ягонаи равонӣ (психологӣ) ва муносибати инфиродӣ дар коллектив бо мақсади истифодаи қобилияти ақлонии онҳо;
- баҳисобгирии сатҳи таваккали молиявӣ дар мавриди вуҷуд, фаъолият ва хуруҷ аз бозори молиявӣ ва ғайра.

Адабиёт:

1. Александрова Н.Г., Александров Н.А. Банк и банковская деятельность доя клиентов. – СПБ.: Питер, 2002. – 221 с.
4. Ашуров Н. Пул, қарз, бонк. – Душанбе: Матубот, 2011. – 113 с.
2. Катаев А.Х. Региональная инфраструктура. – Душанбе: Ирфон, 1990. - с.78-80.
3. Носыров Р. Рынок сельскохозяйственной техники депрессивного региона; «Развитие, регулирование, оценка эффективности» (Монография). – Душанбе: Эр-граф, 2009. – 232 с.

Калидвожаҳо: *мақсад, назорат, банақшагирӣ, идоракунӣ, муносибатҳо. ташкилот, молиявӣ, қарз, фаъолият*

Аннотация

ФИНАНСОВОЕ УПРАВЛЕНИЕ И ЕГО ФУНКЦИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Развития рыночных отношений в виде новых форм требует развития предприятия. С тоджки зрения экономический организации предприятия, это совокупные материальные и финансовые ресурсы, которые используется для производства и реализации товаров с целью удовлетворения спроса рынка на прибыль и функционирования полезных социальных функций. Государственная финансовая система с национальными бюджетными механизмом, государственним долгом, целевыми фондом, нефинансовыми, финансовыми и институциональными финансами, а также государственными и частными проверками безапасности.

Ключевые слова: *цель, контроль, планирование, управлять, отношение, организация, финансы, кредит, деятельность, мотивация*

Annotation

THE FINANCIAL MANAGEMENT AND ITS FUNCTIONS IN MODERN CONDITIONS

The development of market relations in the form of new forms requires the development of enterprise.The point of view of the enterprise is the total material and financial resourses that are used for the production and sale of goods for the purpose of meeting demand of the market.For profit and operation of useful social functions

The series of the dynamics of such indicators as net products created in the main production industries were used to analyze the interrelation between the main production and the production infrastructure using methods of the correlation-regression method; power generation; freight turnover of all modes of transport

Keywords: *production, economics, process, stock, krediet, sale, would, economical, visit, forum*

Маълумот дар бораи муаллиф: Қодиров Иброҳим, магистранти соли дуюми факултети иқтисодиёт ва идоракунӣ дар соҳаи маорифи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: Қараева Ҷ.Ғ.

Сведения об авторе: Кодиров Иброхим, магистрант второго курса факультета экономики и управления в сфере образования Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни.

About the author: Qodirov Ibrohim, the second year master student of the faculty of Economics, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini.

Соимов Ҳоҷиакбар,
магистранти соли дуюми факултети иқтисодиёт

ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ НАРХГУЗОРӢ ВА ШАРҲИ ОНҲО

Асоси принсипҳои нархгузориро аз методология ва назарияи нархгузорӣ, Конспексияи тараққиёти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва модели амалигардонии он ташкил медиҳад. Масъалаҳои методологӣ ва назариявии нархгузорӣ муфассал таҳлил шудаанд. Вобаста ба онҳо омӯзиши қоидаҳои муҳими нархгузорӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Бо воситаи принсипҳои нархгузорӣ Консепсияи тараққиёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат, асосҳои методологию назариявии нархгузорӣ ва механизми амалии нарх дар бозор муайян мегардад.

Принсипҳои нархгузорӣ гуфта, маҷмӯи қоидаҳо, усул ва услубҳои амали нархро дар ҷараёни ташкилу идоракунии нархгузорӣ меноманд. Яке аз рукнҳои асосии нархи бозорӣ аз тавсиф додани он, ҳамчун ифодаи пулии арзиш ва меъёри умумии хароҷоти иқтисодёти миллӣ, иборат аст.

Рукнҳои нархгузории озод асосҳои илмӣ, принсипҳо, усулҳо ва ташкили нархгузориро дар шароити иқтисоди бозорӣ дар бар гирифта, равияҳои асосии минбаъд такмилёбии системаи нархро муайян мекунанд.

Тибқи принсипҳои нархгузорӣ моҳияти иқтисодии нархи бозорӣ ифода шуда, дар он ба ҳамдигар таъсиррасонии қонунҳои объективии иқтисодӣ инъикос мегардад. Аз нуқтаи назари илмӣ сатҳи нарх дар натиҷаи истифодаи васеи усулҳои оморӣ ва иқтисодию математикӣ асоснок гардида муайян карда мешавад.

Дар сохторҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ вобаста аз гурӯҳ ва намуди маҳсулотҳо тарзи ба он мувофиқи талаботҳои нархгузории озод истифода мешавад ва хусусиятҳои хоси маҳсулотро дар марҳилаҳои гуногуни такрористеҳсолкунӣ ба эътибор мегирад.

Муайян гардидааст, ки асоси қоидаҳои умумии нархгузориро системаи усул ва услубҳои умумӣ, анъанавӣ ва махсус ташкил медиҳад. Тавассути онҳо хосиятҳои мухталифи маҳсулот (кор, хизмат) ба эътибор гирифта шуда, нархгузорӣ карда мешавад.

Нақши муҳимро усулҳои умумии нархгузорӣ иҷро менамояд. Истифодабарии онҳо дар ҷараёни нархгузорӣ талаб менамояд, ки қоидаҳои муайян оид ба ҳисоби нарх дар марҳилаҳои истеҳсолот, тақсимот, мубодилот ва истеъмолот риоя карда шавад.

Нархгузорӣ бо усули анъанавӣ ба қоидаҳои аниқ, яъне ба ҳисоб ва инъикос кардани хароҷот ва ифодаи хосиятҳои истеъмолии маҳсулот асос ёфтааст. Дар ҷараёни нархгузорӣ намудҳои гуногуни усулҳои анъанавӣ истифода бурда мешавад, ки онҳоро бо таври зерин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст, аз он ҷумла: а) усулҳои ба хароҷот асосёфта; б) усулҳои хосиятҳои истеъмолии маҳсулотро муайянкунанда ва в) усулҳои омехта. Ин усулҳо, асосан, барои муайян кардани нархи истеҳсолкунанда истифода бурда мешавад.

Бо усулҳои махсус шарт, амалиёт, танзим ва ҷараёни истифодабарии нархи озод ба эътибор гирифта мешавад. Усулҳои махсус дар ҷараёни тақсимот, мубодилот ва истеъмолоти маҳсулот истифода мегардад, ки аз мавқеъ ва нақши он дар иқтисоди бозоргонӣ шаҳодат медиҳад.

Принсип ва усулҳои нархгузорӣ ба ҳамдигар вобастаанд. Принсипҳо қисми таркибии методология ва назарияи нархгузориро ташкил медиҳад. Онҳо дар амалия тавассути истифодаи усулҳои нархгузорӣ татбиқ мешаванд. Ду принсипи асосии нархгузории дар иқтисоди бозоргонӣ истифода бурда мешавад: а) илмӣ; ва б) ташкилӣ.

Ба принсипҳои илмии нархгузор дохил мешавад:

- ✓ Ба хароҷоти зарурии ҷамъиятии меҳнат наздикшавии нарх.
- ✓ Илмӣ асоснок будани нарх.
- ✓ Ғайрихароҷотӣ будани нарх.

Наздикшавии нарх ба хароҷоти зарурии ҷамъиятии меҳнат принсипи муҳими илмӣ буда, характери назариявӣ дорад ва дар асоси қонуни арзиш амал мекунад.

Илмӣ асоснок будан аз нуқтаи назариявӣ истифода бурдани усулҳои афзалиятнок ва бозоргонии нархгузориро ифода менамояд. Дар асоси компютерҳои замонавӣ бо истифодаи усулҳои оморӣ, иқтисодию математикӣ ҷараёнҳои нархгузорӣ омӯхта шуда, сатҳи нархи маҳсулотҳои гуногун муайян мегардад. Тавассути онҳо таносуби оқилонаи системаи нархи иқтисоди бозоргонӣ дар амал ҷорӣ гардида, риоя карда мешавад. Вай бо мақсади таъмин намудани мубодилоти баробар амал мекунад.

Моҳияти нарх, ки аз инъикоси хароҷоти зарурии ҷамъиятӣ иборат аст, ҳамаи усулҳои анъанавии нархгузорӣ барои асоснок кардани сатҳи баланди хароҷот истифода мегардад. Принсипи ғайрихароҷотӣ ба истифодаи усулҳои афзалиятноки нархгузорӣ асос ёфтааст. Асоси ин усулҳоро ҷараёни паст кардани сатҳи хароҷот ташкил медиҳад, он дар натиҷаи истифодаи меъёрҳои оқилонаи хароҷоти меҳнат, фоида ва андоз муайян мегардад. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ принсипи ғайрихароҷотии нарх аҳамияти махсус пайдо карда истифодабарии он рақобатпазирии корхонаро таъмин менамояд.

Ба принсипҳои ташкилии нархгузорӣ дохил мешаванд:

- ➢ Чандирии нарх;
- ➢ Комплексӣ будани ҷараёни нархгузорӣ ;
- ➢ Риояи таносуби нарх, нархҳои танзимшавандаи давлатӣ ва озод амалкунанда;

- Адолатнокии нарх;
- Интизоми давлатии нарх; [1, 45]

Чандирии нарх маънои онро дорад, ки нархҳои иқтисоди бозоргонӣ нисбатан устувор буда, доимо дар инкишофёбӣ мебошад ва ҷараёни бефосила мутобиқшавии системаи нархро вобаста дар шароити иқтисодӣ таъмин менамояд.

Комплексӣ будани нархгузорӣ омӯзиши ҳаматарафаи масъалаҳои нархгузориро талаб мекунад. Масъалаҳои асоснок муайян кардани сатҳи нарх, ҷорӣ кардан ва амали он, мутаносибии нархҳои дохилӣ ва ҷаҳонӣ, назорати давлатии нарх ва ба монанди онҳо ҳамчун ҷараёни ягона бояд омӯхта шавад, таҳлил гардад ва татбиқ шавад.

Таносуби оқилонаи нархҳои танзимшавандаи давлатӣ ва озод амалкунанда дар асоси омӯзиш ва пешбинии вазъи бозор муайян мегардад. Ба таносуби оқилонаи нархҳо тибқи ҳолати баробарвазнии бозор баҳо дода мешавад. Нархи баробарвазн бояд манфиати иқтисодии ҳам истеҳсолкунанда ва ҳам истеъмолкунандаро ҳимоя намояд.

Принсипи адолатнок будани нарх бояд риоя шавад. Моҳияти он ҳангоми ба сатҳи қонеъшавии талаботи истеъмолкунанда бо маҳсулотҳои ҳаётан зарур баҳо додан пурра зоҳир мегардад. Бо амали принсипи адолатнокии нарх ҳуқуқи истеъмолкунанда дар ҷараёни нархгузорӣ волотар ва афзалтар дониста шуда, ҳукмфармоии истеъмолкунанда бояд бартараф гардад.

Интизоми давлатии нарх бояд ҳатман риоя карда шавад. Вай масъалаҳои мухталифи нархгузорӣ, ба монанди ҷорӣ кардани нархҳои танзимшаванда, амали механизми нархи озод, риояи мизони андозбандӣ ва болонархии савдоро дарбар мегирад.

Принсипҳои илмӣ ва ташкилии нархгузории иқтисоди бозоргонӣ бо ҳамдигар алоқаманданд. Омӯзиши онҳо дар ҷараёни амалигардонии асосҳои методологӣ ва назариявии нархгузории иқтисоди бозоргонӣ аҳамиятнок дониста мешаванд.

Адабиёт:

1. Абдугафаров А., Ахмедова Д.А. Теоретические проблемы формирования модели рыночной экономики Таджикистана. – Худжанд: Рахим Джалил, 2006. – 132 с.
2. Абдураҳмонов М., Абдураҳмонова Ҳ.М. Асосҳои нархгузории иқтисоди бозоргонӣ. – Хуҷанд: Омор, 2003. – 163 с.
3. Абдураҳмонов М. Маънои мафҳумҳои нархгузорӣ. Дастури методӣ: истилоҳи луғавӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2008. – 116 с.
4. Абдураҳмонов М. Нархгузории озод: ташаккули назария ва амалиёт. – Хуҷанд: Р.Ҷалил, 2002. – 216 с.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҷлисӣ милли ва маҷлисӣ намояндагонӣ ҶТ аз 20-январи 2016 с.

Калидвожаҳо: *нархгузорӣ, иқтисодиёт, принсип, иқтисодиёти бозор, хароҷот, даромад*

Аннотация

ОСНОВНЫЕ ПРИНЦИПЫ ОЦЕНКИ И ИХ ОБЪЯСНЕНИЕ

Независимые проверки цен основаны на научных принципах, методах и организационной оценке в контексте рыночной экономики и определяют основные цели дальнейшего совершенствования системы цен. В соответствии с принципами ценообразования выражается экономическая стоимость рыночной цены и отражается на эффективность объективных экономических законов.

Ключевые слова: *ценообразование, экономика, принципы, рыночная экономика, расход, доход*

Annotation

BASIC PRINCIPLES OF EVALUATION AND THEIR EXPLANATION

Independent price checks are based on the scientific principles, methods and organizational assessment in the context of a market economy and determines the main objectives for further improving the price system. In accordance with the principles of pricing, the economic value of the market price is expressed and affects the effectiveness of objective economic laws.

Key words: *pricing, economy, principles, market economy, expense, income*

Маълумот дар бораи муаллиф: Саимов Ҳоҷиакбар, магистранти соли дуюми факултети технология ва иқтисодиёти маорифи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Роҳбари илмӣ: профессор А.Рауфӣ

Сведения об авторе: Саимов Ходжиакбар, магистрант второго курса факультета технологии и экономики образования Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни

About the author: Soimov Hojiakbar, fourth -year student of the faculty of Technology and Economics, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

Одилов Ардамеҳр,
магистранти соли дуюми кафедраи психология

ОМӮЗИШИ ХУСУСИЯТ ВА НАЗАРИЯҲОИ ГУНОГУНИ ПСИХОЛОГӢ ДАР ИНТИХОБИ ҲАМСАР

Мувофиқати психологӣ дар психология - ин тавсифи мувофиқаи дурударози ҳамкорӣ ё муносибати ду фард, ё якчанд фардро мегӯянд, ки аз ҷиҳати психологӣ характеру хусусиятҳои онро ифода мекунад.

Мафҳуми мувофиқоӣ дар психология махсусан дар оклопсихология ба таври васеъ истифода мешавад. То ин муддат назарияи умумӣ доир ба мувофиқоӣ психологӣ вуҷуд надорад, лекин дар ин соҳа тадқиқотҳо рафта истодааст. Масалан, пурсишномаи мувофиқоии байнишахсии Т. Лири, фарзияи мувофиқоии психологӣ се омили У. Шутса, фарзияи мувофиқои мизоҷ Г. Б. Айзенк, фарзияи Акофа ва Эмери дар бораи мувофиқоӣ методикаи ТМБ (ташхиси муносибати байнишахси) [Л.Н.Собчик пурсишномаи муносибатҳои шахсии В.Шутса ва дигарон 5].

Доир ба мувофиқоии психологи чунин мушкилиҳо вуҷуд доранд:

- набудани критерияҳои эътирофшудаи объективӣ доир ба ченкунии мувофиқати психологӣ;
- баъзан ивазшави фаҳмиш оиди ба ”мувофиқатӣ” ва “монандӣ” ҳарчанд якмаъноро ифода мекунанд;
- номуайянии мавқеи мувофиқати психологӣ дар психологияи иҷтимоӣ ё дар психологияи шахсӣ;
- парокандагии масъалаҳои умумӣ мувофиқоӣ бо масъалаҳои хусусӣ, мувофиқати шаҳвонӣ ҳангоми интихоби ҷуфти мувофиқ, интихоби ҷуфти мувофиқ ҳангоми оиладоршави, интихоби дӯст ва ғайрҳо;
- масъалаи ҳалнашудаи дигар ин дараҷаи мувофиқоӣ мебошад.

Мувофиқатоӣ ҳамсарон дар никоҳ ё дар никоҳи қонуни ё ҳангоми муносибатҳои байнишахсии марду зан аз рӯи назарияҳо ба 4 намуд ҷудо кардан мумкин аст ва чунинанд:

- мувофиқатӣ физиологӣ;
- мувофиқатӣ психологӣ;
- мувофиқатӣ интелектуали(ақлӣ);
- мувофиқатӣ иқтисодӣ-ӣҷтимоӣ.

Агар ин 4-намуди мувофиқоӣ 70-80% бо ҳам мувофиқ оянд пас гуфтан мумкин аст, ки мувофиқоии ҳамсарон дар никоҳ беҳтарин ҳастанд.

Ҳоло ҳар яке аз ин мувофиқатро дида мебароем:

1. Мувофиқатӣ физиологӣ - ин дорои функсияҳои модарзоди буда, ҳангоми вохурии аввал бо ҷинсӣ муқобил дар майдони зершуурии мо зоҳир мешавад. Мувофиқати физиологӣ дар форамии садо, мимика пантомимика, тарзи хурокхури ва ҳар он чӣ кӣ ба зоҳири инсон хос аст, ифода меёбад. Дар ҳолате, ки нишонаҳои зоҳири инсон писанд омад, ҷои хулосабарори нест, зеро кайҳо зершуури мо интихоби худро кардааст. Баъзан вақт, ингуна ҳолатҳоро одамон ишқ аз нигоҳи аввал мегӯянд. Дар асл ин инстинкти табиати худи одам аст, ки ба ҷои мо интихоб мекунад. Илова бар ин, мувофиқоии шаҳвониро низ ба мувофиқоии физиологи дохил мекунанд.

2. Мувофиқати психологӣ – модарзодӣ буда, ба ин характеру хусусиятҳои психологи, яъне аниқтараш типҳои мизоҷ дохил мешавад. Як соҳои дигари психология, ки сотсионика ном дорад ва мувофиқати одамонро муайян месозад. Ин илмест, ки раванди ивазнамоии ахборотро миёни инсон ва муҳити иҳота кардааш меомӯзад.

3. Мувофиқати интелектуалӣ (ақлӣ) – дар тули ҳаёт ба даст оварда мешавад. Ҳар ончи кӣ меомӯзем, мебинем, дарк менамоем ва он чӣ аз хурди аз худ менамоем дохил мешавад. Яъне дар чунин мувофиқои ҳамсарон дар тули ҳаёти минбадаашон доир ба гузаштаашон мошират, баҳсҳо менамоянд. Масалан, як бозиро дӯст медоранд (шахмат) ё як филмро, ки тамошои он ба ҳарду писанд аст.

4. Мувофиқати иқтисодӣ – ин тақсимнамои нақшҳо дар оила, муайянамои критерияҳо, тарбияи босамари фарзандон мебошад.

Ба андешаи психолог Т.Г.Николаева ҳангоми ба мувофиқати психологи тавсифи объективи додан дар мадди аввал физиологияи инсон ва ҳама он чизеро, ки бо он алоқаманд аст бояд ба эътибор гирифт:

- симои зоҳирии инсон (мувофиқати зоҳирӣ)
- синнусол (мувофиқати синнусолӣ)
- мизоҷ (мувофиқати мизоҷ)
- мувофиқоии шаҳвони (саломати ва ғ)

Адабиёт:

1. Волкова А.Н., Штилъбанс В.И. На пароге семьи. – СПб. 2003.
2. Давлатов М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон. – Душанбе: Ирфон, 2014.
3. Круглов Б.С. Правовое сознание как элемент психологической подготовки молодёжи к семейной жизни //Вопросы психологии. №4, 1986 .
4. Қодиров С., Давлатов М. Психологияи иҷтимоӣ. – Душанбе: Сино, 2004.
5. Собчик Л.Н Диагностика психологической совместимости – СПб: Речь, 2002. – 80 с.

Калидвожаҳо: *мувофиқатоӣ, қонун, назария, муносибатҳои байнишахсӣ, назарияи умумӣ, татқиқот, хусусиятҳои психологӣ*

Аннотация

ИЗУЧЕНИЕ ОСОБЕННОСТЕЙ И РАЗЛИЧНЫХ ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ КОНЦЕПЦИЙ ПРИ ВЫБОРЕ СУПРУГА

Эта статья касается брака пары в браке или в законе о браке или в теории межэтнических отношений. До этого не существует общей теории координации, но исследования в этой области продолжаются.

Автор исследует способы, которыми различные психологические особенности изучены в выборе партнера.

Ключевое слова: *соответствие, закон, теория, межличностные отношения, общая теория, исследование, психологические характеристики*

Annotation

THE STUDY OF THE NATURE AND VARIOUS PSYCHOLOGICAL CONCEPTS IN THE CHOICE OF A SPOUSE

This article deals with the couple's marriage in the marriage or in the marriage law or in the inter-ethnic relations of theory. Until then, there is no general theory of co-ordination, but research is ongoing in this area.

Writing explores the ways in which various psychological features are studied in the choice of partner.

Keywords: *conformity, law, theory, interpersonal relationships, general theory, research, psychological characteristics*

Маълумот дар бораи муаллиф: Одилов Ардамеҳр, магистранти соли дуюми кафедраи психологияи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои педагогӣ Умаров А.

Сведения об автора: Одилов Ардамехр, магистрант второго курса кафедры общей психологии Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни.

About the author: Odilov Ardamehr, the second year master student of the Department of General Psychology of Tajik State Pedagogical University named after S.Aini.

Нажмуддинов Ҳусен,
магистранти соли дуюми кафедраи психологияи умумӣ

МАҲФИЛИ ХОНИШИ ИФОДАНОК ВА НАҚЛИ БАДЕӢ ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

Маҳфили хониши ифоданок ва нақли бадеӣ дар назди муаллим чунин талаботҳо мегузорад,ки ӯ ба шогирдонаш – аъзоёни маҳфил, равон, бурро, таъсирнок хонданро ёд диҳад. Барои ин боядгуфт, ки пеш аз ҳама мазмуни матнро дарк намудан зарур аст.

Агар хонанда ба мазмуни матн диққат накарда хондан гирад, мумкин бурро ва равон хонад, аммо хониши ӯ яқин бетаъсир мемонад, зеро бешуурона хондани матн ба он оварда мерасонад, ки задаи мантиқӣ ҷояшро гум мекунад. Дар натиҷа шунаванда ногузир мутаассир нахоҳад шуд, балки мазмуни чизи хондашударо ҳам ба осонӣ нахоҳад фаҳмид. Чунин хонишро хониши ифоданок номидан мумкин нест. Хониши ифоданок он тарзи хонишро мегӯем, ки вай хониши бошуурона бошад, ҳам худи хонанда аз мақсади чизи хондааш пай барад, ҳам барои шунаванда даркшаванда бошад, ба ӯ лаззати эстетикӣ бахшад, ӯро ба завқ орад ва табъи ӯро равшан намояд.

Агар хонанда ба мазмунн матн диққат карда, аломатҳои китобатиро ба инобат гирифта, задаи мантиқиро дар ҷояш гузошта, калимаҳои ҳамқофияро бо оҳанги махсус талаффуз намуда хонад, он гоҳ на танҳо дар нутқ ва овоз, балки дар қиёфаи ӯ мақсади муаллифро хондан мумкин мешавад. Яъне бо ба эътибор гирифта шудани қоидаҳои хониши ифоданок қиёфаи хонанда вобаста ба мазмуни матн тағйир меёбад, мимика (тагйири мушакҳои рӯй) ба вуҷуд меояд. Вале бояд қайд кард, ки бачаҳо ниҳоят хислати муқаллидӣ доранд ва аксар вақт қоидаҳои асосии хониши бадеиро яктараф гузошта, ба ин ва ё он нотиқ ва ё ҳунарпеша тақлид карда мехонанд. Дар натиҷа овози онҳо сохта, нофорам ва дилгиркунанда мебарояд. Чунин ҳолат ҳам ба чиҳати даркшавандагии матни хондашуда таъсири манфӣ мерасонад. Бинобар ин, ба аъзоёни маҳфил фаҳмонидан лозим аст, ки онҳо аз устодони каломи бадеъ, пеш аз ҳама, тарзи хонишро омӯзанд, на овози онҳоро такрор намоянд. Бигузор, онҳо бо овози хоси худ тарзи махсуси хониши бадеиро дар худ ташаккул диҳанд. Аъзоёни маҳфили хониши ифоданок ва нақали бадеӣ бояд тасаввур кунанд, ки сомеъон аз нутк, ва овози онҳо мазмун ва ғояи асари бадеиро бо як ҳиссиёти баланд дарк мекунанд ва албатта, дар баробари ин завқи эстетикӣ мегиранд ва рӯҳбаланд мегарданд.

Дар боло танҳо дар хусуси моҳияти тарбиявии хониши бадеӣ сухан рафт, аммо маҳфили номбурдаи мо дигар вазифа ҳам дорад, ки он аз шогирдон ҳосил намудани малакаҳои бадеӣ, бозавқ ва шавқангез ҳикоя намудани мазмуни матни насри бадеиро тақозо мекунад.

Хондан ва нақл кардан ин ду чизи аз якдигар фарққунанда мебошанд, аммо онҳо ба ҳам зид набуда, баръакс зич вобастаанд. Як порча насрро ҳамон кас бадеӣ нақл карда метавонад, ки ӯ китобро ифоданок хонда метавонад, аз қоидаҳои асосии хониши ифоданок бохабар аст. Илова ба ин, бояд матнро қисман аз ёд донанд. Бинобар ин,қувваи ҳофизаи аъзоёни маҳфил бояд тараққӣ дода шавад. То кадом андоза матн аз ёд шуда бошад, ҳамон қадар он бадеӣ ва таъсирбахш нақл карда мешавад.

Акнун, бевосита дар бораи ташкили кори маҳфил ва тарзи гузаронидани машғулиятҳо боаъзоёни он.

Аз аввалҳои соли хониш муаллиме, ки аз тарафи иттиҳодияи методӣ вазифадор шудааст, дар синфҳо корҳои ҳавасмандкунӣ мегузаронад. Вай воситаҳои техникӣ ва мадании ташвиқоту тарғиботиро истифода мебарад. Пеш аз он, ки дар синфҳо дар бораи ташкил намудани маҳфил эълон кунад, муаллим дар ҳар як синф овози устодони каломи бадеъ Абдусалом Раҳимов, Маҳмудҷон Воҳидов, Ҳабибулло Абудраззоқов, наттоқони садо ва симо Бӯрҳон Раҳмонов, Абдулаҳад Мирзоаҳмадов ва дигаронро, ки дар магнитофон навишта гирифтааст, навишта гирифтааст, шунавонид барномаи намоишҳои телевизионро ба хонандагон дастрас намуда, якҷоя намоишҳои алоҳидаро гӯш карданд ва танҳо пас аз ин дар байни хонандагон оғоз намуд, ки маҳфили «Хониши ифоданок ва нақли бадеӣ» ташкил карда мешавад. Он гоҳ муаллим аз байни хонандагон на танҳо онҳоеро пайдо карда тавонист, ки каму беш истеъдод доранд, балки онҳоеро низ ба ҳисоб гирифт, ки ба каломи бадеъ шавқу завқ ва рағбати зиёдзоҳир намуданд.

«Чуқур омӯхтани адабиёт танҳо ҳамон вақт мумкин аст, ки хонандагон ба адабиёт мутлақо шавқу хавас зоҳир намоянд, зеро адабиёт на танҳо ба тафаккур ва акл, балки ба эҳсосот, ирода, мафҳуми маънавӣ ва хуллас, ба тамоми ҳастии ӯ дахолат мекунад» (19, 15).

Аз ин рӯ, иштиёқи хонандагон, албатта, ба ҳисоб гирифта шавад, зеро чуноне таҷриба

нишон дод, аксар вақт ҳаваси иштирокчиёни маҳфил кам мешавад ва аз як тараф, бо сабаби бесифат гузаронидани машғулиятҳо, аз тарафи дигар, бо сабаби камҳавасии худашон ба маҳфил иштирок намекунанд.

Муаллим, аллакай, нақшаи кори маҳфилро тартиб дода буд. Бинобар ин, ӯ рӯзи гузаронидани машғулиятҳоро эълон карда, аз рӯи нақша ба кор шурӯъ намуд. Дар нақшаи кори маҳфил машғулиятҳои гуногун ба ҳисоб гирифта шуданд. Гуногуншаклии машғулиятҳо боиси шавқовар гузаронидани онҳо мешавад.

Адабиёт:

1. Абасов З.А. Активизация познавательной деятельности учащихся-заочников при выполнении самостоятельной работы. Автореферата рисолаиномзадӣ. – Л., 1988. – 16 с.
2. Абасзаде Балаш Ализаман-оглы. Развитие познавательной активности школьников в производительном труде. Автореферата к.н. – Боку, 1991. – 21 с.
3. Абдувалиев А. Зиёд кардани фаъолияти хонандагон дар дарсҳои хониши адабӣ. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 45 с.
4. Абдуллозода Р . Фаъолонидани дарсҳои хониши адабӣ дар синфҳои Мактаб советӣ, № И, 1962.

Калидвожаҳо: *хониши ифоданок, маҳфил, нақли бадеӣ, шогирдон, мактаб, муаллиф, таҳлил, аъзоён*

Аннотация

КРУЖОК ВЫРАЗИТЕЛЬНОГО ЧТЕНИЯ И ХУДОЖЕСТВЕННОГО ВЫСКАЗЫВНИЯ В ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ УЧРЕЖДЕНИИ

В настоящей статье рассматриваются основные принципы организации и формы кружка выразительного чтения и художественного чтения в общеобразовательных школах.

Автор отмечают, что для этого необходимо конкретизировать задачу учителя и ставит перед ним следующие задачи, посредством которых он должен показать своим ученикам, как надо выразительно и свободно читать различные произвидения.

Ключевые слова: *выразительное чтение, кружок, художественное чтение, ученики, школа, автор, анализ, члены*

Annotation

THE CIRCLE OF EXPRESSIVE READING AND ARTISTIC EXPRESSION IN THE GENERAL EDUCATIONAL ORGANIZATION

In this article, the author discusses an analysis of the organization and form of a circle of expressive reading and artistic reading and sets the teacher with the following tasks, which he must show his students how to read their works expressively free.

Keywords: *expressive reading, circle, artistic reading, students, school, author, analysis, members*

Маълумот дар бораи муаллиф: Нажмудинов Ҳусен, магистранти соли дуюми кафедраи психологияи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: Саидов М.

Сведения об авторе: Нажмудинов Хусен магистрант второго курса кафедры общей психологии Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни.

About the author: NajmidinovHusen, the second year master studentof the Department of General Psychology, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

Якубов Негман,
магистранти соли дуюми факултети таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ

БОЗИҲОИ СЕРҲАРАКАТ ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС

Бозӣ яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи муносибат дар ҷараёни дарс ва берун аз дарс мебошад. Ба ин маънӣ бозӣ тағйири ин ё он амалро табиатан роиҷ медонад ва ҳамзамон дар синф, майдонча ва толори варзишӣ муҳити озоди муносибатро фароҳам меорад.

Ҳамин тавр фаъолияти кӯдакон дар ҷараёни бозӣ метавонад ба инкишофи ҷисмонии онҳо мусоидат намояд. Бозӣ қувваи бузург ва ниҳоят хубу ивазнашавандаи инкишофи ақли кӯдак аст. Кӯдак ба бозӣ бештар майлу ҳавас дорад, ки ин табиатан хоси онҳост ва ин нуқтаро равоншиносон низ ёдрас шудаанд. Дар синфҳои ибтидоӣ шароити хуби ташкил ва истифодаи бозиҳо дар ҷараёни дарс мушоҳида мегардад.

Бозӣ фаъолияти равонии хонандагонро мӯътадил намуда, шавқу ҳавасашонро ба дарс, хоса ба обутоб додани бадан афзуда имконияти фарогирии маводро бештар сохта, хасташавиро рафъ менамояд ва ҷараёни ҳаракатро осон мегардонад.

Чӣ тавре, ки дар боло зикр намудем бозӣ чун омили пешбарандаи фаъолияти кӯдакон дар инкишофи ҷисмонӣ нақши асосие дорад, чунки лаҳзаи бозӣ аз кӯдакон қобилияти муносибати муайян доштанро талаб мекунад.

Муошират бо иштирокдорони бозӣ – шарти асосии бозӣ мебошад, яъне дар кадом дарсе, ки бозӣ ташкил карда шуда бошад, бо ҳамон забон ташкил намудани бозӣ мувофиқи мақсад аст. Истифодаи бозиҳои серҳаракат дар дарси тарбияи ҷисмонӣ дар синфҳои ибтидоӣ вазифаҳои асосии методиро амалӣ менамояд. Ба монанди:

- омодагии равонии хонандагон ба дарс;
- таъмини табии такрори машқҳои гимнастикӣ
- тамрини дурусти машқҳо, ки тайёрӣ ба иҷро намудани бозиҳои серҳаракат мебошад.

Махсусан дар фосилаи аввали омӯзиш гузаронидани бозиҳои таълимӣ аҳамияти хоса дорад. Дар ҷараёни ин гуна бозиҳо кӯдак ҷисман солим инкишоф меёбад. Дар ҳар як бозӣ фаъолияти меайяне амалӣ мегардад. Иштирокдорони бозӣ аз ҳаракатҳои гуногун истифода менамоянд ва бо ёрии маводҳои варзиши талаботи бозиро иҷро намуда, саъю кӯшиш менамоянд, ки дар бозӣ ба қоидаҳои он риоя намоянд.

Ҳамин тавр яке аз роҳҳои муассири раванди беҳдошти сифати таълиму тарбия дар синфҳои ибтидоӣ истифодаи бозиҳои серҳаракат мебошад

Зери мафҳуми бозӣ ҳамон тарзҳое фаҳмида мешаванд, ки барои рафъи хасташавии кӯдакон хизмат намуда, шавқу ҳаваси онҳоро ба дарс зиёд мекунанд.

Бозиҳои серҳаракат ҳам бачагон ва ҳам калонсолон бо шавқу завқ ба иҷро мерасонанд.

Бозиҳо аз намудҳои гуногуни ҳаракат: роҳгардӣ, давидан, ҷаҳидан, ғуррондан, бартараф кардани монеаҳо иборат аст. Бозиҳо ба ҷамъ кардан ва барқарор намудани диққат ва фикр ёрӣ медиҳад. Сифатҳои тобоварӣ, тезкорӣ,қувва ва обутобёбиро инкишоф медиҳад. Бозиҳои якҷояи бачагон ҳисси дӯстӣ ва рафоқати байниҳамдигариро тарбия менамояд.

Бозиҳое, ки дар ҳавои кушод гузаронида мешаванд, барои саломатӣ муфиданд. Ҳар як бозӣ қонуну қоидаҳои хоси худро дорад. Дар он яке ғолиб меояду дигаре мағлуб мешавад. Аз ҳамин сабаб пеш аз оғози бозиҳо довар таъин мегардад.

Бозӣ ҳамин гуна намуди фаъолияти таълим аст, ки кӯдак дар ҷараёни он имконияти аз назар гузаронидану ламс намудани ашё, тарзҳои гуногуни ҳаракат додани онҳо ва истифодаи малакаҳои ҳосилкардаашро ёд мегирад. Дар бозиҳои серҳаракат намудҳои бозӣ ва тарзи иҷро намудани онҳо амалӣ мегардад. Ҳангоми бозӣ кӯдакон бояд худро озод ҳис кунанд ва аз иштирокашон дар он қаноатманд бошанд. Бозиҳои серҳаракат шавқовар буда, беихтиёр хонандагонро ба машғулиятҳои варзишӣ ҷалб менамоянд. Ба ӯ имконияти нишон додани ҷиҳатҳои хуби шахсиро медиҳад.

Ҳавасмандии хонандагонро ҳангоми дарс ва машғулиятҳои варзишӣ таъмин менамояд ва аз нигоҳи равонӣ ӯро барои иҷрои фаъолияти минбаъда тайёр менамояд. Дар ташкили бозиҳои серҳаракат нақши асосиро омӯзгор мебозад.

Фаъолияти якҷояи муаллим ва хонанда обрӯю нуфузи омӯзгорро мустаҳкам намуда, аҳли синфро мустаҳкам менамояд. Нақши омӯзгор дар ташкил ва гузаронидани бозиҳои серҳаракат ба нақши режиссёри театр монанд аст.

Омӯзгор бояд шахсияти ҳар як хонандаро хуб донад ва ба ҳар яки онҳо тарзу усулҳои муносибати фардӣ намуданро ёбад. Барои бо муваффақият ташкил намудани бозӣ омӯзгор бояд ҳангоми аз як фаъолият ба фаъолияти дигар гузаштан, яъне аз фаъолияти таълимӣ ба фаъолияти бозӣ гузаштан ё баръакс аз фаъолияти бозӣ ба фаъолияти таълимӣ гузаштан маҳорати кор карда баромадани тарзу усулҳои гуногунро дар лаҳзаҳо мувофиқат намояд.

Агар омӯзгор аз ҳад зиёд ҷиддӣ бошад, ҳангоми беихтиёр аз фаъолияти таълимӣ ба фаъолияти бозӣ гузаштан ягон хел далеловарӣ ба назар мерасад ва хонандагон ба бозӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намекунад.

Худи бозӣ бошад, ҷаззобият ва мақсаднокиашро гум мекунад. Аз тарафи дигар, агар муаллим ба табъи ниҳоят хуши аҳли синф дода мешавад, дар ин ҳолат бозӣ хонандагонро аз мавзӯъ дур мебарад. Масалан, ворид намудани баъзе тағйрот ба рафти бозӣ, додани маводи иловагӣ, истифодаи ҳамон як мавод бо мақсадҳои гуногун. Бозиҳои серҳаракатро бачаҳо танҳо ё гурӯҳ – гурӯҳ ичро мекунанд (масалан, сафолакбозӣ, рустшавакон, кӣ тезтар мечаспонад, бозии "Чилсанг") ва ғайра.Ин бозиҳо бештар ба бачаҳои синни мактабӣ хос буда, саломатӣ ва иродаи онҳоро мустаҳкам, қавӣ ва қобилияташонро афзун мекунанд.

Сафолакбозӣ. Ин яке аз бозиҳои дӯстдоштаи духтаракон мебошад. Пеш аз бозӣ 5 ҷуфт катак дар 2 қатор кашида мешавад. Ба воситаи шумурак пайдарҳамии бозингарон муайян мегардад. Бачае, ки аввалин шуда ба бозӣ шурӯъ мекунад, санги паҳнакро интихоб менамояд. Баъд бозингар якпоя аз оғози хат сафолакро тела дода, ба хатчаҳо нарасонида мегузаронад. Касе, ки аз ҳама пештар сафолакро ба хатҳо нарасонда, ғолиб мегардад.

Рустшавакон. Чашмони яке аз иштирокчиёни бозиро бо рӯймол мебанданд. ӯ дар мобайн меистад. Бачагон "Хола чӣ гум кардед"- гӯён мепурсанд. Бачаи чашмонаш баста ҷавоб медиҳад: "Ман ёфтам, ман ёфтам" – гуфта ба ҳар тараф медаванд. Бачаи чашмонаш бастагӣ ба сӯи овоз ҳаракат карда, дастонашро дароз намуда, барои доштани бачагон ҳаракат мекунад. Бачаи ба даст афтода аз бозӣ мебароядё ки чашмони ӯро мебанданд. Бозӣ ҳамин тавр давом мекунад. Бачагоне, ки ба даст намеафтанд аз ҳама чусту чолок ғолиб дониста мешавад.

Кӣ тезтар мепечонад. 10 -15нафар бача ба ду гурӯҳ тақсим шуда, бозӣ карда метавонанд. Барои бозӣ ду порча ресмони (дарозиаш 3-4) ва ду чӯбча (ғафсиаш 3 см) лозим аст. Як нуги ресмони ҳар як қатор ба чӯбча, нӯги дуюми он ба охири девор баста мешавад. Чӯбчаҳоро бачагон бо дастонашон дошта меистанд.

Ҳамин ки фармони "Оғоз кунед" – и сардори бозӣ шунида мешавад, иштирокчиён ресмонро ба чӯбча печонида мегиранд. Кадом гурӯҳ тезтар мепечонад, ҳамон ғолиб дониста мешавад. Бозии мазкурро дар ҳавои кушод ва толори варзишӣ дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ гузаронидан мумкин аст.

Бозии "Чилсанг". Ин бозиро дар майсазор, толору майдончаҳои варзишӣ гузаронидан мумкин аст. Аз хати оғози бозӣ барои ҳар як бача дар масофаи якхела доираҳо кашида мешавад. Ҳар як бача дар даст санг ё бо садо додани ҳуштаки сардори бозӣ ҳар як бача ба доираи муқарраргардидаи худ давида, санг ё тӯбчаро монда ба ҷои худ бармегардад. Кадом гурӯҳ аввалин шуда сангҳоро чида гирифта ояд, ҳамон гурӯҳ ғолиб ба ҳисоб меравад.

Он бозиҳои серҳаракате, ки барои кӯдакони 6- 7 сола тавсия карда мешавад, омӯзгор онҳоро дар синфҳои якум ва дуюм низ истифода бурда метавонад. Бо ёрии бозиҳои серҳаракат муаллим метавонад ичрои вазифаҳои зайлро таъмин кунад: ҳифзи ҷисм ва саломатӣ, дӯстию рафоқат, интизомникӣ, худшиносӣ, коллективӣ, инкишофи нутқи даҳонӣ ва бой гардонидани захираи луғавӣ ва ғайра.

Бисёр бозиҳоро мисол овардан мумкин аст. Бозиҳои серҳаракат аз бачаҳо чусту чолокӣ, чаққонӣ, ҳушёриву зиракӣ ва доноиро талаб мекунад. Қисми зиёди бозиҳои халқӣ хоси кӯдакони синни хурдсол мебошанд. Бозӣ воситаи ниҳоят ниҳоят фаъоли раванди педагогӣ буда, мақсади омӯзишро муайян мекунад. Дар вақти интихоби мавод барои бозӣ дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ба барномаи фанни мазкур такя карда мешавад.

Бозиҳои серҳаракат умумӣ, гурӯҳӣ ва коллективона мешаванд, ки аз кӯдак идроки муносибатҳои фазоӣ, мутобиққунии амалу ҳаракатҳои худ бо дигарон, муайян намудни мавқеи худ(дар қатор, сафкашӣ, муносибати ичтимоӣ) маҳорату малакаро талаб мекунад.

Қисми таркибии бозӣ вазифаҳои он мебошад, ки аз тарафи кӯдакон дар раванди бозӣ амалӣ гардонида мешаванд. Вазифаҳо, хусусиятҳои бозии серҳаракат ва самтҳои омӯзиши он дар ҷараёни фаъолияти кӯдакон дар тарбияи ҷисмонӣ муайян месозанд. Вазифаҳо алоқамандии таълим ва бозиро инъикос менамоянд. Амалҳои бозиро ба кӯдакон омӯзонидан лозим аст.

Яке аз қисмҳои дигари бозӣ қоидаи он мебошад. Бо истифодаи қоидаи бозӣ омӯзгор дар ҷараёни бозӣ рафтори хонандагонро идора менамояд. Қоидаҳои бозӣ хусусияти таълимӣ, ташкилкунандагӣ ва муназзамиро доранд.

Қоидаҳои гузаронидани бозӣ барои тавзеҳ ва тарзи гузаронидани он ёрӣ расонида муносибати онҳоро ба бозӣ муайян ва қавӣ сохта, роҳҳои фаъолияти кӯдаконро дақиқ менамоянд. Инчунин низом, пайдарпаии амалҳои бозӣ ва муносибати байни хонандагонро муайян мекунанд.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки фарогирӣ ва ичрои қоидаҳои бозӣ осон ва зуд ба даст намеояд. Муаллим вазифадор аст, ки қоидаҳои бозиро ба кӯдакон дар асоси талаботҳо омӯзонад. Дар рафти бозӣ ҳаракати кӯдаконро аз ҳад зиёд ба қоидабандӣ ва низомпардозӣ вобаст накунад. Чунин талабот оид ба гузаронидани бозиҳои серҳаракат ба миён меоянд:

- бозӣ бояд хусусияти таълимиро инъикос намояд;
- бозӣ бояд ба инкишофдиҳии ҷисмонии кӯдак мусоидат кунад;
- бозӣ аз ҷиҳати равонӣ мувофиқи синну соли хонандагон бошад;
- бозӣ бояд шавқовар ва пурмазмун бошад;
- хонандагонро ба фаъолияти мустақилона водор созад;
- хонандагонро аз масъалаҳои асосии мавзӯи дарс дур насозад;

- дар бозӣ ба масъалаҳои тарбиявӣ диққати асосӣ дода шавад.

Аз ин рӯ, бозиҳои бачагона яке аз воситаҳои тарбияи фикрӣ, ахлоқӣ,ҷисмонӣ, меҳнатӣ ва зебошиносии хонандагон ба ҳисоб рафта, дар бозӣ ҳолатҳои рӯҳӣ ва равонии (эҳсосот, диққат, идрок, тафаккур, хаёл, ирода, тасаввур)хонандагон ташаккул меёбад.

Бачаҳо ҳангоми бозӣ ба амалиётҳои калонсолон таклид намуда, озод ва бо майли худ нақш меофаранд, эҷодкорӣ менамоянд ва бо завқу шавқ саргарми бозӣ шуда, дар кӯдакон ҳисси дӯстию рафоқат рушд меёбад.Кӯдак бештари вақти худро бо бозӣ банд мекунанд, зеро бозӣ фаъолияти пешбарандаи кӯдак мебошад. Бозиҳои серҳаракат дар ҳакёти онҳо мавқеи хосаро ишғол мекунад. Бинобар ин вазифаи муҳими оила, муассилин таъмин ва ташакули шахсияти кӯдак буда, барои омӯхтани рафтори кӯдакон бояд ҳангоми бозӣ онҳоро ҳамроҳӣ намоянд. Ба ақидаи педагоги рус беасос нест, ки педагоги бузург А.С.Макаренко гуфтааст: «Агар хоҳед, ки кӯдакро хуб фаҳмед, нигоҳ кунед, ки онҳо чӣ гуна бозӣ мекунанд».[3.саҳ.3]

Кӯдак дар ҷараёни бозиҳои серҳаракат тарбия ёфта, дар онҳо маҳорту малакаҳои ҳаракаткунӣ инкишоф меёбад.

Дар замони муосир , пешрати илму техника ба кӯдакон бозиҳои наверо пешниҳод менамоянд, ки онҳо воситаи муҳими дилхушӣ, вақтгузаронӣ, инкишофи қобилиятҳои ақлию зеҳнӣ мебошанд. Аммо ин бозиҳо ҷои бозиҳои серҳаракати миллиро гирифта наметавонанд. Бозиҳои серҳаракати миллӣ ба кӯдакон тарзи ҳаёти солимро меомӯзанд. Тавассути бозиҳои серҳаракат кӯдакон иҷрои амалҳои гуногунро машқ мекунанд, инчунин ҳангоми бозӣ вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва солимии ҷисм таъмин мегардад.

Адабиёт:

1. Андреев М.С. Тоҷикони водии Хуф (саргаҳи дарёи Аму). – Сталинобод, 1953.
2. Каменский Я. А. Избранные педагогические сомнения. – М.: Учпедгиз, 1955. – 650 с.
3. Макаренко А.С. Маърӯзаҳо оид ба тарбияи бачагон. – Душанбе: Маориф, 1989. – С. 3.
4. Матробов С. К. Бозиҳои анъанавии мардуми вахонзамин. – Душанбе, 2012.
5. Раҳимов Б., Нуров А. Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик. – Душанбе: Шарқи озод, 2008. – 305 с.
6. Сафаров Ш. Бозиҳои миллӣ ҳамчун тамаддуни халқи тоҷик. – Душанбе, 2012. С. 121-138.
7. *Турсунов Н.Н. Бозиҳои серҳаракати халқи тоҷик.* – Душанбе: ГПИ, 1981.
8. Турсунов Н.Н. Методикаи гузронидани дарси тарбияи ҷисмонӣ дар синфи 1. – Душанбе: Маориф, 1985. – 94 с.

Калидвожаҳо: *бозиҳои серҳаракат, духтарҳо, писарҳо, бозиҳои миллӣ, оила, мактаб, тарбия, лоиҳакашӣ.*

Аннотация

ПОДВИЖНЫЙ ИГРЫ И ИХ ЗНАЧЕНИЕ В ВОСПИТАНИЕ ПОДРАСТАЮЩЕЕ ПОКОЛЕНИЕ

В статье рассмотрено подвижный игры в воспитание подрастающее поколение в обществе. Автор, на основы источников и труды исследователей освещает место различных подвижный игры в воспитание подрастающее поколение коренного население Таджикистана.

Ключевые слова: *подвижный игры, девочки, мальчики, традиционные игры, семья, школа, воспитание, формирование.*

Annotation

THE QUFOLOOR- GAMES AND THEIR IMPORTANCE IN THE UPBRINGING OF THE YOUNGER DENEGATION

The article discusses outdoors games in an education of the younger generation in society. The author, on the basis of sources and the works of researches, highlights the place of various outdoor games in the upbringing of indigenous violence in Tajitestan.

Keywords. *outdoor games, girls, boys, traditional games, family, school, education, formation.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Якубов Нигман Ибрагимович, магистранти соли якуми кафедраи педагогика ва психологияи факутети томактабӣ ва ибтидоӣ, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. Суроғa: Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, ноҳия Сино, маҳаллаи Лучоб 53, хонаи 9. Телефон: 900880440

Роҳбари илмӣ: Сатторов С.

Сведения об авторе: Якубов Нигман Ибрагимович, магистрант кафедры педагогика и психология, факультет дошкольная и начальная образования Таджикского государственного педагогического университета. Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе, р. Сино, пр. Лучоб 53, кв 9.Телефон: 900880440.

Научный руководитель: Сатторов С.

About the author: Yakubov Nigman Ibragimovich, the second year master student of the Department of the General of Pedagogy and Psychology, Tajik State Pedagogical University named after S.Aini. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, p. Sino, pr. Luchob 53, apt 9. . Tel: 900880440

Scientific director: Cattorov C.

Салимов Далер,
магистрант второго курса кафедры психологии

НРАВСТВЕННЫЙ ПОТЕНЦИАЛ СОВРЕМЕННОЙ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ШКОЛЫ

Новый исторический этап развития общества в настоящее время требует от нас все более глубокого социального наполнения нравственных норм и нравственного идеала, так как основным двигателем общественного прогресса, его душой был, есть и остается человек. Нравственность - такая форма общественного сознания, которая является наиболее чутким проводником социального интереса в индивидуальное сознание человека. Именно через возвышающую человека функцию нравственности проводится в действие человеческий фактор как одно из наиболее эффективных проявлений субъективного фактора. К тому же реализация нравственного потенциала образования есть один из случаев превращения возможности в действительность, немыслимого без субъективного фактора учителя и ученика, воспитателя и воспитанника, то есть субъективного фактора внутри системы образования и в социальных институтах, непосредственно с нею связанных, которым она должна задать современный тон.

Система современной общеобразовательной школы полностью реализует свой потенциал лишь в том случае, если она будет рассматривать знания не только как узкую сферу для профессиональной деятельности, но и как условие для формирования отношений. У общеобразовательной школы в воспитании подрастающего поколения в сравнения с семьей есть свои преимущества. Первое преимущество – это квалификация воспитателей и время, предназначенное для воспитания. Второе – ученический коллектив, вне которого, никакие слова не достигают желаемого результата.

Практическая эффективность общей и социальной подготовки подрастающего поколения к общественной практике через систему общеобразовательных школ всегда было актуальной проблемой. В условиях ускорения социального и научно-технического прогресса, она стала особенно острой, ибо процесс ускорения, в конечном счете обеспечивается личностью созидающей, способно не только участвовать в ускорении, но и активно и заинтересованно стимулировать сам процесс ускорения.

В современных условиях целостный процесс воспитания подрастающего поколения предстает как единая система идейно-политического нравственного, трудового, умственного, эстетического, физического и иных аспектов воспитания, как единство всего многообразия его средств и условий. Поскольку все виды воспитания подчинены формированию человеческой личности, её физического склада и духовного мира, в случае нарушения этого единства нарушается и общая гармония, разрушается целостность не только воспитательного процесса, но и личности воспитуемого. Наряду с духовным богатством и физическим совершенством всесторонность развития личности предполагает её нравственную чистоту. Это образное выражение не следует понимать слишком узко – как развитие человека, какого либо одного, пусть и очень важного нравственного качества. Оно означает усвоение личностью всех структурных элементов нравственного сознания. Осуществляется это в процессе нравственного воспитания поэтапно. Первоначально вырабатывается общая предрасположенность к нравственным ценностям, формируются нравственные привычки, вырабатываются умение производить выбор отдельных поступков с позиций противоположности добра и зла. Постепенно усложняясь, воспитание доходит до развития способности принимать ответственные нравственные решения, осуществлять выбор всей своей линии поведения, трансформировать воспитательные воздействия в само программирование всех аспектов своей деятельности. Для полноценного участия в нравственной жизни демократического общества личности, необходимо развивать и эмоциональную и рациональную стороны своего сознания, отграничивать нравственную культуру чувств, мышления и действий. Всё это и определяет целостность нравственного сознания личности.

Как известно, основным потенциалом общеобразовательной школы в современных условиях является образование.

«Образование тесно связано с общей культурой человека. В свою очередь, чем выше культура человека, тем обостренное он чувствует всякую несправедливость, тем более неприменимым становятся к различным отступлениям от высоких моральных норм» [3, 17].

Благополучие общества зависит от того, насколько полное и качественное образование получило молодое поколение. У каждого общества есть своё понятие о содержании образования. Это понятие, сочетающее в себе обучение и воспитание, запечатлевается в сознании детей.

В настоящее время, образование является одним из самых деградирующих аспектов жизни общества; между тем от образования зависит очень многое, следует высоко ценить возможность получения образования, что зачастую недооценивает молодёжь, и родители. Образование даёт возможность человеку получить знания, профессию, цивилизованно достичь успехов, жизненные цели, а также правильно оценить сущность происходящих событий. Образование – это процесс приобретения человеком ряда важных положительных привычек, развитие эстетических чувств. Многие положительные качества, такие как аккуратность, умение проявить себя, правильно понять другого человека, доброжелательно отреагировать на критику, способность беспристрастно и объективно оценивать положительные и отрицательные моменты, а также дать реальную оценку происходящему, приобретаются посредством образования. Образование похоже на симфонию, которую исполняет общество. Если в обществе существует единство и согласие, то образование всегда будет на высоком уровне. Только иногда обществу трудно понять, что же такое образование, ибо понятие образования, деградируя на практике, отожествляется с обучением. Для сопоставления людей, получивших хорошее образование, с людьми малообразованными, сопоставим положительное и отрицательное в уровнях образования.

Литература:

1. Исаева М.Р. Нравственное совершенствование учащихся в процессе обучения узбекской литературы в 5-9 классах. Автореф. дисс. канд. пед. наук. – Ташкент, 1992. – 22 с.
2. Искандарова Х. Нравственное воспитание и его роль в становлении жизненно значимых ценностей младших школьников. Автореф. дисс. канд. пед. наук. – Душанбе, 1998. – 19 с.
3. Лутфуллоев М. Урок. – Душанбе, 1995. – 191 с.
4. Обидов И.О. История развития народного образования в Таджикской ССР (1917-1967гг.). – Душанбе: Ирфон, 1968. – 180.
5. Пудинаев А. Формирование нравственных качеств личности у студенческой молодежи (средствами таджикской художественной литературы); Автореф. дисс. канд. пед. наук. – Душанбе, 1992. – 22 с.

Ключевые слова: *этика, человеческий фактор, образование, общество, эффективность*

Аннотатсия

НЕРУИ МАЪРИФАТИИ МАКТАБҲОИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур неруи маърифатии ахлоқи инсонь ҳамчун омили муҳим дар макотибҳои муосир таҳлил шудааст. Таҳлил ба воситаи намудҳои вазифаҳои баландтарини ахлоқӣ дар фаъолияти инсонӣ ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои самараноки дақиқ арзёбӣ гардидаст.

Аз нуқтаи назари муаллиф, бояд қайд кард, ки ахлоқи маорифпарварона ба симфонияе, ки сатҳи сифати фарҳангии ҷомеаро иҷро мекунад, монанд аст. Ӯ кайд намудааст, ки агар дар ҷомеъа ягонагӣ ва ҳамоҳангӣ вуҷуд дошта бошад, пас маориф ҳамеша дар сатҳи олӣ хоҳад буд.

Калидвожаҳо: *ахлоқ, омили инсонӣ, маориф, ҷомеа, таҳсилот, самаранокӣ, мактаб, тарбия, фарҳанг*

Annotation

MORAL POTENTIAL OF MODERN GENERAL SCHOOL

The article considers the analysis of the moral potential of human ethics in the modern secondary school. The analysis of the potential of human ethics is carried out in the action of the human factor through several types, namely through the function of morality elevating a person as one of the most effective manifestations of the subjective factor.

From the author's point of view it should be noted that education is similar to the symphony that society performs. If there is unity and harmony in society, then education will always be in a high level.

Keywords: *ethics, human factor, education, society, education, efficiency, human factor*.

Маълумот дар бораи муаллиф: Салимов Далер, магистранти соли дуюми кафедраи психологияи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сулаймонова А.Г.

Сведения об авторе: Салимов Далер, магистрант второго курса кафедра общей психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни

About the author: Salimov Daler, the second year master student of the Department of the General Psychology of Tajik State Pedagogical University named after S.Ani.

Шарипов Қадриддин,
магистранти соли дуюми факултети таърих

ВАЗЪИ ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБИИ ҶУМҲУРӢ

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати хирадмандонаю созандааш соҳаи маорифро самти бонуфуз ва стратегӣ эълон кардааст ва мақому манзалати аҳли маориф ва омӯзгорро дар ҷомеа баҳои муносиб додааст: “Ҷомеае, ки ба аҳли маориф, ба устод, омӯзгор, зиёӣ эҳтиром намегузорад, ба пешрафт муваффақ шуда наметавонад” [1, 2].

Бо мақсади таъмини болоравии сифати таълим, омода намудани мутахассисони ба талаботи бозори дохилӣ ва берунии кишвар ҷавобгӯ, сафарбар намудани донишҷӯёни зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ барои идомаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ва хоричӣ, воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба тасвиб расидааст. Вобаста ба масъалаи мазкур муассисаҳои таълимӣ дар ҳамкорӣ бо Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ, стандартҳои тахассусии ихтисосҳои амалкунандаи муассисаро таҳия намуданд. Айни замон аз 166 ихтисосҳои амалкунанда танҳо 83 номгӯйи стандартҳои тахассусии соҳаҳои омӯзгорӣ, тиббӣ, техникӣ-технологӣ ва иқтисодӣ бо қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илм тасдиқ шудааст.

Бо ин мақсад “Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012- 2020” қабул шудааст, ки он муассисаҳои таҳсилоти касбиро вазифадор менамояд, ки сифати таълим ва касбомӯзиро ба стандартҳои байналхалқӣ мутобиқ намоянд. Барномаи давлатии компютеркунонӣ вобаста ба таъмини талаботи бозори дохилӣ ва хоричӣ бо ихтисосҳои коргарӣ, вазифаҳои хизматӣ ва дараҷаи касбии онҳо қабул карда шудааст [2, 8].

Фаъолияти Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик Муҳаммад Осимӣ, Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ, Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб, Коллеҷи технологии Душанбе, Коллеҷи омӯзгории ба номи Х.Махсумоваи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, Коллеҷи информатика ва техникаи компютерӣ, Коллеҷи омӯзгории ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Коллеҷи ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан, Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Коллеҷи техникӣ-омӯзгории ноҳияи Рӯдакӣ фаъолияти худро мувофиқ ба талаботи замон ба роҳ мондаанд [4, 29].

Дар доираи талаботи «Низомнома оид ба ташкили раванди низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.07.2013, № 12/59; аз 29.01.2016, №2/19; 28.07.2017, №11/38 тасдиқ карда шуда буд, имсол ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба низоми кредитии таҳсилот гузаштанд.

Таълим дар муассисаҳои таълимӣ дар асоси нақшаҳои таълим, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мешавад ва Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи соҳа ба роҳ монда шуда, дарсҳо тибқи талабот ҷараён мегиранд.

Мутаассифона, дар коллеҷҳои муҳандисию техникии шаҳри Роғун, ноҳияи Нуробод, омӯзгории ноҳияҳои Рашту Лахш нақшаҳои таълимӣ аз рӯи қисми зиёди ихтисосҳои амалкунанда вуҷуд надорад. Масалан, дар Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Рашт барои ихтисосҳои забон ва адабиёти тоҷик, забони англисӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва математика нақшаҳои таълимии худро надоранд. Бар зами ин, нақшаҳои таълимии низоми кредитии дигар коллеҷҳоро гирифта дар низоми анъанавӣ истифода мебаранд, ки ин мухолифи санаҳои меъёрии ҳуқуқи мебошад.

Аз рӯи маълумотҳои натиҷаи санҷиши намояндагони хадамоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум мешавад, ки айни замон муассисаҳое вуҷуд доранд, ки талаботи замонро риоя накарда, ба вайронкориҳо дар ҳар ду низом кредитӣ ва анъанавӣ роҳ медиҳанд. Чӣ тавре ки дар ҳуҷҷатҳои боло зикр шуда ба назар мерасад, дар Коллеҷи техникию муҳандисии ноҳияи Нуробод, ҷараёни таълим дар ду низоми таҳсилот ба роҳ монда шудааст, ки раванди таълим дар ҳар ду низоми таҳсил поймол гаштааст. Дар рафти санҷиш маълум гардидааст, ки як соати дарсӣ барои ҳар ду низоми таҳсил як хел ба роҳ монда шудааст. Ҳол он ки низоми кредитӣ- 50 дақиқа ва низоми анъанавӣ 80 дақиқа муайян карда шудааст [5, 23].

Аз навсозӣ ва зиёд намудани теъдоди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва яке аз онҳо ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони бинои таълимии омӯзишгоҳи тиббии

ноҳияи Данғара буд, ки охири соли 2018 Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон ташриф оварда, дар вазъияти тантанавӣ онро кушод.

Ғамхории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва алалхусус, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он баръало дида мешавад, ки мақсади ӯ таъмини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мутахассисони маҳалӣ мебошад. Аз ин рӯ муассисаҳои таҳсилотӣ ва аз он ҷумла муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро вазифадор менамояд, ки мутобиқ ба қарорҳои ҳукумат амал намуда, сари вақт вазифаҳои худро пурра иҷро намоянд.

Адабиёт:

1. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ”, соли 2015, моддаи 713.
2. Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020. – 29 с.
3. Бойгонии Вазорати маориф ва илмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи хадамоти аттестатсионӣ дар соли 2018. – 23 с.
4. Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. 28.11.2013, №19/9 – 8 с.
5. Паёми Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, аз 30.12.2018.

Калидвожаҳо: *муассиса, таҳсилот, касбӣ, қарорҳо, ҳукумат,мутахассис, маҳалӣ, кредитӣ, анъанавӣ, стратегӣ*

Аннотация

СОСТОЯНИЕ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СРЕДНИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматривается состояние деятельности средних профессиональных заведений Республики Таджикистан. В годы независимость возросли не только количество средних профессиональных заведений, но и качество обучения улучшился благодаря огромных усилий правительства республики.

Ключевые слова: *школы, Таджикистан, языки, улучшение, обучение, Президент, Лидер Нации, международный*

Annotation

THE SITUATION AND ACTIVITY IN MIDDLE PROFESSIONAL LEARNING INSTITUTIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article describes the situation and activity in middle professional institution of the Republic of Tajikistan. During the independence years were raised not just the number of middle professional institutions but also were improved the quality of education thanks to the hard affords of the government.

Keywords: *schools, Tajikistan, languages, improvement, education, President, the Leader of Nation, international*

Маълумот дар бораи муаллиф: Шарипов Қадриддин, магистранти соли дуюми факултети таърихи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Роҳбари илмӣ: Буризода Э.

Сведения об авторе: Шарипов Кадриддин, магистрант второго курса исторического факультета ТГПУ имени С. Айни

About the author: Sharipov Q., the second year master student of the faculty of History, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Асламов Зайдулло Файзуллоевич,
магистранти соли дуюми факултети технология ва соҳибкорӣ

МЕТОДҲОИ ПРОЕКСИЯКУНОНӢ

Азхуд намудани таҷҳизотҳои технологии замонавӣ, мошин, таҷҳизотҳо ва системаҳо бе донистани фанни «Графикаи муҳандсӣ» ғайриимкон аст. Ҳар як кокоргари самти муҳандисӣ, ки бо техника, истеҳсоли маҳсулот, васл кардан, монтаж кардан, истифодабарӣ ва санҷиши маҳсулот сару кор дорад, бояд графикаи муҳандисиро хуб аз бар намояд.

Пурра ё қариб пурра, чизе, ки аз тарафи инсон офарида шудааст ва моро иҳота мекунад, аз рӯи нақшаи пешаки офарида шудааст. Садҳо ҳазор нақшаҳоро дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии қишлоқ истифо дамебаранд. Ба коркарди онҳо зиёда аз 1,5 млн лоиҳакашҳо, конструкторҳо ва нақшакашҳо машғуланд.

Конструксиясозӣ, яъне тартиб додани – яке аз ҳамон фаъолияти фикрии доираи эҷодии инсон ба ҳисоб меравад. Конструкторони бузург ва масъул барои сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда пеш аз ҳама сифати ҳуҷатҳои техникиро таъмин менамоянд. Зарур аст, ки инро ба донишҷӯён ҳангоми иҷронамудани нақшаҳои таълимӣ аз фанни «Графикаи муҳандисӣ» хотиррасон намоем.

Дар расми 1 тасвири системаи се ҳамвориҳои проексия нишон дода шудаас.

Проексияи нуқтаи А дар ҳамвории проексия P_1 гуфта нуқтаи A_1 буриши хати рости ℓ бо ҳамвории проексия P_1, аз болои нуқтаи А гузарандаро меноманд. (расми 1.1):

Проексияи ҳар як шакли геометрӣ маҷмӯи проексияҳои ҳамаи нуқтаҳои он аст. Самти хатҳои рости проексияшаванда ℓ ва ҳолати ҳамвориҳо P_1 дастгоҳи прексиякунандаро майян мекунанд.

Проексиякунонии маркази гуфта чунин прексиякуниеро меноманд, ки ҳамаи нурҳои проексиякунанда аз як нуқтаи S- маркази прексиякуни мебароянд (расми 1.2).

Проексиякунонии паралелӣ гуфта чунин прексиякуниеро меноманд, ки ҳамаи хатҳои рости паралели проексияшаванда ба самти нуқтаи S дода шудаанд (расми 1.3).

Проексиякунонии паралелӣ аз худ бисёр вақт проексиякунонии марказиро нишон медиҳад, ҳангоме, ки нуқтаи S дар масофаи калони беохир аз ҳамвории P_1 ҷойгир шудааст.

Ҳангоми дастгоҳи додашуда проексиякунандаи ҳаряк нуқтаи фазо ба як ва танҳо як нуқта дар ҳамвории проексия ҷавобгу мебошад.



Расми. 1. Тасвири системаи се ҳамвориҳои проексия



Расми 1.1. Проекцияи нуқтаи А ва ҳамвории проекция π_1





Расми 1.2. Мисоли проексияи паралелӣ

НАМУДҲОИ АСОСӢ- тасвире, ки дар ҳамвориҳ асосӣ ба даст оварда шудааст- рӯяҳои куб:

Проексияи чузъ асосан дар шаш ҳамвори нишондода мешавад. Дар бисёр маврид барои сохтани чузъ се проексияи он басанда аст. Ар баъзе ҳолатҳо барои сохтани чузъҳои одди ду проексияи он кофист.

Дар вақти проексиякунонии баъзе чисмҳо зарурияти иҷро намудани проексияҳои иловаги низ ба вуқуъ мепайвандад.

1 - намуд аз пеш (намуди асосӣ);
2 - намуд аз боло;
3 - намуд аз чап;
4 - намуд аз рост;
5 - намуд аз поён;
6 - Намуд аз қафо;



Расми 1.3. Мисоли проексикунонии марказӣ.

Адабиёт:

1. Иванов Г.С. Начертательная геометрия: Учебник для вузов. – М.: Машиностроение, 1995. – 224 с.
2. Королёв Ю.И. Начертательная геометрия: Учебник для вузов. – СПб.: Питер, 2007. – 252 с.
3. Локтев О.В. Краткий курс начертательной геометрии: Учебник для втузот. - 4-е изд. стер. – М.: Высшая школа, 1999. – 104 с.
4. Фролов С.А. Начертательная геометрия: Учебник для вузов. - 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Машиностроение, 1983. – 240 с.
5. Швайгер А.М. Начертательная геометрия. Инженерная графика: Электронное пособие. – Челябинск: Национальный Союз производителей CD-ROM и мультимедиа, 2000.

Калидвожаҳо: *таҷҳизотҳои технологӣ, мошин, асбобҳо, графикаи муҳандисӣ, техника, маҳсулот, ҷамъоварӣ, монтаж, истифодабарӣ, нақша, коркард, конструктор, нақшакаш, лоиҳакаш, лоиҳакашӣ, методҳо*

Аннотация

МЕТОДЫ ПРОЕКТИРОВАНИЯ

Освоение современного технологического оборудования, машин, приборов и систем невозможно без знания предмета «Инженерной графики», необходимого каждому работнику инженерного направления, связанному с техникой, изготовлением изделий, сборкой, монтажом, эксплуатацией и контролем.

Все или почти все, что создано человеком и окружает нас, создавалось по заранее разработанным чертежам. Сотни тысяч чертежей применяют во всех отраслях народного хозяйства. Их разработкой занято свыше 1,5 млн. проектировщиков, конструкторов, чертежников.

Ключевые слова: *технологическое оборудование, машины, приборы, инжинерная графика, техника, изделия, сборка, монтаж, эксплуатация, чертеж, разработка, конструктор, чертежник, проектировщик, проектирование, методы*

Annotation

DESIGN METHODS

Mastering modern technological equipment, machines, devices and systems is impossible without knowledge of the subject “Engineering Graphics”, which is necessary for every engineering worker related to equipment, product manufacturing, assembly, installation, operation and control.

Everything or almost everything that was created by man and surrounds us was created according to pre-designed drawings. Hundreds of thousands of drawings are used in all sectors of the economy. Their development employs over 1.5 million designers and draftsmen.

Keywords: *technological equipment, machines, devices, engineering graphics, equipment, products, assembly, installation, exploitation, drawing, development, designer, draftsman, design, design, methods*

Маълумот дар бораи муаллиф: Асламов Зайдулло Файзуллоевич, магистранти соли дуюми факултети технология ва соҳибкории ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Роҳбари илмӣ: Мухторова Г.Ғ.

Сведения об авторе: Асламов Зайдулло Файзуллоевич, магистрант второго курса факултета технологии и экономики образования ТГПУ имени С.Айни

Научный руководитель: Мухторова Г.Г.

About the author: Aslamov Zaidullo Faizulloevich, the second year of master student of the faculty of Technology and Economics, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Бедалов Ҷурабек,
магистранти соли дуюми факултети биология

НАҚШИ АЛОҚАИ БАЙНИФАННӢ ДАР ИНКИШОФИ МАҲОРАТ ВА МАЛАКАҲОИ УМУМИТАЪЛИМИИ ХОНАНДАГОН ДАР ТАЪЛИМИ БИОЛОГИЯ

Дар сохтори курси биология алоқаи байнифаннӣ ҷои намоёнро ишғол мекунад. Алоқаи байнифаннӣ [6] ҳангоми азхудкунии маводи назарӣ (назария, қонунҳо, мафҳумҳо, далелҳо, методҳои илмӣ), ҳосил намудани малака ва маҳоратҳо (зеҳнӣ, умумитаълимӣ) ва шинос шудан бо проблемаҳои умумии хоҷагии халқ пайдо мешаванд. Алоқамандии фанни биологияро бо фанҳои ҷуғрофия (Ҷ), химия (Х), математика (М), физика (Ф), Адабиёт (А), Таърих (Т), нуҷум (Н) ва ғайраҳо ҷунин нишон додан лозим аст:

Алоқамандии байни фанҳо дар таълими биология, яке аз қисмҳои асосии таълиму тарбия буда, он дар пешравии омӯзиши фанни мазкур аҳамияти калон дорад. Муаллими биология дар рафти машғулиятҳои дарсӣ бояд ба алоқамандии байни дигар фанҳо диққати махсус дода, дониши хонандагонро ба ҳисоб гирад. Бо ёрии алоқаи байни фанҳо муаллими биология дар ҳамкорӣ бо омӯзгорони дигар метавонад дар баланд бардоштани таълиму тарбия ҳиссаи сазовори худро гузорад. Алоқамандии байни фанҳо дар таълими биология, он вақт амалӣ гардонида мешавад, ки агар муаллим оид ба алоқаи байни фанҳо маълумоти пурра дошта бошад.



Аз рӯи тавсияҳои методӣ ду намуди алоқамандии байни фанҳо дар таълими биология фарқ карда мешавад:

1. **Дохилисиклӣ** (алоқамандии биология бо фанҳои табиатшиносӣ –химия, физика, география, математика).

2. **Байнисиклӣ** (алоқамандии биология бо таърих, таълими меҳнат, забон ва адабиёт, тарбияи ҷисмонӣ).

Алоқамандии байни фанҳо дар таълими фаслҳои алоҳидаи биология мувофиқи зинаҳои омӯзиши он ташкил карда мешавад, ки он ба барномаи таълимӣ [7] мувофиқ кунонида шудааст.

Алоқаи байнифаннӣ шарти дидактикӣ ва воситаи амиқи омӯзиши ҳаматарафаи асосҳои илм дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Муқаррар кардани алоқаи байнифаннӣ дар курси биологияи мактабӣ ин ба боз ҳам амиқ азхуд кардани дониш, ташаккули мафҳумҳои илмӣ ва қонунҳо, ҷаҳонбинии илмӣ, ягонагии олами моддӣ, робитаи байни ҳодисаҳо дар табиат ва ҷомеа мусоидат мекунад. Беш аз ҳама ин дар тарбияи хонандагон нақши муҳим мебозад. Ғайр аз ин воситаи баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон, инкишофи тафаккури мантиқӣ ва фаъолияти эҷодии онҳо мегардад.

Амалӣ намудани алоқаи байнифаннӣ сабаби такрор нашудани омӯзиши мавзӯъҳо, сарфаи вақт ва барои шароити хуб фароҳам овардан дар ташакули маҳорат ва малакаҳои умумитаълимии хонандагон мешавад.

Мундариҷа ва ҳаҷми мавод доир ба алоқаи байнифанниро дар курси биологияи мактабӣ барномаи таълимӣ муқаррар менамояд. Дар мавриди омӯхтани мавзӯъҳо аз курси биология ба дониши дигар фанҳои ба ҳам наздик такя менамоянд. Масалан, ҳангоми омӯзиши шӯъбаи растаниҳои пӯшидатухм аз фанни ботаника дар синфи 5 (Гуногунии растаниҳои гулдор. Растаниҳои якпалла ва дупаллатухмон. Оилаи чилликгулҳо, лубиёгиҳо, ғалладонагиҳо). Дар алоқаманди ба табиатшиносӣ, синфи 4. Гуногунии растаниҳо дар рӯи замин ва истифодаи он аз тарафи инсон. Мушоҳидаҳои фенологӣ дар тирамоҳ гузаронидан мумкин аст.

Ҳалли масъалаҳо [5, 6] ва истифодаи асбобҳои аёнӣ, ки дорои сифати алоқаи байнифаннӣ мебошанд, хеле муҳим мебошанд. Барои мустаҳкам кардани мавзӯъ як ё ду масъалаи сифатии алоқаи байнифаннидоштаро ҳал кардан лозим аст. Дар мавриди шарҳи мавзӯйи нав ба хонандагон дар дарси биология истифодаи китоби дарсӣ аз фанҳои дигар иҷозат дода мешавад.

Алоқамандии байни фанҳо дар таълими биология дар он вақт самараи хуб дода метавонад, ки агар муаллим эҷодкорона мавзӯъҳоро дуруст интихоб намояд, мақсад ва

вазифаҳои барномаи таълими биологияро пурра донад.

Хусусиятҳои хоси алоқамандии фанро бо дигар фанҳо: биология ва физика, биология ва таърих, биология ва химия, биология ва география, биология ва математика, биология ва адабиёт ва дигаронро аз мадди назар дур кардан ҳеҷ мумкин нест.

Биология бо химия ба осонӣ алоқаи байнифаннӣ ҳосил менамояд: нақши биологии элементҳои химиявӣ, таъсири биологии моддаҳо, инчунин алоқаи зичи моддаҳои органикӣ бо объектҳои биологӣ, табиат ва ғайра. Дар вақти баррасии муҳофизати муҳити атроф алоқаи биология бо химия боз зичтар зоҳир мегардад.

Алоқа бо география ва геология дар вақти омӯхтани таърихи пайдоиши хаёт, муайян кардани синну соли чинсхои куҳӣ ва ғайраҳо барқарор карда мешавад.

Биология бо физика алоқаи ниҳоят зич дорад. Зимни омузиши обро чабидани реша, мубодилаи газхо дар шушу бофтахо, хун ва гайрахо аз алокамандии байни биология бо физика истифода бурдан бомаврид аст.

Алоқаро бо математика дар вақти ҳалли масъалаҳо, сохтани графикҳои гуногун, генетика барқарор кардан хеле осон аст. Дар вақти таълими биология тараққӣ додани тафаккури мантиқӣ, ки зиёдтар ба математика хос аст, васеъ истифода мешавад.

Алоқа бо фанни таърих зимни омӯзиши конунхо, таърихи хучайра ва ғайрахо маълумотҳои гуногуни таърихӣ барқарор карда мешавад.

Истифодаи шеър, чистон ва панди ниёгон дар дарсхои биология алоқамандии онро бо адабиёт пайванд менамояд.

Ҳоло дар поён истифодаи алоқаи байнифанни биология ва физикаро зимни омӯзиш мавзӯи «Мубодилаи газҳо дар шушу бофтаҳо» дар синфи 9 дида мебароем.

Дар барномаи таълим барои омӯзиши боби «Системаи нафасгирӣ» 5 соат вақт ҷудо шуда аст, ки як соаташ барои таълими мавзӯи «Мубодилаи газҳо дар шуш ва бофтаҳо» [6] ҷудо шудааст.

Дар шуш аз ҳаво ба хун гузаштани газҳо ва баръакс, аз хун ба ҳаво дохил шудани онҳо ба як қатор қонунҳои физика: фишори парциалии газҳо, ҳодисаи диффузия ва ғайраҳо вобастагии зич доранд.

Аз ин лиҳоз ба омӯзгор зарур аст, ки зимни таълими ин мавзӯъ ба алоқаи байнифаннии физика ва биология такя карда, ба хонандагон бо мисолҳои возеҳу равшан мубодилаи газро дар шушу бофтаҳо шарҳ диҳад. Шарҳ додан лозим аст, ки ҳавои дохили ҳубобочаҳои шуш ва хуни дар мӯйрагҳо ҷоришаванда танҳо бо ду қабати ҳуҷайраҳо, яъне ба девори ҳубобочаҳои шуш ва хуни мӯякрагҳо аз якдигар ҷудо шудаанд ва инчунин чандон ғафс набудани мембрана ба зуд гузаштани газ халал намерасонад.

Мубодилаи пурраи газҳо дар байни ҳавои ҳубобочаҳои шушу хун ва дар муддати кӯтоҳ ҷорӣ шудани хун дар мӯйрагҳои шуш ҳамон вақт муяссар мешавад, ки барои беҳтар ва зудтар гузаштани газҳо шароит бошад. Масоҳати калони шуш дорои чунин шароит аст. Дар ҳақиқат агар шуш паҳн гардад, сатҳи он ба ҳисоби миёна ба 90м^2 мерасад. Тамоми сатҳи шушро мӯйрагҳо фаро гирифтаанд. Масоҳати бузурги ба ҳам расидани хун ва ҳаво дар сурати чандон ғафс набудани қабати хуни дар мӯйрагҳо ҷоришаванда барои зуд аз оксиген сер шудани хун ва хориҷ шудани гази карбонат ёрӣ мерасонад.

Мубодилаи газҳо дар шуш, дар байни ҳавои ҳубобочаҳои шуш ва хун озод мегузарад, зеро дар байни шиддати газҳо дар хун ва фишори парсиалии онҳо дар ҳаво фарқ аст. Дар ин лаҳза ба омӯзгор зарур аст, ки бо гузоштани проблема дарсро ба мавзӯҳои физика алоқаманд карда, аз хонандагон фишори парсиалии газҳоро пурсад, то ки хонандагон ба мақсади мавзӯъ наздик шаванд.

Сипас, омузгор ба хонандагон дар бораи фишори парсиалии газҳо маълумот дода, ҷадвали зеринро истифода мебарад.

Фишори парсиалии оксиген ва гази карбонат дар ҳавои атмосфераю ҳубобочаҳои шуш ва шиддати онҳо дар хун:

Газ	Фишори парциалӣ ва шиддати газҳо ба ҳис.мм.сут.симобӣ
	Ҳавои атмосфера. Ҳавои ҳубобчаҳо. Хуни варидӣ дар мӯйрагҳои шуш. Хуни шарёнӣ.
Оксиген гази карбонат	159 100-110 40 102 0,2-03 40 47 40

Ба хонандагон аз курси физика ҳодисаи диффузияро ба ёд оварда, фаҳмонидан лозим аст, ки оксиген аз ҳавои ҳубобочаҳои шуш ба хун ва гази карбонат аз хун ба ҳавои ҳубобочаҳои шуш ба роҳи диффузия аз он сабаб имконпазир аст, ки фишори парсиалии оксиген дар ҳавои ҳубобочаҳои шуш ба 110

мм сутуни симоб баробар аст.

Аз ҷадвал маълум мешавад, ки ба андозаи 70мм сутуни симоб фарқи фишор ба вуҷуд меояд, ки вай барои таъмин нкамудани оксиген ба организм кифоягӣ мекунад. Одам дар як дақиқа 350мл оксиген истеъмол мекунад. Аммо дар вақти кор талабот ба оксиген меафзояд ва дар як дақиқа то ба 5000 мл мерасад. Барои он ки дар як дақиқа 250 мл оксиген ба хун гузарад, фарқи фишори парсиалӣ 1мм сутуни симоб буданаш кофист, ҳол он ки дар байни фишори парсиалии оксиген дар ҳавои ҳубобочаҳои шуш ва шиддати он дар хун 70 мм сутуни симоб фарқ аст, ки ин барои таъмин кардани талаботи максималии организм кифоягӣ менамояд.

Барои пурра кардани ақидаи боло таркиби газҳоеро, ки ба воситаи ҳаво ба шуш дохил мешаванд (21 фоиз оксиген, 0,03 фоиз гази карбонат, 79 фоиз нитроген) ба хонандагон шарҳ додан лозим аст.

Миқдори гуногунии оксиген ва дуоксиди карбон дар ҳавои нафасгирифтаамон ва хоричкардаамон ба мубодилаи газҳо дар ҳубобчаҳои шуш вобастагӣ дорад. Миқдори гази гази карбонат дар мӯйрагҳои венагӣ ба ҳубобчаҳои шуш даромада, зимни нафасбарорӣ аз ҳубобчаҳои шуш ба хун дохил шуда, сипас бо роҳи химиявӣ ба гемоглобин пайваст мегардад. Дар натиҷа хуни воридӣ ба хуни шарёни табдил меёбад.

Хуни тавассути венаҳои шуш аввал ба даҳлези чапи дил, баъд ба меъдача ва ниҳоят ба доираи калони гардиши хун меҳаракат менамояд.

Дар байни шиддати гази карбонати хун ва фишори парсиалии он дар ҳавои ҳубобчаҳои шуш фарқияти кифоя мавҷуд аст. Ин фарқият 6-7мм сутуни симоб мебошад, ки аз хун ба ҳавои ҳубобчаҳои шуш гузаштани гази карбонатро таъмин менамояд.

Оксиген аз мӯйрагҳои даври калони гардиши хун ба бофтаҳо медарояд. Дар хуни шарёнӣ нисбат ба ҳуҷайраҳои бадан оксиген зиёд аст.ки дар ҷараёни оксидшавии моддаҳои органики организм зарур аст. Гази карбонат аз ҳуҷайраҳо ба хун медарояд. Ҳамин тавр, дар бофтаҳои бадан хуни шарёнӣ ба хуни воридӣ мубадал мегардад.

Хуни воридӣ ба венаҳои даври хурди гардиши хун ба даҳлези рости дил дохил шуда, баъд ба меъдачаи рост ва аз он ҷо ба шуш меравад.

Ҳамин тариқ дар алоқамандӣ омӯзонидани фанни биология [3,5,6] ба физика ва дигар фанҳо дониши хонандагонро васеъ намуда, дар онҳо зиракӣ, ҳозирҷавобӣ ва шавқмандиро бедор менамояд.

Истифодабарии чистон, шеър, зарбулмасал ва панди ниёгон алоқамандии фанни биологияро бо адабиёт мепайвандад ва боиси бой гардидани фонди луғавии хонандагон мегардад.

Чистон, аз як тараф, барои инкишофи завқи адабию бадеии талабагон кӯмак расонад, аз тарафи дигар, тафаккур ва ҷаҳонбинии онҳоро инкишоф медиҳад.

Ҳоло дар поён истифодаи шеър, зарбулмасал ва чистонро дар таълими биология пешкаш мекунем, ки муаллимон метавонанд онро дар ҷараёни дарс истифода баранд.

Ташаккули маҳорат ва малакаҳои умумитаълимии хонандагон масъалаи хеле муҳими амалӣ намудани ғояи бозсозии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Доир ба шакли умумӣ овардани малакаҳо нақши омӯзгори биология бештар мебошад, агар он робитаи байнифанниро мақсаднок истифода намояд.

Маҳорати умумитаълимӣ, ин маҳорати кор бо китоби дарсӣ ва маълумотномаҳо, тартиб додани нақша, навиштани конспект ва тезиси баромад, истифодаи оқилонаи сарчашмаҳо мебошад. Ин маҳорат ва малакаҳо на танҳо мавриди таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ, балки оянда барои фаъолияти меҳнатӣ дар соҳаи хоҷагии кишоварзӣ, дар шартҳои номусоид истифода мешаванд. Мувофиқи ин нақша ба ҳар як омӯзгор, аз он ҷумла ба омӯзгори биология ҳам беҳтар мебошад, бояд соҳаи муайяни барномаи таълимии (фанҳои гуманитарӣ ва дигар фанҳоро) системаи инкишофи маҳорати умумитаълимӣ ва малакаи хонандагонро донад. Мухтасар онҳоро ба чунин гурӯҳҳо тақсим намудан мумкин аст[5]:

- дар синфҳои V ва VI мактаббачагон бояд, мазмуни параграфҳоро нақл намоянд, манзараи дар расм тасвиршударо ҳикоя намоянд, нақшаи соддаро тартиб диҳанд:

- дар сифи VIII онҳо бояд мустақилона дар бораи адабиёти илмӣ-оммавӣ, намоишҳои телевизионӣ (лаҳзаҳои кинодарс) маълумот омода намоянд, нақшаи мураккаб тартиб диҳанд; бояд ба ҷавобҳои рафиқонашон хаттӣ тақриз нависанд;

- дар синфи IX мустақилона нуқтаҳои асосии нақли омӯзгорро шарҳ диҳанд, конспект нависанд, тезисҳои баромадҳоро тартиб диҳанд ва монанди инҳо:

Барои тақвияти самт ҳоло хеле муҳим мебошад: кори хонандагон бо китоби дарсӣ ва маълумотномаҳо, инчунин баланд бардоштани сифати гузарондани корҳои лабораторӣ ва ҳалли масъалаҳои биологӣ, ташкил намудани худназоратӣ мавриди ичрои вазифаи хонагӣ. Мундариҷаи чунин корҳо хеле васеъ мебошанд. Ин пеш аз ҳама ичрои кор бо матн ва расмҳои мавод; истифодаи нақшаи тартибдода ё савол барои худназаротӣ ба сифати баёни чузъҳои мавод аст.

Ҳамаи ин малакаҳои номбаршуда, ба китоби дарсӣ на танҳо аз фанни биология, балки бо дигар фанҳо ҳам (химия, физика, география, таърих ва ғайра) истифода намудан мумкин аст, яъне малакаҳои умумии кор бо китоби дарсӣ на танҳо барои мустаҳкам намудан, балки барои азхуд кардани донишҳои нав низ лозим аст. Бо мақсади ташаккул додани малака ва маҳоратҳои умумитаълимӣ мавриди ҳалли масъалаҳои биологӣ муҳим аст, ки хонандагонро бо методҳои умумӣ таҳлили масъала, ҳал ва ороиши он шинос намоянд.

Ҳангоми ҳалли масъала хонанда метавонад худназоратӣ намояд; таввасути баҳо ба ҷавоби ҳақиқии

масъала: тафтиши навишти дурусти формулаҳо, истифодаи дурусти дигаргунсозиҳо, ҳисоб, муқоисаи зинаҳои ҳалли масъалаҳо бо масъалаҳои монанд (намунаи ҳалли масъалаҳо аз китоб, омӯзгор пешниҳоднамуда); муқоисаи мундарича ва пайдарпайии иҷрои ҳалли масъала бо амалҳои алгоритм (бо мақсади ҳал тартиб додашуда).

Маҳорат ва малакаҳои мушоҳидакунӣ ба қатори чунин маҳоратҳо дохил мешавад, ки хонандагон мавриди омӯзиши ҳамаи фанҳои сикли табиӣ –риёзӣ истифода мебаранд.

Малакаҳои ченкунии умумитаълимӣ, ҳангоми истифодаи асбобҳо дар лабораторияҳои биология, физика, химия, (истифодаи тарозуҳои таълимӣ, усулҳои баркашкунӣ, муайян кардани саҳеҳият ва қимати як тақсимоти асбобҳо ва ғайра) шакл мегиранд. Бинобар ин, нақши омӯзгори биология баҳри дар хонандагон ҳосил кардани чунин малакаҳо хеле муҳим мебошад.

Адабиёт:

1. Баротов К.А., Шарипов М. Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар таълими биология. – Д.: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2011.
2. Баротов К.А., Шарипов М. Корҳои беруназсинфӣ аз биология. – Д.: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2003.
3. Давыдов В.В. Проблема развивающего обучения. Опыт теоретического и экспериментального исследования. – М.: Педагогика, 1986. – 146 с.
4. Добляев Л.П. Психологические основы работа с учебником. – М.: Педагогика, 1970. – 156 с.
5. Зубайдов У., Абдуллозода Ҳ., Баротов К., Шарипов М., Саторов Т. Методикаи таълими БИОЛОГИЯ. – ДУШАНБЕ: Нашриёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2018. – 291 с.
6. Каримов З.К., Умаров У.С. Корҳои лабораторӣ яке аз воситаҳои ташаккул додани маҳорат ва малакаҳои умумитаълимии хонандагон дар таълими физика. Маҷаллаи «Муҳаққиқ», №3 (3), 2016. - с. 112-118.
7. Султонов С., Давлатзода С., Баротов К., Ғайратов М., Маҳмадзиёев А., Савлатов С. ва ғайра. Барномаи таълимии фанни биология дар синфҳои V-XI., «Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон», 2018. – 112 с.

Калидвожаҳо: *таълим, тарбия, барнома, стандарт, маҳорат, малака, семинар, адабиёт, семинарҳои даврӣ.*

Аннотация

РОЛЬ МЕЖПРЕДМЕТНОЙ СВЯЗИ В РАЗВИТИИ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УМЕНИЙ И НАВЫКОВ УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ БИОЛОГИИ

В настоящей статье аналиризуется значеные деятельности и роль межпредметной связи в развитии умений и навыков учащихся в процессе обучение биологии.

Ключевые слова: *образование, обучение, программа, стандарт, мастерство, навыки, семинары, литература, периодические семинары*

Aannotation

THE ROLE OF INTERMEDIATE IN THE DEVELOPMENT OF THE SKILLS AND SKILLS OF STUDENTS IN THE PROCESS OF TEACHING BIOLOGY

This article analyzes the meaningful activities, the role of interdisciplits in the development of skills of students in the process of learning biology.

Keywords: *education, training, program, standard, skill, skills, seminars, literature, periodic seminars*

Маълумот дар бораи муаллиф: Бедалов Ҷурабек, магистранти соли дуюми факултети биологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Шарипов М.М.

Сведения об авторе: Бедалов Журабек, магистрант второго курса факультета биологии ТГПУ имени С.Айни

About the author: Bedalov Jurabek, second year master student, of the Faculty of Biology, TSPU named after sadriddin Aini.

Сайфҳусейнов Шариф,
магистранти соли дуюми факултети технология ва иқтисодиёт

ТАРБИЯИ ХОНАНДАГОН ДАР ГУРӮҲҲОИ ТАЪЛИМӢ-ИСТЕҲСОЛӢ

Меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ва истеҳсолӣ яке аз ҷиҳатҳои муҳими тайёрии меҳнатии хонандагон ба шумор мераванд. Чунин шакли меҳнат пайваста аз тарафи хонандагон дар шароити ҳамкорӣ бо коллективҳои истеҳсолкунанда иҷро карда мешавад, ки он шароити мусоид, барои инкишофӣ сифатҳои шахсии зерини ахлоқӣ аз қабили фаъолиятнокии иҷтимоӣ, коллективизм, меҳнатдӯстӣ, имтизомнокӣ ва ғайраро, фароҳам менамояд.

Кори фоиданоки ҷамъиятӣ ва меҳнати истеҳсолӣ дар шаклҳои гуногун ташкил карда мешаванд, лекин онҳо доимо бояд ба донишу малакаи хонандагон, ки дар раванди омӯзиши фанҳои маълумоти умумӣ ва технология (меҳнат) ба даст омодаанд такя намоянд.

Меҳнати истеҳсолии хонандагон на фақат ба фаъолияти фаҳмишӣ ва иҷрокунандагӣ, балки ба фаъолияти эҷодии онҳо низ вобастагӣ дошта ба эҳсосотҳои хонандагон таъсири мусбат мерасонад. Кушодани зебогии меҳнат дар қишлоқ ва муносибат эҳтиромона ба замин хеле муҳим аст, ин на фақат муҳаббати оддие ба кишвари азиз аст, ки бо мувафақона ҳангоми раванди фаъолияти кишваршиносӣ, сайёҳӣ ва дигар шаклҳои гуногуни корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ тарбия меёбанд. Муносибат ба замин на фақат корӣ зеҳнӣ, балки кори қалбро низ талаб менамояд. Гурӯҳҳои истеҳсолии хонандагон, гурӯҳҳои корӣ, лагерҳои меҳнатӣ ва истироҳатӣ, ва дигар ташкилотҳои меҳнатҳои меҳнатии хонандагон имкониятӣ зиёде барои ҳалли масъалаҳои тарбиявии ғоявӣ – сиёсӣ, меҳнатӣ ва ахлоқӣ фароҳам меорад.

Дар ҷамъиятҳои меҳнатӣ хонандагон ба тараҳи табиӣ ба ҳаёти меҳнатӣ ворид шуда, дар таҷрибаи иҷтимои ҳақиқӣ арзишҳои муносибатҳои ҷамиятиро меомӯзанд. Дар онҳо хислаташон ташаккул ёфта, хусусиятҳои ба мақсадресӣ, коллективизм ва масъулиятнокӣ тарбия меёбанд. Ба онҳо мафҳуми «Шарафи коргарӣ» фаҳмо мешавад. Дар амал духтарон ва писарон ба арзиши нон мерасанд, зарурати муҳофизати табиат ва муносибат соҳибмулконро ба он чуқур дарк менамоянд.

Дар умум ба хоҷагии халқ гурӯҳҳои бешумори меҳнатии хонандагон, ки дар байни онҳо нақши асосиро гурӯҳҳои истеҳсолии хонандагон мебозанд бо меҳнати софдилонаи худ, саҳми бузург мегузоранд. Меҳнатӣ хонанда дар гурӯҳҳои истеҳсолии хонандагон ва дигар ҷамъиятҳои меҳнатӣ давомдиҳии мантиқан дурусти фаъолияти таълимии онро дар дарсҳои меҳнати техникӣ, хизматрасонӣ ва аграрӣ ба шумор меравад. Ин талабот иштироки хонандагонро ҳангоми дарк намудани ободкунонии шаҳр (шаҳрча), қишлоқ (деҳот), тайёр намудан барои муассисаҳои томактабӣ бозича ва ҷиҳозҳо, тайёр ва таъмир намудани таҷҳизотҳои мактабӣ тайёр намудани фармоишҳои корхонаҳо мувофиқи қобилит, қонеъ мегардонад.

Фаъолияти гуногунсамтаи гурӯҳҳои истеҳсолии хонандагон мувофиқи нақшаи таълимӣ - истеҳсолӣ амалӣ мегардад, ки он меҳнати истеҳсолӣ, корҳо оиди раҳнамои касбӣ, гузаронидани таҷрибаҳои гуногуни саёҳатӣ, ташкили истироҳатҳои фарҳангӣ ва чорабиниҳои саломатигардониро дар бар мегирад.

Ба гурӯҳи истеҳсолии хонандагон шӯрои гурӯҳ роҳбарӣ менамояд ва он ташкилоти асосии иҷроияе ба шумор меравад ва дар маҷлиси умумии аъзоёни гурӯҳ, яъне ташкилоти олии худидоракунӣ интихоб мегардад.

Фаъолияти хонандагон дар гурӯҳҳои истесолии хонандагон, албатта на фақат бо як истеҳсоли маҳсулот равона шудаасту фақат бо кӯшишҳои меҳнатӣ ба итмом мерасад, балки ба меҳнати истеҳсолӣ ворид шудан фаҳмиши хонандагонро доир ба арзишҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ васеъ мегардонад, ки ба онҳо хоҷагиҳои деҳқонии муосир дохил мешаванд. Дар онҷо якҷоя намудани меҳнати ҷисмонию зеҳнӣ дар шароити комплексҳои инкишофёфтаи хоҷагии қишлоқ дида мешавад. Хонандагон тадриҷан ба инкишофи системаҳои муносибатҳои истеҳсолӣ ворид мешаванд. Ҳамаи ин ба коллективи педагогии мактаб имконият медиҳад, ки дар маҷмӯъ муносибаташро ба тарбия, эҷодкорона амалӣ гардонад. Шинос намудадани хонандагон бо нақшаи рушди иқтисодии хоҷаги деҳқонӣ, ворид намудани онҳо дар корҳои тарбиявӣ, меҳнати якҷоя бо калонсолон ҳангомии кишту кор, ҷамъоварии ҳосил, дар онҳо муносибати ҳиссагузор будан ба тарзи ҳаёти деҳқонро пайдо намуда, бо тарзи муайян ба арзишҳои роҳнамоии наврасон ва ҷавонон, ҳангоми худмуайянкунии касбӣ, таъсир мерасонад. Дар гурӯҳҳо истеҳсолии хонандагон корҳои зиёд ва гуногунсамти тарбиявӣ гузаронида мешаванд.Омили асосии тарбия дар инҷо меҳнати истеҳсолии мақсадноки омӯзгорӣ ба шумор меравад. Дар аъзоёни гурӯҳ ҳангоми раванди корҳои дастаҷамъона ва муносибат бо коллективи меҳнатии

хоҷагиҳо ҳамкории рафиқона рушд ёфта, масъулият барои иҷрои супориш ташаккул меёбад, фаъолокӣ, маҳорати фоидаи ҷамъиятро аз манфияти шахсӣ баланд донистан инкишоф меёбад. Корҳои тарбиявӣ дар гурӯҳҳои истеҳсолии хонандагон, қисмати асосии системаи умумии тарбияи хонандагон ба шумор меравад.Ӯ дар шаклҳои гуногун амалӣ мегардад.

Дар гурӯҳҳои хонадагон ҳангоми иштироки фаъоли ҷавонон сӯҳбатҳо лексияҳо, баромадҳо дар мавзӯъҳои ҷамъиятию сиёсӣ гузаронида мешавад, ки мундаричаи онҳо бо ҳаёт зич пайвастанд, янеъ бо корҳои аниқи меҳнаткашии ноҳия, хоҷагиҳои деҳқонӣ, гурӯҳҳои хонандагон хонандагон. Аҳамияти калони тарбиявӣ гузаронидани сӯҳбатҳои сиёсӣ, ташкили тамошо намудани хабарҳои охирин ва муҳокимаи онҳо дар гурӯхро, доранд.

Дар гурӯҳҳои хонандагон корҳои лексияхонони ҷавон, маҳфилҳои сиёсии синфҳои болой ва дигар шаклҳои таълимии ҷавонон мавҷуд аст. Аъзоёни гурӯҳ ҳангоми тайёрии муайян доштан бо лексияҳо, сӯҳбатҳо, баромадҳо дар мавзӯъҳои гуногуни мубрам дар гурӯҳҳои истеҳсолӣ, баромад мекунанд. Барои гузаронидани чунин корҳо хеле муҳим аст, то ки саривақт ба саҳро маҷаллаю нашрияҳо дастрас гарданд.

Аъзоёни гурӯҳҳои хонандагон ҳангоми тобистон ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ташколотҳои ҷавонони онҳо ҷадб мегарданд.

Дар шароити гурӯҳҳои истеҳсолии хонандагон гузаронидани шабнишинҳои ҷавонон, ки ба ҳодисаҳои ҷамъиятию сиёсӣ алоқаманданд, вохӯрӣ бо собиқадорон ва ҷашнвораҳои гуногун, анъана гардидаанд.

Хусусиятҳои фарқкунандаи чунин маҷлисҳои ҷавонон дар он аст, ки дар чунин маҷлисҳо ҷавонони истеҳсолкунанда хатмкунандагони мактабҳои деҳа раисони хоҷагиҳои деҳқонӣ мутахассисонӣ пешбар, собиқадорони меҳнат, иштирок менамоянд. Онҳо доир ба вазифаҳо ва нақшаҳои рушди ояндаи хоҷагиҳои деҳқонӣ саҳми хатмкунандагоне, ки дар деҳот мондаанд ва хусусияти касбҳои хоҷагии қишлоқ метавонанд нақл кунанд.

Дар гурӯҳҳои истеҳсолии хонандагон диққати махсус ба саршавии мавсими кишту кор дода мешавад. Дар бригада хонандагон ба намудҳои гуногуни фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ ҷалб мегарданд. Ба онҳо ташкили худхизмарасони дар гурӯҳҳо (нигоҳкуни ҷӯякҳо дар саҳро, тайёр намудани хӯрок, таъмири ҷории таҷҳизотҳои одди хоҷагии қишлоқ ва варзишӣ), ҷамъоварии тухмиҳо дар боғҳо, ҷамъоварии растаниҳои шифобахш, иштирок дар ҳафтаҳои боғ ва ҷангал, дохил мешаванд. Хонандагон дар ободонии маҳалҳо, сохтани гулгаштҳо, муҳофизати муҳити зист сохтмони майдончаҳои варзишӣ ва бозии кӯдакон ва навиштану нашр намудани маҷалаи деворӣ, иштирок меварзанд. Маркази ташкили тамоми чорабиниҳо маданӣ – варзишӣ дар гурӯҳҳои маркази фарҳангӣ ба шумор меравад. Онро аслам дар ҷои зеботарини деҳа ҷой медиҳанд. Дар майдон маркази фарҳангӣ хаймаҳо ва хоначаҳои махсус ҷойгир менамоянд, ки дар онҳо китобхона маводҳои бизингарию варзиширо ҷой менамоянд. Дар наздики майдончаи варзиши сохта онро бо шабакаи барқ ва интернет таъмин менамоянд. Яке аз методҳои муҳими тарбияви хонандагон дар гурӯҳ ин мусобиқа ба шумор меравад. Маҳаки онро на фақат мақсадҳои хоҷагию иқтисодӣ (ба даст овардани ҳосили хуби маҳсулотҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ ва баланд бардоштани маҳсулнокии ҳайвонҳои гуногун) ташкил медиҳанд, балки мақсади асосии тарбиявӣ дар хонандагон тарбия намудани маданияти баланди меҳнат, дар онҳо ташаккул додани сифатҳои олии ахлоқӣ аз қабили коллективизм, интизомнокӣ, фаъолнокӣ, ташаббуси эҷодӣ, меҳнатдӯсти ва масъулиятнокӣ ба ҳисоб мераванд. Таҷрибаи калон ва шавқовар ҳангоми ташкили мусобиқаҳо дар гурӯҳҳои истеҳсолии хонандагон дар мактабҳои гуногуни дунё ҷамъ оварда шудааст.

Вазифаҳои истеҳсолиро барои гурӯҳҳои хонандагон роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ муайян менамоянд.

Хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳангоми муайян намудани вазифаҳои гурӯҳҳои истеҳсолии муассисаҳои таълимӣ, воситаҳои асосии истеҳсолот, ки ба гурӯҳ вобаст шудааст, маҳдудияти хароҷоти моддӣ, бо дохил намудани тухмиҳо, пору, маводҳои сухту молиданӣ, хароҷоти умуми гурӯҳвӣ; иҷрокунии корҳои механиконидашуда бо нишондоди меъёри коркардшуда (мувофиқи харитаҳои технологӣ, бо тасдиқи агрономи хоҷагии деҳқонӣ); барномаи истеҳсоли оид ба растанипарварӣ бо нишондоди масоҳат, ҳосилнокии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, арзиши ҳақиқи мол маҳдудияти хароҷоти мавсими кор. Сатҳи кори ҳар як гурӯҳи хонандагон на фақат бо гектар, сентнер ва фоизҳо иҷронамудани супоришҳо муайян карда мешаванд, балки бо арзиши маҳсулот, рӯпушнамои маблағҳои иловагӣ сарфшуда барои кору, хароҷот барои таъмири техника ва ғайра муайян мешавад. Ҳангоми натиҷагирии мусобиқаи гурӯҳҳои истеҳсолии хонандагон диқати махсус ба масъалаҳи маълумот ва тарбияи иқтисодии хонандагон дода шуд. Самараи калон тарбиявиро корҳои таҷрибавии хонандагони аъзои гурӯҳҳои истеҳсолии хонандагон медиҳад.

Адабиёт:

1. Андианов П.Н. Развитие технического творчества в трудовом объединении учащихся. Педагогика, 1981 №46.
2. Атутов П.Р. Современые проблемы политехнического образования учащихся. Педагогика, 1981 №3.
3. Атутов П.Р. Политехнический принцип в обучении школьников. – М., 1976.
4. Васильев А.А. О трудовом становлении молодежи. Педагогика 1998, №1.
5. Горесловский С.И. Педагогическое руководство ученической бригадой сельской школы (под.ред. К.И. Ивановича. – М., 1990).
6. Ельников Д.П., Хониш М.Б. Воспитание школьников в процессе трудового обучения (из опыта работы. – М., 2009).
7. Кондратеньков А.Е. Сельская общеобразовательная школа на современном этапе. Вопросы трудового воспитания учащихся. – М., 2009.
8. Мудрик А.В. О воспитании старшеклассников. – М., 2011.
9. Педагогические основы деятельности ученических производственных бригад (Под. ред., К.А.Ивановича. – М., 1999 г).
10. Поляков В.А., Ставровский А.Е. Общая методика трудового обучения в старших классах. – М.: Изд., 2000 г.

Калидвожаҳо: *меҳнати истеҳсолӣ, гоявӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, ҷисмонӣ, таълим, эҷодиёт, гурӯҳҳои меҳнатӣ*

Аннотация

ВОСПИТАНИЕ ШКОЛЬНИКОВ В УЧЕБНО-ПРОИЗВОДСТВЕННОЙ БРИГАДЕ

Производительный труд школьников связан не только с познавательной и исполнительной, но и с творческой деятельностью, он положительно влияет на эмоции учащихся. Особенно важно расскрывать красоту сельскохозяйственного труда отношение к земле – это не просто любовь к родному краю, которая может успешно воспитываться у учащихся в процессе краеведческой, туристической работы и в других многообразных формах внеклассной и внешкольной работы. Отношение к земле требует работы не только ума, но и сердца. Ученическая производственная бригада, трудовые отряды, лагеря труда и отдыха, школьных лесничества, ремонтные бригады, отряды по благоустройству – эти и другие трудовые объединения школьников предоставляют большие возможности для комплексного решения задач идейно-политического, трудового и нравственного воспитания.

Ключевые слова: *производительный труд, идейный, политический, нравственный, трудовой, физический, земля, творческий, трудовые отряды, элемент*

Annotation

SCHOOLCHILDRENS' UPBRINGING IN THE TRAINING AND PRODUCTION TEAM

The productive work of schoolchildren is connected not only with cognitive and executive but also with creative activity, it has a positive effect on the emotions of students. It is especially important to disclose the beauty of agricultural labor to the land - it is not just a love for the native land, which can be successfully brought up by students in the process of local history, tourism work and other diverse forms of out-of-class and out-of-school work. Attitude towards the earth requires work not only of the mind, but also of the heart. Pupil production team, labor units, labor and recreation camps, school forestry, maintenance crews, landscaping units - these and other labor associations of schoolchildren provide more opportunities for the integrated solution of the problems of ideological, political, labor and moral education.

Keywords: *productive labor, ideological, political, moral, labor, physical, land, creative, labor teams, element*

Маълумот дар бораи муаллиф: Сайфҳусейнов Шариф, магистранти соли дуюми факултети технология ва иқтисодиёти соҳаи маорифи ДДОТ ба номи С.Айнӣ

Роҳбари илмӣ: Муминов Ф.

Сведения об авторе: Сайфхусейнов Шариф, магистрант второго курса факултета технологии и экономики образования ТГПУ имени С.Айни

Научный руководитель: Муминов Ф.

About the author: Saifhuseinov Sharif, the second year master student the faculty of Technology and Economics, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Маҳлоили Ҷамахони Ализода,
магистранти соли якуми факултети биология

ТАҲЛИЛИ МАФҲУМИ «УСУЛИ ТАЪЛИМ»

Муҳиммияти мавзӯи тадқиқ - Таҷриба дар раванди таълим ҷои бисёр асосиро ишғол намуда он маводҳое, ки ба таври назариявӣ дар вақти дарс аз худ карда мешаванд ба воистаи таҷриба амали мегардонанд. Дигар муҳимияти сифати таҷрибаи китобҳои дарсии ин боб аз он аст, ки дар он хонандагон бори аввал бо пешниҳодҳои таҷрибаҳои биологӣ, ба якқатор мафҳумҳои махсус ва умумимаърифатӣ сарфаҳм мераванд.

Таълим **-** фаъолияти якҷояи муаллим ва талабаро дар назар дошта, дар рафти он ба воситаи машқ дар талабагон фаҳмиши муайян, таҷрибаи тарзи амал кардан ва фаъолияти нав пайдо шуда, донишҳои пештара тағйир меёбад.

Таҷриба бошад (аз калимаи юнонӣ гирифта шуда metodos – маъноиш роҳ ба сӯи ягон-чӣ) мебошад.

Метод – ин унсури ҳаракатдиҳандаи раванди таълиму тарбия буда, таҳқиқ, усули таҳқиқи ҳодисот, муносибат бо зуҳуроти омӯхташаванда мебошад. Методро маъмулан бо калимаҳои тарз, усули таҳқиқ, восита низ ифода мекунанд.

Методҳои таълимӣ гуфта робитаи фаъолияти омӯзгору шогирдро меноманд, ки он ҳалли вазифаҳои таҳсилот, тарбия ва инкишофро дар раванди таълим таъмин мекунад. Методҳои таълим яке аз компонентҳои асосии раванди таълим мебошад. Бе ҳамкории методҳои фаъолият муайян кардани мақсад ва мазмуни таълим (дарс), расидан ба азхудкунии хонанда мундаричаи муайяни маводҳои таълимиро ғайри имкон мебошад [10].

Барои ба мақсад ноил шудан 3- гурӯҳи калони методи таълимро ҷудо кардан мумкин:

1. Методи ташкил ва иҷрокунии фаъолияти дарк намудани таълим.
2. Методи ҳавасмандкунӣ ва далелнок кардани дарки фаъолияти таълим.
3. Методи санҷиш ва худсанҷишкунӣ барои таъсирбахшӣ идроки фаъолияти таълим [12].

Дар ҳар кадоме аз ин 3- гурӯҳи методҳо инъикос ёфтани ҳамкории омӯзгор ва хонандагон дида мешавад. Нуфузи ташкилотчигии омӯзгор дар ин ҷо бо иҷрошавӣ ва худтаъсисёбии фаъолияти хонандагон мувофиқ омадааст. Нуфузи ҳавасмандкуниро омӯзгор бо инкишофи дохили таълимӣ дар хонандагон меомӯзад. Назорат кардани кори омӯзгор бо худназораткунии хонанда вобаста мебошад.

Ҳар яке аз ин гурӯҳҳои асосӣ дар навбати худ лозим ҳаст, ки ба зергурӯҳҳо ва барои ворид шудан дар алоҳидагӣ методҳо тақсим шаванд.

Чиқадаре ки ташкил ва худи рафти иҷрошавӣ фаъолияти байёнкунии донишро лозим аст, дарк кардан, андешамандона, ба хотир гирифтани хабарҳои таълимӣ ва ба кор бурдани таҷрибаи аз ин донишу маҳорати ба даст омада, он гоҳ дар омӯзиши методи гурӯҳи якум лозим аст методи нақли шифоҳӣ ва шунавоӣ қабули маълумотҳоро дохил кард (методи шифоҳӣ: ҳикоя, сӯҳбат); методӣ айёнии таълим ва дарки биниши маълумотҳои таълимӣ (методи айёнӣ: тасвирӣ, намоишдиҳӣ); методи байёни маълумотҳои таълимӣ ба тавассути таҷриба, фаъолияти меҳнатӣ ва баодобӣ, дарки кинетикии ӯ (методҳои амалӣ: машқҳо, санҷишҳои лабараторӣ, амалҳои меҳнатӣ ва ғайраҳо) [13].

Ҷудо кардани методҳои шифоҳӣ, айёнӣ ва амалиро асоснок ҳисобидан лозим нест, танҳо дар нақшаи зоҳирӣ аз нуқтаи назари сарчашмаҳои маълумотӣ. Ин асоси муайян ва дар нақшаи дохилӣ ба воситаи шакли баҳодиҳии фикрроориро дорад. Дарк намудани ҷараёни таълим, албатта дар назардошти таъсиси бошууронаи таълим ва аз худ намудани мантиқи ӯст.

Бинобар ин ба зергурӯҳ ҷудо кардани сохти методҳо лозим аст: равиши индуктивӣ ва дедуктивӣ, инчунин тазаккур ва шакли фаъолияти масъалаи ҷустуҷӯи хонанда. Азхудкунӣ, андешакунӣ ва қабул намудани дониш мумкин ба таҳти бевоситаи роҳбарии омӯзгор мегузарад [12].

Аз ин ҷо ба қадри имкон ҷудо намудани методи корҳои мустақилона, ном ба намуди дигари методҳои таълимӣ таҳти роҳбарии омӯзгор гузарониида мешавад. Ҳар як зергурӯҳҳои минбаъда дар ҳама методҳои гузаронидашуда гузаронида мешавад ва бинобар ин ҳоло дар бораи қабули методҳо ҳатман гуфтан лозим аст. Дар якҷоя муайян намудан бо бартарӣ доштани яке аз инҳо дар намудҳои вазъияти додашуда. Ҳамин тариқ , ба қадри имкон муоина намудани методҳои гурӯҳӣ, дар гурӯҳи якум дохил гардида ташкили таъмин намудан ва иҷро кардани фаъолияти ҳавасмандкунии таълим дар рафти дарс ба мо лозим аст, ба тариқи нақшаи 1 бо чунин тарз пешкаш намоем.



Расми 1. Методҳои ташкилкунӣ ва иҷрокунии фаъолияти ҳасамандкунии таълим

Методҳои ҳавасманд кардан ва мақсади дарк намудани фаъолияти таълим, мақсад баромадан аз ду гурӯҳи калони мавҷудбуда, мумкин аст тақсим кардан ба методҳои ҳавасмандкунӣ ва завқи мақсад ба хониш ва методҳои ҳавасмандкунӣ ва мақсади дуру дароз ва муҳим будани омӯзиш:

- Методҳои ҳавасмандкунӣ ва завқи мақсад ба омӯзиш;
- Методҳои ҳавасмандкунӣ ва дурудароз муҳим будани таълим.

Методҳои санҷишӣ ва худсанҷишӣ дар раванди таълим мумкин аст ба зергурӯҳҳои тартиб додашуда ҷудо шаванд, дар натиҷа аз сарчашмаҳои асосӣ, ба даст овардани алоқаи баръакс ҳангоми раванди таълими даҳонӣ, хаттӣ, лабараторӣ – таҷрибавӣ:

- Методҳои даҳонии санҷиш ва худсанҷишӣ;
- Методҳои хаттии санҷишӣ ва худсанҷишӣ;
- Методҳои санчишӣ ва худсанҷишии лабораторӣ- тачрибавӣ.

Барои он ки фаъолияти хониши хонандаро фаъол кардан, ҳамаи методҳои ташкилӣ ва иҷрокунии фаъолияти таълим- методҳои даҳонӣ, аёнӣ ва таҷрибавӣ, методҳои репродуктивӣ, методҳои индуктивӣ ва дедуктивӣ ва инчунин методӣ корҳои мустақилона истифода бурда мешавад.Ҳар яке аз методҳои ташкили дарк кардани фаъолияти таълим дорои на танҳо маълумоти таълимӣ, балки мақсади амал кардан мебошад [9].

Ба ин маъно дар бораи сабаби аз ӯҳдабарои ҳавасмандкунӣ дилхоҳ методи таълим бояд гуфт. Бо вуҷуди ин таҷрибаи кори омӯзгор ва захираи калони якчанд методҳои илмӣ, баъзеҳо махсус роҳ ба сӯи ташкил кардани мақсадҳои мусбӣ омӯзиш, фаъол кардани ҳавасмандкунии идроки онон, дар баробари ин ёрӣ расондан ба ғанӣ гардонидани маълумотҳои таълимист. Вазифаи ҳавасмандгардонӣ дар ин ҳолат чӣ хеле ки баромадан ба нақшаи якум, ёрӣ расонидан ба иҷрокунии вазифаи таълимӣ ҳамаи дигар методҳост.

Завқи муҳимтарин манбаъҳо, худи фаъолияти таълим, пеш аз ҳама мавзӯи ӯ мебошад. Барои он ки мавзӯъ ниҳоят таъсири амиқи ҳавасмандкунӣ дошта бошад, ӯ бояд пурра ба як қатор талаботҳо,ташкил намудан дар асоси таълим (илмӣ, алоқа бо ҳаёт, мунтазам ва пайдарпай ва ғайраҳо). Воқеан, баъзе қабулҳои махсус ҳаст. Бо онҳо дар мадии аввал лозим аст мансуб будани вазъи ба вуҷуд овардани навигарӣ, фаъолгардонӣ, наздик шудани мазмуни ба худ муҳим илм, техника, дар роҳи маданият, санъат, адабиёт комёб гардидан [14].

Бо ин мақсад омӯзгорон усулҳои гуногунро интихоб менамоянд: амалӣ, тасвирӣ, расм, барои он шавқу ҳаваси махсусро талаб мекунанд. Дар ин ҳолат хонандагон бисёр равшан ва амиқ маънии муҳими омӯхтани саволҳоро мефаҳманд ва ин бо шавқу завқи зиёди ӯ вобастагӣ дорад [10].

Аммо номумкин аст фаъолият бомуваффақият гузарад, агар ба ин усулҳои ҳавасмандкунӣ, санҷишӣ, худсанҷишӣ ва худбаҳодиҳӣ истифода бурда нашаванд.

Хусусиятҳои методҳои омӯзиш пеш аз ҳама ташаккули фаъолияти дониш, маҳорат ва малакаю маърифати хонандаро дар бар мегирад.

Адабиёт:

1. Беспалько В.П. Слагаемые педагогической технологии. – М., 1989. – 327 с.
2. Бинас А.В. Биологический эксперимент в школе: Кн. для учителя. – М.: Просвещение, 1990. – 192 с.
3. Васильева Е.М., Горбунова Т.В. и др. Эксперимент по физиологии растений в средней школе. – М.: Просвещение, 1978. –135 с.
4. Викторов Д.П. Малый практикум по физиологии растений. – М.: Высшая школа, 1984. – 67 с.

5. Верзилинн Н.М. и Корсунская В.М. Общая методика преподавания биологии. – М.: Просвещение,1972. – 288 с.
6. Кабанова, Меллер Е.Н. Формирование приемов умственной деятельности и умственное развитие учащихся. – М., 1968. – 288 с.
7. Колеченко А.К. Энциклопедия педагогических технологий. – СПб.: Каро, 2004. – 367 с.
8. Комиссаров Б.Д. Методические проблемы школьного биологического образование. – М.: Просвещение, 1991. – 160 с.
9. Крейг Г. Психология развития. – СПб.: Издательство «Питер», 2000. – 292 с.
10. Левитес Д.Г. Практика обучения: современные образовательные технологии. – М., 1998. – 288 с.
11. Мягкова А.Н., Орлов В.А. Дифференциация обучения биологии в школе. – М., 1990. - №1.
12. Никишов А.И., Мокеева З.А Внеклассная работа по биологии. – М.: Просвещение, 1980. –75 с.
13. Особенности самооценки старших школьников при овладении способами учебной работы. Резниченко М.А. // Вопросы психологии. 1986. - №3.
14. Рабунский Е.С. Исследовательский подход в процессе обучения школьников. – М.: Педагогика, 1975. – 184 с.
15. Тетюрев В.А. Методика эксперимента по физиологии растений. – М.: Просвещение, 1980. – 102 с.

Калидвожаҳо: *таълим, таҷриба, метод, санҷиш, омӯзгор, маданият ва гайра.*

Аннотация

АНАЛИЗ ПОНЯТИЯ «МЕТОД ОБУЧЕНИЯ»

В статье указывается, что методом обучения называют способ упорядоченной взаимосвязанной деятельности преподавателя и обучаемых, деятельности, направленной на решение задач образования, воспитания и развития в процессе обучения. Методы обучения являются одним из важнейших компонентов учебного процесса. Без сопутствующих методов деятельности невозможно реализовать цели и задачи обучения, достичь усвоения учащимися определенного содержания учебного материала.

Ключевые слова: *обучение, опыт, метод, тест, учитель, культура и др.*

Annotation

ANALYSIS OF THE CONCEPT OF "LEARNING METHOD"

The article indicates that the teaching method is the method of orderly interconnected activities of the teacher and students, activities aimed at solving the problems of education, upbringing and development in the learning process. Teaching methods are one of the most important components of the educational process. Without accompanying methods of activity, it is impossible to realize the goals and objectives of teaching, to achieve the assimilation of a certain content of the educational material by students.

Key words: *teaching, experience, method, test, teacher, culture, etc.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Маҳлоили Ҷамахони Ализода, магистранти соли якуми факултети биологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ бо ихтисоси биология 1–020401. Тел: 900104408

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои педагогика, дотсент Шарипов М.М.

Сведения об автора: Махлоил Джамахон Ализода, магистрант первого курса биологического факультета Таджикского государственного университета им. Садриддина Айни по специальности биология 1-020401. Телефон: 900104408

Научный руководитель: кандидат педагогических наук, доцент Шарипов М.М.

About the author: Mahloil Jamakhon Alizoda, first year master student of the faculty of Biology, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Scientific adviser: Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor Sharipov M.M.